ЗАБОНИ
АДАБИИ
ХОЗИРАИ
ТОЧИК

ЛЕКСИКОЛОГИЯ.
ФОНЕТИКА.
МОРФОЛОГИЯ

1

ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

ҚИСМИ 1

Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ

Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон тасдиқ кардааст

Муҳаррири махсус
Ш. Рустамов

Нашриёти «Маориф»

ЛЕКСИКОЛОГИЯ
ФОНЕТИКА
МОРФОЛОГИЯ

Душанбе 1982

4 тоҷик (075)
313

Нашри дуюми қисми якуми китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» бо такмилу таҳрир чоп карда мешавад.

Қисми «Муқаддима» ва боби «Пайвандакҳо» ба қалами Бобочон Ниёзмуҳаммадов мансуб мебошад. Боби «Семасиология»-ро Степан Чаводович Арзуманов, «Таркиби луғавии забон»-ро Ҳафиз Рауфов, «Лексикография»-ро Владимир Александрович Капранов, қисми «Фонетика» ва боби «Шумора»-ро Ҳилол Каримов, боби «Исм»-ро Шарофиддин Рустамов, «Сифат»-ро Назаршо Бозидов, «Ҷонишин»-ро С. Ҷ. Арзуманов ва Саид Ҳалимов, «Феъл»-ро Носирҷон Маъсумӣ, «Масдар», «Сифати феълӣ» ва «Феъли ҳол»-ро Додочон Тоҷиев, «Зарф»-ро Бобочон Ниёзмуҳаммадов ва Шарофиддин Рустамов, «Пешоянд ва пасояндҳо»-ро Роза Львовна Неменова, «Ҳиссачаҳо»-ро Қурбонҷон Саидова, «Нидо» ва «Калимаҳои тақлидӣ»-ро Абдусаттор Мирзоев навиштаанд.

Н 60602—982 / М 504(13)—82 53—82

МУҚАДДИМА

Забон муҳимтарин воситаи алоқаи инсон аст. Одамон ба воситаи забон ба якдигар фикр баён мекунанд ва фикри якдигарро мефаҳманд. Ҳамаи калимаҳои забон якҷоя таркиби луғавиро ташкил медиҳанд.

Дар таркиби луғавии забон чизи аз ҳама асосӣ фонди асосии луғавӣ мебошад. Фонди асосии луғавӣ ба забон барои сохтани калимаҳои нав замина медиҳад.

Омӯхтани фонди асосии луғавӣ ва таърихи тараққиёти захираҳои луғавии забон, инчунин омӯхтани ҳолати имрӯзаи таркиби луғавии он вазифаи лексикология мебошад.

Таркиби луғавӣ забонро ташкил намедиҳад, вай барои сохти забон ҳамчун материали бинокорӣ мебошад.

Грамматика сохти калима, ибора ва ҷумларо меомӯзад.

Мафҳумҳои умумии грамматикӣ, ки характер ва типи сохти забонро муайян менамоянд, категорияҳои грамматикӣ номида мешаванд.

Категорияҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик ҳатиҷаи тараққиёти дуру дарози таърихии забон, беҳтар шудан ва такмил ёфтани сохти грамматикии он мебошанд.

Воҳидҳои асосии забон. Нутқи мо аз воҳидҳои алоҳидаи забон иборат буда, пеш аз ҳама ба ҷумлаҳо ҷудо мешавад, ки ҳар кадоми онҳо фикрҳои алоҳидаи томро ифода мекунанд. Ҷумлаҳо аз ҳамдигар ба воситаи пауза (ист) ҷудо мешаванд. Масалан: Баҳор омад. Ҳангоми кишт тукор расид. Дар саҳроҳои колхозӣ кор дар ҷӯш аст.

Ҷумла ба ибора ва ё ба калимаҳои алоҳида ҷудо мешавад.

Воҳиди грамматикие, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳои мустақил ба воситаи алоқаи тобеъ ташкил ёфтааст, **ибора** ном дорад. Масалан: Бориши барфу борон, тобиши офтоби тобон дар теппаҳои кӯҳ аз санг шаклҳои гуногуни аҷоиб офаридаанд (Р. Ҷ.). Ин ҷумла ба чунин ибораҳо ҷудо мешавад: бориши барфу борон, тобиши офтоби тобон, теппаҳои кӯҳ, шаклҳои гуногуни аҷоиб...

Баъзе типи ибораҳо аз ҷиҳати маъно ҷудонашаванда — устувор мебошанд, дандон ба дандон мондан ва м. ин.

Ибораҳо дар навбати худ ба калимаҳо ҷудо мешаванд. Ҳар калима мафҳуми алоҳидаро мефаҳмонад. Чунончи, ибораи **кӯчаи шаҳр** аз ду калима — аз **кӯча** ва **шаҳр**, ибораи **замини колхози мо** аз се калима — **замин, колхоз** ва **мо** иборат мебошад.

Калимаҳо пеш аз ҳама бо маънои луғавӣ, сохти морфологиашон муайян карда мешаванд. Ҷумлаи «Боди форами баҳории сабук мевазид» аз панҷ калима таркиб ёфтааст. Ҳар яке аз ин калимаҳо ба худ задаи маъноии мустақил низ дорад. Дар забони тоҷикӣ калимаҳое ҳам ҳастанд, ки задаи маъной надоранд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, калимаҳои ёридиҳанда дохил мешаванд.

Дар омӯхтани забон алоқаи байниякдигарии маънои грамматикӣ ва лексикиро ба назар гирифтан зарур аст.

Калимаҳо низ ба морфемаҳо (морфема аз калимаи юнонӣ — морфе «шакл» гирифта шудааст), ба ҳиссаҳое ҷудо мешаванд, ки ҳар кадоми ин ҳиссаҳо дар забон дорои маъно ва вазифае мебошанд. Чунончи, калимаҳои **мисгар, оҳангар** мувофиқи маъно ва вазифаашон ба морфемаҳои **мис, оҳан** ва **гар** ҷудо мешаванд, ки морфемаҳои **мис** ва **оҳан** ҳис-

саҳои асосии маъноdор буда, предметҳои маълумеро мефаҳмонанд, морфемаи **гар** бо калима омада, аз рӯи касбу кор номи шахс месозад. Морфемаҳо ба ду гурӯҳ: морфемаҳои калимасоз ва морфемаҳои калимабанд ҷудо мешаванд.

Морфемаҳои калимасоз ба калимаҳо маънои нав медиҳанд. Масалан: оҳангар, гулзор, саройбон, колхозчӣ, ки дар ин калимаҳо суффиксҳои **-гар**, **-зор**, **-бон** ва **-чӣ** морфемаҳои калимасоз мебошанд. Морфемаҳои калимабанд барои нишон додани муносибат ва алоқаи калимаҳо хизмат мекунанд. Чунончи, дар ҷумлаи ӯ **хонад**, морфемаи **-ад** хабарро бо мубтадо мебандад.

Калимаҳо ҳамчунин бо воҳидҳои хурди овозӣ — ҳиҷоҳо низ ҷудо мешаванд. Калимаҳои **нон**, **об**, **чой** ва кӯҳ калимаҳои якҳиҷой мебошанд. Калимаҳои **нондон** (нон-дон), **ошбур** (ош-бур) — дуҳиҷой; калимаҳои **ошхона** (ош-хо-на), **офтоба** (оф-то-ба) — сеҳиҷой; калимаи **китобхона** (китоб-хо-на) — чорҳиҷой ва калимаҳои **худтанқидкунӣ** (худ-тан-қид-ку-нӣ) панҷҳиҷой мебошанд ва ғайра.

Ҳиҷоҳо, дар навбати худ, ба овозҳои алоҳидаи нутқ — ба фонемаҳо ҷудо мешаванд. Калимаи фонема аз калимаи юнонии **фоне** гирифта шудааст, ки маъноияш «овоз» мебошад.

Ҳурдтарин воҳиди овозии забон, ки барои фарқ кардани маъно хизмат мекунад, фонема ном дорад.

Ҳангоми гуфтугӯ овозеро аз овози дигари ҳамсоя чизе ҷудо намекунад, ҳар як овоз ба ҳеҷ гуна монеае дучор нашуда бо овози дигар ҳамроҳ мешавад. Аз ин рӯ, матни чопӣ, ки аз овозҳои ҷудогона иборат аст, моҳияти ҳақиқии процесси нутқро инъикос карда наметавонад. Азбаски овозҳои алоҳидаи нутқ барои фарқи маънои калимаҳо хизмат мекунанд (чунончи, сар, пар, бар) ва баъзе овозҳои алоҳида маънои мустақил доранд (чунончи, ӯ — ҷонишини шахси сеюм, д дар охири асоси замони гузаштаи феъл: хон-хонд), нутқи мо ба овозҳои алоҳида ҷудо мешавад гуфтан мумкин аст. Фонема воҳиди соддатарини забон буда, ба ҳиссаи алоҳида ҷудо намешавад.

Барои забон ҳамчун воситаи мубодилаи афкори аъзоёни ҷамъият ҷумла ва калима аҳамияти махсус доранд. Забон, ки бевосита бо тафаккур алоқаманд аст, натиҷаҳои кори тафаккур, муваффақияти кори донишҳосилкунии инсонро дар калимаҳо ва боҳампайвандии калимаҳо дар ҷумла қайд ва мустаҳкам мекунад ва ба ҳамин тариқ дар ҷамъияти инсонӣ мубодилаи афкорро мумкин мегардонад.

Мавзӯи асосии грамматика омӯхтани сохти калима, ибора ва ҷумлаҳо мебошад.

Бобҳои алоҳидаи грамматика. Грамматика (морфология, синтаксис) маҷмӯи қоидаҳост. Морфология як боби грамматика буда, қоидаҳои тағйир ёфтани калимаҳоро меомӯзад. Ба ин соҳа, пеш аз ҳама, тарзҳои ифодаи категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ, категорияҳои муайянӣ ва номуайянӣ, шумора дар исмҳо, категорияи дараҷа дар сифатҳо, категорияҳои замон, сиға, шахс ва шумора дар феъл дохил мешаванд.

Калимасозӣ боби алоҳидаи морфологияро ташкил медиҳад. Дар калимасозии забони тоҷикӣ бештар типи мураккаб, таркибӣ ва аффиксация (бо суффиксу префиксҳо сохтани калимаҳо) сермаҳсул аст.

Мо бо мақсади ба каси дигар фаҳмондани фикри худ гап мезанем. Фикр дар нутқ дар шакли ҷумлаҳо зоҳир мегардад, яъне ба воситаи ҷумлаҳо ифода меёбад. Якчанд калимаи паси ҳам омада бо якдигар алоқаманд набошанд, ҷумларо ташкил карда наметавонанд, вале агар ин калимаҳо мувофиқи қонуни грамматика таркиб ёфта, фикреро ифода кунанд, ҷумларо ташкил дода метавонанд. Тарзҳои аз калимаҳо ташкил ёфтани ибораҳо ва ҷумлаҳо, тартиби калимаҳо, интонация, калимаҳои махсуси ёридиҳанда, типи ҷумлаҳо ва инчунин шароитҳои ба кор бурда шудани онҳоро боби дигари грамматика — синтаксис (аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш «сохт» аст) меомӯзад.

Ҳамаи ҷиҳатҳои овозии воҳиди забон, ки дар лексика ва грамматика омӯхта мешаванд, боби махсуси фанни забон — фонетикаро ташкил медиҳанд.

Воҳиди асосии фонетика фонемаҳои алоҳида мебошанд, ки онҳо ба ҳамдигар зич алоқаманд буда, системаи ягонаро ташкил медиҳанд. Фонетика ҷиҳати овозӣ ва хусусияти физиологии воҳидҳои асосии нутқ ва дар навбати аввал фонема, тағьирёбӣ ва алоқаи байни фонемаҳоро меомӯзад.

Фарқи маъной ҳосил кардани овозҳои нутқ, пеш аз ҳама, дар калимаҳо зоҳир мегардад, ки онро грамматика ва лексикология мувофиқи мавзӯи худ меомӯзанд. Фонетика бо грамматика ва лексика зич алоқаманд аст; вай барои грамматика материали бинокорӣ ба шумор меравад.

Дар грамматика қоидаҳои умумии сохта шудани ибораҳо, ҷумлаҳо ва ифода гардидани категорияҳои гуногуни онҳо омӯхта мешаванд.

Як фикр, як мафҳумро вобаста ба шароит ва мақсад бо тарзҳои гуногун ифода кардан мумкин аст. Вобаста ба ин калимаҳо низ характери гуногун мегиранд. Чунончи, калимаҳои **дам шудан, нигоҳ кардан** дар нутқи гуфтугӯӣ кор фармуда мешуда бошанд, калимаҳои синонимии онҳо: **лаб фурӯ бастан, назар афкандан** характери нутқи китобӣ доранд. Ба шароит ва мақсад вобаста кор фармуда шудани воситаҳои ифодаро боби алоҳидаи фанни забоншиносӣ — услубшиносӣ меомӯзад.

Ибораҳо, калимаҳо, ҳатто морфемаҳо дар шароити маълум ва муайян чун воҳидҳои сермаъно ва ё аз ҷиҳати маъно ба якдигар наздик истифода шуда метавонанд. Дар ҳамин асос калима ва ибораеро бо калима ва ибораи дигари аз ҷиҳати маъно наздик иваз кардан ва инчунин бо восита ва роҳҳои гуногун ифода кардани як фикр мумкин мегардад.

Услубшиносӣ тарзу воситаҳои таъсирбахш ва ифоданок баён кардани фикрро меомӯзад.

Мавзӯи морфология. Омӯхтани тағьирёбии калимаҳо, восита ва тарзҳои сохта шудани шаклҳои гуногуни калима мавзӯи морфология мебошад.

Тағьирёбии як калима, ки мафҳуми асосиро ифода намуда, дар айни замон ба он мафҳуми иловагие ҳамроҳ мекунад ва ё дар ҷумла калимаеро ба калимаи дигар мебандад, шакли калима номида мешавад: **хонам, хонӣ, мехонам** ва монанди ин шаклҳои гуногуни як калима мебошанд, вале калимаҳои **хоно** ва **хонишро** шаклҳои як калима шуморидан ҳаргиз дуруст нест, зеро ин ду калима мафҳумҳои алоҳидаи навро ифода мекунанд.

Ба воситаи морфемаҳо на танҳо шаклҳои гуногуни як калима, балки калимаҳои нав низ сохта мешавад. Бинобар ин омӯхтани калимасозӣ низ ба мавзӯи морфология дохил мешавад.

Сохти калима ва шаклҳои он. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калима ва шаклҳои калима бо тариқи зерин сохта мешаванд:

1. Ба воситаи як кардани калимаҳо — сохти мураккаби калимаҳо.
2. Ба воситаи калимаҳои алоҳида — сохти таркибии калимаҳо ва шаклҳо.
3. Аффиксация — ба воситаи префикс ва суффиксҳо сохта шудани калимаҳо ва шаклҳо.

Ба воситаи тарзи якум калимаҳои мураккаб сохта мешаванд (роҳбар, китобхона, пешқадам, гуфтугӯ); ба тарзи дуюм, бо сохти таркибӣ калимаҳои нав (чунончи, **сар кардан**) ва шаклҳои таркибии як феъл (**хонда будам, хонда истода будам**) сохта мешаванд. Ба воситаи такрор сохта шудани калимаҳо низ ба ҳамин тип дохил мешавад: коғази рахрах ва м. ин.

Ба тарзи сеюм, яъне ба воситаи аффиксация калима (чунончи, коргар, ақлнок, ҳамсоя) ва шаклҳои сохта (хондаам, мехондаам) ташкил меёбанд.

Ҳамин тавр, калимаҳо аз ҷиҳати сохташон дар калимасозӣ содда (кор, роҳ, китоб), сохта (ҳамроҳ, коргар), мураккаб (роҳбар, китобхона, хушбахт) ва таркибӣ мешаванд (кор кардан, истироҳат кардан).

Шаклҳои калима бошанд, аз ҷиҳати сохт (дар шаклсозӣ) содда (хонам, хондам), сохта (хондаам, мехондаам) ва таркибӣ мешаванд (хонда будам, хонда истода будам, хоҳам хонд).

Морфемаҳое, ки калимаҳои нав месозанд, аффикси калимасоз ном доранд, чунончи, кор-гар, колхоз-чӣ, хон-иш, ҳам-соя, ба-ақл.

Морфемаҳое, ки шаклҳои калимаро месозанд, морфемаҳои шаклсоз номида мешаванд, чунончи, хон-ам, хон-ӣ ва ғайра.

Баъзе морфемаҳо ҳам хусусияти калимасозӣ ва ҳам хусусияти шаклсозӣ доранд, чунончи, морфемаҳои **-ак** ва **-ча** дар ифодаи навозишу хурдӣ ва калимасозӣ.

Дар системаи шаклҳо, ки ба воситаи морфемаҳои гуногун ифода мешаванд, гоҳо набудани бандаке низ аҳамияти морфемагӣ дошта метавонад, чунончи, дар феъли замони гузашта **хонд-ам** (шахси якум бо морфемаи **-ам**), дар феъли **хонд-ӣ** (шахси дуюм бо морфемаи **-ӣ**) ифода гардида бошад, дар феъли **хонд** набудани морфема, набудани бандаке воситаи махсуси ифодаи шахси сеюми танҳо гардидааст.

Сохти таркибӣ бештар дар феълҳои таркибии номӣ ва феълӣ дида мешавад. Дар ин сохт исм, сифат, сифати феълӣ, шумора ва ғайра бо феъли ёридиҳанда омада, феъли таркибии номӣ ва феълӣ месозад (кор кардан, сурх шудан, бас кардан, як кардан, хонда баромадан, дида мондан ва монанди инҳо).

Таркиби калима. Он ҳиссаи калима, ки маънои асосӣ дар он аст, реша ном дорад. Маънои асосии калима дар реша буда, бо ёрии аффиксҳо аз он калимаҳои нав сохта мешавад. Калимаи **сиёҳидонча** ба чор ҳисса ҷудо мешавад: сиёҳ-ӣ-дон-ча. Ҳар яки ин ҳиссаҳо маъно дорад: **сиёҳ** маънои луғавӣ дошта, рангро мефаҳмонад; ҳиссаҳои дигар маънои грамматикӣ доранд: **-ӣ** ба чӣ нисбат доштани чизеро мефаҳмонад, **-дон** — зарфиятро ва **-ча** хурд будани чизро нишон медиҳад. Дар калимаи **сиёҳидонча** реша **сиёҳ** буда, аз ин реша (сиёҳ) бо илова кардани аффиксҳо калимаҳои сиёҳӣ, сиёҳак, сиёҳча, сиёҳидон сохта шудаанд. Калимаи **оҳангар** ба ду қисм ҷудо мешавад: оҳан-гар. Қисми **оҳан** маънои асосӣ дошта, предметро мефаҳмонад. Ҳиссаи **-гар** маънои грамматикӣ дошта, номи шахс месозад ва машғулияти касеро нишон медиҳад. Ҳиссаи **-гар** бо ҳамин маъно дар калимаҳои дигар ҳам дида мешавад: **коргар, мисгар, чармгар.**

Дар калимаҳои **сиёҳӣ, оҳангар, хониш, хоно** ҳиссаҳои пас аз реша омадагӣ: **-ӣ, -гар, -иш** ва **-о** суффикс мебошанд.

Дар калимаҳои **ҳамсоя, бағайрат, нотарс** ҳиссаҳои **соя, ғайрат** ва **тарс** реша буда, ҳиссаҳои **ҳам, бо, но,** ки пеш аз реша омадаанд, префикс мебошанд.

Таркиби калима аз як реша ё аз реша ва суффикс ё ки аз префикс, реша ва суффикс иборат шуда метавонад: коргар, оҳанин, нотарс, бераҳмона.

Дар калимаҳои мураккаб таркиби калима аз якчанд реша иборат аст, чунончи, **китобхона, пешқадамон** ва монанди ин.

Аффиксҳои калимасоз ва баъзе ҷузъҳои калимаҳои мураккаб аз ҷиҳати аҳамият ва роли дар калимасозии забони ҳозира доштаашон сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул мешаванд.

Аффиксе, ки дар забони имрӯза калимаҳои нав месозад ва ё калимаҳои бо ин аффикс сохта шудагӣ аз нав сериҳеъмол шуда бошанд, аффикси сермаҳсул мешавад, чунончи, аффиксҳои **-чӣ, -ӣ (-гӣ, -вӣ), -ак** (колхозчӣ, трактрочӣ, садцентнерчӣ, колхозчӣ, саноатӣ, социалистӣ, комилан, қатъиян, зӯран, ҳатман).

Агар миқдор ва доираи калимасозии аффикс маҳдуд бошад, аффикси каммаҳсул мешавад, чунончи, аффиксҳои **-ор, -сор** (харидор, кӯҳсор, чашмасор).

Агар аффикс дар калимасозии забони имрӯза роле набозад, аффикси бемаҳсул мешавад, чунончи, аффиксҳои **-ур, -ваш, -осо** ва **-лох** (дастур, ранҷур, маҳваш, нуқраосо ва пӯстлох).

Феълҳо ду асос доранд: асоси замони ҳозира (хон, навис...) ва асо-

си замони гузашта (хонд, навишт...). Асоси замони ҳозираи феълҳо баъзан бо реша баробар меоянд, чунончи, дар калимаи **хонам — хон** асоси замони ҳозира ва дар айни ҳол решаи феълӣ мебошад. Дар калимаи **мехондам -ам** бандаки феълӣ, **хонд** асоси замони гузашта, ме- префикс буда, решаи феълӣ **хон** аст.

Морфемаҳое, ки алоқаи калимаҳоро ифода мекунанд, бандак номида мешаванд.

Бандакҳое, ки бо асосҳои феълӣ меоянд, бандакҳои феълӣ ном доранд (-ам, -й, -ад, -ем, -ед, -анд: мехонам, хондӣ...). Бандакҳое, ки бо сифати феълӣ ва ҳиссаҳои дигари нутқ меоянд, бандакҳои хабарӣ номида мешаванд (-ам, -й, -аст, -ем, -ед, -анд: хондаам, ту муаллимӣ, шумо хушбахтед). Бандаке, ки алоқаи муайянкунандаро бо муайяншаванда мебандад, бандаки изофӣ номида мешавад (бинои мактаб, бинои баланд).

Дар натиҷаи таърихи дуру дарози сохти грамматикии забони адабии тоҷик дар баъзе калимаҳо аффиксҳо бо решаи калимаҳо як шуда, шакли як калимаи ҷудонашавандаро гирифтаанд, ки суффикси ин хел калимаҳоро ҷудо кардан номумкин аст. Масалан: пешона, бегона, дуредгар, шапалак, кирдор ва ғайра. Инҳо дар забони ҳозира калимаҳои рехта шуморида мешаванд.

Ҳиссаҳои нутқ. Калимаҳо бо маънои луғавии худ, категорияҳои грамматикӣ, бо тарз ва типҳои калимасозии худ ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, ки ҳар кадоми ин гурӯҳҳо ҳиссаҳои нутқ ном доранд. Ҳиссаҳои нутқ бо вазифаи дар ибора ва ҷумла доштаашон низ аз якдигар фарқ мекунанд. Ҳар як ҳиссаи нутқ дар забони адабии тоҷик маънои лексикии хос, категорияҳои муайяни морфологӣ ва типҳои алоҳидаи калимасозӣ дошта, вазифаи маълуми синтаксисиро адо мекунад.

Дар забони адабии тоҷик даҳ ҳиссаи нутқ нишон дода мешавад: исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянду пасоянд, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо, нидо.

Ҳиссаҳои нутқ дар асоси маъно ва вазифаашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) Ҳиссаҳои мустақили нутқ. 2) Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ.

Исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ҳиссаҳои мустақили нутқ буда, пешоянду пасоянд, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ мебошанд.

Ҳиссаҳои мустақили нутқ маънои мустақили луғавӣ дошта, предмет, аломат, хосият, ҳолат ва амалро мефаҳмонанд: одам, шаҳр, хона, кор, хуб, илмӣ, мо, вай, панҷ, сад, якум, хондан, омадан, комилан, фардо.

Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ маънои мустақили луғавӣ надошта, муносибати байни ҳодисаҳои воқеиятро мефаҳмонанд: ба ту гуфтам, аз вай гирифтам, Барот ва Барно китобро хонданд.

Нидо бо хусусиятҳои хоси худ ва бо калимаҳои дигар надоштани алоқаи синтаксисӣ гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳад.

Аз ҳиссаҳои нутқ исм, сифат, шумора ва ҷонишин аҳамият ва маънои номӣ дошта, исм — предметро, сифат — аломати предметро, шумора — миқдори предметро бо адад мефаҳмонад, ҷонишин бошад, ба ҷои исм, сифат ва шумора омада метавонад. Бинобар ин исм, сифат, шумора ва ҷонишинро ҳиссаҳои номии нутқ меноманд.

* * *

Забони адабии тоҷик яке аз қадимтарин забонҳои ҷаҳон буда, таърихи хелӣ бой дорад ва роҳи печ дар печу дуру дарозро тай намудааст.

Революцияи Кабири Социалистии Октябрь дар қатори дигар халқҳои Ватанамон халқи меҳнаткаши тоҷикро низ аз зулму шиканҷаи истисморкунандагон абадӣ озод намуд. Туфайли ин ҳодисаи оламшумули таърихӣ халқи тоҷик ҳамчун миллати социалистӣ ташаккул ёфт, соҳиби давлати социалистии худ гардид. Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва маданият дар Тоҷикистон ба таври мислаш дар таърих диданашуда инқишоф ёфтанд.

Забони адабии ҳозираи тоҷик дар натиҷаи тараққиёти хоҷагии халқ, алалхусус илм, маданият ва адабиёт, барои инкишоф ва бойшавӣ имкониятҳои пурра пайдо кард, таркиби луғавии он аз ҳисоби калимаҳои нав бой гардид, сохти грамматикиаш такмил ёфт.

Корҳои ташвиқоту тарғибот дар байни аҳолӣ ба воситаи радио дар тамоми республика ба роҳ монда шуд, санъати театрӣ дар байни омма хеле инкишоф ёфт, матбуоти даврагӣ низ пеш рафт, ки ин ҳама барои баланд бардоштани савияи дониши меҳнаткашон ёрии калон расониданд. Ҳамаи мактабҳо бо программа ва китобҳои дарсӣ, аз ҷумла бо китобҳои дарсии забон ва адабиёт, таъмин гардиданд, махсусан таъмин карда шудани студентони шӯъбаҳои забон ва адабиёти тоҷик бо китобҳои дарсии грамматика ва адабиёти тоҷик, нашр шудани луғатҳои калони русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ, асарҳои нависандагон ва шоирони тоҷик, хусусан, ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шудани асарҳои классикони марксизм-ленинизм, адабиёти классикӣ ва ҳозираи рус ва адабиёти дигар халқҳои бародар муваффақиятҳои калон ва хеле муҳими пешрафти ҳаёти мадании халқи тоҷик ба шумор мераванд.

Дар роҳи инкишофи забони миллати тоҷик хизмати нависандагони советии тоҷик: С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, М. Миршакар, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Ҳ. Карим, М. Раҳимӣ, Б. Раҳимзода ва дигарон басо калон аст.

Хизмати асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ дар соҳаи тараққиёти забони ҳозираи тоҷик беҳамтост. Вай аз як тараф, бо асарҳояш ба бойшавии таркиби луғавӣ, такомули баъзе ҷиҳатҳои сохти грамматикии забон ҳиссаи арзанда гузошта бошад, аз тарафи дигар, дар матбуот барои тараққиёти минбаъдаи забони адабии ҳозираи тоҷик ва тозагии он бо як қатор мақолаҳо баромад кардааст. С. Айнӣ ҳамеша ба муқобили равияи аз ҳад зиёд ба забон дохил намудани унсурҳои жаргону «калимаҳои кӯчагӣ» мубориза мебурд. Вай аз тамоми боигарии забони адабиёти классикӣ ва шеваю лаҳҷаҳои халқии тоҷик истифода бурда, дурдонаҳои беҳтарини онро ба хазинаи забони адабии имрӯзаи тоҷик дохил кардааст.

Асоси забони адабии миллии тоҷикро забони адабии ҳазорсолаи халқи тоҷик ташкил медиҳад. Дар забони адабии миллии тоҷик калимаҳо, қонуну қоидаҳои морфология, ҳама гуна типи ҷумлаҳо, ки дар синтаксис таърихан ҷой дошта, хусусиятҳои хоси забонро инъикос менамоянд, истифода шудаанд ва процесси такмил ва инкишофи забони адабии миллии тоҷик аз ҳисоби забони адабиёти классикии тоҷик давом дорад.

Забони зинда сарчашмаи дигари забони адабии тоҷик ба шумор меравад. Боиси қайд аст, ки аз асосгузори адабиёти классикии тоҷик — Абӯабдулло Рӯдакӣ сар карда, то рӯзҳои мо бештари шоирон ва нависандагони тоҷик забони бои халқро манбаи асосии забони осори худ қарор дода, аз дурдонаҳои он истифода бурда, забон ва воситаҳои тасвири бадеиро бой ва услуби осори худро суфта ва равон кардаанд. Нависандагони советии тоҷик ҳам аз забони бои халқ доимо истифода мебаранд, зеро забони зинда дар бобати инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик роли муҳим мебозад.

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми тараққиёти забони миллати социалистии тоҷик забони халқи кабири рус ба шумор меравад. Халқи меҳнаткаши тоҷик аз замонҳои қадим бо халқи рус робитаи дӯстӣ доштанро орзу менамуд. Маорифпарварони бузурги он: А. Дониш, Т. Асирӣ, С. Айнӣ ва дигарҳо омӯхтани забони русиро ҳаётан муҳим ва хеле зарур мешуморидаанд.

Халқи мо аз ибтидои Ҳокимияти Советӣ ба он орзуи деринаи худ ноил гардид. Дар Тоҷикистон чун дар дигар республикаҳои Иттифоқи Советӣ забони русиро бо шавқу ҳавас ва муҳаббати калон меомӯзанд. Бинобар он забони русӣ барои халқи тоҷик кайҳо дар амал забони дуюми модарӣ гаштааст. Дар ин солҳо миқдори зиёди унсурҳои луғавӣ ва грамматикии забони русӣ ба забони адабии ҳозираи тоҷик бо роҳҳои гуногун дохил гардидаанд:

1. Аксар калимаҳо бе ҳеҷ тағйирот қабул шудаанд: Совет, коммунизм, партия, социализм, республика ва ғ.

2. Силсилаи калимаҳои ихтисора ба тариқи зерин ҳамчун дар русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд: колхоз, райком, комсомол, СССР, КПСС ва ғ.

3. Морфемаҳои -ов, -ев, ова, -ева ба охири номҳо ҳамроҳ шуда, фамилия месозанд: Усмонов, Аҳмадов, Ҷӯраев, Ҳалимова, Тоҷиева ва ғ.

4. Номи шахс, ки ба ҷинси занона мансуб аст, дар забони адабии ҳозираи тоҷик ду хел ифода карда мешавад:

а) суффикси -ка бо калимаҳо якҷоя аз забони русӣ ба забони адабии ҳозираи тоҷик дохил шудааст: комсомолка, пионерка, студентка ва ғ.

б) бо роҳи сохтани калимаҳои мураккаб: комсомолдухтар, пионердухтар.

5. Бо таъсири забони русӣ дар забони тоҷикӣ калимаҳои тамоман нав — калькаҳо пайдо шуданд: худтанқидкунӣ, худидоракунӣ, азназаргузаронӣ, томактабӣ.

6. Калимаҳое, ки аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудаанду мувофиқи қонунҳои грамматикии забони тоҷикӣ аз онҳо калимаҳои нав сохта мешавад, ба расмият даромадаанд:

а) аз калимаҳои русии «коллективизация» дар забони тоҷикӣ чунин калимаҳо пайдо шуданд: коллективонидан, коллективонӣ, коллектившавӣ;

б) аз калимаи «колхоз» — колхозӣ, колхозчӣ, колхозчизан, колхозонидан ва ғ.

7. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик феълҳои таркибии нав кор фармуда мешаванд, ки аз калимаи асосӣ — русӣ ва аз феъли ёридиҳандаи тоҷикӣ сохта мешаванд: телефон кардан, сигнал додан ва ғ.

8. Қоидаҳои имло (орфография) ва аломатҳои китобат (пунктуация) пеш аз революция кор карда нашуда буданд. Бинобар он дар китобҳои чопӣ ва махсусан дар дастнависҳо, ки дар асоси хати арабӣ навишта мешуданд, аломатҳои китобат (нуқта, вергул, савол, хитоб ва ғайра) қариб кор фармуда намешуданд. Дар ибтидои асри XX дар баъзе асарҳои бадеӣ ва илмӣ ду-се навъи аломатҳои китобат (нуқта, хитоб, қавс ва ғ.) ба кор бурда шуда бошанд ҳам, қонуну қоидаи қатъӣ надоштанд. Набудани аломатҳои китобат, илова бар ин хати ниҳоят душвор, ба хонанда басо мушкил буда, одатан ба хато фаҳмидани матнҳо оварда мерасонд.

Таҷрибаи бои олимони забоншиноси русро омӯхта, хусусиятҳои ба худ хоси забони тоҷикиро ба назар гирифта, ҳоло маҷмӯи қоидаҳои имло ва пунктуация барои мактаби миёна тартиб дода шудааст.

9. Тарҷумаҳои зиёди аз русӣ ба тоҷикӣ, чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, ба сохти грамматикии забони тоҷикӣ таъсири самарабахш расониданд.

10. Дар натиҷаи таъсири самарабахши забони русӣ дар забони тоҷикӣ типҳои нави ҷумлаҳои содда ба вуҷуд омаданд. Ба ин муносибат дар солҳои охир сохти синтаксисии забони миллии тоҷик бой, суфта ва равон гашт.

Илми забоншиносии тоҷик дар солҳои Ҳокимияти Советӣ ба муваффақиятҳои хеле калон соҳиб гашт ва мо ба ин комьёбиҳо маҳз ба туфайли ёрӣ ва хизматҳои шоёни олимони шарқшиноси рус М. С. Андреев, А. А. Семёнов, И. И. Зарубин, Е. Э. Бертельс, А. А. Фрейман, А. Н. Болдырев, М. Н. Боголюбов, В. С. Соколова, В. С. Расторгуева ва дигарон ноил гардидем. Ин олимон тадқиқотчиёни нахустини соҳаи забони тоҷикӣ буда, аз як тараф, худашон бевосита дар соҳаи забоншиносии тоҷик корҳои тадқиқотӣ бурда бошанд, аз тарафи дигар, аз худи тоҷикон кадрҳои забоншинос тарбия намуда ба воя расониданд.

ЛЕКСИКА

СЕМАСИОЛОГИЯ

КАЛИМА ҲАМЧУН ВОҲИДИ ЛУҒАВӢ

Нутқи мо аз калимаҳо иборат аст. Забон гуфта мо пеш аз ҳама калимаҳоро дар назар дорем, ки тавассути онҳо одамон мубодилаи афкор мекунанд. Аз қадим боз калима бо хусусиятҳои худ диққати аҳли ҷамъиятро, ва пеш аз ҳама олимонро, ба худ ҷалб менамояд. Ин тасодуфӣ нест, чунки калима дорои сифатҳои аҷибе мебошад. Масалан, калима метавонад инсонро ҳам хурсанд ва ҳам хафа кунад, вай қобил аст ӯро рӯҳбаланд созад, ё баръакс, рӯҳафтода ва маъюс гардонад. Ин гуна хусусияти калима баъзан мӯъҷизанок менамояд, вале дар ин ҷо ҳеҷ гуна мӯъҷиза нест: калима маҳсули муносибати дуру дарози одамон ва натиҷаи таҷрибаи ҷамъиятии онҳо мебошад.

Дуруст аст, ки илми забоншиносӣ баробари калимаҳо категорияҳои дигари нутқро низ меомӯзад, вале дар қатори онҳо калима чизи асосӣ ва аз ҳама «муҳимтар» ба назар мерасад.

Вақте ки калима мегӯянд, одамон, хоҳ аз грамматика ва фонетика хабар дошта бошанд, хоҳ не, пеш аз ҳама ба маънии он аҳамият медиҳанд, яъне мо аввал ба маънии калима ва баъд аз он ба таркиби овозӣ ва сохти грамматикии вай назар меандозем. Ба ин тариқ, калима объекти таҳлили се қисми забоншиносӣ шуда метавонад: лексикология, фонетика ва грамматика.

Фонетика ва грамматика дар бобҳои алоҳидаи ин китоб таҳлил мегарданд. Дар ин қисм лексикология ва вазифаи онро мухтасар баён мекунем.

Лексикология илмест, ки таркиби луғавии забон, яъне лексикаро меомӯзад. Термини **лексикология** аз ду калимаи юнонӣ таркиб ёфтааст: **лексикос** — луғат ва **логос** — таълимот.

Ба лексикология боз як соҳаи махсуси омӯзиши лексика дохил мешавад, ки онро **семасиология** меноманд. Термини семасиология аз калимаҳои юнонии **семасион** — ишора ва ло-

гос пайдо шудааст. Дар қисмати лексикология **лексикография** низ мавҷуд аст, ки дар он принципҳои тартиб додани лугатҳои мухталифи ин ё он забон омӯхта мешавад.

Аҳамияти омӯхтани таркиби луғавии забон дар он аст, ки бо ин роҳ метавонем то як дараҷа мафҳуму чизҳои ба воситаи калима ифода мешудагиро тасаввур кунем.

Боиси қайд аст, ки калимаҳо хусусияти ба худ хосе доранд. Лексикология ва семасиология худи чизҳо ва ҳодисаҳоро не, балки калимаҳоеро меомӯзанд, ки чизҳо ва ҳодисаҳо ба воситаи онҳо ишора карда мешаванд. Ин ҳолат моро водор мекунад, ки дар навбати аввал моҳияти калима, табиати онро муайян намоем.

МАФҲУМ ВА МАЪНӢ ДАР КАЛИМА

Барои дуруст фаҳмидани моҳияти калима ва вазифаи он дар нутқи инсон бояд ду чиз муайян карда шавад: якум, калима ҳамчун **номгӯи** чизе ва дуюм, муносибати калима нисбат ба **категорияи нутқ**.

Калимаҳои таркиби луғавии забон як хел нестанд. Онҳо аз ҷиҳати маънӣ ва роли худ дар нутқ ба ду гурӯҳи нобаробар тақсим мешаванд: калимаҳои **мустақилмаъно**, яъне калимаҳое, ки предмет ва ҳодисаҳои ҳақиқатро ифода мекунанд ва калимаҳои **номустақил**, яъне ёридиҳанда. Ба гурӯҳи якум метавонем калимаҳои ифодакунандаи номҳои ҳар гуна чизҳо ва предметҳо: масалан, **хона, дарьё, табар**; амалу ҳолат: **гаштан, хӯрдан, задан, хобидан, давидан**; сифатҳо: **сурх, зард, сахт, борик, мулоим**; аломатҳои амал ва сифат: **тез гаштан, сахт хобидан, бисьёр хунук**-ро дохил кунем. Ба гурӯҳи дуюм калимаҳое дохил мешаванд, ки вазифаи онҳо дар нутқ аз пайваст кардан ва барқарор намудани муносибати калимаҳо иборат мебошад. Масалан, пешояндҳо: **дар, аз, ба, бо**; пайвандакҳо: **ва (-у), ҳам, чун, чунки** ва ғайра.

Ҳар як калимаи мустақил аз ҷиҳати маъно абстракт ва ё конкрет мешавад.

Конкрет гуфта мо ҳамон калимаҳоеро дар назар дорем, ки дар предмет ҳамчун чизи том пиндошта мешавад. Калимаҳои абстракт калимаҳоеанд, ки дар онҳо фақат як ҷиҳат, сифат ё аломати предмет ифода карда мешавад. Масалан, калимаҳои **одам, оҳангар, завод, дарахт, коғаз** калимаҳое мебошанд, ки маънии конкретиро ифода мекунанд. Калимаҳои **сармо, ахлоқ, қаҷӣ** калимаҳои абстрактанд, чунки онҳо мафҳуми муҷаррадро ифода мекунанд.

Калимаҳо аз руи маънӣ ва шакли худ ба ин ё он ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд. Масалан, калимаҳое, ки предметро ифода мекунанд, гурӯҳи **исмро** ташкил медиҳанд.

Муҳимтарин хусусияти калима он аст, ки вай тасаввури

умумӣ ё мафҳумро, ки воҳиди тафаккур аст, муҷассам месозад. Аломати предмет ҳамчун сифат, хислат, муносибат, ҷараён ва ғайра фаҳмида мешавад, ки тафаккури мо онро муайян менамояд. Маҷмӯи аломатҳои предмет **мафҳумро** ташкил медиҳад, ки ин чиз ба ҷиҳати **мантиқии** калима тааллуқ дорад.

Калима дорои маънӣ муайян аст. Маънии калима гуфта мо ба олами предметҳо, ҳодисаҳо, процессҳо ва ғайра муносибат доштани калимаро дар назар дорем. Чунонки маълум аст, мо маънии **аслии** калимаро, ки ба ибораи дигар маънии **луғавӣ** низ номида мешавад, аз маънии **маҷозии** он фарқ мекунем. Маънае, ки бо ном бурдани предмет, ҳодиса, сифат ва ғайра ба вуҷуд меояд, маънии аслии калима номида мешавад, чунки комплекси овозӣ, ки ба воситаи он калима сурат мегирад, бевосита ба ҳодисаи ҳақиқати дар таҷриба омӯхта мешудагӣ равона шудааст.

Маънии калима бо мафҳуми калима вобаста аст. Пас мафҳум чист, муносибати он бо маънии калима чӣ гуна аст? Маънии калима ва мафҳуми он баробар меоянд ё не?

Мафҳум категорияи фикр аст, ки ба аломатҳои асосии предмет, ҳодисаҳо умумият медиҳад, яъне мафҳум дар калима ба воситаи маънои он зоҳир мешавад. Мафҳум предметро ба доираи маълуми ҳодисаҳо ҷойгир мекунад, масалан, мо мегӯем: **асп** ҳайвон аст, **бед** дарахт аст. Бо вуҷуди ин мо гуфта наметавонем, ки маънии калимаи **бед** дарахт аст. На ҳамаи калимаҳои забон дар худ мафҳуми ташаккулёфтаи мантиқӣ доранд, вале ҳамаи онҳо бе истисно дорои ягон маънӣ мебошанд. Ин хулоса на танҳо ба калимаҳои мустақилмаъно, балки ба калимаҳои ёридиҳанда низ тааллуқ дорад. Масалан, агар аз ин нуқтаи назар калимаи (ҳиссачаи) «ку»-ро дида бароем, ба ҳамин хулоса меоем, ки вай албатта маънии муайянеро ифода мекунад, аммо гуфтан мумкин нест, ки ҳиссачаи **-ку** дорои ягон мафҳуми умумии мантиқӣ бошад. Ҳатто дар калимаҳои **ман, ту, ӯ, Аҳмад, Ҳалима**, ки ҳар кадоми онҳо маънии муайян дорад, аз нуқтаи назари мантиқ мафҳуми умумӣ нест. Пас, чунин хулоса бароварда метавонем, ки на ҳамаи калимаҳо мафҳумҳои умумиро ифода мекунанд, гарчи ҳамаи онҳо дорои маънӣ мебошанд.

Аз тарафи дигар, ҳар як калима ба қобилияти умумияти маънӣ соҳиб аст. В. И. Ленин маҳз ин хосияти калимаро дар назар дошта, дар «Дафтарҳои фалсафӣ»-и худ зимнан қайд мекунад: «Ҳар як калима (нутқ) худаш **умумият медиҳад**... Ҳиссиёт ҳақиқатро нишон медиҳад; фикр ва калима бошад — чизи умумиро». Ин фикри худро фаҳмонда истода, Ленин савол мегузорад («Ин? Калимаи муқаррарии умумӣ мебошад»). Ин яъне кӣ? **Ман.** Ҳама одамон ман... «Ҳамин??

Ҳар кас ҳамин аст» [1]. Дар ин асос мо метавонем чунин хулоса барорем, ки калима муҳимтарин воситаи бо комплекси овозӣ муҷассам сохтани дониши умумиятьёфтаи инсон доир ба ҳақиқат мебошад.

Ба назари аввал чунин менамояд, ки маънии ҳар калимаро метавон ба осонӣ муайян кард. Вале дар ҳақиқат ин кори басо душвор аст. Дар воқеъ калимаҳои зерин чӣ маънӣ доранд: **бор, карам, сафар, дар, бар, тез, бод?** Яке метавонад гӯяд, ки масалан, калимаи **карам** маънии навъе аз сабзавотро дорад, дигаре ҳак дорад ин калимаро ҳамчун муродифи калимаи саховат фаҳмад. Ё монанди ин калимаҳои **сафар, бор** ва **бод**-ро мулоҳиза кунем.

Пас, чаро мо наметавонем аниқ гӯем, ки калимаи муайян дорои фалон маънӣ мебошаду бас? Инро барои он гуфта наметавонем, ки калимаҳои мазкур маъниҳои гуногун доранд, сермаъноанд ва маънии онҳо (яке аз маъноҳои онҳо, ки вайро маънии **даркорӣ** номидан мумкин аст) танҳо дар матн муайян мегардад. Масалан, калимаи **сафар**-ро гирем. Дар ҷумлаи «Сафари мо хуб гузашт» ин калима ба маънии сафар, гардиш кор фармуда шудааст. Аммо дар ҷумлаи «Ман ин сафар рафиқатонро надидам» калимаи мазкур маънии **дафъа, бор**-ро ифода мекунад. Пас роли матн дар дуруст фаҳмидани маънии калима басо муҳим ва ҳалкунанда мебошад.

Ба ин тариқ, мо калимаро ҳамчун воҳиди овозии нутқ мефаҳмем, ки вай комплекси воҳидҳои ягон ҳодисаи ҳастиро ифода намуда, аз ҷиҳати грамматика шакли муайян дорад ва аз тарафи коллективи одамоне, ки таърихан умумият доранд, як хел фаҳмида мешавад.

Калимаро ҳамчун комплекси овозии сермаъно аз ҷараёни умумии нутқ ҷудо кардан на чандон кори осон аст. Муҳимтарин омиле, ки имконият медиҳад калимаи маълумро аз силсилаи калимаҳои дигари нутқ ҷудо кунем, маънии калима мебошад.

Вобаста ба ин мумкин аст, саволе пайдо шавад: комплекси овозӣ бо чӣ роҳе дорои маънии муайян мегардад? Чаро вақте ки **борон меборад** мегӯянд, боридани боронро мефаҳманд, фарз кардем, на боридани барф, ё чизи дигарро? Ё дигар хел карда гӯем: комплекси овозӣ чӣ тавр бо чизе, ки ба воситаи он ифода меёбад, вобаста мегардад? Оё дар байни овозҳо ва чизҳо ягон алоқаи ботинӣ ҳаст ё не? Забоншиносӣ таъкид мекунад, ки ин гуна алоқа вуҷуд надорад. Ҳанӯз Карл Маркс гуфта буд, ки номи ягон чиз бо табиати он ҳеҷ алоқае надорад. Ӯ ба ин муносибат чунин гуфтааст: «Ман асло дар бораи шахсе, ки номаш Яков аст, ҳеҷ чиз на-

---

[1] *В. И. Ленин.* Философские тетради. М., 1947, стр. 256, 258.

медонам, агар фақат ҳаминро медониста бошам, ки номи ӯ Яков аст» [1].

Ин ғуна мувофиқат дар байни комплекси овозӣ ва предмет, ҳамчунин дар байни комплекси овозӣ ва мафҳум дида намешавад, чунки комплекси овозӣ ҳодисаи физиологӣ буда, мафҳум ҳодисаи мантиқ аст. Чунон ки дар боло гуфта шуд, як комплекси овозӣ метавонад маъноҳои гуногунро ифода намояд, масалан: **бори вазнин** ва **бори аввал**.

СЕРМАЪНОИИ КАЛИМА

Дар системаи семантикии забон маъниҳо назар ба миқдори калимаҳо бисьёранд, яъне, калимаҳо сермаъноанд. Оддитарин мисоли сермаъно будани калима худи калимаи **забон** мебошад, ки, аз як тараф, мо онро ҳамчун узви умдаи даҳон фаҳмем, аз тарафи дигар, ҳамчун қобилияти гап задан, ифода намудани фикр тасаввур мекунем ва ғайра. Ё худ калимаи **себ**-ро гирем. Бо ин калима мо ҳам навъи дарахти мевадор ва худи меваи ин дарахтро ифода мекунем.

Кулли калимаҳои ин ё он забон сермаъноанд гуфта хулоса баровардан нодуруст аст, чунки калимаҳои маҳдудмаъно ё якмаъно ҳам вуҷуд доранд. Одатан ин гуна калимаҳоро **терминҳо** ташкил медиҳанд ва як маъно доштани онҳо хусусияти муҳими онҳо ба шумор меравад. Терминҳо, ки маҷмуи онҳоро **терминология** низ меноманд, барои соҳаҳои ҷудогонаи илму дониш ва касбу ҳунар хосанд, масалан: атом, электрон, мотор, киловатт, грамматика, мисраъ, суффикс. Агар термин сермаъно шавад, он гоҳ вай хислати асосии худро гум мекунад ва ба калимаи оддии сермаъно мубаддал мегардад. Фарқи дигаре, ки байни калимаи муқаррарӣ, яъне сермаъно ва термин дида мешавад, он аст, ки калима ҳиссиёти гуногунро ифода карда метавонад, вале термин ин гуна хусусият надорад. Чунончи, калимаи **одам**-ро дар ҷумлаи зерин мулоҳиза фармоед: «Эй, **одам**!» Бо ин ҷумла ҳар хел ҳиссиёт: аз таҳсину офарин сар карда то таассуфу сарзанишро ифода кардан мумкин аст. Агар мо ягон терминро дар ин гуна ҷумла кор фармуданӣ шавем, ба ғайр аз ном бурдани худи термин дигар ҳеҷ чизро ифода карда наметавонем.

Сермаъноии калима дар натиҷаи ба мафҳуми маълум дарҷ кардани маънии муайяне ба вуҷуд меояд. Ин ҳодисаро **васеъ гаштани** маънӣ меноманд. Масалан, калимаи **даромад**-ро гирем. Маънии якум ва аслии ин калима **мавқеи ба ягон ҷо дохил шудан** мебошад: дари **даромад**. Рафта-рафта ин мафҳум васеътар гашта, маъниҳои **духул** (духулу хуруҷ), **муқаддима** ва **сарсухан**-ро низ ифода мекардагӣ шудааст.

[1] *К. Маркс.* Капитал, т. I, кн. 1. Госполитиздат, 1955, стр. 107.

Дар сермаъноии калима мо ҷиҳати дигареро низ мебинем. Гап дар бораи маънии **аслӣ** ва **маҷозии** калима меравад, ки дар луғатҳои тафсирӣ одатан маънии маҷозӣ махсус ишора карда мешавад. Табиист, ки маънии маҷозӣ баъд аз маънии аслӣ меояд, зеро бе маънии аслӣ маънии маҷозӣ вуҷуд дошта наметавонад. Барои мисол калимаи **хунук**-ро гирем. Маънии аслии ин калима **сард** мебошад (ҳавои хунук), маънии маҷозии он **нозеб, безеб, дилнокаш** ва инчунин **бепарво, безътино** аст (афти хунук; назари хунук).

Ба ин тариқ, сермаъноии калима гуфта чунин қобилияти суханро мефаҳмем, ки вай метавонад ҳам ба маънии аслӣ, ҳам ба маънии маҷозӣ кор фармуда шавад. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки маънии ғайриаслии калима, аз он ҷумла маънии маҷозии он, дар асоси мавҷуд будани умумияти аломатҳо пайдо мешавад (маъниҳои аслӣ ва маҷозии калимаҳои **хунук** ва **тунд**-ро муқоиса кунед). Яъне сермаъноии калима дар сурате имконпазир мегардад, ки бо комплекси овозии мавҷудаи ягон чиз, ҳодиса ва аломатро ифода мекардагӣ чиз, ҳодиса ва аломати дигари монанд ифода карда мешавад. Дигар хел карда гӯем: калима дар маънии аслии **худ** як маънии конкретро ифода мекарда бошад, дар маънии (ё маъниҳои) маҷозӣ ба воситаи мафҳуми маълум мафҳуми дигарро ифода мекунад.

Бо масъалаи маънии аслӣ ва маҷозии калима роҳҳои кӯчондани маънӣ вобастагии зич дорад, яъне инкишофи маънии калима бо тарзҳои кӯчондани он вобаста аст.

ТАРЗҲОИ КӮЧОНДАНИ МАЪНИИ КАЛИМА

Дар натиҷаи кӯчондани маънӣ калима маънии **нав** ё **иловагӣ** мегирад. Худи кӯчониш мумкин аст якчанд бор рӯй диҳад, бинобар ин, айни як комплекси овозӣ маъниҳои гуногун пайдо мекунад. Ин ҳолатро мо метавонем дар ҳамон калимаи дар боло номбаршудаи **тунд** мушоҳида кунем. Маънии асосии ин калима ба соҳаи таом ва бӯй тааллуқ дорад: **шӯрбои тунд, бӯи тунд.** Яъне ин ҷо ғайритабиӣ будани мазаи ош ё бӯи чизе таъкид карда мешавад. Ин ғайритабиигиро мо маънии асосӣ мепиндорем ва вақте ки мо калимаи **тунд**-ро бо калимаи **бод** кор мефармоем, мақсадамон он аст, ки ғайритабиӣ, яъне **сахт** будани бодро нишон диҳем. Дар баробари ин маъниҳо, дар муколамаи мо калимаи **тунд** дар ибораҳои **ҷавоби тунд, одами тунд** ва амсоли ин низ дучор мешавад. Дар ин сурат чӣ чиз асоси маъниро ташкил медиҳад? Бов ҳамон ғайритабиигӣ, мӯътадил набудани мафҳуми ягон ҳодиса ва предмет. Дарвоқеъ, вақте ки мо **ҷавоби тунд** мегӯем, ҷавоби мулоим, ҷавоби мӯътадил набуданро қайд мекунем.

Тарзҳои кӯчондани маънӣ гуногунанд. Ин ҷо омилҳои сершумор роль мебозанд. Баъзеи онҳоро нишон медиҳем:

а) Маънӣ метавонад дар асоси монандӣ, шабоҳати предметҳои нишон дода мешудагӣ аз як мафҳум ба мафҳуми дигар кӯчад. Ин монандӣ мумкин аст аз ҷиҳати шакл, ранг, тарзи ҳаракат ва ғайра рӯй диҳад, яъне асоси кӯчондани маъниро ташбеҳ ташкил медиҳад. Масалан: **нӯги** сӯзан — **нӯги** дарахт, **даҳани** одам — **даҳани** шиша, **қуллаи** кӯҳ — **қуллаи** дониш, **сари** одам — **сари** роҳ, корди **тез** — зеҳни **тез**, оби **хунук** — афти **хунук**.

б) Кӯчидани маънӣ мумкин аст, аз рӯи алоқамандии мафҳумҳо рӯй диҳад. Ин алоқамандӣ ба масофа, вақт, материал, ашьё, ҷараён ва натиҷа тааллуқ дошта метавонад. Масалан: **мактаб** (бино) — **мактаб** (системаи омӯзиш), **аудитория** (хона) — **аудитория** (хонандагон, шунавандагон), **тилло** (металл) — **тилло** (чизи тиллогин, соати тилло), **холӣ** (куттии холӣ) — **холӣ** (кисаам холӣ, яъне: пул надорам). Ин гуна кӯчидани маъниро **метонимия** низ меноманд.

в) Маъниро аз рӯи **таносуби бутуну ҳисса, ҷузъи пурра (том)** кӯчондан мумкин аст. Масалан, ягон шахсро, ки риш дорад, номашро нагирифта (аз сабаби надонистан ва ё қасдан) «риш» меноманд: «риш омад», «риш гуфт» ва м. ин. Ё тасаввур кунед, ки дар ягон ҷамъомад ҳозирон намоишеро, ки дар саҳна нишон дода мешавад, тамошо мекунанд. Аксарияти дар пеш нишастагон бе каллапӯшанд ва фақат як кас тӯппидор аст. Ҳангоми намоиш ин тӯппипӯш бо сабабе аз ҷояш мехезаду ба тамошои ақибнишастагон халал мерасонад. Дар ин лаҳза аз қафо садое мебарояд: «Эй тӯппӣ, шинед!» Чаро он шахсро ин тавр номиданд? Барои он, ки садокунанда номи ӯро намедонист ва ягона аломати барҷастае, ки вайро аз дигарон фарқ мекунонд, тӯппӣ буд. Яъне дар ин маврид ба ҷои одам як ҷузъи пӯшоки ӯ ном бурда шудааст.

Чунон ки мебинем, дар ҳар ду сурат ҳодисае рӯй додааст, ки ба ҷои чизи бутун (номи одам) «ҳиссаи» ном ба кор бурда шудааст (риш, тӯппӣ). Вале мумкин аст баръакси ин ҳам шавад, яъне бутун, том ба ҷои ҳисса, ҷузъ кор фармуда шавад. Барои мисол мо ин ҳолатро дар вақти ба ҷои **автомобиль** ба кор бурдани калимаи **машина** мушоҳида мекунем. Дар забоншиносӣ ин ҳодисаро **синекдоха** меноманд.

г) Навъи дигари кӯчондани маънӣ иборат аз он аст, ки исми хос бинобар хеле машҳур шуданаш ба исми ҷинс наздик мегардад, масалан: **қорӣ-ишкамбаҳо, обломовҳо, москвич** (номи автомобили сабукрав), ИЛ-18 (номи самолёт).

д) Маънӣ метавонад аз як предмет ба предмети дигар аз рӯи **функция**, яъне вазифаи он гузарад, масалан, **қалам** (дар аввал қаламро аз най месохтанд, ки аз қалами (перои) ҳозира шаклан ба куллӣ фарқ мекунад, аммо вазифаи ҳар ду

қалам як аст: асбоби хатнависӣ), **бол (боли** парранда, **боли** самолёт).

Ба ин тариқ, сермаъноии калима **(полисемия)** натиҷаи кӯчондани номгӯй мебошад, ки аз як предмет ба предмети дигар мегузарад.

Навъи махсуси ба тарзи дигар фаҳмидани калима низ мавҷуд аст, ки онро **«этимологияи халқӣ»** меноманд. Ин ҳодиса аз он иборат аст, ки корфармояндаи калимаи ношинос **кӯшиш** мекунад, ки онро ба калимаи маълуми забони модарии худ аз ҷиҳати таркиби овозиаш наздик кунонад. Масалан, баъзе одамони камсаводи солхӯрда ба ҷои **примус** — пули мис, ба ҷои **землемер** — зинда-мир, ба ҷои **инженер** — анҷирнай мегӯянд ва ин комилан фаҳмост, чунки истеъмолкунандаи ин гуна калимаҳо мехоҳад, ки он шинос барин, «азонихудӣ» барин намояд.

Дуруст фаҳмида кор фармудани калима ба ин ё он маънӣ ба нағз донистани маданияти моддӣ ва забони халқӣ вобаста аст.

ОМОНИМҲО ВА ВАЗИФАИ ОНҲО

Калимаи **омоним** аз калимаҳои юнонӣ: homos — баробар, якхела ва onyma — ном **пайдо** шудааст.

Масъалаи **омонимия** ба сермаъноии калимаҳо тааллуқ дорад. Омоним калимаест, ки аз ҷиҳати талаффузи худ ба калимаи дигар монанд буда, аз ҷиҳати маъно аз вай ба куллӣ фарқ мекунад. Чунончи, калимаҳои **бар, дӯл, дор** ҳар кадом якчанд маъно дорад.

Мумкин аст саволе пайдо шавад: сермаъноии калима ва омоним аз ҳам чӣ гуна тафовут доранд?

Барои он ки иштибоҳе пайдо нашавад, мо метавонем ҳодисаи сермаъноии калимаро аз омоним будани он ба осонӣ фарқ кунем. Дар ин сурат ба калимаҳои муносиб муродиф овардан лозим асту халос. Агар калимаҳои интихобшуда муносибатҳои муродифиро нишон надиҳанд, пас калимаи маълум омоним мебошад. Масалан, калимаи **дӯл**-ро гирем. Ин калима се маънии аз ҳамдигар тамоман фарқкунанда дорад: 1) қуттии калони осиёб (**дӯли осиёб**), 2) жола (**дӯл борид**), 3) нақораи калон (**дӯли сарбозӣ**). Барои калимаи аввал, дурусттараш, барои маънии дӯли якум муродифи он **қуттӣ**, барои дӯл-и дуюм калимаи **жола** ва барои **дӯл**-и сеюм калимаи **нақора**-ро оварда муқоиса кунем, маълум мешавад, ки ин калимаҳо, яъне **қуттӣ, жола** ва **нақора** нисбат ба ҳамдигар муродиф шуда наметавонанд, пас калимаи дӯл, ки се маънӣ дорад, омоним шуда омадааст ва маҳз барои ин дар китоби луғат онро одатан ҳамчун **дӯл I, дӯл II** ва **дӯл III** меоваранд.

Омонимҳо дар забон чӣ тавр пайдо мешаванд?

Роҳҳои пайдо шудани омонимҳо инҳоанд:

1) Калимаи аслӣ бо калимаи иқтибосӣ омоним мешавад. Масалан: **ток — токи** ангур; **токи** электрик;

2) Тағьироти овозӣ дар таркиби калима. Масалан: **бар — бари** хона; китобро ба хона **бар**;

3) Тасодуфан бо айни як таркиби овозӣ пайдо шуда омадани калимаҳои гуногунмаъно, ки аксаран яке аз онҳо аз забони шевагӣ ба таркиби луғавӣ дохил мешавад. Масалан, **дарак**: а) ба маънии **хабар**, овоза; б) ба маънии **кӯраи металлгудозӣ**.

Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки мавҷуд будани омонимҳо дар забон ҳодисаи манфист. Яъне тарафдорони ин нуқтаи назар «зарари» омонимҳоро дар он мебинанд, ки ин гуна калимаҳо барои зуд ва дуруст фаҳмидани фикри изҳоршуда монеъ мешаванд. Албатта, омонимҳо, азбаски шаклан як хел мебошанд, то андозае мумкин аст, ба фаҳмидани фикр «халал» расонанд. Масалан, дар мукотиботе, ки онро «коммуникацияи кӯтоҳ» меноманд (фармоишҳои ҳарбӣ, телеграф ва м. ин.). Вале роли муҳимми фарқкунандаро пеш аз ҳама матн мебозад. Бинобар ин, ба фаҳмиши дурусти ин ё он фикр монеа пайдо намешавад. Масалан, дар ҷумлаҳои «Ин китобҳоро ба хона **бар**» ва «**Бари** хона чор метр аст» ҳеҷ вақт маънии калимаҳои **бар** ва **бар**-ро аралаш кардан мумкин нест.

Як ҳодисаи дигар низ бо масъалаи омонимия алоқа дорад, ки он фарқи навишт ва талаффузи калима мебошад. Масалан, калимаҳои **тӯб** ва **тӯп**-ро гирем. Ҳар ду калима **тӯп** талаффуз карда мешаванд. Ин гуна калимаҳоро **омофон** меноманд. Дар баробари ин, калимаҳое низ ҳастанд, ки навишташон як буда, талаффузашон гуногун аст, чунки зада ҷояшро ивваз мекунад. Масалан: **сӯзон** ва **сӯзон** (коғазҳои нодаркориро **сӯзон** — феъли фармоиш ва офтоби **сӯзон** — сифат). Ин гуна калимаҳоро **омограф** меноманд.

СИНОНИМҲО ВА ВАЗИФАИ ОНҲО

Синонимҳо аз омонимҳо фарқ мекунанд. Онҳо шаклан аз ҳам фарқ карда, аз ҷиҳати маъно баробар ё ба ҳамдигар хеле наздиканд. Синонимҳо ин ё он ҳодисаро номбар карда, онро аз ҳар ҷиҳат ва ё аз ҳар нуқтаи назар тасвир мекунанд. Масалан, калимаҳои **қадим, кӯҳна, дерина, пештара** синоним мебошанд ва қариб метавонанд ҷои якдигарро гиранд. Мумкин аст гуфт: **шаҳри қадим**, вале **шаҳри кӯҳна** гуфтан ғайри табиӣ менамояд. Мо метавонем **дӯсти қадим, дӯсти дерина** гӯем, ҳамаи ин ибораҳо як маъниро ифода мекунанд, аммо агар ба ин ибораҳо бо ифодаи ҳамон маънӣ дӯс-

ти пештара ё дӯсти пеш-ро ҳамроҳ кунем, хато хоҳад шуд.

Ба ин тариқ, мисолҳои боло ҳаминро нишон медиҳанд, ки айни як ҳодисаи воқеият аз нуқтаи назари гуногун маънидод карда мешавад. Яъне дар забон **синонимҳои мутлақ**, ба маънии томи ин калима, вуҷуд надоранд.

Синоним аз калимаи юнонӣ cynonymos (ҳамном) гирифта шудааст. Дар забони тоҷикӣ синонимро муродиф ҳам меғӯянд.

Боиси қайд аст, ки мавзӯи синоним ягона мавзӯест, ки дар забоншиносии тоҷик мавриди тадқиқи махсус қарор дода шудааст.[1]

Дар боло қайд шуд, ки синонимҳои мутлақ вуҷуд надоранд, вале баъзан баробари термин омадани калимаи муқаррарии забони модарӣ мушоҳида мешавад: **ток** ва **чараён**, **ҳарорат** ва **температура**, **процент** ва **фоиз**, **лингвистика** ва **забоншиносӣ** ва амсоли инҳо.

Баъзан чунин менамояд, ки ду калимаи муродиф метавонанд ҷои якдигарро гиранд, вале агар дақиқтар мулоҳиза кунем, маълум мегардад, ки байни онҳо фарқе ҳаст. Масалан, калимаҳои **чашм** ва **дида**-ро гирем. Ин ду калима айни як чиз — органи биноиро мефаҳмонанд. Лекин ҳар яки он мавқеи махсуси истеъмол дорад. Калимаи **дида**-ро дар забони назм, дар фольклор, дар нутқи шифоҳӣ дар баробари калимаи **чашм** кор мефармоянд, вале дар соҳаи тиб, анатомия ва физиология фақат **чашм**-ро истеъмол мекунанд. Дар ин асос мо гуфта метавонем, ки бо мақсади услубӣ ба ҷои як калима кор фармудани муродифи он матлубтар менамояд.

Вазифаи синонимҳо дар забон аз чӣ иборат аст?

Синонимҳо яке аз воситаҳои муҳимми бой гардидани таркиби луғавӣ мебошанд. Донистан ва дуруст кор фармудани синонимҳо нутқи гӯяндаро таъсирнок ва фасеҳтар мегардонад. Ин имконият медиҳад, ки нозуктарин тобишҳои фикр басо аниқ ифода карда шаванд, қатъи назар аз он ки синонимҳо калимаҳои мухталиф буда, айни як мафҳумро ифода мекунанд.

Манбаъҳои пайдоиши синонимҳо дар забон гуногунанд, вале ҳамаи онҳо як хусусияти умумӣ доранд: лексикаи забонро бештар, мукаммалтар, бойтар менамоянд. Шубҳае нест, ки проблемаи синонимҳо ба дараҷае бо масъалаи сермаъноии калима алоқа дорад. Манбаъҳои ба вуҷуд омадани синонимҳо асосан инҳоанд:

1) Инкишоф ва бой шудани лексика ба воситаи калимасозӣ: **зӯр, тавоно, қодир, муқтадир, қудратнок, пурзӯр, пурқудрат, боқувват, қавӣ**. Ин манбаъ роҳи асосии пайдо шудани синонимҳо ба шумор меравад.

[1] *М. Муҳаммадиев.* Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, 1962.

2) Бой гардидан ва инкишоф ёфтани лексика аз ҳисоби калимаҳои забони зинда ва нутқи даҳанакӣ. Масалан: **иситма** (ҳарорат, таб), **исмар** (панҷшоха), **ҳаял** (таъхир), **ғазак** (пилтакаш), **олучабандак** (олуболу, олуча).

3) Бой гардидани лексикаи забони модарӣ аз ҳисоби калимаҳое, ки аз забонҳои дигар иқтибос карда мешаванд: **лоиҳа — проект, муаллим — омӯзгор, сипоҳ — кӯшун, пеша — ихтисос, дил — қалб, масолеҳ — материал.**

4) Манбаи дигари пайдоиши синонимҳо эвфемизм мебошад. Эвфемизмро ба ҷои калимае кор мефармоянд, ки бо ин ё он сабаб ношоиз медонанд, ин гуна калимаҳои «номатлуб»-ро вульгаризм меноманд. Одатан дар ин маврид мулоҳизаҳои услубӣ аҳамият доранд, масалан, ба ҷои **фалонӣ** мурд, **фалонӣ аз дунёё чашм пӯшидааст** мегӯянд. Ин аст, ки синоним на фақат ҳодисаи табиии инкишофи нутқ, балки дар айни ҳол омили услуби забон низ мебошад.

Хелҳои синоним бисьёранд. Намоёнтарини онҳо аз инҳо иборатанд:

1) Синонимҳое, ки айни як чизро бо тобишҳои гуногуни услубӣ нишон медиҳанд: **даст — бозу, чашм — дида, рӯй — чеҳра.**

2) Синонимҳое, ки ҳангоми ба ҷои калимаи забони модарӣ кор фармудани калимаи аз забони дигар иқтибосшуда ба вуҷуд меоянд: **ҷараён — процесс, дил — қалб, салом — дуруд, муҳандис — инженер, ҳисоб — арифметика, табиб — духтур.**

3) Синонимҳое, ки дар натиҷаи як калимаро бо калимаи дигари таъсирнок иваз кардан ба амал меоянд: **нофорам — бад, манфур — разил, қабеҳ, хуб — хуш, форам — дилкаш.**

4) Синонимҳое, ки ҳангоми ибораро бо як калима баён намудан ва баръакс пайдо мешаванд: **нигаристан — нигоҳ кардан, гурехтан — рӯ ба гурез ниҳодан, мурдан — вафот кардан — аз дунёё гузаштан, ба дунёё омадан — зоида шудан.**

5) Синонимҳое, ки дар натиҷаи кор фармудани эвфемизм ба вуҷуд меоянд: **танбал — дангоса, ҳомиладор — дуҷон, девона — ҷиннӣ.**

6) Синонимҳое, ки ба сифати як калима ба ҷои ибораҳои рехта ва баръакс кор фармуда мешаванд: **ҳатман — албатта, бе чуну чаро — албатта, мурғи посӯхта барин — ноором — нотинҷ.**

АНТОНИМҲО ВА ВАЗИФАИ ОНҲО

Калимаи антоним аз ду калимаи юнонӣ: anti (зид) ва onyma (ном) таркиб ёфтааст. Антонимҳо калимаҳоеанд, ки ба ҳамдигар **аз ҷиҳати маъно мутақобиланд.** Дар китобҳои

кӯҳна ба ин маънӣ калимаҳои **тазод** ва **мутазодд**-и арабиро кор мефармуданд, вале ҳозир дар асарҳои забоншиносӣ бештар **антоним** маъмул аст.

Маънии мутақобил, яъне антоним, фақат дар калимаҳое ҳаст, ки мафҳумҳои сифатиро ифода мекунанд ё ки аломатҳои сифатӣ доранд.

Аз ин нуқтаи назар мо метавонем антонимҳоро ба намудҳои зерин ҷудо кунем:

а) Калимаҳое, ки мафҳуми ҳодисаҳои табииро ифода мекунанд: **рӯшноӣ — торикӣ, ғарм — хунук, гармӣ — хунукӣ, хушк — тар, мешукуфад — пажмурда мешавад, хомӯш — пурғавғо.**

б) Калимаҳо ва мафҳумҳое, ки ҳолат ва фаъолияти инсонро ифода мекунанд: **ҷавонӣ — пирӣ, сиҳат — бемор, зинда — мурда, пурзӯр — суст, заиф, хушбахтӣ — бадбахтӣ, ҷавон — пир, фаъолӣ — танбалӣ.**

в) Калимаҳое, ки мафҳумҳои замониро ифода мекунанд: **рӯз — шаб, зимистон — тобистон, пагоҳӣ — бегоҳӣ, барвақт — бевақт, пеш — баъд, рӯзона — шабона.**

г) Калимаҳое, ки мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд: **дур — наздик, васеъ — танг, ғафс — борик, шимол — ҷануб, шарқ — ғарб, боло — поён, ин ҷо — он ҷо, пеш — ақиб, кафо.**

д) Калимаҳое, ки сифат ва хислатҳои гуногуни предметро ифода мекунанд: **калон — хурд, сафед — сиёҳ, бад — нагз, хуб, талх — ширин, рост — дурӯғ, арзон — қимат, хушьёр — маст, сер — гурусна, далер — тарсончак, буздил.**

е) Калимаҳое, ки ба мафҳумҳои ҳиссиёт, кайфият ва зоҳир гардидани онҳо марбутанд: **дӯстӣ — адоват, душманӣ, муҳаббат — нафрат, эҳтиром — танаффур, зиндадилӣ — маъюсӣ, хурсандӣ — ғамгинӣ, бадӣ — некӣ.**

Ҷолиби диққат аст, ки айни як калима дар соҳаҳои гуногуни истеъмоли он метавонад антонимҳои мухталиф дошта бошад. Масалан, одатан антоними калимаи **сафед** калимаи **сиёҳ** мебошад (коғази сафед, ранги сиёҳ), вале дар соҳаи сиёсӣ муқобили калимаи **сафед** калимаи **сурх** кор фармуда мешавад (**гвардияи сафед — гвардияи сурх, сафедҳо — сурхҳо**). Калимаҳои **сурх ва кабуд**-ро, ки одатан нисбат ба ҳамдигар антоним намебошанд, дар бозиҳои ҳарбӣ, ки дар он тарафҳои худӣ иштирок мекунанд, ба сифати антоним кор мефармоянд (**қӯшуни сурх — қӯшуни кабуд, сурхҳо — кабудҳо**).

ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОН

УНСУРҲОИ ЛЕКСИКАИ АСЛӢ ВА ЗАБОНҲОИ ДИГАР

Ҳар як забон дар процесси тараққиёти таърихии худ тадриҷан мукаммал мегардад. Процесси тағйиру такмили забон, ки бо амалиёти истеҳсолии одамон, бо тараққиёти ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании ҷамъият алоқаи бевосита дорад, асосан дар базаи таркиби луғавӣ ва сохти грамматикӣ давом менамояд. Ин процесс инчунин ба муносибатҳои байниҳамдигарии гуруҳҳое, ки бо забонҳои мухталиф гуфтугӯ мекунанд, алоқаманд аст.

Дар натиҷаи тараққиёти таърихии ҷамъият, пайдо шудани предмет ва ҳодисаҳои нав мафҳумҳои мутобиқи онҳо пайдо шуда, бо номбаршавии онҳо калимаҳои нав низ ба вуҷуд меоянд. Калимаҳои нав асосан дар заминаи таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии худи забон пайдо мешаванд ва дар баъзе ҳолатҳо аз забонҳои дигар гирифта мешаванд. Ба ҳамин муносибат унсурҳои лексикаи (дар ҳолатҳои ҷудогона воҳидҳои грамматикии) як забон ба забони дигар гузашта, пайваста истеъмол мешаванд, ҳал ва ҳазм мегарданд ва бо мурури замон ба унсурҳои лексикии худӣ табдил меёбанд.

Халқи тоҷик аз қадимулайём бо халқҳои дигар дар муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорат, маданӣ, ҳарбӣ ва ғайра буд. Аз ин сабаб ба забони тоҷикӣ гузаштани калимаҳои забонҳои дигар дар ҳамаи давраҳо давом кардааст.

Аз забонҳои дигар гирифтани калимаҳо барои ҳар як забон роҳи табиӣ ва қонунӣ буда, барои боз ҳам такмил ёфтани он забон имкониятҳои зиёд фароҳам меовард. Масалан, ба забони тоҷикӣ дар муддати асрҳо аз забонҳои дигар калимаҳои зиёде дохил шудаанд. Қисми зиёди калимаҳои иқтибосшуда бо таъсири қонунҳои хоси забони тоҷикӣ то андозае тағйир ёфта, дар процесси истеъмол ба қатори калимаҳои худӣ дохил шудаанд. Як қатор калимаҳоро номбар кардан мумкин аст, ки аз забонҳои дигар гирифта шудани онҳо ҳис карда намешавад. Калимаҳои **мактаб, пиёла, байрақ** дар қатори калимаҳои тоҷикӣ мисли калимаҳои дигар ис-

теъмол мешаванд ва дар доираи забони тоҷикӣ ҳамчун калимаҳои тоҷикӣ ба шумор мераванд, ҳол он ки ин калимаҳо аз ҷиҳати баромади худ ба забонҳои арабӣ, юнонӣ ва туркӣ мансубанд. Як қатор калимаҳо, ки аслан ба забонҳои дигар тааллуқ доранд, тамоман тоҷикӣ шудаанд: одам, қалам, тӯй ва ғайра.

Забони тоҷикӣ аз ҳисоби калимаҳои забонҳои дигар қариб ҳеҷ зарар надид, мустақилият ва хусусияти табиии худро пурра нигоҳ дошта, боз ҳам мукаммалтар гашт.

Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ пеш аз ҳама ду гурӯҳи лексикӣ: калимаҳои аслӣ (худӣ) ва калимаҳои аз забонҳои дигар гирифташударо мушоҳида кардан мумкин аст.

1. Калимаҳои аслӣ

Ба гурӯҳи калимаҳои аслии забони тоҷикӣ ҳамаи калимаҳои аслии ҳамин забон ва инчунин калимаҳое, ки ба воситаи аффиксҳои забони тоҷикӣ аз калимаҳои иқтибосӣ сохта шудаанд (трактарчӣ, экскаваторчӣ, планӣ, коллективонӣ, фоиданок, байракдор), дохил мешаванд.

Воҳидҳои аслии луғавии забони тоҷикӣ калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати баромади таърихии худ асосан ба забонҳои ғарбии эронӣ баробар тааллуқ доранд. Чунончи, калимаҳои аслии таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар забони форсии имрӯза низ кор фармуда мешаванд ва барои ба вуҷуд омадани воҳидҳои луғавии нав манбаи асосӣ мебошанд: **даст, пой, чашм, гӯш, забон, талх, ширин, сафед, панҷ, сад, ман, ту, рав, соз, пеш, пас** ва ғайра. Ин гуна калимаҳо барои забони форсии имрӯза низ аз калимаҳои аслии решагӣ ба шумор мераванд.

Аз тарафи дигар, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба калимаҳое низ дучор мешавем, ки ба забонҳои қадимаи эронӣ мансуб буда, дар шароитҳои гуногуни таърихӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд. Чанде аз инҳо қабил калимаҳо ба забонҳои гурӯҳи шарқии забонҳои эронӣ мансубанд. Баъзе аз ин забон ва лаҳҷаҳои гурӯҳи шарқии забонҳои эронӣ аз байн рафта бошанд ҳам, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ осоре аз худ боқӣ гузоштаанд. Масалан, калимаҳои **оғоз, нағз, ҷуғд (ҷуғз), палонҷ, қанд** (Самарқанд, Панҷаканд), **кат, катак** дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз забони суғдӣ боқӣ мондаанд [1].

Ба ҳамин тариқ, калимаҳои аслан тоҷикӣ калимаҳоеанд, ки аз замонҳои қадим боз асос ва манбаи луғати забони тоҷикиро ташкил намуда, дар заминаи худи забони тоҷикӣ

[1] *Ниг.* И. О. Оранский. Введение в иранскую филологию. М., 1960, стр. 235—236. В. А. Лившиц. Согдийские слова в таджикском языке, 1.1, изд. АН Тадж. ССР, ООН, вып. 12, стр. 31.

пайдо шудаанд ва, аз тарафи дигар, баромади онҳо ба қадимтарин сарчашмаҳои забони тоҷикӣ — ба яке аз забонҳои қадимаи мансуби гурӯҳи забонҳои эронӣ рафта мерасад. Ин гуна калимаҳо гурӯҳи асосии лексика мебошанд ва хусусиятҳои хоси таркиби луғавӣ, система ва роҳҳои инкишофу такмили онро муайян менамоянд.

Забони ҳозираи тоҷик таркиби луғавии бой ва фаровоне дорад, ки дар заминаи худи забони тоҷикӣ дар асоси тараққиёти мустақили воситаҳои лексикиву грамматикӣ, инчунин дар натиҷаи инкишофи мустақили маъноҳои лексикии калимаҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Айнияти ҳамин гуна тараққиёти лексикӣ-семантикиро, ки дар заминаи худи забони тоҷикӣ батадриҷ ба амал омадааст, дар забони форсии имрӯза дида наметавонем.

Фарқияти тараққиёти ба худ хоси забонҳои хешро дар мисоли инкишофи тағьироти системаи маъноии калимаҳои ҷудогонаи ин забонҳо равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Тараққиёти маънои лексикии баъзе калимаҳо дар забонҳои хеш нобаробарии маъноии худи ҳамон калимаҳоро ба вуҷуд меорад. Масалан, ягон калимаи муайян дар ду забони хеш (ё дар забонҳои гуногун) истеъмол меёбад, вале аз ҷиҳати ҳаҷми маъноии истеъмолиаш баробар шуда наметавонад. Барои мисол калимаи **анҷом**-ро аз назар мегузаронем. Ин калима дар лугатҳо ба маънои интиҳо, поён, охир, оқибат қайд шудааст, аммо маънои чизу чора, ки муродифи калимаи асбоб аст, махсуси забони тоҷикӣ аст. Ё ин ки калимаи **суфра** дар луғатҳо ба маънои дастархон ва ҳар чизи густурданӣ, ки ба рӯяш чизҳои хӯрданиро мегузоранд, қайд шудааст, аммо маънои асбоби чармӣ, ки дар рӯяш хамиру завола дуруст мекунанд, махсуси забони тоҷикӣ аст. Ё ин ки калимаи **сабз** ба забони тоҷикӣ ва форсӣ нисбат дорад ва шакли сохтаи ин калима — **сабзӣ** низ дар ҳар ду забон мавҷуд аст, аммо ба маънои **бехӣ, зардак** махсуси тоҷикист. Дар шаклҳои сохтаи дигари ин калима низ ҳамин гуна фарқиятро дидан мумкин аст. Калимаҳои **сабзина, сабзидан, сабзавот** мутааллиқи забони тоҷикианд. Ду калимаи аввалӣ дар забони форсии имрӯза маъмул нест. Дар забони форсӣ шакли ҷамъро на аз **сабза**, балки аз **сабзӣ** дар шакли **сабзиҷот** сохтаанд (муқоиса кунед, дар забони тоҷикӣ: сабзавот, аммо аз мева — меваҷот).

Ба ҳамин тариқ, лексикаи забонҳои хеш дар масъалаи гурӯҳи аслии лексика умумияте дошта бошанд ҳам, дар шаклу сохти маъноии калимаҳо хусусиятҳои ба ҳуд хосро пайдо намудаанд.

Вале фарқ кардани калимаҳои аслӣ аз иқтибосӣ баъзан хеле мушкил мешавад. Барои фарқи калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ лозим меояд, ки онҳо вобаста ба таърихи халқе, ки дар забони он истеъмол меёбанд, омӯхта шаванд.

Барои фарқи калимаҳои аслӣ аз иқтибосӣ сохти фонетикӣ ва семантикии онҳоро аз назар гузаронидан лозим аст. Масалан, калимаҳое, ки овозҳои «ъ», «ҳ» (ҳалқӣ), «қ» ва ё ташдид доранд, ба ҷуз баъзе истисноҳо, калимаҳои аслии забони тоҷикӣ нестанд.

Барои дарки дурусти ин масъала ба материали лексикии ҳарфи «қ»-и «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (асрҳои X—XIX) назар кардан кифоя аст. Аз 860 калимаи ҳарфи «қ» 168 калима ба воситаи унсурҳои калимасози тоҷикӣ аз калимаҳои арабӣ ва туркӣ (ӯзбекӣ) сохта шудаанд, танҳо мансубияти 38 калима муайян нашудааст. Дар байни ин калимаҳо вариантҳои фонетикӣ низ дида мешаванд, ки дар натиҷаи таъсири овозҳо ва бадалшавии онҳо ба вуҷуд омадаанд. Масалан: **каз** (абрешим) дар асл **каж** (муқоиса кунед **хаз**-и арабӣ) буд ва шакли сохтаи он **қазоганд** (ҷомаи ҷангӣ, ки бо пахта ва ё абрешими хом пур карда шудааст) дар шакли **кажоганд** низ истеъмол мешуд. Пас барои муайян намудани мансубияти ин қабил калимаҳо тадқиқоти муфассале лозим аст.

Хусусияти сермаъноӣ бештар ба калимаҳои аслӣ хос аст, калимаҳои иқтибосшуда дорои чунин хусусият нестанд. Барои ин ки калимаҳои иқтибосшуда хусусияти сермаъноӣ пайдо кунанд, лозим аст, ки муддати зиёд дар забон истеъмол шаванд ва ҳазм гарданд. Хусусияти дигари калимаҳои аслӣ дар он аст, ки бештари онҳо маънои конкрет доранд. Қисми зиёди калимаҳои иқтибосӣ, масалан, бисьёр калимаҳои арабии тоҷикишуда маънои абстракт доранд.

2. Калимаҳои иқтибосшуда

а) Лексикаи арабӣ

Процесси ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ аз асрҳои VII—VIII, аз даврai Эрону Осиёи Миёнаро истило кардани арабҳо сар карда, то Революцияи Кабири Социалистии Октябрь давом намудааст.

Истилогарони араб дар мамлакатҳои забтнамудаи худ дини ислом ва забони арабиро зӯран бо ҳар роҳ ҷорӣ мекарданд. Корҳои давлатӣ ва маъмурӣ-идоравӣ ба забони арабӣ бурда мешуд. Синфи ҳукмрони маҳаллӣ бо истилогарон созиш карда, бар зидди анъанаҳои халқӣ ҳарчи бештар омӯхтан ва ба забони арабӣ сухан карданро афзал медонист. Рӯҳониёни ислом барои пурқувват намудани таъсири дин забони арабиро, ки ақоид ва аҳкоми шариат ба он забон навишта шуда буд, бисьёртар тарғиб мекарданд.

Вале ба забони тоҷикӣ дохил шудани унсурҳои лексикии арабӣ дар ҳамаи давраҳо характери якхела надошт. Дар асрҳои IX—X дар хоки Мовароуннаҳр ва Хуросон забони то-

ҷикӣ барои ин ки ҳамчун забони умумихалқӣ шакл гирад, бо дигар лаҳҷаву забонҳо, аз ҷумла бо забони арабӣ муқобилат мекард. Дар ин давра ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ ғайр аз кӯшиши синфҳои ҳукмрон ва рӯҳониёни ислом сабабҳои дигар низ доштанд.

«Дар давоми асрҳои VIII—X дар байни аҳли фазлу дониш ҳам омӯхтани забони арабӣ ва бо он асарҳои илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ эҷод намудан ва китобат кардан расмият ёфта буд...

Равияи мазкур дар навбати худ ба процесси ба забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ таъсири муайян бахшид.

Сабаби дигаре, ки процесси ба забонамон дохил гардидани унсурҳои забони арабиро тезондааст, тарҷума мебошад. Дар асри X, баъд аз ба забони тоҷикии дарӣ гузаштани тамоми корҳои давлатӣ ва маъмурӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ, маданӣ ва адабӣ як қатор асарҳои пеш аз ин ба забони арабӣ навишташудаи таърихӣ ва илмӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуданд» [1].

Ба ҳамин тариқ, дар асрҳои IX—X дар шароите, ки забони тоҷикӣ бо дигар забоиҳо муқобилат карда, дар ин мубориза таркиби луғавии худро аз ҳисоби манбаъҳои аслӣ ва калимаҳои иқтибосӣ торафт такмил медод, ба забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ то як андоза аз рӯи зарурат ва эҳтиёҷ сурат меёфт ва ба роҳи қонунии аз ҳисоби иқтибос такмил ёфтани забони тоҷикӣ мувофиқат мекард.

Аз гурӯҳи калимаҳои арабии ба забони тоҷикӣ дохилшудаи ин давра калимаҳоеро номбар кардан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо дар истеъмоли забони тоҷикӣ тақрибан то ба замони мо расидааст ва то кунун ба соҳибони забон то як андоза мафҳум ва маълуманд. Масалан:

айн, мадҳ, давлат, фазл, хилофат, халифа, шеър, навъ, нақл, васл, ишқ, насиб, вуҷуд, даҳр, ло, қазо, тараб, аҳсан, фунун, хасм, раъд, мунсиф, мӯъълам, маъзун, кошиф, ратл, анвар, муқайяд, ҷурм, лаим, карим, ҳақ ва ғайра [2].

Забардасттарин шоиру олимони он давра Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Сино (дар асарҳои тоҷикиаш) ва дигарҳо дар эҷодиёти худ калима ва ибораҳои арабиро дар ҳолатҳои ногузир ва ба қадри эътидол кор фармудаанд. Фирдавсӣ дар навиштани достони бузурги худ «Шоҳнома», ки аз ҷиҳати инъикоси захираи луғавии он замон асари намунавиест, бештар аз 900 калимаи арабиро ба кор бурдааст.

---

[1] *Н. Маъсумӣ*. Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X—XIX. Дар кит. «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат», нашр. «Ирфон», Душанбе, 1966, саҳ. 238.

[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 129.

Бисьёрии ин гуна калимаҳои арабӣ дар он замон то ба дараҷае дар забон ҳал шуда будаанд, ки барои арабӣ будани онҳоро муайян кардан як таҳқиқоти лингвистии муфассале лозим шудааст.

Дар асрҳои минбаъда ин гуна тарзи иқтибоси калимаҳо ва ибораҳои арабиро, ки бо процесси табиии инкишофи забон ва бо муборизаи тоза нигоҳдории он то як андоза муносибат дорад, мушоҳида кардан мумкин нест.

Шароити баъди асри X барои инкишофи забони тоҷикӣ, шароити таърихии нисбатан дигаре буд ва дар ин давра ба забони тоҷикӣ дохил шудани бисьёр калима ва ибораҳои арабӣ низ то як андоза характери ба худ хосе дошт. Инкишофи муносибатҳои сохти феодалӣ ва баъд рӯ ба таназзул овардани он русуму қоидаҳои диниро дар байни халқ боз ҳам пурқувват намуда, ба ин восита таъсири забони диниро низ пурзӯр гардонида буд. Дар ин замон иқтибоси калима ва ибораҳои арабӣ ва забонҳои дигар бо роҳи қонунӣ ва табиӣ давом мекард, вале бо роҳи сунъӣ аз ҳад зиёд истеъмол шудани унсурҳои лексикаи арабӣ хеле авҷ гирифта буд. Олимон, таърихшиносон, шоирони дарбор ва ғайра, ки ба забони тоҷикӣ асарҳо иншо мекарданд, ҳадди эътидоли истеъмоли калимаву ибораҳои арабиро рахна карда, дар кор фармудани калимаву ибораҳои забони модарӣ ва забони хориҷӣ қариб тафовуте намедиданд. Аз паси муғлақбаёнӣ ва вазнинии услуб шуда забони асарҳои худро ба калимаву ибораҳои ғайр гӯё оро медоданд. Ин ё он калимаву ибораи арабӣ маъмули забони тоҷикӣ шудааст ва ба соҳибони ин забон фаҳмост ё не, диққати онҳоро ба худ намекашид.

Баъзе намояндагони илму адаб ба забони арабӣ ҳамчун забони расмии илмӣ-адабӣ ва динӣ муносибат мекарданд ва чунин мепиндоштанд, ки ҳар унсури луғавии арабии истеъмолкардаи онҳо дар доираи илмӣ ва адабии замон фаҳмо ва маълум аст. Дар ин замон танҳо манфиатҳои доираи худро ба назар гирифта, ба воситаи кор фармудани калима ва ибораҳои арабӣ гӯё ба асарҳои худ тобиши шукӯҳу дабдабаноки бахшидани аҳли илму адаб як навъ хусусияти расмӣ пайдо карда буд. Бе ҳеҷ зарурату эҳтиёҷи забон ва талаботи услубӣ истеъмоли миқдори фаровони калима ва ибораҳои арабӣ маҳз дар заминаи ҳамин гуна муносибати баъзе аз намояндагони илму адаб ба миён омада буд.

Табиист, ки дар чунин як шароит дар хусуси масъалаҳои умумият пайдо кардани воҳидҳои луғавии навистеъмоли забонҳои дигар ва инчунин дар бораи риояи нормаҳои забони адабии умумихалқӣ мулоҳиза кардан ва чизе гуфтан аз имконият берун буд.

Агар мо калимаву ибораҳои арабии истеъмолнамудаи шоирон, нависандагон ва олимони давраи советии тоҷикро бо истеъмоли арабизмҳои адабиёти давраи тоинқилобии то-

ҷик муқоиса намоем, вазъиятро боз ҳам равшантар дарк менамоем.

Танҳо як нигоҳи андак ба материали лексикии мавриди шарҳи «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки дар асоси забони адабиёти гуногуни тоинқилобӣ тартиб ёфтааст, барои фаҳмидани он ки дар забони адабии тоҷикии тоинқилобӣ арабизмҳо то чӣ андоза бомавриду бемаврид кор фармуда шудаанд, кифоя аст.

Дар ҳақиқат, чӣ ҷои эҳтиёҷ ва талаботи услубӣ шуда метавонист, ки **маа, мин, мадар, матар, салво, салҷ, саълаб, суфл, мабтахат, милҳ, миншор, мирфақ, мисмор, михлаб, сабб, сиблат, сайф, шито, сит, сотеъ, мало, мақт, саҳм, қиссо, шаир, шаҷар** барин калимаҳои арабӣ ба ҷои калимаҳои истеъмоли умумифаҳми тоҷикӣ **бо, аз** (пешояндҳо), **кулӯх, борон, асал, барф, рӯбоҳ, дурда, харбузазор, намак, арра, оринҷ, мех, чангол, дашном, мӯйлаб, тобистон, зимистон, овоз (овоза), дурахшон, пурӣ, кина, тарс, бодиринг (хиёр), ҷав, дарахт** кор фармуда мешаванд, ё ҳамчун муродифҳои онҳо истеъмол ёбанд?

Ба таркиби луғавии забон зӯран дохил кардани калима ва ибораҳои арабӣ ҳарчанд дер давом карда бошад ҳам, ба имкониятҳои табиии калимақабулкунии қонунии забони тоҷикӣ мухолиф буд. Бинобар он, ин гуна унсурҳои луғавии бегона умумият пайдо карда, оммафаҳм шуда наметавонистанд. Аз калима ва ибораҳои арабӣ маҳз ҳамон қисми онҳо қабул шуда метавонист, ки ба хосияти табиии калимаҳазмкунии забони тоҷикӣ мувофиқ бошад. Хусусияти калимаҳазмкунӣ бошад, бе зарурату эҳтиёҷи нисбат ба ин гуна унсурҳои бегона доштаи забон вуҷуд дошта наметавонист. Чунонки аз таърихи инкишофи забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад, дар забони тоҷикӣ танҳо ҳамон қисми лексикаи арабӣ боқӣ монд, ки ба он зарурат ва эҳтиёҷ ҳис карда мешуд.

Пас аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрь бо устуворшавии муносибатҳои иҷтимоии нави таърихӣ ва ба ин восита ба фаҳму шуури халқи меҳнатӣ наздик шудани забони адабӣ дар забони тоҷикӣ дар ҳақиқат ҳамон қисми калимаҳои арабӣ боқӣ монданд, ки онҳо қобили умумишавӣ буданд ва забони тоҷикӣ мувофиқи эҳтиёҷоти табиии худ аллакай аз худ карда буд.

Ба ин гурӯҳи лексикаи аслан арабии иқтибосшуда калимаҳои **мавҷ, мавҷуд, дахл, дохил, зикр, мазкур, зулм, мазлум, макон, макр, либос, ҳаёт, манзил, матоъ, мабдаъ, маблағ, мавзун, мавзӯъ, модда, монеа, шавқ, шакл, шарбат, шарҳ, шафақ, шеър, шикоят, сарфа, сатр, субҳ, саф, сафар, саҳифа, саховат, сақф, саҳеҳ, симо, синф, сифат, соат, сабр, исбот, соид** ва монанди инҳоро дохил кардан мумкин аст.

Дар забони арабӣ калимаҳо асосан аз феъл сохта мешаванд. Дар калимасозии забони арабӣ қоидаҳои маъмуле му-

шоҳида мешавад, ки ҳамаи онҳоро дар калимаҳои иқтибосшудаи забони тоҷикӣ низ дидан мумкин аст. Дар мисолҳои зерин нӯҳ навъи калимасозии тарзи **фоил** ва **мафъули** арабӣ зикр мешаванд, ки аз асоси феълҳои **хабура, дахала, салима,** сохта шудаанд (дар баъзе бобҳо ин феълҳо тасриф намешаванд, бинобар ин ба ҷои онҳо мисолҳои дигаре дода мешаванд):

1) намуди муайян надорад, 2) тафъил (таслим), 3) муфоала (мудохала), ё ки фиол (шиор), 4) ифъол (ислом), 5) тафаъъул (такаббур), 6) тафоул (тағофул), 7) инфиол (инъикос), 8) ифтиол (иқтибос), 9) истифъол (истисмор).

Тарзи фоили сифати феълӣ: 1) фоил (дохил), 2) муфаъ(ъ)ил (мудаббир), 3) муфоил (муносиб), 4) муфъил (мухбир), 5) мутафаъъил (муташаккир), 6) мутафоил (мутақобил), 7) мунфаил (мунъакис), 8) муфтаил (муҳтасиб), 9) мустафъил (мустағнӣ).

Тарзи мафъули сифати феълӣ: 1) мафъул (мактуб), 2) муфаъъал (мусаллам), 3) муфоал (мухотаб), 4) муфъал (мулзам), 5) мутафаъъал (мутаҳайяр), 6) мутафоал (мутаборак), 7) мунфаъал (мунфасал), 8) муфтаъал (муштарак), 9) мустафъал (мустаҳкам).

Ғайр аз ин дар забони арабӣ тарзҳои ба воситаи суффиксу префикс ва флексияи дохилӣ сохтани исмҳои ифодакунандаи макон, номи асбобу олот, касбу ҳунар, исми тафзил, сифат, шакли муаннас, шакли ҷамъ, шакли дугона ва ғайра васеъ истифода мешавад, ки баъзеи онҳоро зикр мекунем:

1. Исми макон: маҷлис, маскан ва ғайра.
2. Номи асбобу олат: мифтоҳ (калид), миқроз (қайчӣ).
3. Номи касбу ҳунар: наққош, машшоқ, наҷҷор (дуредгар), қассоб, баққол, аттор ва ғайра.
4. Исми тафзил (дараҷаи муқоисавии сифат): акмал (комилтар), афзал (фозилтар), акрам (каримтар), акбар (кабиртар), аслам (солимтар) ва ғайра.
5. Сифат: сақим (касал), кашиф (кашфшуда) ва ғайра.

Бисьёр калимаву ибораҳои арабӣ, ки танҳо дар забони китобӣ истеъмол мешуданд ва забони умумихалқӣ ба онҳо чандон эҳтиёҷе надошт, дар шароитҳои нави инқишофи забони тоҷикӣ аз байн рафтанд. Масалан: аммома (салла), сабоҳат (ба маънии шиноварӣ), сафина (киштӣ), саффок (хунрез), мамдӯҳ (мадҳшаванда), суузанн (бадгумонӣ), суулқазо (бадии сарнавишт), моҳазар (он чи тайёр аст), моҳасал (он чи ҳосил шудааст), маҳмо амкан (ба қадри имкон), макфулбасар (нобино) ва ғайра.

Як гурӯҳ воҳидҳои луғавии арабӣ, ки мафҳумҳои гуногуни динӣ, фалсафӣ, таърихӣ ва илмии тоинқилобиро ифода мекарданд, ба қатори лексикаи архаистӣ ва таърихӣ дохил шуданд. Масалан, арасот, аъроф, ҷизья, вақф, иқтаъ, байтулмол, валиаҳд, аълам, сайрафӣ (сарроф), қавси қузаҳ, қарья,

маймана, майсара (термини ҳарбӣ), муаддилуннаҳор (термини ситорашиносӣ), қиёси маалфорик, қиёси нафс, қиёси иқтиронӣ, қиёси фосид, машшоӣ, салб (терминҳои фалсафа), завияи қоима, қутр (терминҳои геометрия ва математика) ва ғайра.

Як қатор калимаҳои сермаънои арабӣ ба забони тоҷикӣ танҳо дар маънои ҷудогонаи худ гузаштаанд. Дар байни калимаҳои сермаънои арабиӣ ба забони тоҷикӣ гузашта калимаҳои дар ҳамаи маъноҳояшон истеъмолшаванда низ бисьёранд. Ба ҳамаи маъноҳояшон истеъмол ёфтани калимаҳои сермаънои арабӣ хусусан дар адабиёти классикӣ бештар дида мешавад. Барои мисол якчанд калимаи сермаънои арабиро аз назар мегузаронем, ки дар адабиёти классикӣ ба ҳамаи маъноҳояшон истеъмол шудаанд: Савлат — 1. тезӣ, тундӣ, ҳамла бо хашм, хашмгинӣ; 2. ҳайбату салобат; 3. зӯру қувват; 4. қудрат. **Сарфа** — 1. фоида, манфиат; 2. тангӣ дар харҷ кардан, иқтисод. **Шамоил** — 1. хислатҳои нек; 2. афту башара. **Маош** — 1. зиндагонӣ; 2. воситаҳои зиндагӣ (хӯрок, пӯшиданӣ, ҳаққи кор). **Маҷол** — 1. ҷавлонгоҳ; 2. қудрат, қувват, тоқат. **Мисраъ** — 1. табақи дар; 2. нисфи байт (термини адабӣ). **Моҷаро** — 1. саргузашт, воқеа; 2. ҷанҷол, кашмакаш. **Қоида** — 1. асос, поя, буньёд; 2. расму одат, дастур, оин, қонун. **Қосид** —1. қасдкунанда; 2. номабар, пайк. **Маҷоз** — 1. гузаргоҳ; 2. ғайри ҳақиқат, зидди ҳақиқат; 3. кор фармудани калима ба маънои ғайриҳақиқӣ. **Меъёр** — 1. тарозуи зарсанҷ; 2. санги маҳак, ки сара ё носара будани зарро мефаҳмонад; 3. андоза. **Маърифат** — 1. илм, дониш; 2. биниш, фаҳм; 3. шинохтан; 4. шиносоӣ, ошноӣ; 5. яке аз чор дараҷаи ирфони сӯфия.

Дар процесси истеъмол дар ҳаҷми маъноии ин калимаҳо тағьироти маъноӣ ба амал омадааст. Ин калимаҳо даставвал маънои васеъ пайдо намуда ба ҳамаи маъноҳои худ истеъмол шуда бошанд, баъдтар доираи маъноии онҳо танг шудааст. Дар забони ҳозираи тоҷик аз ҷумлаи ин мисолҳо нӯҳ калимаи аввал асосан ба маънии дуюм, калимаҳои аз охир дуюм ва сеюм ба маънои сеюм ва калимаи охирин ба маънии якум ва дуюми худ кор фармуда мешаванд.

Баъзе калимаҳои арабии иқтибосшуда бо мурури замон маъноҳои худро тағьир додаанд, ё маъноҳои иловагии дигар пайдо кардаанд. Масалан, калимаи **алвон**, ки ҷамъи **лавн** буда, маънои рангҳо ва рангорангро ифода менамояд, дар забони тоҷикӣ маънии сурх — аз хуни шумоён, саҳро шуда алвон *(П. Сулаймонӣ,* Маҷмуаи осор) ва матои сурхро — алвон барин сурх шуданд *(Раҳим Ҷалил,* Ҳикояҳо), ба тан он куртаи зебои алвон *(Ғаффор Мирзо,* Асрор), миёнбанди алвон баста буд *(Тоҷӣ Усмон,* Кашфи асрор) низ пайдо кардааст.

Калимаи **иснод** дар асл маънии такья додани чизе ба чизе, нисбат кардани чизе ба чизе, далел, ҳуҷҷат ва ғайраро

ифода мекард, дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ба маънии нанг, айб, бадномӣ низ истеъмол мешавад.

Ба мо иснод овардӣ *(С. Улуғзода,* Навобод). Ба ягон аъзои оилае исноде расад *(Раҳим Ҷалил,* Шӯроб).

Калимаи **таманно** маънои орзу, ҳавас, хоҳиш, маром, мақсадро ифода менамояд. Дар вақти ҳозира ба маънои такаббур, ҳавобаландӣ, ноз, карашма, ишва низ кор фармуда мешавад:

Нест ҳудуде ба **таманнои** ӯ, Туршии рӯ, бинии болои ӯ *(М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб). Аз **таманнои** ин чанде пеш оби хуми Намангон ях мекард *(Раҳим Ҷалил,* Ҳикояҳо). Чӣ ин қадар **таманно** мекунед? *(Ҷалол Икромӣ,* Духтари оташ).

Калимаи **таклиф** дар луғатҳо ба маънии касеро дар ранҷ андохтан ва касеро берун аз андозаи тоқати ӯ кор фармудан ва инчунин ба маънии сахтӣ, душворӣ, ранҷ, азоб, ситам тафсир мешавад. Ҳоло ин калима ба маънии пешниҳод, мурувват, даъват истеъмол меёбад. Мисли ҳамин калимаи **меҳнат**, ки маъноҳои ранҷ, заҳмат, сахтӣ, бадбахтӣ, хорӣ ва дармондагиро ифода менамуд, ҳоло мутлақ ба маънии кору фаъолият кор фармуда мешавад. Калимаи **орият** ба замми маънои ҳар чизи мустаор ва муваққатан истифодашаванда ба маънои оркунӣ ва ҳимояи номус истеъмол меёбад.

Калимаҳои арабии иқтибосшуда шаклан хеле кам ба тағирот дучор шудаанд. Аз калимаҳои арабие, ки дар комплекси овозии онҳо баъзе тағирот рӯй додааст, ҳаминҳоро номбар кардан мумкин аст: **иёл — аёл**; **хулқум — халқум**; **лукнат — лакнат**; **мувосот — мувосо — муросо**; **мудорот — мудоро — мадоро**; **муҳобот — муҳобо**; **афв — авф** ва монанди инҳо.

Бисьёр калимаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ дар шакли ҷамъ ғузаштаанд: **матбуот, ахбор, ахборот, авлод, айём, алвон, анҳор, аҷдод, олот** ва ғайра.

Баъзе аз ин гуна шаклҳои арабӣ дар истеъмоли тоҷикӣ суффиксҳои ҷамъи тоҷикиро низ қабул мекунанд: **адабиётҳо, атрофҳо, аҷдодҳо** ва ғайра.

Дар забони тоҷикӣ шаклҳои ҷамъи калимаҳои арабӣ, қатъи назар аз он ки онҳо ба тарзи тоҷикӣ низ ҷамъбаст мешаванд, низ кор фармуда мешаванд: **ашъор** — шеърҳо, **анвоъ** — навъҳо, **авсоф** — васфҳо, **авроқ** — вараққҳо, **аздод** — зидҳо, **алфоз** — лафзҳо, **амсол** — масалҳо, **ашхос** — шахсҳо, **олот** — олатҳо.

Ба тоҷикӣ баъзе шаклҳои муаннаси арабӣ гузаштааст, ки ҳоло низ ба ҳамин шакл истеъмол мешавад: **муаллима, олима, мураббия, котиба, маккора.**

Баъзе муаннасҳо фақат ба сифати номи занонаи шахс боқӣ мондаанд: **Мастура, Маъмура, Маъсума, Сайёра** ва ғайра. Муаннасҳое низ дида мешаванд, ки дар забони ҳозира

ҷинсияти занонаро ифода намекунанд. Масалан: **сағир — сағира**. Бисьёр муаннасҳо ба маънии аслии худ танҳо дар адабиёти классикии тоҷик истеъмол ёфтаанд, ки дар забони ҳозираи тоҷик дида намешаванд: **мадида** (дароз), **мансуба, маъмура, сайиа** (бад, ганда), **самовия** (аз **самовӣ** — само — осмон), **сақила** (сайқалшуда), **саҳбо** (муаннаси асҳаб — оташгун, моил ба сурхӣ), **салифа** (пешина), **суфло** (муаннаси асфал — пасттар), **суғро** (муаннаси **асғар** — хурдтар) ва ғайра.

Дар забони тоҷикӣ баъзе калимаҳои арабии шакли дуғонаи ҷамъ низ истеъмол мешаванд: **тарафайн, волидайн, саъдайн, қавсайн.**

Ҳамаи унсурҳои лексикии арабии ба тоҷикӣ қабулшуда мисли калимаҳои забони тоҷикӣ истеъмол шуда, ба қонунҳои грамматикии забони тоҷикӣ мувофиқат доранд: ба воситаи суффиксҳои ҷамъбандии тоҷикӣ аз онҳо шакли ҷамъ сохта мешавад: **қаламҳо, китобҳо, муҳаррирон, муаллифон** ва ғайра.

Ба воситаи суффиксу префиксҳои калимасози тоҷикӣ аз онҳо калимаҳои нав сохта мешаванд: **боақл, бомаданият, бадавлат, бартараф, бесабаб, бемулоҳиза, ноқобил, ношукр, ноҳақ, манфиатнок, қаламдон, суратгар, насиҳатгар, саодатманд, аёлманд, савлатманд, хасмвор, аламвор, ҳамфикр, ҳамкасб** ва ғайра.

Аз феълҳои ёридиҳандаи тоҷикӣ ва калимаҳои арабӣ феълҳои номии таркибӣ сохта шудаанд: **эҳсос намудан, талаф шудан, воқеъ гаштан, муҳайё гардидан, тасвир кардан** ва ғайра.

Қисми зиёди лексикаи арабии тоҷикӣ аз сабаби сеистеъмол будан таркиби ибораҳои устувор ва зарбулмасалу мақолҳои тоҷикиро ташкил медиҳанд. Масалан, **қарор бурдан аз касе, қарор гирифтан** (дар ҷое), **қадам ранҷа кардан, алифро таёқ гуфтан, ақиб партофтан, маслиҳат додан, сабақ гирифтан, ба таъхир андохтан, хотири ҷамъ, роҳати ҷон, табъи дил, хаёли хом, амри маҳол, амри хайр, ба ҳадди имкон, аз ақл берун, бе қилу қол, вақту соат, хатти ҳаракат, ҳаёту мамот, тарки одат — амри маҳол, аввал таом ва он гоҳ калом, арзон бе иллат нест, ғарон бе ҳикмат, илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард, харҷи мумсик дучандон, сукут — аломати ризо** ва ғайра.

Аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ ғайр аз унсурҳои лексикӣ баъзе унсурҳои грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ низ гузаштаанд. Масалан, суффикси **-от** (боғот, сабзавот, меваҷот), **-ат (-ят)** (партиявият, конкретият) ва пайвандакҳои аммо, лекин (аз **лакин//лакинна**-и арабӣ), **вале** (аз **валакин//валакинна**-и арабӣ).

Муарработ. Калимаҳои муарраб (арабӣ ғардондашуда) дар доираи лексикаи забони тоҷикӣ мавқеи муайян доранд. Ин калимаҳо ҳеле барвақт объекти фикрронӣ ва тадқиқоти за-

боншиносон шудаанд. Калимаҳои муарраб дар луғатҳои пешина, аз ҷумла дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» низ қайд ёфтаанд. Соҳиби «Фарҳанги Рашидӣ» Рашидиддини ат-Татавӣ муарработро дар рисолаи махсусе тасниф намуда, дар хусуси тағьироти структурии ин қабил калимаҳо, ки бо таъсири қонунияти фонетикӣ-грамматикии забони арабӣ рӯй додааст, таваққуф менамояд.

Калимаҳои муарраб шоҳид ва факти равшани муносибатҳои таърихӣ ва таъсири ҳамдигарии забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ мебошанд ва аз ин ҷиҳат ҳамчун факторҳои хоси забонӣ ташаккул ва инкишофи таркиби луғавии забонро дар марҳалаҳои гуногуни он то андозае равшан менамоянд. Калимаҳои тоҷикӣ, ки арабӣ шудаанд, албатта дар натиҷаи ба забони арабӣ дохил шудани онҳо ба чунин тағьирот дучор гаштаанд, лекин муарработ фақат ба лексикаи арабӣ хос нест. Масалан, муарработи тоҷикӣ сайри таърихии махсус дорад. Калимаҳои **ҷӯраб, аблақ, хандақ, ҷизья, хонақоҳ, Ҷурбодкон, Каҳистон, Қум,** ки арабишудаи **гураб, аблак, канда. газит, хонагоҳ, Гулпойгон, Кӯҳистон, Гунб** мебошанд, дар аввалҳои давраи инкишофи забон ва адабиёти тоҷик дар шаклҳои аслии худ кор фармуда шудаанд ва баъдтар танҳо дар шакли арабӣ интишор ва истеъмол ёфтаанд. Баъзе муаррабҳо дар осори классикони адабиёти тоҷик дар ду шакл низ вомехӯранд **(лигом — лаҷом, пиёда — байдақ, гулоб — ҷуллоб, саропарда — сародиқ, ҷамъаш — сародиқот, чева — зайбақ, пил — фил** ва ғайра). Бисьёр калимаҳои арабишуда танҳо дар забони арабӣ боқӣ мондаанд ва баъзе дар арабӣ низ ба қатори калимаҳои архаистӣ ва таърихӣ дохил шудаанд. Масалан, **сак** муарраби **чак** (ҳуҷҷат, маншур), **тассуҷ** — муарраби **тасу** (ҳиссае аз 24 ҳисса: воҳиди вазн ё пулӣ). Аз муарработ калимаҳоеро низ номбар кардан мумкин аст, ки танҳо дар шакли арабишуда истеъмол мешаванд. Масалан, **ибриқ** — муарраби **обрез; шатранҷ** — муарраби **шатранг; норанҷ** — муарраби **норанг; норҷил** — муарраби **норгил.**

Гурӯҳи дигари калимаҳои муарраб дар шакли таъриб фақат хоси забони арабианд ва дар тоҷикӣ асосан дар шаклҳои аслии худ кор фармуда мешаванд. Масалан, **фолуза — полуда, дебоҷ — дебо, рустоқ — русто, миск — мушк, бошак — боша, шалҷам —шалғам, ҳиндоза — андоза, сироҷ — чироғ, нарҷис — наргис** ва ғайра.

Дар доираи ин гурӯҳи лексика калимаҳоеро дучор мекунем, ки аслан тоҷикӣ набуда, ба забону лаҳҷаҳои дигар нисбат доштанд. Масалан, калимаи юнонии kalopodhion **дар** тоҷикӣ ба шакли **колбад** (колбуд) қабул шуда бошад, забони арабӣ онро ба шаклу маънии яке аз бобҳои феълии **қалаба** мувофиқ гардонида, ба сурати **қолаб (қолиб)** таъриб намуд ва ин калима баъдтар дар тоҷикӣ низ ба ҷои калимаи **колбад** истеъмол шудан гирифт. Мисли ҳамин калимаи **файласуф**

(философ — дӯстдори ҳикмат) аз калимаи philosophos-и юнонӣ таъриб шудааст. Аммо maghos-и юнонӣ бо калимаи паҳлавии magh ва авестоии moghy — mogu — mag (мағ — муғ) робита дошта, аз ин забонҳо гирифта шудааст.

Ё ин ки калимаи **чизья** муарраби калимаи **газит**-и забони оромӣ (арамейский) ва калимаи **девон** низ муарраб аз калимаи қадимтарини авестоӣ аст, ки бо калимаи dap-и забони осурӣ робита дорад. Бисьёр калимаҳо аз забонҳои матруки (азбайнрафтаи) оромӣ, сурьёнии забонҳои сомӣ (семитӣ) ва инчунин аз забони лаҳҷаҳои забонҳои қадимаи эронӣ ва ғайра муарраб шуда, баъдтар тадриҷан ба забони тоҷикӣ гузаштаанд.

Қабатҳои лексикии забони тоҷикиро аз назар гузаронда, ба баъзе ҳодисаҳои дигар низ дучор мешавем. Бисьёр калимаҳои забонҳои дигар аз рӯи қоидаи ҷамъбандии арабӣ ҷамъ баста шудаанд. Масалан, **майдон — маёдин, ринд — рунуд, турк — атрок, туркман — тарокима** ва ғайра.

Баъзан аз рӯи қонуни калимасозии арабӣ аз калимаҳои тоҷикӣ сохта шудани калимаҳои нав низ дида мешавад. Масалан, аз калимаи **чиркин — мучаркан (золи мучаркан** дар эҷодиёти Аҳмади Дониш), аз калимаи **чарх — мучаррах** (дар ашъори Шамсиддини Шоҳин) ва ғайра. Вале ин қабил неологизмҳо, ки махсуси замони муайян буданд, дар доираи эҷодиёти шахсони алоҳида боқӣ мондаанд.

б) Лексикаи забони ӯзбекӣ ва дигар забоиҳои туркӣ, ки ба воситаи забони ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд.

Халқи тоҷик аз қадим бо як қатор халқҳои туркзабон, хусусан бо халқи ӯзбек, муносибатҳои ҳамсоягӣ ва ҳамватанӣ дорад. Ба забони тоҷикӣ дохил шудани калимаҳои қавмҳои туркзабон асрҳо боз давом дорад. Калимаҳои забонҳои туркӣ дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихии асри XI ва ҳатто хеле пештар аз он низ мушоҳида мешаванд. Маълум мешавад, ки ин процесс хеле барвақт сар шуда, дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои минбаъдаи халқҳоямон боз ҳам қувват гирифта будааст.

Дар адабиёти асрҳои XI—XII як қатор калимаҳои забонҳои туркӣ, аз қабили **хон, хоқон, тамго, илик, элхон** ва ғайраро дучор кардан мумкин аст. Масалан, истеъмол шудани ин қабил калимаҳои туркиро дар эҷодиёти Низомии Ганҷавӣ низ мушоҳида мекунем:

Хирадам **язак** фиристад ба висоқи хайлтошам,
Адабам тилоя дорад ба **ятоқу** посбонӣ.

Ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтани калимаҳои туркӣ дар асрҳои XIII—XIV аз пештара дида пурзӯртар мегардад, ки ин ҳолат ба қувват гирифтани муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании халқҳои ин сарзамин вобаста аст.

Намоёнтарин намунаи манбаъҳои таърихии ин давра — «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидиддини Фазлуллоро аз назар гузаронида, ба бисьёр калимаҳои туркӣ ва муғулӣ, аз қабили **оқо, ярок, қадоқ, қудо, анда, ярғу, қаровул, есо, ёсомиш** ва ғайра дучор мешавем, ки ҳолат, мафҳумҳои хешутаборӣ, мансабу мартаба, қонуну қоидаҳои давлатдории қавмҳои муғул ва туркнажодро ифода менамоянд. Истеъмол шудани калимаҳои туркиро дар эҷодиёти бузургтарин шоири ин замон Саъдии Шерозӣ низ дидан мумкин аст.

Биё, то дар ин шева **чолиш** кунем,
Сари хасмро санг болиш кунем.

Ё ки:

Саъдӣ дигар бор аз ватан азми сафар кардӣ чаро?
Аз дасти он турки хито **ярғу** ба **хоқон** мебарам.

Дар асарҳои таърихӣ, адабӣ, дидактикӣ ва ғайра истеъмол шудани **босқоқ** (амалдори ҳарбӣ дар лашкар), **ялвуч** (пешвои дин), **эл** (қавм), **тамға** барин калимаҳо ба ҳамин давра тааллуқ доранд.

Процесси ба забони якдигар гузаштани воҳидҳои луғавии тоҷикиву ӯзбекӣ, хусусан, аз давраи ташаккули адабиёти классикии ӯзбек ва вусъати робитаҳои эҷодии шоиру нависандагони ин ду халқ боз ҳам авҷ мегирад. Шароит ва муносибатҳои минбаъдаи таърихӣ низ ба ин процесс таъсири зӯр расониданд.

Аз ибтидои асри XVI сар карда халқҳои тоҷику ӯзбек дар як сарзамин дар вазъияти дӯстиву ҳамкорӣ умр ба сар бурда, муносибатҳои зичи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва адабӣ доштанд, ки ҳамаи ин ба забон бе таъсир намондааст. То Революцияи Кабири Социалистии Октябрь дар манбаъҳои хаттии забони тоҷикӣ истеъмоли як силсила калимаҳои ӯзбекӣ, аз қабили: **ӯрда, байрақ (байроқ), қаймоқ, элак, юриш, қӯшун, оқсаққол, бек, бегим, хоним, қӯшбегӣ, тӯра, элчӣ, қамчин, қашав, ялав, қишлоқ, яйлоқ, йӯрға** ва ғайра мушоҳида мешавад. Аз тарафи дигар, як гурӯҳ калимаҳои ӯзбекӣ, монанди: **чуқур, қизиқ, қудуқ, қуллуқ, қундоқ, бутун, йӯрма, қилиқ, қуроқ, ямоқ, қашқа, қапқон, қурут, экизак, эрка, қайроқ, қуюқ, қалин, ихчам** ва ғайра батадриҷ ба забони зиндаи гуфтугӯии халқ дохил шудаанд, ки баъдтар бештари онҳо ба забони адабӣ гузаштаанд. Ин хусусияти муҳимми иқтибоси калимаҳои ӯзбекӣ ба шумор меравад. Умумияти шароит ва дар бисьёр маҳалҳо дузабона будани аҳолӣ барои дар забонҳои якдигар аз худ шудан ва ба омма фаҳмо гардидани калимаҳо мусоидат кардааст. Масалан, калимаҳои **йигит, қилич, милтиқ, аралаш, бӯрдоқӣ, қавурма, қа-**

вурдоқ, йӯрға, аниқ, қимиз, ем, қутос, қавоқ, қош, келин, ирим, бой, бойбача, босмачӣ, қӯрбошӣ, оқподшоҳ ва ғайра пеш аз он ки дар осори хаттӣ қайд шаванд, дар забони халқ кор фармуда мешуданд. Аксари ин қабил калимаҳо ҳоло дар забони умумихалқии тоҷик васеъ истеъмол мешаванд.

Аз забони ӯзбекӣ ба воситаи манбаъҳои хаттӣ калимаҳо камтар қабул шудаанд. Аксари калимаҳои ӯзбекӣ, ки ба воситаи манбаъҳои хаттӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд, ҳоло ба архаизмҳо мансубанд. Тӯқсабо, қӯшбегӣ, оқоэшикбошӣ, лашкарбошӣ, тамға, ярлик, элчӣ, хон, хоқон, бек, чопар ва ғайра аз ҳамин қабил калимаҳоанд, ки онҳо дар адабиёти ҳозира фақат барои ифодаи воқеаҳои муҳити муайяни таърихӣ истеъмол мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, калимаҳои ӯзбекӣ дар давраҳои гуногуни ташаккули забони тоҷикӣ ҳам дар забони хаттӣ ва ҳам дар забони гуфтугӯӣ мувофиқи қонуну қоидаҳои дохилии забони тоҷикӣ истеъмол шуда, бо унсурҳои дигари луғавии он муносибатҳои гуногуни лексикӣ ва грамматикӣ пайдо намудаанд. Калимаҳои ӯзбекии ба тоҷикӣ дохилшуда ба воситаи унсурҳои лексикӣ-грамматикии дигар барои сохтани калимаҳои нав истифода мешаванд, бо гурӯҳҳои мухталифи лексикӣ дар муносибатҳои гуногуни маъноӣ воқеъ мегарданд. Масалан, калимаҳои қишлоқ, қаравул, қамчин бо калимаҳои тоҷикии деҳа, посбон, тозиёна дар муносибати синонимӣ воқеъ шуда бошанд, калимаи бой бо калимаи «камбағал»-и тоҷикӣ муносибати антонимӣ пайдо кардааст.

Дар ин гуна муносибатҳои маъноию лексикии калимаҳои иқтибосии ӯзбекӣ баъзе хусусиятҳои дигарро низ дидан мумкин аст. Албатта, баъзе калимаҳои ӯзбекӣ ба тоҷикӣ бо мафҳумҳои нав дохил шудаанд (қарокӯл, қимиз, тӯққуз ва ғайра). Як қатор калимаҳои иқтибосии ӯзбекӣ дар забони тоҷикӣ синонимҳои худро дошта бошанд ҳам, ин синонимҳо оҳиста-оҳиста аз истеъмол баромадаанд ва баъзе аз ин қабил синонимҳо архаизмҳои семантикиро ташкил намудаанд. Масалан, қамчин — тозиёна, узангу — рикоб, қайроқ — фасон, тӯй — сур ва ғайра. Баъзе калимаҳои иқтибосии ӯзбекӣ синонимҳои тоҷикӣ дошта бошанд ҳам, аз ҷиҳати ифоданокии конкретиашон фарқ мекунанд. Масалан, калимаҳои тоҷикии парда, шабнам, шодиёна аз як ҷиҳат бо калимаҳои ӯзбекии чимилиқ, қирав, севанчӣ синониманд, вале аз ҷиҳати конкрет будани маъноашон аз калимаҳои зикршудаи тоҷикӣ фарқ мекунанд.

Тамоман аз худ шуда рафтани калимаҳои иқтибосии ӯзбекиро ба воситаи аз назар гузарондани таркиботи як қатор ибора ва зарбулмасалу мақолҳо низ дарк намудан мумкин аст. Масалан, аспи қашқа; аспи калони тӯруқ; чакмани қоқма; давои қурут — оби ҷӯш; кӯҳро занад, талқон мекунад; сир бой надодан; ба аспи бад сад қамчин; ба оши тай-

ёр бакавул, баъд аз тӯй нагора; дуздро қарақчӣ задааст ва ғайра. Баъзе аз ин қабил ибора ва зарбулмасалу мақолҳо бо роҳи тарҷума ва калька ба забони тоҷикӣ дохил шуда бошанд ҳам, унсурҳои луғавии ӯзбекиашон нигоҳ дошта шудаанд ва онҳо тамоман аз худ шуда рафтаанд.

в) Лексикаи забони русӣ ва интернационалӣ, ки ба воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудааст

Дар забони тоҷикӣ кор фармуда шудани калимаҳои русӣ асосан пас аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна сар мешавад. Ин процесс дар натиҷаи барқарор шудани муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании халқҳои рус ва тоҷик вусъат пайдо мекунад. Дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX корҳои тиҷоратии Осиёи Миёна бо Россия авҷ мегиранд, якчанд корхонаҳои нав сохта шуда, дар соҳаи маорифу маданияти сарзамини мо, хусусан дар ҷойҳое, ки тарзи ҳукуматдории европоӣ ҷорӣ гашта буд, дигаргуниҳо ба миён меоянд. Ҳамчунин як силсила калимаҳои русӣ ва хориҷии русишуда ба забони асарҳои адабӣ ва таърихӣ роҳ меёбанд.

Дар асарҳои адабӣ ва таърихӣ кор фармудани калимаҳои русӣ аз Аҳмад Махдум сар шуда, бо инкишофи ҳаракати маорифпарварӣ ва демократӣ пурзӯр мегардад. Калимаҳои русӣ ва хориҷии русишуда дар осори пайравони Аҳмад Махдум сар шуда, бо инкишофи ҳаракати маорифпарварӣ ва демократӣ пурзӯр мегардад. Калимаҳои русӣ ва хориҷии русишуда дар осори пайравони Аҳмад Махдум — Мирзо Сироҷи Ҳаким, Асирӣ, Айнӣ ва ғайра истеъмол шудан мегиранд.

Зиндагӣ талаб мекард, ки навигариҳои ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва ғайра дар забон инъикос ёбанд. Барои ифодаи чизҳои наве, ки ба зиндагии халқи тоҷик дохил мешуд, материали луғавӣ лозим буд. Вале материали луғавии мавҷуда ин навигариҳоро айнан ифода карда наметавонист. Барои ин ки асли мафҳуми предмету ҳодисаҳои нави ҳаётиро фаҳму шуури одамон дуруст дарк намояд, табиати забон ҳамчун воситаи асосии мубодилаи афкор тақозо мекард, ки барои инъикосу ифодаи ҳодисаҳои нав калимаву ибораҳои худӣ ёфта шаванд, ё онҳо бо номҳои аслии дар забонҳои дигар мавҷуди худ мубодилаи мардумро таъмин карда тавонанд. Ин аст, ки чи дар забони хаттӣ ва чи дар забони гуфтугӯии халқи тоҷик истеъмоли калимаҳои русӣ ва ба воситаи он унсурҳои лексикаи интернационалӣ ҷорӣ мегардад. Ҳануз то солҳои революция дар забони тоҷикӣ уезд, пристав, волостной, император, губернатор, самовар, фонтан,

файтон, мошина, конка, театр, телефон, громофон, трамвай, завод, электрик, банк, почта барин калимаҳо истеъмол ёфта, бештарини онҳо ба қонуни фонетикии талаффузи онвақтаи тоҷикӣ дучор омада, дар шаклҳои маҳаллии худ корфармуда шудаанд. Масалан: конка — кӯнка, губернатор — губирнотур (гибирнот, губир), консул — кӯнсул, подрядчик — пудратчӣ, станция — истанса ва ғайра.

Дар ин маврид, аз як тараф, агар шакли маҳаллии талаффузи онҳо ба назар гирифта шуда бошад, аз тарафи дигар, хати арабӣ хусусиятҳои фонетикии ин қабил калимаҳоро дуруст инъикос кунонида натавонистаанд. Аз ин ҷост, ки дар адабиёту матбуоти он давра як қатор калимаҳои русӣ-интернационалӣ ба шаклҳои зерин сабт шудаанд: ӯтумӯбил (автомобиль), белат (билет), газита (газета), диплӯм (диплом), кулуб (клуб), компония — кумпония (компания), мағоза (магазин), пӯшта (почта) ва ғайра.

Як гурӯҳи калимаҳои русӣ-интернационалӣ баъдтар низ дар шакли ба талаффузи тоҷикӣ мувофиқ кунонидашуда ба забони адабӣ дохил гардидаанд: **самовор, фойтун, патнус, чойник, пудратчӣ, суғурта** ва ғайра.

Дар ин масъала муносибати бо забонҳои дигар ба воситаи забони ӯзбекӣ доштаи забони тоҷикиро низ ба назар гирифтан лозим аст. Масалан, ба забони тоҷикӣ талаффузи торӣ, туркӣ, озарбойҷонии онвақтаи як қатор калимаҳо, аз қабили **кунғира** (конгресс), **қумита** (комитет), **обуна** (аз abonne-и лотинӣ), **суғурта** (страхование) ба воситаи забони ӯзбекӣ гузашта, аз инҳо **обуна, суғурта** дар ҳамин шакл ба забони адабӣ дохил шудаанд.

Давраи советӣ марҳалаи нави ба забони тоҷикӣ дохил шудани калимаҳои русӣ ва интернационалӣ мебошад, ки дар масъалаи иқтибоси калимаҳои русӣ-интернационалӣ аз давраи пешазреволюционӣ ба куллӣ ва принципан фарқ мекунад. Дар ин давра аз забони русӣ ба забонҳои халқҳои Иттифоқи Советӣ, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ, махсусан калимаҳои ифодакунандаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти халқи советӣ бештар дохил шуда, бо роҳи калька аз худ кардани онҳо низ хеле авҷ мегирад. Аз забони русӣ ба забони халқҳои СССР асосан советизмҳо ва фонди асосии лексикаи интернационалӣ гузаштан мегиранд ва дар забонҳо тамоюли аз худ кардани лексикаи интернационалӣ пурзӯр мегардад.

Дар давраи советӣ таъсири байниҳамдигарии забонҳо ва аз ҳисоби якдигар бой гардидани онҳо озодона ва бо роҳи табиӣ давом мекунад ва муносибати озодонаи байниҳамдигарии забонҳо торафт инкишоф меёбад.

Умумияти ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании халқҳои Иттифоқи Советӣ воситаи асосии аз ҳисоби ҳамдигар бой гардидани забонҳои онҳо мебошад. Ба ҳаёти пурҷӯшу хурӯши халқҳои Иттифоқи Советӣ рӯз ба рӯз мафҳуму воситаҳои на-

ви зиндагӣ дохил мешаванд, ки забон низ барои ифодаву инъикоси онҳо калимаву ибораҳои мутобиқро қабул мекунад.

Забони русӣ инчунин забони робитаву ҳамкории байниҳамдигарии ҳамаи халқҳои мамлакатамон мебошад. Обрӯю эътибори забони русӣ ҳамчун яке аз забонҳои бонуфузи байналхалқӣ рӯз аз рӯз афзуда истодааст. Муваффақиятҳои халқҳои мамлакатамон, навигариҳои ҳаёти социалистии мо пеш аз ҳама дар забони русӣ инъикос меёбанд ва ба воситаи он дастраси ҳамаи забонҳои миллӣ мегарданд. Ин аст, ки муносибати бо забони русӣ доштаи забонҳои халқҳои бародари мамлакати мо яке аз воситаҳои қонунии тараққиёти имрӯзаи забонҳои миллии онҳо мебошад.

Муносибати байниҳамдигарии забонҳоро пеш аз ҳама таркиби луғавӣ муайян мекунад. Таркиби луғавии забони тоҷикӣ рӯз то рӯз аз ҳисоби лексикаи русӣ-интернационалӣ бой шуда истодааст. Вале ин бойшавӣ ба ҳамаи соҳаҳои лексикаи забони тоҷикӣ баробар тааллуқ надорад. Забон аз забонҳои дигар пеш аз ҳама калимаҳоеро қабул карда метавонад, ки ба онҳо зарурат ва эҳтиёҷ дошта бошад.

Калимаҳои иқтибосии русӣ-интернационалӣ дар қисмати лексикаи илмӣ, техникӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ, моддӣ-маишӣ ва топонимика бештар дида мешаванд. Масалан: 1. **Лексикаи иҷтимоӣ-сиёсӣ**: совет, бюро, социализм, депутат, агитатор, партия, коммунизм, пленум, митинг ва ғайра.

2. **Лексикаи маъмурӣ**: район, республика, директор, бухгалтер, ректор, анкета, орден, билет, паспорт ва ғайра.

3. **Лексикаи соҳаи хоҷагии қишлоқ**: колхоз, ферма, звено, правления, трактор, комбайн, сеялка, агротехника, канал, гидромелиорация, гидролог, агроном ва ғайра.

4. **Лексикаи соҳаи маориф ва маданият, санъат ва адабиёт**: педагог, парта, институт, техникум, семинар, доцент, профессор, декан, музей, клуб, цирк, театр, драма, жанр, роман, очерк, повесть, образ, фельетон ва ғайра.

5. **Лексикаи соҳаи илм ва техника**: формула, теория, гипотеза, оксиген, гидроген, азот, аспирин, пенициллин, счетчик, кнопка ва ғайра.

6. **Номҳои асбобҳои рӯзгор**: диван, термос, буфет, стол, сервант ва ғайра.

7. **Лексикаи соҳаи спорт**: волейбол, баскетбол, стадион, теннис, штанга, футбол ва ғайра.

8. **Лексикаи соҳаи саноати сабук ва хӯрокворӣ**: галстук, пальто, плащ, костюм, туфли, лимонад, гуляш, котлет ва ғайра.

9. **Лексикаи соҳаи нақлиёт, алоқа, молия ва иқтисодиёт**: автобус, автомобиль, такси, самолёт, троллейбус, почта, телефон, телеграф, аванс, бюҷет, баланс ва ғайра.

Иқтибоси калимаҳои русӣ-интернационалӣ дар марҳалаи

нави тараққиёти забони адабии тоҷик роли прогрессивӣ бозидааст. Калимаҳои русӣ-интернационалӣ на танҳо мафҳумҳои муайянро аниқу равшан ифода намуда, таркиби луғавии забонро бой ва пурмазмун гардонидаанд, балки дар шароити инкишофи ҳарҷонибаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва маданияти он барои ба вуҷуд овардан ва такмили терминологияи илмӣ-техникии забони тоҷикӣ низ васеъ истифода шудаанд. Иқтибоси калимаҳои русӣ-интернационалӣ барои тараққиёти минбаъдаи забони адабии тоҷик, барои боз ҳам такмил ёфта бой шудани таркиби луғавӣ минбаъд ҳам давом хоҳад кард.

ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимтарин мебошад. Забони халқи тоҷик забони миллии вай аст, ки дар натиҷаи пайваста ва муттасил аз худ кардани хусусиятҳои беҳтарини забони адабии давраи тоинқилобӣ ва забони зиндаи гуфтугӯии мардуми тоҷик таърихан ташаккул ёфтааст. Забони миллии тоҷик ҳамчун забони миллати социалистӣ рӯз то рӯз бой шуда, такмил ёфта, боз ҳам салис ва равону суфта шуда истодааст.

Забони тоҷикӣ аз рӯзҳои аввалини Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти меҳнатии халқи тоҷик, дар муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании он аз омилҳои асосии мубодилаи афкори ҷамъиятии ӯ буд. Халқи тоҷик дар замони советӣ, дар солҳои сохтмони ҷамъияти социалистӣ ба муваффақиятҳои дар таърих мислаш диданашуда соҳиб шуд. Тоҷикистон аз сарзамини аграрии қафомонда ба республикаи саноатӣ, дорои хоҷагии қишлоқи механиконидашуда, аҳолиаш сар то сар босавод ва маданӣ табдил ёфт.

Тараққиёти ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва адабию мадании халқи тоҷик роҳҳои инкишофи тадриҷӣ ва такмилу бойшавии забони адабии тоҷикро муайян намудаанд. Муваффақиятҳои ҳаёти иқтисодии халқи тоҷик, ривоҷу равнақи маданияти шаклан миллию мазмунан социалистии ӯ забони адабии тоҷикро ҳамчун воситаи асосии мубодилаи афкори халқи тоҷик чи дар шаклу мазмун ва чи дар миқдору сифат ба пояҳои баланди такомулоташ расониданд. Дар давраи советӣ ба забони тоҷикӣ адабиёти бадеии гуногунжанри баландмазмун, асарҳои илмӣ, техникӣ, сиёсӣ, назариявӣ ва ғайра тадриҷан ба вуҷуд оварда шуданд. Барои инкишофи забони тоҷик хусусан асарҳои сардафтари адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ роли ниҳоят бузург бозидаанд. Шоиру нависандагони советии тоҷик, аҳли илму адаб, тарҷумону муҳаррирҳо, матбуот ва ғайра дар ривоҷу равнақи забони

адабии тоҷик саҳми арзандае гузоштанд. Ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шудани асарҳои классикони марксизм-ленинизм, классикони адабиёти ҷаҳон, хусусан классикони адабиёти рус ва нависандагони адабиёти халқҳои бародари Иттифоқи Советӣ, асарҳои илмӣ-назариявӣ, сиёсӣ, таълимӣ ва ғайра барои инкишофу такмили минбаъдаи забони миллии тоҷик ёрии калон расонидаанд.

Шароити иҷтимоии нав, тарзи зиндагии социалистӣ муносибатҳои истеҳсолии коллективӣ, робитаҳои иқтисодиву мадании халқҳои мамлакатамон, ки Партияи Коммунистии пуршарафи мо заминаи реалии онро буньёд намуда буд, барои инкишоф ва ташаккули ақидаву ҷаҳонбинии нави мардуми мо роли ниҳоят бузург бозиданд. Ҳамаи ин вусъату ривоҷи забони миллии тоҷикро хеле тезониданд, барои боз ҳам такмил ёфтани таркиби луғавии он имкониятҳои калонро ба вуҷуд овардаанд.

Забони тоҷикӣ дар натиҷаи ҳаматарафа тараққӣ кардани соҳаҳои гуногуни саноат — металлургия, химия, машинасозӣ, электриконӣ, истеҳсоли маъданҳои гуногун, истеҳсоли молҳои саноати вазнин ва сабук, аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ташкилӣ инкишоф ёфта мустаҳкам гардидани хоҷагии зироат ва чорводорӣ, корҳои нақлиёт, савдо, тандурустӣ, маориф ва маданият, илму санъат ва ғайра ба бисьёр калимаву ибораҳои нав соҳиб шуд.

Инкишоф ва такмили забони тоҷикиро танҳо аз ҷиҳати миқдор афзудани калимаву ибораҳо муайян намекунанд. Боигарии забон ба бисьёрмаъноии калимаву ибораҳо, ба ҷиҳати фаровонии системаи маъноии онҳо низ вобаста аст.

Қисми зиёди калимаву ибораҳои тоҷикӣ сермаъно мебошанд. Бисьёр гурӯҳҳои лексикии забони тоҷикӣ дар давраи советӣ бо таъсири навигариҳои муҳиту шароит доираи семантикаи худро васеъ намуда, маъниву тобишҳои нав пайдо намудаанд.

Дар замони советӣ дар натиҷаи пурзӯршавии функцияи ҷамъиятии забони тоҷикӣ бисьёр воҳидҳои луғавӣ маъноҳои нави иловагӣ гирифтанд, серистеъмолии бисьёр калимаву ибораҳо доираи лексикаи забонро васеъ намуданд, барои ифодаи предмету ҳодисаву мафҳумҳои нав калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибҳои мухталифи зиёде ба вуҷуд омаданд. Дар ин асос ролу мавқеи унсуру воситаҳои калимасозии забони тоҷикӣ аз пештара дида хеле афзуд, доираи онҳо васеътар гашт.

Ба инкишофи таркиби луғавӣ ва сохти маъноии қабатҳои лексикӣ васеъ гаштани хусусиятҳои услубии забон низ таъсири бузург расонидааст. Тарзҳои махсуси истеъмоли гурӯҳҳои алоҳидаи лексикӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, илму маданият, матбуоту нашриёт, нақлиёту алоқа, идораву корҳои маъмурӣ ва ғайра ба ҷиҳатҳои услубии ин қабил гу-

рӯҳҳои лексикӣ ҳаматарафа таъсир расонида, ба ин восита услуби хоси забони соҳаҳои алоҳидаро ба миён оварданд.

Ба ҳамин тариқ, таркиби луғавии забони ҳозираи тоҷик аз ҳолати тореволюциониии худ аз бисьёр ҷиҳат ба куллӣ фарқ мекунад. Дар шароити социалистӣ забони миллии халқи тоҷик тараққиёти бузургеро аз сар гузаронд ва ҳартарафа такмил ёфт. Ин тараққиёт пеш аз ҳама дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ зоҳир гардид. Инкишофи таркиби луғавии забони тоҷикӣ имконият дод, ки фонди асосии луғавии он низ васеъ гардад ва ҳамчун яке аз манбаъҳои асосии мустақилияти забон барои боз ҳам тараққӣ намудани забони миллии тоҷик шароитҳои васеъ фароҳам оварад.

ФОНДИ АСОСӢ ВА ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ МИЛЛИИ ТОҶИК

Таркиби луғавии забон калимаҳои мавҷудаи ягон забони муайянро дар бар мегирад ва чигунагии ҳолати забонро дар худ инъикос менамояд. Таркиби луғавии забон тамоми тараққиёти таърихии аҳли ҷамъияти ба ин забон гуфтугӯкунандаро равшан месозад.

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо таърихи халқи тоҷик, бо роҳи ҳаёти вай, бо шароити зиндагии вай сахт алоқаманд аст. Ҳамаи калимаҳои забони тоҷикӣ, қатъи назар аз он ки маънои конкрет доранд ё абстракт, якмаъноанд ё сермаъно, умумианд ё маҳдуд, терминанд ё экспрессивӣ, архаистианд ё неологизм, ба таркиби луғавии он дохил мешаванд. Таркиби луғавии забон фонди асосии луғавиро низ дар бар мегирад. Муайян намудани фарқи фонди асосӣ ва таркиби луғавии забон, бо аломатҳои фарқкунанда таъин намудани ҳудуди фонди асосӣ аз таркиби луғавии забон масъалаи баҳсталабест, ки бисьёр олимони забоншинос солҳои дароз бо ин масъала машғул шуда омадаанд. Баъзе олимони забоншинос устувории нисбии як қатор калимаҳоро ба назар гирифта, ҳудуди байни фонди асосӣ ва таркиби луғавиро муайян карданӣ шуданд ва баъзеи дигар нишонаву аломатҳои дигарро низ пешниҳод карданд. Ба таври қатъӣ ва аниқ муайян карда натавонистани ҳудуди фонди асосӣ нисбат ба ногузирии масъалаи фарқ кардани ҳудуди фонди асосии луғавӣ баъзе муносибатҳои нобоваро низ ба миён овард, як қатор олимон дар лексика ҳеҷ гуна устувориро надида, онро умуман тағьирёбанда пиндоштанд.[1] Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар як қатор китобҳои дарсии солҳои охир доир ба масъалаи таъини ҳудуди фонди асосии луғавӣ, аломат ва хусусиятҳои он таваққуф намудаанд.

[1] *Нигр.* И. В. Арнольд. Лексикология современного английского языка, М, 1959, стр. 311, 316.

Қисми устувори лексикаи забон фонди асосии луғавиро ташкил медиҳад. Манбаи фонди асосии луғавӣ аз калимаҳои решагӣ иборат аст. Калимаҳои решагӣ барои сохтани калимаҳои нав, барои ҳосил шудани калимаву маъноҳои муштақ ҳамчун сарчашмаи асосӣ хизмат мекунанд. **Сар, чашм, пой, даст, лаб, забон, санг, замин, осмон, нон, орд, асп, кор, роҳ, сафед, сиёҳ, сурх, калон, рафт, омад, дарав, шудгор, кам, пеш, пур, пок** ва ғайра калимаҳоеанд, ки дар хазинаи фонди асосии забони умумихалқии тоҷик муддатҳои дароз дар истеъмол буда, устувору барқарор мондаанд ва барои сохтани воҳидҳои луғавии фаровон истифода шудаанд: **сарак, сарандоз, саранҷом, сарафроз, сараъзо, сарбаланд, сарбанд, сарбоз, сарвар, саргарм, саргузашт, сардафтар, сардор, сарзамин, сарзаниш, сармоя, сарнавишт** ва ғайра; **сангзор, санглох, сангпушт, сангреза, сангтарош** ва ғайра; **нонвой, нонпаз, нонхӯр** ва ғайра; **говдил, говдӯш, говзӯр, говмеш, говрон** ва ғайра; **коранда, коргар, коргоҳ, коргузор, кордон, корнамо, корпарто, корхона** ва ғайра; **сурхак, сурхпӯст, сурхранг, сурхча, сурхӣ** ва ғайра; **камбаҳо, камбар, камбориш, камвазн, камгап, камдошт, камтираж** ва ғайра; **пуравҷ, пурбаҳо, пургӯй, пурдил, пуркор, пуркунанда, пурмазмун, пурмаъно, пурнур, пуроб, пурхӯр, пурчин** ва ғайра.

Ҳудуди фонди асосии луғавӣ характери нисбӣ дорад, зеро элементҳои лексика, доираҳои алоҳидаи он умуман дар тараққиёти доимианд. Гурӯҳҳои лексикӣ аз рӯи суръати тараққиёти худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Одатан доираи фонди асосиро аз рӯи хусусиятҳои устуворӣ, решагӣ, ҳамафаҳмӣ (умумихалқӣ) ва қобилияти калимасозии воҳидҳои нутқ муайян менамоянд. Вале ба тараққиёти таърихии воҳидҳои нутқ амиқтар нигарем, як қатор ихтилофҳо паи ҳам дучор шудан мегиранд. Масалан, ҳамаи калимаҳои решагӣ ба як андоза ба хусусияти устуворӣ соҳиб нестанд. Ба бисьёр калимаҳои решагӣ ва аслӣ дучор шудан мумкин аст, ки мавқудияти худро дар забон кайҳо гум кардаанд ва аз тарафи дигар бисьёр калимаҳои аз забонҳои дигар дохилшуда мавқуданд, ки устувору пойдор боқӣ мондаанд, ҳамафаҳманд ва қобилияти калимасозӣ доранд.

Ба ҳамин тариқ, калимаҳое, ки ба фонди асосии луғавии забон тааллуқ доранд, нисбат ба калимаҳои дигар аз ҷиҳати устуворӣ, умумифаҳмӣ ва қобилияти калимасозӣ доштанашон каму беш фарқ мекунанд ва ба баъзе нишонаҳои дигари зер низ соҳибанд. Қисми зиёди калимаҳои фонди асосии луғавӣ аз калимаҳои якҳиҷоғӣ ва камҳиҷоғӣ иборатанд: сар, чашм, пой, даст, сурх, сиёҳ, пур, пок, рафт, омад, пас, пеш ва ғайра. Роли фонди асосии луғавӣ дар ифодаи алоқаи коммуникативии мафҳумҳо назар ба воҳидҳои дигари луғавӣ бузургтар аст. Ин калимаҳо вобаста ба ин гуна хусусияташон дар забон **бештар истеъмол** мешаванд ва бо

вусъати **доираи истеъмолии худ** фарқ мекунанд. Сериетеъмол будани калима хусусияти **сермаъноии онро** низ ба миён меорад. Сериетеъмолии калима васеъ шудани доираи маънои онро таъмин менамояд. Сермаъной дар навбати худ имконият медиҳад, ки калима барои сохтани калимаву ибораҳои нав васеъ истифода бурда шавад ва ин амалиёт ба ҳаҷми маънои калима таъсир мерасонад. Ҳамафаҳм будани воҳиди луғавӣ имконият медиҳад, ки калима **услубан бетараф** бошад, яъне дар айни муддат барои ифодаи предмету мафҳумҳои хоси гурӯҳҳои муайян тобеъ нашуда бошад. Калимаҳое, ки предмету воситаҳои касбу ҳунар, илму санъат ва ғайраро ифода мекунанд, бештар дар доираи гурӯҳҳои мансуби худ истеъмол ёфта, барои ҳамон гурӯҳҳо фаҳмо ва дастрасанд ва аз ин ҷиҳат аз калимаҳои оммафаҳми серистеъмол фарқ мекунанд.

КАЛИМАҲОИ СЕРМАҲСУЛ ВА КАММАҲСУЛИ ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

Забон ҳамеша дар тараққиёт аст. Дар забон тадриҷан калимаҳои нав пайдо мешаванд; баъзе калимаҳо оҳиста-оҳиста кӯҳна шуда, камтар кор фармуда мешаванд, билохира аз байн мераванд. Ин тағйирот на фақат ба худи калимаҳо, балки ба маънои онҳо низ хос аст. Баъзе калимаҳо оҳиста-оҳиста маънои нав гирифта, маънои мавҷудаи худро гум мекунанд ва қисми дигари калимаҳо аз маъноҳои ҷудогонаи худ маҳрум мешаванд, ё баръакс маъноҳои нави иловагӣ мегиранд. Ин процесс тадриҷан ба амал меояд. Дар натиҷа калимаҳо аз ҷиҳати истеъмол хусусияти замонавӣ пайдо мекунанд, яъне дар марҳалаи муайяни тараққиёти забон ё серистеъмол мешаванд ё камистеъмол. Аммо калимаҳои камистеъмол якбора аз байн нарафта, процесси дуру дарозро тай менамоянд, бо калимаҳои серистеъмол муддати тӯлонӣ боқӣ монда метавонанд. Аз тарафи дигар, дар забон калимаҳо ва маънои нави калимаҳо низ пайдо шуда меистанд. Ин гуна калимаҳо ва маънои нави калимаҳо якбора умумӣ шуда наметавонанд ва аз ин ҷиҳат дар таҷрибаи ҳаррӯзаи зиндагӣ бо калимаҳои дигари умумишудаи оммафаҳми забон ба як андоза истеъмол ва истифода намешаванд. Аз ин ҷост, ки дар забон калимаҳои оммафаҳми серистеъмол аз калимаҳои аз ҷиҳати кӯҳнагӣ ё навӣ камистеъмол фарқ мекунанд. Калимаҳои серистеъмол, ки дар гуфтугӯи мардум ҳамеша истифода шуда, оммафаҳманд, гурӯҳи актив ва калимаҳои камистеъмол, ки кӯҳна буданашон ҳис карда мешавад ё аз сабаби навии худ ҳанӯз умумӣ нашудаанд ва ба истифодаи ҳаррӯзаи мардум дохил нагаштаанд, гурӯҳи пассивро ташкил менамоянд. Оммафаҳмӣ ва дараҷаи истеъмоли калима

ба маҳсулнокии он таъсир мерасонад. Вале активӣ ё серистеъмолии калимаҳо фақат бо дараҷа ё суръати истеъмоли онҳо муайян намешавад. Ҳамчунин калимаҳое, ки дар доираи забони умумихалқӣ ҳудуди истеъмолашон танг аст (терминҳо, профессионализмҳо, калимаҳои таъсирбахш), ба луғатҳои актив дохил мешаванд. Ин қабил калимаҳо, қатъи назар аз он ки аз тарафи намояндагони дигар соҳаҳо истеъмол мешавад ё не, фаҳмоанд ё ҳанӯз номаълум, дар доираи худ истеъмол меёбанд, дар мубодилаанд ва воситаву омилҳои лексикии забони ҳозира ба шумор мераванд.

ЛЕКСИКАИ КӮҲНАШУДА

Дар забони тоҷикӣ калимаҳое, ки аз ҷиҳати хусусияти замонии худ аз дигар гурӯҳҳои лексикӣ, масалан, аз калимаҳои умумии серистеъмоли ҳозиразамон фарқ мекунанд, хеле бисьёранд. Як гурӯҳи ин қабил калимаҳоро лексикаи таърихӣ (историзмҳо — аз калимаи юнонии historia — таҳқиқот, тадқиқот) ташкил мекунад. Калимаҳои таърихӣ предмету мафҳумҳоеро ифода менамоянд, ки манбаи материалии онҳо кайҳо барҳам хӯрдааст. Калимаҳои таърихӣ дар забони ҳозира синоним надоранд, онҳо барои ифодаи воқеияти гузашта истифода бурда мешаванд. Масалан, **додхоҳ, асас, миршаб, қозӣ, мулозим, амир, ҳоким, иноқ, мирзо, парвоначӣ, амин, амлокдор, корвонбошӣ, аълам, ағолук, дорға, бий, чорьяккор, батрак, дарвеш, иқтоъ, вақф, закот, зиндон, қозихона, манҷаниқ, хирқа, далқ, бунак** ва ғайра.

Чи тавре ки мебинем, ин калимаҳо мансабу вазифа, предметҳои гуногун ва воситаву муносибатҳоеро ифода мекунанд, ки ба замонҳои гузашта тааллуқ доранд.

Воҳидҳои таърихӣ аз ҷиҳати шакл ду хел мешаванд: калимаҳои таърихӣ ва ибораҳои таърихӣ. Ибораҳои таърихӣ назар ба калимаҳои таърихӣ миқдоран каманд: **хатти барот, ясавули уламо, вақфи авлод, ҳуҷраи орияти** ва монанди инҳо.

Воҳидҳои луғавии таърихиро аз ҷиҳати маъно низ аз ҳамдигар фарқ кардан мумкин аст. **Миршаб, қозӣ, иқтоъ, вақф** барин воҳидҳо калимаҳои таърихии луғавианд, зеро дар маънои онҳо тағьироти ҷиддие ба вуҷуд наомада, дар ҳолати моносемантикии худ боқӣ мондаанд. **Раис, парвона, сарой** барин воҳидҳо калимаҳои таърихии семантикианд, зеро ин калимаҳо фақат ба маънои пештараашон (раис — навъе аз мансаб, парвона — фармони подшоҳ, сарой — дар ибораи **сарои хон**) калимаҳои таърихӣ шуда метавонанд.

Баъзе калимаҳои таърихӣ ба сифати номи шахс ва мавқеъҳои ҷуғрофӣ боқӣ мондаанд. Калимаҳои таърихиро дар байни калимаҳои мураккаб ва ибораву мақолу зарбулма-

салҳо низ дучор кардан мумкин аст. Масалан: Шароби муфтро **қозӣ** ҳам мехӯрад; **Шайхро** ҳунар нест, **хонақоҳ** танг аст; Худам **подшоҳу** (ҳокиму) табъам вазир; **Шароби анта-ҳур** (вайроншудаи **шаробан таҳуро**).

Гурӯҳи дигари лексикаи кӯҳнашударо **архаизмҳо** (аз калимаи юнонӣ archaios — қадима) ташкил медиҳанд. Архаизмҳо калимаҳои кӯҳнашудаанд ва аз ин ҷиҳат дар забон камистеъмоланд ё кор фармуда намешаванд. Архаизмҳо дар натиҷаи танг кардан ё ҷои воҳидҳои луғавии кӯҳна шуда истодаро гирифтани воҳидҳои луғавии дигар пайдо мешаванд. Воҳидҳои луғавии нав ҳамон мафҳуму предмету ҳодисаҳоро ба тадриҷ ифода мекунанд, ки пештар ин мафҳуму предмету ҳодисаҳоро калимаҳои мавҷудаи дигари забон ифода мекарданд. Аз ин ҷиҳат архаизмҳо аз калимаҳои таърихӣ, ки фақат воқеияти замони гузаштаро ифода мекунанд, ба куллӣ фарқ доранд. Архаизмҳо ба забони ҳозира аз ҷиҳати маъно муносибати махсус доранд, яъне ба воситаи калимаҳои синонимии худ, ки мавқеи архаизмҳоро ишғол кардаанд, муайян мешаванд. Дар ҷараёни нутқ шинохтани калимаҳои таърихӣ чандон душвор нест, зеро онҳо танҳо барои зарурати номбар намудани воқеияти гузашта истифода мешаванд. Архаизмҳо бошанд, ҷои худро ба калимаҳои дигар додаанд ва аз ин ҷиҳат муайян намудани хусусияти онҳо, ки дар натиҷаи тангшавии мавқеъ ба гурӯҳи пассиви лексика гузаштаанд ва бо муродифҳои худ муносибати маъной пайдо намудаанд, басе душвор аст. Масалан, **падруд** — видоъ, **пижӯҳиш** — пурсиш, ҷустуҷӯ, **пайк** — қосид, **диж** — қалъа, **дуда** — хонадон, **обистан** — ҳомила, **кашоварз** — деҳқон, қеҳ — хурд, **маниш** — табиат, хислат, **азл** — бекоркунӣ, **авранг**— тахт, **ангубин** — асал, **гом** — қадам, **оҳехтан** — луч кардан, бараҳна намудан, **сигол** — андеша, фикр, **озарм** — шарм, **андарз** — насиҳат, **гароидан** — хостан, **гурд** — паҳлавон, **дирафш** — байрақ, **дуруд** — салом, **фасон** — қайроқ, **жарф** — чуқур, **басич** — омода, **ҳилидан** — гузоштан, **эшон** — онҳо ва ғайра.

Хусусияти маъноии архаизмҳо умуман ба воситаи калимаҳои муродифи онҳо муайян карда мешавад. Архаизмҳое, ки нисбат ба муродифҳояшон (яъне калимаҳое, ки онҳоро танг карда ба гурӯҳи пассиви лексика дохил кунонидаанд) тамоман шакли дигар доранд, **архаизмҳои лексикӣ** ё **калимагӣ** номида мешаванд.

Архаизмҳои номбаршуда ҳамин қабил архаизмҳоанд. Байни ин гурӯҳи **архаизмҳо** баъзе воҳидҳоро дучор кардан мумкин аст, ки аз ҷиҳати сохт бо муродифҳои худ ҳамреша-анд, вале бо баъзе тағъироти овозӣ фарқ мекунанд. Масалан, **шубон** — чӯпон, **шиёр** — шудгор, **хунб** — хум, **хвондан** — хондан, **сунб** — сум. Ин гуна архаизмҳо **архаизмҳои лексикӣ-фонетикӣ** ном доранд.

Архаизмҳо дар натиҷаи кӯҳна шудани ягон маъноӣ калимаи сермаъно ва ба ҷои он маъно серистеъмол шудани калимаи дигар низ пайдо мешаванд. Ин ҳодиса хусусан дар забони адабиёти классикии тоҷик бештар мушоҳида мешавад.

Масалан, калимаи **фароз** ба маънии кушода ва баста, ёл ба маънии мӯйҳои гардани хару асп ва монанди ин, ҳамчунин ба маънии гардан ва бозу истеъмол шудааст. Дар натиҷаи ба ҷои маъноҳои дуюми ин калимаҳо ба тадриҷ серистеъмол шудани муродифҳои онҳо ин маъноҳо ба архаизм табдил ёфтаанд. Ҷараёни инкишоф ва тангшавии доираи маъноии калимаҳо, ки қисман ба ҳодисаи архаизм дахл дорад, хеле мураккаб аст. Душвор аст гӯем, ки як қатор калимаҳои сермаънои архаизмшуда умӯман сермаъноянд, ё **дар натиҷаи маънои дигар** пайдо кардан маънои мавҷудаашон кӯҳна шуда ба архаизм табдил ёфтааст ё таври дигар.

Дар доираи маънои калима мушоҳида кардани ҳам маънои кӯҳна ва маънои нави калимаи сермаъноро ва аз ҷумла яке аз маъноҳоро архаизм меномем ё таври дигар — масъалаест, ки тадқиқоти амиқи лингвистӣ мехоҳад. Масалан, калимаи **поварақ** дар адабиёти асри XVIII ба маънои калимаи аввали саҳифаи якуми варақи сонӣ, ки дар поёни саҳифаи дуюми варақи аввал навишта мешуд, истеъмол ёфтааст. Дар дастнависҳои пешина ин калима дар охири варақ барои мураттаб нигоҳ доштани варақҳои китобҳо, ки рақами саҳифаҳои онҳоро намегузоштанд, навишта мешуд. Масалан, соҳиби луғати «Чароғи Ҳидоят» (асри XVIII) барои тасдиқи маънои ин калима байти зеринро аз шеъри Туғро овардааст:

Гӯшагир авроқи гардунро бувад чун **поварақ**,
Поварақ созад дуруст авроқро чун абтар аст.

Ҳоло **поварақ** ба маънии қайду эзоҳҳои поёни саҳифа, ки ба матни асосӣ бо ягон сабаб дахл дорад, истеъмол мегардад. Дар истилоҳи китобнависии пештара ин мафҳум низ ба воситаи маънои «ҳошия» ифода мегардад. Ба ҳамин тариқ, маънои аввалаи **поварақ** ҳоло кӯҳна шуда, ин калима ба маънои нав истеъмол шуда истодааст. Ҳамин навъ маънои пештараи калимаҳои **коргар** — муассир, асаркунанда, **ҷома** — ҳар матои нодӯхта ҳоло ба маънои архаистӣ табдил ёфтаанд. Ин гуна маъноҳои кӯҳнашудаи калимаҳои сермаъно **архаизмҳои семантикӣ ё маъноӣ** номида мешаванд.

Чи тавре ки мебинем, архаизмҳо бо роҳҳои гуногун пайдо мешаванд. Ягон мафҳум, предмет ё амал барои ифода дар забон якчанд синоним дошта метавонад, вале дараҷаи истеъмоли ин синонимҳо як хел набуда, аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар натиҷа яке ҷои дигареро гирифта, доираи истеъмо-

ли онро танг кардан мегирад ва дуюмӣ ба архаизм табдил меёбад. Архаизмҳо дар асоси аз забонҳои дигар гузаштани калимаҳо, ки дар забони худӣ ба пайдо шудани синонимҳо сабаб мешаванд, низ ба вуҷуд меоянд. Мавриди ба як маъно каму бисьёр истеъмол шудани ин гуна калимаҳои синонимӣ яке ҷои худро ба дуюмӣ дода ба архаизм мегузарад. Ҳолати дигари пайдоиши архаизм ба ягон маънои калимаи сермаъно мувофиқ омадани маънои калимаи дигар аст, ки дар натиҷаи серистеъмолии он ҳамон маънои калимаи сермаъно ба архаизм мубаддал мегардад.

Дар қатори лексикаи кӯҳнашуда инчунин бисьёр калимаҳоро дидан мумкин аст, ки хоси замонҳои гузашта буда, маънову мафҳумҳои дар муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии ҳамон замон ташаккулёфтаро ифода менамоянд. Масалан, **фуқаро, авом, камина, махдум, арбоб, асилзода, валиаҳд, малик-уш-шуаро, мавлавӣ, мавлоно, мавло, бибиотун, бибихалифа, азозил, аллоф, баққол, ирим, кобин, маҳр, боҷ, кафсан, дайр, гӯлах, бақар, бозоргон** ва ғайра осори кӯҳнагӣ доранд ва ба гурӯҳи пассиви лексика мансубанд.

Дар истеъмол ва муносибатҳои ин гуна калимаҳо ҳодисаҳои дигарро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Баъзан калимаи архаизм аз нав серистеъмол шуда, хусусияти архаистии худро гум мекунад. Ҳамин ҳолатро дар мисоли баъзе калимаҳои тоҷикӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, **модарандар** дар қадим низ дар забон истеъмол мешуд, ки далели он байти устод Рӯдакист:

Ҷаҳоно, чӣ бинӣ ту аз бачагон,
Ки гоҳ модарӣ, гоҳ **модарандарӣ.**

Ин калима дар баъзе лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ дар шакли **моиндар** (инчунин **падарандар** — пияндар) боқӣ мондааст. То ҳол барои ифодаи мафҳуми модари ғайрихудӣ калимаи иқтибосии ӯгайро истифода карда, таркиби **модари ӯгайро** кор мефармуданд. Ҳоло ба ҷои модари ӯгай аз сари нав **модарандар** истеъмол шуда истодааст, вале **андар** бо ҳамаи калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ калима сохта, ҷои калимаи **ӯгайро** гирифта наметавонад. Масалан, барои ифодаи мафҳуми фарзанди ғайрихудӣ таркиби **фарзанди ӯгайро** истеъмол намудан лозим меояд.

Мисоли ҳамин барои ифодаи замонҳои гузаштаи хеле дур бештар калимаҳои **қадим, қадимӣ, антиқ** истеъмол мешуд ва калимаи **бостон** ба ин маънӣ камистеъмол буд. Ҳоло барои ифодаи ин мафҳум калимаи **бостон** бештар истеъмол шуда истодааст. Бештар истеъмол шудани ин қабил калимаҳо мумкин аст онҳоро аз доираи архаистӣ берун барорад, вале ин гуна ҳодиса ба тараққиёти объективии забон, ба шароити дохилӣ ва вазифаи ҷамъиятии он такья мекунад. Дар ин

масъала берун аз имконияти забон кӯшиш намудан натиҷае бахшида наметавонад. Масалан, ба гумон аст, ки ҷои калимаи ҳамафаҳми **ватан**-ро калимаи архаистии **меҳан** гирифта тавонад.

НЕОЛОГИЗМҲО (КАЛИМАҲОИ НАВ)

Ҳар як предмет, мафҳум ё ҳодисаи нав ба воситаи калимаву ибораҳои нав ном бурда мешавад. Калимаву ибораҳои нав, ки мафҳумҳои навро ифода менамоянд, якбора умумият пайдо намекунанд, балки ба тадриҷ, дар натиҷаи ба истеъмол дохил шудан барои умум шинос ва маълум мегарданд. Яъне калимаҳо дар ягон фосилаи вақту замон дар байни дигар гурӯҳҳои лексикӣ хусусияту нишонаҳои навӣ ё тозагиро дар худ нигоҳ медоранд. Ин ҳолат то умумӣ шудани онҳо боқӣ мемонад. Умумият пайдо намудани калимаҳо нисбатан гуногун аст, яке зудтар хусусияти неологизмии худро гум кунад, дигаре дертар ва сеюмӣ мумкин аст, умумият пайдо накарда, дар ҳолати неологизмии худ боқӣ монад. Ба ҳамин тариқ, ҳар як калима, ки осори навӣ ва тозагӣ дошта бошад, **неологизм** (аз калимаи юнонии neos — нав + logos — мафҳум) номида мешавад.

Неологизмҳо аз рӯи эҳтиёҷ ва дар асоси қонуну қоидаҳои лексикӣ-грамматикии забон пайдо мешаванд. Ҳар як неологизме, ки ин хусусиятро надорад ва қобили умумишавӣ нест, дер боқӣ монда наметавонад. Неологизмҳо дар ибтидо хоси нутқи индивидуалӣ мебошанд ва дар даврaҳои минбаъдаи мавҷудияти худ ба неологизми умумизабонӣ табдил ёфта, агар қобилияти умумишавӣ пайдо карда тавонанд, ба қатори лексикаи муқаррарии замонавӣ дохил мешаванд.

Вале ҳар як калимаи навро неологизм ҳисобидан мумкин нест. Калимаҳое мавҷуданд, ки нисбат ба замони пайдошавӣ калимаҳои наванд, вале неологизм нестанд. Онҳо дар натиҷаи умумият пайдо кардан ва серистеъмол гаштан хусусиятҳои хоси услубии худро гум карда, ба гурӯҳи активи лексика дохил шудаанд. Масалан, **телевизор, асфалт, автомат, троллейбус** барин калимаҳо нисбат ба замони пайдошуда нашон калимаҳои наванд, вале дар забон серистеъмоланд ва неологизм нестанд. Пас, ҳар як марҳалаи тараққиёти забон ба неологизмҳо соҳиб мешавад, ки дар марҳалаҳои минбаъдаи он аллакай неологизм ҳисоб намеёбанд. Аз ин сабаб неологизмро мафҳуми нисбӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ ба забони тоҷикӣ **колхоз, комсомол, трактор, плуг** барин калимаҳо дохил шуданд ва зуд аз худ шуда, ҳамчун воҳидҳои луғавии гурӯҳи активи лексика истеъмол ёфтанд. Пас, калимаҳо метавонанд зуд аз ҳолати неологизмӣ бароянд ва баръакс муддатҳои дароз ҳам-

чун неологизм боқӣ монанд. Аз ҳолати неологизмӣ зудтар баромада ба гурӯҳи активи лексика дохил шудан бештар ба неологизмҳои умумизабонӣ хос аст. Неологизмҳои нутқи индивидуалӣ ё номинативӣ — услубӣ ба гурӯҳи активи лексика хеле оҳиста мегузаранд ва дар ҳолати неологизмӣ дер боқӣ мемонанд ва мумкин аст ба гурӯҳи активи лексика ҳеҷ нагузаранд. Ин гуна неологизмҳо, ки бештар хоси забони асарҳои бадеианд, аксар дар ҳамин доира боқӣ мемонанд. Масалан, калимаҳои сохтаи **палавидан, чалавидан** ва ғайра аз доираи эҷодиёти худи Савдо берун намебароянд ва калимаҳои **тӯдакаш, кафанкашола, дангалхоб** ва ғайраи эҷодиёти Раҳим Ҷалил хоси забони асари бадеӣ буда, дар ҳамин доира маҳдуд мешаванд.

Неологизмҳо аз рӯи эҳтиёҷ бо ду роҳ пайдо мешаванд:

1. Барои номбар намудани предмет, ҳодиса ва сифатҳои нави воқеият, ки дар ин сурат вазифаи махсуси номинативиро иҷро менамоянд. Масалан, **космодром, беконфликтӣ** (термини адабӣ), **заминҳои навкорам, радифи маснӯъ, бисьёрсерия, васеъэкран, бисьёрҳазоркилочӣ, Бригадаи меҳнати коммунистӣ, усули чоркунҷаи тоқа-тоқашинонӣ, мавҷи зарбазананда** ва ғайра.

2. Барои аз нав номбар намудани предмет, ҳодиса ва сифатҳои воқеият, ки пеш аз ин ҳам дар забон ном доштанд. Дар ин маврид дар қатори номҳои мавҷудаи ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ номҳои дигар, яъне синонимияи онҳо пайдо мешавад. Масалан, аскар — **солдат**; сипоҳ, лашкар — **армия**; сурат — **фотокарточка**; дорухона — **аптека**; созиш — **блок**; достон — **поэма**; самолёт — **тайёра** ва ғайра.

Ин қабил неологизмҳо нисбат ба маънои синонимҳои худ бо як навъ тобиши маъноӣ фарқ мекунанд, яъне маънои онҳо нисбатан конкреттар аст. Масалан, калимаҳои солдат, армия, аптека маъноҳои ҳозиразамонро ифода кунанд, маънои фотокарточка аз маънои сурат, ки синоними **расм** аст, аниқтар аст, блок на ҳамаи созишҳоро, балки созиши сиёсии байни гурӯҳҳои муайяни ҷамъиятиро ифода менамояд. Монанди ҳамин поэма нисбат ба **достон** маънои васеътар ва тайёра бошад, нисбат ба **самолёт** бештар ба нутқи индивидуалӣ хос аст ва барои ҳама фаҳмо нест.

Дар забон баъзе калимаҳо низ пайдо мешаванд, ки ҳамчун неологизм на танҳо умумият пайдо карда, баъдтар аз ин доира берун мешаванд, балки ин марҳалаи тараққиётро тай накарда, ба қатори калимаҳои кӯҳнашуда дохил шуда мемонанд. Сабаби ин ҳамон хусусияти мафҳумҳои воқеияти объективиро дуруст инъикос кунонида натавонистани ин калимаҳо мебошад. Масалан, дар солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ **иштирокиюн, фирқа, шӯро** барин калимаҳо пайдо шуданд, ки мафҳумҳои муайяни воқеияти объективиро айнан ифода карда натавонистанд ва зуд ҷои худро ба кали-

маҳои дигари мувофиқ доданд ва ба қатори калимаҳои кӯҳнашуда дохил шуданд.

Хусусияти бисьёрмаъноӣ ба калимаҳои неологизм низ хос аст. Баъзан калимаҳои моносемантикӣ маънои нав мегиранд ва нисбат ба ҳамин маънои нави худ неологизм мешаванд. Масалан, дар солҳои муборизаи синфӣ **унсур, майлон** барин калимаҳо, ки пештар маънои муайян доштанд, фард ё гурӯҳҳои ба синфҳои азбайнраванда хосро ифода мекардагӣ шуданд ва ин ғуна маънои онҳо нисбат ба маънои пештараашон неологизмро ба миён оварда.

ЛЕКСИКАИ УМУМИХАЛҚӢ, ШЕВАГӢ ВА СОҲАВИЮ КАСБӢ

Ҳамаи калимаҳои забони тоҷикӣ, қатъи назар аз доираи истеъмоли онҳо, лексикаи забони миллии тоҷикро ташкил медиҳанд. Вале калимаҳо аз ҷиҳати доираи истеъмол аз ҳамдигар тафовут доранд ва гурӯҳҳои махсус бо хусусиятҳои истеъмолиашон ҳам фарқ мекунанд.

Луғати ҳар як забон вобаста ба доираи истеъмол ба лексикаи умумихалқӣ, лексикаи шеваги ва лексикаи касбу кор ҷудо мешавад.

Қисми асосӣ ва муҳимми захираи луғавии забон аз лексикаи умумихалқӣ иборат аст, ки барои ҳамаи одамони ба ҳамин забон гуфтугӯкунанда фаҳмо буда, аз тарафи онҳо каму беш истеъмол мешавад. **Лексикаи умумихалқӣ** боигарии асосии забони миллӣ, воситаи **мубодилаи** афкори ин забон аст, ки тараққию инкишофи минбаъдаи онро низ таъмин менамояд. Доираи лексикаи умумихалқӣ хеле васеъ аст; лексикаи умумихалқӣ калимаҳои ҳамаи ҳиссаҳои нутқро дар бар мегирад; қариб ҳамаи калимаҳои ин гурӯҳ дар истеъмол устуворанд ва дар ҳамаи услубҳои нутқ (услуби илмӣ, бадеӣ, маъмурӣ-идоравӣ ва ғайра) истифода мешаванд. Вале мафҳуми умумихалқиро бо мафҳумҳои умумифаҳмӣ ва умумиистеъмолӣ омехтан дуруст нест. Калимаҳое мавҷуданд, ки ба ягон шева ё соҳаи ҷудогонаи фаъолияти меҳнатии ин ё он гурӯҳ мансуб нестанд ва калимаҳое ҳастанд, ки нисбат ба маълумот ва дараҷаи маданияти одамон камтар истеъмол мешаванд, вале ба лексикаи умумихалқӣ дохиланд. Масалан, калимаҳоеро дучор кардан мумкин аст, ки оммафаҳманд, вале вобаста ба маънии дағал ва номатлубашон аз тарафи ҳама, масалан аз тарафи одамони маданӣ, истеъмол намеёбанд. Аз тарафи дигар, **координация, амният** барин калимаҳо мавҷуданд, ки на танҳо серистеъмол, балки барои ҳама ба як андоза фаҳмо нестанд. Ин гуна калимаҳо азбаски бо доираи истеъмоли гурӯҳҳои муайян ва ё бо территорияи муайян маҳдуд намешаванд, барои ҳама муштарак ҳи-

соб меёбанд ва ба қатори калимаҳои умумихалқӣ дохил мегарданд.

Худи ҳамин факт гувоҳи он аст, ки ҳудуди доираи калимаҳои умумихалқӣ, шевагӣ ва соҳавию касбӣ устувор набуда, дар тараққию тағьироти ҳамешагӣ аст. Масалан, як қатор калимаҳои лексикаи умумихалқиро номбар кардан мумкин аст, ки тамоман ё дар ягон маънои алоҳидаи худ мафҳумҳои ҷудогонаи ягон соҳаи илм ё касбу ҳунарро ифода мекардагӣ шудаанд: **ҷумла** — 1. ҳама, 2. термини грамматикӣ: **замон** — 1. вақт, давра, 2. термини морфологӣ-грамматикӣ; **кор** — 1. амал, шуғл ва ғайра. 2. як қисм аз матои бофташуда (дар касби бофандагӣ); **харак** — 1. хари хурд, 2. нишастгоҳи махсус, ки аз чӯб ё тахта сохта мешавад, 3. чӯбчаи рахкашидашуда, ки мувозинати торҳои асбобҳои мусиқиро нигоҳ медорад; **ришта** — 1. тори бофтаҳои пахтагӣ ё абрешимӣ, 2. номи касалӣ дар Бухорои пешазреволюционӣ, ки аз истеъмоли обҳои чиркини ҳавзҳо сар мезад; **ош** — 1. таом, хӯрок, 2. **ош додан** — дабоғати пӯст.

ЛЕКСИКАИ ШЕВАҲО

Як гурӯҳ лексикаи аз ҷиҳати доираи истеъмол маҳдудро диалектизмҳо (аз калимаи юнонии dialektos — намуди маҳаллии забон; шева, лаҳҷа) ташкил мекунанд. Диалектизмҳо хоси ягон намуди маҳаллии ин ё он забони муайян мебошанд, ки дар нутқи намояндагони ҳамон маҳал истеъмол мешаванд ва дар шакли калимаву ибораҳое, ки ба ҷиҳатҳои хоси фонетикӣ, морфологӣ ё лексикии намуди маҳаллии забон соҳибанд, намудор мегарданд. Диалектизмҳо аз доираи нормаҳои забони адабии умумиҳалқӣ берунанд ва ҳангоми дар байни лексикаи фаҳмои умумихалқӣ истеъмол шуданашон ҳамчун калимаву ибораҳои номафҳуми бегона ба назар мерасанд.

Диалектизмҳо аз рӯи он ки нисбат ба ҳодисаҳои лексикӣ-грамматикии забони умумихалқӣ чӣ гуна хусусиятҳои забони маҳаллии шеваро зоҳир менамоянд, ба хелҳои зерин тақсим мешаванд:

1. Диалектизмҳои фонетикӣ, ки хусусиятҳои системаи овозии забони шеваи муайянро инъикос менамоянд (дарозтар ё кӯтоҳтар талаффуз шудани садонокҳо, ба ҷои овози маълуми калима омадани овози дигар, ҳодисаҳои ассимиляция, диссимиляция, метатеза ва ғайра). Ҳодисаҳои фонетикӣ дар структураи овозии калимаҳо зоҳир мегарданд ва ба ин восита худи ҳамин калимаҳоро аз шаклҳои маъмули забони адабии умумихалқӣ фарқ мекунонанд. Масалан: **чишм** (чашм); **декдӯн//дегдун** (дегдон); **авҳол** (аҳвол) (дар лаҳҷаҳои Мастчоҳ).

2. Диалектизмҳои лексикӣ, ки дар навбати худ, ду гурӯҳи махсуси диалектизмҳо — **диалектизмҳои аслии лексикӣ** ва **диалектизмҳои этнографиро** ташкил медиҳанд.

Диалектизмҳои аслии лексикӣ номи маҳаллии предмету ҳодисаҳое мебошанд, ки дар забони адабии умумихалқӣ ба воситаи калимаҳои дигар ифода меёбанд. Ин гуна диалектизмҳо мумкин аст аз як реша иборат бошанд. Масалан, **моиндар** (модарандар), **пияндар** (падарандар), **бэроси** (барои), **бахчӣ** (барои чӣ) — дар лаҳҷаҳои ҷануби забони тоҷикӣ; **дафъқур** (дафъа) — дар шеваи Мастчоҳ. Лекин аксари диалектизмҳои аслии лексикӣ дар забони адабӣ синонимҳои мутобиқи худро доранд. Масалан, дар лаҳҷаҳои ҷануб: **гизала** (асабӣ); **доргӣ** (наздикӣ, рӯ ба рӯ); **достак** (фароштурук), **калет // килет** (вайрон); **каштал** (гиребон); **усал** (мазоҳ, масхара); **туридан** (рамидан); **шай** (сиҳат); **қурум** (кулӯх); **қиртақ** (гулӯ); **ҳеча** (лонаи парранда) **ва** аз лаҳҷаҳои Мастчоҳ: **баҳат** (тараф); **бехӣ** (зардак, сабзӣ); **бӯзмакак** (калпеса); **воҷвел** (саросема); **гиҷир кардан** (тарсондан); **дурра** (рӯймол), **зояк** (замини шудгор), **калҷ** (нонпар), **кӯтидан** (майда кардан), **локӣ** (миёнбанд), **сечидан** (дурахшидан), **тақа** (наъл), **чухт** (рост), **ғӯрондан** (партофтан), **ҳуч кардан** (бардоштан), **ҳечиб** (хостгор) ва ғайра.

Диалектизмҳои лексикӣ-семантикӣ низ мавҷуданд, ки маънии маҳаллӣ ё шевагии калимаҳои умумихалқиро ифода менамоянд. Ин ё он калимаи забони умумихалқӣ мумкин аст ба воситаи ягон маънои дар ягон маҳал касбкардаи худ, яъне маънои маҳаллӣ ё шевагии худ **диалектизми лексикӣ-семантикӣ** бошад. Масалан, калимаи **амал** дар забони адабӣ маънои муайян дорад. Дар шеваи Мастчоҳ мафҳуми «навдаи ҷавон» низ ба воситаи ин калима ифода меёбад. Мисоли ҳамин дар ин шева як қатор калимаҳои умумихалқӣ мафҳумҳоеро низ ифода менамоянд, ки дар забони умумихалқӣ хоси онҳо намебошанд: **арз** (як қисм аз замин, ки байни ду ҷӯй воқеъ шудааст), **бағал** (нишебии рост), **коза** (лона), **лоғар** (танбал), **қавм** (давр, даврa), **сарбанд** (сарҳад), **чакидан** (афтодан, дучор шудан) ва ғайра.

Гурӯҳи дигари калимаҳои шевагиро **диалектизмҳои этнографӣ** ташкил медиҳанд. Диалектизмҳои этнографӣ аз калимаҳои шевагие иборатанд, ки предмету ҳодисаҳои хоси ин ё он маҳалро ифода менамоянд ва ба воситаи зиндагиву фаъолияти меҳнатии сокинони ҳамин маҳал муайян мешаванд. Диалектизмҳои этнографӣ дар забони умумихалқӣ синонимҳои худро надоранд ва предмету ҳодисаҳои ба воситаи ин гуна калимаҳо ифодашаванда низ дар ҳаёти умумихалқӣ расмияту умумият пайдо накардаанд. Диалектизмҳои этнографиро бо калимаҳои умумихалқӣ иваз кардан мумкин нест, зеро онҳо барои ифода намудани предмету ҳодисаҳои маҳаллӣ ягон воситаи асосии забони маҳаллӣ ба шумор ме-

раванд. Барои ҳамин ҳам дар вақтҳои зарурӣ ин гуна калимаҳо ҳатман ё ба шакли асосии худ истеъмол мешаванд ё ба воситаи тафсири муфассал эзоҳ меёбанд. Масалан, дар шеваҳои чануб ва Ёвон калимаҳои **ғалтанакбозӣ** (як навъ бозии кӯдакон), **чӯбтора** (хонаи бомаш найпӯш), **йом** (зарфи махсусе, ки дар он аз чурғот равған кашида мешавад); ё дар шеваҳои Мастчоҳ калимаҳои **тавл** (сандуқи калони чӯбӣ барои нигоҳ доштани ғалла), **толпухт** (нони дар равған пухташуда), **чилопчи** (зарфи дастшӯй), **далда** (санги далда — санги ҳамвор барои майда кардани ғалла), **ревич** (хӯроке, ки аз орду равған мепазанд), **дӯғчӯма** (навъе аз зарфи чӯбин) ва ғайра аз ҳамин қабил диалектизмҳои этнографӣ ба шумор мераванд.

Дар шеваҳо як қатор калимаҳо ба назар мерасанд, ки вобаста ба шароит предмету ҳодисаҳои гуногуни табииро ифода менамоянд. Ин гуна предмету ҳодисаҳо, ки каму беш будани онҳо вобаста ба шароити табиии ҳар як маҳал аст, мумкин аст аз рӯи дараҷаи зуҳуроташон дар забони умумихалқӣ ба воситаи калимаҳои ҷудогона инъикос ёбанд, вале ин гуна предмету ҳодисаҳо вобаста ба шароит имконият пайдо кардаанд, ки нисбат ба забони умумихалқӣ пештар дар забони шеваҳо инъикос ёбанд. Масалан, дар шеваҳои Мастчоҳ калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои шароити табиии кӯҳистон бештар дида мешаванд: **бармол** — нишебии кӯҳ, **бароба, бароз** — баландӣ, нишебии кӯҳ, **вазапия** — пайраҳа, кӯдаланг — пайраҳаи печутобдори ағбаи кӯҳ, **руш** — нишебии рости бараҳна ва ғайра. Ин гуна калимаҳои шевагӣ низ ба диалектизмҳои этнографӣ наздиканд.

Ба қатори диалектизмҳо ибораҳои диалектикӣ низ мавҷуданд, ки онҳоро **диалектизмҳои фразеологӣ** номидан мумкин аст.

1. Диалектизмҳои фразеологӣ фақат хоси шева мебошанд. Масалан, (аз шеваҳои Мастчоҳ): **гап хӯрдан** — гап гум кардан, **ғӯлак задан** — чашм сиёҳӣ задан, **ошата метиям** — ба ту нишон медиҳам, **ҳавои гургзояк** — ҳавои ҳам офтобу ҳам борон, **хирс хезондан** — бисьёр ҷаҳд кардан.

2. Диалектизмҳои фразеологӣ мумкин аст вариантҳои ибораҳои фразеологии забони адабӣ бошанд: **ақлаш баъди пешин мебиёяд; панҷ чилакаша дар даҳон мекунад; дар каллааш пешонӣ не** (вай нодон); **ду даст почики бинӣ** (хушкухолӣ) ва ғайра.

Профессионализмҳо. Ҳар як касбу ҳунар, ки хусусияти фаъолияти меҳнатии одамонро муайян мекунад, ба лексикаи хоси худ соҳиб аст. Лексикаи ҳар як касбу ҳунар бештар дар доираи худи ҳамон касбу ҳунар аз тарафи намояндагони он истеъмол мешавад. Воҳидҳои луғавии лексикаи касбу ҳунар мафҳумҳои хоси ҳамин соҳа — номи асбобҳои касбу кор, маҳсул ва процессҳои истеҳсолии онро ифода менамо-

яд. Аз ин ҷост, ки доираи истеъмоли лексикаи касбу ҳунар низ мисли диалектизмҳо маҳдуд аст. Диалектизмҳо агар нисбат ба территория маҳдуд бошанд, профессионализмҳо аз рӯи хусусиятҳои иҷтимоии меҳнатии одамон доираи истеъмоли танг доранд, вале ба лексикаи забони адабӣ тааллуқ доранд.

Лексикаи касбҳои гуногун, аз ҷумла, бофандагӣ, дӯзандагӣ, заргарӣ, оҳангарӣ, кулолгарӣ ва ғайра бо забони умумихалқӣ муносибати ҳамешагӣ доранд, вале бо хусусиятҳои махсуси худ байни ҳам ва забони умумихалқӣ фарқ карда меистанд.

Луғати ин ё он соҳа, агар баъзе фарқияти диалектикии маҳаллиро истисно кунем, барои ҳамаи намояндагони ҳамин соҳа фаҳмо аст ва аз тарафи онҳо қариб беш истеъмол мешавад. Аз тарафи дигар, дар байни луғати касбӣ лексикаи махсуси маҳдуд ва лексикаи ҳамафаҳми то як андоза умумишуда мушоҳида мегардад. Масалан, аз касби бофандагӣ: **алоча, бахмал, беқасаб, моку, найча, зағӯта, оҳор** ва аз касби оҳангарӣ, мисгарӣ ва тунукасозӣ: **кӯра, чарх, дам, сандон, қайчӣ, болға, анбӯр, сӯҳон** барин калимаҳо ҳамафаҳм шудаанд, вале аз лексикаи касбӣ, масалан, аз бофандагӣ: **маштут, духоба, коримулло**; аз дӯзандагӣ: **қулобак, занҷирак, қулфак**; аз кулолгарӣ: **обхӯрак, гулобӣ, мола, қамбуррак, шогирдак, лабгир, тамонча, тароқ** ва аз оҳангариву мисгариву тунукасозӣ: **каждумак, мӯҳрапечон, гирак, суммателша, мехлос, саллаб, дуғурда, бӯра, нақши ислимӣ, симдандон, зерча, палвор, найҷувоз** барин калимаҳоро қайд кардан мумкин аст, ки бештар барои намояндагони худи ҳамин соҳаҳо маълуманд ва аз ин ҷиҳат лексикаи махсуси маҳдудро ташкил мекунанд.

Вале вақте ки мо дар бораи лексикаи касбӣ гап мезанем, танҳо хислати имрӯзаи онҳо, яъне дар забони ҳозира қариб беш истеъмол шудани онҳоро ба назар намегирем. Лексикаи касбу ҳунар дар забони тоҷикӣ ҳам аз ҷиҳати тараққиёти таърихӣ ва ҳам аз ҷиҳати инкишоф ва тағьироти имрӯзааш мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд. Бисьёр лексикаи касбиро мушоҳида менамоем, ки ҳоло аз байн рафтаанд ё рафта истодаанд ва қисми дигар ба андозаи мавҷудияти соҳаҳои касбу ҳунар ё пайдоиши навъҳои дигари он дар истеъмоланд. Бинобар он лексикаи касбӣ ҳамчун калимаҳои ифодакунандаи соҳаҳои гуногуни касбу кор, ки гурӯҳи муайяни лексикаи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд, барои омӯхтану равшан намудани ҳодисаҳои лексикӣ-грамматикии забон аҳамияти калон доранд.

Лексикаи касбӣ барои тасвири ҳодисаҳои таърихӣ, муҳиту шароити персонажҳои асарҳои бадеӣ ва ғайра истифода мешаванд. Масалан, устод Айнӣ аз ин қабил калимаҳо **кирьё, кирьётахта** ва **симкаширо** дар мавриди муайян истифода бур-

да, дар айни замон бе шарҳу эзоҳ низ нагузоштааст: «Кирьётахта тахтаест аз пӯлод, ки сӯрохҳои хурду калон дорад. Дар заргарӣ тилло ва нуқраро гудохта ба шакли сим мерезанд ва баъд аз он симро аз сӯрохҳои ҳамон тахта гузаронида, кашида ба шакли матлуб борик мекунанд. Дар заргарӣ ана ҳамин асбобро «кирьё» мегӯянд, ё ин ки кирьётахта менамоянд ва амалиёти борик гардонидани симҳои ғафси тилло ва нуқраро «симкашӣ» мегӯянд» (С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II, саҳ. 240).

Профессионализмҳо ҳамчун калимаҳои махсуси соҳаҳои гуногуни касбу ҳунар бештар дар нутқи гуфтугӯии намояндагони ҳамин соҳаҳо истеъмол мегарданд ва як навъ истилоҳи хоси онҳо ба шумор мераванд. Аз ин ҷиҳат лексикаи касбиро терминҳои халқии соҳаҳои касбу ҳунар номидан беҳтар аст.

ТЕРМИН ВА ТЕРМИНОЛОГИЯ

Термин (аз terminus-и лотинӣ — ҳад, ҳудуд) калима ё ибораест, ки мафҳуми муайяни ягон соҳаи илм, техника, маданият ва ё истеҳсолотро ифода менамояд. Терминология (термин ва logos-и юнонӣ — таълимот дар бораи терминҳо) аз маҷмӯаи терминҳо иборат аст.

Термин дар соҳаи худ фақат як маънои муайянро ифода менамояд. Якмаъноӣ (моносемия) хусусияти асосии термин мебошад. Вале ҳодисаҳои дигар низ дида мешаванд. Масалан, як калима, ки дар соҳаи муайян термин аст, мумкин аст дар соҳаи дигари илм, техника ё истеҳсолот бо маънои махсуси ҳамон соҳа низ термин бошад. Масалан, **позиция, инверсия, платформа, морфология, пассив, актив, пункт, реакция, сектор** барин калимаҳо терминҳои соҳаҳои гуногун шуда метавонанд. Аз тарафи дигар, калимаҳое мавҷуданд, ки танҳо дар маънои ҷудогонаи соҳавии худ терминанд ва дар маънои дигарашон ҳамчун калимаҳои маълум ва муқаррарии забон истеъмол мешаванд. Масалан: **Зарф** — 1. анҷом барои нигоҳ доштани чизе, 2. фосилаи вақту замон, 3. термини грамматикӣ; **Ҷонишин** — 1. муовин, 2. термини грамматикӣ; **Мол** — 1. чизу чора, мулк, сармоя, матоъ, асбоб, 2. термини иқтисодӣ; **Сифат** — 1. хосият, хусусият, хислат, чигунагӣ, кайфият, 2. термини фалсафӣ, 3. термини грамматикӣ; **Мафҳум** — 1. фаҳмо, равшан, 2. фаҳмкардашуда, донисташуда, 3. маъно, мазмун, 4. термини мантиқ ва фалсафа.

Аз ин ҷост, ки маънои терминологии бисьёр калима-терминҳо берун аз матн зоҳир шуда истад ҳам, маънои терминологии баъзе калимаҳо танҳо дар матн равшан мегардад. Терминҳо ҳамчун ифодакунандаи предмету мафҳумҳои хоси

соҳаҳои муайян ба шакли воҳидҳои махсуси лексикие намудор мешаванд, ки дар ҳамон соҳаҳо қонунан қабул шудаанд. Терминҳо дар сурате вазифаи терминологии худро адо карда метавонанд, ки предмету мафҳумҳои соҳаҳои ҷудогонаро аниқ, равшан ва ба таври илмӣ ифода карда тавонанд. Аз ин ҷиҳат терминҳои шоҳаҳои зиёди илму техника, санъату маданият ва шӯъбаҳои гуногуни истеҳсолотро, ки бо хусусиятҳои илмӣ ва қонунии эътирофшудаи худ лексикаи махсуси соҳаҳоро ташкил намудаанд, аз лексикаи касбу ҳунар фарқ кардан лозим аст. Лексикаи касбу ҳунар, чи тавре ки қайд кардем, бештар дар забони гуфтугӯии намояндагони ҳамон соҳа истеъмол мешавад ва ҳанӯз мисли терминҳои илмӣ ва истеҳсолот маънои қатъӣ ва равшану муайянро нагирифтааст, вале лексикаи касбу ҳунар ба сифати терминҳои халқӣ яке аз манбаъҳои пуррашавӣ ва такмил додани терминологияи илмӣ, техникӣ ва ғайра мебошад.

Терминология низ монанди лексикаи касбу ҳунар ҳам терминҳои оммафаҳм ва ҳам терминҳои махсуси маҳдудро дарбар мегирад. Терминҳои оммафаҳм мисли калимаҳои умумихалқӣ ба одамони ғайримутахассис то дараҷае фаҳмо шуда бошанд, маънои терминҳои махсуси маҳдуд фақат барои намояндагони ҳамон соҳаҳо маълум аст ва танҳо аз тарафи онҳо истеъмол мешавад.

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Фразеология (аз калимаи юнонии phrasis — ифода ва logos таълимот) маҷмӯи ифода, ибораҳои рехтаву устувори ҳар забонро ташкил медиҳад. Ибора ва ифодаҳои таркибан рехтаву устувор бо номҳои воҳидҳои фразеологӣ, фразеологизмҳо, таъбироти фразеологӣ ва амсоли инҳо машҳуранд. Термини **воҳидҳои фразеологӣ** нисбат ба терминҳои дигар бештар ба кор бурда мешаванд.

Ҳар як воҳиди фразеологӣ таркибан аз ду ва зиёда калимаҳо ташаккул ёфта, сохти устувор ва семантикаи яклухти ба қисмҳо ҷудонашаванда дорад. Масалан, воҳиди фразеологии «гули сари сабад» аз се калима (гул, сар, сабад) иборат аст. Бо вуҷуди ин як мафҳумро (шахси мӯътабар, азиз, болонишин, чизи сара, беҳтарин) ифода мекунад. Рехтагию устувории ибораҳои фразеологӣ дар тағьирнаёбандагии сохту таркиб ва семантикаи онҳо ифода меёбад. Одатан, ҷузъҳои таркибии ибораи фразеологӣ ивазнашаванда мебошанд. Онҳоро дар аксари мавридҳо бо калимаҳои аз ҷиҳати маъно наздик иваз кардан мумкин нест. Масалан, ибораи «гурги борондида» (шахси ботаҷриба)-ро дар шакли «гурги барфдида» ё «рӯбоҳи борондида» тағьир додан мумкин нест. Дар сурати чунин тағьирдиҳӣ на фақат семантикаи бутуни воҳиди фра-

зеологӣ аз байн меравад, балки он таркибан ҳам ҳамчун ибораи фразеологӣ қимати худро гум мекунад.

Ҷиҳати дигари устувории воҳидҳои фразеологӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷузъҳои (калимаҳои) таркибии онҳо ҷои худро иваз карда наметавонанд, яъне ба инверсия дучор намешаванд.

Дар сурати ҷойивазкунии ҷузъҳо ибораҳои фразеологӣ аксар вақт тамоман вайрон шуда ба ифодаҳои бемантиқи дар забон вуҷуднадошта табдил меёбанд. Гоҳо дар натиҷаи ҷойивазкунии ҷузъҳояшон ибораҳои фразеологӣ ба ибораҳои оддии синтаксисӣ табдил меёбанд. Чунончи, ибораи «рости гап» воҳиди фразеологӣ мебошад, аммо «гапи рост» ибораи оддии синтаксисиро ташкил медиҳад.

Аз ҷиҳати ифодаи семантика воҳиди фразеологӣ ба як калима баробар мешавад, вале фразеологизмҳо баръакси калимаҳои оддӣ на фақат предмет, аломат, амал ва ҳолати онҳо, балки тобишҳои мухталифи эмоционалиро низ дар бар мегиранд. Масалан, ибораҳои «коҳи кӯҳнаро бод додан» (гапи кӯҳнаро ба хотир овардан), «аз касе дил шустан» (умед кандан), «салмаи сақат» (чизи барзиёд) ва монанди инҳо баробари ифодаи мафҳумҳои алоҳида эҳсосоти гуногунро шахси гӯяндаро низ ифода карда метавонанд.

Қисми асосии ибораҳои фразеологӣ образнок ва пуробуранг мебошанд. Масалан, ибораи «кафши касеро пеш гузоштан» (касеро гусел кардан, пеш кардан) ба яке аз одатҳои қадимаи халқи тоҷик (кафши шахси азиз, мӯътабарро вақти гусел ба пеш мондан) асос ёфтааст. Монанди ҳамин дар заминаи ибораҳои «нони касеро нимта кардан» (мансаби касеро зада гирифтан), «сояи касеро аз девор тарошидан» (касеро ниҳоят бад дидан) образҳои гуногуни бадеӣ пайдо шудаанд.

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ таркибан рехтаву устувор буда, мундариҷаи яклухти аксар пуробурангро ифода мекунанд. **Ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам марбут, ки семантикаи бутун ва аксар образнокро ифода мекунанд, ибораи фразеологӣ ё воҳиди фразеологӣ номида мешаванд.** Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати семантика ба гурӯҳҳо ҷудо шуда наметавонанд. Қисми аз ҳама мӯъҷаз, рехтаву устувор ва пуробуранги воҳидҳои фразеологиро ибораҳои рехтаи фразеологӣ ё идиомаҳо [1] ташкил медиҳанд.

1. Ибораҳои рехтаи фразеологӣ. Ибораҳои рехтаи фразеологӣ воҳидҳои устувору тағьирнаёбандаи забон, қисми аз ҳама пуробуранги воҳидҳои фразеологияи тоҷикиро ташкил медиҳанд. Семантикаи ибораҳои рехта аксаран бо маънои калимаҳои онро ташкилдиҳанда мувофиқат намекунанд. Масалан, семантикаи ибораҳои «аз касе дил кандан» (хомӯш шу-

[1] *Идиома* — аз калимаи юнонии idioma ибораи махсус аст.

дани оташи муҳаббати касе), «ба чашми худ нигоҳ карда роҳ рафтан» (дуруст, ба пеши худ нигоҳ карда роҳ рафтан) аз калимаҳои таркибии онҳо барнамеояд.

Дар сурати ибораҳои рехтаи фразеологии забони тоҷикӣ дараҷаи олии абстракцияи фразеологиро мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш буда, ба забонҳои дигар тарҷума намешаванд. Чунончи, ибораҳои «димоғ сӯхтан» (хафа кардан), «дил бурдан» (дӯст доштан), «чашм дӯхтан» (нигоҳ кардан), «ҷони ширин» (азиз), «оби дандон» (навъи қанд) ва дигарҳо аз ҳамин қабиланд.

Хусусияти фарқкунандаи идиомаҳо дар ҳамин зоҳир мегардад, ки ҷузъҳои таркибии онҳо пурра ба маънои маҷозӣ меоянд, ба маънои аслии худ омада наметавонанд. Баръакс, дар гурӯҳи дигари воҳидҳои фразеологӣ — ифодаҳои фразеологӣ ё худ фразимаҳо яке аз ҷузъҳои таркибӣ ҳатман ба маънои аслии худ меояд.

2. Ифодаи фразеологӣ. Ифодаҳои фразеологӣ ҳам монанди идиомаҳо пуробуранг ва таъсирбахш мешаванд, таркибаи рехтаву устувор буда, ба забонҳои дигар қариб тарҷума намешаванд. Масалан: «ғам хӯрдан», «афсӯс хӯрдан», «савганд хӯрдан», «чашми касеро тарсондан», «муштро гиреҳ кардан» ва монанди инҳо.

Хусусияти фарқкунандаи ифодаҳои фразеологӣ дар ҳамин ифода меёбад, ки яке аз калимаҳои таркибии онҳо ҳатман ба маънои аслии худ меояд. Чунончи, калимаҳои «ғам», «афсӯс», «тарсондан» ва дигарҳо дар ибораҳои зикршуда ба маънои аслии худ омадаанд. Аз ин ҷиҳат ифодаҳои фразеологиро воҳидҳои устувори забонӣ номидан чандон дуруст нест. Онҳо нисбат ба идиомаҳо ҳам аз ҷиҳати сохту таркиб ва ҳам аз ҷиҳати семантика бештар ба тағйирот дучор мешаванд. Одатан, ифодаҳои фразеологӣ дар натиҷаи ба ҳам алоқаманд гардидани калимаҳо бо маъниҳои ниҳоят камистеъмоли худ ба вуҷуд меоянд. Масалан, калимаи «пухта» танҳо бо маънои маҷозии худ (яъне хуб, соз, мувофиқ) ҳамчун муайянкунанда дар таркиби изофӣ ҷой гирифта, ифодаҳои фразеологии гуногунро ба вуҷуд меоварад: «гапи пухта», «кори пухта», «одами пухта» ва монанди инҳо.

Аз ду гурӯҳи аввали воҳидҳои фразеологӣ гурӯҳи сеюми онҳо ҳам бо сохту таркиб ва ҳам бо семантикаи худ пурра фарқ мекунад.

3. Ибораҳои фразеологии тасвирӣ. Дар ибораҳои фразеологии тасвирӣ предмет, аломат, ҳолат ва амал дар шакли тасвирӣ, яъне дар шакли калима не, балки дар сурати ибораҳои алоҳида ифода мегардад. Ҳамаи ҷузъҳои таркибии ибораҳои тасвирӣ ба маънои аслии худ, ба маънои тахтуллафзии худ ба кор бурда шудаанд, лекин хусусияти фарқкунандаи чунин ибораҳо дар он аст, ки таркибан рехтаву устуворанд ва ҳар бор дар ҳамон шаклу қолиб ба кор бурда ме-

шаванд. Масалан, ибораҳои «Комитети Марказӣ», «Совети Вазирон», «Ходими хизматнишондодаи илм», «Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ», «ба гӯш расидан», «ба саҳна гузоштан», «аз ҳуқуқ маҳрум кардан» ва монанди инҳо.

Ибораҳои фразеологии тасвирӣ баръакси ду гурӯҳи аввал аз обуранги бадеӣ ва образнокӣ маҳруманд, аксар вақт ба забонҳои дигар айнан тарҷума мешаванд.

ЛЕКСИКОГРАФИЯ

Лексикографияи тоҷик (форсӣ) аз асрҳои X сар шуда, бо мурури замон тараққӣ кардааст. Луғатҳои аввалин асосан аз тарафи адибон ба сифати рисолаҳои мухтасари калимаҳои душворфаҳм бо эзоҳот тартиб дода мешуданд. Ин рисолаҳо лексикаи номаълум ва ё шубҳанокро дар бар мегирифтанд ва ҳамчун манбаи захираи луғавӣ хизмат мекарданд. Калимаҳои ин рисолаҳои луғавӣ ба тартиби ҳарфҳои охирин оварда мешуданд, то ки шоирон калимаи бо ин ё он қофия даркорро зуд дарьёбанд. Якумин луғати тафсирие, ки то даврраи мо маҳфуз мондааст, «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ мебошад, ки дар нимаи дуюми асри XI таълиф шудааст.

Дар «Луғати фурс» лексикаи душвори асарҳои шоирони Мовароуннаҳр ва Хуросон эзоҳ меёбад. Дар луғат аз осори Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абушакури Балхӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ ва дигар шоирони асрҳои X—XI бисьёр мисолҳо оварда шудаанд.

То аввалҳои асри XIV асосан «Луғати фурс» ва вариантҳои такмильёфтаи онро истифода мекарданд.

Луғати муҳимме, ки пас аз «Луғати фурс» таълиф шудааст, «Сиҳоҳ-ул фурс»-и Муҳаммад Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ мебошад (с. 1327).

Дар даврраҳои минбаъда лексикографияи форсӣ-тоҷикӣ ба таври махсус инкишоф меёбад. Луғатҳои зиёди тафсирӣ, ки фарҳанг ном доштанд, таълиф мешаванд. Луғатҳои зерин аз ҷумлаи фарҳангҳои машҳуре мебошанд, ки то аввалҳои асри XX навишта шудаанд: «Шарафнома»-и Иброҳим Қивоми Форуқӣ (с. 1474), «Муайид-ул-фузало»-и Муҳаммад ибни Лоди Деҳлавӣ (с. 1519), «Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот»-и Аҳмади Сури Биҳорӣ (асри XVI), «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу (с. 1608), «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайн ибни Халафи Табрезӣ (с. 1652), «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдурашиди ат-Таттавӣ (с. 1654), «Баҳори Аҷам»-и Рой Текчанд Баҳор (с. 1739), «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷиддин Алихони Орзу (с. 1735), «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин (с. 1827), «Фарҳанги Онандроҷ»-и Муҳаммади Подшоҳ (с. 1890).

«Луғати фурс» бештар лексикаи «фурс», яъне форсӣ-тоҷикии қӯҳнаро дар бар мегирифт, ки қисми асосии онро лексикаи аслӣ-тоҷикӣ ва форсӣ ташкил медиҳанд, як қисми он-

ҳо аз гуфтугӯ ва шеваҳои гуногуни ин забонҳо, инчунин аз забонҳои дигари эронӣ (суғдӣ), аз забони паҳлавӣ ва ҳатто авесто гирифта шудаанд.

Дар давраҳои минбаъда, ки омезиши лексикаи забони тоҷикӣ бо забонҳои гуногун, махсусан, бо забони арабӣ, ба вуқӯъ омада буд, лексикаи арабӣ ба забони тоҷикӣ дохил гардида, дар луғатҳо торафт зиёдтар мешуд. Бисьёр калимаҳои юнонӣ ва лотинии муарраб ба воситаи забони арабӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ даромадаанд. Онҳо асосан аз терминҳои соҳаи тиб — номи растаниҳо, моддаҳо ва дорухо иборат буданд. Ин гуна лексикаи ихтисосӣ аз рисолаҳои тиббӣ ба луғатҳо (махсусан ба «Бурҳони қотеъ») дохил шудааст.

Барои эзоҳи калимаҳои арабӣ луғатҳои махсус тасниф мешуданд. Якумин луғати арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ «Китоб-ул-масодир»-и Завзанӣ (асри XI) мебошад. Баъдтар луғати машҳур бо номи «Суроҳ»-и Ҷамолиддини Қаршӣ (с. 1282), «Мунтахаб-ул-луғот»-и Абдурашиди ат-Таттавӣ (асри XVII) ва бисьёр луғатҳои дузабонаи дигар таълиф шуданд, ки мо ҳоло дар бораи онҳо сухан намеронем. Фақат як луғати нисбатан хурд, аммо муҳимро, ки дар асри XIII таълиф шудааст, меорем. Ин «Нисоб-ус-сибьён»-и Абӯнасри Фароҳӣ мебошад, ки ба шакли назм таълиф ёфта, калимаҳои арабиро ба тоҷикӣ-форсӣ тарҷума мекунад. Ин луғати манзум, ки лексикаи серистеъмоли забони арабиро дар бар мегирад, асосан барои навомӯзони забони арабӣ навишта шудааст. Дар давраҳои минбаъда бисьёр луғатҳои манзум дар тақлиди «Нисоб-ус-сибьён» тартиб дода шудаанд.

Барои эзоҳи лексикаи соҳавӣ, термин ва истилоҳоти илмӣ луғатҳои соҳавӣ тартиб дода мешуданд. Дар асрҳои XVI—XIX тартиб додани луғатҳои тиббӣ ривоҷ меёбад.

Барои таҳқиқи маънии матни асарҳо шарҳ ва ҳошияҳои бисьёре навишта шуда, луғатҳои махсуси як асар, яъне луғатҳои муаллифӣ таълиф мешуданд. «Фарҳанги Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ, «Фарҳанги Ахлоқи Носирӣ», фарҳангҳои бисьёре барои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ғайраҳо аз қабили инҳоянд.

Бисьёр луғатҳои гуногуни дигар, ҳамчун луғатҳои муродифҳо (синонимҳо), луғатҳои омонимҳо (таҷнис-ул-луғот), луғатҳои орфографӣ ва орфоэпӣ ва ғайра низ тасниф меёфтанд.

ФАРҲАНГҲО (ЛУҒАТИ ТАФСИРӢ)

«Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ дар нимаи дуюми асри XI дар Озарбойҷони ҷанубӣ таълиф шудааст. Дар он калимаҳои душворфаҳм, ки дар ашъори шоирони Осиёи Миёна ва Хуросон — Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ ва дигарон вомехуранд, эзоҳ меёбанд.

Дар «Луғати фурс» ҳар гуна лексика, аз он ҷумла, бисьёр калимаҳои гуфтугӯ ва шевагии Осиёи Миёна мавҷуд аст, ки ба форсизабонони Озарбойҷон ва шимоли ғарбии Эрон маълум набуданд.

Нусхаи қадимтарини пурраи «Луғати фурс» зиёда аз ҳазор калимаро дар бар мегирад; дар нусхаҳои дигар то ду ҳазор калима ҷамъ шудааст.

Калимаҳои эзоҳшаванда дар «Луғати фурс» мувофиқи тартиби алфавити ҳарфҳои охир ҷой гирифтаанд, чунки ин луғат на фақат барои хондани ашъори шоирони Мовароуннаҳр ва Хуросони асрҳои X—XI, балки барои он низ тартиб дода шудааст, ки шоирон калимаҳои матлубро ба зудӣ ёфта тавонанд. Ба ҳамин тариқ, ин луғат вазифаи ҳам луғати тафсирӣ ва ҳам луғати қофияҳоро адо мекард. Ҳамаи ин ба паҳншавии лексикаи хоси Осиёи Миёна дар сарзаминҳои дигари форсизабон — Озарбойҷон ва Эрон ёрӣ мерасонд.

То асри XVI луғатҳои тафсирӣ мувофиқи ҳамин принсип тартиб дода мешуданд, ки ин барои унификацияи лексикаи забони адабии форсии дарӣ аҳамияти калон дошт. Баъд аз «Луғати фурс» то аввали асри XIV луғатҳои тафсирӣ маҳфуз намонданд.

Луғати дигар, ки то замони мо расидааст, «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ мебошад. Ин луғат дар соли 1327, дар шаҳри Табрез тартиб дода шудааст ва моҳиятан давоми «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ мебошад. Ба ғайр аз лексикаи «Луғати фурс» (аз асарҳои шоирони асри X—XI) ба луғати Нахҷавонӣ бисьёр калимаҳо аз назми Низомӣ, Ҳоқонӣ, Саъдӣ ва дигар шоирони асрҳои XII — аввалҳои асри XIV дохил шудааст ва миқдори калимаҳо дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» то 2300 мерасад. Дар ин луғат калимаҳо мувофиқи тартиби ҳарфҳои якум, дуюм ва охир ҷой дода шудаанд, ки ин истифодаи луғатро хеле осон мекунад.

«Сиҳоҳ-ул-фурс» яке аз сарчашмаҳои мӯътабартарини лексикографӣ ҳисоб меёбад, ки лексикаи назми форсӣ-тоҷикии давраи аввали мавҷудияти онро (асрҳои X—XII) тафсир мекунад. Ҳардуи ин луғат барои таълифи луғатҳои баъдинаи зиёде ҳамчун асос хизмат кардаанд.

«Сиҳоҳ-ул-фурс» дар соли 1962, дар Теҳрон бо саъю кӯшиши Абдулалии Тоатӣ нашр гардидааст.

Аз асри XV сар карда, то асри XIX луғатҳои зиёди тафсирӣ — фарҳангҳо тасниф шудаанд. Дар поён дар бораи баъзе аз фарҳангҳои муҳим ва машҳур мухтасар маълумот дода мешавад.

«Муайид-ул-фузало»-и Муҳаммад ибни Лоди Деҳлавӣ. Ин фарҳанг соли 1519 дар Ҳиндустон таълиф шудааст. Дар ин фарҳанг лексика ба се фасл ҷудо мешавад: арабӣ, форсӣ-тоҷикӣ, туркӣ. Аммо фасли туркӣ нисбатан хурд аст.

Чуноне ки худи муаллиф дар муқаддима менависад, луғати ӯ барои хондани асарҳои Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҳоқонӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва шоирони намоёни дигар тартиб дода шудааст. Ғайр аз ин ба фарҳанг миқдори зиёди лексикаи соҳавӣ ва профессионалӣ дохил гардидааст, ки муаллифи фарҳанг онро аз худи мутахассисон ва намояндагони касбҳои гуногун, инчунин, аз намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ: шоирон, мунаҷҷимон, табибон, фақеҳон, сӯфиён, мусиқачиён, раммолон ва ғайра ҷамъ кардааст. Ин ҷиҳати фарҳанг имконият медод, ки адабиёти насрии соҳавӣ ва илмии онвақта низ ба осонӣ хонда шавад.

Дар «Муайид-ул-фузало» инчунин ибораҳои рехта ва идиомаҳо оварда шудаанд. Масалан: «Се навбат, яъне кӯдакӣ, ҷавонӣ ва пирӣ». Дар фарҳанг ибораҳои ташбеҳӣ ва истиоравӣ низ бисьёранд. Масалан, фақат барои ифодаи офтоб мисли чашмаи оташ, шоҳи шарқ ё машриқ, султони ахтарон, Юсуфи рӯз, чароғи осмон, нони заррин ва даҳҳо истиораҳо оварда шудаанд.

«Муайид-ул-фузало» дар охири асри XIX, дар Ҳиндустон нашр (чопи сангӣ) шуда буд. Нашри нави он ҳанӯз мавҷуд нест.

«Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот»-и Абдураҳим ибни Аҳмади Сури Биҳорӣ дар Ҳиндустон, дар охири асри XVI таълиф шудааст. Ин фарҳанг, ки бо номи мухтасари «Кашф-ул-луғот» шӯҳрат дорад, мувофиқи ҳарфи якум ва охири калимаҳо тартиб ёфта, зиёда аз 20 ҳазор калимаро дар бар мегирад.

Дар «Кашф-ул-луғот» лексикаи гуногун тафсир ёфтааст. Бисьёр калима ва ибораҳои рехтаи форсӣ-тоҷикӣ гирд оварда шудаанд.

Чунончи: **«Фарҳанг** — адаб ва дониш ва бузургӣ ва низ номи китобе, ки дар илми луғат бошад ва аксари ӯ форсӣ бувад».

«Заврақи симин — моҳи нав».

«Заврақи заррин — офтоб».

«Зи нав то кӯҳан — яъне аз ҷавон то пир».

Қисми муҳим ва миқдоран калони лексикаи «Кашф-ул-луғот»-ро калимаҳои арабӣ, махсусан истилоҳоти гуногун, ташкил медиҳанд. Дар ин фарҳанг миқдори зиёди лексикаи фалсафӣ ва тасаввуфӣ, инчунин бисьёр номҳои шахсии одамони машҳури таърихӣ ва афсонавӣ, номҳои географӣ ва ғайра шарҳу эзоҳ ёфтаанд. Аз ин луғат номҳои зиёди намояндагони олами наботот ва ҳайвонотро пайдо кардан мумкин аст, чунки баъзеи ин гуна калимаҳо дар Ҳиндустон номаълум ва ё кам маълум буданд.

«Сапедор (ва сипедор) — номи яке аз он бехи дарахт, ки бор надорад ва дар вилояти Мовароуннаҳр бисьёр бошад, хусусан дар Самарқанд».

Муаллифи фарҳанг дар бисьёр мавридҳо барои эзоҳи калимаҳо синоним ва эквивалентҳо меоварад. Барои калимаҳои арабӣ эквивалентҳои форсӣ-тоҷикӣ ва барои номҳои тоҷикӣ-форсӣ эквивалентҳои арабӣ оварда мешаванд. Чунончи:

«Шакарбарг — ҷинсест аз шакарҳои соф, ки аз он парколаҳои дароз ва паҳн банданд ва онро шакаркалам низ гӯянд ва ба тозияш «абҳар» хонанд».

Баъзан, махсусан дар эзоҳоти номи растаниҳо эквивалентҳои ҳиндӣ оварда мешаванд:

«Илво, алво — растаниест, ки бағоят талх бошад ва аҳли ҳиндаш «гҳеквор» гӯянд...».

Дар «Кашф-ул-луғот» баъзан аз ашъори Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҷалолиддини Румӣ ва шоирони дигар мисолҳо оварда мешаванд.

«Кашф-ул-луғот» дар Ҳиндустон соли 1900 нашр (чопи сангӣ) гардидааст.

«Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу (с. 1608, Ҳиндустон) яке аз беҳтарин луғатҳои тафсирӣ мебошад ва дар он қариб 7 ҳазор калима эзоҳ ёфтааст. Дар ин фарҳанг аз асарҳои шоирони асрҳои X—XVI мисолҳои зиёде оварда шудааст. Лексикаи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» асосан форсӣ-тоҷикӣ мебошад ва шарҳу эзоҳи он характери таҳқиқотӣ дорад.

Муаллифи он аз бисьёр сарчашмаҳои луғавӣ ва рисолаҳои ихтисосӣ истифода карда, ба беҳтарин асарҳои илмии онвақта такья намудааст.

Дар бисьёр мавридҳо вариантҳои калима, синонимҳои он, инчунин эквивалентҳои арабӣ, ҳиндӣ, туркӣ ва ғайра оварда мешаванд. Ҳамаи ин барои фаҳмидани маънои калима ба хонандагон ёрӣ мерасонад ва барои илми забоншиносӣ низ аҳамияти калон дорад.

Масалан, «чакоса» хорпуштро гӯянд ва онро рикоса ва сайхул низ номанд ва ба тозӣ «ташӣ (ташӣ)» ва ба ҳиндӣ «соҳӣ», ба забони гелонӣ «хура» хонанд ва он ҷонварест, ки пушташ хорҳои аблақ бошад монанди дук ва чун касе қасди гирифтани ӯ кунад, чунон бадани худро дарҳам фишорад, ки хорҳо аз баданаш ҷудо шавад ва бар он кас бихӯрад».

Аз ин мақолаи луғавӣ, агарчи дар эзоҳ калимаи «хорпушт» кор фармуда шудааст, эквивалентҳои арабӣ ва ҳиндӣ, ки маънои ҷайра доранд, масъаларо ҳал мекунанд. Пас, калимаи **хорпушт** дар ин ҷо ҳамчун номи умумии ин гуна ҷонварон, тахминан ба маънии «аз ҷинси хорпуштҳо» омадааст. Ҳақиқатан, дар луғатҳои кӯҳна калимаи «хорпушт» ба ҳар ду маънӣ омадааст — ҳам ба маънии «хорпушт» ва ҳам ба маънии «ҷайра».

Дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» лексика аз рӯи тартиби ҳарфи дуюм, баъд якум ва баъд сеюм, чорум ва ҳоказо ҷойгир шудааст, ки ин тартиби ғайримуқаррарӣ истифодаи фарҳанг-

ро душвор кардааст. Чунин тарзи тартиби калимаҳо ба шӯҳрат ва интишори васеи он монеъ шудааст, ҳарчанд ки аз тарафи луғатшиносони муосираш ва минбаъд ҳамчун сарчашмаи муҳимтарини лексикографӣ шуморида шудааст.

Дар таълифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» Ҳусайни Инҷу 30 соли умри худро сарф кардааст ва то охири умраш барои таҳрир, ислоҳ ва такмили он кор кардааст.

«Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар Ҳиндустон, дар охири асри гузашта ба воситаи чопи сангӣ нашр гардида буд. Нашри нави он дар Теҳрон соли 1975 таълиф шудааст.

«Бурҳони қотеъ» таълифи Муҳаммад Ҳусайн ибни Халафи Табрезӣ алмутахаллис ба Бурҳон (Ҳиндустон, соли 1652) аст.

Муаллифи ин фарҳанги машҳур дар пеши худ вазифа гузоштааст, ки ҳар чи зиёдтар лексикаи забони форсӣ-тоҷикӣ, инчунин калимаҳои аз забонҳои дигар гирифташударо дар он ҷой диҳад. Чи хеле ки муаллиф дар муқаддима менависад, ӯ мехостааст, ки «ҷамеи луғоти форсӣ ва паҳлавӣ ва дарӣ ва юнонӣ, ва сурьёнӣ ва румӣ ва баъзе аз луғоти арабӣ ва луғоти Жанд ва Пожанд ва луғоти муштарака ва луғоти ғариба ва мутафарриқа ва истилоҳоти форсӣ ва истеорот ва киноёти ба арабӣ омехта...»-ро фароҳам оварад.

Барои таснифи фарҳанг муаллиф аз мукаммалтарин фарҳангҳои пешина, аз он ҷумла «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва як қатор рисолаҳои соҳавӣ истифода намудааст. Дар «Бурҳони қотеъ» зиёда аз 20 ҳазор калима ва ибора гирд оварда шудааст. Дар ин луғат барои тасдиқи маънии калимаҳо мисолҳо дода намешаванд. Чи тавре ки худи муаллиф дар муқаддима менависад, мисолҳо ҳам ҳаҷми фарҳангро хеле калон мекарданд ва ҳам навиштани он хеле тӯл мекашид.

Ҷомеъ ва мукаммал будани ин фарҳанг, лексикаи форсӣ-тоҷикӣ ва терминологияи ғайриарабиро (бо баъзе истисноҳо) дар бар гирифтани он диққати доираи васеи хонандагонро ба худ ҷалб намуд ва хеле машҳур гардонид. Ба шӯҳрат ёфтани «Бурҳони қотеъ» тартиби бисьёр осони калимаҳо — аз рӯи алфавити ҳарфҳо, монанди луғатҳои ҳозира, низ ёрӣ расонд. Агарчи «Бурҳони қотеъ» аз ҷиҳати миқдори калимаҳо баробари «Кашф-ул-лугот» бошад ҳам, дар «Кашф-ул-луғот» қариб нисфи моддаҳои луғавиро калима ва терминҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Саҳми «Бурҳони қотеъ» дар ҷамъ овардани лексикаи хоси форсӣ-тоҷикии ғайриарабӣ мебошад. Ҳиссаи муҳимми материали «Бурҳони қотеъ»-ро ибораҳои фразеологӣ ва идиомаҳо ташкил медиҳанд, ки бештари онҳо бо фразеологияи «Кашф-ул-луғот» баробар меояд. Дар тафсири терминҳои гуногун, махсусан номҳои наботот, дору, моддаҳо, инчунин номи ҳайвонот хизмати муаллифи «Бурҳони қотеъ» бузург аст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки маънои калимаҳоро ба ҳадди имкон аниқу равшан

эзоҳ диҳад. Баробари ин дар аксар мавридҳо эквивалентҳои арабӣ ё туркии калимаи эзоҳшаванда низ оварда мешавад.

Нишондодҳои «Бурҳони қотеъ» аз ҷиҳати баромади калима ё этимологияи он ҳам бисьёр муҳиманд. Масалан, «ҷурғот — ба луғати Самарқанд мостро гӯянд ва муарраби он суқрот аст».

Ин калима аз ҷиҳати баромад суғдӣ мебошад.

«Бурҳони қотеъ» шӯҳрати калон пайдо карда, барои тартиб додани фарҳангҳои минбаъда ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосӣ истифода шудааст. Ягон луғати намоёнтаре, ки дар давраҳои баъдина таълиф шудааст, аз таъсири «Бурҳони қотеъ» хориҷ нест. Ин фарҳанг на фақат барои навиштани луғатҳои тафсирӣ истифода мешуд, балки барои тартиб додани луғатҳои дузабона — аз забони форсӣ-тоҷикӣ ба забонҳои дигар (арабӣ, туркӣ, урду, англисӣ, русӣ ва ғ.) саҳми босазое гузоштааст. Аз луғатҳои муосир, махсусан, луғати панҷҷилдаи Алиакбар Нафисӣ «Фарнудсор», «Луғатнома»-и Деҳхудоро зикр кардан лозим аст, ки онҳо аз «Бурҳони қотеъ» бояду шояд истифода кардаанд.

«Бурҳони қотеъ» борҳо чоп шудааст. Вай дар Эрон, Ҳиндустон ва Туркия чоп шуда буд.

Чопи охирини он дар соли 1956 аз тарафи олими намоёни Эрон Муҳаммад Муин манзур шудааст. Ин чопи танқидӣ бо шарҳу эзоҳи зиёди ношир М. Муин барои омӯхтани лексикаи форсию тоҷикӣ хизмати намоёне мекунад.

«Ғиёс-ул-луғот» (соли 1827) — таълифи Муҳаммад Ғиёсиддин ибни Ҷалолиддини Ромпурӣ буда, асосан лексикаи асарҳои машҳури назм ва насри форсию тоҷикиро шарҳу эзоҳ медиҳад. «Ғиёс-ул-луғот» лексикаи душворфаҳмро сарфи назар аз он, ки ба кадом забон тааллуқ дорад (форсию тоҷикӣ, арабӣ, юнонӣ, туркӣ, ҳиндӣ ва ғ.) ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати шакл, дар бар мегирад. Дар «Ғиёс-ул-луғот» миқдори зиёди терминология (асосан терминологияи арабӣ) аз соҳаҳои гуногуни илм, махсусан, аз соҳаи фалсафа, мантиқ, филология, нуҷум, тиб, табиатшиносӣ, риёзиёт (математика) ва ғайра ҷамъ шудааст.

Тафсири термин ва истилоҳот мувофиқи савияи илми он давра аст. Муаллиф китобҳои энциклопедӣ ва рисолаҳои ихтисосии зиёдеро истифода кардааст. «Ғиёс-ул-луғот»-ро аз бисьёр ҷиҳат энциклопедияи мухтасар ҳисобидан мумкин аст. Дар он чандин мақолаҳое ҳастанд, ки ҳамчун рисолаи мухтасари таҳқиқотӣ ба назар мерасанд. Моддаҳои луғавӣ: «Арӯз», «Изофат», «Ҷамъ» аз ҳамин қабиланд.

«Ғиёс-ул-луғот» инчунин бисьёр калима ва воҳидҳои фразеологиро, ки аз асарҳои манзум гирифта шудаанд, ҳаматарафа шарҳу эзоҳ медиҳад. Савияи баланди филологии шарҳу тавсиф яке аз хусусиятҳои муҳимми «Ғиёс-ул-луғот» мебошад.

Муҳаммад Ғиёсиддин ба ҷуз маънидоди калимаву ибораҳо ҳамчунин шакли онҳоро таҳлил карда, ҳамеша кӯшиш мекунад, ки талаффузи дурусти онро муайян намояд. Дар фарҳанг қайдҳо, таҳқиқоти этимологӣ ва эзоҳоти мухталифи калимаҳо қимати босазое доранд.

Хизмати муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» дар эзоҳи фразеологияи душворфаҳм низ назаррас аст. Дар асар ба ҷуз баъзе истисноҳо мисол оварда намешавад, ба ҷои онҳо ҳаволаҳо ба фарҳангҳо ва сарчашмаҳои сершумори истифодашуда дода мешаванд.

«Ғиёс-ул-луғот» бештар ба «Кашф-ул-луғот» шабоҳат дорад, аммо савияи илмии «Ғиёс-ул-луғот» баландтар аст, ки ба муваффақияти илму фани 250 соли баъди таълифи «Кашф-ул-луғот» вобаста аст. Дар «Ғиёс-ул-луғот» калимаҳои шубҳанок қариб нест, аммо дар «Кашф-ул-луғот» ин гуна калимаҳо ҳастанд (масалан, зебиш — зебой, зиҳиш — офарин, таҳсин, ки манбаъ ва сарчашмаи онҳо номаълум аст). Дар «Ғиёс-ул-луғот» бар хилофи «Кашф-ул-луғот» шаклҳои хоси арабӣ, ки фақат дар забони арабӣ истифода мешаванд, мушоҳида намешавад.

Савияи филологии «Ғиёс-ул-луғот» аз «Бурҳони қотеъ» хеле баланд аст, ки дар мисоли зерин дидан мумкин аст.

«Бурҳони қотеъ»: «Сапедор — мухаффафи (яъне мухтасаршудаи) сапеддор аст ва он аз ҷумлаи дарахтони бесамар аст ва навъе аз бед бошад».

«Ғиёс-ул-луғот»: «Сапедор — дарахте бошад хушқомат, ки бор надорад, дар асл сапеддор буд, чун ду ҳарф аз як ҷинс воқеъ мешаванд, як ҳарфро соқит месозанд, аз қабили сапедев, ки дар асл сапеддев буд, чаро ки чӯби он сапед бошад — (аз «Фарҳанги Рашидӣ» ва «Фарҳанги Сурурӣ»)».

«Ғиёс-ул-луғот» борҳо ба воситаи чопи сангӣ дар Ҳиндустон, Эрон ва Осиёи Миёна дар охири асри XIX ва аввали асри XX нашр гардидааст. Чопи нави он ҳам ҳаст, ки дар Эрон аз тарафи Дабири Сиёқӣ ба табъ расидааст (с. 1958).

Фарҳанги фразеологӣ

Воҳидҳои фразеологӣ — ибораҳои рехтаи гуногун, идиомаҳо, таркибҳои устувор дар бисьёр фарҳангҳо, масалан, дар «Кашф-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот» ва ғайра каму беш мавҷуданд, аммо баъзе фарҳангҳо бештар ибораҳои фразеологиро дар бар мегиранд, дар онҳо луғот — калимаҳои содда ё сохта ва мураккаб нисбатан кам дода мешаванд.

Дар баъзе фарҳангҳо, аз ҷумла дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Фарҳанги Рашидӣ» ибораҳои фразеологӣ дар охир ё фаслҳои алоҳидаи фарҳанг эзоҳ меёбанд, аммо фарҳангҳое,

ки фақат фразеологияро дар бар гирифта бошанд, дар лексикографияи пешина дида намешаванд. Бинобар ин баъзе фарҳангҳоро шартан фарҳангҳои фразеологӣ гуфта метавонем, зеро фразеологияи онҳо аксарияти воҳидҳои луғавиро ташкил медиҳад. «Мусталаҳот-уш-шуаро» таълифи Муҳаққиқ Вораста (охири асри XVII — аввали асри XVIII), «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷиддин Алихони Орзу (с. 1735), «Баҳори Аҷам» — таълифи Текчанд Баҳор (с. 1739) аз қабили ин фарҳангҳоянд.

«Чароғи ҳидоят» таълифи Сироҷиддин Алихон мутахаллис ба Орзу (вафоташ с. 1756) мебошад.

Фарҳанг воҳидҳои гуногуни фразеологӣ, идиомаҳо, таркибҳо, маҷоз, киноя, инчунин калимаҳои содда сохта ва мураккабро, ки аз асарҳои манзум гирифта шудаанд, дар бар мегирад. «Чароғи ҳидоят» барои эзоҳи фразеологияи душвори асарҳои манзум таълиф шудааст. Дар фарҳанг аз осори шоирони машҳур: Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Муҳаммад Исҳоқи Шавкат, Соиб ва дигарон, инчунин аз асарҳои шоирони на он қадар машҳури форсинависи Ҳиндустон мисолҳо оварда мешавад.

Муаллиф фақат ибораҳои фразеологиеро дохил кардааст, ки дар фарҳангҳои пештар мавҷуд набуданд ё шарҳу эзоҳи онҳо муаллифро қонеъ накардааст. Барои намуна як-ду ибораи фразеологиро аз «Чароғи ҳидоят» меорем:

«Рӯбоҳ дар тала дорад — яъне кораш хотирхоҳ аст».

«Сабз шудани сухан — ба вуқӯъ овардани он чӣ гуфта шуд...».

«Косаи гармтар аз ош — масалест дар ҳаққи шахсе, ки барои кори дигаре, ки соҳиби муомила бошад, аз ӯ гармтар бувад гӯянд. Ваҳид гӯяд:

Ба ишқаш маро сӯхт дил аз талош,
Бувад гармтар косаи ман зи ош».

«Чароғи ҳидоят» борҳо аз чоп баромадааст. Чопи нави он дар Теҳрон аз тарафи Муҳаммад Дабири Сиёқӣ (с. 1962) дастрас шудааст.

«Баҳори Аҷам» (с. 1739) таълифи Рой Текчанд мутахаллис ба Баҳор (сокини Ҳиндустон) буда, яке аз беҳтарин фарҳангҳои калонҳаҷми пешина аст, ки дар он асосан фразеология шарҳу эзоҳ меёбад. Дар «Баҳори Аҷам» зиёда аз 25 ҳазор воҳидҳои луғавӣ тафсир мешаванд, ки нисбат ба фарҳангҳои пеш таълифшуда зиёд аст. Муаллиф фарҳанги худро дар асоси мисолҳо (аз назм ва баъзан аз наср) таълиф намудааст, ки онҳо барои тасдиқи маънидоди луғатҳо аҳамияти махсусе доранд. Куллиёт ва девонҳое, ки муаллиф аз онҳо истифода намудааст, ба 77 номгӯй мерасад. Ғайр аз ин муаллиф аз даҳҳо асарҳои гуногун ва тазкираҳо истифода

бурдааст. Муаллиф барои таснифи «Баҳори Аҷам» зиёда аз 20 сол кор кардааст.

«Баҳори Аҷам» сарчашмаи хеле бой ва муҳимми лексикографӣ мебошад. Шарҳи калимаву ибораҳо муфассал ва дар савияи илми онвақта иҷро шудааст.

Барои мисол мо ду воҳиди луғавӣ — ибораи фразеологиро, ки дар боби «Чароғи ҳидоят» нишон дода будем, меоварем, то ки хусусиятҳои асосии «Баҳори Аҷам» — муфассалӣ, равшанӣ, муайянӣ ва асоснокии эзоҳоти он аён гардад:

Рӯбоҳ дар тала дорад — яъне шахси муҳилеро (яъне ҳилагарро) ба доми худ кашидааст ва ин аз забондонон ба таҳқиқ пайваста.

Косаи гармтар аз ош — ин масал дар ҷое гӯянд, ки шахсе, ки барои итмоми кори ғайре гармтар аз соҳиби муомила бошад ва дар нусхаи Мухлисӣ киноя аз амри маҳол, чӣ агар ошро дар коса кунанд, косаро гарм метавонад кард на гармтар аз ош, аммо гармтар будани коса аз ош хилофи воқеъ. Зуҳурӣ:

Бар сари хони васли маҳрӯён,
Коса аз ош гармтар моем.

Мирзо Тоҳири Ваҳид дар таърифи таббох:

Ба ишқаш маро сӯхт дил аз талош,
Бувад гармтар косаи ман зи ош.

Муҳсини Таъсир:

Кунад аз оташи чашмаш сиришки дида ҳазар,
Надидааст касе коса гармтар аз ош.

«Баҳори Аҷам» дар Ҳиндустон ду бор (солҳои 1879 ва 1894) дар ду ҷилд бо воситаи чопи сангӣ интишор шудааст.

Шарҳ ва ҳошияҳо

Баробари тартиб додани луғатҳо навиштани китобҳои шарҳ низ ривоҷ меёбад. Инчунин дар асарҳо ҳошияҳо — эзоҳи ҷойҳои мушкил навишта мешуданд. Шарҳ ва ҳошияҳо асосан барои асарҳои назм тартиб дода мешуданд: асари назм ҳар қадар машҳуртар ва забонаш душвортар бошад, барои фаҳмондани ҷойҳои мушкил ҳамон қадар зиёдтар шарҳ ва ҳошияҳо навишта мешуданд. Шарҳҳои бисьёре ба асарҳои алоҳидаи «Хамса»-и Низомӣ, хусусан ба «Искандарнома», «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ ҳамин тавр ба вуҷуд омадаанд. Барои фаҳмондани ҷойҳои мушкили асарҳои Хо-

қонӣ, Анварӣ, Бадри Чочӣ, Урфӣ ва дигар шоирони мушкилнавис шарҳ ва ҳошияҳои бисьёре навишта шудаанд.

Шарҳ ва ҳошияҳо ба таври гуногун навишта мешуданд. Мушкилии забони асарҳо аз тарафи шарҳдиҳандаҳо мувофиқи савияи дониш ва фазилати онҳо тафсир меёфтанд. Аз ин рӯ, дар эзоҳи мушкилоти забони асарҳо, ки дар ҳошияи онҳо оварда шудаанд, тафовути зиёде мушоҳида мешавад.

Бинобар ин танҳо он шарҳ ва ҳошияҳое, ки аз тарафи олимони барҷастаи забон, луғат ва адабиётшинос навишта шудаанд, аҳамияти калон доранд. Масалан, машҳуртарин ва мӯътабартарин шарҳҳои «Искандарнома»-и Низомӣ шарҳи Муҳаммад Ғиёсиддин (муаллифи «Ғиёс-ул-луғот») мебошад. Мӯътабартарин шарҳи «Гулистон»-и Саъдӣ низ аз тарафи Муҳаммад Ғиёсиддин эҷод шудааст ва бо номи «Баҳори борон — шарҳи Гулистон» баъд аз таълифи шарҳи «Искандарнома» ва шарҳи қасоиди Бадри Чочӣ ва тартиб додани «Ғиёс-ул-луғот» шурӯъ намуда, илму дониши ҷамъкардаи худро дар ин шарҳ фароҳам овардааст. Дар шарҳ ҳам ҷамъбасти беҳтарин шарҳҳои гузашта ва ҳам хулосаҳои ҷолиби худи Муҳаммад Ғиёсиддин диққати хонандаи имрӯзаро ҷалб мекунанд. Барои мисол аз матни «Баҳори борон — шарҳи Гулистон» меорем:

«Қавлуҳу (яъне сухани Саъдӣ):

Аз лавозими сӯҳбат яке он аст, ки бо хона напардозӣ, то бо хонахудо дарсозӣ.

Шарҳ: напардозӣ аз пардохтан, ки ба маънии машғул шудан аст ва дарсозӣ аз дарсохтан аст, ки ба маънии мувофиқат кардан аст. Хонахудо ба маънии худованди хона, яъне вақте ки ба мулоқоти касе ба хонааш дарой, ба сақф ва девор ва фарш ва зуруф ва ғайруҳу нигоҳ накунӣ ва ҷуз ба соҳиби хона мутаваҷҷеҳ ба дигаре набошӣ, то ба худованди хона мувофиқат кунӣ ва ризои ӯ ҳосил намой».

Асари якҷояи олимони Калкутта «Мунтаҳаб-уш-шурӯҳ», ки ҳамаи шарҳҳои пештараро ҷамъбаст менамояд, аз асарҳои барҷаста аст.

Шарҳ ва ҳошияҳо ҳанӯз объекти таҳқиқот ва омӯзиш нашудаанд. Тадқиқи ҷиҳатҳои гуногуни онҳо барои филологияи тоҷик муфид аст.

ЛЕКСИКОГРАФИЯИ СОВЕТИИ ТОҶИК

То давраи советӣ забони форсии Эрон ва ҳам забони тоҷикони Осиёи Миёна бо номи «забони форсӣ» шӯҳрат дошт. Агарчи дар фарҳангҳо баъзе хусусиятҳои лексикӣ ва талаффузии тоҷикон («ба забони Мовароуннаҳрӣ») зикр мешуд, аммо номи «тоҷик» ё «тоҷикӣ» дар истеъмол набуд. Дар аср-

ҳои X—XII ин ном фақат барои ишорат ба халқи ғайри араб ва турк, ки онҳо форсизабон ё ин ки «даризабон» буданд, дар адабиёти манзум ва мансур маълум буд. Забон бошад, фақат «форсӣ», «форсии дарӣ» ё «дарӣ» номида мешуд. Калимаи «тоҷик» барои ифодаи **забони дарӣ** кор фармуда намешуд.

Бо ҳамин роҳ лексикографияи алоҳида бо унвони тоҷикӣ то давраи советӣ вуҷуд надошт. Тамоми фарҳангҳои тореволюционӣ барои забони форсии Эрон, забони форсию тоҷикии Мовароуннаҳр ва форсии Ҳиндустон умумӣ буданд.

Фақат дар давраи советӣ, баробари ташкил шудани Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон забон ба номи халқ мувофиқат пайдо кард ва хусусияти забони тоҷикӣ дар лексикографияи давраи советӣ ба таври намоён инъикос гардид. Бо ҳамин восита лексикографияи советии тоҷик, ки бо лексикографияи тореволюционӣ алоқаи зич дорад ба марҳалаи нав даромад.

Дар давраи советӣ дар Тоҷикистон луғатҳои зиёде тартиб дода шудаанд. Луғатҳои тоҷикӣ-русӣ, русӣ-тоҷикӣ, луғатҳои терминологии соҳавӣ, луғатҳои тафсирии тоҷикӣ қобили қайд аст.

«Луғати русӣ-тоҷикӣ». Дар зери таҳрири А. П. Деҳотӣ ва Н. Н. Ершов, Москва, с. 1949.

Тартиб додани луғат барои республика бисьёр зарур буд. Ҳанӯз солҳои 1933—34 луғати русӣ-тоҷикии дуҷилда аз чоп баромад, ки таҷрибаи аввалин дар соҳаи лексикографияи дузабона мебошад. Бо вуҷуди бисьёр ҷиҳати мусбати ин луғат дар он камбудиҳо низ дида мешаванд. Аз луғати тафсирии В. И. Даль калимаҳое гирифта шуда буданд, ки дар забони ҳозираи рус кӯҳнашуда ва ё камистеъмоланд, ҳамчунин дар луғат бисьёр калимаҳои шевагӣ дида мешуд.

Илова бар ин миқдори зиёди калимаҳои серистеъмол, фразеология, идиомаҳо ба луғат дохил нагардидаанд. Луғат мисол надошт. Ин аст, ки луғати мазкур ба талаботи имрӯза пурра ҷавоб дода наметавонист.

Дар луғати нав таҷрибаи луғати пештараи русӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб гирифта шуд. Дар он калимаҳои русӣ аз луғати чорҷилдаи тафсирии русии таҳрири профессор Д. Н. Ушаков гирифта шуданд, ки он лексикаи забони ҳозираи русро ба хубӣ акс мекунад. Луғати мазкур 45000 калима ва ибораҳоро дар бар мегирад. Ба тафсири калимаҳо фразеология, идиома ва мисолҳо ҳамроҳ карда шудаанд.

«Луғати русӣ-тоҷикӣ» лексикаи серистеъмоли забони ҳозираи русро дар бар мегирад. Маълум аст, ки бисьёр калимаҳои русӣ ва интернационалӣ, ки мафҳуми навро ифода мекунанд ва дар забони тоҷикӣ мавҷуд набуданд, ба шакли русӣ ба воситаи забони русӣ қабул шудаанд. Бештари ин ка-

лимаҳоро терминҳои илм ва техника ташкил медиҳанд. Барои маънидоди терминҳо дар қавс эзоҳи мухтасари маънои онҳо оварда мешавад. Дар луғат бисьёр фразеологизмҳо ва идиомаҳои русӣ бо тарҷимаи онҳо дода шудаанд. Дар мавриди муайян барои ифодаи маънои калимаҳои русӣ калимаҳои нави сохта ва мураккаб оварда шудаанд, масалан, ба воситаи — шавӣ, кунӣ, бароӣ ва ғ. Хулоса, тартибдиҳандагони луғат ба таври бояду шояд аз воситаҳои бои забони тоҷикӣ истифода бурдаанд, то ки мафҳумҳои забони русӣ фаҳмо бошанд.

«Лугати русӣ-тоҷикӣ» дар ҳаёти мадании республика хизмати басо калон аст.

«Луғати тоҷикӣ-русӣ». Дар зери таҳрири М. Раҳимӣ ва Л. П. Успенская, Москва, с. 1954.

Луғат 40 ҳазор калима ва ибораҳои забони миллии тоҷикро дар бар мегирад. Дар он баъзе калима ва терминҳое, ки барои адабиёти классикии тореволюционии тоҷик хос буданд ва дар забони адабии ҳозира ба дигар маъно кор фармуда мешаванд, дохил карда шудааст. Лексика ва фразеология дар асоси картотекаи адабиёти советии тоҷик ва матбуоти он, инчунин китобҳои дарсӣ тартиб дода шудааст. Асоси онро картотекаи лексикаи адабиёти бадеии тоҷик — асарҳои Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва нависандагони дигар ташкил додааст. Ҳамчунин лексикаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ба таври бояду шояд акс ёфтааст. Тартибдиҳандагони номбурдаи луғат ба лексикаи ихтисосӣ ва терминологияи илмӣ низ аҳамият додаанд. Дар луғат терминҳои зиёда аз 50 соҳаи илм ва техника дохил шудааст, ки аксари онҳо фақат дар давраи советӣ дар забони тоҷикӣ пайдо шудаанд. Қисми асосии терминологияро терминҳои интернационалӣ ташкил медиҳанд. Лексикаи жанрҳои гуногуни адабиёти бадеӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, ихтисосӣ, лексикаи гуфтугӯӣ ва шевагӣ захираи калимаҳову ибораҳои луғатро хеле бой кардаанд.

Қисмҳои номбурдаи лексика боигарии захираи луғавии забони ҳозираи тоҷикро нишон медиҳанд. Дар оң ҳам фонди асосии луғавӣ, ки аз қадим боз дар забон мавҷуд аст, аз ҷумла ҳам лексикаи кӯҳнашуда ва ҳам лексикаи тамоман нав — терминҳои илму техника мавҷуданд.

Ғайр аз терминҳои интернационалӣ бисьёр терминҳо бо роҳи истифодаи калимаҳои интернационалӣ ва аслӣ дар асоси калимасозии тоҷикӣ ба амал омадаанд, онҳо дар луғат мавқеи муайян доранд. Масалан, витаминдор, вегетативӣ, вегетационӣ, волейболбоз, волейболбозӣ, футболбоз, романнавис ва ғ. Бисьёр терминҳо аз калимаҳои аслӣ ташкил шудаанд. Чунончи, маҳсулнокӣ, маҳсулнок, маҳсулдиҳӣ, маҳсулотбарорӣ, маҳсулоттайёркунӣ ва монанди инҳо.

Терминҳои илми табиатшиносӣ, астрономия ва ғ. аз лексикаи анъанавӣ, асосан аз забони арабӣ, омадаанд. Мисли Аторуд, Асад, Ҳамал, Сунбула ва ҳоказо. Қимати дигари «Луғати тоҷикӣ-русӣ» дар лексикографияи тоҷик он аст, ки дар луғат лексика ва фразеологияи хоси тоҷикӣ, ки фақат дар забони тоҷикӣ мавҷуд буда, дар забони форсии Эрон дида намешавад, ҷойгир шудааст. Лексикаи мазкур асосан аз ду қисм иборат аст:

Якум, калима ва ибораҳои хоси тоҷикӣ, ки аз қадим боз вирди забони тоҷикон буда, дар фарҳангҳои пешина дохил карда нашудаанд, монанди гап, барор, барор гирифтан, барвақт, боб, боб кардан, бардошт, корам, замини корам, нокорам, лалмӣ, муросо, муросокор, муросогӣ ва ғ. Баъзе аз ин гуна калимаҳо дар луғатҳои пештара дохил шуда бошанд ҳам, маънояш фарқ мекунад. Масалан, калимаи **гап** дар «Баҳори Аҷам» ин тавр эзоҳ ёфтааст:

«Гап — суханони рангини бомаза, ки зарифон бо ҳам кунанд....» Ба ин гурӯҳ ҳамчунин калимаҳои **маҳсулнокӣ, маҳсулотбарорӣ, барқароркунӣ** ва ғ. дохил мешаванд, ки асосан дар даврai советӣ ташаккул ёфтаанд.

Дуюм, терминологияи интернационалӣ ва тоҷикӣ-интернационалӣ, монанди **романнавис, партиявӣ, колхозчӣ** ва ғ. Ин қисми лексика дар фарҳангҳои тореволюционӣ вуҷуд надошт.

«Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» (Фарҳанги фразеологӣ). Тартибдиҳанда М. Фозилов, ҷ. I—II, с. 1963-64.

Дар даврai тореволюционӣ фарҳангҳои фразеологии махсус (ба маънии пурраи ин ифода) мавҷуд набуд. Дар фарҳангҳои пешина қисми асосии воҳидҳои луғавии эзоҳшавандаро ибораҳои рехта, фразеология ташкил медиҳанд. Баробари фразеология дар фарҳангҳо калимаҳои алоҳида, терминҳо, калимаҳои сохта ва мураккаб низ бисьёр дида мешаванд. Ин ҳолат табиӣ буд, зеро ки мафҳуми «фразеология»-и ибораҳои рехта дар он вақт ба дараҷаи илми имрӯза муайян набуд. Аз ин рӯ, «Фарҳанги ибораҳои рехта»-и М. Фозилов дар таърихи фарҳангнависии тоҷик якумин китоби луғат аст, ки комилан ба фразеология бахшида шудааст.

Дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» қисми асосии фразеологияи имрӯзаи тоҷик ба тартиби лексикографии ҳозиразамон эзоҳ дода шудааст. Ба ҳар як маъно аз асарҳои нависандагони советии тоҷик С. Айнӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, Ҳаким Карим, Ф. Ниёзӣ, А. Сидқӣ, М. Аминзода, Ф. Муҳаммадиев аз мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва қисман аз матбуот намуна оварда мешавад.

Қисми зиёди ибораҳои рехтаи фарҳанг хоси забон ва ада-

биёти советии тоҷик буда, дар фарҳангҳои пештара дида намешавад ё ки бошад ҳам дар тафсир ё шакли ибораҳои фразеологӣ каму беш фарқ мекунанд. Масалан, дар «Чароғи ҳидоят» — «гургоштӣ — сулҳи ба иттифоқ ва оштии зоҳирӣ» бо байте аз ашъори Мӯҳсини Таъсир, ки дар он дар шакли «гургоштӣ кардан» аст, оварда мешавад, аммо дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» «гургоштӣ кунондан — ду касро рӯякӣ ба муросо овардан» бо мисолҳо аз асарҳои С. Айнӣ қайду эзоҳ ёфтааст.

Ибораҳои нав, ки фақат дар замонҳои охир, маҳз бо ташаббуси Айнӣ дар асарҳои насрӣ ва назмии нависандагони советии тоҷик кор фармуда шудаанд, дар фарҳанг гирд омадаанд.

Дар фарҳангҳои пештара мисолҳо ҳамчун қоида аз назм оварда мешуданд, намунаҳо аз наср фақат ба таври истисно мушоҳида мегарданд. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» мисолҳо асосан аз наср гирифта шудаанд, зеро ки дар забони асарҳои мансур барои айнан кор фармудани ибораҳои забони зинда имконият зиёдтар аст.

Дар «Муқаддима»-и фарҳанг як силсила масъалаҳои муҳимми фразеологияи тоҷикӣ таҳқиқ шудааст.

«Фарҳанги ибораҳои рехта» сарчашмаи муҳимми лексикографӣ ва лексикологӣ ба шумор меравад.

«Фарҳанги забони тоҷикӣ» (аз асри X то ибтидои асри XX), ки дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ соли 1969 дар Москва чоп шуд, аз ду ҷилд иборат буда, тақрибан 45 ҳазор калима ва ибораро дар бар мегирад. «Фарҳанг» якумин луғати тафсирии забони адабии пешазреволюционии тоҷик буда, боигариҳои назму насри форсу тоҷикро аз асри X то аввали асри XX дар бар гирифтааст, ва дар асоси сарчашмаҳои зиёди адабӣ мураттаб ёфтааст. Ба «Фарҳанг» қисми зиёди лексика ва фразеология аз асарҳои насрӣ бо мисол дохил шудааст, ки дар лексикографияи пешина дида намешавад. Ҳиссаи муҳимми лексикаи «Фарҳанг»-ро калима ва ибораҳои адабиёти асрҳои XV — аввалҳои асри XX, алалхусус, намуна аз осори Восифӣ, Исмати Бухороӣ, Сайидои Насафӣ, Шавкати Бухорой, Шоҳин, Савдо, Аҳмади Дониш, Туғрал ва дигарон ташкил медиҳанд. Қисми зиёди лексика дар фарҳангҳои тореволюционӣ дохил нашуда буд.

Баробари калимаҳои эзоҳшаванда шакли арабӣ ва асли баромади калимаҳо низ қайд шудааст.

Тафсири қариб ҳамаи калима ва ибораҳо дар «Фарҳанг» бо мисолҳо шарҳ ёфтааст, ки онҳо на фақат маънои калима, балки ҳамчун намунаҳои барҷастаи давраҳои гуногуни инкишофи забони тоҷикӣ, рангорангии услуб, жанр ва ғ. хизмат мекунанд.

Дар «Фарҳанг» бар замми лексика ва истилоҳоти асарҳои манзум ҳамчунин лексика ва истилоҳоти асарҳои илмӣ ва соҳавӣ низ дохил гардидааст.

Муқаддимаи «Фарҳанг» роҷеъ ба таърих ва инкишофи лексикографияи тоҷик (аз асри X то асри XIX), принципҳои луғатсозӣ, сарчашмаҳои адабӣ ва луғавии он маълумот медиҳад.

«Фарҳанги забони тоҷикӣ» луғати таърихӣ буда, баҳри хондану омӯхтани забон ва адабиёти классикии тоҷику форс, баҳри таҳқиқи таърихи забон, услуб, лексикология ва дигар соҳаҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ сарчашмаи муҳим мебошад.

ФОНЕТИКА

Фонетика яке аз бобҳои муҳимтарини илми забоншиносӣ буда, дар бораи овозҳои нутқ баҳс мекунад. Ин баҳс воситаҳои ба вуҷуд омадани нутқ, хусусиятҳои шунавоии (акустикии) овозҳо, қонунияти тағьирёбӣ ва вазифаҳои онҳоро дар бар мегирад.

Мақсаду методи омӯзиши фонетикаро ба ҳисоб гирифта, онро ба навъҳои зерин ҷудо мекунанд: а) фонетикаи умумӣ, б) фонетикаи таърихӣ, в) фонетикаи таҷрибавӣ (экспериментӣ), г) фонетикаи баёнӣ.

Фонетикаи умумӣ имконияти овозии органҳои нутқи инсонро ба таври умумӣ меомӯзад. Масолеҳро фонетикаи умумӣ аз забонҳои гуногун гирифта, табиати овозҳои садонок ва ҳамсадоҳо, қоидаҳои умумии ҳиҷоҳоро муайян мекунад, хусусияти мухталифи задаҳоро меомӯзад, оид ба мафҳуми фонемаҳо ва тобишҳои онҳо баҳс карда, тафовути байни овозҳоро ба таври илмӣ нишон медиҳад.

Фонетикаи таърихӣ дар бораи тағьирот ва инкишофи тадриҷӣ ва дуру дарози таърихии системаи овозии забони муайяне баҳс мекунад. Фонетикаи таърихӣ ҷараёни тағьироти овозҳои алоҳидаи ин ё он забонро муқаррар мекунад, таъсири он тағьиротро ба системаи овозии забон шарҳ медиҳад ва маҳсули чандин давраи гузаштаи таърихӣ будани системаи овозии забони ҳозираро равшан менамояд.

Масолеҳи асосии фонетикаи таърихӣ материалҳои фонетикии забони ҳозира, муқоисаи ин материалҳо бо ҳодисаҳои гуногуни овозии лаҳҷаҳо ва муқоисаи ҳодисаҳои алоҳидаи фонетикии худи лаҳҷаҳо мебошад. Навиштаҳои қадимӣ ва баъзе хусусиятҳои фонетикии забонҳои хеш низ аз масолеҳи фонетикаи таърихист. Ҳамаи ин фактҳо, пеш аз ҳама, барои муқоиса ва бо ин роҳ баровардани хулосаҳои илмӣ, яъне барои аз нав барқароркунии ҳолати қадимии овозҳои ҷудогона ва системаи овозии забон лозиманд.

Фонетикаи таҷрибавӣ (экспериментӣ) ҳодисаҳои овозии нутқро ба воситаи асбобҳо, чиҳози гуногун меомӯзад. Бо ёрии асбобҳои техникӣ мумкин аст, ки овозҳои алоҳида ва таркибҳои овозӣ айнан сабт гарданд ва омӯхта шаванд. Фонети-

кай таҷрибавӣ барои омӯхтани ҷиҳати шунавоӣ ва физиологии овозҳои нутқ роли муҳим мебозад.

Фонетикаи баёнӣ системаи овозии забони ҳозираро меомӯзад. Фонетикаи баёнӣ аз натиҷаҳои фонетикаҳои умумӣ, таърихӣ ва таҷрибавӣ ба таври васеъ истифода мекунад. Фонетикаи баёнӣ ҳам ба он фонетикаҳо аз далелу қоидаҳои худ материал медиҳад. Ҳамаи навъҳои фонетика ба ҳамдигар робитаи мустаҳками илмӣ доранд.

Фонетикае, ки мавзӯи баҳси мо қарор гирифтааст, ба забони адабии ҳозираи тоҷик тааллуқ дорад. Бинобар ин материали ин фонетика фактҳои овозии забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад. Фонетикаи баёнӣ системаи овозии нутқро ҳамчун ҳодисаи мураккаби таърихӣ объекти тадқиқи худ қарор медиҳад ва он монанди ҳар як факти иҷтимоӣ тағьирёбанда аст, яъне ҳолати имрӯзаи системаи овозӣ маҳсули тараққӣ ва инкишофи даврањои дуру дарозе буда, баъзе ҷиҳатҳои он кӯҳна шудаанд ва аҳамияти пешинаи худро кам кардаанд; ана ҳамин ҷиҳатҳои кӯҳнашуда бо ҳодисаҳои зиндаву муҳими имрӯза якҷоя амал мекунанд.

Фонетика ҷиҳати овозии нутқи инсонро меомӯзад. Мавриди баҳси он воҳидҳои овозии нутқ мебошанд. Ҳиҷо ва роҳҳои ташаккульёбии он, задаи калима ва интонацияро низ фонетика меомӯзад. Фонетика бо хусусиятҳои хоси худ аз грамматика, ки ҷумла; ибора, шаклҳои морфологии калима ва морфемаҳоро меомӯзад, фарқ мекунад. Грамматика бо воҳидҳои маънодори забон кор дорад. Фонетика бо овозҳои нутқ сарукор дорад ва ҳеҷ кадоми онҳо маънии (семантикаи) забониро ифода намекунад. Дар воқеъ, овозҳои, масалан, т, м, ш дар шуури мо ягон маънӣ ё мафҳуми грамматикиро ифода намекунанд. Аммо овозҳо масолеҳи моддии нутқ мебошанд. Ба ибораи дигар, онҳо қишри (пӯсти) овозии калима ва шаклҳои грамматикии нутқанд. Вобастагии фонетикаю грамматика ҳам дар ҳамин аст.

Ҳамаи овозҳои нутқ ба воситаи ҳавои аз шушбароянда пайдо мешаванд.

Овози алоҳидаи нутқ воҳиди кӯтоҳтарини забон аст, ки ҳангоми калимаро тартибан ба ҳиссаҳои хурдтарин тақсим кардан ҷудо мешавад. Ҳар як овози нутқ хусусияти шунавоӣ ва физиологӣ дорад.

Овозҳои нутқро ба ду гурӯҳи калон — о в о з ҳ о и с а д о н о к ва о в о з ҳ о и ҳ а м с а д о тақсим мекунанд.

Овозҳои садонок ва овозҳои ҳамсадо бо аломатҳои зерин аз ҳам фарқ мекунанд:

1. Ҳамаи овозҳои садонок бо садо ташаккул меёбанд, овозҳои ҳамсадо бо шавшув ба вуҷуд меоянд. Масалан, овози садоноки а ва овози ҳамсадои ш-ро талаффуз карда, тарзи ба амал омадани онҳоро муқоиса кунед, ин гуфтаҳо равшан мегарданд.

2. Ҳангоми ташаккул ёфтани овозҳои садонок ҷараёни ҳаво аз шуш бе мамониат, танҳо ба садопардаҳо бархӯрда мебарояд, органҳои нутқ аз ҳамдигар ҷудо меистанд, аммо вақти талаффузи ҳамсадоҳо онҳо ба ҳам мечаспанд ва ё ба ҳамдигар бисьёр наздик мешаванд. Ҳамин тариқ, ҷараёни ҳавои аз шушбароянда ба монеа дучор мешавад. Масалан, мо овози садоноки о-ро талаффуз кунем, роҳи ҷараёни ҳаво боз аст, аммо овози ҳамсадои т-ро талаффуз кунем, нӯги забон ба дандонҳои пеш мечаспад ва вақти талаффузи ҳамсадои с забон паҳн шуда ба ком наздик мешавад.

3. Вақти ташаккульёбии овози садонок ҳамаи органҳои нутқ нисбатан таранг мешаванд ва, баръакс, ҳангоми талаффузи овози ҳамсадо органҳои нутқ озод буда, фақат дар махраҷи ин ва ё он овози ҳамсадо тарангшавӣ ба вуҷуд меояд. Барои исботи ин гуфтаҳо талаффузи садоноки и-ро бо талаффузи ҳамсадои н муқоиса кардан кофист. Ҳангоми талаффузи и ҳамаи органҳои нутқ каму беш таранг мешаванд, аммо вақти талаффузи н фақат махраҷи он, яъне нӯги забон таранг шуда, бо охири пеши кому дандонҳои боло мечаспад.

4. Ҳангоми ташаккул ёфтани овози садонок ҷараёни ҳавои аз шушбароянда нисбатан суст аст, аммо вақти ташаккульёбии овозҳои ҳамсадо ҷараёни ҳаво пурқувваттар ва шиддатноктар мешавад. Дар воқеъ талаффузи, масалан, садоноки а-ро бо талаффузи ҳамсадои п муқоиса кунем, фарқи шиддати ҷараёни ҳавои аз шушбароянда, ки дар вақти талаффузи овози охирин хеле шиддатнок аст, аёнтар мегардад.

ОЛОТИ НУТҚ

Дар ҷараёни ба амал омадани нутқ узвҳои зиёди инсон иштирок доранд.

Ҳамаи узвҳои инсонро, ки дар ташаккульёбии нутқ иштирок мекунанд, о л а т ҳ о и н у т қ меноманд. Олатҳои нутқ аз лаб, дандон, забон, ком, забонча, тилчак, фарохии даҳон, фарохии бинӣ, пешгаҳи даҳон, ҳалқ, хирной, бронх, шуш, диафрагма иборатанд.

Роли мағзи сар ё ба ибораи дигар, системаи марказии асаб, ки ҳамаи органҳои нутқро идора мекунад, хеле муҳим аст.

Дар забоншиносӣ ҳамаи узвҳоеро, ки ба воситаи онҳо нутқ ба вуҷуд меояд, одатан ба се ҳисса тақсим мекунанд:

1. Ҳиссаи поёнӣ. Ҳамаи олатҳои нутқ, ки дар поёни ҳалқ ҷо гирифтаанд.

2. Ҳиссаи васатӣ. Ҳалқ.

3. Ҳиссаи болоӣ. Ҳамаи олатҳои нутқ, ки аз ҳалқ боло ҷо гирифтаанд.

О л а т ҳ о и п о ё н и и н у т қ. Овози нутқ дар натиҷаи ларзишу такон хӯрдани ҳавои аз шушбароянда ба вуҷуд меояд. Вақти нутқ кардан ҷараёни ҳавои аз шушбароянда нисбат ба ҷараёни ҳавои нафасбарории муқаррарӣ калонтар мешавад.

Дар қафаси сина (дар сандуқи дил) шуш ҷойгир аст, ки он узви асосии нафаскашӣ ва нафасбарорӣ мебошад. Бофтаҳои шуш аз пуфакчаҳои бисьёр нозуки мулоиму майда иборатанд. Ин пуфакчаҳо бо найчаҳои борики бисьёре ба ҳам пайваст шудаанд. Ин найчаҳо ба ҳам пайванд шуда, тадриҷан ғафс мешаванд ва дар охир аз онҳо дар ду тарафи шуш ду наи нисбатан калонтаре пайдо шуда, нӯгҳои онҳо ба хирной ва гулӯ мебарояд. Нафаскашӣ бо ёрии мушаки байни қабурғаҳо, ки ба он шуш пайванд аст, ба амал меояд. Ҳангоми нафаскашӣ қабурғаҳо аз ҳам дур мешаванд, дар натиҷа мушакҳо ҳам таранг шуда шушро калон мекушоянд. Ҳамин процесс нафаскашӣ мебошад. Ғайр аз ин дар нафаскашӣ вазифаи диафрагма (пардаи миёнаи ковокии синаву шикам) калон аст. Вақти нафаскашӣ диафрагма паҳн ва ба самти поён кашида мешавад. Дар натиҷа қафаси сина кушодатар ва ҳаво ба шуш кашида мешавад. Ҳангоми нафасбарорӣ, баръакс, мушаки қабурға ва диафрагмаҳо озод шуда ба ҷои аввалааш бармегардад ва дар натиҷа шуш фӯшурда ва ҳаҷми он хурд мешавад — қисми ҳаво аз даруни вай ба воситаи хирною ҳалқ ва даҳону бинӣ берун мебарояд. Кори шуш ба кори дами оҳангарон каме монандӣ дорад.

Дар ҳиссаи поёнии олатҳои нутқ овоз ба вуҷуд намеояд.

Ҳ а л қ. Ҳиссаи дуюми (ё ҳиссаи васатии) олатҳои нутқ ҳалқ мебошад. Ҳалқ аз тағояк ва бофтаҳои нарм иборат аст. Ҷои он пешгаҳи гардан аст. Аз пеш ва аз ду паҳлу (чапу рост) бо ангушт ламс карда фаҳмидан мумкин аст.

Ҳалқ аз боло ба пешгаҳи даҳон ва аз поён ба хирной пайваст аст. Аз паҳлуҳои ҳалқ рагҳои калони гардан ва асабҳо мегузаранд ва аз ақиби он сурхрӯда — роҳи хӯрок мегузарад. Ҳангоми нутқ ва махсусан вақти хӯрокфурӯдиҳӣ ҳалқ болою поён ҳаракат мекунад. Аз тарафи беруни ҳалқ бо тағояки сипарак (сипармонанд) пайҳо ва пӯсти гардан иҳота шудааст. Аз тарафи дарун бо пардаи нарму луобӣ пӯшонида шудааст. Бадани ҳалқ якчанд тағояки хурду калон дорад. Онҳо бо ҳам пайваст буда, ба воситаи пайҳо ҳаракат мекунанд.

Т а ғ о я к и с и п а р а к тағояки аз ҳама калони бадаНаи ҳалқ аст. Он ба ду сипари ба ҳам пайванд шабоҳат дорад. Узви дар гулӯ ҷаста баромадаи онро хекиртак меноманд. Ин тағоякро бо ангушт ламс карда фаҳмидан осон аст. Ҳам аз боло ва ҳам аз поён ҳар як тағояк ҷастагиҳое дорад:

ҷастагиҳои болоӣ ба устухони зеризабонӣ ва ҷастагиҳои поёнӣ бошад, ба тағояки ангуштаринмонанд пайванданд.

Тағояки ангуштаринмонандро таҳкурсии ҳамаи ҳалқ гуфтан мумкин аст. Он монанди ангуштарин доирашакл мебошад. Тарафи ғафси (нигини) тағояки ангуштаринмонанд дар ақиб ва тарафи борикаш дар пеш аст. Тағояки ангуштаринмонанд дар поёни тағояки сипарак ҷо дошта, ба ҷастагиҳои он пайванд аст. Дар болои қисми ғафси тағояки ангуштаринмонанд ҷои банде воқеъ аст, ки дар ҳамон ҷо тағояки ангуштаринмонанд бо тағояки аҳромӣ пайванд мешаванд.

Тағояки аҳромӣ дуто буда, шаклан ҳар якашон ба аҳроми сепарай монанд мебошанд. Нӯгашон ба боло равона буда, аз поён ба қисми ғафси тағояки ангуштаринмонанд часпидааст.

Тағояки нӯги ҳалқ ё ки тағояки забонмонанд шаклан ба забон шабоҳат дорад. Нӯгаш монанди нӯги забон озод буда, ба боло ва ақиб ҳаракат мекунад. Он аз поён ба тағояки сипарак часпидааст. Тағояк вақти хӯрокхӯрӣ ба ақиб ҳаракат карда, ба нӯгаш сӯрохи ҳалқ (хирной)-ро монанди клапан мепӯшонад. Ҳангоми нафаскашӣ ва нафасбарорӣ баръакс боло бардошта шуда, роҳи ҳаворо боз мекунад.

Садопарда аз ду мушаки чиндори ёзандаву ғуншаванда иборат аст. Мушакҳо ҳаҷман баробар буда, нӯгҳояш ба кунҷи дохилии тағояки сипарак часпидаанд ва дар ҳамин ҷо ба ҳам расида меистанд. Аз поён ҳар кадоми он ба яке аз тағоякҳои аҳромӣ пайванд мебошад. Ҳамин тариқ, садопардаҳо дар ҳалқ кӯндаланг, аз пеш ба ақиб дар вазъияти уфукӣ ҷой гирифтаанд. Азбаски ин тағоякҳо муҳарриканд, садопардаҳои ба онҳо пайванд ҳам метавонанд вазъи худро тағьир диҳанд. Агар садопардаҳо ғун шаванд, он гоҳ онҳо ба ҳамдигар наздик мегарданд. Бо тағьирьёбии шаклу вазъи садопардаҳо шаклу ҳаҷми сӯрохии байни онҳо, ки сӯрохии садоном дорад, низ тағьир меёбад.

Садо дар натиҷаи ларзиши садопардаҳо ба вуҷуд меояд. Ларзиши садопардаҳоро бошад, ҷараёни ҳавои аз шушбароянда ба амал меорад. Ларзиши садопардаҳо чунин сурат мегирад: ҷараёни ҳавои аз шуш ба воситаи хирной ва тағояки ангуштаринмонандбароянда ба садопардаҳои зичи пӯшидашуда дучор мешавад ва бо зӯр садопардаҳоро тақон дода, ба тадриҷ аз байни онҳо (сӯрохии садо) берун мебарояд — ин таконхӯрӣ бо суръат (дар як сония аз 80 то 130 бор) такрор меёбад. Садо ҳам натиҷаи ҳамин таконхӯрӣ ва ларзиш аст. Ҳангоми нафаскашию нафасбарории муқаррарӣ сӯрохии садо кушода буда, ҳаво аз он бемалол ба поён (вақти нафаскашӣ) ва ба боло (вақти нафасбарорӣ) ҷараён мешавад. Ҳангоми нафаскашӣ васеъии сӯрохи садо нисбат ба васеъии вақти

нафасбарорӣ калонтар мешавад. Табиист, ки дар ин сурат садо ба вуҷуд намеояд.

Дар ин асос метавон гуфт, ки садопардаҳо дар процесси ба вуҷуд омадани садои нутқ вазифаи асосиро иҷро мекунанд.

О л а т ҳ о и б о л о и и н у т қ. Ҳиссаи сеюми олатҳои нутқ аз ҳалқ боло ҷой гирифтаанд. Ин ҳиссаи олатҳои нутқ аз се резонатор: холигии пешгаҳи даҳон, холигии даҳон ва холигии бинӣ иборат буда, дар онҳо тобишҳои гуногуни овозҳои садонок ва ҳамсадо ба вуҷуд меоянд.

Дар холигии даҳон аз олатҳои мутаҳаррики нутқ забон, лаб, коми нарм, забонча ва ҷоғи поён, аз олатҳои сокити (ғайримутаҳаррики) нутқ дандон ва ҷоғи боло бо вораю милки дандон қарор гирифтаанд.

З а б о н аз нуқтаи назари фонетика лаҳми гӯшт нест. Сохти он хеле мураккаб буда, аз гирехи мушаки ба ҳам пайваст иборат аст. Бинобар ин вай ба зудӣ шакли худро тағьир дода метавонад. Қисми алоҳидаи забон махсусан, қисми пеши он метавонад ҳаракат кунад (нӯги забон тезҳаракаткунанда аст). Ин хусусияти забон барои зуд тағьир додани ҳаҷм ва характери резонатор (холигии даҳон) хеле муҳим аст.

Забон — аз нӯг ва кафи забон иборат буда, бехи он ба устухони зеризабонӣ пайванд аст. Кафи забонро дар фонетика ба се қисм:

1) паси забон (қисми забон, ки муқобили коми нарм воқеъ аст);

2) байни забон (ин қисми забон муқобили коми сахт ҷой гирифтааст);

3) пеши забон (бо нӯги забон) ҷудо мекунанд.

Л а б ҳ о низ аз олатҳои тезҳаракаткунандаи нутқ ба шумор мераванд. Лабҳо лӯлае мебошанд, ки онҳоро доираи мушакии лаб ба вуҷуд овардааст. Ин мушакҳо лабҳоро ба вазъияти гуногун медароранд. Ҳангоми талаффузи овозҳои садонок ба воситаи ҳаракати мушак лабҳо ё ғун шуда ба шакли доира медароянд, ё ёзида паҳн мешаванд. Вақти талаффузи овозҳои ҳамсадо лабҳо ба ҳам наздик шуда ғафс мешаванд, ё таранг шуда сӯрохӣ ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷа ё овозҳои тарканда, ё овозҳои ҳамсадои роғи лабӣ ба вуҷуд меоянд. Вақти талаффузи овозҳои ҳамсадои лабу дандонӣ лаби поёнӣ ба дандонҳои пеши болоӣ расида меистад. Умуман, лаби поёнӣ нисбат ба лаби болоӣ мутаҳарриктар мебошад. Шаклу вазъияти лабҳо барои муайян кардани характери умумии овозҳои нутқ муҳим аст.

К о м и н а р м низ олати мутаҳаррики нутқ аст. Коми нарм аз мушакҳо сохта шуда, давоми коми сахт аст. Дар охири миёнаи он забонча ҷой гирифтааст. Коми нарм бо ёрии му-

шакҳо болою поён шуда, ҳаҷм ва шакли резонатори даҳонро тағьир медиҳад.

З а б о н ч а шакли конусӣ дошта, давоми (охири) коми нарм аст. Он дар миёнаи охири коми нарм монанди ғуҷуми ангур овезон аст. Вақте ки забонча бо коми нарм ба паст ҳаракат мекунад, роҳи ҷараёни ҳаво ба холигии бинӣ кушода шуда, ҳаво аз холигии бинӣ хориҷ мешавад.

К о м и с а х т аз олатҳои сокити нутқ аст. Он аз вараи болоӣ сар шуда, то коми нарм давом мекунад, шакли гунбазӣ дорад.

Х о л и г и и б и н ӣ низ монанди холигии даҳону пешгаҳи даҳон резонатор аст. Фарқи холигии бинӣ ҳамчун резонатор аз резонаторҳои дигар (даҳону пешгаҳи даҳон) ин аст, ки шаклу ҳаҷми ин резонатор тағьир намеёбад. Вақти талаффузи баъзе овозҳо (м ва н) коми нарм бо забонча суст шуда поён мефарояд ва бо ҳамин сӯрохии холигии бинӣ кушода мешавад ва қисми ҳавои аз ҳалқ берунбароянда ба воситаи холигии бинӣ хориҷ мегардад. Дар натиҷа овози талаффузшаванда тобиши димоғӣ мегирад.

Олатҳои нутқро ба ду гурӯҳ: о л а т ҳ о и м у т а ҳ а р р и к и н у т қ ва о л а т ҳ о и с о к и т и (ё ғайримутаҳаррики) н у т қ ҷудо мекунанд. Узвҳое, ки вақти талаффузи овоз ҳаракат мекунанд, олатҳои мутаҳаррики нутқ ва узвҳое, ки ҳангоми талаффуз беҳаракатанд, олатҳои сокити (ё ки ғайримутаҳаррики) нутқ мебошанд.

Забон, лаб, коми нарм бо забончааш ва садопардаҳо олатҳои мутаҳаррики нутқ буда, дандонҳо (дандонҳои пеш), вора, коми сахт олатҳои сокити нутқ мебошанд.

Барои таснифоти овозҳо олатҳои нутқро ба ду гурӯҳ — ба мутаҳаррик ва сокит тақсим кардан зарур аст. Ҳамин тавр шуш бо диафрагмаю хирной ҷараёни ҳаворо ба қисми болоии олатҳои нутқ медиҳад, ки он барои пайдоиши овозҳои мухталиф ҳамчун қувваи муҳаррик хизмат мекунад.

Ҳалқ бо садопардаҳо манбаи овозҳо мебошад.

Даҳон бо дигар олатҳои нутқи дар даҳонбуда ва холигии бинӣ ба овозҳо тобиши гуногун медиҳад.

ОВОЗҲОИ НУТҚ ВА ТАСНИФИ ОНҲО

Овозҳои нутқ ҳодисаи физикианд. Овоз дар натиҷаи ларзишу таконхӯрии ҷисм ба вуҷуд омада, ба воситаи ҳаво ҳамчун мавҷҳои овоз ба гӯши мо мерасад.

Овозҳои нутқ ҳодисаи физиологӣ низ мебошад, зеро онҳо ба воситаи олатҳои нутқ пайдо шуда, ба воситаи узвҳои махсуси инсон шунида мешаванд.

Овозҳои нутқ ва умуман нутқ фикри инсонро ифода мекунанд, овозҳои нутқ қишри моддии тафаккур мебошанд. Бинобар ин овозҳои нутқро ҳодисаи рӯҳӣ-иҷтимоӣ ҳам донис-

тан мумкин аст. Масалан, овоз-калимаи ӯ-ро, ки ҷонишини шахсӣ аст, бо овози гуногун талаффуз кунем ҳам, аз нуқтаи назари лингвистӣ вай боз ҳамон ҷонишини шахсӣ ва ҳамон овоз боқӣ мемонад. Аммо аз нуқтаи назари физиологӣ (биологӣ) ва физикӣ характери он тағьир меёбад.

Нутқ таърихан маҳсули ҳаёти иҷтимоии инсон, воситаи мубодилаи афкор аст. Аз ин нуқтаи назар, овозҳои нутқ ҳодисаи иҷтимоӣ аст. Ин ҷиҳати асосӣ ва муҳимтарини овозҳои нутқ мебошад.

Олатҳои нутқи инсон қодир аст овозҳои мухталифро ба вуҷуд оварад. Аммо дар ҳар забон овозҳои нутқ ба типҳои овозии на чандон зиёд муттаҳид мешаванд. Агар сухан дар бораи овози алоҳидаи нутқ равад, он гоҳ ҳамин типҳоро ба назар мегиранд. Ин типҳои нутқро **фонема** меноманд. Овозе, ки типи алоҳидаи нутқро ба вуҷуд меорад, тобиши (варианти) гуногуни типи овозӣ, яъне фонема мебошад.

Хусусияти овозҳои нутқ гуногун мебошад. Онҳоро мувофиқи хусусияти умумиашон ба синфҳои алоҳида тақсим мекунанд, яъне ҳамаи овозҳои нутқро ба гурӯҳҳо ва ин гурӯҳҳоро ба гурӯҳчаҳо ҷудо мекунанд. Ин тақсимоти овозҳои нутқро таснифи овозҳои нутқ меноманд.

Овозҳои нутқро аз рӯи кори садопардаҳо ба овозҳои ҷарангдор ва бечаранг ҷудо мекунанд. Вақти талаффузи овозҳои ҷарангдор садопардаҳо таранг шуда, ба ҳам наздик мешаванд, дар натиҷаи фишори ҷараёни ҳавои аз шушбароянда меларзанд ва садо пайдо мешавад. Агар ҷараёни муназзами ҳавои аз шушбароянда баъд аз ларзиши садопарда ва сӯрохии он гузашта дар пешгаҳ ва холигии даҳон ба монеа дучор нашавад, овозҳои садонок ба вуҷуд меоянд. Ва агар ҷараёни ҳаво дар пешгаҳи даҳон ва ё дар холигии даҳон ба мамониат дучор шавад, ҳамсадои ҷарангдор ба вуҷуд меоянд. Характери инфродии овозҳои садонокро резонаторҳо муайян мекунанд, аммо характери овози ҳамсадои ҷарангдор ба олатҳои ҷудогонаи пешгаҳи даҳон ва холигии даҳон вобаста аст.

Ҳангоми талаффузи овозҳои ҳамсадои бечаранг садопардаҳо озод буда, намеларзанд, сӯрохии садо кушода аст ва ҷараёни ҳаво аз он бемалол мегузарад, аммо ин ҷараён дар холигии пешгаҳи даҳон ва холигии даҳон ба монеа ва молишҳои гуногун дучор меояд, ки ин мамониат ва молишҳо характери асосии ҳар як овози ҳамсадои бечарангро муайян мекунанд.

Таснифи овозҳои садонок

Дар забони тоҷикӣ шаш овози (фонемаи) садонок ҳаст. Овозҳои садонок дар даҳон дар натиҷаи корҳои забону лабҳо (онҳо ба холигии даҳон шакл ва ҳаҷми гуногун мебахшанд)

ба характери ба худ хоси темберҳо моликанд. Азбаски шаклу ҳаҷми резонатори даҳон ба вазъияти лабу забон вобаста аст, таснифи овозҳои садонок ҳам ба лабу забон сахт марбут аст. Ҳангоми талаффузи садонокҳо лабҳо ғун шуда доирашакл, ё ба ҳам наздик мешаванд, ки дар натиҷа ду кунҷи лаб пайдо мешавад. Вобаста ба ин тағйирот дар резонатори даҳонӣ ҳам дигаргунӣ ба вуҷуд меояд. Шаклу ҳаҷми холигии даҳон дар натиҷаи болою паст ва пасу пеш ҳаракат кардани забон тағйир меёбад ва аз ин сабаб ҳар як овози садонок ба хусусияти худ соҳиб мешавад, яъне овозҳои садоноки мухталифи нутқ пайдо мешавад. Бино ба гуфтаҳои болоӣ овозҳои садонок аз рӯи чунин асосҳо тасниф мешаванд:

1. Мувофиқи иштироки лабҳо;
2. Аз рӯи дараҷаҳои боло бардошта шудани забон;
3. Мувофиқи ҷои барҷастагии забон, ки ҳангоми пасу пеш ҳаракат кардани он пайдо мешавад.

Дар ташкили садонокҳо вазъияти лабҳо роли муайян мебозад. Ҳангоми талаффузи баъзе садонокҳо лабҳо ғун шуда, шаклӣ доираро мегиранд ва каму беш пеш мебароянд. Дар натиҷа даҳон сӯрохӣ пайдо мекунад, масалан, ҳангоми талаффузи садоноки **у**. Чунин садонокҳоро овозҳои садоноки лабӣ меноманд. Ҳангоми талаффузи баъзе садонокҳо, масалан, **и** кунҷи лабҳо аз ҳам дур мешавад. Садонокҳоеро, ки дар чунин вазъияти лабу даҳон ба вуҷуд меоянд, овозҳои садоноки ғайрилабӣ меноманд.

Дар ташаккули талаффузи овозҳои садонок вазифаи забон хеле муҳим аст. Вақти талаффузи садонокҳо дараҷаи барҷастагӣ ва ба коми боло наздикшавии забон гуногун мешавад. Аз рӯи ба боло бардошташавии забон садонокҳоро ба се навъ ҷудо мекунанд: агар вақти талаффузи садонок кафи забон ба боло бардошта, фарохии байни забону ком кам монад, **садоноки камфарох** (масалан, садоноки **и**) ба вуҷуд меояд, агар вақти талаффузи садонок забон ба боло чандон бардошта нашуда, фарохии даҳон калон нашавад, овози **садоноки фарох** (масалан, **а**) пайдо мешавад, ҳангоми талаффузи баъзе овозҳои садонок (масалан, садоноки **э**) кафи забон то андозае боло бардошта шуда, дар холигии даҳон ҳолати нимфарохӣ ба вуҷуд меояд. Садонокеро, ки дар ин ҳолати забон пайдо мешавад, овози **садоноки нимфарох** меноманд.

Аз ин рӯ, пайдоиши овозҳои садоноки камфарох, нимфарох ва фарох ба поёну боло шудани кафи забон, яъне ба ҳаракати вертикалии забон вобаста мебошад. Забон бо ин ҳаракати худ ҳаҷми фарохии байни забону коми болоро хурду калон мекунад.

Овозҳои садонок вобаста ба пасу пеш (горизонталӣ) ҳаракат кардани забон ҳам ба се навъ ҷудо мешаванд. Ин таксимот ба мувофиқати ҷои барҷастагии забон, ки дар ҳолати

ҳаракати горизонталии забон ба вуҷуд меояд, хос аст. Аз рӯи ин тақсимот садонокҳо ба овозҳои с а д о н о к и қ а т о р и п е ш ё н ӯ г и з а б о н ӣ (масалан, садоноки и), овози с а д о н о к и қ а т о р и м и ё н а ё м и ё н и з а б о н ӣ (садоноки ӯ) ва овози с а д о н о к и қ а т о р и а қ и б ё п а с и з а б о н ӣ (садоноки у) ҷудо мешаванд.

Ҳангоми талаффузи овозҳои садоноки нӯгизабонӣ танаи забон пеш омада, нӯги забон ба дандонҳои поёнӣ мечаспад ва миёнаи кафи забон баланд мешавад. Вақти ташаккули овози садоноки пасизабонӣ танаи забон ақиб меравад ва паси забон ба самти коми нарм бардошта шуда, нӯги забон аз дандонҳо дур мешавад. Ҳангоми ташаккули овозҳои садоноки миёнизабонӣ забон ҳолати миёнагӣ — байни ҳолатҳои нӯгизабонию пасизабониро мегирад. Дар ташаккули ин навъ садонокҳо забон аз дандонҳо каме дур мемонад. Тамоми кафи забон (на танҳо нӯг ё паси забон) ба самти ком бардошта мешавад.

Хусусиятҳои овозии садоноки алоҳида

Чунон ки дар боло гуфта шуд, дар забони адабии тоҷик шаш овози асосии (фонемаи садоноки) типӣ мавҷуд буда, ҳар яки он дар нутқ чандин тобиш — вариант доранд. Фонемаҳо мувофиқи он ки ба задаи калима чӣ гуна муносибат доранд (худашон бо зада талаффуз мешаванд ё не, аз ҳиҷоҳои бо зада талаффузшаванда чӣ қадар фосила доранд, дар калима пеш аз ҳиҷои заданок ё баъди он омадаанд ва дар ҳиҷо чӣ гуна вазъият доранд) тобишҳои гуногун пайдо мекунанд. Дар тағйиру тобиши фонемаҳои садонок ҳамсояги ҳамсадоҳои гуногун низ аҳамияти калон дорад. Фонемаҳои ҳамсадои ҳамсоя ба характери фонемаҳои садонок каму беш таъсир расонда, тобишҳои махсус медиҳанд. Суръати нутқ ва оҳанги ҷумла ҳам ба фонемаҳо тобишҳои гуногун мебахшад.

Инак, хусусияти мухтасари овозҳои садоноки забони адабии тоҷик ва тарзи талаффузи онҳо:

Фонемаи а. Дар талаффузи ин овоз лабҳо иштирок намекунанд, ҷағ поён фаромада, фарохии даҳон калон мешавад. Дар вақти алоҳида талаффуз шудан забон ба худ ҳолати уфукӣ (горизонталӣ) гирифта, каму беш ҳамвор ва паст мешавад, нӯги забон ба дандонҳои пасти пеш хеле наздик шуда поён мефарояд, вале сахту таранг намешавад.

Агар ин садонок бо зада гуфта шавад, андак дарозтар талаффуз мешавад, дар ин ҳолат забон каме ба ақиб кашида шуда, фонема тобиши пасизабонӣ пайдо мекунад. Ҳолати ба ақиб кашидашавии забон ҳангоми дар ҳамсоягӣ ома-

дани фонемаи **а** бо овозҳои ҳамсадои пасизабонӣ ва **ҳалқӣ** низ равшан ҳис карда мешавад.

Фонемаи **а** пеш аз **ъ** (сакта) нисбатан дарозтар ва шиддатноктар талаффуз мешавад. Дар ҳиҷои баста пеш аз овози **ҳ** низ **а** шиддатноктар ва дарозтар гуфта мешавад, аммо на ба андозаи дарозии пеш аз **ъ** (сакта).

Фонемаи **а** дар ҳиҷои кушодаи якуми калима нисбатан кӯтоҳтар талаффуз мешавад (**а**-и ҳиҷоҳои якум ва дуюми **апа** ва **ана**-ро муқоиса кунед). Дар чунин ҳолат фарохии даҳон ҳам андаке коста мешавад.

Агар фонемаи **а** дар ҳамсоягии баъзе ҳамсояҳои роғ (**ш, ж**) талаффуз шавад, фарохии даҳон тангтар мешавад — забон ба боло бардошта шуда, ҳолати каму беш ҳамворро мегирад. Пеш аз изофа ҳам дар вақти талаффузи овози **а** ҷоғу забон ба коми боло бардошта шуда, ин садонок тобиши нимфарохӣ мегирад ва нӯги забон ба пеш меравад.

Фонемаи **а** овози ғайрилабӣ, фарох ва нӯгизабонӣ мебошад.

Фонемаи э. Дар талаффузи ин фонема лабҳо иштирок намекунанд, забон паҳн шуда пеш меояд ва поён мефарояд. Аммо на ба андозае, ки дар вақти талаффузи **а** паст мехобад. Нӯги забон ба бехи дандонҳои поёнӣ пеш расида меистад.

Агар ин фонема дар калима бо зада талаффуз шавад ва ё танҳо ҳиҷо шуда ояд, дарозтар талаффуз мешавад.

Пеш аз **ъ** (сакта) **э** дароз ва шиддатноктар мешавад.

Ин овоз дар ҳиҷоҳои якуми калима одатан кӯтоҳ талаффуз мешавад, дар ин вақт забон ҳолати нимфарохии тангро гирифта, ба камфарохӣ наздик мешавад. Дар ҳиҷои якуми кушодаи калима кӯтоҳии талаффуз то ба дараҷаи номуайянии овоз мерасад, масалан, дар калимаи **дэҳот**.

Овози **э** ғайрилабӣ, нӯгизабонӣ ва нимфарох аст.

Фонемаи и. Ин фонема ғайрилабӣ, нӯгизабонӣ ва камфарох аст. Дар талаффузи он нӯги забон ба дандонҳои поёни пеш ҷафс мешавад. Ҳангоми талаффузи **и** забон чандон таранг нашуда, кафи он каме ақиб меравад, шакли сӯрохии даҳон паҳн мешавад. Фонемаи **и** вобаста ба вазъияташ дар таркиби калима **кӯтоҳ** ва **дароз** талаффуз мешавад, ки термини **и**-и кӯтоҳ ва **и**-и дароз ба ҳамин чиз вобаста аст.

Дар ҳиҷои якуми калима, махсусан дар ҳиҷои кушода, фонемаи **и** то ба дараҷаи номуайянӣ кӯтоҳ ва норавшан мешавад, масалан, дар калимаҳои **ситора, сипоҳ, китоб.** Аммо дар чунин ҳолат агар пеш аз овози **й** биёяд, муайянии худро гум намекунад, масалан, дар калимаҳои **пиёла, пиёз.**

Ҳангоми талаффузи **и**-и дароз забон нисбатан таранг шуда, ба дандонҳои паҳлугии пеш ҷафс мешавад, қисми миёнаи кафи забон баланд ва фарохии даҳон хеле танг мешавад.

И-и дароз нисбат ба **и**-и кӯтоҳ пӯшидатар аст. Нӯги забон нисбат ба ҳолати дар вақти талаффузи **и**-и кӯтоҳ доштанаш каме бардошта шуда ақибтар меояд.

Дар вақти талаффузи **и**-и дароз сӯрохии даҳон чандон паҳн нашуда, лабҳо таранг мешаванд, ки ин ҳолат ҳангоми талаффузи **и**-и кӯтоҳ мушоҳида намегардад.

И-и дароз дар забони тоҷикӣ дар аввали калимаи (**ин, ид**), дар миёнаи калима (**шир, пир, бино**) ва дар охири калима (**тӯтӣ**) меояд.

Ба ҷои **и**-и дароз талаффуз кардани **и**-и кӯтоҳ ё баръакс калимаро гӯшхарош мекунад. Муқоиса кунед:

ид — идома
ин сон (хел) — **инсон**
сир (пиёз) — **сир** (роз)
бино (бинанда) — **бино** (иморат)
бинойи (хуб) — **Биной** (тахаллуси шоире).

И-и дароз дар ҳиҷои баста пеш аз овози **ҳ** ва **ъ** (сакта) намеояд.

Фонемаи о. Вақти талаффузи **о** забон ба ақиб кашида мешавад. Нӯги забон озод буда, андаке ба боло бардошта мешавад, лабҳо каме доирашакл шуда, ба пеш мебароянд, ҷоғ ва забон поён мефарояд, аз ин рӯ, ин фонемаро фонемаи пасизабонӣ, нимфарох ва лабӣ меноманд.

Овози **о** ҳангоми бо зада талаффуз шудан каме дароз ва шиддатноктар ифода мешавад (овозҳои **о**-и баъд аз **б** ва **з** омадаи калимаи **бозор**-ро бо ҳамдигар муқоиса кунед).

Дар вақти ҳиҷои алоҳида шуданаш ҳам **о** нисбатан дарозгар талаффуз меёбад. (**о**-и калимаҳои **олам** ва **об**-ро муқоиса кунед).

Фонемаи у.[1] Ин фонема овози садоноки лабӣ, камфарох, пасизабонӣ ва кӯтоҳ мебошад. Дар вақти талаффузи он бехи забон боло бардошта шуда, нӯги забон ба қисми поёнии дандонҳои поёни пеш мерасад. Лабҳо шакли доиравӣ гирифта, сӯрохии он хурд мешавад.

У дар ҳиҷои якуми калима нисбатан кӯтоҳ талаффуз мешавад (**у**-ҳои калимаи **бузургвор**-ро ба ҳам муқоиса кунед).

---

[1] Баъзе рафиқони забоншинос аз ҷумла, муаллифи ин боб ва онҳое, ки дар бораи вазни арӯзи тоҷикӣ асарҳои илмӣ навиштаанд, овозҳои **и**-и дарозу кӯтоҳ ва **у**-и дарозу кӯтоҳро фонемаҳои алоҳида ба қалам дода, дар забони адабии тоҷик мавҷуд будани ҳашт фонемаи садоноки кайд намудаанд. Онҳо асосҳои зеринро зикр кардаанд:

1. Дар забони тоҷикӣ калима ва морфемаҳое ҳастанд, ки бо дар таркиби овозиашон доштани **и**-и дарозу кӯтоҳ ва **у**-и дарозу кӯтоҳ аз ҷиҳати маъно аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

2. Агар овозҳои **и** ва **у**-и дарозу кӯтоҳро ба ҳисоб нагирем, шеърро тақтеъ кардан мумкин нест.

3. Дуруст ба ҳисоб гирифтани таркиби овозӣ, вокализми забон, фаҳмидани моҳияту роли онҳо боиси дуруст талаффуз кардани калимаҳо ва дуруст хондани матн мегардад.

У-и кӯтоҳ дар ҳиҷои баста одатан пеш аз овозҳои х ва ъ (сакта) намеояд.

У-и дароз нисбат ба у-и кӯтоҳ дарозтар ва равшантар талаффуз мешавад (талаффузи у-и **дурр** (санги қиматбаҳо) ва калимаи **пул** (кӯпрук)-ро бо у-и калимаҳои **дур** (масофа), **пул** (маблағ) ва у-ҳои дарозу кӯтоҳи калимаи **умумиро** муқоиса кунед). Забон ҳангоми талаффузи у-и дароз нисбат ба ҳолати талаффузи у-и кӯтоҳ хеле таранг мешавад, лабҳо низ хеле таранг ва дорашакл шуда ба пеш мебароянд.

Овози садоноки ӯ. Фонемаи ӯ аз фонемаҳои садоноки лабӣ аст. Дораи лабҳо, ки дар вақти талаффузи он пайдо мешавад, нисбат ба дораи вақти талаффузи у пайдошаванда калонтар аст. Ин фонема миёнизабонӣ аст, зеро нӯги забон ба бехи дандонҳои поёни пеш расида меистад, вале таранг намешавад. Ҳангоми талаффузи ӯ забон ва лабҳо тахминан ҳолати байни артикуляцияи о ва у-ро мегиранд.

Ӯ нисбат ба у дарозтар талаффуз карда мешавад (тарзи талаффузи ӯ ва у-и калимаҳои **зӯр** ва **зуд**-ро муқоиса кунед).

Овози ӯ садоноки лабӣ, миёнизабонӣ ва нимфарох аст.

Ҷадвали овозҳои садоноки забони адабии тоҷик

Иштироки лабҳо	Ғайрилабӣ	Лабӣ	
Аз рӯи иштироки қисми забон Аз рӯи фарохии даҳон	Нӯгизабонӣ	Миёнизабонӣ	Пасизабонӣ
Камфарох	и	—	у
Нимфарох	э	ӯ	о
Фарох	а	—	—

Таснифи овозҳои ҳамсадо

Овозҳои ҳамсадо мувофиқи **вазъияти садопардаҳо, иштироки олатҳои нутқ, тарзи ба вуҷуд омадани онҳо** тасниф мешаванд.

Таснифи ҳамсадоҳо мувофиқи вазъияти садопардаҳо. Дар вақти талаффузи баъзе ҳамсадоҳо садопардаҳо таранг ва ба ҳамдигар каму беш наздик мешаванд. Ҷараёни ҳавои аз шушбароянда бо фишор онҳоро ба дарзиш медарорад. Ин ҳолат ҳангоми талаффузи ҳамсадоҳои ҷарангдори шавшувӣ рӯй медиҳад. Баръакс, вақти талаффузи ҳамсадоҳои шавшуви

бечаранг сӯрохии садопардаҳо кушод буда, худи садопардаҳо озод мешаванд ва ларзиш надоранд. Дар вақти талаффузи баъзе овозҳои ҳамсадои ҷарангнок садопардаҳо ба ларзиш медароянд, аммо шавшуви онҳо хеле кам аст, ин хел ҳамсадоҳо **сонант** номида мешаванд. Сонантҳои тоҷикӣ **л, м, н, р** мебошанд.

Овозҳои ҳамсадои **ҷарангдор** инҳоянд: **б, в, г, д, ж, з, р, н, м, л, й, ғ, ҷ.**

Овозҳои ҳамсадои **бечаранг** инҳоянд: **к, п, с, т, ф, х, ц, ч, ш, қ, ҳ.**

Аксарияти ҳамсадоҳои бечаранг дорои ҷуфти ҷарангдор мебошанд. Махраҷи ҳар кадоми ин ҷуфтҳо як буда, фарқашон фақат дар ларзидан ва наларзидани садопардаҳо ҳангоми талаффуз мебошад (дар вақти талаффузи ҷарангдорҳо садопардаҳо меларзанд).

Касоне, ки бо шунидан ҳамсадоҳои ҷарангдору бечаранги ҷуфтро аз ҳамдигар ҷудо карда наметавонанд, бо истифодаи усулҳои зерин метавонанд онҳоро аз ҳам фарқ кунонанд:

1. Гӯшҳоро бо даст пӯшида ҳамсадоҳоро талаффуз бояд кард. Дар вақти талаффузи овозҳои ҳамсадои ҷарангдор ғуввоси он овоз шунида мешавад ва баръакс, ҳангоми талаффузи ҳамсадои бечаранг ғуввоси овоз шунида намешавад.

2. Чунон ки маълум аст, дар вақти талаффузи ҳамсадоҳои ҷарангдор садопардаҳо меларзанд, дар ин вақт агар ангушт ба хекиртак расонида шавад, ларзиши садопардаҳо ҳис карда мешавад.

Мувофиқи иштироки олатҳои фаъоли нутқ. Мувофиқи ҷои шавшув овозҳои ҳамсадо ба ҳамсадоҳои лабӣ, забонӣ ва ҳалқӣ тақсим мешаванд.

Овозҳои ҳамсадои лабӣ ба ду гурӯҳ: ба ҳамсадои дулабӣ **(б, п, м)** ва ҳамсадои лабу дандонӣ **(в, ф)** ҷудо мешаванд. Овозҳои гурӯҳи якумро барои он ҳамсадоҳои дулабӣ меноманд, ки дар талаффузи онҳо ду лаб ба ҳам часпида якбора аз ҳам ҷудо мешаванд. Ҳангоми талаффузи ҳамсадоҳои гурӯҳи дуюм лаби поён ба дандонҳои болои пеш расида боз ҷудо мешаванд, аз ҳамин сабаб ин ҳамсадоҳо лабу дандонӣ ном доранд.

Овозҳои ҳамсадои забонӣ ба ҳамсадоҳои **нӯгизабонӣ, миёнизабонӣ, пасизабонӣ** ва **бехизабонӣ** тақсим мешаванд.

Ҳамсадоҳои нӯгизабонӣ **(д, ж, з, л, н, р, с, т, ц, ш, ҷ, ч)** дар натиҷаи ба дандон ва вараҳои пеш наздик шудан ва ё расидани қисми пеши забон ба вуҷуд меоянд. Аз ҳамин сабаб ҳам ин гурӯҳи ҳамсадоҳои забониро овозҳои ҳамсадои нӯгизабонӣ (ва ё пешизабонӣ) меноманд. Ҳангоми талаффузи ҳамсадои й миёнаи кафи забон ба миёнаи ком наздик мешавад, бинобар ин ҳам ин овоз ҳамсадои миёнизабонӣ номида мешавад.

Дар вақти талаффузи ҳамсадоҳои г ва к кафи паси забо-

Ҷадвали овозҳои ҳамсадои асосии забони адабии тоҷик

		Мувофиқи ҷои баровардан	Лабиҳо		Забонҳо				Ҳалқӣ
	Тарзи ба вуҷуд омадани ҳамсадоҳо		дулабиҳо	лабудандониҳо	нӯги забониҳо	миёнизабониҳо	пасизабониҳо	бехизабониҳо	
Шавшувҳо	Зичҳо	бечарангҳо	п		т		к	к	
		ҷарангдорҳо	б		д		г		
	Роғҳо	бечарангҳо		ф	с ш			х	х
		ҷарангдорҳо		в	з ж	й		ғ	
	Аффрикатаҳо	бечарангҳо			ц ч				
		ҷарангдорҳо			ҷ				
	Димоғиҳо	ҷарангдорҳо	м		н				
Сонантҳо	зичу рахнадорҳо / Пахлуиҳо	ҷарангдорҳо			л				
	Ларзон	ҷарангдорҳо			р				

ну коми нарм ба ҳам наздик шуда, шавшуви муайянеро ба вуҷуд меоваранд. Дар ин асос онҳоро ҳамсадоҳои пасизабонӣ меноманд.

Ҳамсадоҳои х, ғ, қ дар охир ё ки бехи забон ба вуҷуд меоянд. Вақти талаффузи онҳо дар натиҷаи ба охири коми нарму забонча наздик шудани поёни (бехи) забон шавшув пайдо мешавад. Чунин ҳамсадоҳоро овозҳои ҳамсадои бехизабонӣ меномем.

Дар забони тоҷикӣ як овози ҳамсадои ҳалқӣ ҳаст, ки он ҳамсадои х мебошад. Вақти талаффузи ин ҳамсадо дар ҳалқ шавшув пайдо мешавад, ки он дар натиҷаи каме ҷастани қисми ақиби ҳалқ ва тангтар шудани он ба амал меояд.

Таснифи овозҳои ҳамсадо мувофиқи тарзи ба вуҷуд омадани онҳо. Тарзи пайдо шудани овозҳои ҳамсадо ва харак-

тери ба вуҷуд омадани шавшувҳои овоз гуногун аст. Олатҳои фаъоли нутқ бо ёрии олатҳои ғайрифаъол дар роҳи ҷараёни ҳавои аз шушбароянда монеаҳои мухталифро ба вуҷуд меоранд. Ин монеаҳо аз рӯи хусусияташон ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Ба ҳам ниҳоят зич шудани олатҳои нутқ (масалан, ҳангоми талаффузи д).

2. Зичу гузаронанда будани олатҳои нутқ: дар ин ҳолат бо вуҷуди монеаҳо дар ҷараёни ҳаво як қисми он ба воситаи сӯрохии бинӣ ва ё даҳон ҷорӣ мешавад (масалан, вақти талаффузи овозҳои л, н).

3. Баҳамназдикшавии роҳи ҷараёни ҳавои аз шушбароянда ро танг кардани олатҳои нутқ (масалан, ҳангоми талаффузи овозҳои с, ғ).

4. Ларзиши мунтазами нӯги забон (дар забони тоҷикӣ ин типи овоз фақат ҳамсадои р мебошад).

Мувофиқи тарзи пайдо шудани шавшувҳо ва характери онҳо овозҳои ҳамсадо ба ҳамсадоҳои зич, роғ, аффриката, зичу рахнадор ва ларзон тақсим мешаванд.

Овозҳои ҳамсадои зич инҳоянд: б, д, г, к, п, т, қ. Ҳангоми талаффузи ҳамсадоҳои зич дар олатҳои нутқ ҷойҳои муайян ба ҳам зичтар шуда, ба ҷараёни ҳаво халал мерасонанд. Ҳавои аз шушбароянда сайъ мекунад, ки монеаро бартараф карда хориҷ шавад. Дар натиҷаи фишори ҷараён олатҳои нутқ якбора аз ҳам дур шуда, «таркиш» ба вуҷуд меояд. Ин таркиш ҳамсадои муайянеро ба вуҷуд меорад. Талаффузи ҳамсадоҳои зич аз се лаҳза: часпиш (ба ҳам часпидани олатҳои нутқ), давоми он (лаҳзаи баъди часпиш) ва таркиш (кушодашавии олатҳои нутқи ба ҳам часпида) иборат аст. Албатта, ин лаҳзаҳо хеле тез мегузарад, аз ҳамин сабаб ин типи ҳамсадоҳоро дар забоншиносӣ овозҳои онӣ ҳам меноманд.

Овозҳои ҳамсадои роғ дар забони тоҷикӣ инҳоянд: в, ж, з, й, ғ, с, х, ш, ғ, ҳ. Ҳангоми талаффузи ҳамсадои роғ олатҳои фаъоли нутқ ба олатҳои ғайрифаъол наздик мешаванд; дар натиҷа барои ҷараёни ҳавои аз шушбароянда рахнаи танг пайдо шуда, ҷараёни ҳаво бо молиш аз монеаи сӯрохи танг хориҷ мешавад. Дар натиҷа овозҳои ҳамсадои роғ пайдо мешаванд. Бояд қайд кард, ки ҳамсадоҳои зичро кашида талаффуз кардан ҳаргиз имкон надорад, аммо ҳамсадоҳои роғро кашида талаффуз кардан мумкин аст.

Ҳар аффриката ду овози ҳамсадои бо ҳам часпидаро ба хотир меорад. Якумӣ ҳамсадои зич ва дуюмӣ ҳамсадои роғ мешавад. Дар забони адабии тоҷик се ҳамсадои аффриката ҳаст: ҷ (д-ж), ч (т-ш) ва ц (т-с). Аэбаски аффрикатаҳо аз ду овози ҳамсадо ба вуҷуд меоянд, табиист, ки каму беш дорои хусусияти он овозҳо мебошанд.

Ҷараёни пайдоиши аффрикатаҳо чунин аст: олати нут-

қи фаъол мамониат мерасонад, аммо пеш аз бавуҷудоии таркиш роғ пайдо шуда, ҷараёни ҳаво аз он хориҷ мешавад. Масалан, ҳангоми талаффузи **ч** нӯги забон таранг шуда, ба вораи боло мечаспад, барои ҷараёни ҳаво мамониат мекунад ва он якбора кушода нашуда, ба талаффузи **ш** мегузарад, дар натиҷа аффрикатаи **ч** ба вуҷуд меояд. Бояд гуфт, ки ҳамсадоҳои аффрикатаро дароз талаффуз кардан имконнопазир аст, аммо баръакс, овозҳои **с, ш, ж**-ро ки унсури охири ин аффрикатаҳоро ташкил медиҳанд, дароз талаффуз кардан мумкин аст.

О в о з ҳ о и ҳ а м с а д о и з и ч у р а х н а д о р. Дар вақти талаффузи ҳамсадоҳои зичу рахнадор олати фаъоли нутқ ба олати ғайрифаъоли нутқ мазбут часпида, нисбатан сахт мамониат мекунанд, аммо дар айни ҳол рахнае ҳам барои хориҷи як қисми ҳаво боқӣ мемонад. Масалан, ҳангоми талаффузи ҳамсадои **л** аз ду паҳлуи забон ҳаво хориҷ мешавад, ҳол он ки нӯги забон ба дандонҳои болои пеш ва вораи бело сахт ҷафс мешавад, вақти талаффузи ҳамсадои **м** ҳам лабҳо маҳкам ба ҳам мечаспанд ва бо ҳамин барои ҷараёни ҳаво монеа пайдо мешавад, аммо як қисми овози аз шушбароянда ба воситаи сӯрохи бинӣ хориҷ мегардад.

Ҳамсадои зичу рахнадори тоҷикӣ овозҳои **н, м, л** мебошанд.

Агар дар вақти талаффузи ҳамсадоҳои зичу рахнадор ҳаво аз даҳон хориҷ шавад, он ҳамсадо **даҳонӣ** ва агар аз бинӣ барояд, он овоз **димоғӣ** номида мешавад.

О в о з и ҳ а м с а д о и л а р з о н. Ин типи овози ҳамсадо дар забони тоҷикӣ **р** аст. Ҳангоми талаффузи овози ҳамсадои ларзон нӯги забон андаке ба боло моил ва ба вораи боло наздик мешавад. Ҷараёни ҳавои аз шушбароянда нӯги забонро пай дар пай ва мунтазам меларзонад. Дар натиҷа овози **р** пайдо мешавад.

Ба вуҷуд омадани овозҳои ҳамсадои алоҳида

Овозҳои **п** ва **б** фонемаҳоеанд, ки дар вақти талаффузашон лабҳо ба якдигар часпида, баъд якбора ҷудо мешаванд, дар натиҷа таркише пайдо шуда, ҷараёни ҳаво бо шавшув аз даҳон мебарояд. Дар охири калима ин таркиш нисбатан суст мешавад, шавшув ҳам чандон зиёд ва сахт намешавад. Бинобар ин **п** ва **б** фонемаҳои шавшувии зич ва дулабӣ мебошанд.

Дар натиҷаи талаффузи фонемаҳои мазкур забонча баланд бардошта шуда, роҳи ҳаворо ба димоғ банд мекунад, аз

ҳамин ҷиҳат **п** ва **б** ба қатори ҳамсадоҳои даҳонӣ дохил мешаванд.

Фарқи асосӣ ва ягонаи фонемаҳои **п** ва **б** вобаста ба вазъияти садопардаҳо мебошад. Ҳангоми талаффузи **б** садопардаҳо таранг ва ба ҳамдигар наздик шуда, бо ҷараёни ҳаво меларзанд, дар натиҷа садо пайдо мешавад ва дар **б** характери ҷарангдорӣ пайдо мешавад. Баръакс, вақти талаффузи фонемаи **п** садопардаҳо бемалол боло мебароянд ва садо ҳам пайдо намешавад. Бинобар ин **п** фақат бо таркиш (аз ҳамҷудошавии лабҳо) пайдо мешавад. Шавшуви ҳамсадои **п** нисбат ба шавшуви ҳамсадои **б** зиёдтар аст. Сабаби кам будани шавшув дар он аст, ки ҳангоми пайдоиши овози **б** садо иштирок дорад. Азбаски **п** бесадо талаффуз мешавад, вай ҳамсадои бечаранг буда, овози **б** ҳамсадои ҷарангдор мебошад.

Овозҳои **п** ва **б** ҳамсадоҳои ҷуфтанд.

Ф ва **в**. Ҳангоми талаффузи ин фонемаҳо лаби поён ба дандонҳои болоӣ наздик шуда, дар байни лабу қатори дандонҳои боло роҳе пайдо мешавад, ки ба воситаи он аз даҳон ҳаво берун мебарояд. Ҳангоми аз ин роҳ баромадани ҳаво молиш ба амал омада, дар натиҷа шавшув пайдо мешавад. Аз ин рӯ, фонемаҳои **ф** ва **в** фонемаҳои шавшувдор ва лабудандонӣ мебошанд.

Вақти талаффузи **ф** ва **в** забонча роҳи ҷараёни ҳаворо ба холигии димоғ мебандад, бинобар ин онҳо фонемаҳои ғайридимоғӣ мебошанд. Дар вақти талаффузи **в** садопардаҳо иштирок намуда, баръакс, дар талаффузи фонемаи **ф** онҳо иштирок намекунанд. Бинобар ин **в** фонемаи ҷарангдор ва **ф** фонемаи бечаранг мебошад.

Дар вақти талаффузи **ф** лаби поён ба дандонҳои қатори боло нисбат ба **в** зиёдтар наздик мешавад.

Овозҳои **ф** ва **в** ҳамсадоҳои ҷуфтанд.

Т ва **д**. Ҳангоми талаффузи ин фонемаҳо қисми пеши забон каме ғун (лӯндатар) мешавад, нӯги он дар ҷои баҳамчаспидаи дандонҳои пеши болову милки дандон ва қисми болоиаш ба милки дандонҳои боло ва қисми поёниаш ба дандонҳои боло ҷафс шуда, бо зӯри ҳавои аз даҳон бароянда зуд ва бошиддат кушода мешавад. Дар натиҷа овоз ва шавшув пайдо мешавад.

Ба ҳамин тариқ, овозҳои **т** ва **д** фонемаҳои нӯгизабонӣ, зич ва шавшувдор ном доранд.

Ҳангоми талаффузи фонемаҳои мазкур забонча боло бардошта шуда, роҳи ҷараёни ҳаворо ба димоғ мебандад.

Д бо садо, вале **т** бе иштироки садо талаффуз мешавад, бинобар ин **д** фонемаи ҷарангдор ва **т** фонемаи бечаранг аст.

Агар **д** дар охири ҳиҷои баста баъд аз ҳамсадо ояд, суст-тар талаффуз мешавад.

Ҳамсадоҳои **т** ва **д** ҷуфти ҳамдигаранд.

С ва **з** фонемаҳои шавшувии роҳ ва нӯгизабонӣ мебошанд,

зеро ҳангоми талаффузи онҳо нӯги забон ба қисми поёнии дандонҳои пеши поён часпида, канорҳои забон ба ду канори ком ва ба дандонҳои паҳлуии боло ҷафс мешаванд. Азбаски фақат ду тарафи забон ба ду канори коми боло мечаспад, дар байни забону ком роғи найчамонанде пайдо мешавад. Дар вақти талаффузи овозҳои **с** ва **з** ҷараёни ҳаво ба воситаи он роғ аз даҳон бо суръат ба берун ҷорӣ мешавад, ки дар натиҷа овозҳои мазкур пайдо мешаванд.

Ҳангоми талаффузи с садопардаҳо намеларзанд, бинобар ин вай фонемаи бечаранг аст, баръакс, дар вақти талаффузи з садо иштирок мекунад, аз ин рӯ, **з** ҳамсадои ҷарангдор мебошад.

Ҳамсадоҳои с ва **з** ба ҳамдигар ҷуфтанд.

Ш ва **ж**. Дар вақти талаффузи ин фонемаҳо қисми пеш ва миёнаи забон баланд бардошта шуда, дар ду ҷои байни кому забон (бо қисмҳои пеш ва миёнаи забону ком) ду роғ пайдо мешавад. Ҷараёни ҳаво аз даҳон ба берун ҳаракат карда, ҳар ду роғи мазкур молиш мехӯрад, ки дар натиҷа шавшув ва овозҳо ҳосил мешаванд. Ин овозҳо ба ҳам омехта мешаванд ва фонемаҳои ш ва ж ба вуҷуд меоянд.

Ҳамсадои **ш** бечаранг аст, аммо дар вақти талаффузи ж садопардаҳо меларзанд. Аз ҳамин ҷиҳат ин овоз ҳамсадои ҷарангдор мебошад.

Овозҳои ш ва ж ҷуфти ҳамдигаранд.

К ва **г**. Ҳангоми талаффузи ин овозҳо паси забон ба паси коми сахту пеши коми нарм зич мешавад, аз ҳамин сабаб ин овозҳоро ҳамсадоҳои пасизабонӣ меноманд. Азбаски шавшуви ин овозҳо дар вақти аз ҳам босуръат ҷудошавии олатҳои нутқ (паси забон аз коми сахт ва нарм) ба вуҷуд меояд, онҳоро ҳамсадоҳои шавшувии зич низ меноманд.

Ҳамсадои **к** бечаранг аст, зеро дар талаффузи он садопардаҳо иштирок намекунанд ва баръакс овози г ҳамсадои ҷарангдор аст, чунки дар талаффузи ин овоз садопардаҳо меларзанд.

Овозҳои к ва г ҷуфти якдигаранд.

Ҳамсадои **х** овози шавшувии роғ мебошад. Дар вақти ба вуҷуд омадани ин ҳамсадо паси забон ба коми нарм наздик мешавад. Дар натиҷа ҳавои аз шушбароянда молиш мехӯрад. Ин овоз бечаранг буда, дар ташаккули он садопардаҳо иштирок намекунанд.

Ҳамсадоҳои **ц** ва **ч** аз овозҳои нӯгизабонӣ мебошанд. Ин ҳамсадоҳоро аффриката меноманд, зеро дар аввали талаффузи онҳо нӯги забон ба вора ва бехи дандонҳои пеши боло ҷафс мешавад, гӯё ки овози т талаффуз мешуда бошад, баъд агар ҳамсадои ч-ро талаффуз карданӣ шавем, забон ба коми сахт наздик меояд ва роғе пайдо шуда, ҳаво молиш мехӯрад ва агар ҳамсадои ц-ро талаффуз карданӣ шавем, нӯги забон ба вораи боло наздик мешавад, дар натиҷа роғе пайдо шуда,

ҳаво ба берун мебарояд. Албатта, дар ин маврид ҳаракати органҳои нутқ (забон) басо тез анҷом меёбад. Ба ҳам пайваст талаффуз кардани **т** ва **ш** ҳамсадои аффрикатаи **ч** ва пайваст талаффуз кардани овозҳои **т** ва **с** аффрикатаи **ц**-ро медиҳад.

Овозҳои **ч** ва **ц** бечаранг мебошанд.

Талаффузи ҳамсадои **м** монанди талаффузи ҳамсадоҳои **п** ва **б** аст, яъне овози **м** ҳам ҳамсадои зич, дулабӣ ва монанди **б** ҷарангдор аст. Бо ҳамин ҷиҳатҳои умумии **м** бо ҳамсадоҳои **п** ва **б** маҳдуд намешавад. Фарқи умдаи **м** аз **п** ва **б** он аст, ки ҳангоми талаффузи **м** коми нарм (ба забонча) овезон шуда, роҳи ҳаво ба фарохии бинӣ боз мешавад ва қисми ҳаво дар вақти аз ҳам ҷудошавии лабҳо аз даҳон ва қисми дигари он аз сӯрохии бинӣ мебарояд. Азбаски ҷараёни ҳавои аз даҳон бароянда суст аст, шавшув ҳам кам пайдо мешавад, бинобар ин, ин овозро сонант, камшавшув меноманд.

Овози **м** ҳамсадои димоғӣ мебошад.

Талаффузи ҳамсадои **н** ба талаффузи ҳамсадои **д** монанд аст, аммо овози **н** аз **д** бо он фарқ мекунад, ки ҳангоми талаффузи **н** коми нарм суст ва овезон шуда, қисми ҳавои аз шушбароянда бо сӯрохии бинӣ мебарояд (ҳангоми талаффузи ҳамсадои димоғии **м** ҳам ин ҳолат рӯй медиҳад), дар натиҷа ҳамсадои димоғии ҷарангдор ва сонанти **н** ба вуҷуд меояд.

Овози ҳамсадои **л** овози нӯгизабонист, азбаски вақти талаффузи он ҷараёни ҳавои аз шушбароянда аз ду паҳлӯи забон берун мебарояд, ин овозро ҳамсадои паҳлӯӣ ҳам меноманд. Азбаски ҳангоми талаффузи он нӯги забон ба дандонҳои болои пеш ҷафс шуда, ҳаво аз ду паҳлуи забон рахна карда аз даҳон хориҷ мешавад, ин овозро зичу рахнадор ҳам меноманд. Вақти талаффузи **л** нӯги забон аз дандонҳо якбора дур шуда, таркиш пайдо мешавад, аммо шавшув чандон зиёд намешавад, зеро дар натиҷаи аз даҳон муттасил хориҷ шудани ҳаво шиддати ҷараёни он суст мегардад, бинобар ин ҳамсадои **л** овози ҳамсадои сонант аст. Ин овоз ҳамсадои ҷарангдор мебошад.

Ҳамсадои **р** ҳам овози сонантӣ аст. Ин ҳамсадо дар натиҷаи ларзиши нӯги забон пайдо мешавад, бинобар ин вай ларзон ва нӯгизабонист. Ҳангоми талаффузи **р** қисми пеши забон андаке ба сӯи милки дандони боло моил мешавад, аммо наздик шудани он (нӯги забон) ба милки дандони боло ба таври мунтазам тағьир ёфта меистад, яъне нӯги забон ҳолати ларзониро мегирад. Вақти талаффузи ҳамсадоӣ **р** садопардаҳо меларзанд, бинобар ин онро ҳамсадои ҷарангдор меноманд.

Ҳамсадои **й** (номаш йот) шавшувӣ, роғӣ ва ҷарангдор аст. Ҳангоми талаффузи он нӯги забон ба дандонҳои қатори по-

ён, инчунин ду паҳлуи забон ба дандонҳои ду тараф (дандонҳои паҳлуӣ) ҷафс ва қисми миёнаи забон ба коми сахт наздик мешавад. Дар натиҷа дар фарохии даҳон роғи хурде пайдо шуда, ҷараёни ҳаво молиш хӯрда аз даҳон хориҷ мешавад ва ин молиш шавшув, яъне овози **й** (йот)-ро ба вуҷуд меоварад. Азбаски дар талаффузи **й** миёни забон ҷаста дар ташаккули он вазифаи муҳимеро адо мекунад, вайро ҳамсадои миёнизабонӣ ҳам мегӯянд. Вақти талаффузи **й** шавшув чандон зиёд нест.

Дар забони тоҷикӣ овози **й** баъд аз овози ҳамсадо (дар як ҳиҷо) намеояд.

Овози ҳамсадои **ҷ** овози аффриката мебошад. Ҳангоми талаффузи ин овоз нӯг ва қисми пеши забон ба милки дандони боло ҷафс шуда, садопардаҳо меларзанд, бинобар ин вай овози ҷарангдор мебошад.

Овози ҳамсадои **қ** бехизабонӣ, беҷаранг ва зич аст. Вақти талаффузи овози **қ** қисми охирини (бехи) забон ба охири коми нарм ҷафс шуда, бо фишори ҳавои аз шушбароянда якбора кушода ва дар натиҷа таркиш ва шавшуви хоси овози **қ** пайдо мешавад.

Ҳангоми талаффузи овози **ғ** барои ҷараёни ҳавои аз шушбароянда роҳ кушода буда, садопардаҳо меларзанд, бехи забон ба қисми охирини коми нарм наздик мешавад.

Ҳамсадои **ғ** овози бехизабонӣ, роғу ҷарангдор аст.

Овози ҳамсадои **ҳ** овози ҳалқӣ мебошад, зеро ин ҳамсадо дар ҳалқ пайдо мешавад. Тарзи пайдоиши овози **ҳ** чунин аст: бехи забон ба ақиб кашида шуда, дар ҳалқ роғи танге ба вуҷуд меояд, ҷараёни ҳавои аз шушбароянда дар ин тангӣ шавшуви ба овози **ҳ** хосеро ба вуҷуд меорад. Ҳангоми талаффузи **ҳ** садопардаҳо озод буда, намеларзанд, бинобар ин ҳамсадои **ҳ** овози беҷаранг аст.

Дар бораи овозе, ки дар графикан мо бо **ъ** (сакта) ифода мешавад, дар ин ҷо чизе гуфта нашудааст. Сабаби ин ҳам мавриди тадқиқи илмӣ қарор нагирифтани ин овоз мебошад.[1]

---

[1] Дар хати тоҷикӣ аломати сакта ғайр аз чанд калимаи аз русӣ гирифташуда, фақат дар калимаҳои арабӣ вомехӯрад. Масалан, дар калимаҳои **маъхаз, таъна.**

Дар забони арабӣ он аломат (сакта) бо ҳарфи айн ва ҳамза ифода меёбад. Дар забони арабӣ он овозҳо овозҳои ҳамсадои мустақил (фонема) мебошанд. Аммо дар забони тоҷикӣ махраҷи овозҳои сактагӣ (овозҳои айн ва ҳамзаи арабӣ) вуҷуд надорад.

Дар калимаҳое, ки аломати сакта (ъ) дида мешаванд, овозҳои пеш аз аломати сактаомада дароз кашида, талаффуз мешаванд. Агар талаффузи адабии муқаррарии, масалан, калимаҳои **тана — таъна** ва **ман — манъ** муқоиса шаванд, гуфтаҳои болой равшан тасдиқ мешавад, яъне овози **а**-и якуми **таъна** ба **н**-и **манъ** хеле дароз ва бурро талаффуз мешавад.

Модоме ки дарозшавиҳо сабаби фарқи маъноӣ пайдо кардани маҷмӯи (комплекси) овозҳо мешаванд, ба фикри мо, ба ин овозҳо (овозҳои пеш аз аломати сактаоянда) характери фонемагӣ медиҳанд.

Ҳиҷо. Агар калимаҳо оҳистатар талаффуз ёбанд, равшан ҳис кардан мумкин аст, ки онҳо ба ҳиссаҳо тақсим мешаванд ва ё худашон як ҳиссаанд, ҳар яки ин ҳиссаҳоро ҳиҷо меноманд. Ҳиҷо аз нуқтаи назари ташаккульёбӣ — физиологӣ як ва ё якчанд овозест, ки бо як зарбаи нафасбарорӣ талаффуз мешавад. Аз нуқтаи назари шунавой бошад, ҳиҷо як ҳиссаи овозии нутқ аст, ки дар он як овоз бо ҷарангосии (садоноки) худ аз дигар овозҳои паҳлуӣ ҷудо шуда меистад. Овозҳои ҷарангосие, ки баланду сахт талаффуз мешаванд, овозҳои садонок мебошанд. Дар забони тоҷикӣ ҳиҷо бо овози садонок ташаккул меёбад. Ҳиҷо мумкин аст, ки якфонемагӣ ва ё серфонемагӣ бошад, аммо дар ҳиҷо будани як овози садонок ҳатмист. Бинобар ин дар калима чӣ қадар овози садонок бошад, дар он ҳамон қадар ҳиҷо мешавад. Дар забони тоҷикӣ ҳамаи овозҳои садонок овозҳои ҳиҷоӣ (ҳиҷоташкилкунанда) ва ҳамаи ҳамсадоҳо овозҳои ғайриҳиҷоӣ (ҳиҷоташкилнакунанда) мебошанд.

Ҳиҷоҳо ба ду гурӯҳ — ҳиҷоҳои кушода ва баста ҷудо мешаванд. Ҳиҷоҳое, ки бо овозҳои ҳиҷоӣ тамом мешаванд, ҳиҷоҳои кушодаанд **(ло-ла, ко-са)** ва ҳиҷоҳоеро, ки бо овозҳои ғайриҳиҷоӣ тамом мешаванд, ҳиҷоҳои баста меноманд **(кор, мак-таб, об).**

Навъҳои ҳиҷоҳои забони тоҷикиро дар поён меоварем (с — садонок, ҳ — ҳамсадо):

1. с: ӯ, а + (гар).
2. сҳ: ош, аф-(ғон).
3. ҳс: то, те-ша.
4. ҳсҳ: тар, ҳам-кор.
5. сҳҳ: абр, умр, орд.
6. ҳсҳҳ: барг, шарт.
7. ҳҳс: про + (ле-тар).
8. ҳҳсҳ: штаб, трак-(тор).
9. ҳҳсҳҳ: спорт.

Дар забон ҳиҷоҳое ҳам ҳастанд, ки дар аввалашон се ҳамсадо доранд (ҳҳҳсҳ) (взвод) ва ҳиҷоҳое ҳастанд, ки бо се ҳамсадо баста мешаванд (Маркс). Аммо дар забони тоҷикӣ миқдори ин гуна калимаҳо хеле кам аст.

Қоидаҳои характерноки ба ҳиҷоҳо тақсим шудани калимаҳо иборат аз инҳоанд:

1. Дар байни ду овози садонок як овози ҳамсадо бошад, ин ҳамсадо бо садоноки дуюм талаффуз мешавад: **ҷома — ҷо-ма, олӣ — о-лӣ, ало — а-ло, чаман — ча-ман.**

Аз ин қоидаи ба ҳиҷо тақсимшавӣ чанд калимаи аслан арабӣ (монанди **масъул, ҷумъа**) берун мебошанд. Дар ин навъ калимаҳо овози ҳамсадои дар байномада бо овози садоноки аввал дар як ҷо талаффуз мешавад.

Ба ҳиҷоҳо тақсимшавии калимаҳои мураккаб ҳамеша мувофиқи қоидаи боло анҷом намеёбад. Гоҳо дида мешавад, ки дар вақти ба ҳиҷо тақсим шудани калимаҳои мураккаб асли хусусияти морфологии калимаҳо ҳам ҷой дорад. Масалан, калимаҳои **обанбор** ба тариқи **об-ан-бор, лойолуд** ба тариқи **лой-о-луд** ба ҳиҷоҳо тақсим мешаванд.

2. Дар байни ду овози садонок ду овози ҳамсадо омада бошад, ин ду ҳамсадо яктогӣ тақсим шуда талаффуз мешаванд, масалан, **остар — ос-тар, ағба — ағ-ба, ханда — хан-да.** Калимаҳои типи **арра, малла, қассоб, латта** ҳам монанди калимаҳои боло ба ҳиҷоҳо тақсим мешаванд: **латта — лат-та, касса — кас-са.**

3. Дар байни ду овози садонок се овози ҳамсадо омада бошад, овози садоноки якум ду овози ҳамсадоро ба худ мегирад ва ҳамсадои сеюм бо овози садоноки дуюм мемонад. Масалан, **хурдтар — хурд-тар, зарбдор — зарб-дор.**

Зада

Одатан ҳиҷоҳои охири калимаҳое, ки ду ва ё зиёда ҳиҷо доранд, нисбатан бо шиддат талаффуз мешаванд. Чунин тарзи талаффузи ҳиҷоро **задаи калимагӣ**[1] меноманд.

Задаи калимагӣ аз муҳимтарин аломатҳои берунии (зоҳирии) мустақилияти калима мебошад.

Ҳиҷоҳои калима ба ду гурӯҳ: ба ҳиҷоҳои **зададор** ва **безада** тақсим мешаванд. Он овози садонок, ки равшантар ва каме дароз талаффуз меёбад, **овози зададор** номида мешавад.

Дар забони тоҷикӣ зада одатан дар ҳиҷои охирини калима меояд. Аммо ин қоида чанд истисно дорад:

1) калимаҳои русию интернационалӣ, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудаанд, ҷои задаи аслии (русии) худро асосан нигоҳ медоранд, монанди, **почта, партия, демократия, скрипка.** Ин ҳодиса дар исмҳои хос ва фамилияи одамон, номҳои географӣ ва ғайра, ки аз русӣ ва ё тавассути забони русӣ ба тоҷикӣ дохил шудаанд, масалан, дар қалимаҳои **Наташа, Волга, Бразилия, Дарвин, Бетховен, Саша, Галкин** низ дида мешаванд. Аммо дар калимасозӣ ин қабил калимаҳо ҷузъи калимаҳои нав (калимаи мураккаб) шаванд ва ё худ аффикс гиранд, зада боз ба ҳиҷоҳои охири-

[1] Задаи калимагиро бо задаи фразагӣ ва тактӣ, ки дар нутқ ва ҳиҷоҳои калима ва умуман ба морфемаҳои гуногун меафтад, набояд омехта кард.

ни калимаи нав меафтад. Масалан: **партиявӣ, почтачӣ, скрипканавоз;**

2) дар фамилияҳои тоҷикие, ки ба воситаи суффиксҳои **ов-ев** ва **ова-ева** сохта шудаанд, зада дар ҷои аслии худ боқӣ мемонад, яъне он ба суффиксҳои фамилиясоз намегузарад, монанди, **Сангин-Сангинов-Сангинова, Кабир-Кабиров-Кабирова, Одина-Одинаев-Одинаева, Ғанӣ-Ғаниев-Ғаниева.**

Ассимиляция

Дар нутқ овозҳо алоҳида-алоҳида ва аз ҳам ҷудо талаффуз намешаванд, онҳо ба ҳам пайванд шуда ҷараёни нутқро ба вуҷуд меоранд. Дар ин баҳампайвандӣ овозҳо бо ҳамдигар алоқаи хосе пайдо мекунанд ва ба ҳамдигар таъсир мекунанд. Дар натиҷа дар ҷараёни нутқ характери овозҳо тағьир меёбанд.

Дар ҷараёни нутқ тағьир ёфта, тобиши нав пайдо кардани овозҳои алоҳидаи аслӣ (фонемаҳо) чӣ гуна ба амал меояд?

Масалан, дар як калима **(аммо)** ва ё дар маҳалли васли ду калима **(кам мебарӣ)** ду бор омадани овози **м** ва талаффузи онҳоро мушоҳида намоем, мебинем, ки дуи онҳо як хел талаффуз намешаванд. Аввал овози **м**-ро алоҳида талаффуз карда, баъд калима ва ибораи болоиро талаффуз кунем ва ба талаффузи **м**-и онҳо диққат диҳем, фарқи онҳо равшан мушоҳида мешавад. Дар талаффузи **м**-и аввали **аммо** ва **кам мебарӣ** органҳои нутқ дар талаффуз кардани овозанд, бевосита баъд аз **а** овози **м** оғоз мегардад, дар талаффузи **м** таркиш ба амал намеояд, баръакс дар талаффузи **м**-и дуюми онҳо аввали **м** вуҷуд надорад, аммо таркиш ба амал меояд. Дар талаффузи **бадтолеъ** **д**-и **бад** ба **т** мубаддал мешавад, яъне **д** бечаранг мешавад, монанди **м**-и аввали дар мисолҳои боло овардашуда он бе таркиш талаффуз мешавад. Дар талаффузи калимаи **чӯбча** овози **б** ба овози бечаранги **п** иваз мешавад, зеро органҳои нутқ барои талаффузи аффрикатаи бечаранги **ч** тайёр шуда, садопардаҳо аз ларзиш бозмемонанд.

Дар тағьири садонокҳо паҳлу ба паҳлу омадани онҳо бо ҳамсадоҳои мухталиф ва махсусан дар дуру наздик воқеъ шудани онҳо ба задаи калимагӣ (дар нутқ ба задаи фразагӣ) ва тактӣ роли калон мебозанд.

Чунон ки дида шуд, дар ҷараёни нутқ ба ҳам наздикшавӣ ва монандшавии овозҳо ба амал меояд, ки он **ассимиляция** (монандшавӣ) ном дорад.

Дар забонҳои гуногун ду навъи ассимиляция мушоҳида мешавад: якум, ассимиляцияи **регрессӣ** (чаппа), дуюм ассимиляцияи **прогрессӣ** (роста). Дар ассимиляцияи регрессӣ

овози баъдина овози аз худ пешояндаро ба худаш монанд мекунад. Мисоли ассимиляцияи регрессӣ талаффузи калимаи **ибтидо** шуда метавонад, ки ҳангоми талаффузи он бо таъсири овози бечаранги **т** (дар гуфтугӯ) овози ҷарангдори **б**-и пеш аз он омада ба овози бечаранги **п** мубаддал мегардад, дар натиҷа он калима дар шакли **иптидо** талаффуз мешавад. Дар талаффузи калимаи **обпарто** ҳам ҳамин ҳодисаро мушоҳида мекунем. Калимаи **татбиқ**-ро баъзеҳо тадбиқ талаффуз мекунанд (ҳатто менависанд), дар ин маврид мо бо таъсири овози ҷарангдори **б** ҷарангдоршавии овози **т**-и пеш аз он омада, яъне ба овози ҷарангдори **д** мубаддал шудани онро мебинем. Дар калимаи **анбор** овози ҳамсадои нӯгизабонии **н** ба овози дулабии **м** мубаддал мешавад, зеро ки овози пеш аз он омадаи **б** овози **н**-ро ба худ монанд мекунад.

Дар ассимиляцияи прогрессивӣ овози пешомада овози баъдинаро ба худ монанд мекунад. Дар талаффузи калимаҳои **қасд** ва **тасдиқ** овози **д** ба **т** табдил меёбад, ки ин ҳодиса дар натиҷаи таъсири овози бечаранги **с**-и пеш аз **д** омада рӯй додааст.

Дар забони тоҷикӣ ассимиляцияи регрессӣ нисбатан характернок аст.

Ассимиляцияро мувофиқи миқдори тағьир ёфтани характери овози ба ассимиляция дучоршуда ба ду навъ ҷудо мекунанд: **куллӣ** ва **ҷузъӣ**. Агар овози ассимиляцияшаванда сифати худро иваз кунаду ба овози ассимиляциякунанда тамоман монанд шавад, **ассимиляцияи куллӣ** ба вуҷуд меояд ва агар овози ба ассимиляция дучоршуда яке аз хусусиятҳои артикуляционии худро гум кунад, **ассимиляцияи ҷузъӣ** ба амал меояд.

Дар забони адабии тоҷик ассимиляцияи куллӣ вуҷуд надорад. Ин навъи ассимиляция дар лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ вомехӯрад, монанди **шуштан** талаффуз шудани калимаи **шустан**, ки дар ин ҷо овози **с** тамоман ба **ш** монанд шудааст. Дар шакли **кутта** талаффуз шудани калимаи **курта** низ ассимиляцияи куллӣ мушоҳида мешавад.

Дар **қаст** талаффуз шудани калимаи **қасд** мо ассимиляцияи ҷузъиро мушоҳида мекунем, зеро дар ин маврид овози ҷарангдори **д** фақат як хусусияти худ, яъне ҷарангдории худро зери таъсири овози бечаранги **с** гум кардааст у халос.

Диссимиляция

Дар нутқи гуфтугӯӣ ва дар лаҳҷаҳо гоҳо яке аз ду овози якхела ва ё яке аз ду овози аз ҷиҳати артикуляция ҳамҷинс ба овози артикуляцияаш дигаре табдил меёбад, ки ин ҳодиса **диссимиляция** ном дорад. Ба ҳодисаи диссимиляция ҳамчун **аждод** талаффуз шудани калимаи **аҷдод** мисол шу-

да метавонад, ки аффрикатаи ҷ ба ж табдил шудааст. Дар калимаҳои **шиннӣ** ва **чиннӣ** овози димоғии **н**-и дуюми онҳо ба овози нӯгизабонии д иваз мешавад (масалан, дар лаҳҷаи Бухоро). Калимаи **иҷтимоӣ** ба шакли **иштимоӣ** талаффуз мешавад, ки дар ин ҷо овози ҷ ба овози ш иваз шудааст. Ин ҳодиса низ ҳодисаи диссимиляционӣ мебошад.

Чунон ки дида мешавад, дар ассимиляция ба ҳам наздик ва монандшавии овозҳо, вале дар диссимиляция, баръакс, аз ҳам дур шудани характери овозҳо мушоҳида мешавад.

Метатеза

Дар байни калима гоҳо овозҳо ҷойҳои худро бо ҳам иваз мекунанд, ин ҳодиса дар забоншиносӣ **метатеза** (ҷойивазкунӣ) ном дорад. Ин ҳодиса низ аслан ба лаҳҷаҳо тааллуқ дорад. Масалан, дар калимаи **чурғот** овози ғ бо **р** ҷои худро иваз кардааст. Дар калимаи **ҳавло** **л** ва **в** ҷойҳои худро (бештар дар забони кӯдакон) иваз кардаанд.

Таърихан нигарем, дар калимаҳои аслан арабии **хурма** (хумра), **қулф** (қуфл), **кифт** (китф) ва дар калимаҳои аслан тоҷикии **сурх** (дар паҳлавӣ сухр), **барф** (дар паҳлавӣ вафр) низ ҳодисаи метатезаро мушоҳида мекунем.

МОРФОЛОГИЯ

ИСМ

МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ИСМ

Исм ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, предмет ва мафҳумҳои предметонидашударо ифода мекунад. Исм ҳамчун гурӯҳи луғавию грамматикии калимаҳо номи предметҳои конкрет, ҷонварон, ҷисмҳои моеъ, ҳодисаҳои олами табиӣ, мафҳумҳои абстрактро дар бар мегирад. Маънои предметии исм маҳз дар он зоҳир мегардад, ки танҳо исм предметҳои конкретро ифода мекунад. Дар ин маврид маънои луғавию грамматикии исм ба ҳам мувофиқат карда, предметро мефаҳмонад. Асоси исмро номи предметҳо ташкил медиҳад.

Вазифаи синтаксисии исм гуногун аст. Исм дар ҷумла пеш аз ҳама мубтадо ва пуркунанда шуда меояд ва бо ин хусусияти худ аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад:

Қудрати партия моро ҳамдами сайёра кард,
Моҳи сунъиро ба мо дар арш чун гаҳвора кард.

(*М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

Ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда дигар ҳиссаҳои нутқ вақте меоянд, ки дар ҷумла ба вазифаи исм оянд, ё ки ба ин ҳиссаи нутқ гузашта бошанд.

Вақте ки исм ба вазифаи мубтадо меояд, хабар бо он аз ҷиҳати шахсу шумора мувофиқат мекунад. Исм ба вазифаи хабар фаровон истифода мешавад. Вай ҳангоми хабар шуда омаданаш бандакҳои хабарӣ мегирад, бе бандаки хабарӣ омадани исм кам воқеъ мегардад.

Муайянкунандаи соҳибӣ ва баёния бештар бо исм ифода мешаванд: дили **модар**, хонаи **Нодир**, овози **булбул**, **нависанда** Садриддин Айнӣ.

Исм бештар ҳамчун муайяншаванда вомехӯрад. Исмро сифат, шумора, ҷонишин ва сифати феълӣ муайян мекунад. Мисол: Дарахти **баланд**, ошьёнаи **панҷум**, духтари **ман**, гули **шукуфта**.

Исмҳо ба вазифаи ҳол низ меоянд. Исм ягона ҳиссаи нутқест, ки ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонад.

Исм дорои категорияҳои махсуси морфологӣ мебошад. Категорияи шумора ва номуайяниву муайянӣ хоси исманд. Ин категорияҳо дорои маънои грамматикӣ ва шакли махсуси морфологӣ буда, бо маънову шаклашон аз дигар исмҳо фарқ мекунанд ва ба онҳо муқобил меистанд. Масалан, исмҳои **шабе** ва **хонаҳо** ҳам аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ва ҳам аз ҷиҳати шакл аз калимаи **шаб** ва **хона** фарқ мекунанд ва ба онҳо муқобил меистанд.

Як гурӯҳ исмҳо, масалан, исмҳои **шахс** ва **ғайришахс**, **ҷинс** ва **хос**, **конкрет** ва **абстракт** аз ҳам на танҳо аз ҷиҳати маънӣ, балки аз ҷиҳати тағьирот, калимасозӣ ва категорияҳои грамматикӣ фарқ мекунанд.

Исмҳои шахс ва ғайришахс

Мисолҳои забони тоҷикӣ ва таҳлили онҳо нишон медиҳанд, ки исмҳоро ба ду гурӯҳ: исмҳои ифодакунандаи шахс ва ғайришахс тақсим кардан мумкин аст. Ин ду гурӯҳ исмҳо на танҳо аз ҷиҳати маъно, балки аз рӯи тамоилашон ба қабул кардан ва накардани шаклҳои грамматикӣ, мувофиқати хабар бо онҳо ва аз ҷиҳати калимасозӣ аз ҳам фарқ карда, ба якдигар муқобил меистанд. Масалан, дар забони тоҷикӣ танҳо исмҳои шахс ба саволи кӣ? ҷавоб мешаванд. Дар забони адабии тоҷик агар исмҳо бо шумораи миқдорӣ ва нумератив оянд, аломати ҷамъбандӣ қабул намекунанд ва ин дар ҷамъбандии ҳамаи исмҳои ғайришахс риоя карда мешавад. Масалан, **чор сар гов** ва **ду дона анор** мегӯянд, вале ҳеҷ гоҳ **чор сар говҳо** ва **ду дона анорҳо** гуфтан мумкин нест, аммо дар ҷамъбандии исмҳои шахс ин қоида ҳукмрон нест. Масалан, **даҳ нафар колхозчӣ** ва даҳ **нафар колхозчиён** гуфтан мумкин аст.

Тафовути дигари исмҳои шахс аз исмҳои ғайришахс дар мувофиқати хабар бо онҳо мушоҳида мешавад. Чунончи, хабар бо исмҳои шахс, ки мубтадо шуда омадаанд, ҳамеша мувофиқат мекунад, вале агар исмҳои ғайришахс мубтадо шуда оянд, гоҳо ин қоида риоя намешавад. Масалан, исми ғайришахс ба вазифаи мубтадо дар шакли ҷамъ ояд ҳам, гоҳо хабар дар шакли танҳо меояд ва ин нодуруст нест. Гоҳо исмҳои шахс дар шакли танҳо мубтадо шуда оянд, хабар дар шакли ҷамъ омада, муносибати субъектӣ — эҳтиромро ифода мекунад, ки ин ҳолат ҳангоми мубтадо шудани исмҳои дигар рӯй намедиҳад. Агар мубтадо бо исмҳои ҷомеи ғайришахс ифода шуда бошад, он гоҳ хабар дар шакли танҳо меояд, вале агар мубтадо бо исмҳои ҷомеи ифодакунандаи шахс ифода шуда бошад, хабар дар шакли ҷамъ низ

омада метавонад: Мардум **омад**. Мардум **омаданд**. Суффикси ҷамъбандии **-ино** танҳо бо исмҳои шахс меояд.

Тафовути исмҳои шахс ва ғайришахс дар тарзҳои морфологии калимасозӣ равшан зоҳир мешавад.

Исмҳои ҷинс ва хос

Исмҳо ба ду гурӯҳ: исмҳои ҷинс ва хос ҷудо мешаванд. Исмҳои ҷинс номи умумии предметҳои ҳамҷинс ва амалу ҳолат мебошанд. Мисол: одам, дарахт, кӯл, дарьё, шаҳр, сурат, некӣ, гармӣ ва ғайра.

Исмҳои хос ба шахс ва предметҳои алоҳида мансубанд, онҳо барои аз предметҳои ҳамҷинсашон фарқ кунонидани одамон ва предметҳои ҷудогона истифода мешаванд. Масалан, номи умумии исмҳои хоси **Аму, Сир, Зарафшон, Вахш** ва ғайра дарьё мебошад, вале дар асоси хусусиятҳои фарқкунандаашон ба онҳо номҳои алоҳида гузоштаанд, ки онро исми хос меноманд. Ба ҳамин тариқ, **шаҳр** исми ҷинс, вале **Москва, Душанбе, Панҷакент, Самарқанд, Тошканд** исмҳои хос, **одам, инсон** исмҳои ҷинс, аммо **Зафар, Ғолиб, Ширин, Садаф** исмҳои хос мебошанд. Ҳамин тавр, номи махсуси одамон, фамилия, номҳои географӣ, воқеаи таърихӣ, дарьё, кӯл, баҳр, уқьёнус, номи асарҳо, рӯзнома, журнал, номҳои астрономӣ ва ғайра, инчунин лақаб ва тахаллусҳо ба ғурӯҳи исмҳои хос дохил мешаванд.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик барои сохтани фамилия, номи падар ва тахаллус воситаҳои махсуси грамматикӣ ҳастанд. Чунончи, суффикси **-ӣ** ҳам тахаллус, ҳам фамилия ва ҳам номи падар месозад: Рӯдакӣ, Ҷомӣ (тахаллус), Зарифӣ, Раҳимӣ, Ансорӣ, Асрорӣ (фамилия ва номи падар). Фамилия ва номи падар инчунин ба воситаи калимаи **зода** ҳам сохта мешавад: Турсунзода, Мирзозода ва ғайра.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик фамилия ва номи падар бештар ба воситаи суффиксҳои аз забони русӣ гирифташудаи **ов-ев, ова-ева, ович-евич, овна-евна** сохта мешаванд: Одил Зокирович Собиров, Зафар Шукурович Шодиев, Дилбар Латифовна Бозорова, Зебо Кабировна Абдуллоева.

Исмҳои ҷинсу хос на танҳо аз ҷиҳати маъно, балки бо хусусиятҳои хоси грамматикиашон низ аз ҳам фарқ мекунанд. Чунончи, категорияи ҷамъ танҳо ба исмҳои ҷинс мансуб аст. Исмҳои хос ҳамон вақт дар шакли ҷамъ истифода мешаванд, ки чун образ, намояндаи ҳамон синфу гурӯҳ ва ё хонавода тасаввур карда шаванд: чкаловҳо, романовҳо, гулбибиҳо, шарифҳо, одинаҳо, камолҳо.

Исмҳое низ ҳастанд, ки на номи предметҳои алоҳида, балки аз предметҳои ҳамҷинс гурӯҳи предметҳоеро ҷудо мекунанд, ки онҳо аломати аз ҳамҷинсҳояшон фарққунанда до-

ранд. Ба ин гурӯҳ тамғаи автомобильҳо («Волга», «Чайка»), телевизор («Рекорд», «Темп», «Радий»), радио, навъҳои конфет ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Ҳодисаи аз исмҳои ҷинс ба исми хос гузаштани калимаҳо низ ҷой дорад. Ин ҳолат вақте ба амал меояд, ки вай номи предмет ва ё ҳодисаҳои алоҳидаро ифода намояд. Дар чунин ҳолатҳо аз ҳамчинсонашон ҷудо кардани он ногузир шуда мемонад. Чунончи, калимаи **гулистон**, ки исми ҷинс ва ифодакунандаи макон аст, дар бисьёр ҷойҳо номи деҳа ва шаҳр интихоб шудааст. Дар чунин мавриди ин номҳо исми хос ҳисоб мешаванд. Исмҳои хоси **Шаҳристон, Регистон, Марғзор, Ҳисор, Варзоб, Кӯлоб, Шер, Санг** ва амсоли инҳо бо ҳамин роҳ ба вуҷуд омадаанд.

Баъзан исмҳои ҷинсе, ки шахсро далолат мекунанд, ҳамчун номи ин ё он маҳал ва ё район ба исми хос мегузаранд ва маконро ифода менамоянд: **Колхозчиён** (номи район ва посёлка), **Оҳангарон, Мисгарон** (номи деҳа, гузар).

Баъзан ҳамчун исми хос истифода шудани исмҳои абстракт низ мушоҳида мешавад. Колхозу совхозҳои **«Дӯстӣ», «Ҳосилот», «Меҳнат», «Зафар»** ба ҳамин гурӯҳ мансубанд.

Падару модарон бисьёр калимаҳои хубу хушоҳангро номи фарзанд интихоб мекунанд, ки ба ин восита ин калимаҳо ба исми хос мегузаранд. Исмҳои хоси **Садаф, Шарофат, Зафар, Шер, Қаҳрамон, Олим, Савсан, Садбарг, Ситора** ва ғайраҳо ҳамин тарз ба вуҷуд омадаанд.

На танҳо исмҳои ҷинс, балки сифатҳои аслӣ ва нисбӣ ҳам ҳамчун номи одамон ва ҳайвоноти хонагӣ ба категорияи исмҳои хос мегузаранд. Номҳои одамон **Раъно, Зебо, Ширин, Савсан**, инчунин лақабҳои ҳайвоноти хонагӣ **Барфак, Холдор, Сиёҳқундуз, Қашқа** аз ҳамин қабил исмҳо мебошанд.

Исмҳои конкрет ва абстракт

Исмҳое, ки инсон ва предметҳои олами ҳастиро ифода менамоянд, **исми конкрет** ном доранд: **модар, ҳамшира, гул, дарахт, санг, кӯҳсор** ва ғайра.

Хусусияти грамматикии исмҳои конкрет дар шумурдашавандагиашон буда, миқдори онҳоро бо рақам низ таъин кардан мумкин аст: **ду** бародар, **се** дарахт, **даҳ** стул, **сад** танга.

Исмҳои конкрет ҳам дар шакли танҳо ва ҳам ҷамъ истеъмол мешаванд:

Деҳқонҳо каланду бел дар **даст молҳои** кориро пеш андохта, ба **қишлоқ** баргаштанд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Исмҳои моеъ ба гурӯҳи исмҳои ҷинси конкрет мансубанд. Онҳоро тақсим ва чен кардан мумкин бошад ҳам, мисли ди-

гар исмҳои конкрет донашумур кардан мумкин нест. Ба ин гурӯҳ исмҳои конкрети типи зерин дохил мешаванд: **нефть, бензин, керосин, об, равған, шароб, май** ва ғайра.

Яке аз аломатҳои грамматикии исмҳои моеъ аз он иборат аст, ки онҳо шакли ҷамъ надоранд. Ваъзе аз исмҳои мазкур гоҳо дар шакли ҷамъ воқеъ мегарданд, вале ин ҳолат шумурдашавандагии он предметҳоро далолат намекунад ва аз категорияи ҷамъи исмҳои шумурдашаванда фарқ мекунад. Чунончи, дар мисоли **«Обҳо** ғелида рӯи марғзорон меравад» суффикси **-ҳо** миқдори зиёди об ва шумурдашавандагии онро намефаҳмонад, балки бо ниятҳои услубӣ ва манзараофарӣ истифода шудааст.

Маълум аст, ки баъзе калимаҳо ба якчанд маъно истифода мешаванд. Аз ҳамин нуқтаи назар агар об ба маънои нӯшокӣ истифода шавад, суффикси ҷамъбандӣ қабул намекунад, дар ин ҳолат миқдори онро ченакҳои махсус таъин мекунанд, вале агар **об** ба маънои **дарьё, ҷӯй, ҷӯяк** ва амсоли инҳо истифода шавад, инчунин дар хусуси навъҳои он (обҳои газнок) сухан равад, он гоҳ суффикси ҷамъбандӣ қабул мекунад.

Баъзе исмҳои конкрет агарчи моеъ набошанд ҳам, бо хусусияти шумурданашавандагиашон ба ҳамин гурӯҳи исмҳо мансубанд. Исмҳои **ғалла, гандум, ҷав, зағир, арзан, шакар, оҳак, рег, барф** ва амсоли инҳо, ки аз донаҳо ва ҳиссаҳои хурд-хурд иборат буда, шумурданашон номумкин аст, ба ҳамин гурӯҳ дохиланд. Ин қабил исмҳо одатан шакли ҷамъ надоранд. Агар баъзе аз онҳо (масалан, **гандум**) суффикси ҷамъбандӣ қабул намояд, вай миқдори номуайян ва ё шумурданашаванда будани онҳоро не, балки хелҳои онро далолат мекунад.

Исмҳои абстракт мафҳумҳои амал, аломат ва ҳолатро мефаҳмонанд: **бориш, сабзиш, некӣ, бадӣ, гуруснагӣ** ва ғайра.

Исмҳои абстракт асосан дар шакли танҳо воқеъ мегарданд. Баъзан дар шакли ҷамъ омадани онҳо якчанд бор воқеъ шудани он амалу аломат ва ҳолатро далолат мекунад:

Некиҳои шуморо фаромӯш нахоҳам кард.

Баъзан барои таъкиди тӯлкашии ҳодисаю воқеаҳо ва риояи услуби гуфтугӯ исмҳои абстракт дар шакли ҷамъ меоянд:

Вақтҳои охир камнамо шудед?

Ифодаи ҷинсият дар исм

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҷинсияти табиии исмҳои ҷондор бо тарзҳои гуногун ифода меёбад:

1. **Бо роҳи луғавӣ.** Барои ифодаи ҷинсият калимаҳои мах-

сусе истифода мешаванд, ки дар як вақт ҳам ҷинсият ва ҳам ба кадом гурӯҳи исмҳо (одамон, ҳайвонот ё парранда-гон) мансуб будани онҳоро далолат мекунанд. Чунончи, калимаҳои **мард, зан, духтар, писар** нисбат ба одамон **нар, мода** нисбат ба ҳайвонот ва **хурӯсу мокиён** нисбат ба парранда-гон истифода мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ маънои аксари исмҳои ифодакунандаи шахс ба кадом ҷинс тааллуқ доштани онро низ нишон медиҳанд. Чунончи, ҷинси мардона: **амак, тағо, падар, бобо, почо, язна, ако, ҷӯра, бародар, додар**; ҷинси занона: **амма, хола, янга, модар, бибӣ, ҳамшира, дугона.** Ин гуна калимаҳо дар исмҳои ифодакунандаи ҳайвонот низ дида мешавад: **такка, сирка, қӯшқор, меш, ҷавона, ғуноҷин** ва ғайра.

2. **Бо роҳи калимасозӣ.** Калимаҳое, ки ҷинсиятро далолат мекунанд, ҳамчун ҳиссаи калимаи мураккаб воқеъ мегарданд. Аммо дар ин гуна мавридҳо ба воситаи калимаҳои ифодакунандаи ҷинсият исми нав сохта намешавад, балки ба кадом ҷинс мансуб будани ҳиссаи асосӣ муайян мегардад. Аз ин рӯ, вазифаи ин гуна калимаҳо ба вазифаи морфемаи ифодакунандаи ҷинсият мувофиқат мекунад:

Дар вақте ки ман дар яслӣ будам, сменаи якум тамом шуд ва **коргарзанони** аз кор фориғшуда ба яслӣ омаданд, ки аз он ҷо бачагонашонро гирифта ба хонаҳошон бираванд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Ба ғайр аз ходимчӣ аз лӯнгидорҳо боз ду-се нафар **хизматгорзан** ба фармони вай гӯш ниҳода меистоданд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). **Волейболбоздухтарони** мо вохӯриро бо дугонаҳои москвагии худ ба ҳисоби 0:3 бохтанд («Маориф ва маданият»). Баъд **қудуқчимардак** омад (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Ноиб дар ҷавоб баъд аз нақли деҳқони миёнаҳол коркуни фаъол, соҳиби панҷ таноб замин, як сар гови корӣ ва як сар **модагов** будани Ҳамрорафиқ гуфт... (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

3. Баъзе исмҳои шахс дар ду шакл воқеъ мешаванд, ки яке ҷинси мардона ва дигаре ҷинси занонаро далолат мекунад: котиб-котиба, муаллим-муаллима, шоир-шоира, ходим-ходима, олим-олима, мураббӣ-мураббия, мухбир-мухбира. Ин калимаҳо бо ҳамин шаклашон аз забони арабӣ ба тоҷикӣ дохил шудаанд:

Пас аз фурсате Бузургуммед, Шопур, Баён, мусиқачиён, раққос ва **раққосаҳо**, инчунин дигарон медароянд (*А. Деҳотӣ,* Куллиёт). Ба **ходима** фармоям гӯям, дилам наосуд (*«Садои Шарқ»*).

Дар барат тоҷик чун хеши ту буд,
Шоира Амрита дар пеши ту буд.

(*М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

Ин ҳолат дар исмҳои хос низ мушоҳида мешавад: Олим — Олима, Нодир — Нодира, Шамсӣ — Шамсия, Комил — Комила.

Ин тарзи ифода дар калимаҳое, ки аз забони русӣ ва ё ба воситаи он ба таркиби луғавии забони адабии тоҷик дохил шудаанд, низ мушоҳида мешавад: пионер — пионерка, комсомол — комсомолка, коммунист — коммунистка, санитар — санитарка, студент — студентка, акушер — акушерка ва м. ин.

Бояд қайд кард, ки бо суффикси **-а** ва **-ка** исмҳо аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ дохил шуда, бо ҳамон шаклу маънӣ дар таркиби луғавӣ мондаанд. Ифодаи ҷинсияти табиӣ дар забони тоҷикӣ бо роҳи калимасозӣ, ба воситаи калимаи мустақилмаъно ба амал меояд. Ин тарзи ифода дар калимаҳое, ки аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, низ мушоҳида мешавад: **колхозчизан, аграномдухтар, комсомолдухтар** ва ғайра.

Категорияи муайянӣ ва номуайянии исм

Исм дорои категорияи номуайянӣ мебошад. Номуайянии исм ба воситаи артикли **-е** ифода меёбад. Артикли **-е** бо ҳамаи хелҳои исм омада метавонад. Ин аст, ки артикли **-е** аломати грамматикӣ ва нишондиҳандаи исм ҳамчун ҳиссаи нутқ ба шумор меравад. Ҳар як ҳиссаи нутқ, ки дар ҷумла ба вазифаи исм меояд, баробари дигар категорияҳои исм артикли **-е**-ро қабул мекунад.

Артикли **-е** хусусияти зиёди грамматикӣ дорад. Ҳар як вазифаи вай маҳз дар матн зоҳир мегардад.

Артикли **-е** ин ё он калимаро аз байни анбӯҳи ҳамҷинсонаш ҷудо намуда, муносибати предметии онро равшан карда, бо ин роҳ онро аз муносибати мантиқиаш истисно мегардонад. Чунончи, дар ҷумлаи «Аз ин кӯча одам гузаштааст» калимаи **одам** ба тамоми исмҳои ҳамҷинсаш тааллуқ дошта, муносибати он ҳамчун категорияи луғавию мантиқӣ зоҳир мегардад, яъне аз ин кӯча **одам** гузаштааст, на чизи дигар. Ин аст, ки калимаи **одам** дар ин мисол мафҳуми басо васеъ дорад, вай гурӯҳи одамонро не, балки мафҳуми тамоми одамонро дар худ таҷассум намуда, ба дигар предметҳо муқобил гузошта шудааст.

Дар ҷумлаи «Аз ин кӯча **одаме** гузаштааст» калимаи одам мафҳуми умумӣ надорад ва ҳамаи ҳамҷинсонашро дар бар намегирад. Дар ин мисол исми **одам** бар хилофи мисоли аввал нисбати мантиқӣ надорад, балки мафҳуми махсус гирифтааст. Дар ин ҷо маҳз гузаштани **одам** дар назар дошта нашудааст, балки аз тамоми одамон гузаштани касеро далолат мекунад. Ҳамчунин, дар ҷумлаи «Табарро гирифта,

ҳезумро майда кард» номуайянии табар ифода наёфтааст, аммо дар ҷумлаи «Табареро гирифта ҳезумро майда кард» табар муайян нест ва ин номуайянӣ ба воситаи артикли -е ифода ёфтааст. Чи хеле ки дида мешавад, артикли -е на танҳо барои нишон додани номуайянии исм, балки барои маҳдуд кардани доираи мафҳуми вай низ хизмат кардааст.

Вазифаи номуайяниро ба кадом муносибат иҷро намудани артикли -е дар матн басо равшан зоҳир мегардад. Матн барои таъин кардани мавқеи истеъмоли артикли -е яке аз воситаҳои асосӣ ба шумор меравад. Исми артиклдор вобаста ба шароити нутқ бо ҳамаи тобишҳояш намудор мешавад. Чунончи, дар мисолҳои зерин номуайянии исм дар ҷои аввал меистад:

Чу дидам дар диёри ту хазони **бӯстонеро,**
Намудам ҷустуҷӯ аз Комде дар он **нишонеро.**

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Ман ҳам он вақтҳо кам-кам шеър мегуфтам, аммо шеъри худро ба **касе нишон** намедодам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Шамсия баргашта Ашрафҷонро дид, ки **варақаеро** ба вай дароз мекунад (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Баъд аз фурсате боз аз ҷояш хеста ба ҳар тараф чашм андохт, ҳоло ҳам аз душман **нишонае,** аз биёбон **гарде** наменамояд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Ӯ ҳам дар шабҳое, ки ба ҷое ба меҳмонӣ наравад, ин ҷо омада хотири дӯстонро бо **ғазале** ва **суруде** шод мекард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар ҳамин дам аз рӯи ҳавлӣ овози **занаке** баланд шуд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Хусусияти маҳдудкунии мафҳуми луғавии артикли -е дар исмҳои шумурдашаванда ба дараҷае мерасад, ки вай баробари номуайянӣ ягонагии предметро ҳам далолат мекунад:

Дӯст медорад ӯ **ҷавонеро,**
Писари хубу қаҳрамонеро.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Ҳайрат **қаламе** ва **қоғазе** аз кисаи багалии худ бароварда, ҳарфҳои суханони Рустамчаро, ки дар охири умраш барои нишон додани қотили худ «Азими деҳчагӣ бо корд зад» гуфта буд, бо ҳисоби абҷад шумурда дид ва ин шумора 1306 баромад (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Дар исмҳои ченаки вақт: **сол, тобистон, зимистон, моҳ, ҳафта, рӯз, соат, дақиқа** ва амсоли инҳо артикли -е ягонагии предметро басо равшан ифода менамояд:

Аҳмад-махдум **соле** як бор ба туманҳои Бухоро саёҳат мекард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ӯ **ҳафтае** як бор ба ҳуҷраи Мулло Рӯзӣ меомад (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Аммо ҳар дуи онҳо дар мадраса ду ҳуҷраро банд карда монда, **рӯзе** як бор ба он

ҷо омада мерафтанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Баъд аз соате Ашрафҷон Ҳоҷӣ Абдулазизро бо духтараш гирифта овард (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Хӯҷаин сар хам карда ба фикр фурӯ рафту баъд аз дақиқае сарашро бардошта ба ман нигоҳ карда, ба гап даромад (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Дар ифодаи номуайяниву ягонагии исмҳо калимаи **як** низ истифода мешавад ва дар бисьёр мавридҳо ҳамчун муродифи артикли **-е** воқеъ мегардад:

Нобино дар ин ҷои сухани худ бо як сукути андӯҳгинона **як сония** аз гуфтор бозистода, боз давом намуд... (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Як шаб**, аввали шаб ҳанӯз кӯчаҳо пуродам ва дӯконҳои сари бозори Қӯшмадраса кушода буданд, ки Абдусаттор аз ҳавлиаш барои гӯштхарӣ баромад... (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Шаберо** ба сар бурда будам ба хорӣ (*П. Сулаймонӣ*, Маҷ. шеърҳо).

Ягонагӣ ва номуайянии исм баъзан бо ёрии ҳам артикли **-е** ва ҳам калимаи **як** ифода мешавад. Дар чунин маврид **як** ва артикли **-е** ҳамдигарро таъкид мекунанд. Ҳамчунин омезиши услуби китобӣ (артикли **-е**) бо услуби гуфтугӯи халқӣ (бо калимаи **як**) мушоҳида мешавад:

Мадрасаи Бадалбек дар **як баландие** воқеъ шуда буд... (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ман **як рӯзе** бо як ҳамроҳи худ аз Когон ба шаҳр омадан мехостам (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Агар калимаи **як** ба маъноии пурраи шуморагиаш омада бошад, исм ҳеҷ гоҳ артикль намегирад:

Дар аризаи вай **як ҳаллоҷӣ, як чарху дук, як пахтасабад, як офтобаи чӯян, як чумча, як табақи сафол ва як дона ҳам деги чӯяни гӯшакшикаста** навишта буд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Дар ифодаи номуайянӣ ва ягонагии исм калимаи **ягон** низ истифода мешавад. Вай дар баъзе исмҳо бо артикли **-е** ҳамчун муродиф зоҳир мегардад: Ҳанӯз дар ҳавлиаш **ягон кори зӯртар** барояд, ӯ ҳам маро бурда, кардани он корро мефармуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Ягон гуноҳ** надошта бошанд, барои чӣ онҳоро бароварда сар мезананд? (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

Дар ҳамаи ин мисолҳо калимаи **ягон**-ро бо артикли **-е** иваз кардан мумкин аст: **кори зӯртаре, гуноҳе.**

Дар як исм истифода шудани ҳам калимаи **ягон** ва ҳам артикли **-е** низ мушоҳида карда мешавад. Чунончи:

Ягон нақше дида намешавад (*«Садои Шарқ»*). Коргар бунакро **бо ягон муносибате**... аз устокор мегирад (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон). Пас **ягон сабабе** будааст, ки аз ин пеш мукотиба доштаанд (*«Садои Шарқ»*). Агар корро **бо ягон баҳонае** лат диҳад, ба муддати бекориатон баробари коркарди ҳамешагиатон ҳақ диҳад (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

Бо исм ба замми артикли **-е** ва шумораи **як** ҷонишини **кадом** ва **ким**--**кадом** омада, номуайянии онро равшан таъкид мекунад, инчунин ба ҷумла тобиши гуфтугӯӣ мебахшад:

Кадом як кас аз тирезаи духтурхона ба рӯи мизи Наталя Павловна ин чормағзро ҳаво дода, худаш ғайб задааст (*«Садои Шарқ»*). Бӯи хлороформ ва боз **ким-кадом як бӯи тези нофорам** ба димоғ мерасид (*«Садои Шарқ»*).

Дар ҷумла ва ё матн исм дар шакли номуайянӣ танҳо як бор истифода мешавад ва баъд ҳамчун исми муайян истеъмол шуда, дигар аломатҳои номуайяниро қабул намекунад:

Дар гузаргоҳи роҳ бар рӯи ҷӯй **пуле** кашида шудааст. Дар **он тарафи пул** — дар канори шимоли ҷӯй **самоворхонаи хушбино, хушҳаво** ва **хушпалосе** буд, ки ҳеҷ гоҳ аз чойнӯшон холӣ наемонад. Мо ҳам дар **он самоворхона**, дар канори ҷӯй бар рӯи гилеми сурхи қаршигӣ нишаста ба чойнӯшӣ сар кардем (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Дар ифодаи номуайянӣ категорияи морфологии шумора бетаъсир нест. Артикли **-е** дар вазифаи номуайянӣ асосан бо исмҳои ҷомеъ, ки шаклан танҳоянд, истифода мешавад. Чунончи дар мисолҳои зерин артикли **-е** бо исмҳои ҷомеъ омадааст:

Гурӯҳе мерафтанд, **гурӯҳе** меомаданд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). **Дастае** аз мотамдорон куртаҳои кабуди дароз пӯшида буданд (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

Хусусияти ишоратии артикли **-е** дар исмҳое, ки бар эзоҳи онҳо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда омадаанд, равшантар зоҳир мешавад.

Чунончи:

Ба сӯи бешаи манзилгаҳи шер
Равад **гурге**, ки аз ҷонаш бувад сер.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Саг аз **гуфтугузоре**, ки дар байни чӯпон ва оянда рафт ва ҳам аз **фармоне**, ки чӯпон ба худаш «ҷим!... дам бихоб!» гӯён дод, пай бурд, ки оянда як шахси безарар будааст ва ором гирифт (*С. Айнӣ*, Ғуломон). **Хонаҳое**, ки ба наздикӣ онҳо кӯчида омадаанд, дар пеши назараш гӯё баралоина намоён гардиданд (*«Садои Шарқ»*).

Артикль исмеро ҷудо карда, ба он хусусияти вай ишора мекунад, ки бо он исм аз дигар ҳамҷинсонаш фарқ мекунад ва он аломати хоси исм маҳз бо ҷумлаи пайрав ифода меёбад:

Дар **шутурхонае**, ки дар паҳлуи ҳавлӣ буда, ба вай бо як дар мепайваст, дегҳои миси калонро, ки дар ҳар кадоми онҳо як ман (8 пуд) биринҷро дам кардан мумкин буд, қатор шинонда буданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Вай чун **гурбае**, ки хонаи мушро мепояд, ба рӯи кӯрпача сукут карда менишаст ва мепоид (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

Дар исмҳое, ки ҷумлаи пайрав аломати онро муайян мекунад, артикли **-е** ба ишораҷонишинҳо аз ҷиҳати грамматикӣ наздик мешавад ва вазифаи онҳоро ифода мекунад: **Одаме**, ки дирӯз бо мо сӯҳбат карда буд, Қодир ном доштааст.

Дар ин мавридҳо исми муайяншаванда ҳам бо артикли **-е** ва ҳам бо ҷонишинҳои ишоратӣ омада метавонад: Албатта, **ин чизҳое**, ки дар ин ҷо дар бораи ахлоқ ва кирдори аҳолии мадрасаи Кӯкалтош навишта шуд, ба эътибори аксарият аст (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Ин одаме**, ки қади дароз, риши мошубиринҷи паҳн, рӯи сафед, бинии баланди нӯгхам ва саллаи калони сафеди муллоёна дошт, бобои пойафзолдӯзони Бухоро буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ман бо таъсири **он зиндагонии** сахте, ки дар хурдсолӣ ба сарам афтода буд, асабӣ шуда будам ва аз ин зиндагӣ бисьёр дилтанг мешудам (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ман қабул кардам, **ҳамон сартарошеро**, ки марҳам дода буд, ованд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Артикли **-е** на танҳо бо исмҳои ҷинс ва номуайян, балки бо исмҳои хос ва ягонаи муайян низ омада, ба яке аз аломатҳои онҳо ишора менамояд, ки он бо ҷумлаи пайрав ба хотир оварда мешавад:

Умри-хола ба **Сафаре**, ки аз саҳна ба ӯ чашм дӯхта меистод, нигоҳ карда гирьяолуд бо изтироб гуфт (*Ф. Ниёзӣ, Вафо*). Ин кор фиреби дуюми амир шуда баромад: **амире**, ки қушбегии худро бекор карда буд, фардои он рӯз, ба ҷои ин ки ба талабномаи ҷавонон ҷавоб гардонад, ба муқобили онҳо аскар ва тӯпхона фиристод (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ҳамон **Матлубае**, ки ману Ҳуринисоро аз ту ҷудо кард, ҳоло дар паҳлуят (*«Тоҷикистони Советӣ»*). Онҳо ҳамон Мустафоқул, ҳамон Тағоймурод, ҳамон **Иброҳиме** буданд, ки аз рӯзҳои аввали ташкил шудани колхоз ба корҳои он нӯги панҷа даст мерасонданд... (*«Комсомоли Тоҷикистон»*).

Азбаски артикли **-е** дар исмҳои муайяншаванда хусусияти ҷудокуниву ишоратӣ дорад ва аломате, ки артикль ба он ишора мекунад, ба воситаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда баён карда мешавад, ҳангоми ба ибораи сифати феълӣ табдил додани ҷумлаи пайрави муайянкунанда артикли **-е** истифода намешавад ва ҷои онро бандаки изофӣ мегирад.

1. **Касоне**, ки ӯро аз собиқ мешинохтанд, аз ҷояшон хеста, бо табассуми сохта «хӯҷаин, салом!» мегуфтанд (*Тоҷӣ Усмон*, Муборакқадам).

Касони ӯро аз собиқ мешинохтагӣ аз ҷояшон хеста, бо табассуми сохта «хӯҷаин, салом!» мегуфтанд.

2. Ба ивази **нағзиҳое**, ки дар ҳаққи хонаводаи мо ва тамоми аҳли қишлоқ кардед, ман ҳам як нағзӣ карданӣ ҳастам (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Ба ивази нағзиҳои дар ҳаққи хонаводаи мо ва тамоми аҳли қишлоқ кардаатон ман ҳам як нағзӣ карданӣ ҳастам.

3. **Умре**, ки то ба ин рӯз гузаронидаам, ҳамааш ба саисӣ гузаштааст (*Тоҷӣ Усмон*, Муборакқадам).

Умри то ба ин рӯз гузаронидаам ҳамааш ба саисӣ гузаштааст.

Дар ибораҳои изофӣ артикли -е бо калимаи охирин меояд. Агар ҷузъҳои тобеи ибораи изофӣ бо сифат ифода шуда бошад, артикли -е ба ибора, агар бо исм ва ҷонишин ифода шуда бошад, ба муайянкунанда мансуб мешавад: духтари қоматбаланде, духтари қоматбаланди сиёҳабрӯе, девори хонае, пои касе, дили онҳое, ки...

Карим ба **як хоначаи пастаке** фаромад (*«Садои Шарқ»*). Ба ман барин як ҷавони ҳаваскор таърихи вафоти як олими калонро фармудан ғайр аз имтиҳон чизи **дигаре** набуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Агар ӯ дар дунъё **ягон кори намоёне** мекард, ки аз вай ба мардум фоидае мерасид, ман аз ин нисбат ҳатто фахр ҳам мекардам (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Дар ҳамаи ибораҳои изофӣ артикли -е номуайянии исмро далолат намекунад. Вай баъзан дар ибораҳое меояд, ки исмашон муайян ва аниқ аст. Чунончи: Садриддин Айнӣ нависандаи бузурге мебошад. Дар ин мисол артикли -е номуайяниро нишон намедиҳад, балки нависандаи бузург будани Садриддин Айниро таъкид менамояд. Дар мисолҳои зерин ҳам артикли -е хусусияти таъкидӣ дорад:

Дар ҳавлии Арбоб тӯи **калоне** барпо шуд... (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Падарам, ки дар гапу баҳс ҳарифи **муносибе** буд, зуд суханро аз даҳони Қоридомулло рабуда ба болои масъалаҳои касбу косибӣ овард (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон). Мирсолеҳ як одами баландқомату борикбадани сафедрӯю малламӯи камриш буд, бинии **калоне** дошт (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Гирди айвон бо девори **пасте** иҳота карда шудааст (*«Садои Шарқ»*). Озодона нафас кашидан тамоман барҳам хӯрд ва дар сари ҳар дақиқа ё чанд сония фарьёди **чонкоҳе** мекашидам, ки ин ба ҷои нафаскашӣ мегузашт (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Боракалло! Шумо хизмати **калоне** кардед (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Дар мисолҳои боло артикли -е-ро, ки дар охири ибораҳо омадааст, бо зарфҳои **хеле**, **басо**, **ниҳоят** ва амсоли онҳо иваз кардан мумкин аст. Чунончи: тӯи **басо** калон барпо шуд, ҳарифи **хеле** муносиб буд, бинии **басо** калон дошт, девори **ниҳоят** паст буд ва ғайра.

Дар мисолҳои овардашуда артикли -е бо калимаи номуайянӣ ва тахминии **ягон** ҳамвазифа ва ивазшаванда нест. Онҳо ба ҳам вақте ҳамчун муродиф зоҳир мешаванд, ки исм дар ҳолати номуайянӣ бошад.

Дар исмҳои ҷуфт ва чида артикли -е ба калимаи охирин васл шуда бошад ҳам, ба ҳамаи онҳо мансуб аст:

Дар ин ҷо ғайр аз гандумҳое, ки дар ҳар **як** ваҷаб як поя баромада, баъд аз як ваҷаб қад кашидан сар хам кашида хӯшаашон дон пур накарда хушкида мондаанд, **харбу-**

за ва **тарбузҳое**, ки пеш аз таноб партофтани палакашон сабча бастаанд, **мош ва лӯбиёе**, ки пеш аз гул кардан дар офтоб сӯхтааст, нишонаи дигар аз киштзор набуд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). **Киштзор, боғ ва бӯстонҳое**, ки аз рӯд обьёрӣ мешуданд, як биёбони регзор гардидаанд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Назар ба гумони Мулло Вафо, **ҳар зану духтаре**, ки дар кӯча бо фаранҷии кӯҳна ва бо кафшу маҳсии фарсуда барояд, ӯ баднамо буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Ба ҳамаи исмҳои чида ва ё танҳо ба исме, ки бо он омадааст, мансуб будани артикли -е аз матн ва шароити нутқ маълум мешавад. Чунончи, дар мисоли зерин артикли -е танҳо ба яке аз исмҳои чида мансуб аст:

Халқ ва заковати ӯ, шароити меҳнат ва **шуоъҳои нуре**, ки аз Россия ба сӯрохиҳои мадрасаҳои Бухорои амирӣ ин ё он қадар ворид мешуданд, намояндагони пешқадами зиёиёни тоҷикро бедор менамуданд *(газ. «Маориф ва маданият»)*.

Исми бо шумора омада одатан артикли -е намегирад. Танҳо исми бо шумораи тахминӣ омада артикльро қабул карда метавонад, чунки номуайянӣ ва тахминӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ба ҳам мувофиқанд.

Ду-се рӯзе шудам меҳмони Дарвоз,
Намудам сайри ҳар бӯстони Дарвоз.

(*А. Деҳотӣ*, Куллиёт)

Агар исми бо шумора омадаро ҷумлаи пайрави муайянкунанда эзоҳ диҳад, вай асосан бо артикли -е меояд: **се одаме**, ки ин ҷо гузаштанд, милтиқдор буданд.

Категорияи шумора дар исм

Исм ду шакли шумора — танҳо ва ҷамъ дорад. Исми танҳо асоси категорияи ҷамъ мебошад. Номи аслии одамону ҷонварон ва предметҳо пеш аз ҳама дар шакли танҳо ифода меёбад. Исм дар шакли танҳо якто будани предмет, ҳодиса, воқеа, мафҳуми алоҳидаро мефаҳмонад. Чунончи: Қодир, одам, писар, гӯсола, буз, саг, дарахт, санг, чӯб, об, шамол ва ғайра.

Дар ҷумла исм дар шакли танҳо инчунин мафҳуми умумии предметро фаҳмонда, ба исмҳои ҷомеъ наздик мешавад. Чунончи, калимаи дарахт ба ду маънӣ: ҳам танҳову ҳам умумӣ истифода мешавад:

Дарахти **зардолуро** бурида овардам.

Ё ки:

Сари кӯҳи баланд олу шинондем,
Дарахти себу зардолу шинондем.

(Фольклор).

Дарахт ба саломатии одам фоида дорад.

Исм дар шакли ҷамъ миқдори зиёди предметҳои ҳамҷинсро мефаҳмонад. Дар забони адабии тоҷик исмҳо бо суффиксҳои **-ҳо** ва **-он** ҷамъ баста мешаванд.

Бо суффикси **-ҳо** ҳамаи исмҳои ҷондору бечон ҷамъ баста мешаванд.

Чунончи:

а) **исмҳои ҷондор: Аминҳо, оқсаққолҳо, бойҳо, муллоҳо, элнавкарҳо** ва **амалдорҳои** ин туманҳо шабу рӯз аз бозор ба бозор, аз деҳа ба деҳа асп медавонданд *(С. Айнӣ,* Ғуломон). **Машкобҳо, бофандаҳо, нонвойҳо, қассобҳо, мардикорҳо, аллофҳо, наддофҳо** ба куҷо рафтанд *(Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Чарогоҳҳояшон ҳам бо **рамаҳо** ва **галаҳо** пур буда, беҳтарин **аспҳо, хачирҳо, гӯсфандҳо** ва дигар ҳайвоноти хонагӣ дар ин ҷоҳо мерасиданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Исмҳои мазкур бо суффикси ҷамъбандии **-он** низ омада метавонанд, аммо баъзе исмҳои ҷондор асосан бо суффикси **-ҳо** меоянд. Ба ин гурӯҳ исмҳои зерин дохил мешаванд:

1) исмҳое, ки муносибати хешутабориро фаҳмонда, бо садоноки **а** тамом мешаванд: **акаҳо, укаҳо, ҷӯраҳо, аммаҳо, холаҳо;**

2) баъзе исмҳои ҷондор, ки бо садоноки **а** тамом шудаанд: **аккаҳо, таккаҳо, сиркаҳо;**

3) калимаҳои русию интернационалӣ, ки бо суффикси **-ка** тамом мешаванд: **комсомолкаҳо, пионеркаҳо, студенткаҳо, аспиранткаҳо, артисткаҳо, солисткаҳо;**

4) сифатҳои феълии исмшуда, ки бо суффикси **-гӣ** сохта шудаанд: **омадагиҳо, дидагиҳо, рафтагиҳо, хӯрдагиҳо, шунидагиҳо;**

5) калимаҳои русию интернационалӣ, ки бо **-ат, -ант, -ог** тамом шудаанд, бештар бо суффикси ҷамъбандии **-ҳо** меоянд: **солдатҳо, депутатҳо, лауреатҳо, аспирантҳо, сержантҳо, курсантҳо, педагогҳо, геологҳо, археологҳо, биологҳо;**

6) номи баъзе миллатҳо: **грузинҳо, арманиҳо, финҳо, украинҳо, французҳо** ва ғайра;

7) исмҳои хос низ бо суффикси **-ҳо** ҷамъ баста мешаванд: **Одинаҳо, Шарифҳо, Сангинҳо, Гулбибиҳо, Чкаловҳо** ва ғайра.

Бештар бо суффикси **-ҳо** ҷамъ баста шудани исмҳои номбурда ба таркиби овозии онҳо вобаста мебошад. Маҳз аз ҳамин сабаб баъзе узвҳои бадани инсон танҳо бо суффикси **-ҳо** ва баъзеи дигарашон ҳам бо суффикси **-ҳо** ва ҳам бо суффикси **-он** ҷамъ баста мешаванд: **рӯйҳо, дилҳо, баданҳо, ишкамҳо, нохунҳо, биниҳо, даҳанҳо,** вале **дастҳо — дастон,**

чашмҳо — чашмон, гӯшҳо — гӯшон, лабҳо — лабон, абрӯҳо — абрӯвон, гесӯҳо — гесӯвон, ангуштҳо — ангуштон, зонуҳо — зонувон;

б) **исмҳои беҷон**: Дар моҳи рамазон шабона ҳамаи дӯконҳо, саройҳо, тиҷоратхонаҳо ва инчунин **самоворхонаҳо, ошхонаҳо** ва **сартарошхонаҳо** то нимаи шаб кушодагӣ буданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Хизматчиҳо ва хизматгорҳо дар даст **сатилҳо, лӯнгиҳо, тосҳо, чойникҳои** чой ва **қуттиҳои** дорувор даромада омаданд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Чунончи, тоза кардани **рӯд, ҷӯйҳо, ҳавзҳо** ва **обрезу обгурезҳо**, хушконидани **кӯлҳо, заҳкашҳо**, аз шаҳр баровардани **кушишхонаҳои** ҳайвонот, тоза кардани **ошхонаҳо**, манъ кардани таомфурӯшиҳои сарироҳӣ ва дигарҳоро ба пеши ҳукумати амир вазифаи аввалин ва ногузир карда монд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). ... **катҳо** месохт, торчӯб — **либосовезакҳои** хонагӣ метарошид, барои дари **хонаҳо** лӯкидон — **қулфҳои** чӯбин, **сандуққо**, сарпӯши дег, **сандалиҳо** месохт (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо);

в) исмҳои абстракт дар мавриди **такрори** амалҳо, таъкиди бардавомии амалу ҳодисаҳо ва барои конкреттар ифода шудани маъно дар шакли ҷамъ меоянд:

Ҳанӯз ин гуна **гуфтугузорҳо** ба миён нарасида буд, ки Аҳмад аз дар даромад (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Чун ман дар ин мактуб хондам, ки бо адолатпарварии шумо аз Бухоро **аракнӯшиҳо, бетартибиҳо** ва **бадкирдориҳои** одамони миршаб барҳам дода шудааст, боз ба ватанам омадам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Шабҳои** дарози зимистон дар ин тавр меҳмонхонаҳо аҳбоб ҷамъ меомаданд: **сӯҳбатҳо, базмҳо** ва **гаштакҳо** мешуд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Маҳмуди Муҳаммадӣ дар вақтҳои охир ба ин гуна **сайругаштҳо, шабнишиниҳо** ва **базмҳо** иштирок намекард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Чапакзаниҳо, ҳуштакзаниҳо, чиртакҳаводиҳиҳо** сар шуд... (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ман дар **базмгардиҳоям** бо оммаи мардуми шаҳри Бухоро ва атрофи он ҳолдон шудам (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ба туфайли ба забони гуфтугӯ наздик шудани забони адабии ҳозираи тоҷик суффикси **-ҳо** хеле серистеъмол шуда, ба воситаи он ҳама гуна исмҳо ҷамъ баста мешаванд. Суффикси **-он** бештар бо исмҳои ҷондор истифода мешавад.

Мавқеи истифодаи суффикси **-он** ва вариантҳои он (**-гон, -ён, -вон**) ба таркиби овозии калимаҳо вобаста аст. Агар исм бо ҳамсадо тамом шавад, суффикси **-он** истифода мешавад: ... **қиморбозон, вартишбозон, мургбозон** ва **харкорон** ҳам дар олами худ дар ҷустуҷӯи шӯҳрат мебошанд. (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар як тараф **занон, духтарон, канизон, ғуломон** гӯсфанд медӯшиданд, гуппӣ мезаданд, маска ҷудо мекарданд ва равган мегудохтанд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Дар таги қалъа ва дар наздикиҳои он хонаҳои баъзе давлатмандон, аммо бештар хонаҳои аҳли савдо ва касаба: **баққолон, қассобон, мис-**

гарон, қадоқчиён, бофандагон, дуредгарон воқеъ шуда буданд (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дар тарафи шимолии роҳ айвони дарозе буд, ки дар вай дар айёми сайр **баззозон, ҳалвогарон, атторон** ва дигар **дӯкондорон** ҷой мегирифтанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Калимаҳое, ки бо садоноки **-а** тамом шудаанд, суффикси ҷамъбандии **-гон** қабул менамоянд:

Саидакбархоҷа дар кӯча умуман худро чунон нишон медод, ки ӯ пири солхӯрдаи ҳаштодсолаи пурдида аст ва ҳама касоне, ки дар кӯча ба ӯ дучор меоянд, ба андозаи хурдии синну солашон **фарзандон, наберагон** ва **аберагони** ӯ мебошанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Гӯсфандон, бузон, **баррагон** ва **бузголагон** ба хобгоҳи худ баромада осуда хобида буданд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Ҳаво соф буд, **ситорагон** бо дурахшандагии худ ба ҷаҳон равшанӣ медоданд (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Агар калима бо садонокҳои **ӣ ё о** тамом шуда бошад, бо суффикси **-ён** ҷамъ баста мешавад: Оқибат маҷлиси расмӣ кушода шуд, ин соати масъуд, ки **колхозчиёни** колхози «Янги деҳқон» барои абадӣ — доимӣ фоида бурдан аз замин ба акти давлатӣ соҳиб мешуданд, даррасид (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Хонаи ӯ монанди хонаи Шарифҷон Махдум маркази **адабиётчиён** набошад ҳам, аз аҳли адабиёт ва ҳаваскорони он холӣ набуд.

Моҳиёнаш ҳамчун оҳуи хутан
Гаҳ аёну гаҳ ниҳон ояд ҳаме.

(*П. Сулаймонӣ,* Маҷ. шеърҳо)

Аксарияти исмҳое, ки бо садоноки **о** тамом мешаванд, хоҳ ҷондор бошанд, хоҳ беҷон, бештар бо суффикси **-ҳо** ҷамъ баста мешаванд.

Калимаҳое, ки бо садоноки **у** тамом шудаанд, асосан бо суффикси **-вон** ҷамъ баста мешаванд: **оҳувон, абрувон, ҳиндувон.**

Дар пешгаҳи он болохона дар рӯи чор қабат кӯрпача як одами миёнсоли миёнаҳоли гандумгун, ки чашму **абрувони** сиёҳе дошт ва худ рангкандаи бемормонанд буд, ёзида мехобид (*С. Айнӣ,* Куллиёт). ... аспҳои бисьёр бо думҳо ва **паҳлувони** худ ба тани ӯ расида, аз наздаш гумбурросанон дартоз мегузаштанд *(«Садои Шарқ»).*

Чанд аз **ҳиндувонӣ** [1] оқипадар,
Зархаридорони қувваи доллар,

---

[1] Баъзан суффикси ҷамъбандии -ён-ро қабул кардани калимаҳое, ки бо садоноки у тамом шудаанд, мушоҳида мешавад: Бештарини ғуломони он замон аз туркҳои шимолӣ, қалмоқон, хитоиён ва ҳиндуён буданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Дар миён чун ғуломи ҳалқабаргӯш
Монда шаъни диёри худ ба фурӯш.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Бо суффикси **-он (-гон, -ён, -вон)** на танҳо исмҳои ҷондор, балки чанде аз исмҳои беҷон ҳам ҷамъ баста мешаванд:.

а) аъзои ҷуфти бадани инсон: **дастон, лабон, чашмон, гӯшон, зулфон** ва ғайра;

б) исмҳои ҷудогонаи предметҳои конкрет ва исмҳои маънӣ, мисли: **дарахт, лолазор, кӯҳсор, барг, муғча, ниҳол, чароғ, ситора, ахтар, шаб, сухан** ва ғайра бо суффикси **-он** ва вариантҳои вай низ ҷамъ баста мешаванд:

Баҳор омад, шукуфта **лолазорон,**
Гулистон шуд канори **кӯҳсорон.**

(*А. Деҳотӣ,* Куллиёт)

Ин ҷавон маро таклиф кард, ки ба работ даромада, дар сарҳавз, дар сояи **дарахтон** бихобам (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ту бо ман рӯз месозӣ **шабонро,**
Мисоли моҳ мегардӣ ҷаҳонро.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Яҳьёхоҷаро ман аз он пеш ҳеҷ гоҳ он гуна пурғазаб надида будам ва дар вақти гуфтани **суханони** охирини худ аз **чашмонаш** оташ меборид... (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Дар забони тоҷикӣ воситаҳои грамматикии нишондиҳандаи предметҳои ҷуфт ва дугона мавҷуд нестанд. Предметҳои ҷуфт ва дугона баъзан дар шакли ҷамъ ва баъзан дар шакли танҳо воқеъ мешаванд. Чунончи:

Вай аз **чашмони** синчакори мардум, аз **дастони** ба сӯи вай дароз кардашудаи онҳо, ки гӯё аз гиребонаш маҳкам доштанӣ мешуданд, базӯр **чашм** канд (*«Садои Шарқ»*). Ӯ одами миёнақади қоқбадани камгӯшт, ранги рӯяш гандумгун буда, **абрӯҳои** баландмӯй ва **чашмони** сиёҳи калони дурахшон дошт (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Баъзе исмҳои дугона, ки ба забони тоҷикӣ аз забони арабӣ дохил шудаанд, ҳам ба воситаи суффиксҳои тоҷикӣ ва ҳам бо суффикси дугонасози арабӣ **-айн** ҷамъ баста мешаванд. Чунончи: зулф, қафс, наҳр, тараф барин калимаҳо ҳам дар шакли **зулфҳо, зулфон, қавсҳо, наҳрҳо, тарафҳо** ва ҳам дар шакли **зулфайн, қавсайн, наҳрайн, тарафайн** истеъмол меёбанд.

Ман дар ин ҷо ҳамон порчаро ҳам бо забони муаллиф, аммо кӯтоҳ карда ва баъзе луғатҳояшро дар байни **қавсайн** шарҳ дода ва аломатҳои китобатии имрӯзаро зиёда намуда

нақл кардан мехоҳам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ин корро барои мувозинат додан ба **тарафайн** мекарданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик кам бошад ҳам, дар калимаҳои арабӣ бо роҳи ҷамъи шикаста ифода намудани мафҳуми ҷамъ мушоҳида мешавад. Чунончи: **асрор** (сирҳо), **ашхос** (шахсҳо), **атроф** (тарафҳо), **афкор** (фикрҳо), ашъор (шеърҳо), **афлок** (фалакҳо) ва ғайра.

Дар забони адабии тоҷик ҷамъи шикастаи арабӣ аз нав бо суффиксҳои тоҷикӣ ва арабӣ ҷамъ баста мешавад:

Рӯзибой ҳам ба Истад аз дилу ҷон кор омӯхта, **асрорҳои** ҳунари боғдориро кушода медод (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Ту фарзанди азизу арҷмандӣ,
Ту чун **аҷдодҳоят** сарбаландӣ.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Полковник бошад, дар ин вақт **ахбороти** худро давом медод (*«Садои Шарқ»*).

Ҳангоми чида шудани исмҳо ду ҳолат мушоҳида мешавад: 1) суффикси ҷамъбандиро исми чидаи охирин мегирад; 2) суффикси ҷамъбандӣ бо ҳар як исми чида меояд. Суффикси ҷамъбандӣ бо исми чидаи охирин омада бошад ҳам, ба ҳамаи исмҳои чида мансубият дорад. Дар забони адабии тоҷик ин тавр воқеъ шудани исмҳо бештар дар исмҳои чидае дида мешавад, ки ба ҳам бо пайвандаки **-у** алоқаманд шудаанд. Маълум аст, ки исмҳои чидаи суффикси ҷамъбандидор аз ҳам бо паузае ҷудо мешаванд (шаҳрҳо, посёлкаҳо ва қишлоқҳои мо рӯз то рӯз обод мешаванд), пайвандаки **-у** ҳам пас аз худ пауза талаб мекунад. Ин аст, ки **-ҳо** ва **-у** дар исмҳои чида ниҳоят кам дучор мешаванд:

... ӯ бо пароканда шудани мардум ба Намозгоҳ нарафта бо **тангкӯчаву паскӯчаҳо** ба ҷое рафта, дар хонаи яке аз дӯстони худ рӯй пинҳон кард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). ... дар ҳама **маҷлису маъракаҳо,** дӯконхона ва саройҳо, **мактабу мадрасаҳо**... гап мезаданд (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон). Аз қафо як гурӯҳ **чавонзану духтарон** расида омаданд (*Б. Ортиқов,* Гули сурх). Дар панҷсолаи нав дар сарзамини қадимии тоҷикон **мактабу кироатхонаҳо,** қасрҳои маданият, шифохонаҳо, **каналу иншоот, фабрикаву заводҳо,** комбинатҳо, роҳҳои оҳан ва машинагард, **боғу бӯстонҳо, шаҳру посёлкаҳои** нав пайдо шуда, чеҳраи республикаи моро зеботар, онро тавонотар, комьёбиҳояшро дучанд бештар хоҳанд намуд (*М. Миршакар,* Қувваи мӯъҷизаосо).

Дар дигар мавридҳо ҳам танҳо исми чидаи дуюм ва ё охирин суффикси ҷамъбандиро гирифта метавонад:

Вақти саёҳати ӯ ҳар сол дар моҳи август ва сентябрь рост меомад, ки дар он моҳҳо аз рӯи одат харбузаҳо, ангурҳо

ва дар охиртари ин моҳҳо **анҷир** ва **анорҳо** ва дигар меваҳои тирамоҳӣ мепазад... (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси ҷамъбандӣ бо ҳар як исми чида низ омада метавонад. Дар ин гуна ҳолат исмҳои чида таъкид карда мешаванд:

Машраб-Девона аз он ҷо гузашта ба Самарқанд расидааст; дар атрофи шаҳр **боғҳо, бӯстонҳо, осиёҳо, обҷувозҳоро** ва дар даруни шаҳр раста-раста дӯконҳо ва қатор-қатор **корвонсаройҳоро**... дидааст (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Рӯи чорпоя бо **нонҳо, кулчаҳо, санбӯсаҳо, қурсҳо, конфегҳо**, бодом, писта ва мавизҳои гуногун пур буда, дар канори поёни он як самовори панҷоҳстаканӣ дар ҷӯшидан буд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). **Даштҳо, дараҳо, роҳҳо, кӯчаҳо, бомҳо, теппаҳо** ҳама ҷо пур аз одам бошад ҳам, ҳавлии васеи Полвон-Арабро рӯфта тоза карда буданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ғуломони хонадор кардашуда ҳам бо канизони ба худашон додашуда дар **корхонаҳо, саисхонаҳо, оғилхонаҳо** ва **шутурхонаҳо** ҷой гирифтанд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ҳар қадар ин мактаб, **муаллимон** ва **ҳамдарсон** барои ман нав бошанд ҳам, ман дар андак вақт ба ҳамаи онҳо шинос ва ҳолдон шудам (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

Агар исмҳои чида ба худ муайянкунанда дошта бошанд, ҳар кадом суффикси алоҳидаи ҷамъбандӣ қабул менамояд:

Амлокдор бо дастаи худ аз болои **заминҳои** юнучқаи ба даравомада, **ғӯзаҳои** каланд кардашуда, харбуза ва **тарбузҳои** варқонӣ кардашуда, мош, **зағир, кунҷид** ва қӯноқ барин киштҳои нав кишташуда асп ронда, онҳоро поймол карда, ба роши як замини гандум омада истод (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Аз он соате, ки Медиев ба тадқиқи ин фоҷиа шурӯъ кардааст, фикру хаёли вай дар банди **саволҳои** гуногун, **шубҳаҳои** рангоранг ва **тахминҳои** мухталиф монда буд (*«Садои Шарқ»*).

Дар ибораҳои изофӣ суффикси ҷамъбандӣ ба тарзи мухталиф воқеъ мешавад:

1) Дар забони тоҷикӣ сифат бо исм мувофиқат намекунад. Исм дар шакли хоҳ танҳо ояд ва хоҳ ҷамъ, сифат дар шакли танҳо меояд: боми баланд — бомҳои баланд, гули сурх — гулҳои сурх, духтари хушрӯй — духтарони хушрӯй ва ғайра;

2) Агар ибора бо исму исм ифода ёфта бошад, калимаи асосӣ — муайяншаванда бештар дар шакли ҷамъ меояду калимаи муайянкунанда дар шакли танҳо:

Биноҳои мактаб, МТС, чойхонаҳои сурх, **идораҳои совхоз** ва **колхоз**, хонаҳои нави колхозчиёни стахановчӣ, **дӯконҳои кооператив** ва дигарҳо ҳақиқатан ҳам ин роҳи биёбони дирӯзаро ба тарзи шаҳр гардонда буданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт);

3) Дар шакли ҷамъ омадани ҳам исми муайяншаванда ва ҳам исми муайянкунанда низ мумкин аст. Ин ҳолат, аз як тараф, барои таъкиди бисёрии исми муайянкунанда бо-

шад, аз тарафи дигар, дар мавридҳое зарурат пайдо мекунад, ки дар ҳолати набудани суффикси ҷамъбандӣ калимаи муайянкунанда чун исми танҳо тасаввур карда мешавад:

Бинобар ин баъд аз ришу мӯйлаб бароварда калонсолтар шуданаш тобистон ба **деҳаҳои туманҳо** рафта, имоматӣ мекард... (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Дар **тӯйҳои бойҳо** базмро ҳамеша дарбаста мекарданд... (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ҳаво дар ғояти хубӣ буд, насими фораме аз киштзорҳо ва чорбоғҳо вазида, бӯи хуши **майсаҳои гандум** ва ҷав, накҳати сабзаҳои лаби ҷӯй ва роиҳаи **шукуфаҳои дарахтони** зардолуро ба димоғи кас монанди як ҷони тоза мерасонид (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Мардум хусусан, **занҳои бойҳо** ва хонадонҳои давлатманд, ба суроғи пои ӯ меафтанд ва дар орзӯи дидани ӯ мешаванд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

4) Баъзан исмҳои муайяншаванда дар шакли танҳову исми муайянкунанда дар шакли ҷамъ ояд ҳам, бисьёрии муайяншавандаҳо низ тасаввур карда мешавад: **дари хонаҳо** (ба ҷои дарҳои хонаҳо), **сари одамон** (ба ҷои сарҳои одамон) ва амсоли инҳо.

Баробари эълони радио издиҳоми мусофирон буғчаву чамадонҳояшонро ба даст бардошта, худро ба **дари вагонҳо** андохтанд (*«Садои Шарқ»*).

Ҳалқаи мардумон ба гирди мо
Зиёдат гашт,
Чашми одамҳо
Вақфи сар то ба пои мо мешуд,
Гӯшашон бар садои мо мешуд.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

5) Агар муайяншавандаҳо аз исмҳои ҷомеъ иборат бошанд, муайянкунандаҳо бештар дар шакли ҷамъ меоянд:

Ҳама одам барин ором мераванд, ту бошӣ худатро аз ароба партофта, ба тарафи ағба медавӣ, гӯё ки **галаи гургон** пешат мекарда бошад (*«Садои Шарқ»*). Майор ба паси **тӯдаи куттиҳо** гузашта ду кати сафариро дид (*«Садои Шарқ»*).

Оид ба муносибати исмҳои ҷамъу танҳо ва шумораҳо ҳолатҳои зерин мушоҳида мешавад: агар исм бо шумораҳои миқдорӣ ояд, одатан суффикси ҷамъбандӣ қабул намекунад, чунки худи шумораҳо нишондиҳандаи миқдори муайяни предметҳо мебошанд, суффиксҳои ҷамъбандӣ бошанд, бисьёриро ба тарзи умумӣ, номуайян ифода менамоянд. Чунончи: як одам, ду одам, даҳ одам, панҷ одам, сад одам ва ғайра. Баъзан исмҳои бо шумораи миқдорӣ омада суффикси ҷамъбандӣ низ қабул менамоянд. Дар ин гуна ҳолатҳо роли асосиро шумораи миқдорӣ мебозад, на суффикси ҷамъбандӣ, чунки аз истиснои суффикс исм ҳеҷ гуна тағьир намеёбад (се бародарон — се бародар), вале бо иваз намудани

шумораи миқдорӣ исм аз муайянӣ ба номуайянӣ мегузарад (се бародар — бародарон).

Ҳам бо шумораи миқдорӣ ва ҳам бо суффикси ҷамъбандӣ асосан исмҳое меоянд, ки шахс ва ё узвҳои ӯро далолат мекунанд:

Се бародарон аз бойҳои Бухоро ҳамон сол ҳавлиҳояшонро таъмири хело аъло карданд *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Боз он хонаи равандаи мо
Бо ду **чашмони** шӯълабор омад.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Агар миқдори исм муайян набошад, шумораҳои миқдорӣ дар шакли ҷамъ меоянд, ки бо ин роҳ бисьёрии он таъкид карда мешавад. Дар ин гуна мавридҳо исм бештар дар шакли танҳо меояд, чунки вазифаи номуайянии вайро ҳам шумора ба дараҷае иҷро менамояд:

Ҳазорон хеши ноқобил агар мурад, чӣ ғам дорам,
Аз он тарсам, ки як бегонаи қобил равад аз даст.

(*«Садои Шарқ»*).

...аз **садҳо** ва **ҳазорон хишт** ва **ҳазорон лӯндаҳои лой** ягонтааш хато нахӯрда, ба дасти усто медаромад (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон).

Исмҳои бо шумораҳои миқдорӣ омада нумератив ва ё калимаҳои ифодакунандаи миқдору андоза дошта метавонанд. Агар бо шумораи миқдорӣ нумеративи **нафар** ояд, исмҳо дар ду шакл: танҳо ва ҷамъ омада метавонанд: **ду нафар колхозчӣ, ду нафар колхозчиён.** Агар ибораи исм + шумораи миқдорӣ бо дигар нумеративҳо ва ё калимаҳои ифодакунандаи андозаю миқдор оянд, исм одатан дар шакли танҳо меояд: **дуто китоб, чор дона себ, панҷ сар гӯсола, даҳ ҷилд асар, як сабад шафтолу, бист бех ниҳол, шаш даста пиёз, се банд алаф** ва ғайраҳо.

Суффикси **-ино** асосан ба забони гуфтугӯӣ хос бошад ҳам, ба забони адабии ҳозираи тоҷик дохил шудааст. Вай бо исмҳои хос ва исмҳои ҷинси ифодакунандаи хешутаборӣ омада, исми ҷамъ месозад: **Қобилино, Зафарино, Холамино, тағомино.**

Баъди дарс мо бо Солеҳ ба хонаи **Маҳмудино** рафтем (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Фирӯза медонист, ки дар Когон ва дар Зирабод **Ҳайдарқулино** ким-чӣ тавр як ҷамъияте доранд... (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Қисми ҳарбии **Хурраминоро** моҳи гузашта аз ихтиёри армияи мо гирифта ба армияи ҳамсоя доданд *(«Садои Шарқ»).* Пас ба амакам гуфтам, ки мехоҳам ба хонаи **Солеҳино** рафта хоб кунам ва пагоҳ барвақт хеста бо ӯ ба хӯшачинӣ равам (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Далел-далел қадам монда, ба назди боғи

Матлубино омадам (*Б. Ортиқов,* Гули сурх). Лекин **Фирӯзаино** ҳам ба арвоҳи Муҳаррами Ғарч фотеҳа хонданд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик баъзе аз калимаҳои арабӣ бо суффикси ҷамъбандии арабии **-от** низ ҷамъ баста мешаванд. Онҳо дар забони тоҷикӣ асосан ҳамчун исми ҷомеъ воқеъ мегарданд ва мисли исмҳои ҷомеи тоҷикӣ бо суффиксҳои ҷамъбандии тоҷикӣ аз нав ҷамъ баста мешаванд. Ба ин гурӯҳ: **ҳайвонот, фузулот, изҳорот, истеҳсолот, маълумот, маҳсулот, талабот, талафот** барин исмҳо дохил мешаванд.

Моли хоми дар ин корхона сарф шуданӣ: мис, биринҷӣ, руҳ, қалъагӣ ва қӯрғошим барин **фузулот** (металлҳо) буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар ҳар саҳифаи китоб суратҳои калони **ҳайвонот** ва мурғони ёбой чоп шуда буданд, ки ман ҳаргиз онҳоро надида будам (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ту аз паи тафтиш кардани **хароҷоти таъмирот** нагард (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Бо суффикси **-от** ва вариантҳои он омадани на танҳо калимаҳои арабӣ, балки калимаҳои аслан тоҷикӣ низ ҷой дорад: **супоришот, навиштаҷот, сабзавот, деҳот, меваҷот.**

Баъзе калимаҳои арабӣ бо суффикси **-от,** ки ба таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик дохил шудаанд, на ҳамчун исми ҷамъу ҷомеъ, балки ҳамчун исми танҳо истифода мешаванд. Исмҳои **ташкилот, матбуот, изҳорот** ба ҳамин гурӯҳ дохиланд.

ТАРКИБИ МОРФОЛОГӢ ВА КАЛИМАСОЗИИ ИСМ

Таркиби морфологии исм

Яке аз вазифаҳои асосии морфология омӯхтани таркиби морфологии калима мебошад. Калима ҳамчун унсури маънодори забон ва ифодакунандаи мафҳуми муайян воҳиди муракқаби нутқ ба шумор меравад, дар калима баробари маънои луғавӣ як ва ё якчанд маънои грамматикӣ таҷассум ёфта метавонад. Аз ин рӯ, исмҳои зиёде ҳастанд, ки ба ҳиссаҳои гуногун тақсим мешаванд ва ҳар як ҳиссаи он маъно ва вазифаи муайян дорад. Чунончи, дар калимаи **хоначаҳо** ҷузъи хона — худи предметро ифода менамояд, **-ча** хурдии онро далолат мекунад, **-ҳо** бисьёрии онро мефаҳмонад. **Он ҳиссаи калима, ки дорои маънои луғавӣ ва ё грамматикӣ мебошад, морфема номида мешавад.** Морфема ҳиссаи хурдтарини маънодор ҳисоб меёбад. Вай мисли калимаҳо дорои маъно ва таркиби маълуми овозӣ мебошад.

Ҳангоми муайян намудани морфемаҳо баҳисобгирии маънои онҳо аҳамияти калон дорад. Ба назар нагирифтани маънои морфема сабаби ғалатфаҳмӣ ва шарҳи нодуруст шуда метавонад, чунки морфемаҳои аз ҷиҳати таркиби овозӣ як-

хела ҳам маъноҳои гуногун дошта метавонанд, ки ин ҳодиса онҳоро ба гурӯҳҳои мухталифи морфемаҳо мансуб мегардонад. Ин гуна ҳодисаро **морфемаҳои омофонӣ** меноманд. Чунончи, дар калимаҳои **дорбоз** ва **доранда** ҳиссаи якум **дор** аст, ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ якхелаанд, вале вай дар калимаи якум предметро ифода мекунаду дар калимаи дуюм — амалро. Суффиксҳо низ **омофон** шуда метавонанд.

Морфемаҳо вобаста ба ҳодисаҳои фонетикӣ, луғавӣ ва грамматикӣ тағьир меёбанд. Тағьироти маъноӣ ва овозии морфема боиси тағьироти морфологии калима мешавад.

Исмҳо мувофиқи таркиби морфологиашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: **содда, сохта, мураккаб, омехта.**

1. **Исмҳои содда.** Ба гурӯҳи исмҳои содда калимаҳои решагӣ дохил мешаванд: **об, даст, санг, гул, хор, чӯб, сар, дил** ва ғайра.

Исмҳои рехта, ки ба морфемаҳои маънодор тақсим намешаванд, низ ба гурӯҳи исмҳои содда дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки исмҳои рехта аз исмҳои решагӣ ва сохта фарқ мекунанд. Исмҳои рехта дар асл сохта ва ё мураккаб мебошанд, вале забон дар таърихи инкишофи худ ба ҳодисаҳои гуногун дучор шуда, мувофиқи қоида ва қонунҳояш маъно ва ё таркиби овозии калимаҳо тағьир меёбад ва онҳо соддатар мешаванд. Рехташавӣ ё соддашавии исмҳои сохта ва мураккаб асосан дар ҳолатҳои зерин ба амал меоянд: 1) ҳангоми тағьири маъноии морфемаҳо; 2) дар вақти тағьири таркиби овозии калимаҳое, ки ҳамин гуна морфема доранд. Ин ҳодисаҳо дар як калима, мумкин аст, баробар воқеъ шаванд, вале аксар вақт яке аз онҳо боиси рехташавии калимаҳои сохта ва мураккаб мегардад. Аз ҳамин нуқтаи назар калимаҳои **фарҳанг, гиребон, деҳқон, тобистон, зимистон, шӯрбо, хокистар, гулхан, гӯсфанд, дуредгар, зиндон** ва амсоли инҳо ба гурӯҳи исмҳои рехта дохил мешаванд.

Ба сохта будани баъзеи ин исмҳо суффиксҳои калимасоз гувоҳӣ медиҳанд, зеро онҳоро аз таркиби калимаҳо ҷудо кардан мумкин нест ва онҳо дар таркиби дигар исмҳо мавҷуданд ё калимаи нав месозанд, аммо барҳам хӯрдани маънои луғавии решаи калима имконият намедиҳад, ки калимаҳои мазкур ҳамчун калимаҳои сохта ба ҳисоб гирифта шаванд. Чунончи, дар исмҳои **зимистон** ва **тобистон**, ки фасли солро ифода мекунанд, суффикси **-истон** бутунии худро нигоҳ доштааст, вале дар забони адабии ҳозираи тоҷик решаи онҳо **зим-** ва **тоб-** ҳамчун исм маънои худро гум карда, аз истеъмол баромадааст, илова ба ин суффикси **-истон** ҳоло танҳо исми макон месозад на исми замон.

Дар калимаи **деҳқон** бошад, бо таъсири забони арабӣ тағьироти фонетикӣ ба амал омадааст. Ин калима дар асл **деҳгон** (аз решаи деҳ) буда, ҳоло танҳо шакли муарраби он дар истеъмол аст. Ин ҳодиса дар калимаҳои **бозургон**, ки ас-

лан **бозоргон** ва **хонақоҳ**, ки аслан **хонагоҳ** мебошад, низ мушоҳида мешавад.

Дар калимаи **гиребон** ҳам тағьироти маъноӣ ва ҳам тағьироти фонетикӣ ба амал омадааст. Ин калима дар забони паҳлавӣ дар шакли **гривпан** омада, ҷузъи якум дар «Авесто» ба шакли **грива** (griva) дучор мешавад ва баъдтар шакли **гире**-ро мегирад, ки маънои луғавии он **гардан** аст; ҷузъи дуюми он **-пон** суффикс мебошад, ки баъдтар мувофиқи таҳозои қоидаи фонетикӣ шакли **бон**-ро гирифтааст. Маънои таркибии он **гарданбон** аст ва он ҳиссаи ҷома ва ё яктакест, ки дар атрофи гардан ҷой мегирад.

На танҳо калимаҳои сохта, балки як гурӯҳ калимаҳои дар асл мураккаб ҳам ба гурӯҳи исмҳои рехта дохил мешаванд, чунки онҳо дар айни замон тақсимшаванда мебошанд.

Ин гуна исмҳо дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) Исмҳое, ки маънои луғавии яке аз ҷузъҳои онҳо тамоман барҳам хӯрдааст ва ё шакли худро тағьир додааст. Чунончи, ҷузъи якуми калимаҳои **хокистар, шӯрбо — хок** ва **шӯр** маънои луғавии худро нигоҳ доштаанд, вале ҳиссаи дуюми ин калимаҳо **-истар** ва **-бо** ҳоло ҳеҷ гуна маънои луғавӣ надорад. Ин ҳиссаҳоро суффикс ҳам номидан мумкин нест, чунки онҳо дар ягон давраи инкишофи забони адабии тоҷик ҳамчун суффикси калимасози исм истифода нашудаанд, ҳиссаи дуюми калимаи **шӯрбо — бо** маънои **ошро** доштааст. Ба ин маънӣ вай дар гузашта дар таркиби дигар калимаҳо низ омадааст: **Кадубо** (оши каду), **биринҷбо** (оши биринҷ), **сапедбо** (оши ҷурғот), **ширбо** (оши ба шир, ширбиринҷ).

2) Исмҳое, ки маънои ҳар ду ҷузъҳояшон барҳам хӯрда, маънои таркибии онҳо боқӣ мондааст: **гӯсфанд, хуршед** ва амсоли инҳо.

Калимаи **гӯсфанд** аз ду ҷузъ: **гав** ва **сфанд** (спанд) иборат мебошад. Ҷузъи якум **гав** (гӯ) маънои ҳайвони судмандро дорад, **спанд** бошад, ба маънии **пок, муқаддас** истифода шудааст. Маънои таркибии калимаи гӯсфанд **ҷонвари пок, ҷонвари муқаддас** мебошад. Калимаи **хуршед** ҳам аз ду ҷузъ: **хур**: (офтоб) ва **шед** (дурахшон) иборат мебошад ва маънии таркибии онҳо **офтоби дурахшон** аст. Дар забони адабии тоҷик **хуршед** ба маънии офтоб меояд ва ин аст, ки ҳоло дар забони мо мисли **хуршеди тобон, хуршеди дурахшон** таъбирҳои тавсифӣ ҳастанд.

Дар асл сохта ва ё мураккаб будани калимаҳои рехта ҳангоми таҳлили этимологӣ муайян мешавад. Мақсади таҳлили этимологӣ муайян намудани таркиби таърихан ташаккульёфтаи калима мебошад. Таҳлили этимологии калима барои барқарор намудани морфемаҳои каммаҳсул низ ёрӣ мерасонад.

Таҳлили морфологии калима аз таҳлили этимологӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳангоми таҳлили морфологӣ таркиби калима мувофиқи забони адабии ҳозира таҳлил шуда, морфемаҳо муайян карда мешаванд. Аз ин нуқтаи назар таркиби як калима мувофиқи таҳлили морфологӣ ва этимологӣ ба морфемаҳои гуногун ҷудо мешавад. Чунончи, калимаи **дашном** мувофиқи таҳлили морфологӣ исми содда аст, аммо аз рӯи таҳлили этимологӣ вай калимаи мураккаб ба шумор меравад, ҳиссаи якуми он **даш**//**душ** бад буда, ҳиссаи дуюми он **-ном** мебошад, маънии таркибии онҳо **номи бад, бадном** аст ва ин мувофиқи қолиби исмсозии забони тоҷикӣ воқеъ шудааст, ки номи бад, шӯҳрати бад, номи зишт гуфтан аст. Калимаи **душман** ҳам аз ду ҳисса иборат мебошад: **душ+ман.** Калимаи **душвор** ҳам аз ҳамон решаи **душ** сохта шудааст. Муайян намудани маънии ҳар як ҷузъи калимаи рехта яке аз шартҳои асосии таъин намудани сохти он мебошад. Дар забон ҳар як калима маънои зиёде дошта метавонад. Барои муайян намудани он ки дар таркиби калимаи таърихан ташаккульёфта ин ё он ҷузъи он ба кадоме аз маъниҳояш омадааст, ҷузъи дигари он калима низ ёрӣ мерасонад. Исмҳое ҳам ҳастанд, ки яке аз маъноҳои онҳо дар забони адабии ҳозира барҳам хӯрда бошад ҳам, бо ҳамон маънояш дар таркиби баъзе калимаҳои рехта вомехӯрад. Чунончи, калимаи **гоҳ** ба маънои замону макон дар забони адабии ҳозираи тоҷик серистеъмол аст.

Ба маънии тахт **гоҳ** дар забони адабии ҳозираи тоҷик вонамехӯрад, балки танҳо дар таркиби калима омада метавонад. Чунончи, исми гаҳвора аз **гаҳ** (ба маънии тахт) ва суффикси **-вора** сохта шудааст. **Гоҳ** инчунин дар таркиби калимаҳои **даргоҳ, боргоҳ, хиргоҳ** вомехӯрад. Ба воситаи **гоҳ** маконро ифода кардани ин калимаҳо ҷои баҳс надорад, вале ҷузъҳои аввали онҳо бо ҳамин маъниашон то ба ҳозир маҳз ба туфайли **-гоҳ** омада расидаанд.

Яке аз роҳҳои бойшавии таркиби луғавии забон аз забонҳои дигар қабул намудани калимаҳои ҷудогона мебошад. Ин ҳодиса дар забони адабии тоҷик низ мушоҳида мешавад. Дар забони адабии тоҷик калимаҳои зиёде ҳастанд, ки аз забонҳои гуногун бо роҳу воситаҳои мухталиф ба таркиби луғавӣ дохил шудаанд. Миқдори муайяни онҳоро калимаҳои арабӣ, туркӣ, русӣ ва советӣ-интернационалӣ ташкил медиҳанд. Ба забони тоҷикӣ аз забонҳои дигар аз ҳама пештар ва бештар исмҳо дохил шудаанд. Исмҳое, ки аз забонҳои дигар ба забони адабии тоҷик роҳ ёфтаанд, аз ҷиҳати таркиби морфологӣ як хел набуда, содда, сохта ва мураккаб мебошанд. Аммо соддаву сохта ва мураккабии онҳо мувофиқи сохти морфологии худи ҳамон забон муқаррар карда мешавад, ки аз он гирифта шудааст. Чунончи, калимаи «большевик», ки аз забони русӣ айнан гирифта шудааст, аз ре-

шаи **больше** ва суффикси **-вик** иборат мебошад, аммо ин таҳлил мувофиқи забони русист, дар забони тоҷикӣ чунин суффикс мушоҳида намешавад. Аз ин рӯ, калимаи «большевик» аслан сохта бошад ҳам, дар забони тоҷикӣ ҳамчун калимаи рехта ба ҳисоб гирифта мешавад. Аз ин нуқтаи назар, **исмҳое, ки аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд,** қатъи назар аз он ки дар забони иқтибосшуда чӣ гуна шаклу таркиб доштаанд, **калимаҳои содда ба шумор мераванд,** чунки онҳо ба забони тоҷикӣ бо ҳамон маънои таркибиашон дохил шудаанд ва ба морфемаҳо тақсим намешаванд. Чунинанд исмҳои **чойник, коммунист, программа, телеграф, демократия, республика, муаллим, мударрис** ва ғайра. Ин калимаҳо мисли дигар исмҳо аффикс қабул карда, дар шакли сохта ва ё бо калимаҳои дигар як шуда дар шакли мураккаб омада метавонанд, ҳамчун **телеграфчӣ, республикачӣ, муаллимӣ, чойниксоз** ва ғайра.

2. **Исмҳои сохта.** Таркиби морфологии исмҳои сохта гуногун мебошад. Онҳо аз морфемаҳои зерин иборат шуда метавонанд: а) реша ва суффикс: **кор + гар, дӯс + гӣ, гул + зор;**

б) реша ва префикс: **ҳам + соя, ҳам + роҳ;**

в) префикс, реша ва суффикс: **ҳам + соя + гӣ, ҳам + роҳ + ӣ, но + дон + ӣ, бе + раҳм + ӣ.** Префикс ва суффиксҳо зиёдтар ҳам омада метавонанд: **бе + ҳам + роҳ + ӣ.**

3. **Исмҳои мураккаб.** Исмҳои мураккаб гуногунсохтанд, онҳо метавонанд аз ду реша иборат бошанд: **китобхона, сарбоз;** дар шакли сохта омадани яке аз ҳиссаҳои калимаи мураккаб низ мумкин аст: **донишҷӯ, лойхӯрак, мушгирак;** ҳар ду ҳиссаи калимаи мураккаб сохта шуда ҳам метавонад: **сабзикорӣ.** Таркиби исмҳои мураккаб на танҳо дуто, балки аз он ҳам зиёдтар реша дошта метавонад: **пахтачиндухтар, сартарошхона.**

4. **Исмҳои омехта.** Исмҳои омехта аз ибора ва таркибҳои гуногун ба воситаи суффиксҳои калимасоз сохта мешаванд. Чунончи, исмҳои **шабнишинӣ, хонадорӣ, тозакунӣ, мондашавӣ** аз ибораҳои **шаб нишастан, хона даромадан** ва таркибҳои **тоза кардан, монда шудан** ба воситаи суффикси **-ӣ** сохта шудаанд. Дар ин ҷо маҳз ба туфайли суффикси **-ӣ** калимаҳо ба ҳам васл ва исми нав сохта шудааст. Дар сохтани исмҳои омехта ҳамаи суффиксҳо иштирок намекунанд. Ба ин вазифа бештар суффиксҳои **-ӣ, -а, -ак** истифода мешаванд. Ба воситаи онҳо асосан аз ибораҳои феълӣ ва феълҳои таркибӣ исм сохта мешавад: **алафдаравӣ, кӯҳбарӣ, ақибнишинӣ, хонадорӣ, пойтоба, хасрӯба, шабпарак, байтбарак, яхмолак.** Ба воситаи суффикси **-ӣ** аз ибораҳои пешояндор ва феълҳои таркибии пешояндор ҳам исм сохтаанд: **азхудравӣ, азнавсозӣ, азназаргузаронӣ, баҳисобгирӣ. бахотирорӣ, баёдорӣ** ва г.

Калимасозӣ воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забон мебошад. Бо ин роҳ таркиби лугавӣ бо калимаҳои нав пурра мешавад. Бисьёр калимаҳои наве, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, хоҷагӣ, илму маданият ва ғайраҳо пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд омадаанд ва бо сохти грамматикӣ ва қонунҳои дохилии забон пурра мувофиқат мекунанд. Бо роҳи калимасозӣ бойшавии таркиби луғавӣ бар хилофи бевосита гирифтани калимаҳо аз дигар забонҳо ҳамеша инкишоф меёбад, чунки вай аҳволи забонро пурра инъикос мекунад.

Тарзҳои калимасозӣ ҳам тадриҷан инкишоф ва такмил меёбанд. Ҳар як навъи калимасозӣ дар марҳилаи худ барои бою пурра шудани таркиби луғавӣ роли калон мебозад. Инкишофу такомули калимасозӣ мувофиқи талаботу қонунияти дохилии забон ба амал меояд. Забон барои пурра ва бо нозукиҳояш ифода намудани фикр ва барои ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи мубодилаи афкор аз ҳамаи воситаҳо истифода мекунад. Чунин талаботи забон барои инкишофи калимасозӣ восита ва омили муҳим мебошад.

Процесси калимасозӣ ва воситаҳои он бо грамматика алоқаи мустаҳкам дорад. Хусусияти калимасозии забон ба хусусияти сохти грамматикии он зич вобаста аст.

Исм ҳамчун ҷиссаи мустақили нутқ тарзҳои гуногуни калимасозӣ дорад.

1. Калимасозии морфологӣ

Калимасозии морфологӣ типи сермаҳсултарин буда, дар навбати худ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешавад:

а) Бо суффиксҳо сохта шудани исм. Ин типи сермаҳсултарини калимасозии морфологӣ ба шумор меравад. Чунончи, **коргар, чашмасор, гулзор, даравгар, даравгарӣ, муаллимӣ, нағзӣ** ва ғайра.

б) Бо префикс сохта шудани исм. Бо префикс сохта шудани исм типи каммаҳсултарини калимасозии исм ба шумор меравад. Дар забони тоҷикӣ асосан як префикси калимасози **ҳам** мушоҳида мешавад: **ҳамроҳ, ҳамкор, ҳамдам.**

Усули дар як вақт ҳам бо суффиксу ҳам бо префикс сохтани исм ба забони адабии тоҷик хос нест.

Исмҳое, ки дар онҳо ҳам префикс ва ҳам суффикс дида мешавад **(бадардӣ, бекорӣ)**, далели он нест, ки ин исмҳо бо ду воситаи грамматикӣ сохта шуда бошанд. Дар ин гуна исмҳо ҳодисаи зерин мушоҳида мешавад: префиксҳо аз исм сифат сохтаанд, суффикс бошад, аз асоси сохтаи сифат исм сохтааст ва ҳар кадом вазифаи маъмулии худро иҷро намудаанд.

2. Калимасозии синтаксисӣ-морфологӣ

Калимаҳои мураккаб бо усули калимасозии синтаксисӣ-морфологӣ сохта мешаванд. Ин усул дар забони тоҷикӣ басо сермаҳсул мебошад.

3. Калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ

Субстантивация шудани дигар ҳиссаҳои нутқ ба калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ дохил мешавад. Ин тарзи калимасозӣ ҳодисаи ба вазифаи исм истифода шудани дигар ҳиссаҳои нутқро дар бар мегирад. Чунончи, аз асоси замони ҳозираи феъли **дон** ба воситаи префикси **но-** сифати **нодон** сохта шудааст, вале вай дар мавқеъҳои муайяни синтаксисӣ ба вазифаи исм меояд: **Ҷони нодон** дар азоб (фольклор). Ҳамин гуна ҳолатро дар дигар ҳиссаҳои нутқ низ дидан мумкин аст, ки ба исм гузашта, ба категорияҳои хоси ин ҳиссаи нутқ молик мешаванд.

4. Калимасозии лексикӣ-синтаксисӣ

Дар забони адабии тоҷик ҳамчун калима бе ҳеҷ гуна тағьирот истифода шудани таркибу ибораҳо мушоҳида мешавад. Азбаски таркибу ибораҳо ҳамчун воҳиди лугавии забон истифода мешаванд, ба ҳиссаи мустақили нутқ мансубият пайдо мекунанд ва ба он мегузаранд. Чунончи, **мардикор, Шаҳринав, рӯидарича, рӯиҷо** ва ғайраҳо, ки ибораҳои изофӣ мебошанд, ба исм гузаштаанд. Дар боби исм ин тарзи калимасозӣ бемаҳсул аст.

5. Калимасозии лексикӣ-семантикӣ

Ин тарзи калимасозӣ дар забони адабии тоҷик сермаҳсул аст, дар он ҳодисаи ба маъноҳои гуногун истифода шудани ҳамон як калима мушоҳида мешавад. Ин ҳодиса ба сермаъноии калимаҳо ва дар асоси он пайдо шудани омонимҳо вобаста аст. Чунончи, калимаи **бар** танҳо дар доираи исм ба якчанд маъно истифода мешавад: баҳру **бар** (хушкӣ), **бар** (ҳосил), қаду **бари** ҷома. Бояд илова кард, ки **бар** ҳамчун феъли фармоиш, пешоянд ва префикс ҳам истифода мешавад.

6. Калимасозии ихтисораҳо (аббревиация). Суффиксҳои исмсоз

Дар забони адабии тоҷик барои сохтани исм суффиксҳо ба таври фаровон истифода мешаванд.

Суффиксҳои исмсоз вобаста ба дараҷа, мавқеи истеъмолашон сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул мешаванд. Ба системаи морфологӣ танҳо суффиксҳои сермаҳсул тааллуқ доранд. Сермаҳсулии суффиксҳо махсусан дар калимасозии воҳидҳои нави забон равшан зоҳир мегардад. Суффиксҳои сермаҳсул на танҳо аз калимаҳои тоҷикӣ, балки аз калимаҳои советӣ-интернационалӣ ҳам исмҳои нав месозанд. Суффиксҳои бемаҳсул дар калимаҳое мушоҳида мешаванд, ки дар давраҳои гузашта бештар истеъмол мешуданд. Ба воситаи ин гуна суффиксҳо аз неологизмҳо исм сохта намешавад.

Вазифаи асосӣ ва муҳимми ҳар як суффикс аз он иборат аст, ки вай ба калимаи сохтааш чӣ гуна маъно мебахшад. Суффиксҳо аз ҳамин нуқтаи назар тасниф карда мешаванд, аммо бояд қайд кард, ки бисьёр суффиксҳои исмсози забони адабии тоҷик муштаракванзифа мебошанд. Ҳангоми таъин намудани вазифаи вай сермаъной, гуногунвазифагӣ ва хусусияти абстрактии вай ба ҳисоб гирифта мешавад.

Характеристикаи морфологии суффиксҳо чунин масъалаҳоро ба миён мегузорад:

1. Суффикс аз кадом ҳиссаҳои нутқ ва аз чӣ хел асосҳо исм сохта метавонад. Вакте ки суффиксҳо аз ин ҷиҳат аз назар гузаронида мешаванд, аз якдигар тафовут доштани онҳо боз ҳам равшантар мегардад. Баъзе суффиксҳо танҳо аз исм исми нав месозанд, дигаре — аз сифат ва сеюмӣ — аз шумора ё феъл.

Суффиксҳое ҳастанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозанд, вале ин ба маънои исми сохта таъсир нарасонида наметавонад. Агар суффикс аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ танҳо як хел исм (чунончи, исми шахс) созад ҳам, онҳо бо тобишҳои маъноиашон бояд аз ҳам тафовут дошта бошанд. Чунончи, суффикси **-чӣ** аз исми **трактор** исми шахс — **трактрочӣ** месозад, ки ин касбу шуғли ӯро далолат мекунад. Ҳамин суффикс аз сифати **аъло** низ исми шахс — **аълочӣ** месозад, ки дар ин ҷо на касбу кор, балки ба сифате молик будани шахсро мефаҳмонад.

Ба маънои исми сохта на танҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта шудани он, балки аз калимаҳои гуногунмаънои як ҳиссаи нутқ сохта шудани исм ҳам таъсир расонда метавонад. Чунончи, бо суффикси **-зор** исм сохта шудааст: **гулзор** ва **корзор**, ки аз ҳам тафовути калон доранд, яке макону фаровонии асосашро, дигаре ҳарбу зарбро мефаҳмонад.

2. Аз суффиксҳои содда чӣ гуна суффиксҳои мураккаб

ба амал меоянд. Чунончи, аз суффиксҳои **-гар** ва **-ӣ** суффикси мураккаби **-гарӣ** ба амал омадааст.

Суффикси **-гонӣ** дар калимаи **зиндагонӣ** аз суффикси ҷамъбандии **-гон** ва суффикси калимасози **-ӣ** ташаккул ёфтааст.

3. Дар кадом ҳолатҳо бадалшавии овозҳои асосу суффикс ва ё ихтисоршавии яке аз овозҳои асос ва ё суффикс ба амал меояд. Масъалаи бадалшавии овозҳои асосу суффикс ба қонуни фонетикӣ ва ҷарангнокию бечарангии овози паҳлу вобаста мебошад (Ниг. ба боби «Бадалшавии овозҳо»).

Суффиксҳое, ки бо исмҳо меоянд, мувофиқи маъно ва вазифаашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: 1) суффиксҳои калимасоз; 2) суффиксҳои шаклсоз. Тафовути ин ду гурӯҳи суффиксҳо аз он иборат аст, ки суффиксҳои калимасоз аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозанд. Исми сохта аз ҷиҳати ифодаи маъно аз асоси худ ба куллӣ фарқ мекунад. Чунончи, исми **оҳангар** шахс ва машғулияти онро мефаҳмонад, аммо исми **оҳан** предметро далолат мекунад. Суффиксҳои шаклсоз калимаи нав намесозанд, онҳо танҳо бо як ҳиссаи нутқ меоянд, исмҳои бо ин суффиксҳо омада маънои луғавии худро тағьир намедиҳанд, балки ба калимаҳо танҳо тобишҳои маънои бахшида метавонанд. Чунончи, **духтар, духтарча, духтарак.**

Суффиксҳои исмсози забони тоҷикӣ хеле бисьёр ва гуногунвазифа мебошанд. Ҳар як суффикс мавқеи махсуси истеъмолӣ дорад.

Таснифоти суффиксҳо аз рӯи он гузаронида мешавад, ки онҳо ба исми сохтаашон чӣ гуна маъно медиҳанд. Чунончи, онҳо исмҳои зерин месозанд:

1) исмҳои ифодакунандаи шахс;
2) исмҳои ифодакунандаи предметҳо;
3) исмҳои макон;
4) исмҳои абстракт.

1. Суффиксҳое, ки исми шахс месозанд

Суффикси -чӣ

Суффикси **-чӣ** аз исмҳо исм месозад, ки онҳо:

а) шахсро аз рӯи касбу ҳунар ифода менамоянд: **карнайчӣ, рубобчӣ, трактрчӣ, мусиқачӣ, шикорчӣ, изчӣ, амадчӣ** ва ғ.;

б) шахсро аз рӯи ихтисос мефаҳмонанд: **иқтисодчӣ, назариётчӣ, адабиётчӣ;**

в) шахсро вобаста ба тарзи кор ва қобилияташ мефаҳмонанд: **стахановчӣ, ташкилотчӣ** ва ғ.;

г) шахсро аз рӯи хислату кирдор ва муносибату амалиёташ мефаҳмонанд: **тӯҳматчӣ, воҳимачӣ** ва ғ.;

д) ба таълимоте ва равияе пайрав будани шахсро нишон

медиҳанд: **ленинчӣ, мичуринчӣ, инқилобчӣ, халқчӣ, республикачӣ, шариатчӣ.**

Он саллакалони **шариатчӣ** кӣ буд? (*С. Айнӣ,* Ғуломон);

Дар калимаи **аълочӣ**, ки ба ҳамин гурӯҳ мансуб аст, суффикси **-чӣ** аз сифат исм сохтааст;

е) шахсро вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ номбар мекунанд: ...хонаҳои **хизматчиён** ва баъзе коргарони завод аз мо дуртар, дар поёни токзор воқеъ шуда буд (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дар Қалъаихумб дар як шаб се духтар, ду муаллим ва шаш **хизматчии** ташкилотҳоро бе ҳеҷ гуноҳ кушта, ба дарьёи Панҷ партофтӣ (*А. Деҳотӣ,* Куллиёт);

ж) шахсро аз рӯи мансубияташ ба ҷамъияте, гурӯҳе ва ё ташкилоту равияе мефаҳмонанд: **динамочӣ, искрачӣ.**

— **Отрядчиёни** пештараро, партизанҳоро (*С. Улуғзода,* Калтакдорони сурх);

з) шахсро аз рӯи машғулият ва ҳолат ифода мекунанд: **маърӯзачӣ, ҳашарчӣ, ёрдамчӣ, миёначӣ, саёҳатчӣ** ва ғайра.

Ҳуҷумчиён пас гашта, аз тарафи дигари водокачка паҳн карданд (*С. Айнӣ,* Ғуломон) ...барои пешвоз гирифтани **кӯмакчиён** пеш давид (*С. Айнӣ,* Ғуломон).— Ба куҷо? — пурсидам аз санитари навбатчӣ («Садои Шарқ»). Аксари **бозорчиён** шоҳиворро аз вай мехаранд... (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон).

Суффикси -гар

Суффикси **-гар** аз исм исми дигар месозад, ки он:

а) шахсро аз рӯи касбу ҳунар ифода менамояд: **ҳалвогар, шишагар, шамшергар, чармгар, сӯзангар, оҳангар, наългар, мисгар, кулолгар, оинагар** ва ғайра:

Ангишташ ангишти қандум буд, ки **ангиштгарон** аз чӯби дарахтони мевадор тайёр карда медоданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Баъд ба **оҳангар** шогирд шудам... (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). ...сангҳое, ки ӯ мефурӯхт, ҳамагӣ арзонбаҳо ва оддӣ буданд, ки **заргарҳо** ё **мисгарҳо** харида ба нигинакориҳои зарфҳо кор мефармуданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). ...офицерони сафеди рус ва **кимьёгароии** сафеди аврупоӣ ҳастанд... (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Ангури сари ток нашуд дафъи хуморӣ,
Мазмуни арақрезии ин **кӯзагарон** буд.

(*П. Сулаймонӣ,* Маҷ. шеърҳо)

Ин гуна исмҳо аз сифати феълӣ низ бо суффикси **-гар** сохта мешаванд: **рехтагар, шустагар;**

б) шахсро аз рӯи мавқеи иҷтимоӣ ва мансубият ба ин ё он муассиса мефаҳмонад: **савдогар, коргар, барзгар, тавонгар;**

в) шахсро аз рӯи хислату кирдораш нишон медиҳад: **ғоратгар, яғмогар, ошӯбгар, размгар, имдодгар** ва ғайра;

г) шахсро вобаста ба амалиёт, машғулият ва ҳаракаташ нишон медиҳад: **тарбиятгар, созишгар, маслиҳатгар, даъвогар, варзишгар.**

... мо монанди як **ислоҳгар** ба миёна даромада, он одамро дида ӯро розӣ мекунем... (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Ман аз паҳлавонони ҷанговарам,
Бувад рӯҳи Рустам **ҳимоятгарам.**

(*А. Деҳотӣ*, Куллиёт)

Ҳамдаме ку, ки дарди дил гӯям,
Ку ягон **маслиҳатгари** хубе?

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Суффикси -гор

Суффикси **-гор** каммаҳсул буда, ба воситаи он аз исму асосҳои феъл исмҳои ифодакунандаи шахс сохта мешавад:

а) Бо суффикси **-гор** аз исм исми нав сохта мешавад, ки вай шахсро аз рӯи амалиёту машғулияташ далолат мекунад: **хизматгор, мададгор:**

Ман дар аввалҳои соли таҳсили 1891—1892 (дар охирҳои моҳи сентябрь) ана ба ҳамин ҳавлӣ **хизматгор** шуда даромадам (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Одамҳои нағзро қаҳт назадааст, ба ман ягонта **мададгор** ёфт шуда мемондагист (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

б) Аз асоси замони ҳозираи феъл бо суффикси **-гор** исме сохта мешавад, ки шахсро аз рӯи ихтисосу машғулият ифода менамояд:

Шеъре ба номи некат, **омӯзгор**, дорам,
Дар анҷуман ба дастат чун тӯҳфае супорам.

(*Б. Раҳимзода*, Муаллим)

— Не,— гуфт боз махдум,— шумо талаб кардаед, **талабгор** аввал сар мекунад (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Аммо модом ки ҷаноби Қорӣ харидор шуда омадаанд, дар байни харидор ва **фурӯшгор** вазифаи арбобиро ба ҷо оварда, кори маро сабук кардаед (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

в) Ин гуна исмҳо аз асоси замони гузаштаи феъл низ сохта мешаванд:

Азизхон мактабашро тамом кард, ба ту **хостгор** мефиристонам (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

г) Ба воситаи суффикси **-гор** аз исм исме сохта мешавад,

ки он ҳолат ва ба таъсири амале мондани шахсро мефаҳмонад:

Ман худро сафед намекунам, баръакс, чунон ки мебинед, гунаҳгор медонам *(«Садои Шарқ»)*.

д) Бо суффикси **-гор** аз исм исми нав сохта мешавад, ки вай шахсро аз рӯи хислату кирдораш баён мекунад: **ситамгор.**

Суффикси -бон

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ду хусусияти «бон» мушоҳида мешавад: дар баъзе калимаҳо вай маънои луғавии худро барҳам дода, ба категорияи морфемаҳои калимасоз гузаштааст. Чунончи, ба категорияи калимасоз гузаштани **-бон** дар калимаҳои **мизбон, нигаҳбон, бодбон** ва **соябон** равшан зоҳир мегардад. Дар баъзе калимаҳои дигар **-бон** маънои луғавии худро то андозае суст карда, дар процесси гузариш ба морфема мебошад. Хусусияти гузариши вайро ба инобат гирифта, дар қатори суффиксҳо ҷой додани вай муносиб дониста шуд.

а) Суффикси **-бон** аз исмҳо исми нав месозад: шахсро аз рӯи касбу кор ва машғулияташ ифода мекунад, ки он аз асоси калима муайян мегардад: **боғбон, галабон, осиёбон, посбон, саройбон, дарбон** ва ғайра.

б) Исмҳо бо суффикси **-бон** чигунагии шахс ва муносибати ӯро ба каси дигар мефаҳмонанд:

Ман мехоҳам акнун дар бораи кӣ будан ва чӣ будани **пуштибони** амир, ки ба воситаи ӯ ва баъзан бевосита **пуштибони** ҳамаи аркони давлати амир аст, ду-се калима гап занам (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

в) Бо суффикси **-бон** аз асоси замони гузаштаи феъл исм сохта мешавад, ки шахсро аз рӯи амал ифода мекунад:

Рав, Маҳкам дар ҷои Сафар дидбон шудааст (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх).

г) Суффикси **-бон** бо исмҳо омада номи чиз низ месозад: **соябон, бодбон.**

Суффикси -ор

Ин суффикс каммаҳсул аст. Вай аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл исм месозад, ки шахсро аз рӯи касбу кор мефаҳмонад: **харидор, парастор** ва ғайра.

Дар ҳақиқат ясли ва оила як хонаи социалистӣ буд, ки мураббиятон ва парастороне дар он ҷо роли модариро боай мекарданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Дар ин миён ба вазифаи мардикор ба сифати харидор Маҳдуми ҳазорагӣ пайдо шуд... (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Исмҳои маънии **гуфтор, сӯхтор, куштор** низ аз асоси замони гузаштаи феъл бо суффикси **-ор** сохта шудаанд.

Суффикси -во (-вой)

Ин суффикс бемаҳсул аст. Ба воситаи ин суффикс аз исм исми наве сохта мешавад, ки шахсро мувофиқи касбу ҳунараш номбар мекунад:

... ба ягон самоворчӣ, **нонвой** ё ошпаз об кашонда медодам... (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Суффикси -андар

Суффикси **-андар** бо исмҳои ифодакунандаи шахс омада, исми нав месозад, ки он бо шахси дар асоси калима номбаршуда дар кадом муносибат буданро мефаҳмонад: **модарандар, падарандар.**

Суффикси -ур

Ин суффикси бемаҳсул бо исм омада, шахсро аз рӯи ҳолату вазъият мефаҳмонад: **муздур, ранҷур.**

Суффикси -вар

Ин суффикс бо исмҳо омада, касбу вазъият ва ба чизе молик будани шахсро мефаҳмонад: **сарвар, шиновар.**

2. Бо суффиксҳо сохтани исмҳое, ки предметро мефаҳмонанд

Суффикси -а

Суффикси **-а** дар ин вазифа сермаҳсул мебошад. Вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исми ифодакунандаи предмет месозад.

1. Аз исмҳо: а) исми нав месозад, ки он ба предмети дар асос номбаршуда зоҳиран ва ё мазмунан монанд буданро ифода мекунад: **гӯша, дандона, дара, даҳана, димоға, забона, шоха, ҳавза** ва ғайра.

...**даҳанаи** ҷӯйчаи боғчаро кушод, каланди худро дар об шуст, ба қатори ёрон нишаст (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Юртҳо дар

ҳар ҷо-ҳар ҷои дара гузошта шуда буданд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

б) исми абстракт месозад:

Хотираҳои рӯзҳои хушбахтона ҳамроҳи зану фарзанди худ аз сар гузаронидаашро ҳар қадар аз худ дур карданӣ шавад ҳам, ин **хотираҳо** ӯро доимо таъқиб мекарданд (*«Садои Шарқ»*).

2. Аз сифатҳо исм месозад, ки предметҳоро аз рӯи аломаташон ифода менамоянд: **сабза, сафеда, талха, тунука, шӯра, вайрона.**

Мегузарад аз паси **вайронаҳо**,
Мадрасаю обидаю хонаҳо.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Дар калимаи **ҷавона** суффикси **-а** аз сифати ҷавон исме сохтааст, ки синну солро далолат мекунад.

3. Аз шумораҳо исм месозад, ки онҳо воҳиди вақт ва узви инсонро ифода менамоянд: **ҳафта, даҳа, чилла, панҷа.**

4. Аз асоси замони ҳозираи феъл исм месозад, ки:

а) предмети воситаи амалро далолат мекунад: **мола, кӯба, овоза, кашша.**

Нурии дар **кашшаҳо** ҷой кардаатро гардон, харҳоро ба зери собот рон... (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Аз асоси замони ҳозира бо суффикси **-а** предмете сохта мешавад, ки дорои амалу аломат мебошад:

Дар гирди қабр сабза ва **шукуфаҳо** мешинонанд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Аз донаҳои биринҷи ош то **резаҳои** себу шоҳболути ҳазмнашуда ба риши анбӯҳ ва мӯйҳои кулоҳи сиёҳаш андармон шуда буд (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

б) исми амал сохтааст: **бӯса, нола, ханда.**

Вақташ биёяд, худаш омада **бӯса** мекунад (*«Садои Шарқ»*).

5. Аз калимаҳои тақлиди овозӣ исм месозад, ки онҳо хусусияти тасвирӣ доранд ва ҳолатро ифода мекунанд: **ғарғара, шаршара, ғулғула, шақшақа, дағдаға, қаҳқаҳа:**

Ғарғара аз таг, аз кадом як ҷои чуқурӣ сатили калонеро, ки аз санг пур карда мебаромад, боло мекашид (*П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо). Хам шуда нигоҳ кунам, ки сатилро аз шаршара як-ду вақаб инсӯтар дошта истодаам (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Даҳшати **ғулғула**, чунонки хоб дида истода бошам, давом мекард... (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Дар забони адабии тоҷик як гурӯҳ суффиксҳо омоморфема мебошанд. Чунончи, суффиксҳои **-ак** ва **-ча** ҳам калимасозанду ҳам шаклсоз, суффикси **-ӣ** бошад, ҳам исми маънӣ ва ҳам исми конкрет месозад. Аз ин рӯ, мо ҳамаи вазифаҳои онҳоро дар як ҷо қайд накарда, дар мавқеъҳои зарурӣ вобаста ба вазифаҳои ҷудогонаашон нишон медиҳем.

Суффикси -ак

Суффикси **-ак** сермаҳсул аст, ба воситаи вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм сохта мешавад.

1. Бо исм омада исми нав месозад, ки:

а) предметро ба таври умумӣ ифода мекунад: **мардумак.**

То чанд ҳаме **мардумаки** дидаи ғайрӣ?
Эй марҳами биниш, назари беназарон бош!

(*П. Сулаймонӣ*, Маҷ. шеърҳо)

б) предметро ба предмети асоси калима монанд мекунад: **айнак, гавҳарак, забонак, дастак, гӯшак, сӯзанак:**

Менамоям ҳикояти **айнак,**
Қимати бениҳояти **айнак.**

(*М. Турсунзода.* Ас. муит.)

... **мошинаҳоро** монанди **гавҳараки** чашм нигоҳбонӣ намудан ва **аз** онҳо ба қадри даркорӣ фоида бурда тавонистан лозим аст (*С. Айнӣ*, Ғуломон);

в) **аз** кадом предмет сохта шудани исмро нишон медиҳад: Заминҳои ду канори роҳ, ки дар онҳо ҳар ҷо-ҳар ҷо барфи обнашуда хобида буд, **пӯстаки** алоро ба хотир меовардand (*С. Улуғзода*, Навобод);

г) суффикси **-ак** аз исми абстракт номи беморӣ сохтааст: **хоришак.**

2) Аз сифатҳо исм месозад, ки предметҳоро аз рӯи аломаташон ифода менамояд:

Мӯйҳошонро бо қайчӣ пероста, зулф, кокул, печа ва **каҷак** бароваронид, зулф ва **каҷакҳоро** чандин бор вайрон кунонда аз сари нав созонда, оқибат ба як тарзи хушнамо бароваронид (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Дар ин вақт вай аз полези худ охирин **тарракҳои** нопухта мондаро чида мегирифт (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Ба болои бинӣ ва рӯю пешонаи ин духтарча ду-се **нағзак** бошад ҳам, ин ба ҳусн ва зебоии ӯ ҳеҷ зарар намерасонид (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

3. Аз исму сифат номи ҳашароту ҷонварон месозад: **кирмак, харак, хомӯшак:**

Дар гирдаш пашшаю **хомӯшакҳо** парвона шуда буданд (*«Садои Шарқ»*). Манзура занҳои маҳалларо ғун карда **кирмак** доронданӣ шудааст (*С. Улуғзода*, Гавҳари шабчароғ).

4. Аз асоси замони ҳозираи феъл исми амал месозад: **бандак, чинак:**

Абдусаттор ба **ғалтак** нигариста, зуд фаҳмид, ки чи ҳодиса рӯй додааст ва заврақро пас гардонд (*П. Толис*, Повесть

ва ҳикояҳо). Ман туро дар **чинак** дар муддати ҳамин ду моҳ ё чор бор дидам ё панҷ бор (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

5. Аз калимаҳои тақлидӣ исмҳои гуногун месозад: **қарсак, ҳуштак, чирчирак:**

Зинда бош, шод бош! Зинда бод Ҳасан Эргашев! — бо садои **қарсаки** ғулғуладор аз ҳар тараф баланд шуд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Бо баромадани садои **ҳуштак** аз тарафи деҳа ду нафар ва аз тарафи Тағчан ду нафар, ҳамагӣ чор нафар туркман расида омаданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Аз набототи дашту домани кӯҳ
Нолаи **чирчирак** ба по хезад.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Суффикси -ча

Дар калимасозии суффикси **-ча** ду ҳолат мушоҳида мешавад.

1) Дар аввал ҳамчун морфемаи шаклсоз ба калима васл шуда бошад ҳам, рафта-рафта маънои хурдии калима барҳам хӯрда ва ё суст шуда, калима маънои нав гирифта, аз асоси худ дур шудааст: **олуча, мӯрча, ҳиссача, тоқча, остинча, думча** ва ғайра.

Дар тоқу **тоқчаҳои** пешгоҳи хона ҳар чӣ, ки дар вақти будани ин соҳибони хона буд, ҳамон тавр меистод (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

2) Ин суффикс аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад.

а) Аз исм исми нав месозад, ки муносибати таъинӣ дорад: **бӯғча, бозича.**

Ҳоло ман мешунавам, ки ӯ сандуқҳои пуртангазу тилло, **бӯғчаҳои** пурлибос, анборҳои пурғалла ғундоштааст (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Латофат ба укачааш як дунъё **бозичаҳо** харид (*Б. Ортиқов*).

б) Ба воситаи суффикси **-ча** аз исми амалу ҳолат исми конкрет сохта мешавад, ки вай натиҷаи ҳамон амалро ифода менамояд: **гармича.**

в) Суффикси **-ча** аз сифат исм месозад, ки предметро аз рӯи аломаташ нишон медиҳад: **алоча, сурхча.**

Дар поёни зиёфат бо талқини арбоб як ҷӯра **алочаи** ҳисорӣ ба Мулло Маҳмуд ва як парча қарбос ба имоми қишлоқ «Ҳаққи қадам» ғӯён ҳадя карда шуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси -она

Суффикси **-она** аз исмҳо исми нав месозад, ки:

1) асбоб ва таъинотро мефаҳмонад: **тозиёна, шомиёна.**

Аспҳои биёбонгарди туркманон ҳам гӯё ки ҳамин дақиқаро пай бурда бошанд, аз ғайри кор фармуда шудани то-

зиёна ва маҳмез шеҳакашон, сӯлуқхоён роҳ **мебуриданд** (*С. Айнӣ*, Ғуломон). ...дар зери **шомиёнаҳо** дузону нишастанд (*С. Айнӣ*, Ғуломон);

2) шарокат ва муносибатро мефаҳмонад:

Ҳарифона бошад, дар чойхонаҳо, баққолиҳо ва сари осиёҳо ба амал меомад (*С. Айнӣ*, Куллиёт);

3) муздро мефаҳмонад ва ҳамчун натиҷаи амал ва ё ҳолат воқеъ мешавад, ки он дар асоси калима аён аст: **моҳона, бобоёна, котибона, тӯёна, хизматона, идона, байъона, шукрона** ва ғайра:

Ҳиндуҳо ҳар рӯз то соатҳои 12 дар ҳуҷраҳошон менишастанд, ғайр аз он рӯзе, ки амир ба сарбозони худ **шоҳона** медод (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Бой мулозим ва миршабро зиёфати калон карда ва ба онҳо аз чашмдошташон зиёдтар **хизматона** дода, барои қозӣ ҳам ба воситаи мулозим **мӯҳронаи** дурусте тақдим намуда, корро ба манфиати худ ҳал кардан хостааст (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси -ӣ

Суффикси **-ӣ** сермаҳсул мебошад. Вай бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада исм месозад.

1. Аз исм исми нав месозад, ки таъинот ва нисбату мансубиятро мефаҳмонад: **шоҳӣ, сӯзанӣ, қаламӣ, тақсимӣ, сарӣ:**

Онҳо ғапзанон ба хонаи калон даромаданд, ки аз бисьёрии асбобу ускунаю пардаю **сӯзанию** кӯрпаю кӯрпачаю рахту фалону казо ба тими Абдуллохон монанд буд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Карбос, **қаламӣ**, алоча, ҷомаҳои тайёр барин молҳояшонро той баста, тайёр карданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). ...ҳамон одаме, ки чою нонро оварда буд, даромада стакан, **тақсимӣ** ва тақсимчаҳоро аз рӯи чорпоя ғундошта гирифт, катро ба Ятим нишон дод (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Қомати онро **сарӣ** печонда буд,
Дар ҷабинаш холи ҳинду монда буд.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

2. Аз сифат исм месозад, ки предметро аз рӯи аломаташ ифода менамояд: **сабзӣ, сиёҳӣ, сафедӣ, равшанӣ, кабудӣ:**

Аз сари ин ҳама **кабудӣ** ва сояву салқин гармии тобистон ҳам он қадар маълум намегардад (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Онҳо бо ангуштони худ аз косаҳо **сабзӣ** ва шалғами калон-калон пора кардашударо гирифта ба даҳон меандохтанд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Суффикси -ок

Ин суффикс бемаҳсул мебошад. Доираи истеъмоли суффикси **-ок** басо маҳдуд буда, танҳо бо якчанд калимаи маълум меояду бас. Чунончи, суффикси **-ок** аз асоси замони ҳо-

зираи феъл исм сохтааст: Аз падараш ғайр аз **хӯрок** ва **пӯшок** чизи дигареро надидааст (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси -пона.

Суффикси **-пона** аз исм исми нав месозад, ки таъинот ва бо асоси худ дар чӣ гуна муносибат буданашро мефаҳмонад:

Ангуштпонаи чашмаш калон-калон ҳаст-мӣ? (*«Садои Шарқ»*). Қутбия дар вақте ки ин суханҳои охирини худро мегуфт, остини Ҳамдам-фӯрмаро боло карда, соиди симини **дастпонаи** зариндори то оринҷ кушодаи худро ба дасти ӯ монда хомӯш монд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Суффикси -тарин

Суффикси **-тарин (-тар)** дар исмсозӣ ба суффикси **-пона** ҳамвазифа мебошад:

Ба ангуштҳои дастҳои инҳо **ангуштаринҳои** зарнарди ёқутнигин гузарониданд... (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ин **ангуштарин** аз ханҷари дудамаи шумо бурротару қобилтар аст (*С. Улуғзода*, Пьесаҳо).

Суффикси -ол

Суффикси **-ол** аз исм исми нав месозад, ки ба асоси он аз ягон чиҳат монанд буданашро ифода менамояд:

Оҳуи ман дар **чанголи** паланг (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх). ...хоҳ-нохоҳ савор шуда аз **дунболи** ӯ афтоданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Суффикси -вора

Суффикси **-вора (-вор)** аз исм исми нав месозад, ки хусусияти таъиноти дорад:

Дар гӯшаш **гӯшвораи** тилло, ки онро занон ҳалқаи болдоқ мегӯянд (*П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо).

Ба чашмат барги сабзи навбаҳорӣ
Дурахшон буд мисли **гӯшворе**.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Суффикси -акӣ

Ба воситаи суффикси **-акӣ** аз калимаҳои тақлидӣ исм сохта мешавад:

Барно-тайёр ба ҳуҷум тайёр шуд: ӯ дасти росташро тамом ёзонда ва пас бурда кашидаву кушода ба гӯшхонаи Махдум як **торсакӣ** зад (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

3. Суффиксҳое, ки исми макон месозанд

Дар забони адабии тоҷик як гурӯҳ суффиксҳо ҳастанд, ки барои сохтани исмҳои макон хизмат мекунанд.

Суффикси -гоҳ

Суффикси **-гоҳ** аслан калимаи мустақилмаъно буда, дар процесси инкишофи таърихии забон ба гурӯҳи морфемаҳо дохил шудааст ва ҳоло ҳамчун ифодакунандаи макон танҳо дар таркиби калима меояд. Вай ҳам мисли калимаи **ҷой (ҷо)** маконро ба таври умумӣ нишон дода, ба суффиксшавии он имконият додааст. Ҳоло дар бисьёр мавридҳо дар таркиби калимаҳо **-гоҳ** ва **ҷо** ба таври мувозӣ истеъмол меёбанд: **идгоҳ — идҷо, подагоҳ — подаҷо, хобгоҳ — хобҷой, бозоргоҳ — бозорҷой** ва ғайра.

Суффикси **-гоҳ** дар исмсозӣ яке аз суффиксҳои сермаҳсул ба шумор меравад. Вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исми макон месозад.

1. Аз исм.

а) аз исмҳои конкрет. Ба воситаи суффикси **-гоҳ** на аз ҳамаи исмҳои конкрет, балки танҳо аз онҳое исми макон сохта мешавад, ки семантикаашон мувофиқ аст. Чунончи, **бозоргоҳ, бандаргоҳ, гулӯгоҳ, хобгоҳ, камаргоҳ, киштгоҳ, камингоҳ, лангаргоҳ, лашкаргоҳ, нахчиргоҳ, нишонгоҳ, пойгаҳ, сайдгоҳ, урдугоҳ** ва ғайра.

Азбаски суффикси **-гоҳ** исми макон месозад, одатан бо исми макон намеояд. Аммо бо калимаи «манзил» ва «бозор», ки маконро мефаҳмонанд, омадани **-гоҳ** мушоҳида мешавад:

Он ҷо **манзилгоҳи** як чӯпон будааст (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Мо ба **бозоргоҳ** рафтем (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Бо ин калимаҳо омадани суффикси **-гоҳ** дар адабиёти классикӣ низ мушоҳида мешавад.

б) аз исми абстракт.

Азбаски исмҳои абстракт амалу ҳолатҳои гуногунро ифода менамоянд, суффикси **-гоҳ** бо онҳо омада исме месозад, ки макону амали ҳолат ва машғулиятро мефаҳмонад: **ҷилвагоҳ, ҷанггоҳ, ҷавлонгоҳ, қатлгоҳ**:

Мошинро ба канори роҳ монда, ба **идгоҳ** даромадем (*Ф. Муҳаммадиев*, Дар сӯҳбати Толис). Мазорро чанд бурси ҳамешасабзи бузург, ки **навогоҳи** паррандаҳои атроф мебошанд, иҳота кардаанд (*«Садои Шарқ»*).

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо ёрии суффиксҳои калимасоз аз феъл исми амал сохтан басо характернок аст. Исмҳои амале, ки суффикси **-гоҳ** қабул намуда, ба исми макон мегузаранд, асосан аз асоси замони ҳозираи феъл бо суффик-

си **-иш** сохта мешаванд. Ин гуна исмҳо макони машғулият, амалиёт, мавзеъ ва ҷои истиқомату муассисаҳои гуногунро далолат мекунад. Чунончи: **омӯзишгоҳ** (омӯз-иш-гоҳ), **донишгоҳ** (дон-иш-гоҳ), **резишгоҳ, ситоишгоҳ, намоишгоҳ, бошишгоҳ, гардишгоҳ, парастишгоҳ, буришгоҳ** ва ғайра.

2. **Аз сифат.** Суффикси **-гоҳ** аз сифатҳо низ исми макон месозад, ки хусусияти таъиноти дорад, вале дар ин вазифа вай бемаҳсул буда, танҳо бо ду-се калима меояд: **оромгоҳ, амонгоҳ, хилватгоҳ.**

Хост **хилватгоҳ** дар вайронае *(М. Турсунзода,* Ас. мунт.). Муаллиф чунин сатрҳои дар девори он **оромгоҳ** қайдшударо меовард («Маориф ва маданият»).

3. **Аз феъл.** Суффикси **-гоҳ** ҳам аз асоси замони ҳозира ва ҳам аз асоси замони гузаштаи феъл исми макон месозад, ки ҷой ва роҳи ҳаракатро мефаҳмонад:

а) аз асоси замони ҳозираи феъл: **истгоҳ, гурезгоҳ, гузаргоҳ;**

б) аз асоси замони гузаштаи феъл: **нишастгоҳ, даромадгоҳ, баромадгоҳ, зодгоҳ.**

Суффикси -а

Ба воситаи суффикси **-а** аз сифат ва исм исми макон сохта мешавад: **хароба, пушта.**

Суффикси -но

Суффикси **-но** бемаҳсул буда, аз сифат исми макон месозад, ки хусусияти нисбӣ дорад: **тангно:**

Дар он ҷо **тангнои** соярав ҳаст,
Дар он ҷо партоҳи ғеҷу дав ҳаст.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Рафт ӯ аз худ бурун дар як нафас,
Тангно не, вусъатободе бихост.

(*Лоиқ,* Сатрҳои нотамом).

Суффикси -зор

Суффикси **-зор** сермаҳсул мебошад. Ин суффикс бо исм омада макону фаровониро мефаҳмонад. Суффикси **-зор** асосан бо исмҳои ифодакунандаи растанию наботот меояд: **тутзор, токзор, себзор, саксавулзор** ва ғ.:

Баъд аз он ҳар тарафи даштҳо, кӯлҳо, **найзорҳо** ва **пахтазорҳоро** аз як сар кофтуков кардааст (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар он тараф аз дур **дарахтзоре** намудор буд ва он дарахт-

зорро аз **токзори** завод як девори бисьёр дарозе, ки охираш дар даруни **чакалакзор** гум шуда мерафт, ҷудо мекард (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Суффикси **-зор** инчунин бо исмҳое меояд, ки онҳо растанию набототро намефаҳмонанд, балки предметҳои гуногун буда, шумурданашавандаанд ва ё шумурданашон аз имкон дур аст. Дар ин гуна калимаҳо ҳам суффикси **-зор** ба макон ва фаровонии асоси худ далолат мекунад. Миқдори ин гуна калимаҳо зиёд нест. Чунончи: **регзор, ситоразор, сайёразор**:

Ҷои ту шӯраю **регзор**, ба боғу чаман туро чӣ кор? (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх).

Харитаи ин заминро дар тулӯи асри нав шуд нав.

Чунон **сайёразоре** шуд...

(*«Садои Шарқ»*).

Суффикси -истон // -стон

Суффикси **-истон** бо исмҳои ифодакунандаи халқу миллат омада, номҳои географӣ месозад: **Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Гурҷистон, Маҷористон, Ҳиндустон** ва монанди инҳо.

Ин суффикс бо исмҳои гуногуни конкрет омада, макон ва фаровонии предметро ифода менамояд. Агар суффикси **-истон** бо исмҳои ифодакунандаи набототу растаниҳо ва калимаи **регу санг** ояд, бо суффикси **-зор** ҳамвазифа мешавад: **гулистон, нахлистон, найистон, сарвистон, боғистон, регистон, сангистон** ва ғайра.

Суффикси **-истон** бо предметҳои конкрети дигар низ истифода мешавад ва дар ин ҷо ҳам **-истон** макону фаровонии предмети асосашро далолат мекунад: **кӯҳистон, қабристон, ғористон, гӯристон, лаълистон, мазорнстон.**

Суффикси **-истон** бо исмҳои ифодакунандаи шахс низ омада метавонад: **бемористон, Юсуфистон.**

Юсуфистон кард рӯят кулбаи эҳзони ман!

(*А. Деҳотӣ*, Куллиёт)

Исмҳои замон: **баҳор** ва **шаб** исмҳои ягона бошанд ҳам, суффикси **-истон** қабул менамоянд: **баҳористон, шабистон.**

Суффикси **-истон** бо калимаҳои субстантии **равшан** ва **торик** низ меояд:

Акси об будаасту ман ҳар сӯйро
Чун саҳаргоҳ **равшанистон** дидаам.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Моҳ гирифта, олам **торикистон** шудааст (*А. Деҳотӣ*, Куллиёт).

Суффикси -сор

Суффикси **-сор** каммаҳсул мебошад, вай танҳо бо ду-се калима омада, макон ва фаровонии онҳоро мефаҳмонад: **кӯҳсор, чашмасор, шохсор.**

Суффикси -лох

Суффикси **-лох** бемаҳсул буда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо бо ду калима **санг** ва **пӯст** меояду макон ва фаровонии онҳоро нишон медиҳад: **санглох, пӯстлох.**

Суффикси -бор

Суффикси **-бор** бемаҳсул буда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо бо калимаи **ҷӯй** омада, макону фаровониро ифода мекунад: **ҷӯйбор.**

Суффикси -ина

Суффикси **-ина** низ бемаҳсул буда, танҳо дар сохтани калимаи **ганҷина** мушоҳида шуд, ки макону фаровонии асосашро мефаҳмонад:

Дар бештарини **ганҷинаҳо** ва миёнбастҳои ҳуҷраҳои вай хумҳои шароби мавизӣ ҷӯшида меистод (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Дилам **ганҷинае** бошад, ки дар он
Чу ганҷе хуфта танҳо меҳри ҷонон.
Дари **ганҷина** имшаб нағз во шуд,
Намедонам ба фикри ту чиҳо шуд...

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Суффикси -дон

Суффикси **-дон** сермаҳсул мебошад. Вай исмҳои конкрети макон ва зарфият месозад. Муносибати асос бо калимаи сохта дар он зоҳир мешавад, ки исми нав барои предмети дар асос номбурда ҳамчун зарф ва ё анбори хонае хизмат мекунад: **хокистардон, сиёҳидон, қаламдон, китобдон, нондон, намакдон, алавдон, шамъдон, тухмдон, коҳдон, лойдон** ва ғайра.

4. Суффиксҳое, ки исми абстракт месозанд

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик барои сохтани исмҳои абстракт суффиксҳои зиёд истифода мешаванд.

Суффикси -ӣ

Суффикси **-ӣ** дар сохтани исмҳои абстракт суффикси сермаҳсултарин ба шумор меравад. Ба воситаи вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва неологизмҳо исмҳои абстракт сохта мешавад.

1. **Аз исм.** Аз гурӯҳи муайяни исм бо суффикси **-ӣ** исми абстракт сохтан мумкин аст.

а) Аз исмҳое, ки шахсро аз рӯи касбу кор, ихтисос ва машғулият мефаҳмонанд, ба воситаи суффикси **-ӣ** исмҳои абстракт сохта мешавад, ки онҳо касбу кор, ихтисос ва машғулиятро ба таври умумӣ, ҷудо аз шахс ифода менамоянд. Асоси ин гуна исмҳо дар шакли содда, сохта ва мураккаб меояд. Мисол: **деҳқонӣ, косибӣ, шофёрӣ, инженерӣ, савдогарӣ, коргарӣ, кирмакпарварӣ, боғдорӣ** ва ғайра.

... Чорум Қорӣ Шариф ном дошт, ки падараш **кордгарӣ** мекард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар **деҳқонӣ** ва **чорводории** амалдорон ва молдорони калон ғуломон ҳам бисёр кор мекарданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Машғулияти асосии оммаи мардуми Хуросон, Мовароуннаҳр ва Хоразм дар деҳот киштукор, **боғдорӣ, кирмакпарварӣ** буда, дар шаҳрҳо ва дар марказҳои аҳолинишин **майдаҳунармандӣ (пешаварӣ), бофандагӣ, дӯзандагӣ, меъморӣ, наққошӣ, заргарӣ, зардӯзӣ, оҳангарӣ** ва монанди инҳо буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

б) Баъзе исмҳо хусусият ва ё хислатро ифода намуда, маҷозан ба сифат мегузаранд. Дар чунин мавриди аз онҳо бо суффикси **-ӣ** исми абстракт сохта мешавад. Исми абстракте, ки аз ин гуна исмҳо сохта мешавад, аломату хосият ва хусусияти предметро дар истисноӣ аз предмет ифода менамоянд:

— **Бале, бале, сабук мешавад,**— гуфта монд беихтиёр мӯйсафед, **вай** ҳоло ба **рӯбоҳӣ** ва фиребгарии бой ҳайрон шуда чӣ гуфтанашро намедонист (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Агар марди мардон бимирад ё ягон кори хилофи **мардӣ** карда, аз миёна ронда шавад, аз тайёрон якеро, ки дар **мардӣ** мумтоз, дар зӯрӣ беҳамто, ба **дуздӣ** ва **шӯрапуштӣ** тӯҳматзада нашуда бошад, интихоб мекарданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

в) Аз исмҳое исми абстракт сохта мешавад, ки онҳо муносибати гуногунро мефаҳмонанд. Дар исмҳои абстракт на предмет, балки ҳамон муносибат ба таври умумӣ ифода карда мешавад: **бародарӣ, модарӣ, падарӣ, хоҳарӣ, дӯстӣ, душманӣ.**

Агар дар байни ду нафаре, ки ҳар ду ҳам дар мардӣ бономус бошанд, **душманӣ** афтад, масъала ба тарзи дуэли европагиҳо бо ҷанги тан ба тан ҳал мешуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

г) Аз исмҳое, ки синну сол ва калонию хурдӣ ва ё ягон давраи зиндагиро ифода мекунанд, бо суффикси **-ӣ** исми абстракт сохта мешавад. Баъзеи онҳо аслан сифат буда, ба исм гузаштаанд: **кӯдакӣ, ҷавонӣ, пирӣ, арӯсӣ, келинчакӣ.**

Дил боз дар ҳавои ту парвоз мекунад,
Пирест ёди **кӯдакӣ** оғоз мекунад.

(*П. Сулаймонӣ*, Маҷ. шеърҳо)

Айни духтарии худам, **келинчакии** худам барин! (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх).

2. **Аз сифат.** Сифатҳо барои ба амал омадани исмҳои абстракт заминаи асосӣ ба шумор мераванд. Ба воситаи суффикси **-ӣ** аз сифатҳои содда, сохта ва мураккаб исми абстракт сохта мешавад, ки онҳо аломат, хосият ва ҳолатро ҳамчун предмет номбар мекунанд:

Ӯ як одами сафедчеҳраи чашму абрӯсиёҳи кулӯтариши хушқадубаст буд, ки бо **зебоии** ҳайкали ӯ одам кам дида мешуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Аспи ин фидоии қаҳрамон, ки саманди ёлудумсиёҳ буда, дар ҳаракат ва **чолокӣ** аз соҳиби худ монданӣ надошт, дар шолипояҳои обпахшкарда, ки то зонуяш ба лой фурӯ мерафт, монанди ин ки дар роҳи ҳамворе мерафта бошад, бо **тезӣ ва осонӣ** пой мепартофт (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Саводнокии** бародарамро дида, эҳтироми ман ба вай зиёдтар мешуд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ҳанӯз бадан ва дарунам аз шиддати ҳарорат месӯхтанд, аммо **беҳушӣ** монанди дишаба бисьёр рӯй намедод (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Писанд омад ӯро қаландаршавӣ,
Шабу рӯз машғули айшу **хушӣ**...

(*С. Айнӣ*, Куллиёт)

3. **Аз феъл.** Аз феълҳои **ҳаст** ва **нест** ба воситаи суффикси **-ӣ** исми абстракт сохта мешавад:

Кори нав, ҷои нав, шароити нав,
Ҳастию нестии хонаи нав...

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Суффикси -гӣ

Суффикси **-гӣ** варианти суффикси **-ӣ** мебошад:

Дар баробари **мардонагию** диловарии онҳо густохии ман ҳеҷ аст (*С. Улуғзода*, Пьесаҳо). ...акнун хуб кӯшиш карда хон, ки **мондагиҳояшро** гирӣ ва бо ҳамсолонат, ки дар **чорсолагӣ** ба мактаб рафтанд, баробар шавӣ (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ӯ аз **қозигӣ** маъзул шуда, чанд гоҳ бекор хобид (*С. Айнӣ*,

Куллиёт). Дар ин айём яке аз амакҳои модарам мурд ва занаш, ки камтар саводе дошт, барои **муаллимагии** ман муносиб афтод (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон).

Исмҳои абстракт, ки аз сифатҳои феълӣ ва сифатҳои феълии исмшуда сохта шудаанд, ҳолат ва машғулиятро номбар мекунанд: **кӯфтагӣ, дилшикастагӣ, ресандагӣ, даррандагӣ, нависандагӣ, ронандагӣ** ва ғайра.

Пас аз **кӯфтагӣ**, хунукӣ ва **гуруснагии** роҳ он хоначаи пасти сиёҳ ва пурдуд ба мо дорулроҳати ҳақиқӣ намуд (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ба шумо ин хел ноумедӣ, **дилшикастагӣ** намезебад, шумо ҳоло ҷавон ҳастед (*С. Улуғзода,* Калтакдорони сурх). Раҳимбек душмани саҳл не, вай ба зиракӣ мисли гурги пир, ба маккорӣ мисли рӯбоҳ, ба **даррандагӣ** мисли паланг аст (*С. Улуғзода,* Калтакдорони сурх).

Суффикси -гарӣ

Суффикси **-гарӣ** сермаҳсул буда, асосан барои сохтани исмҳои абстракт хизмат мекунад. Бо суффикси **-гарӣ** хосияти доимӣ ва давомнокию такрори амалу ҳолат низ ифода меёбад: **одамгарӣ, сахтигарӣ, софигарӣ, сипоҳигарӣ навигарӣ, мардигарӣ, калонигарӣ, зӯригарӣ, босмачигарӣ, боигарӣ, ваҳшигарӣ, боронгарӣ** ва ғайра.

Бо дидани шумо ман ҳама чизро фаромӯш кардаам, ҳатто **одамгариро!** (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Онҳо ҳунарҳои **зироатгарӣ** ва муҳаббатеро, ки ба замин доранд, бо худ оварданд (*С. Улуғзода,* Навобод). Ману Азизхон бошем, бисьёр шод шудем, зеро ки дер боз ягон дигаргунӣ ва **навигариро** орзӯ мекардем (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Инҳо дар **мардигарӣ** хеле олиҷаноб буданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ана, гиред ва ин сафсатаю **гоҷигариро** бас кунед («Садои Шарқ»). Николаев **сипоҳигарӣ** накарда, бо ман ҳамту, монанди ошно муомила кард (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Бойҳо, кулакҳо, муллоҳо, ки **босмачигарӣ** аз худи ҳамонҳо сар зада буд, дар байни инҳо «гапчинӣ» карда мегаштанд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). ... **истодагарӣ** карда муқобилат намуда бошанд ҳам, дар охир маҷбур шуданд, ки таблҳо, таблкӯбҳо ва сербандаҳоро партофта гурезанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Қозӣ Дониёлхоҷа, ки аз тарафи модар ба ман **хешигарӣ** дорад ва худаш одами хуби донишдӯст аст, аҳволи маро ба қозикалон фаҳмонда, дар як мадрасаи бедарсхона маро мударрис кунонид (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Баъзе калимаҳо аввал суффикси **-ӣ** ва баъд суффикси **-гарӣ** қабул менамоянд: мард-**мардӣ-мардигарӣ**, зӯр-**зӯрӣ-зӯригарӣ**. Аммо баъзе исму сифатҳо бе суффикси **-ӣ** ҳам суффикси **-гарӣ**-ро қабул карда метавонанд: **одамгарӣ-одамигарӣ, калонгарӣ-калонигарӣ.**

Падарамро ин накӯкории хомӯшона ва ин **одамгарии** бе-

миннат мутаассир мекард (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ман ҳам ба ҳамин амал карда, ба **калонгариҳои** Қорӣ-Нурулло чизе намегӯям (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Канӣ, ҳавлии наве, ки **калонигарӣ** карда, ваъда карда будед (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Боиси қайд аст, ки суффикси **-гарӣ** мансуби нутқи гуфтугӯ буда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик фаровон истеъмол меёбад. Вай аз суффиксҳои **-ӣ (-гӣ)** тафовут дошта бошад ҳам, баъзан ҳамвазифагиашон мушоҳида мешавад:

Босмачигӣ сар шуда буд... (*С. Айнӣ,* Ғуломон).— Дина шаб аз сари хирман гашта омада ба ҷогаҳ даромадам ва дар ҳамин вақт ба хотирам расид, ки дар замони **босмачигарӣ** он ҷо қӯрхонаи босмачиҳо буд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Суффикси -иш

Суффикси **-иш** сермаҳсул аст. Вай бо асоси замони ҳозираи феъл омада, исмҳои абстракт месозад, ки амалу ҳолатро мефаҳмонанд: **хониш, хориш, таркиш, ситоиш, сабзиш, сӯзиш, вазиш, бахшиш, бахшоиш, бориш, нолиш, осоиш, навозиш** ва ғайра.

Дар бештарин исмҳои абстракте, ки бо суффикси **-иш** сохта шудаанд, процесси амалу ҳолат ва бардавомии онҳо низ ифода меёбад:

Ҳуҷуми ваҳшиёнаи сагон, **тозиши** девонавори асп барои савор як ҳолати пурхавферо пайдо кунонда буд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Лекин **кӯшишҳои** ман бедарак буд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). **Кӯбиши** дар ҳанӯз давом мекард... (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Аммо чӯби дарози мактабдор ба ҳама гӯшаҳои мактаб расо расида, сари халифаро **молиш** медод (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Баъзе исмҳое, ки бо суффикси **-иш** сохта шудаанд, ҳамчун натиҷаи амал воқеъ мегарданд: **дониш, шӯриш, созиш.**

Чароғи ақли инсон аст **дониш,**
Калиди бахти инсон аст **дониш.**

(*А. Деҳотӣ,* Куллиёт)

Он деҳа обшор ва хушҳаво буда, одамонаш ҳам бо ӯ хуб **созиш** кардаанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Фитнаву **шӯриши** Баҳром аз ҷон гузаронд (*А. Деҳотӣ,* Куллиёт). ...дар тамоми рӯи пӯсти бадан **хориши** сахте пайдо шуд... (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Бо суффикси **-иш** аз калимаҳои тақлиди овозӣ низ исми абстракт сохта мешавад: **таппиш, ғурриш.**

Шилдир-шилдири як ҷӯйча бо шарроси новаҳои осиё ва **ғурриши** оби Зарафшон ба ҳам омехта ба ғӯшатон як муси-

қаи мукаммали зерубамдореро меандохтанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси -ор

Суффикси **-ор** бемаҳсул мебошад, вай бо асоси замони гузаштаи феъл омада исми абстракт месозад, ки амалу ҳолат, натиҷаи амал ва ё ба амале дучор шуданро ифода менамояд: **рафтор, гуфтор, сӯхтор, гирифтор:**

Акнун вай **рафтор** ва кирдори бойро ба зери чашм гирифт (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Ин ҳама **куштор**, эй ҷаллод, аз дасти ту буд! (*П. Сулаймонӣ*, Маҷ. шеърҳо). ...тақдири худи шайх ва коргарони ӯро касе намедонист ва онҳоро касе дар вақти **сӯхтор** надида буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Додарам дар асл бачаи бад набуд, баъд аз **гирифтор** шуданаш ба ин беморӣ тундмизоҷ шуд... (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси -гор

Суффикси **-гор** аз исм исми абстракт месозад: **рӯзгор, ёдгор.**

Суффикси -ос ва -ас

Ин ду суффикс аз калимаҳои тақлиди овозӣ исмҳои абстракт месозанд, ки садоҳо, ҳолату хосият ва тарзи воқеъшавии онҳоро ифода менамоянд: **ғиррос, ғаҷаррос, фишшас** (-ос), **пичиррос** ва ғайра:

Садои **аккос** ва **аввоси** понздаҳ-бист саг, ки аз тарафи деҳаи Қарахонӣ ба якборагӣ баромад, дар ин дашти бедолу дарахт паҳн шуда ҳама ҷоро фаро гирифт (*С. Айнӣ*, Ғуломон). ...Оташи гулрез ба фалак печид, **қийғоси** дӯсту душман ба осмон баромад (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Маъоси** гӯсфандон, **баъоси** баррагон бо садои суруде, ки бар болои як хомаи дуртари регхонда мешуд, омехта як мусиқии ҳазин ба амал меорад... (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Суффикси -гонӣ

Суффикси **-гонӣ** аз исми абстракт исми нав сохтааст: **зиндагонӣ, муждагонӣ.**

Менабинӣ боди ҷонбахши баҳори бехазон
Муждагонӣ медиҳад бар наварӯсони ҷаҳон?

(«Садои Шарқ»)

Суффиксҳои шаклсози исм

Суффикси -ча

Суффикси -ча бо исмҳои конкрет омада хурдии онҳоро далолат мекунад:

Мӯйсафед ба сари оташдон рафта, аз як **дегча** ба деги дигар бо **обгардонча** шарбат гузаронида меистод ва бо **белчаи** кафгирмонанди сафед кардашуда даруни **дегчаҳоро** мекофт (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Дар тарафи шарқии рӯи ҳавлӣ, дар паҳлуи мадон як **хоначаи** пешайвондор буд... (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Рӯзе дар Шаҳрисабз дар пеши дарбори амир Савдо бо либосҳои расмии худ ба лаби **суфачае** нишаста будааст (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ин меҳмонон монанди одамони маҳаллӣ таомро бо даст нахӯрда, бо корд бурида, бо **чангча** гирифта мехӯранд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Баъзан хурдии исм бо тобиши навозиш ва ё таҳқиру нописандӣ омехта мешавад. Дар калимаҳои **духтарча** ва **писарча** тобиши навозиш аксар бо хурдӣ омехта ифода меёбад:

Ин хусусияти махсусе, ки дар афту андоми ин **духтарча** менамуд, ин буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Духтарча** аз модараш такрор ба такрор мепурсид, ки чаро амакаш ин қадар бисьёр мехобад («Садои Шарқ»). Соро бо **писарчаи** худ нони аз хона бардошта овардагиашро ба об тар карда хӯрданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси -ча барои ифодаи хурдию навозиш бо исмҳои ғайришахс низ меояд:

Онҳо аспҳошонро чорхез гардонданд, **самандча** бошад бо ҳамаи йӯрғаи ҳамвораш роҳ мепаймуд («Садои Шарқ»).

Нолаи **дарьёчаи** Варзоби мо
Дошт мудом огаҳӣ аз хоби мо.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Дар исмҳое, ки калону хурдии онҳоро таъин кардан мумкин нест, суффикси **-ча** камии онҳоро мефаҳмонад, ки болидахотирӣ ва хушҳолиро низ далолат мекунанд:

Амон дар хона **шӯрбоча** пухтааст (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

Суффикси **-ча** бо исмҳои хос низ меояд. Дар исмҳои хос ин суффикс хурдии шахсро аз рӯи пайкараш мефаҳмонад ва дар айни замон як навъ пастзанӣ ва тамасхурро ҳам ифода мекунад:

Дар ин сол монанди порсола дарси дарсхонагии ҷамоаи мо дар пеши домулло **Икромча** аз «Шарҳи Мулло» бо қоригии Ғафурҷон Махдум бояд мешуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). ...он-

ҳо ба касе чизе нагуфта, ба сари **Рустамча** гузаштанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

— Балота гирам, **Мукаррамча**! (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

Маънои ночизӣ ва нописандию тамасхурро ифода намудани суффикси **-ча** ба туфайли матн баъзан хеле равшан ифода меёбад:

...Вақте ки қозикалон бо фармоиши амир дар пои ёфтани шеърҳои Ҳайрат афтод ва чизе ба даст дароварда натавонист, аз чор тараф **шоирчаҳо** ва шоиртарошон барои хушомад ба хизмати қозикалон миён баста, бисьёр шеърҳои пастро бо тахаллуси «Ҳайрат» ба ӯ бурда буданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси -ича

Суффикси **-ича** варианти суффикси **-ча** буда, бемаҳсул аст. Вай бо як-ду исми конкрети ғайришахс омада, хурдии асосашонро ифода менамояд: **дарича, бузича**:

Асо **даричаи** мобайни ҳавлии ҳамсояро пӯшиду ба сӯи хона қадам монд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Дар охурчаи гӯшаи пешгоҳии ин хона, ки **даричааш** ҳам он ҷо буд, мактабдорнишин буда... (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Суффикси -ак (-як, -акак)

Суффикси **-ак** (-як) бештар ба маънои навозиш меояд ва ба воситаи он муносибати субъективии гӯянда ба предмети асоси калима ифода мегардад:

Пас, чанд гоҳ он **писаракро** ҳамроҳ гирифта мегардад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). **Духтаракатон** ба бозор равад, майлаш... (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх). Пиразан ҷавони наврасро навозишкорона **«набераякам»** мегуфт («Садои Шарқ»).

Дер нишасту **дилакаш** танг шуд.
Хесту чу оҳу ба сари санг шуд.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Суффикси **-ак** бо маънои навозиш бо исмҳои хос низ меояд:

Амонакам калон шавад, бас. (*Б. Ортиқов*, Гули сурх).

Тамасхурро низ ифода менамояд:

Кали Қурбон **духтараки** нотавонро чун **гунҷишкак** бардошту ба доду фарьёди ӯ аҳамият надода, ба даҳлез бароварда (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Лабу **лунҷакатро** бод хӯрад, нахостани ту акнун дер шуд (*С. Улуғзода*, Калтакдоро-

ни сурх). **Ягон мурғаки** содда пайдо шаваду маро ба зери қаноташ гирад, магар бад мешавад? («Садои Шарқ»).

Суффикси **-ак, -акак** дар исмҳои беҷон камии миқдору шумораро низ далолат мекунад:

Ҳамааш шуда чанд **рӯзакак** пеш Кучеренко аз занаш мактуби саломатӣ гирифта буд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Барои ифодаи навозиш гоҳо суффикси **-ча** ва **-ак**, ё ки **-ича** ва **-як** дар як ҷо меоянд. Ин ҳолат ба нутқи шифоҳӣ хос буда, баъзан ин суффиксҳо дар шакли ихтисор (ба ҷои **-чаяк**, **-чек** ё ки **-чак**) воқеъ мешаванд:

— Ин гапи мардҳои бетамиз,— гуфт оймулло,— аммо шумо худи **келинчакҳои** хушрӯзии биступанҷсола барин (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Шодӣ **бузичаки** почаалои дурӯғкорро, ки ӯро дар хобаш фиреб дода буд, аз болои чароғпоя пеш кард (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Маънои навозиш ба воситаи калимаи **ҷон** низ ифода меёбад. Дар ин гуна мавридҳо бо ҳамроҳ шудани **ҷон** ба исм калимаи нав пайдо намешавад ва он ҳамчун ҳиссаи ногузири калимаи мураккаб воқеъ намегардад, ки инро ба ягон навъи калимаҳои мураккаб мансуб дониста шавад:

— Инту нагӯед, **бибиҷон!** — гуфт миёнарав (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Ба сари сахти ман, **амакҷон**, ғайр аз савдои сабзию пиёз боз як савдои нав ғалтида монд (*С. Улуғзода*, Гавҳари шабчароғ). Сарфаҳм меравӣ, **духтарҷони** ман («Садои Шарқ»). Шумо, **келинҷон**, каси дигарро дидагед (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).— Э, **дугонаҷоне!** — гуфт Фирӯза сар ҷунбонда (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

Барои ифодаи навозиш **ҷон** бо исмҳои хос низ меояд:

Аммо чӣ кор кунам, ки Фирӯза, **Фирӯзаҷони** ман кас надорад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари таш).

Агар **ҷон** ҳангоми номгузорӣ ҳамчун ҳиссаи исми хос истифода шуда бошад, навозишро ифода намекунад: **Мирзоҷон** Пардаев, **Додоҷон** Одилов, **Қозиҷон** Аҳмадов, **Додоҷонов**, **Почоҷонов** ва ғайра.

ПРЕФИКСИ ИСМСОЗ

Бо префикс сохта шудани исм ба забони тоҷикӣ характернок нест. Дар забони адабии тоҷик дар исмсозӣ асосан як префикс — **ҳам-** дида мешавад. Префикси **ҳам-** бо исмҳо омада, ҳамроҳӣ, шарокат ва алоқаи тарафайни шахсҳо ва предметҳоро мефаҳмонад: **ҳамроҳ, ҳамсоя, ҳамҷинс, ҳамхона** ва ғайра:

Инро шунида, оҳиста-оҳиста ба хонаи **ҳамсоя** гузаштам (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Аммо **ҳамсӯҳбати** ман бо суханҳои зеринаш маро як дараҷа ба кори худ шинос кард (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Чӣ тавр канизаки ман бо шумо **ҳамгапу ҳам-**

роз шуда мондааст? (*С. Улуғзода,* Калтакдорони сурх). Бегоҳии ҳамон рӯз дар хонаи Ғуломалии адрасбоф ҳашт нафар **ҳампеша** ва **ҳамкасабаҳои** вай ҷамъ шуда, чой нӯшида, чилим кашида менишастанд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Гарчи бо мо **ҳамтабақ** ҳам нестанд,
Ҳамдабистон, ҳамсабақ ҳам нестанд,
Дур аммо нестанд аз хоки мо,
Аз бари ганҷинаву амлоки мо.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Дар калимаҳои **ҳамнишин** ва **ҳамнишаст** префикси ҳам- аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл исми ифодакунандаи шахс сохтааст.

ИСМҲОИ МУРАККАБ

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик тарзи сермаҳсултарини калимасозӣ типи мураккаб ба шумор меравад. Исмҳои мураккаб аз рӯи алоқа ва муносибати ҷузъҳояшон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: **пайваст** ва **тобеъ.**

Исмҳои мураккабе, ки аз ҷузъҳои баробарҳуқуқ таркиб меёбанд, исмҳои мураккаби пайваст ном доранд: **равуо, гуфтугӯ, сарутан, сарулибос.**

Исмҳои мураккабе, ки дар онҳо як ҷузъ ба дигаре тобеъ буда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад, исмҳои мураккаби тобеъ ном доранд. Чунончи, дар исми **сартарош** ҳиссаи якум ба дуюм тобеъ буда, муносибати амалу объект ифода ёфтааст. Дар исми **дорухона** бошад, ҳиссаи якум ба дуюм тобеъ буда, муносибати таъинот ифода гардидааст. Аммо дар исми **модарарӯс** ҳиссаи дуюм ба якум тобеъ буда, муносибати муайянкунандагӣ дида мешавад.

Ҳамин тавр, ҳар як гурӯҳи исмҳои мураккаб аз рӯи муносибати ҷузъҳояшон ба хелҳои зиёде ҷудо мешаванд.

ИСМҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ

Хусусияти асосии исмҳои мураккаби пайваст аз он иборат аст, ки дар онҳо асосҳои баробарҳуқуқ бо роҳу воситаҳои гуногун ба ҳам меоянд.

1. Исмҳои мураккаби пайваст, ки бо садоноки пайвастқунандаи у омадаанд. Ин гурӯҳи исмҳои мураккаб ба тарзи зерин таркиб меёбанд:

а) **Аз асоси замони ҳозираи феъл.** Аз асоси замони ҳозираи феъл исмҳои абстракт сохта мешавад, ки амалу ҳолат-

ро номбар мекунад: **пурсуков, равуой, афтухез, давутоз, доругир, шинухез** ва ғайра:

...номи ӯро аз сарбоз шунида ба **пурсуков** даромадам (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ҷомаи банорас ба кифт Ҳоҷӣ Нуриддин беором дар назди дарвозаи худ **равуо** дошт («Садои Шарқ»). Хайр, хафа нашав, ин **гирудор** дер давом намекунад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Ҳама дар банди **доругири** туанд (*А. Деҳотӣ*, Куллиёт). ...дигарбора **давутози** Ҷунбул-махдум дар кӯчаҳои шаҳр сар шуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Инҳо имшаб монанди бойбачагони пештара **шинухез мекарданд** (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

б) **Аз асоси замони гузаштаи феъл.** Аз асоси замони гузаштаи феъл исми абстракт сохта мешавад, ки кору ҳаракат, амалу ҳолат ва муомилаву мусоҳибаро мефаҳмонад: **шикастурехт, рафтуомад, гуфтушунид, додугирифт, задухӯрд, харидуфурӯхт** ва ғайра:

Онҳо коргар меғундоштанд, **шикастурехти** заводро буд мекарданд... (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Дар вақтҳои дилгир шуданашон аз корҳои **харидуфурӯхт** ва айшу нӯши хонагӣ шаберо ин ҷо бе ташвиши зану фарзанд бо дӯстони хосашон гузаронида айш мекарданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Дар муддати ин се сол ҳар иду сайре, ки меомад, дар **бурдуовард** ба хонаи арӯс аз ман баробари он харҷе, ки падарам ба хонадории ман сарф карда буд, пул харҷ мешуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ҳиндуҳо **додугирифти** худро ба дафтаре наменавиштанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Оё дақиқае ба **гуфтушунид** бо шумо сарфароз шуда метавонам ё не? (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

в) Исми **бандубаст** аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл сохта шудааст.

г) Аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл низ исми абстракт сохта мешавад, ки амалу ҳолатро мефаҳмонад. Ин гуна исмҳо аз як феъл ва ё аз феълҳои гуногун таркиб ёфтанашон мумкин аст: **кофтуков, кӯфтукӯб, пухтупаз, гаштугузор, гуфтугӯ, рӯфтурӯб, сӯхтусӯз, тохтутоз, шустушӯй, шиштухез, харидуфурӯш, гуфтугузор, рафтуой, ҷастухез** ва ғайра:

Аз рӯи қавли Ҳомидбек, Аҳмад-махдум ҳар рӯз саҳар аз хоб хеста, баъд аз **шустушӯй** ба мутолиа ва ё китобат машғул мешуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Худи ҳамон рӯз мо бо фармоиши Муллозайниддин ҳуҷраро **рӯфтучин** кардем (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Сарбози мӯйсафед бо қаровулони дарвозаи арк **гуфтугӯ** карду ҳамроҳи Фирӯза берун баромад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Онҳо ҳама монанди занҳои рус кушодарӯй буданд ва бо мардон бемалол **шиштухез** мекарданд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

д) Ҷузъи якуми калимаи мураккаб асоси замони ҳозираи феъл буда, ҷузъи дуюми он маънои луғавӣ надорад, вай бо тақлиди тарзи талаффуз ба амал омада, барои ҳамчун исм сурат гирифтани калима ёрӣ мерасонад ва бардавомии ама-

ли исми абстрактро таъкид менамояд. Ин тарзи калимасозии **исмҳои мураккаб** бо у каммаҳсул буда, хоси забони зинда мебошад:

Дар вақти мулоқоту **пурсупос** ба чеҳра ва чашмони ӯ диққат кардам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Пошшохон, шумо ин **кашуфархашро** як тараф монеду ба гап гӯш андозед (*С. Улуғзода,* Калтакдорони сурх).

е) **Аз ду исм.** Ба воситаи садоноки пайвасткунандаи у исмҳо низ ба ҳам васл шуда, исми абстракт ва конкрет месозанд. Исмҳои абстракт ҳолату вазъият ва машғулиятро ифода менамоянду исмҳои конкрет предметро далолат мекунанд: **сарупо, сарулибос, сарутан, тирукамон, обуранг, рангубор, хайрухуш** ва ғайра:

Ман ротифаашро зиёд мекунам, дар ҳар иду айём **сарупо** медиҳам (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Пӯлод **сарулибоси** аз замони хизмати ҳарбӣ мондаашро пӯшида, аспсавор ба қишлоқи Работ равона шуд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). ...монанди тирукамони ҳавоӣ (қавси қузах) забонаи оташ гуногунранг метофт *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Ҳамаи ин асарҳо аз ҷиҳати мавзӯъ, маҳорат ва забону **обуранг** дигар-дигаранд («Маориф ва маданият»). Ҳасан имсол дар мавсимҳои кори баҳорӣ ва тобистонӣ гоҳо ба танҳоӣ ба боғ рафта, баъзе **киштукорҳоро** карда, об дода, ё ки суфаҳои мевахушккуниро андовида омада бошад ҳам, кори мевагундориро ба танҳоӣ адо карда наметавонист (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Имшаб омадани ман ҳам аз ҳамин ваҷҳ — бо шумо **хайрухуш** карда рафтанӣ ҳастам (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

ж) **Аз исм ва асосҳои феълӣ.** Аз исм ва асосҳои замони ҳозираву гузаштаи феъл исмҳои абстракт сохта мешавад, ки онҳо амалиёт ва ҳолатро номбар мекунанд. Дар ин мавқеъ исмҳое истеъмол меёбанд, ки худ мафҳуми ҳаракат, амал ва ҳолат (мисли нигоҳ, сайр, хоб) дошта, бо асоси феъли васлшавандаашон аз ҷиҳати маъно наздиканд: **сайругашт, нигоҳубин, ғунучин** ва ғайра.

2. Исмҳои мураккаби пайваст, ки ба воситаи садоноки пайвасткунандаи о таркиб ёфтаанд.

Ин гурӯҳи исмҳои мураккаб аз ҳиссаҳои зерини нутқ ба амал меоянд:

а) **Аз асосҳои замони ҳозираи феъл.** Асоси замони ҳозираи феъл бо садоноки о асосан дар шакли такрор меояд, ки он такрор ва бардавомии амалу ҳолатро далолат мекунад: **даводав, кашокаш, кӯчокӯч, гурезогурез, кококок, гирогир, нӯшонӯш** ва ғайра:

Баъди ин ҳодиса ҳукуматдорони Бухоро безобита шуда, **гирогиру кококок** накарданд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Баъд аз ба поён расидани **хӯрохӯр** ва **нӯшонӯш** ноиб ба меҳмони нави европоилибос «акнун корро сар кардан даркор аст!» — гуфт *(С. Айнӣ,* Куллиёт). ...аз шустушӯ ва **моломоли**

ходимҳо беҳол шуд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ.) То вақти говгум мо дар болои рельсҳо **даводав** кардем (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Рост мегӯяд, чӣ суд аз он **кашокашҳо?** (*А. Деҳотӣ*, Куллиёт).

Ин гуна исмҳои мураккаб бо суффикси **-ӣ** низ меоянд: **занозанӣ, кушокушӣ, часпочаспӣ, муромурӣ, даводавӣ, нӯшонӯшӣ** ва ғайра:

Занозанӣ сар шуд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Комиссия ба ҳукумати амир муроҷиат намуда, барои бартараф кардани беморӣ ва **муромурии** мардуми шаҳр барҳам додан ва аз сари нав ташкил додани ҳар кору ҳар чизеро, ки ба покизагӣ ва нигоҳдории тандурустӣ зид бошад, талаб намуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Аз **кушокушиҳои** байни подшоҳпарастон ва мухолифони онҳо... қиссаҳои аҷибу ғариб мешунидам (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

б) **Аз исмҳои такрор.** Аз исмҳои такрор исмҳои ифодакунандаи мафҳуми макон низ сохта мешавад: **гирдогирд, давродавр.**

Тамошобинони дари арк ва аҳли баҳр **гирдогирди** чуқуриро фаро гирифтанд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). ...тамошобинон кам-кам **давродаври** майдончаро аз баландӣ иҳота намуданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

в) **Аз нидоҳои такрор.** Аз нидоҳои такрор исми мураккаби ифодакунандаи ҳолат сохта шудааст:

Занҳо ӯро бо хандаю **ҳаёҳӯй** миёнагир мекунанд (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх).

3. Исмҳои мураккаби пайваст аз калимаҳое низ таркиб меёбанд, ки бевосита такрор шуда омадаанд:

а) **Айнан такрор шудани асоси замони ҳозираи феъл: пурс-пурс, дор-дор, гир-гир.**

Яке аз асосҳои такрор дар шакли ҷамъ низ воқеъ мешавад:

«Ғозиён» имшабро бо хандаву бозӣ ва **хӯрҳо-хӯр** гузарониданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

б) **Аз асосҳои муқобилмаънои замони ҳозираи феъл:**

... равандагони сайр аз он дарвоза **даро-баро** мекарданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ман бо муаззин гап мезанам, шояд ба **даро-барои** шумо монеъ нашавад,— гуфтам ман (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Бист соли расо вай ба ин синфҳо **даро-баро** дошт (*«Садои Шарқ»*).

Ҳиссаи дуюми калима дар шакли инкорӣ низ омада метавонад:

...дар бозор **кашмакаш** карда истодани мову шумо хуб нест (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

в) **Айнан такрор шудани асоси замони гузаштаи феъл:**

Омад-омади бекро шунида гурехта рафтааст (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх). **Омад-омади** ту маро дубора ҷавон кард (*А. Деҳотӣ*, Куллиёт).

г) **Аз асоси муқобилмаънои замони гузаштаи феъл:**

Даромад-баромад аз мадони хонаи калон, ки дар байни ду хона муштарак буд... (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Ин **даромад-баромади** ҳамсоягонро мушкил кард (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

д) **Такрор шуда омадани як исм:**

Сонитар **гап-гап** баромад, ки Ҳошим Корвон... қасам хӯрда будааст (*С. Улуғзода*, **Навобод**).

ж) **Бевосита такрор шудани калимаҳои тақлидӣ.** Калимаи тақлидӣ дар ду шакл такрор шуда меояд:

1) бевосита такрор шудани худи ҳамон як калима, ки бо ин роҳ тарзи воқеъшавӣ ва давомнокии амалу ҳолат ифода меёбад:

Дукур-дукури аспҳо торафт наздик мешуд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Шабҳо дар хобаш медид, ки чӣ тавр вай ресмони бодбараки пурзӯр ва саркашро дар даст дошта ва аз **дар-дару ғаж-ғажи** вай лаззат мебарад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Дар ин ҷо ғайр аз **шитир-шитири** дар ҷӯйбуда садои дигаре шунида намешуд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). ...**миш-миш** шуду миси кор баромад (газ. «Маориф ва маданият»). Ӯ бо даромада салом додани ман **пичир-пичирашро** монда, дастҳояшро бар рӯ кашида ба саломи ман ҷавоб гардонд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Кард падрудам садои обшор
Қаҳ-қаҳи мастонаи кабки дарӣ.
Шир-шири оби равони ҷӯйбор.

(*«Садои Шарқ»*)

Саргармӣ **чақ-чақ** чойро ҳам фаромӯш кардаам (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Аз гӯшаки телефон **ғинг-ғинги** фосиладори маҳзунонае ба гӯш мерасид (*«Садои Шарқ»*). Хомӯшии ин саҳрои мурдаи пурбарфро ҳам танҳо **қар-қари** зоғҳо халалдор мекард (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

2) бевосита такрор шудани калимаи асосии тақлидӣ ва дар шакли тағьирьёфта омадани ҷузъи дуюм. Дар ин гуна мавридҳо ба ҷои садоноки а-и калимаи асосӣ дар ҷузъи дуюм садоноки у меояд, ки бо ин роҳ на танҳо фосиладории амалу ҳолат, балки дар ин калимаҳо дуруст ва айнан акс наёфтани он садоҳо, ҳодисаҳои табиӣ низ ифода меёбад:

Вақар-вуқур накунед, тезтар номаша гӯй (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх). **Тапар-тупури** бисьёре карда гаштаанд,— гуфт Ҳайдарқул,— лекин аз куҷо медонанд, ки ин кор кори зани кист (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). **Шалап-шулупи** синазанӣ фазои майдонро фаро гирифта, то хеле роҳ шунида мешуд (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

ИСМҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

Ба тарзи тобеъ ташаккул ёфтани калимаҳо типи сермаҳсултарини калимасозии исмҳои мураккаб мебошад. Дар исмҳои мураккаби тобеъ муносибатҳои гуногуни ҷузъҳо мушоҳида мешавад ва қариб ҳамаи ҳиссаҳои нутқ иштирок менамоянд. Аз рӯи ташаккули ҷузъҳо исмҳои мураккаби тобеъро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. **Исмҳои мураккаби тобеъ, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд.** Ин навъи исмҳои мураккаб боз ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд:

А) Исмҳои мураккабе, ки дар онҳо ҷузъи якум ба ҷузъи дуюм тобеъ мебошад.

Исмҳои мураккабе, ки ҷузъи дуюмашон калимаи асосӣ буда, ҷузъи якум ба вай тобеъ мебошад ва онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад, дар исмҳои тобеъ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Ба кадом маъно ва ба кадом вазифа омадани исми мураккаб, чӣ гуна мафҳумро ифода намудани ин асосан ба ҷузъи асосии калима вобаста аст.

Исмҳои мураккабе, ки ҷузъи якумашон ба ҷузъи дуюм тобеъ мебошад, ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1. **Исмҳои мураккабе, ки шахсро мефаҳмонанд.** Муносибати ҷузъҳои ин гуна исмҳо дар он зоҳир мегардад, ки ҷузъи якум нисбат ба дуюм хусусияти соҳибӣ ва таъинӣ дорад: **шогирдпеша, холабача, муллобача, хонадомод, амакбача, чигаргӯша, тағобача, саройбонбача, тоҷикдухтар** ва ғайра.

2. **Исмҳои мураккабе, ки предметро мефаҳмонанд.** Дар ин гуна исмҳо ҷузъи якум бештар таъинот, нисбат ва соҳибиятро мефаҳмонад: **хортӯда, шаббода, шабнам, ангиштсанг, симэлак, симчӯб, симхор, халачӯб, кадудона, пунбадона, яхоб, қавсоб, чиллаоб, мургкабоб, шолипоя, ғӯзапоя, зерсутун, сангреза** ва ғайра.

Исмҳои мураккаби мазкур хеле серистеъмол буда, мисли **об, чӯб, дона, замин, санг** аз фонди асосии луғавӣ бисьёр калимаҳо ҷузъи асосии исми мураккаб шуда меоянд. Ба ин вазифа калимаи **нома** низ серистеъмол аст. Ба ин калима асосан исмҳои абстракт тобеъ шуда меоянд, ки ин ба маънои луғавии худи калимаи асосӣ вобаста мебошад: **муборакнома, созишнома, муроҷиатнома, сулҳнома, намоишнома** ва ғайра.

Исмҳои мураккабе, ки номи предметҳоро мефаҳмонанд, инчунин ба воситаи суффиксҳои **-а, -ӣ, -ак** ташаккул меёбанд: **мошоба, гармоба, сарборӣ, камонғулак:**

Миршаб, ки дар асл дар ҳаққи Махдум кинаи сахт дошт, ба болои вай ҳақоратҳои аз ӯ дар рӯзи дастгир кардан шунидааш зам шуда ва фиреб хӯрданаш ба болои он кинаҳо **сарборӣ** гардида, сахт ба ғазаб меояд ва дар паи бераҳмона ниқор гирифтан меафтад (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Дар баъзеи ин гуна исмҳои мураккаб хусусияти тобеии ҷузъҳо равшан зоҳир намегардад. Ин ҳолат дар **шакароб** ва **ширбиринҷ, мошоба, мошпиёба** барин калимаҳо мушоҳида мешавад: ...**ширбиринҷ** арзон меафтад... (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

3. **Исмҳои мураккабе,** ки номи ҳайвонот, паррандагон ва ҷонворонро мефаҳмонанд. Ҷузъи ин гурӯҳи исмҳои мураккаб ба ҳам асосан дар муносибати муайянкунандагӣ мебошанд: **шутурмурғ, гунҷишкбача, хорпушт, сангпушт** ва ғайра.

Зудтар хез, боғ меравем, ман ба ту **гунҷишкбача** даст гирифта медиҳам (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Қорӣ Исмат монанди **хорпушти** шаттахӯрда, ки сару пояшро ба дарун мекашад, кулӯлаю лӯнда шуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

4. **Исмҳои мураккабе,** ки маконро ифода мекунанд. Маконро ифода намудани исмҳои мураккаб ҳам мисли исмҳои мураккаби зикршуда ба ҷузъи дуюм вобаста аст. Агар вай маконро ифода намояд, исми мураккаб маконро мефаҳмонад. Чунончи, исми мураккаби **кушишхона** маконро маҳз ба туфайли ҷузъи асосӣ — калимаи **хона** ифода менамояд. Вале ин фикрро нисбат ба калимаи **хонадомод,** ки як ҷузъи он низ **хона** мебошад, гуфтан мумкин нест, чунки дар ин калимаи мураккаб **хона** ҷузъи асосӣ набуда, ҷузъи тобеъ мебошад ва исми мураккаб вобаста ба ҷузъи асосӣ — **домод** шахсро далолат мекунад.

Исмҳои зерин ба ҳамин гурӯҳи исмҳои макон мансубанд: **расадхона, мӯрчахона, саисхона, таваллудхона, табобатхона, шарбатхона, шифохона, боҷхона, обанбор** ва ғайра. Ҷузъи асосӣ ва серистеъмолтарини исмҳои мураккаби тобеъ, ки маконро ифода мекунад, калимаи **хона** мебошад. Ҳамаи калимаҳои мураккаби ифодакунандаи макон, ки ҷузъи дуюм ва асосиашон **хона** мебошад, як хел нестанд, онҳо вобаста ба ҷузъи тобеашон маъниҳои гуногунро ифода мекунанд.

а) Ҷузъи тобеъ шахсро далолат кунад, исми мураккаб ҷои машғулият ва касбу корро ифода менамояд: **устохона, оҳангархона, нонвойхона.**

Дар **раисхона, ноибхона, миршабхона, докторхона, бобохона** барин исмҳои мураккаб идора, муассиса ва раёсатҳоҷу ҷои амалиёти исмҳои тобеъ ифода гардидааст. Исмҳои мураккаби **беморхона, меҳмонхона, саисхона, бандихона** ва амсоли инҳо маконеро ифода мекунанд, ки махсуси исмҳои ҷузъи тобеъ мебошанд, яъне хусусияти таъиноти доранд.

б) Ҷузъи тобеи калимаи **хона** шуда омадани исмҳое низ мумкин аст, ки ҳайвонот ва паррандагон, ҳашарот ва хазандагонро мефаҳмонанд. Дар чунин мавридҳо исми мураккаб ҳамчун иқоматгоҳи ҷузъи тобеъ воқеъ мегардад: **молхона, аспхона, гӯсфандхона, говхона, кабӯтархона, кирмакхона, занбӯрхона** ва ғайра.

в) Бештарини исмҳои мураккабе, ки ҷузъи тобеашон предметро мефаҳмонад, ҷои чизнигоҳдорӣ, маҳфузгоҳ ва анбор-

ро мефаҳмонанд: **ҳезумхона, ангиштхона, порухона** ва амсоли инҳо.[1]

г) Ҷузъи тобеи калимаи мураккаб аз номи хӯрок ва нӯшокӣ низ иборат шуда метавонад, чунончи: **ошхона, чойхона, майхона, нашъахона** ва ғайра. Ин гуна исмҳои мураккаб маконеро мефаҳмонад, ки дар он ҷо хӯрданию нӯшиданӣ, алалхусус предметҳои дар ҷузъи тобеъ номбаршуда фурӯхта ва ё истеъмол карда мешаванд.

д) Ҷузъи тобеи исмҳои мураккаб аз исмҳои абстракт низ ташкил меёбад. Вобаста ба маънои луғавии калимаи тобеи исми мураккаб ҳамчун макони амалу ҳаракат ва ҳолату вазъият воқеъ мегардад:

Он вақт депои Когон **корхонаи** нав буд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). ...вай маҷбур буд, ки баъд аз дарс ба **чопхонаи** Дамиров ва Слияновҳо рафта то нисфи шаб ҳуруфчинӣ кунад (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон). Бинобар ин ҳуҷраҳои ин мадраса монанди катаки мурғон тангу торик ва масҷиду **дарсхонааш** борику дароз буданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Ғуслхонаи** саройро рӯфта дар он ҷо зарфҳои об гузоштанд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Танҳо дар беруни шаҳр ва дар ҷанубии намозгоҳ иморати чӯбине сохта, **кушишхонаҳои** ҳайвонотро ба он бино бароварданд... (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ҳамин тавр, барои ифодаи **макон** дар исмҳои мураккаб калимаи **хона** басо серистеъмол буда, дар мавқеъҳои гуногун ва мухталиф истифода мешавад. Дар маконифодакунӣ калимаи **хона** аз маънои маъмули луғавиаш гоҳо дур меравад. Чунончи, дар мисолҳои зерин на **хона,** балки мавқеи ҷойгиршавӣ, ҷои ишғолкардаи он калимаҳо **хона** ном гирифтааст: **гӯшхона, косахонаи** сар, **сархонаи** чилим ва ғайра.

Дар баъзе калимаҳои мураккаб ин дурравӣ ба ҷое мерасад, ки калимаи **хона** ҳамчун муродифи суффикси исми маконсоз зоҳир мегардад. Ин ҳолатро дар калимаҳое, ки барои ифодаи макон гоҳо калимаи **хона** ва гоҳо суффиксҳои исми маконсоз қабул мекунанд, равшан дидан мумкин аст. Чунончи, дар боби «Суффиксҳои исми маконсоз» бо калимаҳои **лой** ва **коҳ** омада, исми макон сохтани суффикси -«дон»-ро дида будем. Дар мисолҳои зерин ҳамин вазифаи **-дон-ро** айнан калимаи **хона** иҷро карда истодааст:

Дар ҳар се моҳ-чор моҳ, ки ба деҳа меравам, як **шаб** бо вай дар **коҳхонаи** бой мехобам (*С. Айнӣ,* Ғуломон). ...сар то сари онро ба дарозии ҳаждаҳ метр ва паҳнии се метр **лойхона** карданд (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон).

Баъзе аз исмҳои мураккаб, ки маконро ифода мекунанд,

---

[1] Калимаҳои **зинхона, кундахона, регхона, обхона** ва амсоли инҳо, ки ҳоло аз истеъмол баромада, ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил шудаанд, на ин ки ҷои нигаҳдории предметҳои тобеъ, балки маҳкамаю маҳбусхонаҳои замони амирро мефаҳмонанд.

бо суффикси **-а** ташаккул меёбанд: **обраҳа, селраҳа, пайраҳа** ва ғайра.

5. **Исмҳои мураккаби абстракт.** Агар ҷузъи асосии калима исми абстракт бошад, калимаи мураккаб ҳамчун исми абстракт воқеъ мегардад, қатъи назар аз он ки ҷузъи тобеъ предмети конкретро мефаҳмонад ва ё ғайриконкретро:

Аз боиси ҳамин хонанишинии тӯлонӣ буд, ки ман аз **чиллакбозӣ, шитибозӣ, бодбаракбозӣ** ва бозӣ-бозиҳои бисьёри дигари бачагон бебаҳра монда, ҳатто аз **оббозӣ** дар ҷӯйҳои калон ва баромадан ба дарахтҳои мевадор оҷиз гардидаам (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон). Домод ва додарарӯс чанд вақт **қозибозӣ** карда бошанд ҳам, Эшонқулбой чизе гирифта натавонист (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Б. Исмҳои мураккабе, ки дар онҳо ҷузъи дуюм ба ҷузъи якум тобеъ мебошад.

Дар ин гурӯҳи исмҳои мураккаби тобеъ, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд, калимаи асосӣ ҷузъи якум мебошад, ҷузъи дуюм ба вай тобеъ буда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад. Дар ин ҷо ҳам ҷузъҳои исми мураккаб бештар бевосита ба ҳам меоянд. Чунончи, **саринженер, сармуҳаррир, сабадчӯб, соҳибхона** ва ғайра.

Исмҳои мураккабе, ки ҷузъи дуюмашон ба ҷузъи якум тобеъ мебошад, нисбатан камистеъмоланд. Онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. **Исмҳои мураккабе, ки шахсро мефаҳмонанд.** Дар ин гурӯҳи исмҳои мураккаб ҷузъи асосӣ шахсро ифода мекунад ва ё бо ёрии ҷузъи тобеъ ба ифодаи шахс имконият пайдо мекунад. Дар муносибати ҷузъҳои ин гурӯҳи исмҳои мураккаб хусусиятҳои зерин мушоҳида мешавад:

1) Ҳар ду ҷузъи исми мураккаб шахсро далолат мекунад, вале ҷузъи тобеъ ба ҷузъи асосӣ дар чӣ гуна муносибат будан шахсро мефаҳмонад: **падарарӯс, модарарӯс, хоҳарарӯс** ва ғайра.

2) Ҷузъи асосӣ шахсро, вале ҷузъи тобеъ нисбатро мефаҳмонад, ки асосан бо исмҳои макон ифода меёбад. Дар чунин исмҳо шахсро далолат кардани исми мураккаб маҳз ба туфайли ҷузъи асосӣ имконпазир мегардад:

..вақте ки занҳо ва кайвониҳо дар хоб буданд, як **духтархона** аз берун давида омад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

3) Исмҳои мураккабе, ки шахсро маҳз ба туфайли ҳиссаи тобеашон ифода мекунанд. Чунончи, калимаи **сар** дар таноҳӣ шахсро далолат намекунад, вале ҳамчун ҷузъи асосии исмҳои мураккаб воқеъ мегардад Агар ҷузъи тобеи исми **сар** шахсро далолат кунад, исми мураккаб шахсро мефаҳмонад ва, баръакс, агар ҷузъи тобеъ шахсро далолат накунад, исми мураккаб низ шахсро ифода намекунад. Чунончи:

а) исмҳои ифодакунандаи шахс: **сардаста, сардухтур, саркотиб, сармаршал, сарвазир, сармуҳаррир, сарлашкар, сарқа-**

била, сараскар, сарнасл, сарсӯлола, саринженер, сарбухгалтер ва ғайра;

б) исмҳои ифодакунандаи предмет: **сарҳавз, сарқанд, сарриштa** ва м. ин.

Калимаи **сар** тобишҳои маъноии зиёд пайдо кардааст, ки онҳо бештар дар таркибу таъбирҳо равшан зоҳир мегарданд. Ҳамин хусусияти сермаъноии он ва алалхусус ба маънии **сардор** омаданаш имкон додааст, ки бо исмҳои абстракт омада шахсро ифода кунад. Калимаи **саркор, сарҷанг** ба ҳамин гурӯҳ мансубанд.

Дар исмҳои мураккабе, ки шахсро ифода намудани онҳо ба туфайли таркибьёбии ҳар ду ҷузъ имконпазир мегардад, ҷузъи асосӣ исми шахс ё абстракт буда, ҳиссаи тобеъ аз исмҳои конкрет ва абстракт ифода шуда метавонад: **соҳибхона, соҳибҳавлӣ, соҳибкор, соҳибмаслиҳат, шарикдарс:**

Дар охири мунозира **соҳибхона** аҳли маҷлисро зиёфат кард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Агар дар байни **соҳибҳавлӣ** ва машкоб ҷанҷол барояд, масалан **соҳибҳавлӣ** ҳаққи машкобро пурра надиҳад, машкоб дигар ба он ҷо об намекашонд... (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Барои ин кор **соҳибмаслиҳати** якуми ман Аловуддин шуд *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

2. **Исмҳои мураккабе, ки предметро мефаҳмонанд.** Ҷузъи асосии исмҳои мураккаби гурӯҳи мазкур предмет ва маконро ифода намуда, ҷузъи тобеъ аз исмҳои конкрет ва абстракт иборат шуда метавонад:

Пахтазори сабзу сафедчатоб то домани **силсилакӯҳҳо** мерасид *(«Садои Шарқ»).* Ман занҳои хоҳишмандро **рӯйхат** кардам (*С. Улуғзода,* Калтакдорони сурх). Ман хати бойро ба **кисабағали** худ монда, чакмани ӯро пӯшида, аз меҳмонхона баромадам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Онҳо **сарриштаи** худро гум карда, ҳаросон ба аъзоёни комиссия, ба ман ва ба ҳамдигарашон нигоҳ мекарданд (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Сарқандҳо,** қуттинаботҳоро ба меҳмонон «даҳанширинӣ» гӯён тақсим мекарданд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Мо дар меҳмонхонаи сояравӣ он боғ ҷой гирифтем, ки пешаш гулзор ва аз паси гулзор **сарҳавз,** дарахтони мевадор ва толорҳои ангур буданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Падарам маро аз **ҷойхобам** оғӯш карда, ҳаросон ба рӯи ҳавлӣ давид (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон). ...ба **Галаосиё,** ба ноибхона рафта будам (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Дар исмҳои мураккабе, ки предметро мефаҳмонанд, калимаи **сар** басо серистеъмол аст. Чунончи; **сарнайза, сарнах, сарчашма, сарпиёз, сарсутун, сарсӯзан, сарангушт** ва монанди инҳо.

Бо бандаки изофӣ таркиб ёфтани баъзе калимаҳои мураккаб ва дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳам дар шакли ибораи изофӣ ва ҳам дар шакли калимаҳои мураккаб бевосита таркиб ёфтани як воҳиди забонӣ гувоҳи онанд, ки исмҳои мураккаби тобеъ, ки аз исму исм таркиб ёфта, ҷузъи

дуюмашон ба ҷузъи якумашон тобеъ мебошад, аз ибораҳои изофӣ ба амал омадаанд. Усули калимасозии ин гуна исмҳо **факки изофат** мебошад.

II. **Исмҳои мураккаби тобеъ, ки аз исму сифат таркиб ёфтаанд.** Дар исмҳое, ки аз исму сифат таркиб ёфтаанд, ҷузъи асосӣ исм буда, сифат вайро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад. Тарзи воқеъшавии ҷузъҳои ин гурӯҳи исмҳои мураккаб чунин аст: сифат метавонад ҳам ҷузъи якум ва ҳам ҷузъи дуюм шуда ояд.

1. Исмҳои мураккабе, ки ҷузъи асосиашон дар ҷои дуюм воқеъ шудааст, яъне аз сифату исм иборатанд:

а) Ин гуна исмҳои мураккаб шахсро ифода намоянд ҳам, ба ин маънӣ камистеъмоланд. Чунончи:

«Пой мемонд чу **нозуксанамон** қад-қади ҷав» (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Полосов ба **ҷавонзани** хушрӯ бо назари харидорона менигарист (*«Садои Шарқ»*). **Девонабачагоне**, ки ба як устохона рафта кор кунанд, бе бунак кор намекунанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Дар он вақт ба мо барин **нимчамуллоҳо** ...қозигӣ ва раисӣ хоҳад расид (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ман **яккаписар** будам, амакам ҳам фарзанд надошт (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Исмҳои ифодакунандаи шахс баъзан ба воситаи садоноки пайвасткунандаи **а** таркиб меёбанд: **пирамард, пиразан, шерамард** ва ғайра.

б) Исмҳои мураккаб ҷонварон, предметҳои конкрет ва ҳодисаҳои олами табииро бо аломату нишонаҳояшон номбар мекунанд:

Аз ҳама ҷои намад ва аз ҷоҳои бенамад монанди **кӯрдуд** бо бухори об омехта баромада меистод (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Замини атрофи шаҳр аз қолини нарми сабзаи навраст, аз лолаи даштӣ ва **майдагулҳои** худрӯид мурассаъ буд (*Ф. Муҳаммадиев*, Дар сӯҳбати Толис). **Сабзоб** як нӯшокии масткунанда буд, ки ҳиндуҳо вайро аз як алафи барги канабмонанд мекашиданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Дар **тахтбоми** хона дар зери кӯрпаҳо як сандуқи чӯбинро дид (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Регзорону биёбон дидаем,
Сардбарфу гармборон дидаем.
(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Яке аз сифатҳои серистеъмоле, ки бо предмети гуногун омада, барои таркиб ёфтани исмҳои мураккаб ҳамчун ҷузъи тобеъ хизмат мекунад, калимаи **якка** мебошад. Чунончи: **яккаманор, яккачӯб, яккакорд, яккабоғ, яккамех, яккахона, яккахоҷагӣ** ва ғайра.

в) Исмҳои мураккабе, ки аз сифату исм таркиб ёфтаанд, маконро низ далолат мекунанд, ки онҳо бо аломату нишонаашон аз ҳамҷинсҳои худ то як андоза фарқ доранд: **тангкӯча, росткӯча, пасткӯча, гармхона** ва ғайра.

Ин гуна исмҳои мураккаб ба воситаи суффикси **-а** низ таркиб меёбанд: **гармоба.**

г) Мафҳумҳои абстрактро ифода намудани исмҳои мураккаб, ки аз сифату исм таркиб ёфтаанд, басо кам воқеъ мешавад:

Вай аз ин **шумхабар** маҳву мот шуда буд *(«Садои Шарқ»).*

2) Исмҳои мураккабе, ки ҷузъи асосиашон дар ҷои якум воқеъ гардидааст, яъне аз исму сифат таркиб ёфтаанд.

Исмҳои мураккаби типи мазкур ҳам шахс, предмет ва паррандагону **ҷонваронро бо нишон додани** аломат ё хусусияташон мефаҳмонанд. Ҷузъи асосӣ номи предметро ва ҷузъи тобеъ аломат ва таъинотро ифода менамояд. Чунончи: **бобокалон, модаркалон, қозикалон, бачамайда, мурғобӣ, ҷомакӯҳна, латтакӯҳна, калӯшкӯҳна** ва ғайра. Усули калимасозии исмҳои зикршуда **факки изофат** мебошад.

Исмҳои мураккаби мазкур ба воситаи суффикси **-ак** низ омадаанд:

Худат хӯрдан гир, ман шикамамро аз **лӯбиёшӯрак** сер мекунам (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Мо ...камтар **донашӯрак** гирифта, аз анбӯҳи саёҳаткунандагон канортар рафтем (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

III. **Исмҳои мураккабе, ки аз шумора ва исм таркиб ёфтаанд.** Дар исмҳои мураккабе, ки аз шумораву исм таркиб ёфтаанд, калимаи асосӣ исм буда, ҳамеша ҳамчун ҷузъи дуюм воқеъ мегардад, шумораҳои миқдорӣ ҳамчун ҷузъи тобеъ барои таъин кардани адади предмет ва ё миқдори аломату узвҳои он хизмат мекунанд. Ба исмҳои ҷондор ва предметҳои гуногун аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ ва узву қисмҳои он ном ниҳодан ба забони адабии тоҷик мансуб мебошад. Бештарини исмҳои мураккаби гурӯҳи мазкур бо ҳамин роҳ таркиб ёфтаанд.

Дар таркиб ёфтани ин гурӯҳи исмҳои мураккаб асосан шумораҳои миқдорӣ истифода мешаванд. Номи умумии ҳайвонот ва бисьёр ҷонварон бо ҳамин қолаб ва аз рӯи нишонаҳои асосии зоҳирӣ ва узвҳояшон сохта шудаанд: **чорпо, чилпо, ҳазорпо** ва ғайра. Номи бисьёр предметҳо, мавзеъ ва маҳаллаҳо низ бо ҳамин қолаб ба амал омадаанд: **чормағз, садбарг, шашпар, чорбоғ, чилчароғ** ва ғайра.

Махдуми Муҳаммадӣ аз гузари **Чорхарос,** Говкушон, **Сесӯ,** растаи баззозӣ ва Тоҷи Саррофон гузашта, ба лаби ҳавзи Девонбегӣ аз гӯшаи ҷануби ғарбӣ медарояд... (*С. Айнӣ,* Куллиёт). ... ситораҳо монанди **чилчароғи** шифти хонагӣ медурахшиданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Номи бисьёр асбобҳои мусиқӣ дар асоси ҳамин қолаб, аз рӯи шумораи торҳояшон ва номи бисьёр мақомҳо дар асоси шумораи мақому зарб сохта шудаанд: **дутор, сетор, чортор, шашмақом, чорзарб, дугоҳ, сегоҳ, чоргоҳ** ва монанди инҳо.

Номи рӯзҳои ҳафта низ ба ҳамин тариқ таркиб ёфтааст: **якшанбе, душанбе, сешанбе, чоршанбе, панҷшанбе.**

Ин гуна исмҳои мураккаб инчунин бо ёрии суффиксҳои -а ва -чӣ таркиб меёбанд: **панҷшоха, чорчӯба, себарга, дураҳа, чорраҳа, чоркунҷа, чорпоя, сепоя, дубайта, чорбайта, садцентнерчӣ, ҳазоркилочӣ** ва ғайра.

...ба болои онҳо **чорчӯбаҳои** секунҷашакл ниҳода буданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Русзанаки ҳамсоя сатили пуробро ба **сепоя** овезон карда монд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Дар сари **чорраҳа** дар байни дарахтон, дар болои таҳкурсии гирдаи баланде... ким-чӣ хел одамҳои сиёҳи шапкапӯш беҳаракат истода буданд (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Садцентнерчии** колхоз Ҳалимахон боре гуфта буд, ки агар машина кор карда истад, дар зери овози он пахта чидан чӣ тавр осонтар аст (*П. Толис,* Повесть ва ҳикояҳо).

IV. **Исмҳои мураккабе, ки аз исму асосҳои феълӣ таркиб ёфтаанд.** Дар таркиб ёфтани исмҳои мураккаб асосҳои феъл фаровон истифода мешаванд. Дараҷаи истеъмоли асоси замони ҳозира аз асоси замони гузашта якчанд бор зиёдтар мебошад.

А. **Таркиб ёфтани исмҳои мураккаб аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл.** Аз исму асоси замони ҳозираи феъл қариб ҳамаи хелҳои исм таркиб меёбанд.

1. **Исмҳое, ки шахсро мефаҳмонанд.** Ин гурӯҳи исмҳои мураккаб аз исму асоси замони ҳозираи феъл бевосита таркиб меёбанд. Исм ҳама вақт ҳамчун ҷузъи якум ва асоси феълӣ ҳамчун ҷузъи дуюм воқеъ мешавад. Асоси феълӣ ҷузъи асосӣ буда, исм ба вай тобеъ шуда меояд ва ҷузъҳои калима ба ҳам дар муносибати объекту амал мебошанд.

Исмҳое, ки аз асоси замони ҳозираи феъл ва исм таркиб меёбанд, шахсро аз рӯи ихтисос, касбу кор ва машғулият ифода менамоянд. Ба кадом ихтисос ва касбу кор машғул будани шахсро ҷузъи номии калимаи мураккаб далолат мекунад. Мисол: **адабиётшинос, забоншинос, роҳсоз, роҳзан, сабадбоф, қолинбоф, сабзавоткор, саҳифабанд, соатсоз, танӯрсоз, таърихнавис, таърихшинос, тиллоков, тунукабур, фолбин, фӯтболбоз, фӯтабоф, хазинадор, тунукасоз, хаскаш, хоркаш, шонасоз, шонатарош, ямокдӯз, ҷуфтрон, алочабоф, мурдашӯ, коргузор, раҳнамо, китобдор, рикобдор** ва ғайра.

Ман аз ин сухани сартарош огоҳӣ ёфта, ба сари Қорӣ-ишкамба бо диққат назар андохта будам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Тамоми бофандагони сумикорхӯр (коргарони муздӣ) ва **рӯмолбоф, шоҳибоф, махмалбоф, атласбоф, саллабоф** (саллаи пишовурӣ) ва дигар **абрешимбофон, адрасбофон, беқасаббоф** ва **олчинбарбоф,** ки торашон абрешимин ва пудашон ресмони пахтагӣ буд, фақат аз мардон иборат буда, корҳои ёрирасони каммузд, аз қабили найчаандозӣ ва бофзаниро занон анҷом медоданд (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон). Ниҳоят ба сайди моҳӣ рафтам ва **моҳипаз** шудам (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). ...оянда **обдор** набуда, Сафарғулом буд (*С. Ай-*

нӣ, Ғуломон). Ба болои ин мактабдор аз бачаҳо ҳеҷ хабардорӣ наменамуд, ҳама **қиморбоз** ва **бедонабоз** шуда рафтанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Аз асосҳои феълӣ калимаҳои **шинос, соз, боф, навис, дӯз, дор** дар таркибьёбии ин гурӯҳи исмҳои мураккаб серистеъмол ҳисоб меёбанд. Дар баъзе мавридҳо асосҳои феълӣ маънои луғавиашонро то як андоза суст карда, ҳатто бо суффикси **-чӣ** ҳамвазифа мешаванд: **таърихшинос-таърихчӣ, пайшинос-пайчӣ, ишшинос-ишчӣ, хазинадор-хазиначӣ, ямоқзан-ямоқчӣ** ва ғайра.

Исмҳои мураккаби **ранҷбар, мустамликадор, хабаркаш, миёнарав, суханчин** шахсро аз рӯи мавқеи иҷтимоӣ ва хислату характераш нишон медиҳанд.

2. **Исмҳое, ки предметро ифода мекунанд.** Бо исму феъл таркиб ёфта, номи предметро ифода намудани исмҳои мураккаб ба забони тоҷикӣ характернок аст. Дар ин гурӯҳи исмҳо ҳам ҷои ҷузъи тобеъкунанда қатъист, вай дар ҷои дуюм[1] воқеъ мешавад ва муносибаташ ба ҷузъи тобеъ ҳамчун муносибати амал ба объект воқеъ мешавад.

Исмҳои мураккабе, ки предметро номбар мекунанд, бо ду роҳ таркиб ёфтаанд:

1. **Бе ягон воситаи грамматикӣ: сарпӯш, сардӯз, миёнбанд, хокандоз, шохбанд, ҷорӯб, оҳанрабо, қаҳрабо, тахтабанд, арақчин, токбур** ва ғайра.

2. **Ба воситаи суффиксҳо:**

а) Дар ташаккули ин гурӯҳи исмҳои мураккаб бештар суффикси **-ак** иштирок мекунад ва басо сермаҳсул аст: **обпошак, атрпошак, тухмпошак, мӯйчинак, оташгирак, ҳалқадавак, саргирак, бодбезак, бодбарак, дастпӯшак, дастшӯяк, либосовезак, дастгирак, мушгирак, обчинак** ва ғайра.

Исмҳое, ки паррандагон ва ҷонворонро номбар мекунанд, аз исму асоси замони ҳозираи феъл танҳо бо суффикси **-ак** таркиб меёбанд: **шабпарак, чархресак, тортанак, лойхӯрак, моҳихӯрак** ва ғайра.

б) Исмҳои мураккабе, ки предметро мефаҳмонанд, ба воситаи суффикси **-а** низ таркиб меёбанд: **хокрӯба, хасрӯба, пойтоба, барфрӯба, говрона** ва ғайра.

Дар таркиб ёфтани исмҳои мураккаби абстракт суффикси **-ак** сермаҳсул мебошад: **гапгузаронак, нонхӯрак, байтбарак ,хонаковак, гӯштобак, яхмолак** ва ғайра:

Ҳамон рӯз бой ва усто як соат ба болои Истад **гапгузаронак** карданд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Вақто ки дар аснои **нонхӯрак** заргар ба ҳавлии дарун даромад, Шамсия шунавид, ки Оймулло аз шавҳараш мепурсад (*Ҷ. Икромӣ*, Дух-

---

[1] Дар калимаи **нӯшдору** чунин ба назар мерасад, ки ҷузъи асосӣ **дору** буда, **нӯш** хусусияти таъиноти дорад, бинобар ин ҳамчун ҷузъи якум воқеъ шудааст.

тари оташ). ... ман таклиф мекунам, ки аз пионерон отряд ташкил карда **хонаковак** кунонем (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Маълум аст, ки суффикси асосии исми абстрактсоз **-ӣ** мебошад. Дар исмҳои мураккаби абстракт ду вазифаи суффикси **-ӣ** мушоҳида карда мешавад:

1) суффикси **-ӣ** аз асосҳои мураккаб, ки аз исму асоси замони ҳозираи феъл бе ягон восита таркиб ёфтаанд, исми абстракт месозад: **ошпазӣ, ҷомашӯӣ, нахӯдпазӣ, шеърхонӣ, каллазанӣ, зӯроварӣ, шоҳибофӣ, шабнишинӣ, миёнаравӣ, гӯштингирӣ, хонашинӣ, богдорӣ, ҳайвонотпарварӣ, базмгардӣ, чойҷӯшонӣ, мӯҳраканӣ, дорусозӣ** ва ғайра;

2) суффикси **-ӣ** на танҳо исми абстракт месозад, балки барои ҳамчун исми мураккаб таркиб ёфтани исму асоси замони ҳозираи феъл ёрӣ мерасонад. Дар ин вазифа суффикси **-ӣ** мисли вазифаи аввалааш, ки вазифаи асосӣ ва маъмулу машҳури вай мебошад, серистеъмол ва сермаҳсул нест. Ҷузъҳо ба ҳам баъзан дар муносибати субъекту амал, объекту амал бошанд, баъзан ҳамчун феълҳои таркибӣ воқеъ мегарданд: **меҳмонӣ, сабркунӣ, ҳайвончаронӣ, рӯзгузаронӣ, нафасгирӣ:**

...**меҳмонӣ** қариб ба поён расид (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Сабркунӣ** ёд бигирам? *(«Садои Шарқ»).* **Ҳайвончаронии** баъд аз пешини Соро бисьёр дароз накашид (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Шунидам ман фақат дарро кушода,
Нафасгирии аҳли хонавода.

(*М. Турсунзода,* Ас. мунт.)

Б. **Таркиб ёфтани исмҳои мураккаб аз исму асоси замони гузаштаи феъл.** Аз исму асоси замони гузаштаи феъл исмҳои шахс ва предметҳои конкрет басо кам сохта мешаванд. Чунончи: **падархонд, додархонд, номзад, хорбаст, шохбаст:**

Бе ин ҳам падарам ба ҳавлии **бародархонду хоҳархондаш** рафтуой дошт (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон). Ба дарахтҳо, ба деворҳои боғ, ҳатто то **хорбастҳои** сари девори он бо нигоҳи охирин ҳарисона нигоҳ кард (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Аз исму асоси замони гузаштаи феъл исмҳои мураккаби абстракт бе ягон воситаи грамматикӣ таркиб меёбанд: **саргузашт, чашмдошт, ёдбуд, ҷамъомад, маънидод, нишондод, қаламдод, талабдошт, салоҳдид, ёддошт, саромад, сарнавишт, саргузашт:**

Ҳикояҳои Раҳими Қанд бештарин аз **саргузашт ва ёддоштҳои** худаш, аз аҳволи худаш ва аз дида ё шунидаҳояш буд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). ...мо ба **ҷамъомад** ва намоишҳои шумо монеъ намешавем (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон). Ҷамолиддин Каримзода (донишҷӯи курси чорум) шеъри ба ёдбуди Ҳаким Карим эҷод намудаи худро хонд («Маориф ва

маданият»). Аз рӯи **маънидоди** ӯ чангу гард ва арақ омехта шуда, ба чашм даромада сӯзиш мекунанд (*Б. Ортиқов,* Гули сурх).

V. **Исмҳои мураккабе, ки аз исму сифати феълӣ таркиб ёфтаанд.** Бо ин қолаб таркиб ёфтани исмҳои мураккаб каммаҳсул мебошад. Исмҳое, ки аз исму сифати феълӣ таркиб ёфтаанд, шахс ва предметро мефаҳмонанд: **бастакор, шикастапора, мурдахона** ва ғайра:

Модари пуршафқати **ояндаавлодон** туӣ (*М. Турсунзода,* Ас. мунт). Фирӯза аз пеши дари **мурдахона** гузашт (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

VI. **Исмҳои мураккабе, ки аз ду сифат бевосита ва ё бавосита таркиб ёфтаанд: навобод, пастхамӣ** ва ғайра.

VII. **Исмҳои мураккабе, ки аз сифату асоси замони ҳозираи феъл** таркиб ёфта, исмҳои конкретро бевосита, вале мафҳумҳои абстрактро ба воситаи суффикси **-ӣ** ифода менамоянд: **якканавоз, аккатоз, дурбин, яккабанд, хамгашт, ростӣ, калонгирӣ:**

Баъзе «корнома»-ҳои ин **яккатозон** дар қисмҳои ояндаи «Ёддоштҳо» зикр хоҳад шуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ӯ **яккабандро** аз сараш кушода, арақи рӯю гарданашро пок кард (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Ин ростӣ** бисьёр дер накашид (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

VIII. **Исмҳои мураккабе, ки аз такрори ҷонишини шахсии ман,** инчунин аз ҷонишини нафсии **худ** ва асоси замони ҳозираи феъл ба воситаи суффикси **-ӣ** таркиб ёфта, амал ва аломату ҳолатро мефаҳмонанд: **ман-манӣ, худзанӣ, худдонамӣ, худдорӣ** ва ғайра:

Моҳрӯй! Худро бой мадеҳ, **худдорӣ** кун (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Лекин дар табиати ӯ ҳамон хислати **«худдонамӣ»** ҳанӯз вуҷуд дошт (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ҳазор гирьяву қасам, **худдонию** рӯйхароший модарам як пула суд надошт (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон).

IX. **Исмҳои мураккабе,** ки аз сифати феълии исмшуда ва асоси замони ҳозираи феъл бевосита таркиб ёфта, шахс ва номи амалро далолат мекунад: **мурдашӯ, шикастабанд, шикастапайванд:**

Ӯ дар вақти хурдсолиаш аз дарахт ғалтида, як пояш шикаста будааст ва дар натиҷаи нодуруст бастани **шикастабанд** пои чапаш аз пои росташ ду ангушт кӯтоҳ шуда монда буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

X. **Исмҳои мураккабе, ки аз калимаҳои тақлидӣ ва асоси замони ҳозираи феъл,** ки чун феъли таркибӣ омадаанд, ба воситаи суффикси **-ӣ** таркиб ёфтаанд:

Бисьёр дер накашид, ба **шиппасзании** поҳои нозук **хишшосзании** куртаи шоҳии бухории нав ҳамроҳ шуд (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Аз феълҳои таркибӣ ба воситаи суффикси **-ӣ** сохтани исмҳои абстракт дар забони тоҷикӣ басо серистеъмол аст: **коркунӣ, азхудкунӣ, ҷамъоӣ, ҳосилшавӣ** ва ғ.

Исмҳое, ки аз се ҷузъ иборатанд

Исмҳое, ки аз се ҷузъи мустақилмаъно иборатанд, дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба таври фаровон истеъмол меёбанд. Ин гурӯҳи исмҳо аз ҳиссаҳои мухталифи нутқ бо роҳҳои гуногун таркиб меёбанд. Исмҳои сеҷузъа асосан аз ибораҳо таркиб ёфта, суффиксҳо баъзан ҳамчун воситаи асосӣ хизмат мекунанд.

Исмҳои сеҷузъа бештар макон ва мафҳумҳои абстрактро ифода мекунанд, номи предметҳо ва ҷонварон бо ин роҳ хеле кам сохта мешавад.

1. Исмҳои абстракт аз ибораву ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба воситаи суффикси **-ӣ** таркиб меёбанд:

а) аз исмҳои мураккаб ва асоси замони ҳозираи феъл, ки машғулиятро ифода мекунанд. Ин гурӯҳи исмҳои сеҷузъа дар қолиби исмҳои дуҷузъа таркиб ёфтаанд, ки аз ҳиссаҳои номии нутқу асоси замони ҳозираи феъл ба воситаи суффикси **-ӣ** сохта мешаванд: **шашмақомхонӣ, чаҳормағзбозӣ, зиёратномахонӣ, саломномахонӣ, нахӯдшӯракфурӯшӣ, донашӯракпазӣ** ва ғайра:

Дар кӯчаҳо бачаҳо **чаҳормағзбозӣ** мекарданд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Дар аснои **зиёратномахонӣ** вай афту башараи худро каҷу килебкунон мегирист (*Ҳ. Ирфон,* Дар кулбаи косибон). Баъд аз маросими никоҳ ва **саломномахонӣ** ӯро ба пеши арӯс даровардаанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Баъзе исмҳои сеҷузъа бо ҳамин қолаб сохта шуда бошанд ҳам, ҷузъи дуюму сеюм феъли таркибӣ буда, бо ҷузъи якум ҳамчун муносибати амал ба объект воқеъ шудааст:

...Ӯ шабе бо мо базм рафта, дар бозгашти он базм базмковӣ, базмьёбӣ ва **базмтамошокунии** моро дар қитъае тасвир карда буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ғайр аз инҳо барои **мурғбирьёнкунӣ, равғандоғкунӣ** дегҳои калони чӯянӣ шинонда шуда буд (*С. Айнӣ,* Ғуломон);

б) аз ибораи изофӣ ва асоси замони ҳозираи феъл, ки машғулияту касбро далолат мекунанд: **мактабинавкушой, мардикоргирӣ, ҳалвоисобунпазӣ, обихомнӯшӣ, обиҷӯшфурӯшӣ, занбӯриасалпарварӣ, ҳакимардумхӯрӣ** ва ғайра:

Самоворхонаи гузар чойхона набуд ва қобили нишастан ҳам набуд, балки як хонаи сиёҳи дудолуди ифлос буд, ки вазифаи соҳиби он танҳо **обиҷӯшфурӯшӣ** буд, на чои тайёр (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Мулло Рӯзӣ аз **обихомнӯшӣ** ҳам маро манъ кард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Ҳалвоисобунпазии** Мирзо Абдулвоҳид (*С. Айнӣ,* Куллиёт);

в) аз ибораҳои пешояндӣ: **азнавбавуҷудоварӣ, азнавбарпокунӣ, азнавбарқароркунӣ, азнавдидабарой, азҳамҷудокунӣ, азнавимтиҳонкунӣ, азнавтарбиякунӣ, азнавташкилдиҳӣ, азнавтақсимкунӣ** ва ғайра.

Таркибьёбии исмҳои мазкур дар қолаби исмҳои мураккабе воқеъ шудааст, ки аз пешоянду ҳиссаи номии нутқ ва асоси замони ҳозираи феъл иборатанд: **азмиёнравӣ, азнавдӯзӣ, азкорбарорӣ, азкормонӣ, азназаргузаронӣ** ва ғайра.

2. Исмҳои сеҷузъа шахс, предмет ва ҷонваронро низ мефаҳмонанд, ки онҳо ҳам аз ибораҳо ва ҳиссаҳои гуногуни нутқ бевосита ва ё бавосита таркиб меёбанд:

а) Насруллобой ном як **шашмақомхони** шастсола буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Рӯзи дуюм саллаи муллобачагиро партофта ва ба қиёфаи **мардикорбачагон** даромада ба Регистони Бухоро... рафтам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ясавулони дарбор мувофиқи фармоиши амир **намадисиёҳпӯшонро** ... ҷой доданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

б) Исмҳои ифодакунандаи предмету ҷонварон асосан бо суффикси **-ак** таркиб меёбанд: **хаткӯркунак, қаҳваордкунак, лабсурхкунак, кӯршабпарак:**

Фақат **кӯршабпаракҳо** аз вай мегурезанд, чунки тоби рӯшноӣ надоранд (*А. Деҳотӣ,* Куллиёт). Фақат баъди ҳамин вай ба Леднев чизҳои ёфтаи худ — қапчуқи занона, ойнача, сафедидон, **лабсурхкунак** ва мактуберо дароз кард («Садои Шарқ»).

Ин гуна исмҳо инчунин аз ҷузъҳое таркиб меёбанд, ки дуи аввал ба ҳам дар муносибати пайвастӣ буда, ба ҷузъи сеюм, ки одатан бо асоси замони ҳозираи феъл ифода меёбад, бевосита ва ё бавосита тобеъ мешаванд: **дастрӯймол, дастурӯйшӯяк.**

3. Исмҳои макон аз се ҷузъ иборат бошанд ҳам, дар ин ҷо бештар ҷузъи асосӣ **хона** буда, дар охир меояд ва ду ҷузъи аввал, ки якумӣ одатан исм буда, дуюмӣ асоси замони ҳозираи феъл мебошад, ҳамчун исми мураккаби ифодакунандаи шахс аз рӯи касбу кор ва машғулият воқеъ мегарданд: **ҷомашӯйхона, сартарошхона, аробакашхона, шиннипазхона, амлокдорхона, қиморбозхона:**

Ба болои ин аробакашони **аробакашхонаи** Файзобод дар ҷасорат, дар гапнабардорӣ, дар озодагардӣ ва ҷангарагӣ шӯҳрат доштанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар **кнрокашхона** яке аз харкорон дар миёнаҷои роҳ истода маро пешвоз гирифт (*С. Айнӣ,* Куллиёт). ... ман ӯро ду сол пеш аз он мулоқот дар деҳаи Регзор, дар **шиннипазхона** дида будам (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Исмҳои **пахтахушккунак, мевахушккунак,** ки аз се ҷузъ иборат мебошанд, ба воситаи суффикси **-ак** таркиб ёфтаанд.

ИХТИСОРАҲО

Ихтисораҳо дар забони адабии тоҷик бо таъсири забони русӣ ба вуҷуд омадаанд ва ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) ихтисораҳои забони русӣ бе ҳеҷ гуна тағйирот истифода мешаванд: совхоз, колхоз, комсомол, СССР, ВКП(б), МТС, ТАСС, ДОСААФ;

2) ихтисораҳои забони тоҷикӣ, ки ба тақлиди ихтисораҳои забони русӣ сохта шудаанд, ба таври зер ихтисор карда мешаванд:

а) аз ҳар калимаи ибора танҳо ҳарфи аввал гирифта мешавад.

Ин усули калимасозӣ сермаҳсул буда, аз навъҳои дигари ихтисораҳо бартарӣ дорад: АФ — Академияи фанҳо, ВАБК — Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ, ВХҚ — Вазорати хоҷагии қишлоқ, ИМТИМ — Институти марказии такмили ихтисоси муаллимон, ИТИИП — Институти тадқиқи илмии илмҳои педагогӣ, КМ — Комитети Марказӣ, НКХХ — Намоишгоҳи комьёбиҳои хоҷагии халқ, ПД — партияи демократӣ, РАСС — Республикаи Автономии Советии Социалистӣ, РДА — Республикаи Демократии Афғонистон, РХДА — Республикаи Халқии Демократии Алҷазоир, ТДМ — Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида, УДТ — Университети Давлатии Тоҷикистон, ШМА — Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ЭСТ — Энциклопедияи Советии Тоҷик, ҶИС — Ҷамъияти илмии студентон;

б) аз ҳар калима ҳиҷои аввал гирифта мешавад: Нашрдавтоҷ — Нашриёти давлатии Тоҷикистон;

в) ҳиҷои аввали калимаи якум ва шакли пурраи калимаи баъдина гирифта мешавад: Комиҷроия — Комитети иҷроия;

г) аз калимаҳои аввал ҳарфи аввал гирифта шуда, калимаи охирин, ки одатан соҳибиятро далолат мекунад, пурра оварда мешавад: РСС Тоҷикистон, КМ ПК Тоҷикистон.

БА ИСМ ГУЗАШТАНИ ДИГАР ҲИССАҲОИ НУТҚ

Ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ дар забоншиносӣ **субстантивация** ном дорад. Субстант калимаи лотинӣ буда, маънояш исм аст.

Субстантивация се хел мешавад: **пурра, нопурра** ва **матнӣ**. Дар субстантивацияи пурра калима аз дигар ҳиссаи нутқ комилан ба исм гузашта, танҳо ҳамчун исм истифода мешавад: беқасаб, шоҳӣ, ришта, парранда. Субстантивацияи нопурра чунин аст, ки калима аз дигар ҳиссаи нутқ ба исм пурра нагузашта, ҳамчун исм истифода шавад ҳам, гоҳо ва дар мавридҳои муайян ба вазифаи аслии худ меояд: гадо,

камбағал, ронанда, намоянда. Агар калимаи мансуби дигар ҳиссаи нутқ танҳо дар матн, дар ҷараёни нутқ ҳамчун исм истифода шавад, вай субстантивацияи матнӣ аст: либосҳои **соҳибҷамол**, нозҳои **абрӯкамон, равандаи** танҳогард, назар ба **дарьёфти** худам, **гашти** асп, **баромади** офтоб. Калимаҳое, ки бо усули субстантивация ба исм гузаштаанд, категорияҳои грамматикии онро қабул карда, монанди исм ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла меоянд: Баъзе **соддалавҳон** ё **риёкорон** афсонаи болоиро ҳам бо ин кӯшиши худ сабаб нишон медиҳанд (Айнӣ). **Ҷавоне** аз **хирадманде** мепурсад (Айнӣ).

Исмшавии сифат. Дар забони адабии тоҷик ба исм аз дигар ҳиссаҳои нутқ дида сифат бештар мегузарад. Сифатҳое ҳастанд, ки дар давраи дурударози таърихӣ ба исм гузашта, ҳоло танҳо ҳамчун исм истеъмол меёбанд. Калимаи **бекасаб**, ки аслан аз исми **касаб** (матои нафис, матои бо тиллову нуқра дӯхташуда) бо префикси **бе-** сохта шуда ба сифат гузашта буд, ба ҳамин гурӯҳ мансуб мебошад. Ин калима ҳоло дар забон ҳамчун исми рехта ҳисоб меёбад ва як навъи газворро ифода мекунад. Калимаи **шоҳӣ** низ ҳоло танҳо ҳамчун исми ифодакунандаи як навъи газвор истифода мешавад.

Дар таркиби «Саидризо Ализодаи **самарқандӣ**» калимаи **самарқандӣ** ҳоло ҳамчун сифати нисбӣ ҳисоб меёбад, аммо чунин таркибҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ниҳоят кам вомехӯранд ва калимаҳои **самарқандӣ, хуҷандӣ, бухорой, кӯлобӣ** ва амсоли инҳо ҳамчун исм истеъмол меёбанд.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи **ҷавон, пир** аслан сифатанд, дар ҷумла асосан ҳамчун исм истифода меёбанд:

Бинобар он Мулло Вафо ғазалҳои худро ба он **ҷавонон** ёд кунонд... (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Мӯйсафедҳои** гузар аз дур ҷастухезҳои шайхи «араб»-ро тамошокунон дар зери лаб механдиданд... (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

Ба вазифаи исм омадани сифатҳо дар матн хеле бисьёр мушоҳида мешавад. Чунончи, мисли калимаҳои **соҳибҷамол, хуб, бад, некӯ, хирадманд, донишманд, тарсончак, соддалавҳ, калон, нокас** сифатҳои зиёдеро номбар кардан мумкин аст, ки ҳамчун исм воқеъ шуда, суффикси ҷамъбандӣ қабул менамоянд:

Либосҳои **соҳибҷамолон** ҳам аз порчаҳои нав буд... (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Чунон тасвири ҳуснатро кашидам,
Ки дида мот гардад шоҳи **хубон**!

(*А. Деҳотӣ*, Куллиёт).

Баъзе **соддалавҳон** ё **риёкорон** афсонаи болоиро ҳам бо ин кӯшиши худ сабаб нишон медиҳанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Дар сафи пӯлодии ҷанговарон,
Ҷо набувад ҳеҷ ба **тарсончакон**.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Дар забони адабии тоҷик исми хос шуда омадани ҳам сифатҳои аслӣ ва ҳам сифатҳои нисбӣ мушоҳида мешавад. Чунончи, **Ширин** ва **Сангин** аз номҳои паҳншудаи тоҷикӣ мебошанд, ки яке аз сифати аслӣ ва дигаре аз сифати нисбӣ ба исм гузаштааст.

Исмшавии сифати феълӣ. Исмшавии сифати феълӣ ба исмшавии сифат хеле монанд аст. Чунончи, **нависанда, хонанда, парранда, хазанда, бофанда** барин бисьёр сифатҳои феълӣ дар даврахои дурударози инкишофи таърихии забон ба категорияи исм гузаштаанд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик аз асоси замони ҳозираи феъл бо суффикси **-анда** сифати феълӣ сохта шавад ҳам, калимаҳои мазкур, ки дар асоси ҳамин қолаб сохта шудаанд, ҳамчун сифати феълӣ тасаввур намешаванд ва аз ин категорияи грамматикӣ берун баромадаанд. Калимаҳои **намоянда, ронанда** нисбатан дертар пайдо шуда бошанд ҳам, ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд:

Ман нахостам **хонандагони** ҷавоне, ки баъд аз он ба майдон омадаанд, коргар ва колхозчиёне, ки баъд аз он саводнок шудаанд, аз мутолиаи ин порча маҳрум монанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Баъзе хӯшаҳо бо нишастани **паррандагон** ба болои худашон, ё бо нӯл задани онҳо аз камоли пухтагӣ, хушкӣ ва пурборӣ шикаста ба замин меафтоданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

На танҳо сифатҳои феълии бо суффикси **-анда**, балки сифатҳои феълии бо суффикси **-а** ҳам дар давраи дурударози инкишофи забон ба исм гузаштаанд. Масалан, калимаи **ришта** дар забони адабии ҳозираи тоҷик предметро ифода мекунад:

Аз **риштаҳои** ростӣ як рағза хоҳад ӯ,
Аз қатраҳои мухталиф як баҳр карданист.

(*Қутбӣ Киром*, Фарзанди кӯҳ)

...Афсона аст ин сухан, бовар намекунам,
Ин **ришта**и гусистаро афсар намекунам.

(*Қутбӣ Киром*, Эъҷози одамӣ)

Сифатҳои феълӣ ҳам агар мисли сифат ба исм гузаранд, суффикси ҷамъбандӣ қабул менамоянд. Ин ҳолат дар ҳамаи навъҳои сифати феълӣ дида мешавад:

... дар растаҳо **ояндагон** ва **равандагон** ҳам кам буданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Қудошавандаҳоятон** ҳам, ба фикрам, барои духтарбинӣ намеоянд (*С. Улуғзода*, Калтакдорони сурх).

Аз **гуфтаҳои** бобои пойафзолдӯзони Самарқанд маълум шуд, ки Сафару Ҳотам он ҷо рафта, бо бобо вохӯрдаанд.. (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Лекин аз **навиштаҳои** ӯ фоидае нест (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Нишастагон** ғуррӣ карда мехезанд («Садои Шарқ»). Аз **саркардаҳо** касеро намешиносед? (*С. Улуғзода,* Калтакдорони сурх).

Исм шудани аксарияти сифатҳои феълӣ, ки суффикси ҷамъбандӣ қабул накардаанд, маҳз дар матн маълум мешавад:

Ман бедиққатона **бастаро** кач монда будаам, ки қаламдони шаффоф аз байни коғази лӯлапеч кардашудаи **шаффоф** ғежида баромада, ба тарафи чӯй шорида рафтааст (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Оянда** ба назарам торик буд (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Намояндагон, ба тарзе ки намуди зоҳири онҳо дар дили ҳар **бинанда** воҳимаи андӯҳомезе меангехт, пиёда ба роҳ даромада, аз болои кӯҳи Карнаб рост ба Кармина рафтанд... (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Равандаи** танҳогарди мо тахминан панҷсад қадам боло рафт (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Исмшавии сифатҳои феълии гузаранда ва ба исм гузаштани сифатҳои феълӣ бо суффикси **-ӣ** ва **-анда** нисбатан зиёдтар мебошад.

Ба вазифаи исм омадани феъл. Ба вазифаи исм омадани феълҳо асосан дар матн, дар асоси вазифаи синтаксисии онҳо маълум мешавад. Чунончи, дар мисолҳои зерин калимаҳои **дарьёфт** ва **омад** ба вазифаи исм омадаанд:

... назар ба **дарьёфти** худам беҳтарин одамони замони мо мебошанд... *(С. Айнӣ,* Куллиёт). **Омади** корро бинед... (*Б. Ортиқов,* Гули сурх).

Дараҷаи аз як ҳиссаи нутқ ба дигаре гузаштан як хел нест. Баъзе калимаҳо баробари ба дигар ҳиссаи нутқ гузаштан маънои луғавии худро нигоҳ медоранд, аммо маънои луғавии баъзеашон тағьир меёбад. Тағьирьёбии маънои луғавӣ ҳангоми ба исм гузаштан бештар ба феъл мансуб аст. Чунончи, дар мисолҳои зерин маънои луғавии калимаи **баромад**, ки суффикси ҷамъбандӣ гирифтааст, кам тағьир ёфта бошад, калимаҳои **даромад, банд, буду нобуд** маънои луғавии худро тамоман тағьир додаанд:

Ман дар як боғ аз деҳқоне, ки ӯро соҳиби боғ гумон карда будам, аз сояи боғ чӣ қадар **даромад** доштанашро пурсидам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Назар ба қавли Ҳомидбек, Аҳмад-махдум ҳамаи **даромадҳояшро**, ки аз роҳҳои дар боло баёньёфта меомаданд, харҷ мекард... (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ман шохаҳои шикаста партофтаамро зуд ғундошта бо химчаи бед бастам ва **бандро** ба китфам бардошта ҳамроҳи ӯ равон гаштам (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Амлокдори хонасӯз,
Омад ба монанди бало,

Тороҷу толон карду рафт
Ҳар **буду нобуди** маро.

(*А. Деҳотӣ*, Куллиёт)

Ба категорияи исм гузаштани феълҳо, аз як тараф, ба ҳодисаи омонимии ноқис ва сермаъноии калимаҳо вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба он вобаста аст, ки дар матн ба кадом вазифа омадааст. Аз ин рӯ, бо маънои аслии калима муносибат доштани феълҳои ба исмгузашта ҳис карда шавад ҳам, баъзеи онҳо маънои пурраи предметӣ мегиранд ва ҳатто исмҳои конкретро ифода мекунанд. Аз ин ҳисоб пурра шудану зиёд гардидани исмҳо ба забони адабии ҳозираи тоҷик характернок аст.

На танҳо сифат ва сифати феълию феъл, балки дигар ҳиссаҳои нутқ ҳам ба вазифаи исм омада метавонанд. Чунончи, дар мисолҳои зерин шумораи **як** ба категорияи исм гузаштааст, артикли -е қабул намуда, дар ҷумла ҳамчун мубтадо воқеъ шудааст:

Яке бемӯй буду сап-сафедак,
Дигар мӯи сияҳ буд печ-печак.
Яке ором, дигар бесаранҷом,
Яке шакле гирифта, дигаре хом.

(*М. Турсунзода*, Ас. мунт.)

Шумораи **ҳазор** ба категорияи исм мегузарад ва суффикси ҷамъбандии **-он** қабул намуда, на танҳо бисьёрии предмет, балки худи онро ҳам далолат мекунад:

Халққо, ки манораш зи бузургеш нишон аст,
Дар сояи теги карамаш хуфта **ҳазорон**.

(*П. Сулаймонӣ*, Маҷмӯаи шеърҳо).

Шумораҳои касрии **ҳафтьяк** ва **даҳьяк** дар таърихи инкишофи забон маънои нав пайдо карда, ҳамчун исм истифода шудаанд:

Ман он **ҳафтьяки** фарсударо барои ёдгорӣ аз он рӯзҳо ҳанӯз нигоҳ доштаам (*Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон). ...ҳар сол аз ҳазор адад **даҳьяки** ба даҳьякхӯрон додашаванда ба сабаби мурдан, ба сабаби ба мансабҳои калони илмӣ, ки даромадаш ду ҳазор танга ё зиёдтар аз он бошад, расидан, ба сабаби бо ихтиёри худ аз баҳри **даҳьяк** гузаштани баъзе даҳьякхӯрон сад-саду панҷоҳ адад **даҳьяк** холӣ мешуд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

СИФАТ

СИФАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКИИ ОН

Сифат ҳиссаи мустақилмаъноӣ нутқ буда, аломат, хосият ва чигунагии предмет ва ё ба он аз ягон ҷиҳат алоқамандро ифода мекунад.

Сифат бо исм алоқаи ҷудонашаванда дошта, худи предмети грамматикиро не, балки хосият, вазъият, нисбат ва ҳолату чигунагии предметро дарбар мегирад.

Сифат ҳамчун ҳиссаи нутқ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

1) Сифат аз ҷиҳати маъно аломати предметро мефаҳмонад ва ба саволҳои **чӣ гуна?, чӣ хел?** ҷавоб мешавад.

2) Ҷамъбандӣ ба сифат хос нест. Бинобар ин дар ибораи изофии тавсифӣ, исм хоҳ дар шакли танҳо ояд, хоҳ дар шакли ҷамъ, сифати он дар шумораи танҳо мондан мегирад: манзараи **зебо** — манзараҳои **зебо**, абри **сафед** — абрҳои **сафед**.

3) Сифат дараҷа дорад, нишонаи морфологии он суффиксҳои **-тар, -тарин** мебошад.

4) Сифат аффиксҳои махсуси калимасоз дорад. Дар калимасозии сифат суффиксҳо ва префиксҳо қариб баробар истифода мешаванд.

Баъзе сифатҳо бо ду воситаи грамматикӣ: ҳам бо префиксу ҳам бо суффикс сохта мешаванд: **Айёми** бачагии **томактабиам** тобистон дар Соктаре ва **зимистон** дар Маҳаллаи Боло гузаштааст (*С. Айнӣ*, Ёд. ҷ. 1).

5) Аз ҷиҳати синтаксисӣ сифат дар ҷумла пеш аз ҳама муайянкунанда шуда меояд: Ҳамин ки дар доманаи кӯҳе ё марғзоре мерасед, ҳамроҳи боди **форами баҳорӣ** ба димоғатон як хушбӯии **латифе** мерасад (*С. Айнӣ*, Асарҳои мунтахаб). Баъд аз соате нонҳои **гарми сафеди сурхрӯй** бӯи **диловези** иштиҳокушои худро ба тамоми ҳавлӣ паҳн карданд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Ин гуна муайянкунандаҳо пасоянди **-ро** қабул кунанд ҳам, моҳияти синтаксисии худро аз даст намедиҳанд, чунки пасоянди **-ро** гирифтани онҳо танҳо ҷиҳати шаклии масъала буда, он пасоянд на ба муайянкунанда, балки ба исми муайяншаванда мансуб аст: Мо, писарбачагон, дар миёни худамон мегуфтем, ки ин хел духтараки **хушрӯйро** дар умрамон надидаем (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Агар гӯшти **нағзро** ҷӯшонед, шӯрбояш ҳам нағз мешавад (*С. Айнӣ*, Кул. ҷ. 3).

Сифат дар ҷумла инчунин ба вазифаи хабар ва ҳиссаи номии он омада метавонад: Аммо Ҳабиба аз духтари хатиб **донотар, гапзантар**, дар китобхонӣ **устотар** буд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо, ҷ. 1). Садоят **хуш**, ҳавоят **дилнишин** аст, мақомат **олӣ**, оҳангат **матин** аст (*А. Лоҳутӣ*, Куллиёт).

Сифатҳо ба вазифаи ҳоли тарзи амал низ меоянд: Мо ҳам **нағзтар, бароҳаттар** ва **серу пурратар** зиндагӣ кардан мехоҳем (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Мо тобистону зимистон, дар барфу борон, дар офтоби сӯзон **гурусна** ва **ташна, сару побараҳна** дар чӯлу биёбон аз паси ғӯсфандон мегардем (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

ХЕЛҲОИ СИФАТ

Сифат аз ҷиҳати маъно ва вазифаи грамматикиаш ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: аслӣ ва нисбӣ. Ин ду гурӯҳ бо баъзе аломатҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Сифати аслӣ

Сифати аслӣ аломат, хосият ва чигунагии предметро мефаҳмонад. Сифатҳои аслӣ мувофиқи маънои луғавии худ гуногунанд. Онҳо ранг, бӯй, маза, вазн, хусусият, ҳарорат, устуворӣ ва дигар хосиятҳои предметҳоро ифода менамоянд: **сурх, сафед, сиёҳ, зард, кабуд, ширин, талх, бамаза, хушбӯй, бадбӯй, калон, хурд, баланд, паст, майда, вазнин, сабук, ғафс, тунук, борик, васеъ, танг, фарох, гарм, хунук, салқин, мустаҳкам, сахт, мулоим, суст** ва м. ин:

Ман аз ҷой хеста берун баромадам, ҳаво **соф** ва **ором** буд, боди **сабук** мевазид (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Сабза ва себаргаҳои ин чорбоғ **сабзу хуррам** буданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ин хаёлҳои **талху ширин**, ин гумонҳои **неку бад** ва ин васвасаҳои **пурташвиш**, ки ҳеҷ ошиқи **шайдое** аз худ дураш карда наметавонад, Одинаи бехонумонро, ки саргузашти **махсусе** дошт, лаҳзае ба ҳоли худ ором намегузошт (*С. Айнӣ*, Ас. мунт.). Дар таҳти чойчӯш хасу хошокҳои **тару нам** бо дуди **ғафсу тунд** месӯхтанд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Гулбибӣ ҳам аз риши **калони сафеди** Арбоб бо ду даст печонда гирифт (*С. Айнӣ*, Ас. мунт.).

Як гурӯҳ сифатҳои аслӣ аломати ҷисмонии одамон, чигунагии характер ва хислати одамон ва ғайраро ифода менамоянд: **пир, ҷавон, хурд, фарбеҳ, хароб, ҷасур, далер, доно, содиқ, матин, хуб, нек, бад, нотарс, пурқувват, камқувват, тарсончак** ва ғ.

Дар қишлоқ ҳеҷ кас вай барин арӯси **зебо, ҳалиму доно, бо хату савод** надорад (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Дар саҳни майдонча зан ҳамроҳи ҷавони қаддарози **малламӯй** ва **сурхинарӯй**, ки чашмони **осмониранги дилрабо** дошт, истода буд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Вай як одами **сабукҷусса, гандумгун** ва **ришдарозе** буд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Бештарини сифатҳои аслӣ аз рӯи баромад ва пайдоиши

худ калимаҳои решагӣ — аслӣ буда, ба давраи қадимтарини забон мансубанд: **хуб, бад, сурх, сафед, нав, кӯҳна, калон, хурд, пир, ҷавон, рост** ва м. ин.

Дар муқоиса бо сифатҳои нисбӣ чунин хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии сифатҳои аслиро қайд кардан лозим аст.

1) Аксарияти сифатҳои аслӣ калимаҳои решагӣ мебошанд.

2) Сифатҳои аслӣ дараҷаи қиёсӣ доранд: **хуб-хубтар-хубтарин, калон-калонтар-калонтарин.**

3) Мавҷудияти дараҷаи камӣ, зиёдӣ ва хурдию навозиш: **сурхча, кабудча, сурхтоб, кабудтоб, сурхина, зардина, сапсафед, сип-сиёҳ, калонакак, хушрӯякак, зебояк.**

4) Аксари сифатҳои аслӣ калимаҳои антонимӣ доранд: **хуб-бад, калон-хурд, талх-ширин, дароз-кӯтоҳ, равшан-торик...**

5) Аз сифатҳои аслӣ бо ёрии суффикси **-ӣ (-гӣ)** исмҳои абстракт сохта мешаванд: **сафед-сафедӣ, нек-некӣ, тоза-тозагӣ.**

6) Бо зарфи миқдору андоза меоянд: **бисьёр хуб, хеле калон, ниҳоят васеъ, бениҳоят дур** ва ғайра.

Боиси қайд аст, ки ҳар як сифати аслӣ дорои ҳамаи ин хусусияту аломатҳо мебошад. Мавҷудияти ин хусусиятҳо имкон медиҳад, ки сифатҳои аслиро аз нисбӣ фарқ намоем. Сифатҳои нисбӣ ба ин хусусиятҳо соҳиб нестанд.

Сифати нисбӣ

Сифатҳои нисбӣ чигунагӣ ва аломатро аз ҷиҳати нисбат доштани он ба предметҳои дигар ва ҳодисаҳо нишон медиҳанд. Чунончи:

1) Нисбат ба одамон: меҳри **падарӣ**, дӯстии **бародарона**, билети **студентӣ**, забони **модарӣ.**

2) Нисбат ба предметҳо: дарвозаи **чӯбин**, ҳайвони **хонагӣ**, кӯпруки **оҳанин**, ҳамьёни **чармин.**

3) Нисбат ба мафҳумҳои абстракт: меҳнати **фикрӣ**, кори **илмӣ**, отряди **ихтиёрӣ.**

4) Нисбат ба макон: биноҳои **европоӣ**, куртаи **украинӣ**, одами **инҷоӣ**, тоқии **чустӣ.**

5) Нисбат ба замон: ҳодисаи **имрӯза**, шӯъбаи **шабона.**

6) Нисбат ба амал: курси **тайёрӣ**, бози **шикорӣ**, қобилияти **харидорӣ**, органи **шунавоӣ.**

Аз ҷиҳати морфологӣ сифатҳои нисбӣ аз сифатҳои аслӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо дараҷаи қиёсӣ ва антоним надоранд, инчунин камию зиёдӣ ва хурдию навозишро ифода намекунанд. Сифатҳои нисбӣ асосан дар шакли сохта ва пайваста зоҳир мегарданд, сифатҳои аслӣ бошанд, асосан аз ка-

лимаҳои решагӣ иборатанд, аммо баъзан бар хилофи қоидаи қатъии сифатҳои нисбӣ бо таъсири сифатҳои аслӣ баъзеи онҳо суффиксҳои қиёсиро қабул карда, дараҷанок мешаванд, ин ҳолат характери умумӣ надорад ва ҳамчун ҳодисаи ҷудогонаи истисноӣ қайд карда мешавад: **шармгин-шармгинтар, ғамгин-ғамгинтар, равғанин-равғанинтар.**

Ба сифати аслӣ гузаштани сифати нисбӣ

Ҳудуди грамматикии сифатҳои аслӣ ва нисбӣ то андозае шартӣ мебошад. Сифатҳои нисбӣ ба осонӣ дар худ хусусиятҳои сифати аслиро инкишоф медиҳанд. Дар сифатҳои нисбӣ маънои муносибати предметӣ бо маънои аслӣ-хоссагӣ якҷоя шуда, ба ин восита як сифат дар шароити гуногуни нутқ метавонад ҳам нисбӣ ва ҳам аслӣ шавад. Қариб ҳамаи сифатҳои нисбӣ тобиши маъноии сифати аслӣ доранд, ки он тобиш дар мавридҳои ҷудогона мавқеи асосӣ пайдо карда, барои ба сифати аслӣ мубаддал шудан имконият пайдо мекунад, махсусан ҳангоми ба маънои маҷозӣ кор фармудани сифатҳо боиси тағьирьёбии маъно ва аз категорияи нисбӣ ба аслӣ гузаштани онҳо мешавад. Масалан, калимаҳои **оҳанин, пӯлодин, заррин, сангин** аз як тараф, аз кадом материал сохта шудани предметро фаҳмонда, сифати нисбӣ мешаванд (дарвозаи оҳанин, овезаҳои заррин, девори сангин, мехи чӯбин), аз тарафи дигар, аз сабаби ба чӣ гуна аломат доро будани предметҳо ва шахсҳоро ифода намудан ба сифати аслӣ мегузаранд (Бозуи оҳанин, иродаи пӯлодин, интизоми оҳанин, саломи оташин).

Сифатҳои нисбӣ дар сурати ба маънои сифати аслӣ омаданашон ба хусусиятҳои морфологии сифати аслӣ молик мешаванд.

Мисолҳо: — Аз даҳ дақиқа гузаштааст,— ҷавоб дод Ҷамила ба соати **тиллоии** дасташ нигоҳ карда (*Р. Ҷалил*, Шӯроб). Рустам! Номат Рустам бошад ҳам, аз занат ҳам **буздилтар** будай (*С. Айнӣ*, Кул. ҷ. II). Ӯ ҷавони ростқавли **сангин** аст (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Сафаш маҳкаму **оҳанинпанҷа** аст, сари душманонаш дар шиканҷа аст (*Ҳ. Юсуфӣ*). Устод маро Горькии **шамшерқалам** — дар даст маро ба ҷои шамшер — қалам (*Ҳ. Юсуфӣ*).

ДАРАҶАҲОИ СИФАТ

Дараҷанокӣ хусусияти сифатҳои аслӣ мебошад. Сифатҳои аслӣ се дараҷа доранд: **оддӣ, қиёсӣ, олӣ.**

1) Дараҷаи оддӣ. Дараҷаи оддӣ асос ва нуқтаи баромади дараҷаҳои қиёсӣ ва олӣ ҳисоб меёбад. Сифат дар дараҷаи

оддӣ аломат ва чигунагии предметро ба аломат ва чигунагии предмети дигар муқоиса накарда мефаҳмонад: ҳавои **хуб**, манзараи **зебо**, оби **соф**, абри **сафед**, бӯи **хуш**, ҳавои **беғубор**, одами **қадбаланд**:

Бар рӯи суфа як қолини дарози **сербар** паҳн буд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Майдонҳои чормағзу бодомзор, зардолу, шафтолузор ва боғҳои ангури тагобӣ манзараи **зебо ва фараҳфазое** доштанд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Касе, ки ба ин чашмони **сиёҳ**, ба ин абрӯвони **сиёҳ**, ба ин зулфони **сиёҳ**, ба ин холҳои **сиёҳ** гирифтор шудааст, ҳар фикре, ки инҳо илҳо мекунанд, магар нокарда истода метавонад (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

2. **Дараҷаи қиёсӣ.** Сифат дар дараҷаи қиёсӣ мефаҳмонад, ки аломати хоси як предмет нисбат ба предмети дигар ва ё нисбат ба аломати мавҷудаи худи ҳамон предмет ба андозае зиёд ё кам аст. Дараҷаи қиёсӣ ба воситаи ба дараҷаи оддӣ илова кардани суффикси **-тар** сохта мешавад: **калонтар, баландтар, хубтар, хурдтар, ширинтар...**

Барои як ғулом аз озодӣ **беҳтар** ва барои як ошиқ аз висоли ҷононаш **хубтар** коре нест (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Маълум мешавад, ки пои шутур ҳам **сахттар** ва ба сармо **тобовартар** будааст (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр).

Агар предмети қиёсшаванда мавҷуд бошад, дараҷаи қиёсӣ бе овардани суффикси **-тар** ҳам ифода ёфта метавонад:

Ӯ дар синну сол аз ман **калон** ва дар дарс баробари ман буд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Одам аз гул **нозук**, аз санг **сахт** *(зарбулмасал)*.

Агар предмети қиёсшаванда дар ҷумла зикр нагардад, омадани суффикси **-тар** ногузир мешавад:

Имрӯз офтоби ҷонбахш ба қишлоқ доман-доман нур пошида, гулу сабзаро **зеботар**, дарахтони нав баргкушодаро **барнотар**, кӯҳу даштро **хуррамтар** карда буд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Кӯчаҳои шаҳрчаи районӣ бо тамом шудани кор **серодамтар** шуда буд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Дараҷаи қиёсӣ инчунин бо пешояндҳои номӣ-таркибии **нисбат ба, назар ба** низ ифода мешавад. Дар ин сурат ҳам зикр намудани предмети қиёсшаванда дар ҷумла ҳатмист:

Ин хобгоҳаш назар ба хобгоҳи пештарааш **беҳтар** ва **осудатар** аст (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Кабинети раис назар ба хонае, ки Нуралӣ дар он ҷо дафъаи гузашта бо Муҳаммадниёз гуфтугӯ карда буд, **калонтар** ва **озодатар** буд (*С. Улуғзода*, Навобод). Дигар чарҳҳое, ки дар ин хона мебинед, нисбат ба чархи нахустин **хурдтаранд** (*С. Айнӣ*, Одина).

Сифати қиёсӣ бо ибораи **«боз ҳам»** мазмуни таъкидӣ пайдо карда, аз дараҷаи қиёсӣ зиёдтар будан ва ба дараҷаи олӣ нарасидани аломату хусусияти худи як предметро мефаҳмонад ва ин аломат на дар муқоиса бо предметҳои дигар, балки нисбат ба аломати худи ҳамон предмет ба назар гирифта мешавад:

Оби шӯхи дарьёчаи қишлоқ **боз ҳам шӯхтар** шудагӣ барин ба назар метофт (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Эъзозхон аз ин ҳама муваффақияти худ сармаст шуда, дар рақс **боз ҳам латифтар** печу тоб мехӯрд, дастпона, гӯшвора ва қуббачаҳои пунаки зулфонашро **боз ҳам баландтар** ҷарангос мезанонд ва **боз ҳам сеҳрангезтар** нағма мекард (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ёри мо арзандаи дунъё шуда,
Буд зебо **боз ҳам зебо** шуда.

(М. Турсунзода).

3. **Дараҷаи олӣ.** Дараҷаи олии сифат баландтарин дараҷаи аломати предметро нисбат ба маҷмӯи предметҳои якхела мефаҳмонад. Бинобар ин, аз як тараф, аз дараҷаи қиёсӣ болотар будани ин дараҷа ва, аз тарафи дигар, ба дараҷаи қиёсӣ нисбат доштани он маълум мегардад.

Дараҷаи олии сифат бо се роҳ ифода меёбад:

а) бо ёрии суффикси **-тарин:**

Ман мехостам, ки ҷаҳида аз пешаш бароям, бо ҳар ду дастам дасташро фишорам ва суханҳои **беҳтаринамро** барояш гӯям (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ман ин харро **беҳтарини** харҳо ва **давандатарини** онҳо гумон карда, ба як тангаю ҳашт пул то Вобканд киро кардам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

б) бо роҳи ба дараҷаи оддӣ илова намудани зарфҳои ифодакунандаи мафҳуми миқдору андоза: **бисьёр, хеле, ниҳоят, бениҳоят, бағоят, аз ҳад зиёд, аз андоза берун:**

Дар рӯи ҳавлӣ як хонаи **бисьёр калон** ва баланди похсагин буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Вай марди қадпасти **ниҳоят фарбеҳ** буд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ҳар ду аз ин одами хушсӯҳбат **бағоят хурсанд** шуда буданд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

в) бо ёрии таркиби **аз ҳама.** Дар ин сурат сифат суффикси **-тарро** ҳам қабул карда метавонад: **аз ҳама калон, аз ҳама баланд, аз ҳама калонтар.**

Аз ҳама баландтар Ҳошим Корвон механдид, ки бо қади баланду болояш ва мӯйлаби шофаш дар байни колхозчиён, монанди сафедоре дар байни тутзор, намудор буд (*С. Улуғзода,* Навобод).

Дар дараҷаи олии сифат муқоисаи аломату хусусияти предметҳои якхела, вале дар дараҷаи қиёсӣ муқоисаи аломату хусусияти ҳам предметҳои якхела ва ҳам гуногун мушоҳида мешавад. Ин мисолҳоро муқоиса кунед:

Ин ҳол **зеботарин** иморати он биёбон будани ин биноро нишон медод (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Бо ҳама дилмурдагӣ гар ёр ёри мо бувад,
Беҳтарини рӯзгорон рӯзгори мо бувад.

(А. Лоҳутӣ).

Қувваи он **зӯртар** аз доллар аст,
Зӯртар аз банкҳои пурзар аст.

(М. Турсунзода)

Дигар чархҳое, ки дар ин хона мебинед, нисбат ба чархи нахустин **хурдтаранд** (*С. Айнӣ*, Ас. мунт.).

Шакли таъкидӣ дар сифат

Шакли таъкидии сифат ба ҳадди охирин расидани аломати предметро таъкид мекунад. Бинобар ин сифати таъкидӣ аз ҷиҳати маъно ба дараҷаи олӣ мансуб буда, бар хилофи дараҷаи сифат шакли таъкидии он мафҳуми қиёсӣ надорад. Маънои таъкидӣ бо роҳи такрори нопурраи сифат ифода меёбад, ки дар ин ҳолат унсури дуюм шакли пурраи сифат буда, унсури якум шакли нопурраи он аст. Такрори нопурра ба тарзи зерин воқеъ мешавад: агар сифат бо ҳамсадои ҷарангнок сар шуда бошад, ба ду овози аввали он **б** ва агар бо ҳамсадои бечаранг сар шавад, **п** илова мегардад: зард — **заб-зард**, лӯнда — **лӯб-лӯнда**, дароз — **даб-дароз**, сурх — **суп-сурх**, сафед — **сап-сафед**, сиёҳ — **сип-сиёҳ**.

Гандум **суп-сурх** шуда пухта расида буд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Риши **сап-сафеди** вай қариб ба миёнбандаш мерасид (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Дари барак кушода шуда, як мӯйсафеди фарсудаи шамшер овехтаи **куп-кулӯла** ва **заб-зард** даромада омад (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Агар дар охири унсури якум, ки воситаи ифодакунандаи мафҳуми таъкидӣ ҳисоб меёбад, садоноки **а** афзояд, ҳамсадои лабии охирин ташдид меёбад, аммо дар як қисми сифатҳои таъкидӣ ин тағьироти фонетикӣ характернок нест: нав — **наппа-нав**, калон — **каппа-калон**, тӯғрӣ — **тӯппа-тӯғрӣ**.

Дар бисту шашуми август билети **наппа-нави** комсомолӣ бо муқоваи оддии малларанг ва сурати Ленин ба дасти ман даромад (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Падарам се соли **таппа-тахт** бо босмачиҳо ҷанг карда буд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Ифодаи камӣ ва хурдиву навозиш дар сифат

Сифат шаклҳои махсус дорад, ки аз ҳолати оддӣ паст будан ва ба дараҷаи оддӣ расида натавонистани аломати предметро мефаҳмонанд. Чунин сифатҳо аз ҷиҳати маънои худ камият ва таҳсину навозишро ифода карда, мазмуни қиё-

сӣ надоранд. Маънои камӣ ва навозиш бо чунин роҳҳо ифода меёбад:

а) ба воситаи суффикси **-ча**:

Ранги хомаҳои рег ҳам, ки дар айёми тобистон ахгарвор **сурхча** менамуд, ҳоло ҳамранги баҳор шуда буд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Деҳа аз ин чангу ғубори **зардча**, ки аз биёбони васеъ бардошта шуда меомад, ранги хумдони хишти оташгудохтаро гирифта буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Шодӣ тоқии **бодомчагули** чустиро ба сараш дурусттар карда монду ба Ҷӯра эътироз кард (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

б) бо иловаи калимаи **тоб** ва бо якҷоя омадани **ча + ранг**:

Туркман, гӯё ки табассум мекарда бошад, аз байни лабҳои **сиёҳтобаш** дандонҳои сафеди худро намоён кард (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Рӯшноии **гулобитоби** вай ба сӯзании рӯи девор, ба мискӯзаи дар тоқча истода, ба каравотчаи тӯрдори бачагона метофт (*С. Улуғзода*, Навобод). Дигаре аз ин ду одам **зардчаранг**, ришу мӯйлабаш тамоман тарошида, мӯйсараш дароз гузошташуда буда, пӯшокаш тагу рӯй европогӣ буд (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр).

Баъзан барои ифодаи маънии камият ба як вазифа суффикси **-ча** ва калимаи **тоб** ба кор бурда мешаванд:

Ранги инҳо сабзи **сиёҳчатоб** гардида буд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Посбони аввалӣ чашмашро ба партави **зардчатоби** саридевории офтоби фурӯрафтаистода дӯхта, ба андеша фурӯ рафт (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Муродҳон як ҷавони бистуҳаштсола, хушсурат буда, мӯйлаби хурдтараки **сурхчатоб** дошт ва либоси шаҳрӣ мепӯшид (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

в) ба воситаи суффикси **-ина**:

Ӯ як ҷавони баландқомати **зардинарӯи** тангчашми пурхашм буд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо, IV). Вай чобук, малламӯй, **сурхинарӯй** буд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

г) ба воситаи суффиксҳои **-ак (-як), -акак (-якак): пастак, ларзонак, дӯстрӯяк, хушрӯяк, калонакак, зебоякак.**

Дар тарафи шимоли рӯи ҳавлӣ як хоначаи **пастаки** офтобрӯя буд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Бегоҳӣ боронаки **нагзакак** шуду ҳама ҷоро тозаю тар кард (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Чӯҷаҳои **хурдакак**,
Хурдаку тезгардакак,
Куртаҳотон сап-сафед,
Нӯлчаҳотон **зардакак**,
Почаҳотон топ-тоза,
Белою **бегардакак**,
Дона хӯреду шавед
Фарбеҳу **бедардакак**.

(А. Деҳотӣ).

Калимасозӣ дар сифат

Сифат дар забони адабии ҳозираи тоҷик чунин роҳу воситаҳои калимасозӣ дорад:

1. Ба воситаи аффиксҳо, ки дар навбати худ се хел мешаванд:
   а) бо суффиксҳо
   б) бо префиксҳо
   в) бо суффиксу префиксҳо
2. Бо роҳи васлшавии калимаҳо.
3. Ба воситаи калимаҳои таркибӣ.

Баъзе аз ҳиссаҳои нутқ ҳамчун исм, сифати феълӣ, асоси замони ҳозираи феъл дар ҷумла мафҳуми аломату хусусияти предметро пайдо карда ба сифат гузашта метавонанд: соати тилло, деги мис, фазои кушод, аспи бидав, рӯймоли шоҳӣ, одами шинос, офтоби тобон, ҳайвони дарранда, гови зананда, оби равон ва ғ.

Вай ҳайвоноти **даррандаи** дигарро аз омадан ба сари гӯсфандон бозмедошт (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Дар тани вай куртаи **шоҳӣ** буд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Ин шахс риши калони **мошубиринҷ** дошт (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр). Моли инҳо хеле бисьёр аст: «қариб панҷоҳ шутур себ, як чанд шутур дегҳои **чӯян**, офтобаҳои **чӯян** ва дигар асбобу олоти **оҳанин** ва як чанд шутур сандуқи **қалъагӣ**» (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Сифатҳои феълӣ бо суффикси -о асосан ба гурӯҳи сифатҳо гузаштаанд: шамшери **бурро**, дасти **тавоно**, дидаи **бино**, хати **хоно**.

Инҳо босмачиёни тумани Шофирком буданд, ки аз шамшери **буррои** аскарони сурхи коргар ва деҳқонон, партизанҳои сурх ва калтакдорони сурх гурехтанд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Октябрь туро дидаи **бино** додаст, Қонуни нават забони **гӯё** додаст (*Ҳ. Юсуфӣ*). Ватанро қосиди ҳар фатҳи бобӣ, Ба дасти кӯдакон **хоно** китобӣ (*М. Турсунзода*). Микрофонро забони **бурро** бахш, Нутқи **гӯё**, каломи зебо бахш! (*А. Деҳотӣ*).

1. БО АФФИКСҲО СОХТА ШУДАНИ СИФАТ

а) Ба воситаи суффиксҳо

Суффиксҳои сифатсоз аз ҷиҳати калимасозӣ ва дараҷаи истеъмолашон се хел мешаванд: *сермаҳсул, каммаҳсул* ва *бемаҳсул*.

Суффиксҳое, ки қариб ба ҳар калима ҳамроҳ шуда, сифатҳои нав ба нав месозанд, суффиксҳои сермаҳсул номида мешаванд: **-ӣ, -гӣ, -она, -нок, -гона**.

Суффиксҳое, ки ба калимаҳои ҷудогона ҳамроҳ шуда,

дар сохтани сифатҳои нав маҳдуданд, суффиксҳои каммаҳсул ном доранд: **-они, -ак, -гун, -ин, -гин...**

Суффиксҳои бемаҳсул фақат якчанд сифат месозанду халос: **-осо, -ваш, -фом.**

Суффикси **-ӣ (-гӣ, -вӣ).** Ин суффикс сермаҳсултарин суффикси сифатсоз буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифат месозад. Сифатҳои бо ин суффикс сохташуда асосан сифатҳои нисбӣ буда, аз ҷиҳати ифодаи маъно мухталифанд. Онҳо аломату хусусиятро нисбат ба шахс, предмет ва амалу ҳодисаҳо мефаҳмонанд: либоси **аскарӣ,** мӯзаи **солдатӣ,** илми **ленинӣ,** кори **деҳқонӣ,** кори **тарбиявӣ,** ҷои **зарурӣ,** ҳусни **табиӣ,** ҷомаи **корӣ,** бози **шикорӣ.**

Суффикси **-ӣ** ба маънои хосу мансуб будан ба шахс ё предмет сифат месозад:

Вай гумон карда буд, ки ҳамаи русҳо монанди акаи вай сару либоси **солдатӣ** доранд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ӯ дар миёнаи дарахтони **кӯҳӣ** озодона сайругашт менамуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Раҳими Қанд боре ба ман аз қаҳрамониҳои **афсонавии** одамони зинда ҳикоя мекард (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Бачагони онҳо либосҳои сурху сафеди **идӣ** пӯшида буданд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Суффикси **-ӣ** сифатҳое месозад, ки таъинотро ифода мекунанд: институти **педагогӣ,** омӯзишгоҳи **тиббӣ,** флоти **баҳрӣ,** флоти **ҳавоӣ.**

Суффикси **-ӣ (гӣ)** сифатҳое месозад, ки аломати предметро аз ҷиҳати нисбат доштани он ба макон мефаҳмонанд: ҳайвони **хонагӣ,** мурғи **даштӣ,** биноҳои **европоӣ,** токии **чустӣ,** олуи **ҳиротӣ.**

Қудрат дар пешгоҳ нишаста, ҳайвоноти **хонагии** деҳқонҳоро ба ҳисоб мегирифт (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Онҳо дар сар тоқиҳои **ҳисорӣ,** дар тан ҷомаҳои пахтанок доштанд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Як шоли **қаршигиро** дар он ҷо паҳн карданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Суффикси **-ӣ** сифатҳое месозад, ки ба олат ва аслиҳае нисбат дода шудаанд: меҳнати **дастӣ,** осиёи **обӣ,** ҳунари **дастӣ,** трактори **электрикӣ.**

Назар ба нақли падарам Саидмуродхоҷа, падари ӯ одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои **дастӣ...** дуредгариро хуб медонистааст (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Суффикси **-ӣ** сифатҳои нисбие месозад, ки аз кадом материал сохта шудани предметро мефаҳмонанд:

Ӯ фикр кардааст, ки агар трубаҳои **чӯянӣ** ё **цементӣ** набошад, чӣ зарар дорад (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ба сари инҳо телпаки **мӯйрафтаи гӯсфандӣ,** ба барашон ҷомаи серпахтаи кӯтоҳи **ресмонӣ,** миёнашон бо чилбур аз рӯй баста ва ба пояшон мӯзаи **булғории** пошнабаланд буд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Вай ба дастонаш дастпӯшаки **резинӣ,** дар танаш ҷомаи сафеди **тиббӣ** дошт (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Суффикси **-ӣ (-гӣ)** сифати нисбие месозад, ки он монандӣ, ранг ва аломати зоҳириро мефаҳмонад: нурҳои **найзагӣ**, осмони **лоҷувардӣ**, абрҳои **хокистарӣ**.

Офтоб, ки акнун ба қади найза бардошта шуда буд, нурҳои **нукрагии** худашро ба биёбони васеи пурбарф паҳн мекард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Чашмонаш калони **гӯсфандӣ**, пешонааш кушоди беоҷинг буд (*С. Улуғзода,* Навобод).

Суффикси **-ӣ** бо калимаҳои тасвирӣ ва тақлиди овозӣ омада, сифати нисбӣ месозад: овози **пичирросӣ**, мӯзаҳои **ялтосӣ**, овози **ҷарангосӣ**, фарьёди **чирросӣ**.

Духтари қоматбаланди ба назар 17—18 сола ба пеши сафи мо омада, бо овози баланди **ҷарангосии** худ хитоб кард (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Суффикси **-она (-гона, -ёна, -вона)**. Суффикси **-она** сермаҳсул аст. Ин суффикс бо исми ифодакунандаи шахс ва исмҳои ҷондори дигар омада, аломати предметро нисбат ба амал мефаҳмонад: насиҳати **падарона**, лутфи **модарона**, саломи **дӯстона**, саломи **бародарона**, маслиҳати **рафиқона**.

Ин аст насиҳати **падаронаи** мо ба ту (*С. Айнӣ,* Ас. мунт). Вале рафта-рафта кор ба як унсият ва улфати **ошиқона** даррасид (*С. Айнӣ,* Ас. мунт). Ин ҳамту як чизи безарар, китоби **бачагона** (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Суффикси **-она (-гона)** бо исмҳои ифодакунандаи ҷинсияти табиӣ ва синну соли шахс омада, таъинотро мефаҳмонад: Мактаби **духтарона**, гирьяи **занона**, завқи **кӯдакона**, либоси **мардона**.

Духтар ба худ осори мондагӣ намедид, бо ҳисси **духтаронаи** худ пай бурд, ки мақсади ин ҷавон бо ин сухан танҳо гап кушодан аст (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Аммо дар Бухоро мактабҳои **духтаракона** кам набуданд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Як пирамарди тахминан ҳаштодсола ба гирьяи **занонаи** падари Гулнор хандаи тамасхуромезе кард (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ин суффикс бо исмҳои замон омада, мансубият ба замонро мефаҳмонад: мактаби **шабона**, либоси **зимистона**, сменаи **рӯзона**.

Суффикси **-она (-гона)** бо шумора омада, сифат низ месозад: устоди **ягона**, иттифоқи **сегона**.

Дар ин коғаз дар байни гиреҳҳои **дувоздаҳгона** ситораҳо ва бодомчаҳо нақш ёфтаанд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Суффикси -нок бо исмҳо омада, сифати аслие месозад, ки ба аломати асосии калима соҳиб буданро мефаҳмонад: суханҳои **ҳикматнок**, дасти **қудратнок**, ҳикояҳои **гамнок**, одами **саводнок**, эълони **тантананок**, одами **шубҳанок**, сабзаи **намнок**.

Дар ҳуҷраҳои поини тарафи шимолиаш дар рӯзи равшани **офтобнок** ҳам чизеро дидан ва хондан мумкин набуд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Падарам мехост, ки суханҳои **ҳикмат-**

нокашро ҳамаи аҳли хонавода шунавад (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Аз он деҳа хабарҳои **воҳиманок** меоварданд (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Суффикси -манд аз исмҳо сифати аслие месозад, ки ба аломат ва хислате доро будани предметро мефаҳмонад: халқи **зафарманд**, одами **адолатманд**, ҷавонони **саодатманд**, одами **давлатманд**, меҳмони **иззатманд**.

Ба ман аз бачагон дида, баррагон ва бузғолагони навзод **ҳунармандтар** намуданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Устоамак мехост, писари хурди худ Икромхоҷаро устоди **ҳунарманд** кунад (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).—Шумо оқсақоли **адолатманд** бошед,— гуфт як ҷавони қадбаланд ва курмакранг,— арзи фуқароро шунида, ба ҳоким расонед (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Суффикси -ин (-гин) нисбатан каммаҳсул буда, сифати нисбӣ месозад: косаи **чӯбин**, хуми **мисин**, девори **сангин**, хумчаи **сафолин**, сандуқи **чӯбин**, кати **оҳанин**.

Ин суффикс бо исмҳо омада сифатҳоеро месозад, ки аз кадом материал сохта шудани предметро мефаҳмонанд:

Дар ин хона дар як гӯшае як бочкаи **оҳанинеро** мебинем, ки тахминан даҳ сатил ё зиёдтар обро гунҷоиш дорад (*С. Айнӣ,* Ас. мунт). Падарам дар вақти истиқомат карданаш дар мадрасаҳои Бухоро барои равғандон кардан хумчаи **сафолине** харида будааст (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Суффикси -ин аз зарфҳои замон сифатҳое месозад, ки ба замон нисбат дода шудани аломатро мефаҳмонанд: сухани **охирин**, меҳри **дерин**, вазъияти **аввалин**...

Эй ёри азизу ҷони ширин,
Эй дилбари меҳрубони **дерин**...
(А. Лоҳутӣ)

Лекин ин майли **охирини** туро,
Ҳеҷ кардан наметавонам адо.
(М. Турсунзода)

Суффикси -ина каммаҳсул аст. Бо исм ва сифат омада сифатҳое месозад, ки аз кадом материал сохта шудан ва ба аломате соҳиб буданро мефаҳмонад: ҷавони **сабзина**, одами **қоқина**, бачаи **зардина**.

Ин зани тахмин биступанҷсола, ки сарбанди **мӯинаи** ғафсро аз гулӯяш гузаронда баста, куртаи йӯрмадӯзии украинӣ дар тан дошт, хеле соҳибҷамол буд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Суффикси -ина бо сифат ва зарф омада, аломати предметро нисбат ба замон мефаҳмонад: хӯроки **фардоина**, дӯсти **дерина**. Шумо ҳам саломат бошед, ки қадрдонҳои **дерина** ва хешовандони аз хотир фаромӯшгардидаро суроғ карда омадед,— гуфт Қулмурод (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Бо шумо ҳамсояи **деринаем,**
Дӯстони беғараз, бекинаем.

(М. Турсунзода)

Суффикси **-онӣ** каммаҳсул аст. Вай бо исмҳо омада, сифатҳои аслӣ ва нисбӣ месозад: меҳнати **ҷисмонӣ**, суханҳои **ҳақ-қонӣ**, мӯйсафеди **нуронӣ**.

Суффикси **-а (-я)** бо исму зарф омада, сифатҳои аслӣ ва нисбӣ месозад: қалами **ранга**, сӯҳбати **имрӯза**.

Шабона дар базмхона ҷавонони гузар, меҳмонони **беруна** ва дойрахабар ғун шуданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ҳавои хуб ва дилкаши **имрӯза** монанди рӯзҳои баҳор буд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Суффиксҳои -ак, -акӣ (-якӣ) каммаҳсуланд: бачаи **хаппак**, чизи **часпак**, суханҳои **пуччак**, рафтори **рӯякӣ**, ҷисми **обакӣ**, ҳурмати **рӯякӣ**, имтиҳони **даҳонакӣ**, рафтори **қалбакӣ**.

Суффиксҳои -чак, -ук, -ик бемаҳсул буда, бо якчанд калима меоянду халос: одами **хандончак**, мурғи **паррончак**, бачаи **тарсончак**, дастони **нозук**, шаби **торик**, дӯстони **наздик**.

Гӯшҳояшонро бо **овезаҳои заррини нозуки** марворидкорӣ зиннат доданд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Зина **торик** ва печ дар печ буд (*С. Айнӣ,* Ёд. ҷ. 1).

Суффикси -гар каммаҳсул буда, бо исм ва гоҳо бо асоси замони ҳозираи феъл омада, ба аломате, хислате ё кирдоре соҳиб буданро мефаҳмонад: одами **иғвогар**, чашми **афсунгар**, одами **ҳилагар**, синфи **тавонгар**, марди **фиребгар**.

Насими **навозишгар** бӯи димоғпарвари гули дарахтонро аз боғҳо ва гулҳои худрӯйро аз доманаи кӯҳҳо ба қишлоқ пароканда мекард (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Маро ёрест бераҳму **ситамгар,**
Нигоҳаш оҳуву чашмаш ғазанфар.

(А. Лоҳутӣ)

Вай фиристод зидди мо лашкар,
Лашкари бешумори **ғоратгар.**

(А. Лоҳутӣ)

Суффикси -вар бо исмҳо омада, ба аломате, хислате доро будани шахс ё предметро мефаҳмонад: пири **ҳунарвар**, ташвиқотчии **суханвар**, лейтенанти **номвар**, наққоши **донишвар**.

Ӯ монанди баъзе мусиқачиёни он замон маҷлисоро, **суханвар**, ширинкор ва хушомадгӯй ҳам набуд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Агар мо ҳақиқати ҳолро ба воситаи ташвиқотчиёни **суханвари** худ ба эшон фаҳмонда тавонем, тӯп ва милти-

ке, ки ҳукумати подшоҳӣ ба дасти эшон барои дар чанбари итоат доштани мо додааст, ба сӯи худи ӯ оташфишонӣ хоҳанд кард (*С. Айнӣ*, Ас. мунт.).

Суффикси -гун каммаҳсул аст, бо исм ва сифат омада, ба хислату аломати предмети решаи калима монанд будани сифатро мефаҳмонад: ҷавони **гандумгун**, чеҳраи **гулгун**, рӯи **лолагун**, осмони **нилгун**, одами **сафедгун**.

Қади ин ҷавон пасттар, баданаш пургӯшт ва рӯяш **гандумгуни** ба сабзӣ моил менамуд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Донаҳои ашки **алмосгун**, ки аз чашмони дурахшонаш ба рӯи рахшонаш мечакиданд, намуди шабнами саҳариро ба рӯи гулбарги сурхи таре ҷилва медоданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Қорӣ Нурулло як одами миёнақади фарбеҳи рӯйпурраи **сафедгун** буд, ки риши сиёҳи паҳни калоне дошт (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Суффиксҳои -сор, -осо, -ваш, -фом бемаҳсул мебошанд. Ин суффиксҳо танҳо бо баъзе исмҳо омада, сифат месозанд, ки предмет аз ягон ҷиҳат бо предмети дар реша номбаршуда монандӣ ва мувофиқат дорад: оби **нукраосо**, бодаи **гулфом**, дили **баҳрсон**, одами **хоксор**, ситорагони **офтобваш**.

Агар ранги сабзи сабзаҳои канори ин ҷӯйча нури биниши шуморо нигоҳдорӣ намекард, тобиши ин об, ки аз аксандозии ситорагони **офтобваш** пайдо шудааст, чашматонро мебурд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Барад оби равони **нукрасонро**,
Нишони зиндагии ҷовидонро.

(М. Турсунзода)

Ҳаргиз нахӯрам зарра ғам аз кулфати айём,
Ҳар рӯз хӯрам бо бути худ бодаи **гулфом**.

(Ҳ. Юсуфӣ)

Суффикси -ам бемаҳсул аст. Бо асоси замони ҳозираи феъл омада, сифати аслӣ месозад:

Устоамак ғайр аз кандакории худ ба устохонаҳои дигар ҳам нақшаҳои **шинам** кашида медод (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Ин ҷӯйчаҳое, ки дар миёни заминҳои **корам** кандаанд, аз лой ва гил бино наёфтааст (*С. Айнӣ*, Дохунда). Ҳавлии Набӣ-Полвон барин касони **дорамтарро** зинат дода, ба ҳолате ки дар он ҷо меҳмон фуроварда шавад, оварда буданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Суффикси -ак (-як), -акак (-якак) шаклсоз буда, ба сифат маънои хурдӣ ва навозиш медиҳад: **калонак, пастак, тангак, калонакак, хубрӯякак, зебоякак, майдаякак.**

Дарвозаи ин мадраса аз тарафи ҷануб буда, дар пеши дарвоза саҳни **тангаке** ҳам дошт (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Аз дарвозаи **пастаки** он ҳавлӣ касе баромада рафт (*Ҷ. Икромӣ*,

Духтари оташ). Нуралӣ дар қатори дуюми зал ҷой гирифта буд, дар паҳлуи чапи вай як марди миёнсоли **фарбеҳаки** тӯтибурут менишаст (*С. Улуғзода,* Навобод).

б) Ба воситаи префиксҳо сохтани сифат

Префиксҳо ҳам воситаи сермаҳсули калимасозии сифат мебошанд. Префиксҳои сифатсоз инҳоанд: **бо-, ба-, бар-, бе-, но-, то-, дар-**.

Префиксҳои бо-, ба- бо исм омада, сифатҳои аслие месозанд, ки ба аломате ва ё хосияте доро будани предметро мефаҳмонанд: одами **босавод**, бачаи **бамаънӣ**, ҷавони **бофаҳм**, марди **ботадбир**, бачаи **боинтизом**, одами **баақл**, манзараи **босафо**.

Зокир одами **босавод** буд, то он дам дар милицияи Тус хизмат мекард (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ин гуна як саги **боақлу бономус** бо яке аз одамони беномуси амир ҳамном шавад... (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Ба Нуралӣ аз ҳавлӣ зиёдтар соҳиби ҳавлӣ Марзияхола маъқул шуд, ки аз рафтору муомилаҳояш зани хушфеъл, **бамаънӣ** ва одамдӯст менамуд (*С. Улуғзода,* Навобод). Давлат бачаи зирак, **бофаросат**, меҳнатдӯст, монанди одами калон вазнину пурбардошт аст (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Префикси бар- каммаҳсул аст, бо исм, сифат ва зарф омада, сифат месозад: ақли **баркамол**, садои **бардавом**, гувоҳии **бардурӯғ**.

Бештарини одамҳо маълумотҳои **бардурӯғро** ҳам мерасонанд (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Префикси бе- сермаҳсул аст, бо исм омада, сифати аслие месозад, ки он ба аломат ё хислате доро набуданро мефаҳмонад: дашти **беоб**, баҳори **бехазон**, оинаи **беғубор**, одами **безарар**, аспи **беором**, фазои **бепоён**, душмани **беамон**:

Қурбоналӣ коргарони дар зери дасти худаш коркунандаро бо як нахӯдшӯрбои **бегӯшт** зиёфат кард (*С. Айнӣ,* Ас. мунт.). Содиқ он ҳайвони **безабони** меҳрубони худро хуб хору мол кард (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Вақте ки канори Ҷилвон обод шуда, деҳқонони **безамин**, камзамин ва камбағалон ба ин тараф омада замин гирифтанд, кори бой монд (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Агар ҷуфти чунин сифатҳо бо пайвандаки **у** чида шуда ояд, префикси бе- танҳо бо яке аз онҳо (бо калимаи якум) меояд: биёбони **беобу алаф**, одамони **беобу замин**, одами **бехату савод**, фоидаи **бемузду меҳнат**, мардуми **бедарду ғам**, мурғи **беболу пар**, олами **бесинфу истисмор**.

Деҳқонони пойбараҳна ва ғуломони **беобу замин** бо ҳар баҳона ба қозӣ, амалдор, ба раис муқобил мебаромаданд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Бодҳои сарди Сибирь аз Оренбург гу-

зашта, биёбони қазоқро тай карда аз болои чӯли Қизил ба саҳроҳои кушодаи **бекӯҳу дараи** Бухоро мевазиданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Префикси но- бо исм ва асосҳои феълӣ омада, сифати аслӣ месозад, ки ба аломат ва хусусияте доро набудани предметро мефаҳмонад: одамони **нобовар**, духтари **ноком**, ҷои **нобоб**, ҳодисаи **ногувор**, мардуми **ношод**, одами **ношинос**, ҳаракатҳои **нолоиқ**, меҳмонони **ногуфта**, аҷузаи **нотавон**.

Қорӣ-амак, шумо аҷаб одами **нобовар** мебошед (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр). Ҳавлиам дар як ҷои бисьёр **нобоб**, домани чӯл, дар ҷойҳои рег пахшкарда аст (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Дар байн як хомӯшии **ногуворе** ҳукмрон шуд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

Зиндон бувад ин кулбаву шодӣ бувад озод,
Шодӣ накунад ҷой дар ин манзили **ношод**.

(А. Лоҳутӣ)

Ба як духтари **ношинос** ҷавони бегона чӣ ҳам гуфта метавонист (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Префикси дар- каммаҳсул аст. Префикси **дар-** бо калима омада дар ҳолате буданро мефаҳмонад: абри **даргузар**.

в) Воситаи омехта (префиксӣ-суффиксӣ)

Барои сохтани сифат гоҳо префикс ва суффикс дар як калима якҷоя омада метавонанд, ки онро воситаи префиксӣ-суффиксӣ (омехта) номидан мумкин аст, аммо ин тарзи сохташавии сифатҳо нисбат ба суффиксация ва префиксация камистеъмол мебошад.

Префикси **то**+ суффикси **-ӣ**: Айёми бачагии **томактабиам** тобистон дар Соктаре ва зимистон дар Маҳаллаи Боло гузаштааст (*С. Айнӣ*, Ёд. ҷ. 1).

2. БО РОҲИ ВАСЛШАВИИ КАЛИМАҲО

Ба воситаи васлшавии калимаҳои ҷудогона сохтани сифат яке аз типҳои сермаҳсул мебошад. Калимавасллшавӣ воситаи асосии ташкильёбии сифатҳои мураккаб ба шумор меравад. Алоқаи байни ҷузъҳои сифатҳои мураккаб ду хел мешавад: алоқаи пайваст ва тобеъ.

Дар типи пайвасти алоқа ҷузъҳо ба ҳамдигар тобеъ набуда, баробарҳуқуқ мебошанд ва яке аз он ҷузъҳо маънои ҷузъи дигарро такмил медиҳад, пурра мекунад. Дар типи тобеи алоқа яке аз ҷузъҳо ба дигаре тобеъ буда, онро эзоҳ медиҳад.

Сифатҳои мураккаби пайваст

Дар забони тоҷикӣ бо роҳи алоқаи пайваст сохташавии сифатҳои мураккаб каммаҳсул аст. Сифатҳои мураккаби типи пайваст бо чунин роҳҳо сохта мешаванд:

1) Бо такрори исм: мӯи **тор-тор**, қалби **реш-реш**, мӯи **мавҷ-мавҷ**, нолаҳои **зор-зор**.

Дар сурат як духтаре бо мӯи фатилаи **мавҷ-мавҷ** дасташро аз таги дасти як ҷавони айнакдори лоғарбадан гузаронда рост истода буд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Ӯ намакпошӣ ба қалби **реш-решам** мекунад.

(А. Лоҳутӣ)

Шеъри Ҳофизро ба ёд оред, дарди шарқро,
Нолаҳои **зор-зору** оҳҳои сардро.

(М. Турсунзода)

2) Бо ҳамроҳ кардани ду калимаи мустақил ё такрори як калима ба воситаи садонокҳои пайвасткунандаи **о, у**: дӯстони **ҷоноҷон**, гулҳои **рангоранг**, кӯҳҳои **дуродур**, роҳи **пурхамупеч**, дараҳои **пурпечутоб**, роҳи **печутобдор**.

Боён ва бойбачагон аз қабат ба қабат пӯшидани либосҳои **рангоранги** қиматбаҳо дар зери обу арақ монда ба зӯр роҳ мегаштанд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Дар он вақтҳо аз фикру хаёлҳои ниҳонии ман фақат як кас, яъне рафиқи **ҷоноҷони** ман Солеҳ огоҳ буд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ман ҳар замон аз онҳо чашм канда, ба пеш — ба кӯҳҳои **дуродур** нигоҳ мекунам (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Сифатҳои мураккаби тобеъ

Ин типи сохташавии сифатҳои мураккаб хеле сермаҳсул мебошад. Сифатҳои мураккаби типи тобеъ бо роҳи бевосита васлшавии калимаҳои гуногун сохта мешаванд. Чунончи:

1) **Аз ду исм**: одами **раҳмдил**, мурғи **пӯлодбол**, шоири **оташзабон**, духтари **моҳпайкар**, **соҳибҷамол**, мардуми **оҳанирода**, аспи **бодпо**, арӯси **лаълрух** ва м. ин.

Ин гурӯҳи сифатҳо бо аломату хусусияте соҳиб будан, аломати зоҳирӣ ва ботинии предметро мефаҳмонанд:

Бештарини онҳо **абрӯкамон**, **мӯрчамиён**, **пистадаҳон**, **сафеддандон**, гули хандон, сарви равон, моҳи тобон, офати ҷон, номеҳрубонанд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Қалмоқ-оим тағмаи оҳанини думчадори **наълшакли** бойро бо анбӯр гирифта овард (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Баъд аз ду-се дақиқа аз тарафи даруни сарой як шахси **бузриши** мӯйсафеди қоматхамида намоён гардид (*С. Айнӣ*, Ғуломон).— Агар иҷозат диҳанд,—гуфт оқ-

сақол ва ба тарҷимони **ғозгардани тӯтибинӣ**, ки ба гардани дарозаш, гиребони **якваҷабаи** крахмалнок баста буд, муроҷиат кард (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Аспи **бодрафтори** Пӯлод ҳаракат мекард, ки аз ҳамаи аспҳо пеш гузарад (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Як саволе бо ту дорам, эй рафиқи боҳунар,
Дар биёбоне бидидам як аҷоиб ҷонвар:
Мӯрпову морчашм, лайлакпару аждаршикам,
Шутурзону, шерсина, филгардан, аспсар.

Чистон.

2) **Аз ду сифат:** чизҳои **хушгувор**, дасти **пурзӯр**, наъраи **пуршӯр**, бозуи **пурзӯр**.

Пас аз он табақҳоро бардоштанд ва ба ҷои онҳо дигар чизҳои **хушгуворои** хушкворӣ ниҳоданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ба ҳамаи деҳқонони **гушнапурзӯре**, ки ба Деҳнави Абдуллоҷон тобеанд, даъво дорам (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Корд ҳанӯз ба сар нарасида, дасти ӯро дар ҳаво дасти **пурзӯре** дошт (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

3) **Аз исму сифат** ва ё **сифату исм:** ҷомаҳои **гулкалон**, одами **қадбаланд**, **қадпаст**, пахтаи **нахдароз**, одами **табънозук**, чуқурии **серсанг**, гули **хушбӯй**, саҳроҳои **пурбарф**, аспи **хушсурату хушрафтор**, халқи **некӯном**, ҳофизи **ширинсухан**, пири **хушбахт**, одами **бадҳайбат**, боғи **хушҳаво** ва м. ин.

Як зани ҷавони **ситорагарм** ба ҳавлӣ даромад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Вай чашмонашро кушода худро дар оғӯши як одами бадҳайбати **каллакалон** ва **ришдарозе** дид, ки ба девҳои афсонавӣ монандӣ дошт (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Ӯ беихтиёр ба паси сари худ нигоҳ кард ва 50—60 қадам дуртар аз худаш як туркмани **баландқомати лоғарандоми миёнсоли** риш мошу биринҷи **сиёҳчеҳраи** чашму абрӯяш сиёҳро дид (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Дар ин гурӯҳи сифатҳои мураккаб калимаҳои **хуш**, **пур**, **сер**, **бад**, **ранг**, **сар**, **дил** ҷузъҳои хеле серистеъмол мебошанд: хушфикр, хушсурат, хушбахт, хушҳаво, хушгап, хушмуомила, сиёҳдил, дилшод, дилсард, бадҳайбат, бадрафтор, бадкор, бадгап, сарбаланд, сарбараҳна, сарсафед, сарлуч, серсоҳа, гулобиранг, сиёҳранг, пурнур, пурзӯр, пурдард, пурҷасорат, пурмаҳорат, пурқувват, пурҳунар ва ҳоказо.

4) **Аз исму асоси замони ҳозираи феъл.** Ин типи сифатсозӣ ҳам ниҳоят сермаҳсул аст: ҳавои **дилкаш**, фазои **дилкушо**, кулчаҳои **ширмол**, чашмони **шӯълабор**, нигоҳи **меҳрангез**, мӯи **тобдор**, меҳри **оламгир**, овози **дилчасп**, қади **дилҷӯ**, токии **гулдор**, саргузашти **мароқовар** ва ҳоказо.

Ҳавои форами баҳорӣ бо бӯи хуши сабзаҳои **навхези атромез** ба кас рӯҳи тоза ва шодмонии беандоза медод (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Ман ҳамин қадар гуфта метавонам, ки он

рӯи зебо бо он бинии латифи **дилрабо**, бо он чашмони сиёҳи муҳаббатнигоҳи **меҳрафзо**, бо он мижгонҳои дарози **дилнавози шавқангез**, бо он абрӯвони мушкинмӯи нӯгтез, бо он пешонаи меҳрубони нишонаи **лутфомез**—бисьёр шинам, бисьёр дилкаш ва бисьёр **хушнамо** афтода буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Шӯрбои серравғани **лабчасп** ва загораи гарми **дастсӯзро** тайёр карданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Пӯлод ду кӯчаро тай намуда ба як маҳаллаи **коргарнишин** расид (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Дар ин гурӯҳи сифатҳои мураккаб асоси замони ҳозираи феълҳои зерин хеле серистеъмол мебошад: **овар, ангез, дор, бахш, омез.** Саргузашти **мароқовар**, Октябри **зафаровар**, мулоқоти **хандаовар**, офтоби **ҷонбахш**, ҳавои **фараҳбахш**, ҷавоби **қаноатбахш**, мӯи **тобдор**, фарзанди **вафодор**, ҷои **ҳавлангез**, оғӯши **меҳрангез**, паланги **даҳшатангез**, сабзаҳои **атромез**, саволи **тааҷҷубомез**, нигоҳи **табассумомез**, суханони **таҳдидомез** ва м. ин.

5) **Аз исму асоси замони гузаштаи феъл.** Ин роҳи сохташавии сифатҳои мураккаб каммаҳсул аст: чашмони **гирьяолуд**, бачаи **хоболуд**, оби **лойолуд.**

Дар чанд рӯзи аввалҳои моҳи ақраб бодҳои мухолиф вазида, боронҳои **барфолуд** борида, дарахтон баргҳои заррини худро партофта урьён шуда буданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Оқибат Қорӣ-ишкамба оши моро ҳам тамом карда, зуд аз ҷояш бархост ва дасти **равганолудашро** ба масҳии худ молида, «пок» карда аз ошхона баромада рафт (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр).

6) **Аз сифату асоси замони ҳозираи феъл** ва **сифату сифати феълӣ**: ҷавони **ҳақгӯ, ҳақшинос**, одами **пурдон**, шахси **некхоҳ, бадхоҳ**, булбули **хушхон**, либоси **хушнамо**, замини **корамнашуда** ва **бекорхобида.**

Агар дурусттар шустушӯ кунанд, либосҳои **хушнамо** пӯшонда шаванд, дар бозор ба сари инҳо тилло хоҳад борид (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Сафар сари синаи бараҳнаашро ба рӯи реги **намдори** лаби рӯд ниҳода хобида буд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ман ин гуна ҳазлҳои **ҷиддинамои** шуморо акнун нашунавидаам (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр). Дар кӯчаҳо бо ҳам гаштани ин ду дӯсти **калонгир** бисьёр тамошо дошт (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Мо, саисон, одамони **оворагард** мебошем (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Дар ҳамин вақт ду духтари **наврас** чойник ва пиёлаҳои лабу даҳонашон шустаро бо дастурхони шол, ки дар он нон печонида шуда буд, оварда ба пеши меҳмонон гузоштанд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

7) **Аз исму сифати феълӣ**: марди **қадхамида**, одами **корозмуда**, деҳаи **торочдида**, одами **рангпарида**, писарчаи **рангканда**, ошиқи **дилдода**, пири **қоматхамида.**

Дар ҷимкат як писарчаи хурдсоли **рангкандаи** чашмкабуд дар косаи сафолин бо қошуқи чӯбин шӯрбо хӯрда ни-

шаста буд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Дониёл бо навкарони **корозмудаи** худ ба ҷои бисьёр баде афтода буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Барои Мирзобаҳодур ва қозии **рангпарида** дигар чорае ҳам намонда буд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Баъзан аз сифати феълӣ ва исм сифати мураккаби тобеъ сохта мешавад: одами **паридахаёл**.

8. **Аз исму феъли ҳол ва исму масдар**: Бачаи **хандонрӯй**, чизи **гирифтанбоб, хӯрданбоб**.

Дар пеши даромадгоҳи работи вайрона сенафаронро як одами сабукҷуссаи камриш, гандумгуни миёнсол ва **хандонрӯй** пешвоз гирифт (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Аммо чизе, ки **гирифтанбоб** бошад, наёфтанд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

9) **Аз шумораву исм бо суффикси -а**. Ин типи сифатҳо серистеъмоланд: халтачаи **сечашма**, милтиқҳои **панҷтира**, аробаи **чорчарха**, хонаҳои **дуошьёна**, кори **яксоата**, фойтуни **дуаспа**, марди **панҷоҳсола**, духтари **шонздаҳсола**, моҳи **ҳафтрӯза** ва ғайра.

Дар ду тарафи кӯчаҳо хонаҳои **дуошьёна** ва **сеошьёна** бино ёфта буданд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Моҳи **ҳафтрӯза** ба фурӯ рафтан наздик расида буд (*С. Айнӣ*, Ас. мунт.). Барои саворӣ мо як фойтуни калони **дуаспа** киро кардем (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Ин чӯпон як бачаи **дувоздаҳсола-сездаҳсола** буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

10) **Аз шумораи касрии ним** ва **сифат**: Дар осмон танҳо ситораҳои **нимравшан** метофтанд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Ин овози одамизод мани **нимбеҳушро** ба ҳуш меовард (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Оилаи ӯ монанди садҳо меҳнаткашони шаҳр **нимгурусна** ва **нимбараҳна** умр ба сар мебурд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

11) **Аз шумора ва асосҳои феълӣ**: Дар пойтахти хона як шахси қаддароз, ҷомаи хеле кӯтоҳи **нимдошти** алоча пӯшидагӣ ҳозир шуд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Бинанда онро як чӯби **чортароши** оддӣ гумон мекард (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

12) **Аз шумораву нумератив ва калимаҳои нумеративӣ ва суффиксҳо**: Ин кор акнун фиреби **себораи** амир буд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ин пирамард риши **якқабзагии** бузворашро ба даст гирифта, нӯги онро ба даҳонаш андохта мехоид (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Дар як гӯшаи ошхона як деги **нимманиро** шинонда, дар он об гарм мекарданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Дастурхонҳоро паҳн карданд, дар пеши ҳокимон аз кулчаҳои ширмоли **бистқадоқӣ** ва аз нонҳои тафтони **даҳқадоқӣ** бо лаълиҳои махсус нӯҳтагӣ кашиданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

13) **Аз ҷонишину исм ва асоси феъли замони ҳозира** бо суффиксҳо ва ё бе суффиксҳо: Акнун Амин ҳам фаҳмида буд, ки ин шӯхӣ монанди шӯхиҳои **ҳаррӯзаи** навбатӣ набудааст (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ин гуна бачагони **худсар** бояд ки ҷазои сахт бинанд (*С. Айнӣ*, Ас. мунтахаб). Ҷазои бачаи **хурд-**

сол ҳамин аст (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Шарофат зани соддаи покдил, аммо лофгӯй ва **худсито** буд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ман аз лаби дарьёи Зарафшон, ки обаш намонда буд, рафта, баъзе алафҳои **худрӯйро** канда меовардам (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

14) **Аз сифат, исм ё шумора ва асосҳои феълӣ:** одами **сиёҳтелпакдор, чӯбдастдор,** дасти **панҷшохамонанд,** мурғи **шикастаболупар,** ошиқи **пурхандалаб.**

Бинобар ин аз ғайри чашмдошт ба назар намудани 10—15 сари **сиёҳтелпакдор** кори ӯро тамом кард (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ҳанӯз фурсати аз ҷо бархостани ин деҳқон набуд, ки аз дари арк ясавулони **чӯбдастдор** давон омада, аз гиребони деҳқони мазкур гирифта, ӯро ба тарафи арк кашола карда бурданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Холбӯта аз асп фаромада, дасти чиркин ва **панҷшохамонандашро** ба сари синаи юзбошӣ монда, хотири ӯро ҷамъ кард (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Устоамак ширинзабон, хушмуомила ва **ширинкорнамо** буд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Яке аз ин шириниҳо як хари **сафедҷорӯбдуми** ҷангалёл дошт (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Ҳомидхоҷа ҳам монанди талабагони **навдарсхони** бухоройӣ ҳаваскори шоирӣ буда, «Меҳрӣ» тахаллус мекард (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

15) **Аз категорияҳои гуногуни калима ва аффиксҳо** (дар ин ҷо бештар исм, сифат, ҷонишин, асосҳои феълӣ вомехӯранд): чизҳои **дилнокаш,** суханони **маслиҳатомезона,** бинии **дасткадумонанд,** бачаи **гапнофаҳм,** одати **ҳаррӯзина,** осмони **қадамнорас,** одами **бамақсадрас,** рӯди **осмониранг,** ҷои **даструйшӯй.**

Дар ин хона, ки даромадгоҳаш тоқи баланд ва ғаррасутунҳои **мармариннусха** дошт, театр, кино, тӯдаҳои ҳаваскорӣ ҷой гирифта буданд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Дар лабони хушки бенам шуд падид
Ғуссаи садсолаи **касношунид.**
(М. Турсунзода)

Мӯйсафед ҳам дар навбати худ изҳор кард, ки ҳамроҳи кампири аҷиб **гапнодарои** худ аз Хаволинг омадааст (*И. Файзуллоев*). Дар таом бошад, хӯрокҳои бадтарин ва **дилнокаштаринро** ба ман медод (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Имрӯзҳо ӯро танҳо теғаҳои кӯҳи **абрногузар** ва дараҳои танги **обногурез** нигоҳдорӣ мекарданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт, ҷ. II).

16) **Аз пешоянду исм бо суффикси -ӣ:** хонаи **зеризаминӣ,** участкаҳои **наздиҳавлигӣ,** ҳолати **ғайритабиӣ,** сӯҳбатҳои **пешазинтихоботӣ.**

Партия роҳи тараққиёти **ғайрикапиталистиро** интихоб карда, ба коллективонидани **хоҷагии** қишлоқ дилпурона шурӯъ намуд («Тоҷикистони Советӣ»). Правленияи колхоз бо таклифи ташкилоти партиявӣ участкаи **наздиҳавлигии** як қис-

ми колхозчиёнро, ки аз норма зиёд буд, бурида кам кард (*С. Улуғзода,* Навобод). Кампир чашмбанд надошт ва аз ин ҳоли дар он вақт гӯё **ғайритабиӣ** хиҷолате, ибое дар симои вай дида намешуд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

17) **Аз таркиби изофӣ бо суффиксҳо:** кисаи **сарисинагӣ**, ҳавлии **рӯидаричанок**, ресмони **пашмигӯсфандӣ**, дӯкончаи **чархиосиётарошӣ**, палави **гӯштимурғнок**, офтоби **саридеворӣ**, таоми **нисфирӯзӣ**, чилбури **пашмибузӣ**.

Пас аз он милтиқдорон ду дасти як бандиро бо чилбури **пашмибузӣ** маҳкам бастанд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Дар зери айвонча як дӯкончаи **чархиосиётарошӣ** буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ош иборат аз палави **гӯштимургноки** серравғани балаззат буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар сояи ин офтоби **саридеворӣ** пеши пои худро дида метавонед (*С. Айнӣ,* Дохунда). Шарбати як ҷуфт дегчаи аз ҳама охирин ва аз ҳама хурдтар ғафс шуда, дар вақти ҷӯшиш бар худ ҳубобчаҳои **чашмимурғӣ** пайдо кардан гирифт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

3. БА ВОСИТАИ КАЛИМАҲОИ ТАРКИБӢ

Сифатҳое, ки зиёда аз як калимаро дар бар гирифта, дар имло ҷудо навишта мешаванд, ба гурӯҳи сифатҳои таркибӣ дохил мешаванд: муваффақиятҳои **нав ба нав**, зарбаҳои **пай дар пай**, мӯи **чин ба чин**, суханони **пой дар ҳаво**, роҳи **печ дар печ**, ҷангҳои **тан ба тан** ва м. ин.

Як гурӯҳи сифатҳои таркибӣ аз сифатҳои мураккаб бо роҳи иловаи калима ҳамчун муайянкунандаи ҷузъи якум ба вуҷуд меоянд: заводи **ордендор** (мураккаб), заводи **ордени Лениндор** (таркибӣ), колхози **байракдор** (мураккаб), колхози **байраки сурхдор** (таркибӣ). Монанди ҳамин: одамони **яроқи чарминдор**, одами **саллаву ҷомапӯш**, театри ордени **Байраки Сурхи Меҳнатдор** ва ҳоказо. Ин хона **ёздаҳболори даҳлезу мадондор** буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Гурӯҳи дигари сифатҳои таркибӣ аз сифатҳои нисбии бо ҳамомада ташкил меёбанд. Корҳои **оммавӣ-сиёсӣ**, **ташкилӣ-партиявӣ**, ҳаракати **миллӣ- озодихоҳӣ**, муассисаҳои **маданӣ-равшаннамой**, хизмати **маданӣ-маишӣ**, луғати **русӣ-тоҷикӣ**.

Дар бобати ба ҷо овардани хизмати **маданӣ-маишӣ** як қатор тадбирҳо андешида шуд (*Газ.* «Тоҷикистони советӣ»). Кори китобхонаҳо, муассисаҳои **маданӣ-равшаннамой** беҳтар гардид (*Газ.* «Тоҷикистони советӣ»).

ШУМОРА

ШУМОРА ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ

Шумора яке аз ҳиссаҳои номии нутқ буда, миқдор ва тартиби предметҳоро бо адад ифода менамояд ва инчунин ададҳои беномро номбар мекунад: **Панҷ** китоб, **чорсаду бис-**

ту панҷ рӯзи меҳнат, **панҷум, сеюм, ҳашт** ба ду тақсим мешавад.

Ададҳои беном (абстракт) одатан дар ифодаҳои математикӣ кор фармуда мешаванд.

Шумораҳо калимаҳои мустақилмаъноянд. Шумораҳо, пеш аз ҳама, номи ададҳои алоҳида (абстракт) мебошанд. Агар онҳо бо исм оянд, миқдори конкретро мефаҳмонанд.

Дар забони тоҷикӣ калимаҳое ҳастанд, ки ададро ифода накунанд ҳам, то андозае миқдори предметро мефаҳмонанд. Ин қабил калимаҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ташаккул меёбанд. Масалан, дар ифодаҳои **аксарият розӣ, ақалияти, онҳо** — калимаҳои **аксарият** ва **ақалият** миқдорро мефаҳмонанд, вале онҳо шумора набуда, исм мебошанд (ба савол кӣ ҷавоб мешаванд). Инчунин калимаҳои **чанд, ҳамон қадар**, ки ҷонишин ҳастанд, дар ибораи **чанд китоб, ҳамон қадар китоб** миқдори предметро ифода мекунанд, **андак, бисьёр** ва ғайра, ки зарф ҳастанд, миқдори предметро фаҳмонда метавонанд. Бо вуҷуди ин калимаҳои мазкур шумора шуда наметавонанд, зеро шумора аз адад ба вуҷуд меояд.

Калимаҳои ададӣ, яъне калимаҳои аз адад бавуҷудомада ҳам ҳастанд, вале ба сабаби он ки шумораро ифода намекунанд, ба ин ҳиссаи нутқ дохил намешаванд. Масалан, **ду-ду, дутоӣ, сетоӣ-сетоӣ, ягон-ягон** — зарф буда, дар ҷумлаҳои «Аҳмад имрӯз панҷ гирифт», «рақами чорро нависем» — **панҷ** ва **чор** исм шуда омадаанд.

Адад, шумурданро одамон худ аз худ фикр карда набаровардаанд, мафҳуми адад ва шумурдан дар зиндагонии иҷтимоии инсон пайдо шуда, дар майнаи одамон инъикос ёфтааст: мафҳуми адад ва шумора ба майнаи одамон аз ҳаёт даромадааст. Оид ба ин масъала Ф. Энгельс гуфтааст: «Мафҳумҳои ададҳо ва фигураҳо аз ҷои номаълуме не, балки аз худи дуньёи воқеӣ гирифта шудаанд. Даҳ ангушт, ки одамон бо ёрии онҳо шумурдан, яъне нахустин амалиёти арифметикиро меомӯхтанд, ба ҳама ҳол фақат маҳсули эҷоди озоди ақл намебошанд»[1].

Ҳамаи калимаҳое, ки шумораро дар бар мегиранд, калимаҳои мустақилмаъно мебошанд, аммо дар забони ҳозираи мо онҳо хеле абстракт шуда рафтаанд. Масалан, ададҳо ба мо танҳо дар бораи миқдорҳо мафҳумҳои умумиро мефаҳмонанду халос, то ба онҳо номи предметҳоро ҳамроҳ накунем, чунончи, даҳ қадам, бист сол нагӯем, ададҳо маънии конкретӣ намегиранд.

Шумораҳои асосӣ дар забони ҳозираи тоҷик зиёд нестанд. Ҳамаи шумораҳо — то миллиард (999, 999, 999)-ро фақат бо бисту як калимаи решагӣ ифода кардан мумкин аст:

---

[1] *Ф. Энгельс.* Анти-Дюринг, 1950, саҳ. 37.

як	ҳашт	шаст
ду	нӯҳ	ҳафтод
се	даҳ	ҳаштод
чор (чаҳор)	бист	навад
панҷ	сӣ	сад
шаш	чил (чиҳил)	ҳазор
ҳафт	панҷоҳ	миллион

Ададҳо то ҳазор қариб дар ҳамаи забонҳои гурӯҳи эронӣ тақрибан як хел аст. Бисьёр ададҳои соддаи тоҷикӣ ва русӣ ҳам (ки ҳар дуи ин забонҳо аз оилаи забонҳои ҳинду-европоӣ мебошанд) аслашон як аст. Масалан, ду ва два, се ва три, панҷ ва пять, сад ва сто, шаш ва шестьро муқоиса кунед. Ин факт далели он аст, ки ададҳо дар замони хеле қадим ба вуҷуд омадаанд.

Шумораҳо дар забони тоҷикӣ хусусияти грамматикии зиёде надоранд.

Хусусияти морфологии шумора аз он иборат аст, ки дар он категорияи шумора (танҳо ва ҷамъ) нест. Шумораҳо аломати категорияи номуайян (-е)-ро намегиранд.

Шумораҳои миқдорӣ нумератив мегиранд **(чорта, чор дона, чор сар, чор нафар** ва монанди инҳо). Шумораҳои миқдорӣ бо суффикси **-ум (-юм)** ва гоҳо бо **-умин** шумораи тартибӣ месозанд **(чорум, сеюм, чорумин).**

Хусусияти синтаксисии шумораҳо дар ҷумла муайянкунанда шуда омадани онҳо мебошад: **даҳ нафар** шогирд, **панҷ-шаш** ҷилд китоб, курси **чорум.**

Шумораҳои касрӣ дар ҷумла чун муайянкунанда пеш аз предмет (муайяншаванда) омада, ба воситаи изофа (и) ба он алоқаманд мешаванд: **шашьяки** ҷаҳон, **чорьяки** нон...

Шумораҳои тахминӣ дар ҷумла муайянкунанда ва ҳол шуда меоянд: Бо чашмони сиёҳ ба сӯи доя **ду-се** ало-ало нигоҳ кард (*Ф. Ниёзӣ*, Духтари ҳамсоя).

СОХТИ ШУМОРАҲО

Шумораҳо аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд:

1. Шумораҳои содда: **як, чор, сӣ, сад, ҳазор...**
2. Шумораҳои сохта: **якум, дуюм...**
3. Шумораҳои мураккаб: **чордаҳ, ҳафдаҳ, дусад...**
4. Шумораҳои таркибӣ: **бисту панҷ, дусаду панҷоҳу ҳашт.**

ХЕЛҲОИ ШУМОРА

Шумораҳо аз ҷиҳати маъно ва вазифаашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: **шумораҳои миқдорӣ** ва **шумораҳои тартибӣ.**

1. Шумораи миқдорӣ

Шумораҳои миқдорӣ миқдори предметро фаҳмонда, инчунин ададҳои беномро (абстрактро) номбар мекунанд: **панҷ**

студент, **даҳ қалам, ҳашт стол, чор** асп, **дувоздаҳ** ба **чор** тақсим мешавад. Даҳ ададн том аст. Шумораҳои миқдорӣ ба саволи чанд?, чӣ қадар? ҷавоб мешаванд. Шумораҳои миқдорӣ ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Шумораи аслӣ.
2. Шумораи тахминӣ.
3. Шумораи касрӣ.

Шумораи аслӣ

Шумораи аслӣ пеш аз предметҳои шумурдашуда омада, миқдори предметҳоро бо ададн том мефаҳмонад: **Шаш** аспакӣ асп давонда баромад (*Р. Ҷалил*, Гулрӯ). Дар поёни сандалӣ **ду** мӯйсафед менишаст (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр).

Калимаҳои (ададҳои томи) **панҷсад, ҳазор, ҳафтоду панҷ ҳазор, се, чор, нуздаҳ** ва **бист** шумораҳои аслӣ мебошанд.

Шумораи аслӣ ҳамаи ададҳои томи муқаррариро дар бар мегирад ва хелҳои дигари шумора аз он сохта мешаванд.

Ададн калимаҳои асосӣ, ки барои ифодаи миқдори ададии бисьёре кифоят мекунанд, хеле кам аст.

Шумораҳои аслии аз як то даҳ калимаҳои содда (рехта) мебошанд, шумораҳои аз даҳ то бист ба воситаи ба даҳ зам кардани калимаҳои аз як то даҳ сохта мешаванд: **ёздаҳ, дувоздаҳ, сездаҳ, чордаҳ, понздаҳ, шонздаҳ, ҳафдаҳ, ҳаждаҳ, нуздаҳ.**

Дар шумораҳои **ёздаҳ, дувоздаҳ, сездаҳ, понздаҳ, шонздаҳ, нуздаҳ** ҳамсадои **з** боқимондаи пешоянди **аз** аст. Дар шумораҳои **чордаҳ, ҳафдаҳ, ҳаждаҳ,** садои **з** боқӣ намондааст.

Чунон ки маълум аст, ҳамсадои **н** дар калимаи **понздаҳ** н-и панҷ аст, аммо дар калимаи **шонздаҳ** ҳамсадои **н** аз кучо пайдо шудааст? Мегӯянд, ки ба тариқи тақлид, аналогия ба понздаҳ шумораи шонздаҳ-ро низ бо **н** талаффуз мекунанд.

Ададҳои аз бист боло бо пайвастани воҳидҳо бо даҳиҳо, садиҳо, ҳазорҳо ва ғайра, ки дар натиҷа ададҳои таркибӣ ба вуҷуд меоянд, ба воситаи пайвандаки **у** сохта мешаванд. Дар ин ҳолат ададн (хонаи) калон аввал, баъд аз он, ба навбат, ададҳои (хонаи) аз вай хурдтар талаффуз карда (навишта) мешаванд. Масалан, **чорсаду панҷоҳу як, шаш ҳазору панҷсаду шасту ду, як миллиону сесаду ҳафтоду ҳашт ҳазору ҳафтсаду чилу шаш.**

Ададҳои лӯндаи миллион, миллиард ва ғайра ба воситаи забони русӣ ба тоҷикӣ гузаштаанд.

Ададҳои **дувист**[1] (дусад), **тирист** (сесад), **бевар** (даҳ ҳазор), **лак (сад ҳазор), курур** (панҷоҳ ҳазор) ва **ҳазор-ҳазор**[2] (як миллион) ҳамчун калимаҳои архаистӣ дар забони имрӯза истеъмол намешаванд.

Тарзҳои шумурдани предметҳо, агар лаҳҷаҳои гуногун ва адабиёти пештаразамонро ба назар гирем, зиёд аст.

Аммо аксари мутлақи онҳо ё тарзи лаҳҷагӣ ва ё архаистӣ мебошанд. Масалан, дар баъзе лаҳҷаҳо адади як ҳазору чорсад ба тарзи **чордаҳсад**, як ҳазору нӯҳсад ба тарзи **нуздаҳсад** гуфта мешавад. Шастро **себист**, чил-ро **дубист** мегӯянд, нуздаҳро **як кам бист**, сию ҳашт-ро **ду кам чил** мегӯянд...

Раис гуноҳи ҳар кадоми онҳоро «таҳқиқ намуда», баъзеро ба ҷазои **як кам чил** дарра, баъзеро ба понздаҳ ё нӯҳ дарра ҳукм мекард (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Предмети шумурда одатан баъд аз шумора меояд.

Имшаб **чор** кас омада, ба муқобили **сесад** кас ҷанг кардем ва душманро мағлуб кардем (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Баъзеҳо шумораҳои лӯндаи ҷамъи даҳҳо, садҳо, ҳазорҳо, ҳазорон ва ғайраро як хели шумора мегӯянд, вале мо таъриф ва вазифаҳои шумораро ба хотир биёрем, равшан мегардад, ки ин ақида чандон асос надорад. Ин қабил калимаҳо бисьёриро мефаҳмонанд, на адади муайяни предметро.

Худи шумора танҳо зиёдии предметро таъин мекунад, бинобар ҳамин, агар предмет бо шумора ояд, ҷамъ набастани он предмет табиӣ аст.

Дар хона **ду** кампир ба истиқболи он ба по хеста буданд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Аммо дар баъзе номҳои мифологии хеле қадим пайдошуда, монанди, **ҳафтдодарон, чилдухтарон** шумурдашудаҳои бевосита баъд аз адад омада суффикси ҷамъро мегиранд. Чунон ки тадқиқотчиён мегӯянд, ин ҳодиса дар забони мо як вақтҳо бисьёр вомехӯрдааст — предметҳои шумурдашуда баъд аз шумораҳо ҳам суффикси ҷамъро мегирифтаанд.

Дар нутқ бештар дар байни шумора ва предметҳои шумурдашуда калимаҳои нумеративӣ ба кор бурда мешаванд: **Аз** рӯи сандалӣ гирифта то поёни меҳмонхона **чор дона** шамъи нимчагии ҷойдорӣ нур мепошиданд (*С. Айнӣ*, Асарҳои мунтахаб). Инчунин боз хабар омад, ки **сесад нафар** аскари пиёда ва **дусад нафар** аскари савора ҳам ба фармони «Зану тороҷ кун!» мунтазир истодаанд (*Ҷ. Икромӣ*, Тахти вожгун). ...**Ду сар** пиёзро пора карда бирьён кун... (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр).

Агар байни шумораву предметҳои шумурдашаванда калимаҳои нумеративӣ оянд, он гоҳ дар байни онҳо калима-

---

[1] Калимаи **дувист** дар форсии Эрони ҳозира (бо тарзи талаффузи хос) ба ҷои дусад-и мо ба кор бурда мешавад.

[2] Дар забони мо **ҳазор-ҳазор** ва шакли аз ин ҳам кӯҳнатари он **ҳазор андар ҳазор** ҳоло ба кор бурда мешавад, аммо аз он адад як миллион не, балки маънии хеле бисьёр фаҳмида мешавад: Большевикон **ҳазор андар ҳазоранд** (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Дар айни замон **ҳазорон ҳазор** одамон, ки ватани худро аз сидқи дил дӯст медоранд, либоси аскарӣ пӯшида истодаанд (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

ҳои воҳидҳои қиёсии ченакӣ меоянд. Дар мисолҳои зерин калимаҳои **чимдӣ, похса, ғарам, центнер, сол, тӯб, либосвор, ҷуфт** воҳидҳои қиёсии ченакӣ мебошанд.

...бо нӯги ду ангушти дасти ростат аз ин дору **як чимдӣ** гирифта... ба чашмат мерезӣ (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Дар як ҷои ин саҳро як работи васеъ, ки атрофаш бо **ҳафт похса** девор печонида гирифта шуда буд, ба назар менамуд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Аз совхоз **шаш ғарам** хошок ва даҳ **центнер** кунҷола харида нисфашро ба фермаи ту дода омадам (*С. Улуғзода*, Навобод). Одина се соли пурра ба завод кор кард, ҳар чанд музди хизматаш кам буд, азбаски нахӯрд, напӯшид ва сарфакорӣ кард, ба нияти тӯй хеле чиз посира намуд: **як тӯб** сатин, **як тӯб** чит, **як тӯб** суф, ду рӯймоли фарангӣ, **як либосвор** шоҳӣ ва **як ҷуфт** кавшу маҳсиро пеш-пеш харида дар хӯрҷин ҷой карда монда буд (*С. Айнӣ*, Одина).

Дар нутқ гоҳо предмети шумурдашаванда ба кор бурда намешавад. Аммо аз контекст чӣ будани шумурдашаванда-предмет равшан маълум шуда меистад:

— **Шаст** не, ман **ҳафтодта** медиҳам, ана биёед, мусобиқа мебандем,— сурх шуда, ҳаяҷони истеҳзоомезашро бо табассуми зӯракӣ пинҳонӣ карда гуфт вай (*С. Улуғзода*, Навобод).

Дар ин мисол предмети шумурдашаванда **пахта** (шаст центнер пахта) кӯтоҳ шудааст.

Истифодаи нумеративҳо дар ҷумла шарт нест, аммо дар ҷояш ба кор набурдани калимаҳои қиёсии ченакӣ ба маънии ҷумла халал расонда, онро вайрон мекунад. Масалан, дар мисоли «Донед, ки ман аз ин ҷо бе бист **ман** ғалла, сӣ **сар** гӯсфанду буз ва панҷоҳ **газ** карбос намеравам (*С. Улуғзода*, Восеъ) нумеративи **сар** партофта шавад, ба маънӣ халал ворид намешавад, аммо калимаҳои қиёсии ченакии **ман, газ**ро ба кор набурдан мумкин нест.

Калимаи **як** дар забони мо хеле серистеъмол ва сервазифа аст.

Дар мисоли «Зиндагонии Раҳими Қанд хеле танг буд, албатта бо ду танга даромад, ки вай ҳам ҳар рӯз ба даст намедаромад, бо **якто нон** ва **як коса** ош, ки онҳо ҳам бо тарзи тасодуфӣ аз тӯйҳо ва зиёфатҳои калон дар ҳафтаҳо ва моҳҳо ба тарзи инъом меомаданд...» (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр), калимаи **як** шумораи миқдорӣ аст. Гоҳо шумораи **як** пеш аз сад, ҳазор, миллион меафтад, яъне ба ҷои «яксаду ҳафтод сар гӯсфанд, як ҳазору чорсаду ду асп» мумкин аст, **«саду ҳафтод сар гӯсфанд, ҳазору чорсаду ду асп»** гуфт.

Шумораи **як** дар забони мо гайр аз шуморагӣ боз дигар вазифаҳоро ҳам иҷро мекунад: ба замин **як кард, як ба ман** ва **як ба** ту нигоҳ карда гузашта рафт, **як** ту омадӣ, **як гап зан, як гап зад ки...**

Дар он ҷо **як бист** нафар колхозчиён барои аз ҷӯйбор об баровардан ҷӯй мекофтанд (*С. Улуғзода*, Навобод). Баъд аз

ҷанд дақиқа гирогиру моломол дар болои буз фақат **як сӣ** нафар саворони ғайюртар монданд, ки талош мекарданд (*С. Улуғзода,* Навобод). **Як шаш** моҳ пеш аз ин бевосита баъд аз тамом шудани ҷанг бо **як** кори муҳим ба Рига рафтам (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Бибӣ Халифа **як** зани сафедрӯи миёнсоли фарбеҳ ва ишкамкалон буд (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Мо дар **як** ҳавлӣ зиндагӣ мекунем, ки чор тарафи он боғ аст.

Як гоҳо ба ҷои аломати е меояд:

Як ҳаёти ҷидоли саранҷом,
Бо ситампешагони хуношом,
Як ҳаёти мудом афту дарафт,
Ҳар куҷо буд лозим ӯ мерафт.

(*С. Айнӣ,* Ёдгорӣ).

Аз дӯст **як** ишора, аз мо ба сар давидан.

(Фольклор).

Дар воқеъ, **як** тоқияфурӯш-ро **тоқияфурӯше**, **як** ҳаёт-ро **ҳаёте**, **як** ишора-ро **ишорае** гуфтан ҳам мумкин аст.

Ҷолиби таваҷҷӯҳ, ки то ҳол маънии як доштани аломати -е то андозае ҳис карда мешавад:

Писараш **соле** ду бор ба ризои падараш меҳмондории рӯйрост мекард... (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб).

Шумораи тахминӣ

Шумораҳои тахминӣ яке аз намудҳои шумораи миқдорӣ мебошанд. Онҳо миқдорро ба тариқи тахминӣ ифода мекунанд: **чор-панҷ** кас, **даҳ-дувоздаҳ** рӯз, **сӣ-чил** дарахт.

Мӯйсафедҳо **даҳ-дувоздаҳ** нафар буданд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Ин гапҳоро шумо дар даруни меҳмонхона дар байни **понздаҳ-бист** нафар ёру ҷӯра зада метавонед (*С. Айнӣ,* Аҳмади Девбанд).

Дар сохти шумораҳои тахминӣ қоидаи муайяне дида мешавад:

Шумораҳои тахминӣ одатан аз ду шумораи миқдории аслӣ ва ё касрӣ таркиб меёбанд. Дар шумораҳои тахминӣ аввал адади хурд, баъд адади калон меояд: **чор-панҷ, даҳ-понздаҳ.**

Доираи сохта шудани шумораҳои тахминӣ муайян ва маҳдуд аст.

Шумораҳои тахминӣ одатан аз ду адади паи ҳам омада ба вуҷуд меоянд: **як-ду, ду-се, се-чор, чор-панҷ, панҷ-шаш, шаш-ҳафт, ҳафт-ҳашт, ҳашт-нӯҳ, даҳ-ёздаҳ, ёздаҳ-дувоздаҳ, ҳафдаҳ-ҳаждаҳ, нуздаҳ-бист, бисту як-бисту ду, сию панҷ-сию шаш** ва монанди инҳо.

Шумораҳои тахминӣ инчунин бо панҷ-панҷ ва ё даҳ-даҳ

зиёд кардани ададҳо сохта мешаванд: **даҳ-понздаҳ, понздаҳ-бист, бист-бисту панҷ, бист-сӣ, чил-панҷоҳ, ҳафтод-ҳафтоду панҷ** ва монанди инҳо.

Шумораҳои таркибии тахминии аз сад зиёд низ бо ҳамин роҳ сохта мешаванд: **сад-саду бист, сад-саду панҷоҳ, дусад-сесад, панҷ-шаш ҳазор** ва монанди инҳо.

Ба шумораи аслӣ адади **як** ва ё ҷонишини миқдории **чандро** ҳамроҳ карда, адади тахминиро ифода мекунанд: **Аз сесаду чанд** нафар иштироккунандагони маҷлис **як понздаҳ** кас ба муқобили вай даст бардоштанд (*С. Улуғзода,* Навобод). Аз Конибодом, Ашт ва Ӯротеппа **як сӣ** хоҷагӣ муҳоҷирони нав омаданд (*С. Улуғзода,* Навобод).

Шумораи касрӣ

Шумораҳое, ки миқдори предметҳоро бо ададҳои касрӣ мефаҳмонанд, шумораи касрӣ номида мешаванд: **сеяк, чорьяк, аз се як, аз чор як** ва монанди инҳо.

Лекин машинаи рост ба ҷои шумо раванда **аз сад якто** наояд, дигар ҳамааш **то** нисфи роҳ меравад (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Агар адади том (шумораи аслӣ) бо каср ояд, он гоҳ аввал шумораи аслӣ ва баъд шумораи касрӣ омада, пайвандаки **у** онҳоро мепайвандад:

Тарафи ғарбии роҳ майдони Машқи Сарбоз буда, дар байни роҳ ва майдон заҳкаши пуробе, ки **якуним** метр бару ҳамин қадар ҳам чуқурӣ дошт, тарафи роҳи Дилкушо ном чорбоғи подшоҳӣ буд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Дар нутқ шумораҳои касрӣ одатан бо талаффузи пешоянди **аз** + махраҷ + сурат ба вуҷуд меояд. Масалан, $\frac{2}{5}$ -ро **аз панҷ ду** ва $\frac{3}{10}$ -ро **аз даҳ се** талаффуз мекунем.

Ҳангоми талаффузи $^1/_3$, $^1/_4$, $^1/_5$, $^1/_6$, $^1/_7$, $^1/_8$, $^1/_{10}$, $^1/_{100}$ бештар пешоянди **аз** талаффуз намешавад, бинобар ин ифодаҳо ҳам кӯтоҳ шуда, шакли **сеяк, чорьяк** ва ғайраро мегиранд.

...Сар то сари **шашьяки** ҷаҳон давр занам,
Бешубҳа, туро дар ҳама ҷо мебинам.

(Ҳ. Юсуфӣ)

— Не, ин кор ба ман баробар намеояд ва дар он вақт ман қариб **чорьяки** пули тоқияҳоро аз даст медиҳам,— гӯён Қорӣ-ишкамба рафтан хост (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Шумораи $^3/_4$-ро дар нутқ аз чор се ва ё сечорьяк гуфтан мумкин аст, $^1/_2$-ро одатан ним ё нисф мегӯем.

Бо шумораҳои касрӣ ҳам шумораҳои тахминӣ месозанд: **Ду-дуним** километр роҳ рафта будand, ки аз пеши онҳо чорраҳа баромад (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Чунон ки маълум аст, дар забони тоҷикӣ одатан, предме-

ти шумурдашаванда баъд аз шумора ва гоҳо пеш аз он ҳам меояд. Вақте ки шумораи аслӣ ва шумораи касрӣ пайванд мешаванд, предмети шумурдашаванда метавонад баъд аз шумораи аслӣ ояд.

...Чанд ҳафта парид ин Анқо?
— Гуфт: — Парид ин уқоби азим
Ҳафта не, рӯз не, ду соату ним.

(Мактуби халқи тоҷик)

Ин ҳолат дар забони тоҷикӣ танҳо дар шеър вомехӯрад.

2. Шумораи тартибӣ

Шумораи тартибӣ тартиби предметҳоро бо адад ифода мекунад.

Шумораи тартибӣ аз шумораи аслӣ ба воситаи суффикси **-ум (-умин)** [1] сохта мешавад.

Дар рӯзҳои **панҷум, шашум, ҳафтум** ва **ҳаштуми** март... дар даруни арк ҳам ҷои холӣ намонд (*С. Айнӣ*, Асарҳои мунтахаб). Соли **сию якум** ба Вахш кӯчида омадем (*С. Улуғзода*, Навобод). Лекин тири **дуюми** муаллим, ки дарҳол, пас аз тири **якум** баромада буд, Мансурбойро аз по афтонд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Дар гӯшаи аз ҳама дуртари хона, назди печка **панҷумин** иштироккунандаи маҷлис Ҳошим-корвон ҷойгир буд (*С. Улуғзода*, Навобод).

Шумораҳои тартибӣ бештар пас аз предмети шумурдашаванда меоянд.

Одатан, шумораи тартибӣ бо суффикси **-ум** сохта мешавад ва гоҳо суффикси сифатсози **-ин**-ро низ қабул мекунад.

Баъзан барои таъкид ва обуранги услубӣ суффикси шумораи тартибӣ **(-ум)** афтида мемонад.

Дар 22 моҳи октябри соли 1918 дар ҳавои Тошкент як хунукии аз одат берун рӯй дод (*С. Айнӣ*, Асарҳои мунтахаб). Рӯзи 29 апрели соли 1931 Рашидов якка ва танҳо қишлоқҳоро дида-дида, ниҳоят, ба қишлоқи Гулистон омада расид (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Гоҳо предмети шумораи тартибӣ (шумурдашаванда) меафтад, аммо вай аз матн маълум мегардад.

Ҳодисаҳои 28—29-ро аз сар гузаронида истода, дар ин ҷо ҳам хато хӯрдан, албатта, аз камсаводӣ аст (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Дар мисоли боло на танҳо предмети шумурдашаванда афтидааст, балки калимаҳои 1928—1929 низ ихтисор шуда, 28—

[1] Шумораи тартибӣ дар хат бо рақамҳои римӣ ояд, бе-ум (-умин) навишта мешавад, аммо дар хондани рақамҳои римӣ—умро ҳамроҳ карда мехонанд. Масалан, съезди XX-ро дар хондан съезди бистум мехонанд.

29 шудаанд, ки аз матн маънои даркорӣ фаҳмида мешавад.

Шумораҳои тартибӣ бо тарзҳои гуногун (пурра, нопурра, бо-ум ва бе-ум) такрор ёфта, шумораҳои тартибии тахминӣ ва ё шумораҳои тартибии чида ба вуҷуд меоваранд.

Агар шумо дар мавсими кори солҳои **1915—1916** ба он завод меомадед, дар охири сафи ин меҳнатрӯзиён **як** ҷавони 18—19-соларо медидед, ки либосашро аз тан кашида... (*С. Айнӣ*, Асарҳои мунтахаб). Ана ҳисоб кунед, аз солҳои 1927—1928, ки вай 7—8-сола буд, чанд сол гузаштааст (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Калимаи **аввал** арабӣ буда, тоҷикии он **нахуст, якум** аст. Дар забони мо калимаи мазкур ба чанд маънӣ, аз он ҷумла ба ҷои шумораи тартибии якум низ ба кор бурда мешавад.

Ман рафта, мувофиқи одат, **аввал** бо одами пешгоҳнишин вохӯрдӣ кардам, **дуюм** бо бинипучуқ, **сеюм** бо камонбинӣ (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр).

Агар шумораи тартибӣ суффикси **-ин**-ро гирад, одатан, пеш аз предмети шумурдашаванда меояд:

Дафъаи **аввалин** дар интернат
Мо китоби саводро дидем,
Аввалин бор номи Ленинро
Аз алифбои хеш бишнидем.

(Турсунзода)

Даҳ сол пеш аз ин ман аз забони **аввалин** устоди худам Иваницкий номи Ленинро дар ин ҷо шунида будам (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид)..

Аз шумораҳои тартибӣ, ки суффикси **-ин** доранд, гоҳо н меафтад. Ба ҷои якумин — **якумӣ**, даҳумин — **даҳумӣ**, ба ҷои аввалин — **аввалӣ** мегӯянд.

Инженер аз ин суханҳо ва аз он шаҳодатномаи расмӣ фаҳмидааст, ки ақли ин одам халалдор нест, яъне девона нест, бинобар ин, ӯ саволи **аввалиашро** бо оҳанги ҷиддӣ ва таъбирҳои дигар такрор кардааст (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Ин ҳолро дида, ҳама ҷангарагон ягон-ягон ба тарафи кӯҳнадӯзҳо давида аз сари кори онҳо **яке** кӯба, дигаре **болға, сеюмӣ** анбӯр, **чорумӣ** шони мӯза ва маҳсиро кашида **гирифта** ҷанг-ро давом доданд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Шумораҳои тартибии **дуюм, сеюм** ба шакли **дуввум, савв**ум низ ба кор бурда мешаванд.

ҶОНИШИН

МАФҲУМИ ҶОНИШИН

Ҷонишин ҳиссаи мустақили нутқ буда, предмет, аломат ва миқдори онҳоро далолат менамояд, вале худи онҳоро ном-

бар намекунад, вай ба ҷои исму сифат ва шумора меояд. Ҷонишинҳо бо маънои хеле умумии худ аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунанд. Маънои конкретии ҷонишинҳо танҳо дар ҷумла муайян мешавад.

Мисол:

Мирзои бой Неъмат ном дошта, як одами сисолаи хушхату савод буд. **Ӯ** ҳавлӣ ва ҷои истиқомат надошт (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Падарам то синни чилсолагиаш полвон (паҳлавон) будааст. **Вай** қадбаланд, қоматаш рост, ришаш сипсиёҳ, пӯсти рӯш сиёҳтоб буд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Дар барам курта-лозимии сафеди суфта буд... **Ин гуна** либосҳои тоза... маро хурсанд карда буд... (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Ҷонишинҳоро аз рӯи муносибаташон бо исм, сифат ва шумораҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

1. Ҷонишинҳои предметӣ: **ман, ту, мо, шумо, вай, онҳо, кӣ, ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, баъзе, ким-кӣ, ким-чӣ, худ, ин, он, ҳамин, ҳамон, ҳар кӣ, ҳар кас, ҳар чӣ, ҳама.**

2. Ҷонишинҳои сифатӣ: **ин хел, он хел, ин гуна, он гуна, чунин, чунон, чӣ гуна, чӣ хел, ҳеҷ гуна.**

3. Ҷонишинҳои шуморавӣ: **чанд, чандин, чандум, чӣ қадар, ин қадар, ҳамон қадар.**

Ҷонишинҳо дар ҷумла ба вазифаи сараъзоҳо (мубтадо ва хабар) ва аъзоҳои пайрав (муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол) меоянд.

Ман аз он сӯҳбатҳо комилан истифода мекардам. **Ӯ** аз ҳавлии дарун ва **Иброҳим** ба болохонаи берун меистоданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Чизе, ки варо накӯ надонӣ,
Тасвир чӣ гуна метавонӣ.
Ту пас ҳар чӣ дар васфи ман дам занӣ,
Ҳамон лаҳза табрики худ мекунӣ.

(*А. Лоҳутӣ*, Куллиёт)

Боварӣ доштам, **ки вай** дар синфи **худаш** ба дарс машғул аст (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).

Дар ватан фарзанди **мо** бадбахт нест,
Модари **он** ҳам зани сарсахт нест,
...Ҷони ширин, бин, **чӣ сон** сулҳ аст зӯр,
Бин, **чӣ сон** шуд дӯстӣ моро зарур.

(*М. Турсунзода*, Ҷони ширин)

Ҷонишинҳо аз рӯи маънои худ ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Ҷонишинҳои шахсӣ: ман, мо, моён, моҳо (шахси якум); ту, шумо, шумоҳо, шумоён (шахси дуюм); вай, ӯ, онҳо, вайҳо (шахси сеюм).

2. Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ: худ (худам, худат, худаш), хеш, хештан.

3. Ҷонишинҳои саволӣ: кӣ, киҳо, чӣ, чиҳо, кадом, чанд, чандум, чӣ хел, чӣ гуна, чӣ навъ.

4. Ҷонишинҳои ишоратӣ: ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, ин гуна, он гуна, ин хел, он хел.

5. Ҷонишинҳои таъинӣ: ҳама, ҳар (ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар кас, ҳар кадом, ҳар як).

6. Ҷонишинҳои манфӣ: ҳеҷ (ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ як, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз, ҳеҷ кадом).

7. Ҷонишинҳои номуайянӣ: кадом, баъзе, ягон, якчанд, фалон, фалонӣ, ким-кӣ, ким-чӣ, ким-кадом.

8. Ҷонишинҳои муштарак: якдигар, ҳамдигар (ҳам).

1. Ҷонишинҳои шахсӣ

Ҷонишинҳои шахсӣ ба ҷои шахсҳо ба кор бурда шуда, аз ҷиҳати ифодаи шахс се хел мешаванд:

1. шахси якум: ман, мо (моён, моҳо).

2. шахси дуюм: ту, шумо (шумоён, шумоҳо).

3. шахси сеюм: вай, ӯ, вайҳо.

Ҷонишинҳои шахсӣ шахсро далолат мекунанд, вале исмҳоро иваз карда наметавонанд.

Шакли танҳо ва ҷамъи ҷонишинҳои шахсии I ва II бо калимаҳои алоҳида ифода мешавад, вале шахси III аз шакли танҳо бо ёрии суффикси -ҳо сохта мешавад.

Шакли танҳо ва ҷамъи ҷонишинҳои шахсиро аз ҷадвали зерин ба хубӣ дидан мумкин аст:

Шахсҳо	Танҳо	Ҷамъ
шахси I	ман	мо (моён, моҳо)
шахси II	ту	шумо (шумоён, шумоҳо)
шахси III	ӯ, вай	онҳо, онон, вайҳо

Ҷонишини шахси якуми танҳо — **ман** шахси гӯянда мебошад:

Ман метавонам гӯям, ки материалҳои муҳимми адабии удро аз он ҳавлӣ ҷамъ кардам (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Кунун **ман** худ бигӯям кӯдаконро,
Ҳикоятҳои ғамноки ҷаҳонро.

(*М. Турсунзода*, Қиссаи Ҳиндустон)

Дар соли 1890 **ман** ҳамроҳи акаи худ барои хондан ба Бухоро омадам (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). **Ман** дар ҳақиқат ба шумо некӣ карданӣ ҳастам (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Агар ҷонишини **ман** дар ҷумла бо пасоянди-ро ояд, аз охири он аксар вақт овози **н** меафтад:

Ӯ **маро** ба омадан аз дунболи худаш ишорат карда, худ ба роҳаш давом намуд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Аскари сурх падари **маро** пурсид (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). **Маро** бубахш, ки дарҳол гапро аз ин фоҷиаҳо сар кардам (*Ф. Ниёзӣ*, Ҳиссае аз қиссаҳои ҷанг).

Ҷонишини **ман** чун исмҳо бо изофа омада муайянкунанда қабул мекунад: **мани** бечора, **мани** мискин, **мани** бекасу кӯй.

...**мани** кӯдак дар худи ҳамон вақт бисьёр чизҳоро ёд гирифтам (*Ҳ. Карим*, Ҳикояҳо). ... вай барои **мани** аз ватан дурафтода тасаллои дили ҳиҷронзада мешавад (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Ҷонишини **мо** гурӯҳи одамонро мефаҳмонад, ки ба он шахси якум ва дуюм ҳам дохил аст:

Мо ба деҳа бо роҳи давродавр рафтанӣ шудем (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). **Мо** як ҳафта ҳар шаб базму зиёфат ташкил кардем (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Ҷонишини **мо** дар шакли «моён» ва «моҳо» ҳам кор фармуда мешавад: Ҷавонони тарафи **моён** ба падарам мегуфтанд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Моёнро** мудири мактаб ва муаллимон пешвоз гирифтанд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии **мо**).

Ҷонишини **мо** дар сӯҳбат баъзан ба ҷои ман низ истеъмол мешавад.

Ба тали Чинор баромада дид, ки Вера ва Шодигул ба тарафи вай омада истодаанд.

— Шумо дар куҷо будед? — хурсанд шуда гуфт Вера.— **Мою** Шодигул хавотир кашида, ба кофтукови Шумо рафта истода будем.

— Барои чӣ маро пеш мекунед, Шодигул? Наход ки **мою** шумо... ҳеҷ гапи мегуфтагӣ надошта бошем (*С. Улуғзода*, Навобод). Ҳеҷ касро шарик нагирам, туро шарик мегирам, охир **мову** ту ошнои дерина-ку (*С. Улуғзода*, Навобод).

Ҷонишини **ту** шахси дуюми танҳо — шунаванда аст, ки ба он муроҷиат карда мешавад:

Ту хавотир нашав. Ба мо ҳеҷ гап намешавад (*Р. Ҷалил*,

Шӯроб). Ту бояд хуб фаҳмӣ, ки... ҳамаи роҳҳои фронт охир бе чунучаро моро ба Берлин меоваранд (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҷонишини шахси дуюми ҷамъ — **шумо** (шумоҳо, шумоён) касони зиёдеро мефаҳмонад ва дар мавриди муроҷиат ба кор бурда мешавад.

Шумо меҳмони маро зада бар хок афкандед... (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ҳо, **Шумо** муаллимонед, лекин муаллимони оянда... **Шумоён** дар ин ҷо маълумоти нағз мегиред (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ҳамаи **шумоён** хонашери майдонғариб (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Таҷрибаи имсола нишон дод, ки ман барои **дуи шумоҳо** харҷ карда наметавонам (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Ҷонишини **шумо** барои ҳурмат ба як кас ба ҷои **ту** низ истифода мешавад: **Шумо** дар ин хусус ба гапи ҳеҷ кас гӯш накунед, Шодигул, маслиҳати ман ба **Шумо** ҳамин (*С. Улуғзода*, Навобод).— **Шумо** бо падари ман дар куҷо чӣ гуна ҷӯра шуда будед? (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Бисьёр хуб, шумо имрӯз дар қатори мардикорон кор накунед, ман ба **шумо** як кори муносиби худатон мефармоям (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Ҷонишинҳои шахси сеюми танҳо ва ҷамъ: **ӯ, вай, онҳо, вайҳо, онон** ҳам предмет ва ҳам шахсро далолат мекунанд. Онҳо исмҳоро иваз карда метавонанд. Маънои ҷонишинҳои шахси сеюм назар ба ҷонишинҳои шахси якум ва дуюми танҳо ва ҷамъ хеле васеъ аст. Ин ҷонишинҳоро ҷонишинҳои шахсӣ-ишоратӣ низ мегӯянд. Ин ҷонишинҳо шахсе ва ё предметро мефаҳмонанд, ки ҳангоми гуфтугӯ бевосита ҳозир нест, бинобар ин онҳоро шахси ғоиб ҳам меноманд.

Пиразан ба коса боз об оварда ба **ӯ** дароз намуд (*Р. Ҷалил*, Шӯроб). **Вай** бо Николаев гап зада, Шариф ва Ҳаитро дар қаровулхонаи назди анбори ҳезум... ҷойгир кунонд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). **Ӯ** аз ин захираи тамомнашавандаи худ гавҳарҳои ноёбро шадда-шадда бароварда дар миён мегузошт (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Бо ҳамаи камсаводӣ ва бефарқиаш, агар гумон кунад, ки касе **ӯро** камсавод ё беҳис медонад, аз **вай** сахт меранҷид... (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Шакли ҷамъи ҷонишинҳои шахси сеюм аз шакли танҳояшон бо ёрии суффикси -ҳо ва -он сохта мешавад: Дар миёни **онҳо** касоне буданд, ки ҳафт сол боз дар ин ҷо ҳабс шуда буданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Онҳо** сару либоси ӯро нав намуданд... (*Р. Ҷалил*, Шӯроб). Ба ҳамин тариқ, **онҳо** ба мошин наздик мешаванд ва шояд яке аз **онон** ба шофёр... ба гуфтугӯ даромада бошад (*Ф. Муҳаммадиев*, Тири хокхӯрда).

Дар адабиёти классикӣ ва баъзан дар асарҳои ҳозираи бадеӣ барои ҷамъи одамон дар шахси сеюм ҷонишини **эшон** ба кор бурда мешавад, ки ҳоло дар забони гуфтугӯии мардум дар истеъмол нест:

Маҳол аст, ки ҳунармандон бимиранду беҳунарон ҷои **эшон**

бигиранд (*Саъдӣ*, Гулистон). Зотан, шунидан ва нашунидани абнои рӯзгор дарди дили бемори маро на барои моён ва на барои эшон аҳамияте надорад (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Як фарқи муҳимми ҷонишинҳои шахсӣ аз дигар ҷонишинҳо дар ин аст, ки онҳо бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибиро қабул намекунанд.

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ дорои маънои семантикӣ-грамматикӣ буда, ҳам соҳибият ва ҳам шахсро далолат мекунанд. Онҳо ба охири исмҳо ҳамроҳ шуда, ба кӣ ва ё кадом шахс тааллуқ доштани онро мефаҳмонанд.

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ се шахс ва ду шумора доранд.

Шахсҳо	Танҳо	Ҷамъ
шахси I	-ам(-ям)	-амон(-ямон)
шахси II	-ат(-ят)	-атон(-ятон)
шахси III	-аш(-яш)	-ашон(-яшон)

Меҳмонони мардинаро падарам, амакам, бобои модариам, тағоиҳоям... «хуш омадед» мегуфтанд, меҳмонзанонро модарам, модаркалонам, занони тағоиҳоям ва зани амакам меҳмондорӣ мекарданд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Падарам дар бораи деҳаамон ривоятҳои қадимиро нақл мекард (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ҷомаатро кашу аз ин тараф ба болои кӯрпача гузашта нишаста ин газетаро ба диққат хон (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Пушти падаратон ба замин расидагӣ не! — гуфта мемонд. Бобоятон пуштамро молида гуфтанд... Мо ӯро одатан дар суфачаи назди хонааш бо коре машғул медидем: вай ё досу каландашро сӯҳон мезад... ё ҷуволи даридаашро медӯхт (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Синаи ӯро сӯзише фаро гирифта, рагҳои гардану чакааш аз фишори сахти хун луққос зада, аъзои баданаш тафсида рафт (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Тутҳои кӯча соҳиб надоштанд, меваи ширини онҳо хуриши паррандагон, пасмондааш насиби бачагон мешуд. Дос аз дасти падарам меафтад, сараш чарх зада, чашмонашро сиёҳӣ пахш мекунад... (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Агар бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ бо исмҳо омада соҳибиятро ифода кунанд, онҳоро бо бандаки (и-) изофӣ ва ҷонишинҳои шахсӣ иваз намудан мумкин аст.

Танҳо: китобам — китоби **ман**
китобат — китоби **ту**
китобаш — китоби **ӯ**
Ҷамъ: китобамон — китоби **мо**
китобатон — китоби **шумо**
китобашон — китоби **онҳо**

Вале бояд гуфт, ки дар ҷумла исмҳо гарчи бо бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ оянд ҳам, ҳамеша онҳоро бевосита бо -и (изофа) ва ҷонишини шахсии муродифи он иваз кардан мумкин аст. Масалан, дар мисолҳои зерин ин ҳолатро ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Коратонро гӯед, шояд он хизмат аз дасти худам **ояд** *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Одил Саркор дар қатори дуюми аъзоёни ҳайати раёсат бепарво бо ҳамсояаш гапзанон менишаст *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Мо ба осудаҳолӣ расида, аз зиндагонии**амон** хушнуд будем *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Дар ин маврид онҳоро бо и-и изофӣ ва ҷонишини нафсӣ таъкидӣ иваз намудан мумкин аст.

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибии шахси якум ва дуюм ба одамон тааллуқ доштани предметро мефаҳмонанд. Бандакҷонишини шахсӣ-соҳибии шахси сеюм ғайр аз соҳибият маънои дигари грамматикӣ низ дорад ва соҳибияти ғайри одамонро низ далолат мекунад:

Хона равшан ва озода, дар тирезаҳояш пардаҳои сап-сафеди нафис кашидагӣ... фарши тахтагинаш ранг кардагӣ ва шаффоф буд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳамин хел одами бетолеъ будаам, ки ҳанӯз як ғаму ғуссаро фаромӯш накарда дигараш аз гулӯям мегирад *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ бо феълҳои гузаранда (дар шакли тасрифӣ) ва қисми номии феълҳо омада объекти амалро мефаҳмонад:

Агар яке аз ин шартҳоро вайрон кунӣ, ҳамон соат мекушамат... *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Гашт маълумам, ки меҳмон омадаст,
Меҳмон аз мулки Афғон омадаст.

(М. Турсунзода, Қиссаи Ҳиндустон)

Аз бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ баъзан садоноки «а» меафтад:

Сабзидану шукуфтани гулҳои орзут
Танҳо муяссар аст дар ин лолазори ман.

(М. Турсунзода, Ман аз Шарқи озод)

Равандагон, пас аз аз ташнагӣ халос кардани аспҳошон, боз ба роҳ даромаданд... *(С. Айнӣ,* Ғуломон). ... дигар талабагон

ҳам аз ҳуҷраҳошон баромада нигарони шунидани беҳудагӯиҳои бой шуда истоданд *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

2. Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ

Ҷонишини нафсӣ-таъкидии **худ** предметро муайян намуда, маънои онро таъкид мекунад ва муносибати шахсро нисбат ба худ мефаҳмонад. Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ ба ҳама предметҳо мансубият дорад. Агар ҷонишини мазкур бо бандакҷонишинҳо ояд, маъноияш конкрет шуда, монанди ҷонишинҳои шахсӣ истифода мешавад.

Худам медонам, ки ба кӣ гуфтан даркор ва ба кӣ нагуфтан *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ҳозир-ку **худат** чӣ хел хуб ба роҳ монда шудани чорводории колхозро ҳам аз газета хондӣ, боз чӣ мегӯӣ! *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Резаворфурӯш **худаш** аслан ҳам одами суханбофу суханпардоз буд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Рафиқ, **худатон** медонед, ки ман як деҳқони ранҷбар ҳастам, **худам** дар замини худ кор карда зиндагониамро як навъ мегузаронам *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Агар ҷонишини **худ** барои ифодаи таъкид ба кор бурда шавад, он гоҳ аксар пеш аз ҷонишинҳои дигар ва исмҳо омада бо оҳҳо ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд мешавад:

Худи ман ҳам мехостам, ки туро гирифта барам... (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Акнун **худи шумо** бо ман монанди ҳамон «мусулмонҳо» рафтор карда истодаед (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Худи Сафаров** ҳам аз аввал то охири ҷанг разведкачӣ буд... *(Ф. Муҳаммадиев,* Тири хокхӯрда).

Ҷонишини **худ** соҳибиятро низ ифода мекунад. Дар ин мавриди ин ҷонишин пас аз исмҳо меояд:

Дар соли 1890 ман ҳамроҳи акаи **худ** барои хондан ба Бухоро омадам *(С. Айнӣ,* **Ёддоштҳо).** Маҳмуд **ин вазифаи худро** ҳам бо кӯшиши тамом иҷро менамуд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Муллоабдусалом... аз дарсҳои **худаш** ба талабаҳояш дар ҳуҷраи **худ** дарс медод *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишини **худ** бо суффикси -ҳо ҷамъ баста шуда, шахси бисьёрро мефаҳмонад. Дар ин ҳолат ҳамеша бо бандакҷонишинҳои соҳибӣ-шахсии шакли ҷамъ меояд: **худҳо, худҳомон, худҳотон, худҳошон:**

Баъд аз як-ду соат роҳ рафтан одамони ҳукумат гурусна монданд, **худҳошон** нон хӯрданӣ ва аспҳошонро ба алаф мондани шуданд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Модоме ки аҳли колхоз — **худҳотон** маро ба сари кор гузоштаед,— гуфт мӯйсафед... *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Дар адабиёти классикӣ ва назми имрӯза калимаҳои **хеш** ва **хештан** ба маъно ва вазифаҳои грамматикии ҷонишини **худ** ба кор бурда мешавад:

Агар мардӣ, ҳимоят кун ватанро,
Бихар бо хун гуноҳи **хештанро.**

(А. Лоҳутӣ)

Осиёро ман ба чашми **хештан** санҷидаам,
Чеҳраи хандони фарзандони онро дидаам.

(М. Турсунзода, Садои Осиё)

3. Ҷонишинҳои саволӣ

Ҷонишинҳои **кӣ (киҳо), чӣ (чиҳо), кадом, чӣ гуна, чӣ хел, чӣ навъ, чанд, чӣ қадар** ҷонишинҳои саволӣ буда, ба воситаи онҳо предмет, аломат ва миқдори он пурсида мешавад:

Ӯ аз **кӣ чӣ** харидааст ва ба **кӣ чӣ** фурӯхтааст, дар ин дафтар буд *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар Тошкент **чӣ қадар** пул кор кардед? Ба мо **чӣ** савғотиҳо овардед? *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Онҳо ҳар рӯз ба ким-кучоҳо мерафтанд ва шаб дар хона бо **кадом** роҳ ва **чӣ гуна** ба деҳа баргаштанро муҳокима менамуданд... *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ин ҷонишинҳо дар ҷумлаҳои саволӣ предмет ва аломати конкрети онро далолат намекунанд. Предмет ва аломати он танҳо дар гуфтугӯи ҳамсӯҳбатон муайян мегардад:

— Вай **кист** ва онҳо **киёнанд?**

— Вай Зайнаби бистудусола... аст, ки аз шаҳр омадааст *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

— Ту **кистӣ?** — пурсид Степанов.

— Соҳиби ҳамин хона,— ҷавоб дод писарак.

— Дар хонаат **кӣ ҳаст?** — савол дод Ермаков.

— Одамон.

— **Чӣ хел** одамон?

— Одамоне, ки ба марг ҳукм шудаанд...— гуфт писарак.

— Номат **чист,** ба **чанд** даромадӣ?

— Номам Дима, ба чордаҳ даромадам.

— Номи ту **чӣ,** духтарча?

— Наташа.

— Ин ба ту **кӣ** мешавад?

— Ин робитачии ман аст,— ҷавоб дод писарак *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Ҷонишини **кӣ** дар пурсидани одамон ба кор бурда шуда, бо ёрии ҷонишини **чӣ?** тамоми предметҳои дигар пурсида мешавад. Ҷонишинҳои **кӣ** ва **чӣ** инчунин шакли ҷамъ доранд: **киҳо, чиҳо.**

— Охир, ман ба он ҷо ба пеши **кӣ** меравам ва **киҳоро** гирифта меорам? — гуфтам дар тааҷҷуб *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Манигар, **кӣ** мегӯяд, бинигар, ки **чӣ** мегӯяд *(фольклор).* Аммо андешаи он, ки дар хонаи тарафи рост **кӣ** ва **чӣ** бо-

шад, ӯро бетоқат мекард *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).— Гӯй ба ман, ки **киҳо** ин ҳама шӯру ғавғоро барпо кардand? *(С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб).— Шумо ба воситаи ин ба ман **чиҳо** гуфта фиристода будед? *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишини **чӣ** инчунин барои пурсидани аломати предмет низ ба кор бурда мешавад. Дар ин мавриd ин ҷонишин ба маънои «чӣ гуна» меояд:

Ба сари шумо **чӣ** балоҳоро оварданд... *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Ба уламои расмӣ ба **чӣ** чашм назар кардани Азиз аз байти зерин маълум аст... *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Чӣ** қадаҳҳои нағз гуфта шуданд *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). **Чӣ** гап будааст? *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Ҷонишини **чӣ** дар ҷумла барои ифодаи аломати номуайянии предмет, дараҷаи он ва дар ҷумлаҳои хитобӣ барои ифодаи ҳиссиёт низ ба кор бурда мешавад:

Пиразан чашмони худро молидаю пичирросзанон **чӣ** чизро хонда рӯяшро ба тарафи дарича тофт *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Духтар... бо чӣ хаёле ҳамон рӯз... ба хонаи тағоиш рафта будааст *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо). Чашмони калон... **дошт, ситорааш гарм буд ва бо чӣ** як хислаташ зуд ба шумо маъқул мешуд *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Ӯ суханони аз рассомону расмшиносон шунидаву ёд кардаашро такрор намуд: — **Чӣ** обу ранги дилфиреб! **Чӣ** мувофиқати дилпазиронаи рангуборҳо *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Ӯро баъд занаш ҳамон вақт меёбад, ки одами **чию** кори **чӣ**! *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

Ҷонишинҳои саволии **кӣ** ва **чӣ** бо бандаки хабарии «аст» мавриди афтидани садоноки «а» якҷоя навишта мешаванд:

Гар надонӣ, ки ёвари ту **кист**?
Чун граждан ҳуқуқҳои ту **чист**?

(М. Турсунзода, Қиссаи Ҳиндустон)

Аз ҷонишини саволии **чӣ** ва калимаҳои **гуна, хел, тавр, навъ, сон** ҷонишинҳои таркибии **чӣ гуна, чӣ хел, чӣ навъ, чӣ сон, чӣ қадар** сохта мешавад, ки онҳо барои пурсидани аломати предмет, миқдори он ва аломати амал ба кор бурда мешаванд:

Тандурустӣ ва боғайратии Бобиро дида, Шаҳидов аз **чӣ гуна** оила ва аз кадом қишлоқ будани ӯро пурсид *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо). Баҳр мешӯраду намедонад, ки **чӣ гуна** таронае хонад *(М. Турсунзода,* Қиссаи Ҳиндустон).— **Чӣ хел** ту солдати босариштa, офарин *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Ҳой, бародар, ту ин қадар бори вазнинро **чӣ тавр** мебардорӣ *(Р. Ҷалил,* Шӯроб)? **Чӣ қадар** фурӯзону тобон, **чӣ андоза** пурлатофату тароват... *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

Ҷонишини саволии **кадом** (кадомин) нисбат ба дигар ҷонишинҳои саволӣ маънои васеътар дорад. Вай ҳам предмет-

ҳо ва ҳам аломати онҳоро далолат мекунад. Онро барои муайян намудани предмет аз ҳамҷинсҳояшон ва ё аломати он кор мефармоянд: Ҳавлии ӯ дар **кадом** гузар ва дар **кадом** кӯча будааст? — гуфта пурсидам *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Намедонам **кадом** қувва маро ба сари чашма бурд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Кадом** маҳбуб мемондааст, ки маҳбубаи ба ҷон баробарашро озор диҳанд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Кадомин боз тарсад аз ғуробе,
Кадом оташ бигирад роҳи обе?

(М. Турсунзода, Ман аз Шарқи озод).

Ҷонишини **кадом** барои ифодаи аломати номуайянии предмет низ ба кор бурда мешавад:

Мегуфтанд, ки... падари вай бо зани дуюмаш дар **кадом** деҳаи дуре зиндагӣ мекард... *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Кадом** маъзуле, ки аз дунболи амир бе рухсати махсуси ӯ наравад, гунаҳгори азим ба шумор мерафт... *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). ... **кадом** китобе, ки ба дасташон афтад, шаррос зада хонда рафтан мегирифтанд... *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишини саволии **чанд** ва **чӣ қадар** барои пурсидани миқдори предмет ба кор бурда шуда, инчунин миқдори номуайяни предметҳоро далолат мекунанд:

— Ту аввали шаб **чанд** пул доштӣ? — ба ҳисоби якҷоя даромаданд *(С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). **Чанд** гурӯҳ меҳмонони дигар ҳам омада ош хӯрда рафтанд *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр).— Соли гузашта **чӣ қадар** ҳосил додед? *(С. Улуғзода,* Навобод).

4. Ҷонишинҳои ишоратӣ

Ҷонишинҳои ишоратӣ ба предмет ва ё аломати исм ишора мекунанд. Ҷонишинҳои ишоратӣ инҳоянд: **ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, ин хел, ин гуна, он ғуна, ин тавр, ҳамин хел, ҳамин гуна, ин қадар, он қадар.**

Ба **ин** оину **ин** расми хабисӣ
Чаро розист лорди англисӣ.

(М. Турсунзода, Қиссаи Ҳиндустон)

Ин гуна шаҳри чашмасорро ман ҳеҷ надидаам... *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Аз **ҳамин** рӯз сар карда одамҳо ӯро Қурбон-самахрон мегуфтагӣ шуданд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишини **ин** ва **он** ба предмет ишора мекунад ва барои ҷудо кардани предмете аз ҳамҷинсонаш кор фармуда меша-

вад. Ҷонишини **ин** барои ишораи предмете ба кор бурда мешавад, ки он дар пеши чашми бинанда аст ва ё он предмети маълум мебошад.

Ин одамҳо ба ту чӣ даркорӣ доранд? *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). **Ин** хаёлҳои талху ширин, **ин** гумонҳои неку бад ва **ин** васвасаҳои пурташвиш Одинаи бехонумонро ором намегузошт *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳамин** аз ҷиҳати маъно ва функция ба ҷонишини **ин** наздик аст, вале он ишораи предметҳои наздикро бештар таъкид мекунад:

Туро лозим буд, ки ана, бо **ҳамин** одам алоқа бандӣ *(С. Улуғзода,* Навобод). Вай бо **ҳамин** фикр... нӯг-нӯги по қадам монда омад *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

Ҷонишини **он** ва **ҳамон** барои ишораи предметҳои аз назари бинанда дур ба кор бурда мешавад:

Лекин ду-се рӯзи тоқатфарсо мегузараду **он** ҳама пӯписаи падар ва панди модар аз ёд меравад *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Аз **он** тараф овози дутор ба гӯш мерасад (*Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

... Боз **ҳамон** моҳу **ҳамон** осмон,
Боз **ҳамон** зинати Ҳиндустон.

(М. Турсунзода, Қиссаи Ҳиндустон)

Ҷонишини шахсии вай ба маъно ва вазифаи ҷонишини **он** низ ба кор бурда мешавад:

Ман бачаи дар кӯча мондагӣ надорам, ки ба даргоҳи **вай** мумсик фиристам *(Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Аз ҷонишинҳои **ин, он, ҳамин, ҳамон** ва исмҳои **хел, гуна, сон, тавр, навъ** ҷонишинҳои таркибӣ сохта мешаванд. Онҳо предметеро далолат мекунанд, ки монанди он зикр шуда бошад: **ин хел, он хел, он гуна, ин гуна, он сон, ин сон, ҳамин хел, ҳамон хел, ҳамин гуна, ҳамон гуна, ин тавр, он тавр** ва ғайра.

Инҳо ҷонишинҳои ишоратии сифатӣ мебошанд: Ғам нахӯред... ман ба шумо **ҳамин хел** чӯб медиҳам, ки устои ҳунарманд аз вай қаср... месозад *(С. Улуғзода,* Навобод). **Ин хел** ҳодисаро то ин вақт ҳеҷ кас надидааст... *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Ҳеҷ гумон накарда будам, ки хоҳарони зебои гуландом дар **ҳамин гуна** кулбаи гадоёна зиндагӣ кунанд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Ин гуна** анҷоми кор ба хаёлаш ҳеҷ наомада буд *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо). Нур Носирович, дар **ҳамин хел** як рӯзи офтобии истироҳат дар дӯконхонаи зах чӣ кор мекунед? (*Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Агарчи ин суханҳо **он гуна** суханҳо буданд... боз аз шунидан дилгир намешуд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Дигар мо ба **он тавр** саҳву хатоҳо роҳ намедиҳем *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Ошиқи заҳмат туй, Лоҳутӣ, **ин сон** ишқро
Кас надид аз Вомиқу Маҷнуну аз Фарҳод ҳам.

(А. Лоҳутӣ, Куллиёт)

Ҷонишини **чунин** ва **чунон** ба таври умумӣ предметеро ишора мекунад, ки монанди он пештар зикр шудааст, ё он предмети маълум аст:

Навбати бадарғакунии онҳо мерасид, ки ин нуқтаи баланди **чунин** кори муҳим ва заруре буд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Ҳеҷ надидӣ ту **чунин** чормағз,
Ҳеҷ бад-ин сон ананасҳои нағз.
Пас ҳама нӯшем, рафиқон, шароб
Баҳри **чунин** одами олиҷаноб.

(М. Турсунзода, Қиссаи Ҳиндустон)

Набудани **чунин** шахсоне, ки дӯсти ҷонии аҳли ин оила будани онҳоро медонистанд, ҷамъомадағонро дар ҳайрат мегузошт *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Аммо **чунин** ҳодисае ба худи ӯ рӯй дод *(С. Улуғзода,* Навобод). Амакам ба талвоса афтод, ман ҳам **инчунин** *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишини **чунон** ба дараҷаи зиёди ягон сифат, ҳолат, ки бо исм ё сифат ифода гардидааст, далолат мекунад:

Инҳо масти шароби комьёбиҳои колхозӣ буданд, аммо **чунон** масте, ки аз комьёбиҳои худ саргаранг гардидаанд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Ҳозир бошад, **чунон** марди камгапи ботамкин... шудааст, ки тамоман ба пештарааш монандӣ надорад *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Ҳуҷрачаи ӯ **чунон** танг буд, ки фақат ду нафар талаба дар он ҷо нишаста дарс хонда метавонист *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишинҳои **ин қадар, он қадар, ҳамин қадар, ҳамон қадар** барои ишораи миқдори предметҳо хизмат мекунанд. Инҳо ҷонишинҳои ишоратии миқдорӣ мебошанд.

Ҳеҷ кас дар ин солу моҳи наздик дар ин ҷоҳо **ин қадар** одами бисьёр ва ин гуна маъракаро надида буд *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Ин сухани охирини падарам маро чунон азоб дод, ки агар сад химча мезад, **ин қадар** азоб намедод *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

5. Ҷонишинҳои таъинӣ

Ҷонишинҳои таъинӣ калимаҳои зерин мебошанд: **ҳама, ҳар (ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар як, ҳар кас, ҳар кадом, ҳама гуна, ҳар гуна).** Ин ҷонишинҳо аломати предметро ба таври умумӣ таъин мекунанд:

Халқи кӯҳистонро гуфтан мумкин аст, ки зану мард қа-

риб **ҳама** шоир, **ҳама** созанда, **ҳама** навозанда, **ҳама** хонанда ва **ҳама** раққосанд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Бо ҳамин тариқа вай **ҳар** рӯз ба ман аз китоби алифбо сабақи нав медод ва дафтарамро медид. **Ҳар як** сабақи нав аз шиносондани якчанд ҳарф иборат буд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишини **ҳама** маънои ҷомеият дорад. Вай одатан маҷмӯи предметҳо ва фаро гирифтани тамоми ягон чизро нишон медиҳад.

Ман **ҳамаи** хонаҳо, **ҳамаи** заминҳо, **ҳамаи** боғҳо, ҳамаи дарахтҳо, **ҳамаи** одамҳои зинда, ҳатто мурдаи ин қишлоқро медонам *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳама** одатан пеш аз исмҳо меояд ва бо онҳо ба воситаи бандаки изофӣ (-и) ва бе он алоқа пайдо мекунад. Мисол: Ин ҳол **ҳамаи деҳқононро** ба тарафи колхоз кашид, ҳама ба ихтиёри худ ба колхоз даромаданд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Ман ба боло чашм андохтам, ки **ҳамаи дарахтон** аз бача пур буданд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Имсол барои Рустам **ҳама** чизи зимистонӣ тайёр буд *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳама** дар шакли «ҳамагӣ» низ кор фармуда мешавад. Қисми асосии биноҳои таърихии Ҳиндустон... ки **ҳамагӣ** аз санги мармар ва яшм сохта шудаанд, дар замони ҳамин ду подшоҳ сохта шудаанд *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Дар забони ҳозираи тоҷик калимаи «тамом» ба маъно ва вазифаи ҷонишини «ҳама» низ истеъмол мешавад: **Тамоми** ин корҳо бо ҷабру зулм ва бераҳмона истисмор карда шудани меҳнаткашони Ҳиндустон сурат мегирифт *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳар** ва шаклҳои таркибии он: **ҳар кӣ** (ҳар он кӣ), **ҳар кас** (ҳар он кас), **ҳар чӣ** (ҳар он чӣ), **ҳар кадом, ҳар як, ҳар чиз,** ки аз ҷонишину исм, аз ҷонишину шумора ва аз ҷонишин сохта шудаанд, аз ҷонишини «ҳама» аз ҷиҳати маъно фарқ доранд. Маънои луғавӣ ва грамматикии **«ҳар»** дар алоҳидагӣ он қадар равшан нест. Ҷонишини **ҳар** одатан пеш аз исмҳо омада ягон предмети алоҳидаро нишон медиҳад.

Аз ин кор **ҳар** моҳ 100—200 танга меёбам *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Инҳо ба **ҳар касу ҳар чиз як** айб мондаю эрод нагиранд, хобашон намебарад *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

Ҷонишини **ҳар як, ҳар кадом** (ҳар кадоме) аз байни предметҳои ҳамҷинс предметҳои алоҳидаро нишон медиҳанд:

Ҳар як сухани ӯ дар бораи ҷингиламӯям ба мани пирсол як қабат гӯшт меафзуд *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо). Ҳозир **ҳар кадоме** яктой пиёларо гирифта беист чой менӯшиданд *(Ф. Муҳаммадиев,* Тири хокхӯрда). ... **Ҳар кадом** аз рафиқон чизе барои зиёфат ваъда карданд *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Сано гуфтам ба фарзанди ҷигарбанд,
Ба **ҳар як** модари дорои фарзанд.
(М. Тӯрсунзода, Садои Осиё)

Ҷонишинҳои **ҳар кадом** ва **ҳар як** бо ҷонишинҳои шахсӣ (шумораи ҷамъ) дар алоқаи изофӣ меоянд ва шахси чандум будани предмет конкреттар мешавад:

Ҳар кадоми мо ҳам ба қадри тавонистанамон муридонро ба фидои ҷону мол... далолат мекунем *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ба **ҳар кадоми мо** яктой қаламу дафтари тоза доданд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Бинобар ин дар мавридҳои муносиб аз **ҳар кадоми онҳо** дар бораи Аҳмад-махдум чизҳо мепурсидам *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишинҳои таъинии **ҳама, ҳар як, ҳар кадом** бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ (бештар шакли ҷамъ) мегиранд ва ба ин восита шахси онҳо конкреттар мегардад:

То баргашта омадани ман **ҳамаатон** аз ин ҷо наҷунбетон... *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Ҳамаашон** бегуноҳанд. **Ҳамаашон** ҳам ба касе зулм накардаанд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Инро хонда **ҳамаашро** ба дафтарат кӯчон (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Ҳар кадомамон** ба таъзим ва саломи ӯ азамат ва калониро аз даст надода, бо гӯшаи чашм ба ӯ нигоҳе кунем... *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Баъд аз ним соат... тойҳои пахтаро баркашида, вазни **ҳар кадомашро** ҷудогона ба дафтар менавиштанд... *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишинҳои **ҳар чӣ, ҳар чиз** аз кулли предметҳо предмети алоҳидаро мефаҳмонанд. Ин ҷонишинҳо барои ҳамаи предметҳо (ғайр аз одамон) ба кор бурда мешаванд:

Баъд аз он аз ман **ҳар чӣ** мепурсида бошӣ, пурсидан гир *(С. Айнӣ,* Куллиёт). **Ҳар он чӣ,** ки ман дар поезд медидам ва мешунидам, бароям ҳама нав, ногаҳонӣ ва шавқовар буд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Ҳар чизеро,** ки ҷӯраҳо дуруст шуморанд, ман қабул дорам *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Ҳар кӣ побанди иморат мешавад, **ҳар чӣ** дорад, ҷумла ғорат мешавад *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

Ҷонишини **ҳар** бо шумораҳои як, ду, се, чор, панҷ омада миқдори муайяни одамон ва предметҳоро нишон медиҳад: Буттазор аз **ҳар** ду тараф ба бешаи начандон калон рафта мепайваст (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо). **Ҳар** ду зан бо ёрмандии якдигар беморро ба рӯи бистар гузарониданд... *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишини **ҳама, ҳар** бо исмҳои **гуна, хел, навъ** омада, гуногунии предметҳоро далолат мекунад. Онҳо бо ҷонишинҳои шахсӣ ва бандакҷонишинҳо низ меоянд:

...колхозчиён аз ҳукумат **ҳар гуна** ёрмандиҳо гирифтанд... *(С. Айнӣ,* **Куллиёт**). Дар бораи он **ҳар хел** гапҳо паҳн мешуд *(С. Улуғзода,* Навобод). Ин ҳолати пурасрор фикру хаёли Сафарро ба **ҳар гуна** андешаю мулоҳизаҳо бурда, чашму қавоққои ӯ аз шиддати диққат ба дард меомад *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Охир, дар он ҷо **ҳар хелаш** ҳаст *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот)... амир мехост, ки аз **ҳама гуна** қувваҳои моддӣ ва маънавии Кӯҳистон... фоида барад *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

6. Ҷонишинҳои манфӣ

Ҷонишинҳои манфии **ҳеҷ, ҳеҷ кӣ, ҳеҷ кас, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ чиз, ҳеҷ кадом, ҳеҷ як, ҳеҷ гуна** маънои умумии инкорӣ доранд:

Ӯ чизи дар дилаш бударо рӯирост мегуфт ва аз **ҳеҷ кас** ибо намекард *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Ба назарам **ҳеҷ чӣ** наменамуд *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо). Тамоми рӯз ман ғайр аз Раҳимҷон бо **ҳеҷ кас** ҳамгап нашудам ва аз **ҳеҷ кас ҳеҷ чиз** напурсидам *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Ҳеҷ** овозе ба гӯшам нарасид *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Шаклҳои таркибии ҷонишинҳои манфӣ аз ҷонишини **ҳеҷ** ва ҷонишинҳои саволии **кӣ, чӣ, кадом,** исмҳои **кас, чиз, гуна,** шумораи **як** сохта шудаанд.

Ҳеҷ яке аз он сифатҳоро мо дар ошнои деринаамон Мирзодиккак надида будем *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дасти **ҳеҷ кадоми** инҳо тағма надошт... *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳеҷ гуна** ба набудани ягон аломати предмет далолат мекунад:

Ба хаёли ӯ, дили Пётр Степанович **ҳеҷ гуна** иллат надошт *(Ф. Муҳаммадиев,* Тири хокхӯрда). **Ҳеҷ гуна** гап ба гӯши командир намедаромад *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо).

Ҷонишини **ягон** ва исмҳои **касе** ва **чизе** ба маънои ҷонишини манфӣ низ меоянд. Дар ин маврид хабари чунин ҷумлаҳо дар шакли инкорӣ меояд:

...Аҳмад-махдум... **ягон** чиз аз онҳо захира карда намегузошт *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Аммо дигар **ягон чизе** ва **касе** ба чашм наменамуд (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Аммо бар хилофи чашмдошти онҳо падарам ба имом **чизе** нагуфт... (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

7. Ҷонишинҳои номуайянӣ

Ба гурӯҳи ҷонишинҳои номуайянӣ калимаҳои зерин дохил мешаванд: **баъзе, ким-кӣ, ким-чӣ, ким-кадом, фалон, фалонӣ, ягон, чандин, якчанд, ким-чӣ хел, ким-чӣ гуна, ким-чӣ тавр.** Ин ҷонишинҳо ба мавҷудияти шахсону предметҳои номаълум ва ё сифати онҳо ишора мекунанд:

Баъзе талабаҳо ба сабаби дар зери ҳимояти **ягон** одами калон ё шогирди **ягон** муллои бонуфуз будан, ба воситаи онҳо ҳуҷраеро ба даст дароварда, **чанд** гоҳ аз дарбадарӣ халос мешуданд *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Нуралӣ ва Каримов баъд аз он **ким-чӣ гуна** мубоҳисае сар карданд... *(С. Улуғзода,* Навобод). Он чизе, ки ману Воронов **чандин** моҳ ин ҷониб ҷустуҷӯяш мекардем, ҳамин рӯз ёфт шуд *(Ф. Муҳаммадиев,* Тири хокхӯрда).

Ҷонишинҳои **ким-кӣ, ким-чӣ, баъзе, ягон, ким-кадом,** фа-

лон, фалонӣ шахс ва предметҳои номуайянро далолат мекунанд. Ҷонишини **ким-чӣ** шахси номуайянро нишон медиҳад. Ҷонишинҳои боқимонда ҳам шахс ва ҳам предметҳои номуайянро далолат мекунанд:

Баъзе мунозирачиён ба домулло хитоб карда, шубҳаҳо баён мекарданд, **баъзеҳо** дар миёнаи худ мунозира сар мекарданд *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар деҳа овоза паҳн шуд, ки босмачиҳо **фалониро** дастгир кардаанд, **фалониро** тирборон кардаанд, **фалониро** бо шамшер зада куштаанд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Муаллим, инро бинед, Собир бо сиёҳӣ **ким-чӣ** навиштааст *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дар ягон вақти муносиб ман ӯро танбеҳ хоҳам дод *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Падарам... аз **ким-кадом** идора шаҳодатнома... гирифта омад *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Шабҳо дар ҳуҷраи **кадом** аз шарикдарсҳоям, ки рост ояд, мехобидам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишини **кадом** бо шумораи як ҳамроҳ омада (кадом як), предмети алоҳидаи номуайянро далолат мекунад:

Ана, **кадом як** дарвозае ғиҷиррос зад *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Одил Саркор... бо **кадом як** андеша... гуфт *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Ҷонишинҳои номуайянии **ким-кӣ, ким-чӣ, ким-чӣ гуна, ким-чӣ хел, ким-кадом, ким-чӣ тавр** аз ҳиссачаи **ким-** ва ҷонишинҳои саволӣ сохта шудаанд.

Ҷонишинҳои **ким-чӣ хел, ким-чӣ гуна, ким-чӣ тавр** аломати номуайян ва тақрибии предметро далолат мекунанд: Баъзе бачагон ба ман **ким-чӣ гуна** хатчаҳои русиро бароварда нишон дода... мегуфтанд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Барои чӣ вай дар бораи **ким-чӣ тавр** як бахти дур, вале имконпазир ишора мекунад *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).— Писарат ба ин ҷо **ким-чӣ хел** корд монда рафт... *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишинҳои **якчанд, чандин, чанд** миқдори номуайянии предметро нишон медиҳанд.

... ба **чандин** устоди забардаст **чандин** сол хизмат карда ин ҳунарро ба даст овардаам... *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Дар рӯи сарой **якчанд** деги миси калони якманиро шинонда пуроб карда меҷӯшонданд *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар даруни молхона **якчанд** нафар хобида буданд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар отрядхона ғайр аз командир ва **чанд** нафар навбатчиҳо ва саисҳо дигар ҳеҷ кас набуд *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо).

8. Ҷонишинҳои муштарак

Ба ин гурӯҳи ҷонишинҳо калимаҳои **якдигар, ҳамдигар (ҳам)** дохил мешаванд, ин ҷонишинҳо нишон медиҳанд, ки амал ба ду ҷиҳат равона шудааст.

Ҳар ду ҳам **якдигарро** нағз шинохтанд *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо). Аммо ба назари ман ҳар дуи ин озодӣ ҳам аз **якдигарашон** ширинтар менамуданд *(С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Мо ба **якдигарамон** нигоҳ карда хомӯш менишастем, баъзе касон бо **ҳам** пичиррос мезаданд... *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). ... Ҳамаи онҳо байни **ҳамдигар**... пайваст шуда буданд *(Ф. Муҳаммадиев,* Тири хокхӯрда).

ФЕЪЛ

ФЕЪЛ ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ

Феъл ҳиссаи мустақили нутқ буда, амал ва ҳолату вазъиятро ҳамчун амал мефаҳмонад ва дорои категорияҳои хоси худ мебошад. Масалан, чунин феълҳо **амал, кору ҳаракатро** ифода мекунанд: давидан, омадан, рафтан, хондан, кор кардан, навишта гирифтан ва м. ин.:

Як пирамарди тахминан 80-сола ба гирьяи занонаи падари Гулнор хандаи тамасхуромезе карда **гуфт**... *(С. Айнӣ,* Дохунда). Духтарҳо ӯро дида, аз ҷо **бархостанд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Ифодаи **ҳолат:** истодан, хобидан, сукут кардан, пинак рафтан ва ғ.

Гулнор ҳам бо диққати тамом **гӯш дод** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ман **ташна мондам,** амакҷон, камтар об ёфта диҳед *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Ифодаи **вазъият** ва **тағьири аломат:** сабзидан, доштан, дигар шудан ва ғ.

Ҳамаи ин гуфтугӯҳо ба Мирак **сахт мерасид** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ин дара, чунон ки аз номаш маълум аст, аз назарҳо **пинҳон буда,** танҳо аз ду тарафаш: тарафи Сариҷӯй ва Боботоғӣ ду тангно **намоён мешавад** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ҳа, меҳмон — бародар, ҳодисаҳои пурасрор ба сари мо паси ҳам **фаро мерасанд** ва мо ёрои **мулоҳиза кардани** онҳо, **сарфаҳм рафтани** робитаи байни онҳоро **надорем** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Ифодаи **муносибат** (ба касе ё чизе): дӯст доштан, иззат кардан, бад дидан ва ғ.

Ҳама ба ҳамин қарор **розӣ шуданд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Сабаб ин буд, ки аз нигоҳҳои Арслоналӣ ба Дарья пай бурда монда, аз ӯ **ранҷид** ва **рашкаш омад** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Гӯштин ба ҷавонон **мезебад** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Амал, ҳолат, вазъият ва муносибат бо категорияҳои грамматикии феълҳои **шахс, шумора, тарз, намуд, замон** ва **сиға** алоқамандона ифода меёбад. Инчунин феълҳо дорои **масдар, асос, шакли инкорӣ** ва хусусиятҳои дигар мебошанд.

Шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл

Ҳамаи шаклҳои феълӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд. **Гурӯҳи якум фаълҳои тасрифӣ** ном дорад. Ин гуна феълҳо бо бандакҳои шахсии феълӣ ва хабарӣ тасриф меёбанд. Ба ин гурӯҳ феълҳои дорои категорияи шахсу шумора, тарз, намуд, замон ва сиға дохил мешаванд ва дар ҷумла одатан хабар шуда меоянд.

Гурӯҳи дуюмро шаклҳои тасрифнашавандаи феъл ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ **масдар, сифати феълӣ** ва **феъли ҳол** дохил мешавад. Ин гурӯҳ баробари соҳиб будан ба баъзе категорияҳои грамматикии феъл дорои хусусиятҳои ҳиссаҳои номии нутқ ҳам мебошад. Аз ин ҷиҳат масдар ва сифати феълиро **шаклҳои номии** феъл низ меноманд. Чунин шаклҳои феълӣ дар ҷумла ба вазифаҳои гуногуни синтаксисӣ меоянд.

Ба ҳамин тариқ, дар забони тоҷикӣ системаи мураккаби шаклҳои феълӣ мавҷуд аст, ки асоси он аз чор гурӯҳи зерини феъл иборат мебошад:

1. **Шаклҳои тасрифии феъл.** Ин шаклҳои феълӣ аз рӯи шахсу шумора тағьир меёбанд ва дорои тарз, намуд, замон, сиға ва дигар категорияҳои феълӣ мебошанд. Шаклҳои тасрифӣ шаклҳои шахсии феъл низ номида мешаванд.

2. **Масдар.** Масдарҳо тарзу намуд ва баъзе аломатҳои дигари феълро ифода карда метавонанд (масалан: монда, гузаранда, бевосита, бавосита ва ғ.).

3. **Сифати феълӣ.** Ин шакли номии феъл дорои тарз, замон ва намуд мебошад.

4. **Феъли ҳол.** Ин шакли феълӣ намудро ифода карда метавонад.

Ҳамаи ин шаклҳои феълӣ асоси ташкилдиҳандаи системаи мураккаби шаклҳои феълии забони адабии ҳозираи тоҷик мебошанд, ки ду асоси феълӣ қисми муҳимми онҳост.

АСОСҲОИ ФЕЪЛ

Дар забони тоҷикӣ шаклҳои феълӣ миқдоран бисьёр ва гуногун буда, системаи муайяни устувор доранд.

Феъл ду асос дорад ва ҳамаи шаклҳои феълии забонамон аз ҳамин ду асос сохта мешаванд: **асоси замони ҳозира** ва **асоси замони гузашта.**

Асоси замони ҳозира амалеро мефаҳмонад, ки ба замони ҳозира ва ё бештар ба замони оянда мансуб аст. Асоси замони ҳозира бо шахси дуюми таиҳои феъли фармоиш (сиғаи амрӣ) як аст. Чунончи: **хон, навис, рез, дав, бин, о (й)** ва ғайра. Шаклҳои замони ҳозира-оянда, аорист, феъли фар-

моиш ва сифати феълии замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феъл сохта мешаванд.

Асоси замони гузашта амали дар гузашта воқеъшударо мефаҳмонад ва бо шахси сеюми танҳои замони гузаштаи феъл баробар аст. Масалан: афтид, борид, гуфт, дод, монд, навишт, омад, шунид ва м. инҳо.

Замони гузаштаи наздик (гузаштаи оддӣ), гузаштаи ҳикоягӣ, баъзе шаклҳои ифодаи замонӣ ва сиғавӣ аз асоси замони гузаштаи феъл сохта мешаванд.

Асосҳои феълӣ аз ҷиҳати дучор шудан ё нашудан ва табдили овозӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд.

Ба **гурӯҳи якум** феълҳое дохил мешаванд, ки ҳангоми аз асоси феълии замони ҳозира ба асоси феълии замони гузашта гузаштан дар онҳо табдили овоз ба вуҷуд намеояд. Ин гурӯҳ феълҳо миқдоран каманд. Масалан:

Асоси замони ҳозира	Асоси замони гузашта
бор	борид
боф	бофт
дав	давид
ист(о)	истод
кан	канд
куш	кушт
кушо	кушод
кӯш	кӯшид
лес	лесид
мур	мурд
нӯш	нӯшид
пӯш	пӯшид
фирист	фиристод
хон	хонд
хурӯш	хурӯшид
хӯр	хӯрд
часп	часпид
шикоф	шикофт
шукуф	шукуфт
ҷӯш	ҷӯшид

Гурӯҳи дуюми феълҳо миқдоран зиёд аст. Ба ин гурӯҳ феълҳое дохил мешаванд, ки ҳангоми аз асоси замони ҳозира ташкил кардани асоси замони гузашта табдили овоз рӯй медиҳад. Бештар бадалшавии ҳамсадоҳо ва гоҳо табдили садонокҳо ба вуҷуд меояд:

1) Ҳамсадои **з** ба **х** бадал мешавад:

андоз	андохт
андӯз	андӯхт
афрӯз	афрӯхт

гудоз	гудохт
дӯз	дӯхт
навоз	навохт
паз	пухт
пардоз	пардохт
соз	сохт
сӯз	сӯхт
рез	рехт

2) Бадалшавии ҳамсадоҳои гуногун ба ҳамсадоҳои дигар:

банд	баст
гузар	гузашт
дор	дошт
зан	зад
ков	кофт
кӯб	кӯфт
рав	рафт
рӯб	рӯфт
тоб	тофт
фурӯш	фурӯхт
хоҳ	хост
чин	чид (чинд)

3) Садонок ба садоноки дигар бадал мешавад:

бар	бурд
намо(й)	намуд
супор	супурд
шумор	шумурд

4) Дар баъзе феълҳо табдили садонок ба садоноки дигар ва ҳамсадо ба ҳамсадои дигар баробар воқеъ мегардад:

бош	буд
гӯй	гуфт
деҳ	дод
шав	шуд
шӯй	шуст

5) Шакли асосҳои баъзе феълҳо таърихан аз решаҳои гуногун гирифта шудааст, бинобар ин асоси ҳозира ва асоси замони гузаштаи чунин феълҳо аз якдигар фарқ мекунад:

бин	дид
о(ой), биё	омад...

Асосҳои феъл дар калимасозӣ ҳам иштироки фаъол доранд. Чунончи, асоси замони гузашта дар ҷумла исм шуда меояд: Меҳнати колхоз нағз ташкил карда шавад, **даромад** ҳам меафзояд. **Рафти** кор хуб аст.

Аз асоси замони ҳозира ба воситаи баъзе суффиксҳо шаклҳо ва калимаҳои гуногун сохта мешаванд, масалан: хониш, пӯшок, тавоно, равона, пазанда ва ғ.

Аз ҳар ду асоси феълӣ бо ёрии садонокҳои пайвасткунандаи (инфиксҳо) -у- ва -о- ва гоҳо бевосита калимаҳои мураккаб сохта мешаванд, масалан: равуо, додугирифт, шустушӯ, тозотоз, даводав ва м. ин.

ТАСРИФИ ФЕЪЛҲО

Аз рӯи шахсу шумора тағьир ёфтани асосҳо ва шаклҳои замонии феълҳо **тасриф** номида мешавад. Тасрифи феълҳо бо ёрии бандакҳои феълӣ ва хабарӣ ё флексияи феълӣ воқеъ мегардад.

Шахсҳои феъл. Феъл се шахс дорад. Шахси якум — гӯянда (ман, мо, моён), шахси дуюм — шунаванда (ту, шумо, шумоён) ва шахси сеюм — ғоиб (вай, ӯ, онҳо) ном дорад. Шахси ғоиб шахс, предмет ё ҳодисаеро мефаҳмонад, ки дар бораи он сухан меравад.

Шумора дар феъл. Феълҳо ду шумора доранд: шумораи танҳо ва шумораи ҷамъ. Воситаҳои ифодаи шахсу шумораи феълҳо бандакҳои феълӣ ва хабарӣ мебошанд.

Феълҳое, ки аз асоси замони ҳозира сохта мешаванд, бо бандакҳои феълии зерин тасриф меёбанд:

Шахсҳо	танҳо	ҷамъ
шахси 1-ум	-ам (-ям)	-ем
шахси 2-юм	-ӣ	-ед, -етон
шахси 3-юм	-ад (-яд)	-анд (-янд)

Тасрифи феъли **рафтан** дар шакли аорист:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман равам	мо (моён) равем
2. ту равӣ	шумо равед
3. вай (ӯ) равад	шумоён раветон (ед)
	онҳо раванд

Тасрифи феъли **хондан** дар шакли замони ҳозира-оянда:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман мехонам	мо (моён) мехонем
2. ту мехонӣ	шумо (шумоён) мехонед (етон)
3. ӯ (вай) мехонад	онҳо мехонанд

Тасрифи феъли **гуфтан** дар шакли замони ҳозира-оянда:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман мегӯям	мо (моён) мегӯем
2. ту мегӯӣ	шумо (шумоён) мегӯед (етон)
3. вай (ӯ) мегӯяд	онҳо мегӯянд

Тасрифи феъли **будан** дар шакли замони ҳозира-оянда:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман мебошам	мо (моён) мебошем
2. ту мебошӣ	шумо (шумоён) мебошед (етон)
3. вай (ӯ) мебошад	онҳо мебошанд

Феълҳое, ки аз асоси замони гузашта сохта мешаванд, бо бандакҳои феълии зерин тасриф меёбанд:

Шахсҳо	танҳо	ҷамъ
1. шахси 1-ум	-ам	-ем
2. шахси 2-юм	-ӣ	-ед (-етон)
3. шахси 3-юм	—	-анд

Шахси сеюми танҳо бо асоси замони гузашта як аст. Ин қоида барои шахси сеюми танҳои ҳамаи шаклҳои феълии бевосита аз асоси замони гузашта ҳосилшаванда умумӣ мебошад. Масалан:

Тасрифи феъли **дидан** дар шакли замони гузаштаи наздик (оддӣ):

1. ман дидам	мо (моён) дидем
2. ту дидӣ	шумо дидед
3. вай (ӯ) дид	шумоён дидетон (ед)
	онҳо диданд

Тасрифи феъли **навиштан** дар шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман менавиштам	мо (моён) менавиштем
2. ту менавиштӣ	шумо менавиштед
3. ӯ (вай) менавишт	шумоён менавиштетон (ед)
	онҳо менавиштанд

Тобишҳои махсуси шаклҳои тасрифӣ ва ифодаи шахсу шумора

Дар тарзи тасрифи феълҳо ва ифодаи шахсу шумора бо бандакҳои феълӣ хусусиятҳои зерин ҳамчун қоидаи забони тоҷикӣ ба эътибор гирифта мешаванд:

1. Баъзан дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба ҷои бандаки феълии шахси якуми танҳо (-ам) вобаста ба фоил (мубтадо) бандаки шахси якуми ҷамъ омада, тобишҳои махсуси услубиро ифода мекунад. Чунончи:

Мо метавонем, ки соли таваллуди Саъдиро бо қиёси як сухани худи ӯ бо тахмине, ки аз ҳақиқат бисьёр дур набошад, муайян намоем *(С. Айнӣ,* аз «Мухтасари бӯстон»). **Мо** ба ин фикри муаллиф низ ҳамроҳ шуда наметавонем ... *(А. Мирзоев,* Сайидо ва мақоми ӯ...).

Дар ин мисолҳо (мо метавонем, мо... ҳамроҳ шуда наметавонем) ҷонишин ва бандаки феълии ҷамъ ба ҷои танҳо омада, хоксорона ва бо эҳтиром сухан карданро мефаҳмонад.

2. Бандаки феълии шахси дуюми ҷамъ (-ед) барои ифодаи ҳурмат нисбат ба шахси дуюми танҳо низ кор фармуда мешавад. Дар ин тарзи ифода ҳам бандаки феълӣ бо фоил (мубтадо) мувофиқат дорад, дар муомилот серистеъмол аст ва дар адабиёт низ айнан истеъмол меёбад. Масалан:

Шумо ҳанӯз ҷавон ҳастед, аз дастатон корҳои бисьёр меояд,— гуфт ба Ситора *(Ҷ. Икромӣ,* Ситора). Ин тавр бошад, барои чӣ **шумо** дафъаи ғузашта бо ман базӯр... хайру маъзур кардед? Ё аз ягон кори ман хафа шудед-мӣ? *(С. Улуғзода,* Навобод). Раиси колхозамон рафиқ Бобокалонов-чӣ, он вақт раиси иттифоқи камбағалон буданд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Ман шуморо шинохтам, доктор.
Роҳи Тирмизро ба ёд ored.
Ман надорам дареғ хизмати худ
Аз **шумо**, дӯст, майл агар доред.

(М. Турсунзода, Ҳасани аробакаш)

3. Бандаки феълии шахси дуюми ҷамъ **-етон** асосан ба нутқи гуфтугӯӣ хос буда, бештар бо шакли ҷонишини **шумоён, шумоҳо** ва баъзан бо **шумо** мувофиқат карда, шумораи ҷамъро ифода мекунад. Дар сурати бе фоил омаданаш ҳам мазмунан бо ҳамин шаклҳои ҷонишин мувофиқат дорад. Масалан:

Хайр, бачаҳо, **шумо** гап зада шинетон, ҳолпурсӣ кунетон *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Хезетон, зуд бошетон, вақт нагузарад *(С. Айнӣ,* Дохунда). Хуб оламу одами бисьёрро дида омадетон-мӣ? Ба Москва-ку даромадетон, рафта Ленин-бобоятро дидӣ-мӣ? *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

4. Баъзан бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ **-анд** (-янд) барои ифодаи эҳтиром нисбат ба шахси дуюми танҳо (ба ҷои -ед) кор фармуда мешавад. Ин ҳол дар муомилаи расмии гуфтугӯӣ ва хаттӣ ба услуби махсус воқеъ мегардад. Масалан:

Канӣ, марҳамат кунанд, аз боло гузаранд... бифармоянд... Пурсидан айб надорад, тақсирамон аз кадом қишлоқ мешаванд? *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

5. Бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ **-анд** (янд) барои ифодаи шахси сеюми танҳо бо ду тобиши маънӣ истеъмол мешавад: якаш, бештар барои ифодаи ҳурмат ба шахси танҳо. Масалан:

Воқеан, саркор хеле гапи ҳақро гуфтанд...— марҳамат, раис, биёед, ...шинос шавед, рафиқ Воҳидов, фронтовик, капитан, ҳозир мудири маорифи райони мо таъин шуда омаданд *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Ана аз барои ҳамин шавҳарам ҳамеша дар хонаанд ва корҳои майда-чуйдаро карда мешинанд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Дигараш, барои ифодаи ҳиссиёти ҳазлу шӯхӣ, киноямез ва муносибати тамасхуромез нисбат ба шахси сеюми танҳо. Чунончи:

— Наход ки келиншавандаамонро ба ҳоли худаш монем,— бо шӯхӣ ҷавоб дод отун,— **он кас** эркаи ҳама, даст ба даст намерасанд *(Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

Дар ин ҷумла, махсусан дар таъбири «он кас... даст ба даст намерасанд» оҳанги ҳазлу киноямез ҳаст. Оҳанги тамасхур дар чунин сухани дар ҳаққи Садаф гуфтаи дугонаи ӯ хеле равшан ифода ёфтааст:

Ин кас акнун ба пеши ӯ рафта,
Дар ароба савор **мегарданд.**
Аз паси дӯстдори хонабадӯш
Ҳамадам соявор **мегарданд.**

(М. Турсунзода, Ҳасани аробакаш)

Ифодаи ин гуна тобишҳои маъноии киноямез бо бандакҳои хабарӣ, яъне ба шакли феъли нақлӣ низ воқеъ мешавад. Дар ин ҳолат ҳам баъзе калима ва таркибҳо ба чунин тарзи баён ёрӣ мерасонанд. Масалан:

— Ана халос, боз **шон** роҳбари сиёсии колхози «Коммуна» — котиби ташкилоти партиявии колхоз будаанд... *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

6. Дар феълҳои тасрифӣ бандакҳои феълӣ одатан шахсҳоро далолат мекунанд ва аз ин сабаб, чунон ки дар баъзе мисолҳои боло ва ҷумлаҳои зерин дида мешавад, ҷонишин чун фоил (мубтадо, субъект) зикр наёбад ҳам, вай ба воситаи бандакҳои феълӣ ифода мегардад:

Ягон рӯз апемро фиристонед, нағз мешавад *(Ҷ. Икромӣ,*

Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Тасаввур кунед, ки шуморо ба даруни як тобаи азими пур аз реги тафсон гузоштанд *(А. Деҳотӣ,* Куллиёт, ҷ. III).

7. Феълҳо бо бандакҳои шахси якуми танҳо (баъзан), шахси дуюми танҳо (гоҳо бе бандак), шахси сеюми танҳо ва ҷамъ дар ҷумлаҳои бешахс ва умумишахс, дар зарбулмасалу мақолҳо ва ибораҳои устувор бисьёр кор фармуда мешаванд, аммо маънии шахсу шумораи онҳо конкрет нест, балки умумӣ аст:

Дара задам — девор кафид. Ту дидӣ, ман надидам. Кор кунӣ — нон мехӯрӣ. Дер ояд — шер ояд.— «Гӯсола каҳдон холӣ мекунад, бача нондон», гуфтаанд... *(С. Айнӣ,* Дохунда).— «Орзу ба ҷавонон айб нест» мегӯянд дар урфият (*А. Деҳотӣ,* Куллиёт, ҷ. III).

Тасрифот бо бандакҳои хабарӣ

Бандакҳои хабарӣ, ғайр аз шахси сеюми танҳо, бо бандакҳои шахсии феъл баробаранд. Бандаки хабарии шахси сеюми танҳо аст мебошад. Бандакҳои хабарӣ инҳоянд:

Танҳо	Ҷамъ
шахси якум -ам (-ям)	-ем
шахси дуюм -ӣ	-ед
шахси сеюм -аст	-анд (-янд)

Бандакҳои хабарӣ аз ҷиҳати вазифаи грамматикӣ аз бандакҳои шахсии феъл фарқ доранд. Бандакҳои шахсии феъл фақат бо феълҳо (замони гузаштаи наздик, дур, ҳикоягӣ, замони ҳозира-оянда, замони оянда-фармоиш, аорист, ояндаи дур — таркибӣ) меоянд. Аммо доираи вазифаи грамматикии бандакҳои хабарӣ танҳо бо феъл маҳдуд намешавад: онҳо ҳам бо як гурӯҳ феълҳо омада, шакли тасрифии феълҳоро месозанд, ҳам бо ҳиссаҳои гуногуни номии нутқ омада, хабарҳои номиро сурат медиҳанд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам шахсу шумораро мефаҳмонанд.

Аз феълҳо гурӯҳи феълҳои нақлӣ ва феъли замони ҳозираи давомдор бо ёрии «истодан» бо бандакҳои хабарӣ тасриф мешаванд. Дар тасрифи ин гуна феълҳо шаклҳои феълии ҳаст ва будан (буд, мебошад) ба вазифаи бандаки хабарӣ омада наметавонанд.

Тасрифи шакли нақлии феъли **сохтан**:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман сохтаам	мо (моён) сохтаем
2. ту сохтаӣ	шумо (шумоён) сохтаед
3. вай (ӯ) сохтааст	онҳо сохтаанд

Тасрифи шакли нақлии гузаштаи ҳикоягӣ аз **бофтан**:

1. ман мебофтаам	мо мебофтаем
2. ту мебофтаӣ	шумо мебофтаед
3. вай (ӯ) мебофтааст	онҳо мебофтаанд

Тасрифи шакли нақлии замони гузаштаи дур аз **дидан**:

1. ман дида будаам	мо дида будаем
2. ту дида будаӣ	шумо дида будаед
3. вай (ӯ) дида будааст	онҳо дида будаанд

Тасрифи шакли ҳозираи давомдор аз **чидан**:

1. ман чида истодаам	мо чида истодаем
2. ту чида истодаӣ	шумо чида истодаед
3. вай (ӯ) чида истодааст	онҳо чида истодаанд

Бандаки шахси дуюми ҷамъ **-етон** дар ин гурӯҳи феълҳо нисбат ба гурӯҳи феълҳое, ки бо бандакҳои шахсии феъл тасриф мешаванд, камистеъмолтар аст.

Хабарҳои номӣ (исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф) ва феълҳои хоҳишмандии аз сифати феълии замони оянда сохта мешудагӣ ҳам одатан бандакҳои хабарӣ қабул карда, ба таври грамматикӣ сурат меёбанд. Ба ин маънӣ хабарҳои номӣ ҳам тасриф мешаванд. Масалан:

Тасрифи исми **омӯзгор** ва сифати **хушнуд**:

Танҳо	**Ҷамъ**
1. ман омӯзгорам, хушнудам	мо омӯзгорем, хушнудем
2. ту омӯзгорӣ, хушнудӣ	шумо омӯзгоред, хушнудед
3. вай омӯзгор аст, хушнуд аст	онҳо омӯзгоранд, хушнуданд

Тасрифи феъли хоҳишмандии аз сифати феълии замони оянда гирифташуда:

1. ман рафтаниам (ям)	мо рафтанием
2. ту рафтанӣ	шумо рафтаниед
3. вай (ӯ) рафтанӣ аст (яст)	онҳо рафтанианд (янд)

Ҳамаи ин тип феълҳои хоҳишмандӣ ва хабарҳои номӣ аз рӯи ҳамин қоида тасриф меёбанд ва сурат мегиранд. Чунончи:

Шумо як ғиждувонии бисьёр нотарсед *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Ман як озмоиш карданиам,— гуфт ба ҳар дуи онон саркор.— ... ҳамаи колхозчиҳо бошанд, зану мард ба сохтмон **рафтанианд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Рӯҳам аз барқ бувад, пайкарам аз пӯлод аст,
Ҳокимам, муқтадирам, кишвари ман обод аст,
Олимам, пурҳунарам, миллати ман озод аст,
Қӯҳаму ҳамлаи душман ба танам чун бод аст.

(А. Лоҳутӣ, Куллиёт, ҷ. 2)

Бандаки хабарии шахси сеюми танҳо **аст** ҳам дар феълҳо ва ҳам дар хабарҳои номии бо садонок хотимаёфта ба шакли **-ст** ихтисор мешавад, яъне аз аввали он овози **а** меафтад. Дар ин сурат ҷое ки **аст** ба шакли пурра аз калима ҷудо навишта мешуд, ба шакли ихтисор бо калима якҷоя навишта мешавад: рафтааст — рафтаст, мехондааст — мехондаст, омада истодааст — омада истодаст ва ғ.; мо аст — мост, ӯ аст — ӯст, кӣ аст — кист, чӣ аст — чист, ҳаво аст — ҳавост, Бухоро аст — Бухорост ва м. ин.:

— Ту **кистӣ** ва аз куҷо меоӣ? — духтар пурсид.— Номат **чист?** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Дар паҳлуи чашмаи ба номи Носири Хисрав пайдо шудани дӯкони китоб рамзи **хубест...** *(А. Деҳотӣ,* Кул., ҷ. III). Ҷавонӣ—**далерист** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҳушьёр бошед, душман ҳуҷум **карданист,** тиратон хок нахӯрад *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Халқи ман роҳаш **накӯст,**
Оқил аст ӯ, сулҳдӯст.

(А. Лоҳутӣ, Куллиёт, ҷ. 2)

Истеъмоли бандакҳои хабарӣ бо хабарҳои номӣ дорои ду хусусияти хос мебошад, ки он дар истеъмоли бандакҳои шахсии феъл ва умуман дар феълҳои тасрифшаванда маъмул нест.

Хусусияти якум ин, ки хабарҳои номӣ дар нутқ, дар ҷумла (насру назм) бе бандакҳои хабарӣ ҳам омада метавонанд, яъне ҳамеша бо бандакҳои хабарӣ сурат ёфтанашон шарт нест. Ба ин вазъият баъзан дар охири хабари номӣ омадани ҳиссача низ сабаб мешавад. М и с о л ҳ о:

Мактуб аз ҷонишини командири полк, хонда имзо мекардед ва ана ин хатча ҳам махсус ба шумо *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).— Оҳо,— гуфт ӯро шинохта вай,— ин Муқимбой-**ку!** *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).— Чӣ механдӣ, ин ҷо ҷои масхарабозӣ-**мӣ?** *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Бибифазилат — зани миёнсол, чаққон, чобук *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Феъли хоҳишмандии аз сифати феълӣ гирифташуда низ бе бандаки хабарӣ истеъмол меёбад:

Ман диданиям — ман **диданӣ**, мо диданием — мо **диданӣ**...

Мо диёри хешро бисьёр зебо **кардани**,
Даста-даста гул зи гулзори саодат **чиданӣ**.

(М. Турсунзода, Куллиёт)

Хусусияти дуюм ин, ки бандакҳои хабарӣ аз феъли **ҳаст** ва **будан** ба худ муродиф доранд ва ба ҷои ҳамдигар омадани онҳо қоидаи маъмулист.

Истеъмоли феъли ҳаст ва будан ба вазифаи бандаки хабарӣ

Феъли **ҳаст** дар як маврид мустақил буда, мавҷудият ё доро буданро мефаҳмонад ва бо бандаки хабарӣ иваз намешавад. Вай масдар надорад, танҳо дорои шакли замони ҳозира мебошад. Шакли шахси сеюми танҳо асоси тасрифи шахсу шумораи он шудааст. Масалан:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман ҳастам	мо ҳастем
2. ту ҳастӣ	шумо (шумоён) ҳастед (етон)
3. вай (ӯ) ҳаст	онҳо ҳастанд

М и с о л ҳ о: Дар ҳамин қишлоқи мо як сир **ҳаст**, ки донистани он барои шумо даркор ва зарур аст *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Монанди чашмаи Сариқалъа боз дар чандин ҷои деҳа чашмаҳои хурду калон **ҳастанд** (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дар ҳавлии ман чордаҳ нафар хӯранда **ҳаст** (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Феъли **ҳаст** дар нутқи даҳанакӣ ва хаттӣ ҳамчун бандаки хабарӣ низ кор фармуда мешавад. Аммо шакли шахси сеюми танҳои ин феъл (ҳаст) чун бандаки хабарӣ истеъмол намеёбад. Дар шахси сеюми танҳо ҳамеша бандаки **аст** меояд. Тасрифи ин тарзи ифода танҳо бо хабари номӣ воқеъ мегардад. Чунончи:

Танҳо
1. ман коргар ҳастам — коргарам
2. ту коргар ҳастӣ — коргарӣ
3. вай (ӯ) коргар аст

Ҷамъ

1. мо коргар ҳастем — коргарем
2. шумо коргар ҳастед — коргаред
3. онҳо коргар ҳастанд — коргаранд

М и с о л ҳ о: Биё, ман ошиқи туям, ту нозанини ман **ҳастӣ.**— Ҳаминро аз хотират набарор, ки мо падару модари ту **ҳастем** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Аммо ин барои хотирҷамъ шудан асос шуда наметавонад, акои Олим. Боз, хусусан ки колхози шумо — колхози таърифӣ, худатон раиси номдори мо **ҳастед** *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Тасрифи феъли хоҳишмандии типи зерин аз рӯи ҳамин қоида воқеъ мешавад. Чунончи:

Танҳо

1. ман хондан ҳастам — хонданиам (ям)
2. ту хондан ҳастӣ — хонданӣ
3. вай (ӯ) хондан аст — хонданист

Ҷамъ

1. мо хондан ҳастем — хонданием
2. шумо хондан ҳастед — хонданиед
3. онҳо хондан ҳастанд — хонданианд (янд)

М и с о л ҳ о: Ман дар ҳамон замин таҷриба карда **дидан ҳастам,** ки ҳамин тухми нав чӣ қадар ҳосил медиҳад.— Писарам, ба кадом мактаб **рафтан ҳастӣ?** — Ман **гуфтан ҳастам,** ки мову шумо... содиқ ва собитқадам **ҳастем** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Дар наср феъли **ҳаст** ба вазифаи бандаки хабарӣ одатан ба шакли пурраи тасрифӣ навишта шуда (ғайр аз шахси 3-юми танҳо), дар талаффуз бештар ба шакли мухтасари тасрифӣ бо хабари номии бо ҳамсадо тамомшуда васл меёбад:

Аввалин сухани вай ҳамин, ки мо мардуми майдони меҳнат такьягоҳи боэътимод ва манбаи зӯру иқтидори лашкари сурх **ҳастем...** *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Ин ҷо ҳастем бо афтидани **ҳ астем** талаффуз мешавад, аммо агар хабари номӣ бо садонок тамом шуда бошад, аксар дар талаффуз ҳам шакли пурраи тасрифии он нигоҳ дошта мешавад:

Гапат ҳақ аст-куя, Мамараҷаб, писарам, ...аммо бештарини онҳо касоне **ҳастанд,** ки военкомат аз фронт дида дар саҳро мондани онҳоро фоиданоктар шуморидааст *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Ин ду тарзи истеъмоли **ҳаст** дар назм ба талаботи вазну оҳанг мувофиқат карда, аз рӯи талаффуз гоҳ ба шакли пур-

ра, гоҳе мухтасар меояд. Шакли мухтасари он дар ифодаи маънию адои вазифа бо шакли пурраш баробар аст:

Ту озод **астию** ман зинда бо ту,
Азизӣ мисли ҷонам, Тоҷикистон!

(А. Деҳотӣ, Ас. мунтахаб)

Ҳар чӣ бошад, бузург рӯд **астӣ**,
Ҳиссаи баҳри беҳудуд **астӣ**.

(М. Турсунзода, Рӯди Ганг)

Феъли **будан** ҳам, ғайр аз вазифаи мустақили феълӣ ва модалии худ, ба шакли замонҳои гузашта, ҳозира-оянда ва аорист (оянда) ба вазифаи бандаки хабарӣ низ кор фармуда мешавад. Шаклҳои аз **будан** ҳосилшуда шахсу шумора ва замонро ҳам ифода мекунанд.

Тасрифи қиёсии хабари номӣ бо феъли ҳаст, шакли ҳозира-ояндаи **будан** ва бандакҳои хабарӣ чунин аст:

Таҷо

1. ман хурсанд ҳастам — хурсанд мебошам — хурсандам
2. ту хурсанд ҳастӣ — хурсанд мебошӣ — хурсандӣ
3. вай (ӯ) хурсанд аст — хурсанд мебошад — хурсанд аст

Ҷамъ

1. мо хурсанд ҳастем — хурсанд мебошем — хурсандем
2. шумо хурсанд ҳастед — хурсанд мебошед — хурсандед
3. онҳо хурсанд ҳастанд — хурсанд мебошанд — хурсанданд

Дар мисолҳои зерин ба се шакли замонӣ ба вазифаи бандаки хабарӣ омадани феъли **будан** дида мешавад:

Дар хонаи Назаров сӯҳбат гарм **буд** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар ин қишлоқ аввалин касе, ки аъзои партия буд, Шодӣ **буд** *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Дар воқеъ, Қодирҷон ҳофизи хушовоз ҳам **мебошад** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Аэроплан чӣ хел парранда **бошад**? *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Шакли кӯҳнаи **бувад** (аз феъли **будан**) дар назми ҳозираи тоҷик низ ҳамчун дар забони адабии пешина бо бандаки хабарии **аст**, инчунин ба ҳамин маъно ба шаклҳои феълии **бошад** ва **мебошад** (шахси 3-юми танҳо) ҳамвазифа ҳисоб меёбад. Чунончи:

Тавоно **бувад**, ҳар кӣ доно **бувад**,
Ба дониш дили пир барно **бувад**.

(А. Фирдавсӣ, Шоҳнома)

Шунидам, ким-куҷо андар биёбон
Бувад «Қишлоқи тиллоӣ» намоён.

(М. Миршакар, Қишлоқи тиллоӣ)

Қиссаи Ҳайдари адолатхоҳ,
Ки **бувад** аз ҷаҳони нав огоҳ...
Ҳама ҷоро фаро гирифт имрӯз,
Ҳама буданд дар шигифт имрӯз.

(Б. Раҳимзода, Қиссаи кӯҳсор)

Ба ҳамин тариқ, феъли **ҳаст**, шакли ҳозира-ояндаи феъли **будан** (мебошам...), аористи он (бошам...) ва шакли архаистии **бувад** дар мавриди худ ҳамчун муродиф ба вазифаи бандакҳои хабарӣ омада, ҷои ҳамдигарро ишғол карда метавонанд. Аммо замони гузаштаи феъли **будан** (будам...) дар мавридаш вазифаи бандаки хабариро адо кунад ҳам, бо бандакҳои хабарӣ пурра муродиф нест ва аз ин рӯ бандакҳои хабарӣ ҷои онро гирифта наметавонанд. Замони гузаштаи **будан** бештар ҳолати хабарии худро зоҳир мекунад.

ФЕЪЛҲОИ МУСТАҚИЛ ВА ЁРИДИҲАНДА

Дар назари аввал кулли феълҳои забони тоҷикӣ ҳамчун феълҳои мустақил тасаввур мешаванд. Аммо дар ҳақиқат мустақилии қисми феълҳо мафҳуми мутлақ ва қисми дигараш мафҳуми нисбӣ дорад. Аз ин ҷиҳат феъле, ки одатан ба вазифаи грамматикӣ ба шакли мустақил истеъмол меёбад, мумкин аст, ки дар навбати худ дар таркибҳои гуногуни феълӣ ҳамчун феъли ёридиҳанда кор фармуда шавад. Баръакс, феъле, ки одатан дар ташкили таркибҳои феълӣ ҳамчун ёридиҳанда меояд, мумкин аст дар мавриди дигар ҳамчун феъли мустақил омада бошад. Ба ин маънӣ феълҳо аз рӯи вазифаи грамматикӣ, тарзи истеъмол ва табиати маъноиашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: мустақил ва ёридиҳанда.

Феълҳое, ки вазифаи грамматикӣ ва маъноиашон дар ҷумла бевосита, бе ёрии ҳиссаҳои дигар, анҷом меёбад, **феълҳои мустақил** номида мешаванд, масалан: андохтан, баромадан, ваҳмидан, газидан, гирифтан, даромадан, додан, ёфтан, кандан, лесидан, мондан, молидан, нолидан, оростан, пухтан, рафтан, рӯидан, сохтан, сӯхтан, тафсидан, фаҳмондан, хӯрдан, часпидан, шоридан ва ғайра.

Албатта, маърӯзаи ӯро **мешунавем** ва чораи корашро **меандешем** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ҷавонмарди дасту по гумкарда аз куҷо **медонист**, ки бача... об **мепурсид** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Ин вақт ба гӯшаш

овози сурнаи пешоҳангон ва суруди онҳо **расид** *(А. Деҳотӣ,* Куллиёт, ҷ. III). Маълум шуд, ки маро **намешинохтаед?** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Феълҳое, ки дар сохтани шаклу таркибҳои феълӣ иштирок карда, барои ташкили категорияҳои феъл ва ифодаи вазифаву маънои таркибҳои феълӣ хизмат мекунанд, **феълҳои ёридиҳанда** ном доранд.

Дар забони ҳозираи тоҷик шакли таркибии феълҳо хеле инкишоф ёфтааст ва чунин шаклҳои феълӣ қисми муҳимми феълро ташкил медиҳанд. Аз ин ҷиҳат адади феълҳои ёридиҳанда зиёд, доираи вазифаи грамматикиашон васеъ ва тобиши маъноии онҳо гуногун мебошад.

Феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ аз ду қисм иборат: **қисми асосӣ** (соҳибмаъно), ки маънию мафҳуми асосиро ифода менамояд ва **қисми ёридиҳанда**, ки барои адои вазифаҳои грамматикӣ ва ифодаи тобишҳои маънӣ хизмат мекунад. Қисми асосии феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ (феъл ва ҳиссаҳои номӣ), вале қисми ёридиҳанда ҳамеша аз феъл иборат мебошад. Қисми асосӣ вобаста ба мазмуну мақсади сухан тағьир ёфта меистад, аммо қисми ёридиҳанда бетағьир мемонад.

Феълҳои **кардан, намудан** (ба маънои кардан), **шудан, гардидан** (гаштан), **сохтан** ҳамчун ёридиҳанда феъли таркибии номӣ месозанд, ки қисми асосии ин гуна феълҳои таркибӣ аз ҳиссаҳои номии нутқ иборат аст: сӯҳбат кардан, кор кардан, тайёр намудан, хоҳиш намудан, озод шудан, сурх шудан, омода гардидан, намудор гаштан, муҳайё сохтан ва м. ин.

Тилмоч ин суханҳоро **тарҷима намуда,** илова кард, ки роҳи ягонаи аз ин азобу уқубат **халос шудан** ҳамаи айбро ба гардани солдат **бор кардан** аст *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Гоҳо (Ҳамида) бекор монад ҳам, ба зеҳбофӣ **машғул мегардид...** *(А. Деҳотӣ,* Куллиёт, ҷ. III).

Аз феълҳои ёридиҳанда **кардан, намудан** ва **шудан** дар феълсозӣ хеле сермаҳсул ва серистеъмол буда, феълҳои **гардидан** (гаштан), **сохтан, додан, кашидан** ва ғ. нисбатан камистеъмол мебошанд:

Ҳар гоҳе ки падараш дар хотираш меомад, оҳ мекашиду гирья **мекард**, лекин модараш бо ҳар гуна суханҳои ширин ва бозичаҳо тасаллӣ **медод** *(А. Деҳотӣ,* Куллиёт, ҷ. III).

Дар назар ӯ ҷилва **созад** гоҳ-гоҳ
Аз ақиби пардаи абри сиёҳ.

(М. Турсунзода, Дар ёди кас)

Феълҳои ёридиҳандаи **будан, истодан, гаштан, шудан** ва ғ. дар таркибҳои гуногуни феълӣ омада, барои ташкили шакл ва ифодаи категорияҳои грамматикии феъл (тарзи

мафъул, намуди давомдор, замони гузаштаи дур ва ғ.) хизмат мекунанд. Қисми асосии ин гуна таркибҳои феълӣ аз феъл иборат бошад, ба шакли феъли ҳол меояд (ёридиҳандаи феъли таркибии номӣ ҳамчунин), аммо феълҳои ёридиҳанда ба шакли тасрифӣ оварда мешаванд. Масалан:

Офтоби оламтоб ҳам... дар қабати абрҳо **пинҳон шуда буд.**— Саша ба кӯлмак **чашм дӯхта буд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Он кас **сиҳат шуда истодаанд** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Боз диққати ҳама ба тарафи хат **кашида шуд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Бисьёр дида мешавад, ки якчанд феъли ёридиҳанда паси ҳам дар як таркиби феълӣ меояд, ки ҳар кадоми он дорои вазифа ва тобиши муайяне мебошад. Чунончи:

Мӯе, ки ғунучин карда, ба қабзаи шона **дода шуда буд,** аз дарозиаш хабар медод.— Аз дусад нафар зиёда саворони мусаллаҳ... дар ялангии қишлоқ **саф кашида истода буданд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Адади феълҳои ёридиҳанда аз ҳисоби феълҳои мустақил, ки дар сохтани шаклу таркибҳои феълӣ ҳамчун ёридиҳанда хизмат мекунанд, хеле меафзояд. Масалан, феълҳои таркибии масдарӣ бо ёрии **гирифтан** сохта мешаванд (хондан гир, навиштан мегирам, омадан гирифт, рафтан мегирифтааст ва ғ.). Ин гуна таркибҳо бо ёрии **гирифтан** давомнокии амал ва таъсиру ҳолатро ифода мекунанд:

Ба ҷои ин аз чашмонаш ашкҳо **рехтан гирифтанд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Духтарча овози ӯро шунида, аз гирья бозистод ва хӯсида-хӯсида гоҳ ба Дарьяю гоҳ ба Давлат **нигоҳ кардан гирифт** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Бо ёрии феълҳои **додан** (гуфта додан), **гирифтан** (навишта гирифтан), **фиристодан** (хандида фиристодан), **мондан** (омада мондан), **рафтан** (сурх шуда рафтан) ва амсоли инҳо феълҳои таркибии ҳолӣ ба вуҷуд меоянд, ки хеле сермаҳсул ва серистеъмоланд:

Ман мактуби дуру дарозе **навишта додам.**— Кор аввал оҳиста-оҳиста давом намуд, баъд авҷ **гирифта рафт.**— Вақте ки ман ин ҳодисаро шунидам, аз хурсандӣ **гирья карда фиристодам** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Дар Бойсун аскарҳои мо **истода монданд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Хелҳои дигари чунин феълҳои ёридиҳанда ва тарзҳои гуногуни истеъмоли онҳо низ мавҷуд аст (*ниг.* Сохти феълҳо).

ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ

Як гурӯҳи махсуси феълҳои ёридиҳандаи забони тоҷикӣ бо маънои луғавӣ ва моҳияти грамматикии худ муносибати ба воқеият доштаи мазмуни суханро ифода мекунанд ва аз ин ҷиҳат дорои тобишҳои сиғавӣ мебошанд. Ба ин маънӣ ин гуна феълҳои ёридиҳанда «феълҳои модалӣ» низ номида мешаванд, ки инҳоянд: **тавонистан, хостан, боистан, шоистан.**

Хусусияти фарқкунандаи ин феълҳои ёридиҳанда дар феълсозӣ ва ифодаи синтаксисии онҳо зоҳир мешавад. Феълҳои **тавонистан** ва **хостан** дорои шаклҳои аорист, замони ҳозира-оянда ва шаклҳои асосии замони гузашта буда, аммо шаклҳои тарз надоранд.

Феълҳои **боистан** ва **шоистан** таърихан ба тағъироте дучор шуда омадаанд ва дар забони ҳозира танҳо шаклҳои ҷудогонаи онҳо истеъмол меёбад.

Феъли **тавонистан** дар таркибҳои гуногуни феълӣ ва синтаксисӣ омада, имконпазир будан ё набудани иҷрои амалро ифода мекунад.

Сиғаи серистеъмоли таркиби феълӣ бо ин ёридиҳанда чунин аст, ки феъли асосӣ дар ҷои якум ба шакли феъли ҳол (сифати феълии замони гузашта) ва феъли **тавонистан** дар ҷои дуюм ба ягон шакли тасрифӣ меояд, масалан: **хобида тавонистан, дода тавонистан, истода тавонистан, ёрӣ дода тавонистан, тоқат карда тавонистан, ҷамъ карда тавонистан, навишта гирифта тавонистан, ба охир расонда тавонистан** ва ғ.

Душман ба фишори ин қӯшуни беяроқ тоб **оварда натавонист** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҳа, табиати мамлакати мо ба ҳадде зебо шудааст, ки кас аз тамошои он чашм **канда наметавонад** *(А. Деҳотӣ,* Куллиёт, ҷ. III). Ин мард аз он одамоне набуд, ки пиёда ё савора ба сари ин кӯҳ **баромада тавонад** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Мактабҳои усули қадимаи мо он донишеро, ки мо мегӯем, **дода наметавонанд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Дар ин гуна таркибҳои феълӣ пас аз **тавонистан** омадани феъли дигари ёридиҳанда (масалан, **будан** ва **истодан**) низ мумкин аст. Дар он сурат феъли **тавонистан** низ шакли феъли ҳолро мегирад:

Барои ҳамин шарикҳо аз кор даст кашида **натавониста истодаанд**.— Дар он ҳавлӣ... ба ғайр аз боз як манзилнишин, ки на тотор, на арманӣ будани ӯро то ҳанӯз Коваленко дуруст ҷудо карда **натавониста буд**, худи хӯҷаини ҳавлӣ, тоҷики аёлманд зиндагӣ мекард *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Баъзан дар ин хел таркибҳо (бештар дар назм) феъли асосӣ ба шакли масдари пурра меояд:

Дарьёи азимем, ки **бастан натавонӣ**!
Аз сарҳади хуршед **гузаштан натавонӣ**!

(М. Раҳимӣ, Гузаштан натавонӣ)

Лекин ин майли охирини туро
Ҳеҷ **кардан наметавонам** адо.

(М. Турсунзода, Арӯс аз Москва)

Таркибҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо феъли **тавонистан** пеш аз феъли асосӣ меистад ва шаклан асоси замони ҳозира

бо префикси ме- оварда мешавад. Дар ин сурат феъли **тавонистан** чун феъли бешахс омада бошад, феъли асосӣ бештар ба шакли масдари мухтасар (баробари асоси замони гузашта) ва баъзан ба шакли масдари пурра меояд:

Маҷлис ҳам ҳисоботӣ буду ҳам **метавон гуфт**, маҳфили адабӣ *(Садои Шарқ)*.

Метавон баст роҳи дарьёро,
Роҳи реги равони саҳроро.
Натавонад, ки кас шавад монеъ
Роҳи пурҷӯши ишқи дилҳоро.

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

Дар чунин таркиб ба шакли тасрифӣ (дар айни ҳол номуайяншахс) омадани феъли **тавонистан** ва ба шакли масдари мухтасар (гоҳо масдари пурра) омадани феъли асосӣ низ дида мешавад:

Метавонӣ ба риштаҳои сулҳ
Хонадони ҷаҳониён **пайваст.**

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

Ба шакли тасрифӣ омадани ҳар ду қисми таркиби феълӣ низ сериствемол аст: **метавонам гӯям, метавонед нависед, метавонистам гӯям** ва ғ. Чунин таркиб бештар хусусияти синтаксисӣ дорад ва аз ин рӯ дар ҷумлаи мураккаб аз ҳам ҷудо шуда, феъли ёридиҳанда зоҳиран ба сифати феъли асосӣ меояд. Дар айни ҳол феъли ёридиҳанда, қатъи назар аз мавқеъ ва шакли тасрифии худ, ба шакли аорист омадани феъли асосиро талаб мекунад. Чунончи:

Вай қариб то ними шаб **наметавонист** аз хона бароя д *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Шодӣ **метавонист** ба Мария телеграмма диҳад, аммо накард *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Метавонам, ки ман баён бикунам
Қиссаҳои Халичи Форс ин дам.

(М. Турсунзода, Кулоҳи профессор Ахвледиани)

Феъли **хостан** изҳори майлу хоҳиши мансуб ба амалро мефаҳмонад. Ин феъл бо баъзе хусусиятҳои таркибсозии худ ба феъли **тавонистан** шабоҳат дорад ва дар баъзе бобатҳо аз вай фарқ мекунад.

Феъли **хостан** дар ҳамаи таркибҳо ба шакли тасрифӣ меояд. Вай ба шакли аорист пеш аз масдари мухтасар омада, феъли замони ояндаи дур месозад:

Буржуазӣ гар бичангад, мо зафар **хоҳем кард** *(А. Лоҳутӣ,* Мо зафар хоҳем кард). Заҳро тасаввур карда наметавонист,

ки чӣ тавр бо Алӣ... дар як хона зиндагӣ **хоҳад кард** ва дар як болин сар **хоҳад монд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Дар бисьёр таркибҳои феълӣ феъли асосӣ ба шакли масдари пурра ва феъли **хостан** бевосита пас аз он ба шаклҳои гуногуни тасрифӣ меояд:

Собир... почаҳои худро молида-молида базӯр рост шуд ва ба тарафи роҳрави ҳавлии дарун нигоҳ карда рафтан **хост** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ҳозир ман ба ту на ҳамчун командиру итоаткор, балки ҳамчун фарзанди як қишлоқ гап задан **мехоҳам** *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Феъли **хостан** низ дар ҷумлаҳои мураккаб аз таркиб ҷудо мешавад. Дар ин ҳол вай одатан дар сарҷумла омада, монанди феъли **тавонистан**, дар ҷумлаи пайрав шакли аористи феъли алоқамандро талаб мекунад:

Собир қаланд ва ҷорӯбро гирифта **хост**, ки биравад *(С. Айнӣ,* Дохунда). Пеш аз сар шудани маҷлис мехостем, ки як чизро пурсида гирем *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Дар баъзе мавридҳо дар ҷумлаи мураккаб бар хилофи қоидаи мазкур феъли **хостан** бо феъли алоқаманд мувофиқати дигари шаклию мазмунӣ пайдо мекунад:

Об фаровон. Ҳар вақт **хоҳем**, бемалол, аз Вахш гирифтан мегирем *(А. Деҳотӣ,* Куллиёт, ҷ. III). Азбаски ман **намехоҳам**, ту ба вай намерасӣ *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Истеъмоли ёридиҳандаи **боистан** аз ҷиҳати шакл хеле маҳдуд мебошад. Дар забони ҳозираи тоҷик асосан ду шакли ифодаи он маъмул буда, дар таркибҳои феълӣ ва синтаксисӣ аксар барои ифодаи таъкид, зарурат ва қатъияти мансуб ба иҷрои амал кор фармуда мешавад.

Шакли **бояд** (таърихан шахси сеюми танҳои аорист аз **боистан**) ҳоло хеле серистеъмол аст. Вай бо масдари мухтасари феъли алоқаманд (асосӣ) омада, феъли бешахс месозад. Чунончи, ёридиҳанда пеш аз феъли асосӣ меояд:

Бе об чӣ бояд кард? Куҷо бояд рафт? *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҳоло ин корро ҳатман, сарфи назар аз ҳамаи мушкилиҳои гӯшношунида бояд анҷом дод *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Бояд қайд кард, ки портреткашӣ жанри дӯстдоштаи Раҳимов аст *(Садои Шарқ).*

Ёридиҳанда дар байни феъли таркибии номӣ меояд:

Камбағалҳои ҷаҳонро муттаҳид бояд намуд,
Ҷанг бо ӯрдуи истисмор мебоист кард.
(А. Лоҳутӣ, Куллиёт)

Шакли **бояд** аз феъли алоқаманд дур шавад ҳам, барои ифодаи ҳамон тобишҳои асосии маъно хизмат мекунад. Дар ин сурат вай ҳам монанди феълҳои **хостан** ва **тавонистан** бо шакли аористи феъли алоқаманд мувофиқат дорад. Чунончи:

Аз Москва телефон карданд, ки бояд фардо ба пойтахт

парвоз кунам *(Садои Шарқ)*. Имрӯз, ки шумою Мушаррафа меҳмони азизи ман ҳастетон, бояд каме хурсандӣ кунем *(Садои Шарқ)*. Ман бояд ба шумо як чизро гӯям *(Садои Шарқ)*.

Ёридиҳандаи **бояд** вобаста ба шаклу мазмуни феълӣ асосӣ ва оҳанги сухан тобиши маъноии шарту эҳтимолро ифода мекунад:

Ако, шумо бояд маро ёфта мепурсидед *(Садои Шарқ)*.

Махсусан дар таркибҳои **бояд дар хона бошад, дар хона бояд бошад, бояд омӯхта бошад, бояд ором шуда бошад** ва ғ.— дар ифодаи тобиши маъно ёридиҳандаи **бояд** бо **шояд** ҳамвазифа шуда мемонад.

Шакли **мебоист** нисбат ба **бояд** камистеъмолтар аст. Вай бо масдари мухтасар дар як таркиб омада, монанди **бояд** феълӣ бешахс ташкил медиҳад:

Сустию навмедӣ андар роҳи заҳматкаш хатост,
То нафас боқист дар тан, кор мебоист кард.

(А. Лоҳутӣ, Куллиёт)

Шакли **мебоист** низ аз феълӣ асосӣ дур шуда, бо он мувофиқати шаклӣ ва маънӣ пайдо мекунад ва бештар бо тобиши ифодаи шарту зарурат меояд: Цементи ба канал даркорӣ мебоист дар як мураббаъ сантиметр 140 кило фишорро бардорад.— Мебоист ман баъд аз чанд рӯзи дигар аз хизмати ҳарбӣ озод шуда, ба қишлоқи худ бармегаштам.— Як одами хату саводнокро ёфтан даркор буд, ки вай мебоист гуфтаҳои Нарзиро ба рӯи коғаз менавишт *(Ҳ. Карим*, Оқшуда).

Аз феълӣ **шоистан** дар забони ҳозираи тоҷик фақат шакли **шояд** (таърихан шахси сеюми танҳои аорист) истеъмол мешавад. Вай бо феълӣ асосӣ ҳампаҳлу омада метавонад: **шояд равем, шояд омада бошанд, шояд ичро шавад** ва м. ин.

Ҳамчунин вай, монанди **бояд**, аз феълӣ асосӣ дур шуда ҳам метавонад. Дар ҳар ду сурат ҳам ёридиҳандаи **шояд** асосан бо шакли аористи феълӣ асосӣ мувофиқат карда, барои ифодаи маънои эҳтимолии амал ва пурқувват кардани он истеъмол меёбад:

Бо хаёли ин, ки шояд вай ҳам омада бошад, «элак баҳона, дидор ғанимат» гуфтагӣ барин ҷелаки падарашро ба сар ғирифту «ба ҳавлии ҳамсоя меравам» гӯён ба кӯча баромад *(Ҳ. Карим*, Оқшуда). Шояд маро фаромӯш карда бошед.— Шояд мо ду кас шуда оем (Садои Шарқ).

Мумкин аст, ки **шояд** бо шакли дигари феълӣ асосӣ (масалан, замони ҳозира-оянда) мувофиқат кунад, лекин тобиши маъноии он тағйир намеёбад: Шояд баъд аз ин амаки Муҳаммадмурод ҳам... аҷина барин аз чашм ғайб мезанад... *(Садои Шарқ)*.

ПРЕФИКСҲОИ ШАКЛСОЗИ ФЕЪЛ

Як гурӯҳ префиксҳои феълии забони тоҷикӣ бо феъл омада, шаклҳои грамматикӣ месозанд ва ба воситаи онҳо тобишҳои нави грамматикӣ ва услубии феълҳо ҳамчун инкор, замон, оҳангнокии сухан ва ғайра ифода меёбад. Ин гуна префиксҳо маънои аслии (лексикии) феълро тағьир дода наметавонанд ва бинобар ин **префиксҳои шаклсоз** номида мешаванд: **на-, ме-, би.-**

Префикси на-

Префикси **на-** ва **ма-** ба феъл ҳамроҳ шуда, шакли инкор (манфӣ) месозад ва нашудани кору ҳолеро мефаҳмонад: **нарав, нагирад, надид, намеҷунбад, кор намефармояд.**

Дар забони ҳозираи тоҷик шакли нормативии ифодаи инкор префикси **на-** мебошад. Вай бештар бо шаклҳои тасрифии феъл меояд. Дар феълҳои содда (феъли фармоиш, аорист, гузаштаи наздик, гузаштаи ҳикоягӣ, шакли нақлӣ) префикси инкорӣ дар аввал меояд:

Телефон **накунед,** мулоқот **наҷӯед,** мактуб **нанависед,** ба ҳар кас салому паём **нафиристед** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Ӯ бача шуда давраи бачагиро **наронду** йигит шуда нашъаи ҷавониро **намебинад** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар он хона лампа **намегиронданд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Аммо ин сангпушти бузурги раъдовоз ҳанӯз ба нимаи роҳ **нарасидааст** (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Дар феълҳои сохта ду тарзи истеъмоли префикси инкорӣ маъмул аст: дар феълҳое, ки бо префикси **бар-, дар-, фур-** сохта шудаанд, префикси инкорӣ аксар дар аввал оварда мешавад:

Шабҳо бисьёр вақт аз хона намебаромад *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Мардон ба пеши меҳмонҳо надаромад.— Савора аз асп нафуромад...

Дар баъзе феълҳои бо **бар-, дар, боз-,** ва **во-** сохташуда префикси инкорӣ пас аз префикси феълсоз (бевосита пеш аз феъл) меояд: Дил барнагашт *(М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб). Аммо ин ҳолат ӯрдуи фидокоронро бознадошт *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Тир ба нишон барнахӯрд. Ҳарчанд задам, дарнагирифт, мон, ки равад. Барно дар ҷавоб дарнамонд...

Дар феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ низ ду тарзи истеъмоли префикси **на-** маъмул аст. Дар феълҳои таркибии номӣ (ҳамчун **сӯҳбат кардан, ёд доштан, тӯл кашидан...**), феъли таркибии ҳолӣ (монанди **навишта гирифтан, хонда додан, гуфта гирифтан...**) ва феъли таркибии масдарӣ (амсоли **хоҳам хонд, хоҳем дид, хондан гирифт, рафтан мегирифт...**)

ҷузъи тасрифии таркиб префикси инкории на- қабул мекунад:

Шумо гумон накунед, ки ҳар кадоми чашмаҳои дар ин чашмасор буда ба қадре сероб аст, ки як санг ё ним санги осиёро мегардонад *(С. Айнӣ*, Дохунда). Худат медонӣ, ки ин хел корҳоро ман дӯст намедорам *(Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дигар ин ҳунарманди номдор бо нақшу нигорҳои нав ба нав ихтироъкардаи худ мардуми гирду атроф ва дуру наздикро моту мабҳут нахоҳад кард.— Агар ҳар як гапро аз бехаш дониста нагирам, намемонам ва дилам ҳам қарор намегирад *(Ҳ. Карим*, Оқшуда). Агар шумо дар нимрӯзӣ ба лаби ин ҷӯйча оед, аз тамошояш чашм канда наметавонед *(С. Айнӣ*, Дохунда).

Дар феълҳои замони гузаштаи дур, ки дар таркибашон ёридиҳандаи будан ҳаст ва баъзе феълҳои таркибии номӣ, ки феъли дигари ёридиҳанда қабул мекунанд, префикси инкорӣ на бо шаклҳои тасрифӣ, балки одатан бо шаклҳои ғайритасрифии феъл меояд:

Раиси колхоз бошад, ҳеҷ як гапи бемаънӣ ва бефоида нагуфта буд.— Имрӯз бедорхобӣ ба хола он қадар таъсир накарда буд.— Ман дигар гап назада истодаам *(Ҳ. Карим*, Оқшуда).

Баъзе таркибҳои феълӣ, аз ҷумла таркибҳое, ки аз сифати феълӣ гирифта шуда, ёридиҳандаи будан қабул мекунанд, дар истеъмоли префикси инкорӣ дубаҳраанд: мумкин аст, ки вобаста ба мақсад ва ё услуби сухан префикс гоҳо бо шакли тасрифӣ, гоҳ бо шакли тасрифнашавандаи феъл ояд:

Чақ-чақи ин ду кампир ҳаргиз адо шудани набуд (адо нашуданӣ буд).— Он замонҳо ҳанӯз колхоз ташкил нашудагӣ буд *(Ҳ. Карим*, Оқшуда),— ташкил шудагӣ набуд.

Ҳамин гуна тарзи истеъмоли префикси на- дар феълҳое низ дида мешавад, ки ёридиҳандаи бояд аз онҳо дур шудааст:

Фарзанд набояд аз гапи падару модар барояд *(Ҳ. Карим*, Оқшуда) — бояд набарояд.— Қайд кардан лозим аст, ки ин натиҷаҳо набояд моро хотирҷамъ кунанд (Тоҷикистони советӣ) — бояд хотирҷамъ накунанд...

Баъзан дар ҷумлаи мураккаби тобеъ феълҳо танҳо бо шакли инкорӣ (манфӣ) мувофиқат мекунанд:

Мабодо шӯрбо нашавад, ки ман намехӯрам... *(Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Аммо дар баъзе ҷумлаҳои содда ва мураккаб бо феълҳо такроран омадани префикси на- мантиқан маънии мусбат (тасдиқ)-ро ифода мекунад, яъне ду шакли инкории (манфии) феъл барои ифодаи маънии як феъли мусбат меояд: нагуфта наметавонам, яъне бояд гӯям, мегӯям; нагуфта (ногуфта) намонад, яъне бояд гуфта шавад; наомада наметаво-

нам, яъне бояд биёям, меоям... Монанди ҳамин, дар ҷумлаи зерин ду инкор маънии тасдиқро медиҳад:

Ман ҳарчанд кардам, ки ба вай нигоҳ накунам, натавонистам *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Агар инкори иҷрои амал ё ҳолате бо таъкиди такрор қайд карда шавад, ҳиссачаи инкории **на-на** бо шакли мусбати феъл меояд, ки дар мавриди худ моҳиятан ба як шакли инкории феъл баробар аст:

Дигар **на** аз он ашкони фаровон дарак буд ва **на** аз он ҳазинӣ ва нармгӯй *(Ҳ. Карим,* Оқшуда) — дигар аз он ашкони фаровон ва аз он ҳазинӣ ва нармгӯй дарак набуд.

Дар назм ва баъзе зарбулмасалу мақолҳо дар шакли амрии феъл гоҳо ба ҷои префикси **на-** кор фармудани **ма-** низ мушоҳида мешавад:

Он чӣ ба худ написандӣ, ба дигарон **маписанд** *(мақол).* Аз гунҷишк (чумчуқ) тарсӣ — арзан **макор** *(зарб.).*

Ту дигар аз диёри мо **марав** ҳеҷ,
Дигар бо муфлисӣ ҳамдам **машав** ҳеҷ.
(М. Миршакар, Қишлоқи тиллоӣ)

Префикси ме-

Префикси **ме-** ба асосҳои феълӣ ҳамроҳ шуда, шаклҳои замонии феъл месозад.

Бо ин префикс аз асоси замони ҳозира шакли замони ҳозира-ояндаи феъл сохта мешавад:

Алҳол дар техникуми хоҷагии қишлоқ **мехонад** (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ба Шӯроб **меравем** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар гирду атроф ким-чӣ хел одамҳои ношинос **мегарданд,** воқеанависӣ **мекунанд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Охир, ӯро панҷоҳудусола **мегӯянд-ку!** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Дар назм гоҳо бо префикси **ме-** омадани шакли амрии феъл (шахси дуюми танҳо) низ дида мешавад. Чунончи:

Чӣ хуш гуфтаст як донои асрор,
Ба гуфтори хуши ӯ **гӯш медор!**
(С. Айнӣ)

Қаламо, хизмати синон **мекун,**
Синаи хасмро нишон **мекун!**
(О. Лутфӣ)

Префикси **ме-** бо асоси феълии замони гузашта омада, шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ месозад, ки он давомнокӣ ва мӯлкаратии иҷрои амалро мефаҳмонад ва тобишҳои дигари маъноиро ифода мекунад:

Гову гӯсола ва гӯсфандон аз чаро **бозмегаштанд**. Духтаракон... подаро **истиқбол менамуданд** *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Дар кӯча онҳо хомӯш, ҳар кадом ба фикри дарди худ, пасу дунбол роҳ **мегаштанд** (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Аз ҳамин шакли феълӣ феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ нақлӣ ба вуҷуд меояд (мехондай, мерафтааст...): Ҳеҷ гап не, ба тракторчиҳо мукофот оварда **медодаанд** *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Ҳозир дар он ҷо дар кадом колхоз деҳқонӣ **мекардааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Сифати феълии аз асоси замони гузашта бо префикси **ме-** сохташуда низ дорои мафҳуми давомнокӣ ва мӯлкаратӣ мебошад:

Чизҳои **мехӯрдагӣ** аз гандум, ҷав, арзан... ҳосил мешаванд *(С. Айнӣ,* Таҳзиб-ус-сибьён).

Префикси **ме-** дар феълҳои содда пеш аз асос, дар феълҳои сохта аксар пеш аз префикси феълсоз ва дар баъзе феълҳо пас аз префикси феълсоз меояд:

Сароҳо торафт ба боло мебаромаданд. *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Чархи таърих ба қафо барнамегардад *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Шакли қадимии префикси **ме-**, ки дар забони адабии пешина серистеъмол буд, **ҳаме** мебошад. Ин шакл дар вақташ зарфи мустақил буда, зарфи **ҳамеша** таъриҳан бо вай алоқаманд будааст. Шакли **ҳаме** вобаста ба чунин хусусияти таърихиаш чун префикс бо феъл меомад ва ҳамчунин аз феъл канда шуда, чун ҳиссача пеш ва ё пас аз феъл кор фармуда мешуд:

Ҳамегуфт ҳар кас, ки ин Рустам аст? *(Фирдавсӣ).* Бӯи ҷӯи Мӯлиён **ояд ҳаме** *(Рӯдакӣ).* Яке аз мулуки Хуросон Султон Маҳмуди Сабуктагинро ба хоб дид, ки ҷумлаи вуҷуди ӯ рехта буд ва хок шуда магар чашмони ӯ, ки ҳамчунон дар чашмхона **ҳамегардид** ва назар **ҳамекард**...

Дар забони ҳозира префикси **ҳаме-** фақат дар назм меояд, вале камистеъмол аст:

Паррандаҳои нағзхон **ҳамераванд** ин замон
Бурун зи ошьёнашон ба сӯи марғзорҳо.

(Ҳ. Юсуфӣ)

Префикси би-

Префикси **би-** (**бу-**) низ шаклсоз буда, маънии аслии феълро тағьир дода наметавонад. Вай дар тарзи ифодаи феъл як навъ тобиши оҳангнокии адабӣ-китобӣ мебахшад, ки он дар назм ба баъзе қоидаҳои бадеият ва дар наср ба оҳанги гуф-

тор вобаста аст. Аз ин ҷиҳат **би- префикси оҳангбахш** номида мешавад, ки будани он дар феъл ҳатмӣ нест.

Агар феъл бо ҳамсадои лабулабии **б** сар шуда бошад, префикси **би-** ба шакли **бу-** омада, бо он мувофиқат мекунад:

Онҳо вазифаи оинагиро ҳам адо наменамуданд, ки ман худро дар онҳо бубинам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Ба маҷлис духтари колхоз биёмад,
Бубояд нутқи ширинаш шунидан.

(М. Раҳимӣ, Сабоҳи сухан)

Префикси **би-** дар забони адабиёти классикӣ (дар назму наср) ҳамчун қоидаи умумӣ серистеъмол буд ва бо бисьёр шаклҳои замонӣ ва сиғавии феъл меомад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик нормаи истеъмоли ин префикс тағьир ёфта, дар назм бештар ва дар наср кам вомехӯрад. Дар баъзе услубҳои забони адабии ҳозира (масалан, услуби илмӣ, расмӣ, забони матбуот) бағоят камистеъмол мебошад.

Ба ин тариқ, префикси **би-** (**бу-**) дар забони ҳозираи тоҷик бо шаклҳои феълии зерин истеъмол меёбад:

Префикси **би-** бо шакли замони гузаштаи наздик (оддӣ) омада, гӯё яккаратӣ ё мутлақии амалро таъкид мекунад:

Мард ҷои хоби Ёдгорро муайян карда, худ ба пеши зан ва духтараш омада **бихобид** *(С. Айнӣ,* Дохунда).

Талотӯм ба фарқи наҳангон **бикӯфт,**
Муҳит ар **бичӯшид** бо қаҳри том.
Революция дудаи ғам **бирӯфт.**
Чароғони барқӣ кушода ба шом.

(М. Раҳимӣ, Шарораи ҷовид)

Префикси **би-** бо феъли фармоиш омада, дар тарзи ифода андаке оҳанги нармӣ мебахшад: Писарам, пӯстакро ин ҷо андохта **бихоб** *(С. Айнӣ,* Дохунда).

Ба сӯи саодат **бирав,** эй бародар,
Ба роҳи саодат риёзат кашида.

(М. Раҳимӣ, Сабоҳи сухан)

Префикси **би-** бо шакли аористи феъл омада, дар гуфтор шаклу оҳанги адабӣ-китобӣ пайдо мекунонад:

Собир каланду ҷорӯбро гирифта хост, ки **биравад** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Мардум бояд гуфтаҳои туро **бишнаванд.**— Ба хонаи духтараш **биравад** ва дастнигари домодаш **бишавад?** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Давлат тохта ба истиқболи ӯ баромад, то **бифаҳмад,** ки чӣ хабар овардааст *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Шакли аористи феъл сермаънист. Вай, чун дар забони

адабии пешина, ба маънои замони ҳозира-оянда омада бошад ҳам, префикси **би-** қабул карда метавонад ва ин дар забони ҳозираи тоҷик фақат дар назм мушоҳида мешавад:

Боз рӯзи дигар ба дасти қазо
Чархи мошинаро **бигардонад.**

(Пайрав Сулаймонӣ)

Дар забони адабиёти классикӣ префикси **би-** ба ҳамаи феълҳо ва шаклҳои феълии префиксҳои **на-** ва **ме-** доштагӣ истеъмол мешуд. Аммо дар забони ҳозираи тоҷик қоидаи истеъмоли он андаке тағйир ёфта, ҳудуди истеъмолаш маҳдуд шудааст. Масалан, дар забони ҳозираи тоҷик феъле, ки бо префикси **би-** омадааст, префикси **на-** ва **ме-** қабул намекунад ва, баръакс, феъли бо **на-** ва **ме-** омада префикси **би-** намегирад. Префикси **би-** дар феълҳои **омадан** ва **овардан** шаклан ба таркиби асоси замони ҳозира даромадааст:

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем *(А. Деҳотӣ).* Аҷаб нест, Олимҷони шумо ҳам ҳамин тавр **даромада биёяд** *(П. Толис).* Аз вай шохи дарахт кулчаҳоро **биёр** *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Дар забони адабӣ, агар лозим ояд, аксарияти феълҳо префикси **би-** қабул карда метавонанд. Аммо дар баъзе феълҳо (монанди **шудан, истодан**) истеъмоли ин префикс хеле кам воқеъ мешавад ва табиати баъзе феълҳо (мисли **доштан, будан**) истеъмоли префикси **би-**ро намебардорад.

СУФФИКСҲОИ ШАКЛСОЗИ ФЕЪЛ

Суффиксҳои шаклсози феъл чунин унсурҳои грамматикӣ мебошанд, ки истеъмоли онҳо дар забони адабии пешина дар назму наср қоидаи маъмулӣ буд. Аммо дар забони адабии ҳозираи тоҷик истеъмоли ин суффиксҳо бағоят маҳдуд аст ва он танҳо хоси забони назм мебошад.

Суффикси -ӣ (-е). Ин суффикс дар забони адабии пешина **йои ҳикоят** ном дошта, аз ҷиҳати грамматикӣ бо префикси **ме-** ҳамвазифа мебошад. Вай одатан ба шакли тасрифии замони гузашта (асоси замони гузашта) омада, давомнокию мӯлкаратии амал, гоҳо шартӣ будани амалро мефаҳмонад:

Дар дафотир **навиштандӣ** ва ҳикоят **карандӣ** *(А. Дониш,* Наводир-ул-вақоеъ).

Гурбаи мискин агар пар **доштӣ,**
Тухми гунҷишк аз ҷаҳон **бардоштӣ.**
Ин ду шохи гов агар хар **доштӣ,**
Ҳеҷ касро пеши худ **нагзоштӣ.**

(*Саъдӣ,* Гулистон)

Суффикси **-ӣ** одатан бо шаклҳои тасрифии феъл пас аз бандакҳои феълии **ам** (шахси якуми танҳо) ва **анд** (шахси сеюми ҷамъ), аммо дар шахси сеюми танҳо бевосита бо асоси замони гузашта меояд. Дар забони адабии ҳозира (танҳо дар назм) бо ҳамин тобишҳои маъноӣ, аз рӯи ҳамон қоидаҳо кор фармудани суффикси **-ӣ** мавҷуд бошад ҳам, хеле камистеъмол буда, бештар дар шахси сеюми танҳо дида мешавад:

Чунон кор буд пур зи ишқу ҳавас,
Ки **гуфтӣ**, гули пахтаҳо ҳар нафас,
Гирифтӣ аз он ишқи саршор ҷон,
Паридӣ ба домони колхозчиён.

(*А. Лоҳутӣ*, Тоҷу байрақ)

Онҳо ки **заданди** ҳама дам лофи худоӣ,
карданд гадоӣ.

(*С. Айнӣ*)

Агар суффикси **-ӣ** бо префикси **ме-** дар як феъл ояд, маънии давомнокӣ ва ё шартӣ будани амалро такроран таъкид мекунад.

Суффикси -о. Ин суффикс аз суффикси нидоии **о**, ки бо исм омада, мухотаб месозад (дилбаро, санамо...), ба куллӣ фарқ мекунад. Ин ҳамчун суффикси шаклсозу оҳангбахши феълӣ вобаста ба талаботи вазну оҳанг танҳо дар шеър, одатан бо феълҳои **гуфтан** ва **будан**, кор фармуда мешавад. Бо феъли **гуфтан** дар шахси сеюми танҳои замони гузаштаи наздик (оддӣ): гуфто, бигуфто; ва бо феъли **будан** дар шахси сеюми танҳои сиғаи хоҳишмандӣ **(бод)** меояд: бодо муборак идатон!

Тарзу мавқеи истеъмоли суффикси **-о** бо феълҳои номбурда дар назми классикӣ ва ҳозира як аст. Фарқ дар он аст, ки ин шаклу тарзи ифода дар назми ҳозира нисбат ба пешина камтар кор фармуда мешавад:

Бигуфто: «Ишқи Ширин бар ту чун аст?»
Бигуфт: «Аз ҷони ширинам фузун аст!»
Бигуфто: «Дил зи меҳраш кай кунӣ пок?»
Бигуфт: «Он дам, ки бошам мурда дар хок!»

(*Низомӣ*, Хисраву Ширин)

Бигуфто: «Ман гили ночиз будам,
Валекин муддате бо гул нишастам».

(*Саъдӣ*, Гулистон)

Бигуфто, ки: «Эй тӯдаи номвар,
Рафиқони фаъоли соҳибҳунар!..»

(*А. Лоҳутӣ*, Тоҷу байрақ)

Кондуктори мӯсафед
Гуфто ба мо: хап шавед.
(М. Миршакар)

Бодо ба шумо мужда
Аз кишвари ободон.
(Пайрав Сулаймонӣ)

ТАРЗҲОИ ФЕЪЛ

Феълҳо вобаста ба маъно ва доираи муносибатҳои грамматикиашон дорои хусусиятҳои гуногун мебошанд. Ба туфайли гуногунии хел ва шаклу тарзи ифода табиат ва хусусияти робитаҳои грамматикии феълҳо, муносибати феъл бо фоилу мафъул (субъект ва объект) муайян мегардад. Феълҳои монда ва гузаранда, бевосита ва бавосита, тарзи фоил ва мафъул маҳз ҳамин қисмати феълро ташкил медиҳанд.

Феълҳои монда ва гузаранда

Як хусусияти барҷастаи феъл он аст, ки шаклҳои вай вобаста ба сохту таркиб ва тобишҳои маънои лугавии худ муносибати нисбат ба фоил (субъект) ва мафъул (объект) дошта амалро мефаҳмонад ва дар ин бобат тарзи алоқаҳои морфологию синтаксисиро муайян мекунад. Масалан:

Гулнор инро ҳам **медонист**, ки Ёдгор фақир ва камбағал аст *(С. Айнӣ,* Дохунда). Роҳат,— **гуфт** ва ба пеши аскарон омада дар қатори дигарон ин ҳам ба рӯи алаф **ғел зад** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Чунон ки маълум аст, маънӣ ва муносибати бо фоилу мафъул доштаи амал, ки дар ин ҷумлаҳо бо феълҳои гуногун ифода меёбад, якхела нест. Ин аст, ки аз рӯи муносибати байни фоилу мафъул ва муносибати амал бо онҳо ҳамаи феълҳои забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд, ки ҳар кадом дорои хусусиятҳои грамматикии худ мебошад: як гурӯҳ феълҳои **монда**, гурӯҳи дигар феълҳои **гузаранда** ном дорад.

Феълҳои монда. Феълҳое, ки ба мафъул (объект)-и бевосита гузаштани таъсири амалро намефаҳмонанд, **феълҳои монда** номида мешаванд. Масалан: **хестан, нишастан, баромадан, дамидан, давидан, ларзидан, омадан, сӯҳбат кардан, вохӯрдӣ кардан, ғалаба кардан, раҳсипор гардидан, хомӯш шудан, хиҷолат кашидан** ва м. ин.

Ин гуна феълҳо аз рӯи маънои лугавии худ ва ё маънои ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ бевосита бо фоил (субъект) алоқаманд буда, пайваста ба ҳамин бо пуркунандаи бавосита ва ҳол муносибат дошта метавонанд. Аз ин ҷиҳат са-

волҳои пуркунандаи бевосита **чӣ?, чиро?, киро?** ба феълҳои монда кор фармуда намешавад. Масалан, дар ҷумлаи **«Салим аз ҷояш озод хест»** муносибати амал бо аъзоҳои дигари ҷумла ба тарзи зер воқеъ мешавад: хест — кӣ? — Салим (мубтадо), аз куҷо? — аз ҷояш (ҳоли макон), чӣ тавр? — озод (ҳоли тарзи амал).

Муносибати ҳамаи феълҳои монда бо аъзоҳои синтаксисӣ низ ҳамин тавр мебошад:

Фирӯза ба ҳуҷраи таи айвони дарвозахона даромад, Мирак ба рӯи суфаи таи айвон нишаст *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ришу мӯйлабаш ларзиданд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ҳа, дар Бухоро Ҳукумати Советӣ ғалаба кард, амир гурехт *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Феълҳои таркибии номии монда бо феълҳои гуногуни ёридиҳанда сохта мешаванд, аз ҷумла онҳое, ки бо ёридиҳандаҳои ҳаммаънои **шудан, гардидан** ва **гаштан** сохта шудаанд, феълҳои монда мебошанд:

Ҳамин тавр, се-чор дарс мехонданду ҷавоб мешуданд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Давлат ҳайрон мешуд, ки ин ҷавон чӣ қадар пурдон аст (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Роҳи Вахши бодпо гардид банд *(М. Қаноат,* Достони оташ).

Феълҳои гузаранда. Дар ҷумлаҳои зерин феълҳо бо аъзоҳои гуногуни ҷумла алоқаманд бошанд ҳам, муносибати мафъулии онҳо мавқеи асосӣ дорад ва он бо пуркунандаи бевосита вобаста мебошад:

Ман дар ин ҷо гӯсфанд мечаронам *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ронанда мошинро ба каноре бароварда нигоҳ дошт *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Давлат ӯро шинохт *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Муносибати мафъулии феълҳои гузаранда аз ин қабил аст: Мечаронам — кӣ? — ман (мубтадо), дар куҷо? — дар ин ҷо (ҳоли макон), **чӣ? — гӯсфанд** (пуркунандаи бевосита); **нигоҳ дошт** — кӣ? — рононда (мубтадо), **чиро?** — мошинро (пуркунандаи бевосита), дар кадом вазъият? — ба каноре бароварда (ҳол); **шинохт** — кӣ? — Давлат (мубтадо), **киро? — ӯро** (пуркунандаи бевосита).

Ҳамин тариқа, феълҳое, ки бевосита ба объект гузаштани таъсири амал, яъне гайр аз муносибати субъектӣ маҳз ба объект нигаронида шудани амалро мефаҳмонанд, **феълҳои гузаранда** ном доранд. Чунончи: **омӯхтан, ғундоштан, поидан, овардан, дидан, донистан, кашидан, коридан; такрор кардан, пешвоз гирифтан, омода сохтан, муайян намудан** ва м. ин.

Аксарияти феълҳои забони тоҷикӣ ба гурӯҳи феълҳои гузаранда дохил мешаванд. Феълҳои гузаранда ҳатман пуркунандаи бевосита талаб мекунанд, ки он бо исм ё ҷонишин ифода меёбад. Пуркунандаи бевосита ба шакли суратнаёфта ва ё бо пасоянди **-ро** суратьёфта омада, ба саволҳои **чӣ?, чи-**

ро?, киро? ҷавоб мешавад ва бо феъл бевосита алоқаманд мегардад. Пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта одатан бо феъли гузаранда ҳампаҳлу меояд, аммо пуркунандаи бевоситаи суратьёфта гоҳо бо феъл ҳампаҳлу, баъзан дур аз феъл ифода меёбад:

Низомиддин табассуми даври даҳонашро ғундошт *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дафъаи дигар ба ҳуди ҳамин майдон ӯро Салим-муаллим кашола карда овард *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Кайҳо боз инқилобро мунтазир буд, зеро фаҳмида буд, ки инқилоб тоҷу тахти амир ва хонаи зулму зӯровариро хароб мекунад, бинобар он инқилобро хурсандона пешвоз гирифт ва аввалин неъмати инқилобро ба даст овард *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Баъзан дар нутқ пуркунандаи бевосита зикр наёфта бошад ҳам, вай дар ягон шакл тасаввур карда мешавад: Мана, дидед-мӣ? (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Дар назм бо феъли гузаранда ба шакли суратнаёфта омадани пуркунандаи бевоситаи суратьёфта бисьёр дида мешавад:

Эй даранда, уқоби бадфарҷом,
Аз чӣ нагзоштӣ тазарв ором?

(М. Турсунзода, Аз Ганг то Кремль)

Изн деҳ, як дам нишинам дар барат,
Сер бинам мавҷҳои дилбарат...

(М. Қаноат, Мавҷҳои Днепр)

Баъзе феълҳо вобаста ба маънӣ, мавқеъ ва муносибати бо аъзоҳои ҷумла доштаашон гоҳ чун феъли монда, гоҳ чун гузаранда меоянд, масалан: **шикастан, пухтан, рехтан:** коса афтоду шикаст (монда) — вай косаро шикаст (гузаранда); гелос пухт — ширбиринҷро Ҳомид пухт; об аз сатил рехт — вай дар зери ниҳолҳо об рехт.

Ҳамчунин баъзе феълҳои таркибии номӣ вобаста ба маънои луғавии ҷузъи номиашон монда ва ё гузаранда шуда метавонанд, чунончи: **дам гирифтан** (монда), **пешвоз гирифтан** (гузаранда); **гулдурос задан — ҷеғ задан; ханда кардан — тоза кардан; кор кардан — такрор кардан** ва ғайра.

Ҳодисаи ҳайратангезе рӯй дод. Дарья мехост барои Давлат шуда худро ором, хотирҷамъ нишон диҳад *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Пагоҳ сӯҳбат мекунем *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Онҳо... аз пеши полизи Саидпаҳлавон гузашта истода ӯро табрик мекарданд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Аксарияти феълҳои таркибии номии гузаранда бо феъли

ёридиҳандаи **кардан** ва ҳаммаънои он **намудан** сохта мешавад: иҷро кардан (намудан), хурсанд кардан (намудан), даъват кардан (намудан), тайёр кардан (намудан) ва м. ин.

Феълҳои бевосита ва бавосита

Феълҳо аз ҷиҳати воситаи иҷрои амал ва муносибати бо он доштаи фоилу мафъул **бевосита** ва **бавосита** мешаванд:

Агар ҳар як колхозчизан ва духтар монанди Озода **кор кунад, хонад, хононад**, ин колхози пешқадами мо дар Тоҷикистон ҷои якумро мегирифт *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Давлат Ҷамиларо бардошта, ба боми заминкан баромада, ӯро ба палос **нишонду** аз хона тухмбирьён ва ширро бароварда ба Ҷамила **хӯронд** ва худаш ҳам **хӯрд** *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Чунон ки дида мешавад, дар ин мисолҳо маъно ва муносибати грамматикии феълҳои **хонад** ва **хононад, хӯрд** ва **хӯронд** як хел нест: яке ҳамчун феъли бевосита, дигаре ҳамчун феъли бавосита омадааст.

Феълҳои бевосита аз тарафи фоил (субъект) барои худи фоил воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд. Ба ин гурӯҳ ҳам феълҳои монда дохил мешаванд, ҳам феълҳои гузаранда. Чунончи:

Акбар дар суфачаи дарвозахона **нишаст** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Аҳмадбек ба қафо нигарист *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Фурсате гузашту Ҷамилаи дар рӯи ҷогаҳ хамьёзаю дарозкашида чашмакони сиёҳашро пӯшид (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Феълҳои бавосита ё барои мафъул воқеъ гардидани амал ва ё ба воситае иҷро шудани амалро мефаҳмонанд.

Шаклҳои бавоситаи феъл бо роҳи ба асоси замони ҳозира ҳамроҳ кардани суффикси **-он** (-ён) сохта мешаванд. Ҳамаи феълҳои бавосита феълҳои гузаранда мебошанд ва онҳо моҳиятан ду гурӯҳанд.

Гурӯҳи якуми феълҳои бавосита аз феълҳои монда сохта мешавад, монанди: **рафтан — равондан, ҷунбидан — ҷунбондан, афтодан — афтондан, гузаштан — гузарондан** ва г.

Аксарияти феълҳои бавоситаи гурӯҳи якум маҳз барои мафъул воқеъ шудани амалро мефаҳмонад ва ба ин восита хусусияти гузарандагии ин гуна феълҳо бо роҳи таъкид қувват мегирад. Масалан: **гузаштан — гузарондан, афтодан — афтондан, кӯчидан — кӯчондан, нишастан — шинондан, гаштан — гардондан, хобидан — хобондан; ҷингирос задан — ҷингирос занондан, дер мондан — дер монондан, сайр кардан — сайр кунондан, дар ҳайрат (тааҷҷуб) мондан — дар ҳайрат (тааҷҷуб) монондан** ва ғ.

Ман ҳам инро бе каму кост ба рӯи коғаз кӯчонидам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Муҳаммадмурод... охирин ғолиби май-

донро афтонид *(Ф. Муҳаммадиев, Сози Мунаввар)*. Ҳеҷ парво накарда миёнатро сахт банд, аз ҳамин сол дер намонон *(С. Айнӣ, Дохунда)*. Ӯ... зангӯларо аз рӯи стол гирифта ҷингирос занонд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Аз феълҳои **омадан, зистан, будан, шудан** бо суффикси **-он** шакли бавосита сохта намешавад (аз **шудан** гоҳо дар забони гуфтугӯ сохта шудани чунин шакл мумкин аст: **шав** — шавондан).

Гурӯҳи дуюми феълҳои бавосита аз асоси замони ҳозираи феъли гузаранда бо иловаи ҳамон суффикси **-он** (-ён) сохта мешавад. Ин гуна феълҳои бавосита тавассути каси дигар иҷро шудани амали фоилро мефаҳмонанд, яъне амали шахси дигар ҳамчун натиҷаи амали фоил (субъект) воқеъ мегардад. Чунончи: **хондан — хонондан, хӯрдан — хӯрондан, коридан — корондан, чидан — чинондан, бастан — бандондан, кандан — канондан, пурсидан — пурсондан, овардан — оваронда**н, **фуровардан — фуроворондан, омӯхтан — омӯзондан, шинохтан — шиносондан, гирифтан — гирондан, навиштан — нависондан** ва ғ. (ба маънии **навиштан** кор фармудани шакли **нависондан** хоси лаҳҷа аст, норман адабӣ нест).

М и с о л ҳ о: ...имсол деҳқонони он ҷоро кор фармуда ҳамон заминҳоро гандум ва шолӣ корондам *(С. Айнӣ,* Дохунда). Аввал худамро ба ин дастаи калтакдорони сурх менависонам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҳамаи чор абзоли зиндагониро муҳайё карда, ба илова онҳоро мехононанд, ҳунар меомӯзонанд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Вай... дами гарме тайёр намуда, ба ҷону ҳоли меҳмононаш намонда, ба онҳо нимшокосагӣ хӯронд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ба котиб гуфтам, ки идораро шӯёнад *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Феълҳои таркибии номии гузаранда ҳам бо суффикси **-он** айнан дорои ҳамин гуна хусусияти маъноӣ ва грамматикӣ мебошанд: **қайд кардан — қайд кунондан, суст кардан — суст кунондан, қоил кардан — қоил кунондан, даъват кардан — даъват кунондан** ва ғ.

Дар ин қабил феълҳои таркибии номӣ муайянкунандаи моҳияти грамматикии амал ҳиссаи номӣ не, балки феъли ёридиҳанда мебошад, ки бо суффикси **-он** (-ён) омадааст. Чунончи:

Офарин саркор, ҳамаро худатон ҳам қоил кунонидеду писаратон ҳам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Худ медонед, лекин зудтар фонаи кундаи дасту поямро сусттар кунонед, ки ҳеҷ тоқатам намонд *(С. Айнӣ,* Дохунда).

Баъзе феълҳои содда ва таркибии бавосита, ки аз феълҳои монда бо суффикси **-он** сохта шудаанд, аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ба гурӯҳи дуюми феълҳои бавосита медароянд: **давидан — давондан, рақсидан — рақсондан, шиштан — шинондан, гурехтан — гурезондан, гап задан — гап занондан** ва м. ин.

Ғолибонро бо чашми адӯ нигоҳ мекард ва бо хашму ғазаб ба пеш сур менамуд, медавонд, мерақсонд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ман туро мегурезонам ва ба қишлоқи худамон Чоркӯҳ гирифта мебарам *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Мо ӯро ҷеғ занонида, чанд соат боз гап занонида вақти қиматашро мегирифтем *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Як хусусияти феълҳои бавосита ин аст, ки дар аксарияти онҳо дар шаклҳои гуногуни феълҳои замони гузашта пас аз суффикси **-он** (-ён) овози **и** пайдо мешавад. Вале чунин тағйири ҷузъии шакл ба маънӣ таъсир намекунад ва аз ин рӯ ҳар ду шакли феълҳои бавосита баробармаъно ва серистеъмол аст: **расондан — расонидан, ёзондан — ёзонидан, рӯёндан — рӯёнидан, даргирондан — даргиронидан, гузарондан — гузаронидан, печондан — печонидан , парронданан — парронидан, гӯёндан — гӯёнидан, мубаддал гардондан — мубаддал гардонидан** ва ғ. Чунончи, феълҳои бавоситаи ду ҷумлаи аввалро бо феълҳои бавоситаи ҷумлаҳои дигар муқоиса кунед:

Ман ҳар рӯз як соат вақтамро сарф карда, ӯро алифбо хонондам *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Вай... нишастагонро як аз назар гузаронду пас оҳистекак ба гап сар кард *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ӯ бо нӯги як чӯбчае, ки дар даст дошт, ҳар ҳарфро нишон дода, номи онро мерӯёнид *(С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). Бачагон шабу рӯзашонро дар як ҷо мегузарониданд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Шабро шаб, рӯзро рӯз намегуфт, бо ғайрати калон кор мекард ва то метавонист аз замин ҳосили бисьёр мерӯёнид *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Фотима... ба сӯи камера даст ёзонид *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Тарзи фоилӣ ва мафъулии феъл

Тарзи феъл, ҳамчун категорияи махсуси грамматикӣ, бо феълҳои мондаву гузаранда ва бевосита бавосита алоқаманд буда, муносибати дар феъл аксьёфтаи байни фоил ва мафъули амалро ифода мекунад. Дар забони тоҷикӣ ду тарзи феълӣ ҳаст: тарзи фоилӣ ва тарзи мафъулӣ.

Тарзи фоилӣ. Тарзи фоилӣ вобаста ба шаклу маънои феълҳо ҳаминро мефаҳмонад, ки иҷрокунандаи амал худи мубтадо (субъект) мебошад:

Ҳакимҷон ду чойник чой овард *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дар ин ҳангом аз дур, аз дарае гирдбоди сахте берун омад *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар яке аз қишлоқҳои калон бо калтакдорони сурх маҷлис гузаронидам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Дар ин мисолҳо мубтадоҳои грамматикӣ (Ҳакимҷон, гирдбод, ман) дар айни замон соҳиби амал ва таъсиру ҳолат

(овард, берун омад, гузаронидам) мебошанд, байни мубтадою иҷрокунандаи амал фарқе нест.

Тарзи фоилӣ аз рӯи маъно ва шакли ифодаи феъл, яъне вобаста ба хусусияти феълҳои гузаранда ду хел мешавад: тарзи фоилии бевосита ва тарзи фоилии бавосита.

Тарзи фоилии бевосита нишон медиҳад, ки фоил (иҷрокунандаи амал) бевосита мубтадо шуда омадааст. Ин тарзи муносибати амал ва фоилу мафъул дар асл бо хусусияти феълҳои гузарандаи бевосита баробар аст:

Шарикон дар он маҷлис маблағи мазкурро сарф намуда, барои худ ва меҳмонони худ зиёфати миёнаҳолонае тартиб доданд *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Олими ҷавон ба наздиктараш расида салом гуфт, ӯ бо ним таъзиме алек гирифта, занҷири ба мехи соҳил андармонкардаашро кушод ва ба сари суккон баргашт *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Солдат аз киса каҷкордашро бароварда, нокро пора намуд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Тарзи фоилии бавосита, ки дар асл бо хусусияти феъли гузарандаи бавосита баробар аст, ба воситае иҷро шудани амали фоилро мефаҳмонад, яъне амали дигаре ҳамчун натиҷаи амали фоил (мубтадо) воқеъ мегардад. Чунончи:

Навоӣ дар бораи муаммо ба Мавлоно Камолиддин ва Мавлоно Шамсиддин китобҳо фармуда нависонд *(С. Айнӣ,* Алишери Навоӣ). Ҳоло ту рафта аз дӯкони баққолӣ нону ангур гирифта, ба бачаҳо бурда хӯрон *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Тарзи мафъулӣ. Тарзи мафъулӣ муносибати мураккаби байни фоил (мубтадо), мафъул (пуркунанда) ва феъл (амал ё ҳолат)-ро ифода мекунад. Дар тарзи мафъулии феъл фоили аслӣ (иҷрокунандаи амал) ҳамчун мафъул (пуркунандаи бавосита), мафъули аслӣ бошад, ба вазифаи фоил (мубтадо) меояд. Масалан, дар ҷумлаи зерин тарзи ифодаи мафъулӣ айнан аз рӯи ҳамин коида воқеъ шудааст:

Муҳаббат ва самимияти ин пирони хушбахт беҳтарин мукофотест, ки ба вай **аз тарафи халқ изҳор карда мешавад** *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).— Тарзи фоилии ин ҷумла: **халқ ба вай изҳор мекунад.**

Тарзи мафъулӣ ҳам вобаста ба шакл ва тобишҳои маъноии феълҳо ду хел мешавад: бевосита ва бавосита.

Тарзи мафъулии бевосита аз феълҳои гузаранда бо ёрии феъли **шудан** сохта мешавад. Дар ин гуна таркибҳо феъли асосӣ (ҷузъи якум) ба шакли феъли ҳол (сифати феълӣ) ва феъли ёридиҳандаи **шудан** (ҷузъи дуюм) ба шакли тасрифӣ омада, таркиби феълиро аз ҷиҳати грамматикӣ сурат медиҳад. Чунин сохт ва тарзи ифода вобаста ба хусусияти феълҳои гузарандаи бевосита нишон медиҳад, ки дар иҷрои амал воситаи дигаре ширкат надорад.

Мумкин аст, ҷузъи якуми тарзи мафъулии бевосита аз

феълҳои содда ё сохтаи гузаранда иборат бошад, мисли: **шунида шудан, дӯхта шудан, фиристода шудан, навишта шудан, гирифта шудан, дода шудан** ва г.

Аз дур садои моторҳо, гулдуроси ба санг хӯрдани оҳанҳо шунида шуд.— Аз ҳар сӯ хониши паррандагон, аз дур садои чув-чуви говрон — деҳқонони заминрон шунида мешуд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Мактуб ба коғази қадимии абрешимин навишта шуда буд, аз он бӯи атр меомад *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дар баҳори соли 1931 ман ҳам дар қатори рафиқони дигар сафарбар шуда, ба районҳои шарқии республикаамон фиристода шуда будам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Тамоми сохтмонҳои директивӣ бояд ба зери назорати махсус гирифта шаванд (Тоҷикистони Советӣ).

Ҷузъи якуми таркибҳои мафъулии бевосита аз феълҳои таркибии номии гузаранда иборат шуда метавонад, ки бештар бо феъли ёридиҳандаи **кардан** ва қисман бо ёрии феълҳои дигар (мисли **гардидан, ғаштан, додан, сохтан** ва ғ.) таркиб меёбанд. Шакли мафъулии онҳо низ бо ёрии **шудан** сохта мешавад: **тақдим карда шудан, қурбон карда шудан, таъмин карда шудан, тайёр шудан, бор карда шудан, таъин шудан, бартараф гардидан, тартиб дода шудан, барҳам дода шудан** ва м. ин.

Тамоми чизҳое, ки барои ҷойгиршавӣ ва инкишофи ин меҳмони нав зарур буданд, дар вақташ ба бригадаи Тоҷибой саркор тақдим карда шуданд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Дар ним соат ширчой тайёр шуд *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Духтар дар қафои аробае менишаст, ки дар он, ба ғайр аз ӯ, як марди миёнсоли монанди ҷувозкунда ғафсу ғӯла, як зани фаранҷидор, ду бачаи хурдсол ва халтаҳои пури чизу чораҳо зич бор карда шуда буданд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Тарзи мафъулии бавосита аз тарзи фоилии бавосита бо феъли ёридиҳандаи **шудан** сохта мешавад ва амали бо ягон восита иҷрошударо мефаҳмонад.

Агар тарзи мафъулии бавосита аз феълҳои содда гирифта шуда бошад, ҷузъи якуми таркиби мафъулӣ ба шаклу маънои бавосита бо суффикси **-он** меояд: хондан — хондондан — хононда шудан; шунавидан (шунидан) — шунавондан — шунавонда шудан; чидан — чинондан — чинонда шудан ва ғ.

Агар асоси тарзи мафъулии бавосита аз феълҳои таркибии номии бо феъли ёридиҳандаи **кардан** сохташуда иборат бошад, феъли **кардан** (ҷузъи дуюми таркиб) бо суффикси **-он** ба шакли бавосита оварда мешавад: **тайёр кардан — тайёр кунондан — тайёр кунонда шудан; кабудизор кардан — кабудизор кунондан — кабудизор кунонда шудан** ва м. ин:

Соли ҷорӣ тамоми кӯчаҳои шаҳр асфальт ва атрофҳои он кабудизор кунонда шуд (Тоҷикистони Советӣ). Тамоми фаъолияти коммунистон ба иҷрои вазифаҳои навбатӣ нигаронда шуда буд (Маориф ва маданият).

Шаклу воситаҳои ифодаи тарзи мафъулӣ. Тарзи мафъулӣ бо чунин шаклу воситаҳо ифода меёбад:

1. Агар дар тарзи мафъулӣ зикри мафъул (пуркунандаи бавосита, ки аслан кунандаи кор аст) лозим бошад, вай бо пешояндҳои таркибии **аз тарафи** ифода меёбад. Масалан: аз тарафи халқ, аз тарафи мардум, аз тарафи анҷуман, аз тарафи маҷлис ва м. инҳо:

Дар соли 1931 аз тарафи Комиҷроияи Марказии Тоҷикистон бо нишони Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудам. Дар соли 1935 ба муносибати юбилеи сисолагии фаъолияти адабиам аз тарафи ҳукумати Тоҷикистон бо машинаи сабукрав мукофотонида шудам *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1).

2. Агар фоил воситаи амал бошад, мафъул бо пешояндҳои **бо** ва **ё ба воситаи** оварда мешавад:

Аммо бо кӯшиши сахт ва ҳарбиёнаи совдеп ва аскарони революционии Россия онҳо аз доми амир халос карда шуданд *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Дар паҳлуи чап, дар он ҷое ки ду танки немис бо оташи зиддитанкӣ аз кор бароварда шуда буд, болои ҳам се танк пайдо шуд *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Ин журнал ва газета ба воситаи ташкилотҳои коммунистони Бухоро дар районҳои Бухоро ба тарзи пинҳонӣ паҳн карда мешуданд *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1).

3. Дар тарзи ифодаи мафъулӣ зикр ёфтани мафъул (пуркунандаи бавосита, ки фоили ҳақиқист) қоидаи ҳатмӣ нест. Дар забони ҳозираи тоҷик бе зикри мафъул ифода ёфтани тарзи мафъулии феъл серистеъмолтар мебошад. Мафъул ба ягон шакл тасаввур карда мешавад. Чунончи:

Каланд тайёр шуд. Кор сар кардам *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Дар ҳамин асно дари кабинет аз берун кӯфта шуд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Шӯрбо кайҳо хӯрда шуда буд *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Зиёда аз 100 корхонаю цехҳои нави саноатӣ сохта шуданд (Тоҷикистони Советӣ).

4. Агар дар шаклҳои мафъулии аз феълҳои таркибии номии бо ёрии **кардан** сохташуда таъкиди маъноии мафъулияти амал зарур бошад, дар таркиби тарзи мафъулӣ феъли ёридиҳандаи **кардан** ба шакли феъли ҳол (сифати феълӣ) нигоҳ дошта мешавад. Чунончи: кӯтоҳ кардан — кӯтоҳ карда шудан; маълум кардан — маълум карда шудан; қурбон кардан — қурбон карда шудан; бор кардан — бор карда шудан; ғамхорӣ кардан — ғамхорӣ карда шудан ва м. ин:

Ин таклиф даҳонакӣ буда, сабаби даъват ҳам маълум карда намешуд. Аммо мардум мегуфтанд, ки фармони ислоҳот эълон карда мешавад *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Духтар дар қафои аробае менишаст, ки дар он... халтаҳои пури чизу чораҳо зич бор карда шуда буданд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ҳамин ки эшон ба ҳавлӣ қадам монд, ба шарафаш як гӯсфанди бӯрдоқӣ қурбон карда шуд *(С. Айнӣ,* Дохунда). Вазифаи ватандӯстона водор менамояд, ки дар бораи беҳбудии тамоми

Ватани социалистӣ аз сидқи дил ғамхорӣ карда шавад (Тоҷикистони Советӣ).

5. Дар аксарияти ин гуна шаклҳои пурраи тарҳи мафъулии феъл мавқеи феъли ёридиҳандаи **кардан** чандон пуркувват ва устувор нест. Бинобар ин дар мавриди худ бе феъли ёридиҳандаи **кардан** ифода ёфтани тарзи мафъулӣ мумкин аст ва он хилофи қоида намебошад. Масалан, дар чунин мавридҳо ба ҷои як шакли мафъулӣ (бо феъли **кардан**) истеъмоли шакли дигари он (бе феъли **кардан**) тамоман ҷоиз аст:

Бино карда нашуда будааст — бино нашуда будааст (сохта нашуда будааст): Мадрасаи Олимҷон дар аввал барои мадраса бино карда нашуда будааст *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1); равона карда шуд — равона шуд (нигаронда шуд): Диққати ҳама ба мо равона карда шуд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда); дохил карда шудааст (дароварда шудааст); Албатта, барои таҳсил ва зиндагии талабаҳо як миқдор пул лозим мешавад, ки ҳамаи он дар ин нақша ва смета дохил карда шудааст *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Мавҷудияти шаклҳои мафъулии бе ёридиҳандаи **кардан** ва истеъмоли амалии онҳо нишон медиҳад, ки дар ин гуна шаклҳо ҳам мафҳум ва ҳам тобиши маъноии мафъулияти феъл нигоҳ дошта мешавад. Аз ин ҷиҳат шаклҳои **тайёр шудан** бо **тайёр карда шудан, таъин шудан** бо **таъин карда шудан, чоп шудан** бо **чоп карда шудан** ва ғ. баробармаъно мебошанд. Мисолҳои зерин ҳамин хулосаро тасдиқ мекунанд:

Замин тайёр шуд, падарам кишта дод.— Дар Бухоро мисли як қоида қории ҷамоа ҳамеша аз махдумони калон — муллозодагони калон — таъин мешуд.— Дар он ҷо болою поин ҳамагӣ даҳ дар ҳуҷра буд, ки онҳо аз хонаҳои тайёрро девор кашида тақсим намудан тайёр шуда будаанд *(С. Айнӣ,* **Куллиёт, ҷ. 1).**

Истеъмоли чунин шаклҳои мафъулӣ (бе **кардан**) ҳатто ҳангоми бо пешоянди **аз тарафи** омадани мафъул (аслан фоили амал) ҷоиз мебошад: Ин асар дар соли 1926 бо харҷи ҳукумати Тоҷикистон дар Москва аз тарафи Нашриёти марказии халқҳои СССР нашр шуд.— Ман дар моҳи июни соли 1920 аз тарафи ташкилоти коммунистони Бухоро ба Тошканд даъват шудам *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1).

6. Феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ, ки ҷузъи якумашон аз сифати феълии замони гузаштаи феълӣ гузаранда бо суффикси **-гӣ** ва ҷузъи дуюм аз шакли тасрифии феъли ёридиҳандаи **будан** иборат аст, ба маънои тарзи мафъулӣ низ кор фармуда мешаванд, ки чунин шаклҳои ифода асосан хоси забони гуфтугӯӣ мебошад:

Касе чуруққӣ намекард, аммо ҳама чашмон ба бемор дӯхта шудагӣ буданд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Аз кисаи куртаи

худ як даста калидро, ки ба як ресмон гузаронидагӣ буданд, бароварда (*С. Айнӣ*, Дохунда). Дар як тараф гаҳвора монда шудагӣ буд... Дар гаҳвора бачаи 9—10-моҳа баста шудагӣ буд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Ёдоварӣ: Феъли ёридиҳандаи **шудан** на танҳо тарзи мафъулӣ месозад, балки гоҳо чун феъли мустақил меояд ва баъзан барои ифодаи тобишҳои гуногуни намудии тарзи фоилӣ низ хизмат мекунад. Ба ин маънӣ чунин шаклу таркибҳо тобиши фоилӣ доранд ва тамоман ба анҷом расидани амалро мефаҳмонанд: навишта шудан (навишта тамом кардан), хонда шудан (хонда тамом кардан), фош карда шудан (тамоман фош кардан) ва м. ин. Ин тарзи ифода ҳам бештар ба нутқи гуфтугӯӣ хос аст:

Ҳангоме ки хола «сирру асрори кассирро фош карда шуд, котиб монанди одаме, ки ба ин «фиребдиҳии» кассир тамоман бовар карда бошад, ...гуфт (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Зулайхо шартномаро навишта шуду ба ман нигоҳ кард (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Расул тахтаро ранда карда шуду ба давраи устохо омада нишаст.

НАМУДҲОИ ФЕЪЛ

Феълҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати ифодаи ҳадду ҳолати иҷрои амал, яъне лаҳзаи замонии иҷро, анҷом ва ё ҷараёни ҳаракату ҳолат гуногунмазмун мешаванд.

Баъд аз соате дубора дари обхона кушода шуд, боз касеро монанди буз ҳаво доданд ва дарро баста рафтанд (*С. Айнӣ*, Дохунда).

Дар ин ҷумла феълҳои **кушода шуд, ҳаво доданд, рафтанд** лаҳзаҳои ҷудогонаи амал ва анҷоми онро мефаҳмонанд. Дар ин гуна феълҳо баробари хотима ёфтани вақти амал натиҷаи он ҳам маълум аст.

Феъли **шуда гузашт** дар ҷумлаи зерин оғозу анҷоми амалеро мефаҳмонад, ки дар он мурури ҳодиса низ тасаввур карда мешавад:

Дар бригадаи Александр Комаров таҳти шиори «Мо ҳама коргаронем» дарси ленинӣ шуда гузашт (Тоҷикистони советӣ).

Инчунин феълҳо ва таркибҳои феълие низ ҳастанд, ки вобаста ба сохту маънои худ иҷрои мӯлкаратӣ ва ё давомноки амалро мефаҳмонанд ва дар онҳо ҷараёни ҳолату ҳаракат ифода меёбад. Чунончи: **мешунидам, мехонад, таҳсил дорад, омада истодааст, гуфтан гирифт, навиштан мегиранд** ва м. ин. Мисол:

Аммо ҷӯраҳо ба тарзи эҳтиром ӯро Махсум ва ё Махсумҷон мегуфтанд (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Баъзеҳо тааҷҷуб мекарданд, ки солдати рус чаро ба русбача

либосҳои кӯҳистониёнро пӯшонда гирифта гаштааст *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ҳозир ман таълимоти Марксу Ленинро ёд гирифтам ва ёд гирифта истодаам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Вай дар давоми якчанд сол вазифаи мудири шӯъбаи маданиятро иҷро карда меояд (Маориф ва маданият).

Ҳамин тариқа, **намуди феъл** дар лаҳзаву ҳудуди муайян воқеъ шудани амал, ба анҷом расидани он ва ё дар ҳолати мӯлкаратӣ ва давомнокӣ воқеъ гардидани кору ҳолеро ифода мекунад. Вобаста ба ин феълҳо ба ду гурӯҳи намудӣ ҷудо мешаванд: феълҳои **намуди мутлақ** ва феълҳои **намуди давомнок**. Мазмун ва тобишҳои маъноии намудҳои феъл бо шаклҳои холиси феъл, ба воситаи аффиксҳо ва феълҳои ёридиҳанда ифода меёбанд.

Намуди мутлақи феъл ва воситаи ифодаи он

Феълҳое, ки дар лаҳза ва ҳудуди муайяни вақт воқеъ шудан ва ба анҷом расидани амалу ҳолати яккаратиро мефаҳмонанд, **феълҳои намуди мутлақ** номида мешаванд. Намуди мутлақи феълҳои забони тоҷикӣ асосан ба шаклҳои замони гузаштаи феъл тааллуқ дорад. Шаклу воситаҳои ифодаи намуди мутлақи феълҳо инҳоянд:

1. Намуди мутлақ бо шаклҳои холиси феъл, бе ёрии воситаҳои иловагии грамматикӣ ифода меёбад, ки ба ин гурӯҳ феълҳои гузаштаи наздик ва нақлӣ дохил мешаванд: **рафтам, фиристодӣ, омаданд, баромад, шунидааст, хандидаанд, рафтаанд** ва ғайра:

Омаданд одамон гурӯҳ-гурӯҳ *(М. Турсунзода,* Хаёли хом). Мошин ба рӯи суфакӯҳи Данғара баромад *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Лекин ба хона даромада дид, ки мӯйсафед хобидааст *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Як рӯз радиои колхоз эълон кард, ки аз марказ олими зӯр омадааст *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

2. Феълҳои таркибии номӣ ба эътибори шакли замони гузаштаи наздик буданашон, ҳамчунин шаклҳои замони гузаштаи дур чун ифодакунандаи амали яккаратии қатъшуда ба гурӯҳи намуди мутлақ дохил мешаванд. Масалан: **такья кардам, ҳозир шуд, гуфта буд, гирифта буданд** ва м. ин:

Бибиоиша ҳамон ҷавоби сохтаеро, ки Одина дар вақти рафтанаш ба ӯ омӯхта буд, ба ёд оварда ва гуфт *(С. Айнӣ,* Одина). Ҷонишини шумо нағз ғайрат карданд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Инак, шумо ёри худро интихоб кардед, бахти худро ёфтед *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Баъзе феълҳои таркибии номӣ вобаста ба маънои луғавии ҳиссаи номии худ як навъ тобиши давомнокӣ дошта бошанд ҳам, он дар ҳудуди муайян воқеъ шуда хотима меёбад

ва ба мафҳуми давомнокии грамматикӣ дахл надорад. Шаклҳои замони гузаштаи наздик, гузаштаи наклӣ ва гузаштаи дури ин гуна феълҳо низ ба гурӯҳи намуди мутлақ дохил мешаванд, масалан: **ҷақ-ҷақ кардем, сӯҳбат кардааст, ҳикоя карда буд, сарсон шудем, саргардон шудааст, овора шуда буданд, ба роҳ даромадаанд, давом кард** ва м. инҳо.

3. Агар префикси **би-** (бу-) бо феъли замони гузашта омада бошад, яккаратии амал ва намуди мутлақи феълро таъкид мекунад. Аммо дар забони ҳозираи адабӣ барои таъкиди намуди мутлақ ба ин гуна феълҳо ҳамроҳ кардани префикси **би-** шарт нест:

Зан хамирро аз корсон ба суфраи мешӣ андохта печонд ва аз болояш як ҷомаи пахтадорро ҳам бипӯшонид *(С. Айнӣ,* Дохунда).

Аслан дар ифодаи намуди мутлақи феъл байни шаклҳои **бихобид, бипӯшонид, бимолид** ва **хобид, пӯшонид, молид** тафовуте дида намешавад.

4. Маънои намуди мутлақ ва тобишҳои гуногуни он дар шаклҳои замони гузаштаи (ғайри давомдор ва мӯлкаратии) феълҳои таркибии ҳолӣ ифода меёбад. Ин гуна феълҳои таркибӣ ба воситаи чунин феълҳои ёридиҳанда сохта мешаванд: **гузаштан** (маҷлис шуда гузашт), **шудан** (китобро хонда шудам), **рафтан** (бемор сиҳат шуда рафт), **баромадан** (маҳаллоро хонда баромадем), **мондан** (вай омада монд), **гирифтан** (шеърро навишта гирифтааст), **додан** (мактубро хонда дод), **фиристодан** (Рашид хандида фиристод) ва ғайра.

Феълҳои ёридиҳандаи мазкур дар феълҳои таркибии ҳолӣ бо тобишҳои гуногуни маънӣ ва услубӣ омада, комилан ба анҷом расидани амалро мефаҳмонанд ва аз ин рӯ ҳамчун воситаи ифодаи намуди мутлақи феъл хизмат мекунанд. Мисолҳо:

Дар ин ҷо маҷлиси... ташкилоти ибтидоии партиявии беморхонаи район шуда гузашт (Маориф ва маданият). Шодӣ як саҳифаи газетаро тамоман хонда шуда буд, ки хурӯсҳо ба ҷеғи дуюм даромаданд *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Вай акнун ошро зирбак карда буд, ки аз берун Асо танҳо даромада омад *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дар ҳамин фурсат «дуои қунут» — хонии домулло ҳам фаромӯш шуда рафт *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Замони нотинҷ шуда монд.— Ҷамила қомати баланду базеби худро рост карда, ба хона даромада рафт *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Азбаски дар шаклҳои замони ҳозира (ҳозира-оянда) ва замони ояндаи феъл (аорист, амр, ояндаи дур) аз қатъияти анҷоми амал дида маънии номуайянии ҳангоми иҷро ва натиҷаи он ва дар баъзе аз онҳо давомнокии амал бештар ифода меёбад, ин гуна шаклҳои феълӣ умуман ба категорияи намуди мутлақ мансуб нестанд. Лекин гоҳо вобаста ба мазмуну оҳанги гуфтор, бо ёрии калимаҳои ифодакунандаи маъ-

нии конкретии замон (монанди **сол, рӯз, соат...**) ва таъкидкунанда (мисли **ҳатман, албатта, бояд...**) баъзе аз ин шаклҳои феълӣ амалан маънои мутлақ пайдо карда, ба намуди мутлақ наздик мешаванд. Аз ҷумла шакли замони ҳозира-оянда, ки дар мавридаш маънои гузаштаи нақлиро ифода мекунад, низ ба ҳамин гурӯҳ дахл дорад. Чунончи:

Хароҷоти тӯй ӯро тулак мекунонад ва маҷбур шуда дар тирамоҳи ҳамон сол боз ба Фарғона меравад. Ин дафъа баъд аз ду сол баргашта меояд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). То дарвозаи Имом мардумро аз роҳ дур кунед, шамъҳоро кушед ва роҳро қатағон кунед,— гуфта фармон дод *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ман розӣ ҳастам, ҳамроҳи амакат рав *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ма, меҳмон, чой бинӯш *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Вале ман бояд имрӯз ба қишлоқ, пеши модарам биравам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Вай албатта ба маҷлис меояд.

Дар ҳақиқат чунин маъниҳои қатъияти анҷоми ояндаи амал, ки ба воситаи оҳанги сухан ва ёрии калимаҳои алоҳида пайдо мешавад, нисбӣ буда, бештар тобиши услубӣ дорад. Бо ҳамин гуна тобиши услубӣ гоҳо феъли замони ояндаи дур ҳам дар услуби расмӣ ва бадеии забони адабӣ маънии мутлақ пайдо мекунад:

Аз ҷумла ҷамъоварии умумии пахтаи маҳиннах дар соли 1975 ба 290 ҳазор тонна расонда хоҳад шуд (Тоҷикистони советӣ).

Буржуазӣ гар биҷангад, мо зафар хоҳем кард,
Олами сармояро зеру забар хоҳем кард,
Ҷои он эҷоди дуньёи дигар хоҳем кард,
Кори дуньёро ба коми коргар хоҳем кард...

(А. Лоҳутӣ, Куллиёт).

Намуди давомноки феъл ва шаклҳои ифодаи он

Феълҳое, ки давомнокӣ ва ё такрори мӯлкаратии амалро мефаҳмонанд, **намуди давомнок** номида мешаванд. **Давомнокӣ** маънии ҷараёни бардавому нотамоми амалро дар шаклҳои феълии замони гузашта, ҳозира ва оянда ифода мекунад. **Мӯлкаратӣ** бошад, дар баробари ифода намудани такрори амал маънои давомнокии амалро низ дар бар мегирад. Чунончи, дар мисолҳои зерин феълҳои **рафтан гирад, омада истодааст, кор карда гаштаанд, итоат мекарданд** асосан ҷараёни амал — давомнокиро, аммо феълҳои **хӯронда истод, омада мерафтанд** амали давомноки мӯлкаратиро мефаҳмонад:

Агар шумо пеш нигоҳ карда **рафтан гирад**, ба ногоҳ ин оби дурахшон монанди моҳи тобоне, ки дар паси абр медарояд, ба зери санге даромада аз назарҳо пинҳон мешавад

(С. Айнӣ, Дохунда). Дид, ки Заҳро кӯзаро ба китфаш бардошта, ба сӯи наҳр **омада истодааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Доруҳои духтур фармудагиро **хӯронда истод** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Латиф, Набӣ, Шариф, Солеҳ ва дигар камбағалони қишлоқ чӣ **кор карда гаштаанд?** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ба ҳуҷраи Махсум ба ғайр аз вай боз ду-сетаҳо **омада мерафтанд** ва ҳама хизматя ӯро карда, ба фармонҳои ӯ **итоат мекарданд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Шаклу воситаҳои ифодаи намуди давомноки феъл гуногунанд:

I. Намуди давомноки феъл бештар бо префикси **ме-**, ки маънои замонӣ ва намудӣ дорад, ифода меёбад. Феълҳои давомнок бо префикси **ме-** аз ду асоси феълӣ сохта мешаванд:

1. Феълҳое, ки аз асоси замони гузашта сохта мешаванд, феъли гузаштаи ҳикоягӣ мебошанд. Ин шакли феъл ба намуди давомнок мансуб аст ва бинобар ин қариб ҳамеша ҷараёни амал ё ҳолату вазъияти замони гузаштаро мефаҳмонад:

Суханҳои хуб **мегуфт,** зарбулмасал ва мақолҳои бисъёреро медонист *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Пас аз ин падараш ба ҳар куҷое, ки **мерафтааст,** аввал ҳасрати мӯзаи писарашро баён **мекардааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Табиӣ ҳеҷ кадоми он бандиён дар ин бора лаб **намекушоданд** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Боди серун ба димоғ бӯи ғаллаи расида ва замини офтобхӯрдаро **меовард** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Дар қисме аз ин гуна феълҳои давомнок маънии ҷараёни такрори мӯлкаратии амал хеле равшан фаҳмида мешавад. Чунончи:

Ҳар кас, ки ба ёрии Арслоналӣ наздик **меомад,** ба лагади ҷӯрабошӣ дучор **мегардид** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Гоҳ-гоҳе пайкари дабанги вай дар ноҳамвориҳои роҳ гаронборона такон **мехӯрд** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Мардони куҳансол ду-ду, чор-чор ба сангҳо такья карда нишаста саргузашт **мегуфтанд** ва **мешуниданд** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ҳамаи ин чизҳои заруриро аз Россия **мегирифтем** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Ёдоварӣ: Шакли феълии замони гузаштаи ҳикоягӣ бо мазмуни сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ омада бошад, маънии давомнокӣ ва мӯлкаратии амалро ифода намекунад: Агар ба намояндагони комитети вилоятии партия мегуфт, ба ман, албатта, хабар медоданд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Дар ҷумлаи зерин ҳам таъбири «нахустин бор» таъкид мекунад, ки феъли **рӯй медод** маънои давомнокӣ ва мӯлкаратӣ надорад: Ин тавр ҳолат дар Ойими Шоҳ **нахустин бор рӯй медод** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Агар шакли гузаштаи ҳикоягӣ дар матн ба маънои ғайри замони гузашта (масалан, ҳозира-оянда) омада бошад, маъ-

нии давомнокӣ ва мӯлкаратии амалро намефаҳмонад: Одамони беҳтарини колхоз ба сохтмон **мерафтаанду** вай не.— Кадом маҳбуб **мемондааст**, ки маҳбубаи ба ҷон баробарашро озор диҳанд? *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

2. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо таъсири забони умумихалқии гуфтугӯӣ истеъмоли чунин шаклҳои феълӣ маъмул гардидааст, ки аз рӯи моҳияти таркиби грамматикии худ маънои давомнокӣ ва такрори мӯлкаратии амалро ифода менамоянд. Чунин шаклҳои феълӣ аз феълҳои содда, феълҳои таркибии номӣ асосан бо ёрии **кардан** ва таркиби феълӣ бо ёрии **тавонистан** ба шакли сифати феълии ҳозираоянда ва пас бо иловаи феъли ёридиҳандаи **шудан** таркиб меёбанд. Чунончи: **мебофтагӣ шуд, мегузаштагӣ шуд, мегуфтагӣ шудааст, дӯст медоштагӣ мешавад, роҳ мегаштагӣ шудам, таъсир мекардагӣ шуд, дида наметавонистагӣ шуданд** ва ғ.

Вай дар синни 15—16-солагӣ дар қатори халифаҳои дигар дурустакак **кор мекардагӣ шуда**, дар бистсолагиаш кори ӯ дар қатори кори устоҳои номдори шаҳр **мегузаштагӣ шуд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Аввал занҳои амир ва баъд модари амир ба вай рашк бурданд ва ӯро дида **наметавонистагӣ шуданд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Акнун маро мардум... «Ҷӯрабой саркор» ва ҳатто «раис» **мегуфтагӣ шуда буданд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Колхоз планашро барзиёд **иҷро мекардагӣ шуд** (Тоҷикистони советӣ). Аз рӯзи расидани мактуб сар карда, ҳар ду ба хонаи ҳамдигар омадурафт намуда, даҳонашонро пур карда «қудоҷон»! **мегуфтагӣ** ва якдигарро аз ҳад зиёд иззату ҳурмат **мекардагӣ шуданд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

3. Префикси **ме-** ба асоси замони ҳозираи феъл ҳамроҳ шуда, шакли замони ҳозира-оянда месозад, ки ин шакли феълӣ ба маънии замони ҳозира, ҳамчун ифодакунандаи ҷараёни амал ба намуди давомноки феълҳо мансуб аст. Масалан:

Ясавул ба он тараф нигоҳ карда дид, ки духтаре ба сӯи худаш **меояд** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ғайр аз вай боз 12-сола як писари дигар ҳам дорад, ки ҳоло ин дар синфи чаҳоруми мактаби ибтидоӣ **мехонад** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Наими Талх дар ҳамин қишлоқ зиндагӣ **мекунад**? *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Съезди XVII Партияи Коммунистии Тоҷикистон дар вазъияте **мегузарад**, ки мамлакат, партия ба съезди навбатии XXIV КПСС тайёрӣ **мебинад** (Тоҷикистони советӣ).

Ёдоварӣ: Феъли **доштан** ба маънии **доро будан, мавҷуд будан** префикси **ме-** қабул намекунад. Вай дар шакли аорист маънии давомнокии амалро ифода карда метавонад: Дар он сӯ, дар пайраҳаи борик харакӣ ва пиёдаҳо ҷунбуҷӯле доранд *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

II. Дар забони ҳозираи тоҷик ба воситаи феълҳои ёриди-

ҳанда ифода кардани намуди давомнок низ мавқеи калон дорад. Феълҳои зерин дар таркибҳои феълӣ ҳамчун ёридиҳандa омада, барои ифодаи маънои нотамомӣ, мӯлкаратӣ ва давомнокии амал хизмат мекунанд: **истодан, мондан, гаштан (гардидан), гирифтан, омадан, нишастан (шиштан), хобидан (хоб кардан)** ва ғ.

Феъли **истодан**. Ин феъл дар таркибҳои феълӣ ба шаклҳои замони гузаштаи наздик (истод), гузаштаи дур (истода буд), гузаштаи ҳикоягӣ (меистод) ва ҳозира-оянда (меистад) омада, нотамомӣ ва давомнокии амалро ифода мекунад. Шаклҳое, ки префикси **ме-** доранд, маънои такрори мӯлкаратиро низ дар бар мегиранд:

Чӣ кор кунам! — гуфт ва имдодталабона рӯяшро сӯи Қосим гардонид ва мунтазири гапи ӯ шуда, чашмонашро ба вай дӯхта **истод** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҳоҷӣ Ҳасанбек камтар фикр карда **истоду** даст афшонда баромада рафт *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Қӯрбошӣ дасти маҷрӯҳашро бо ёрмандии ду нафар аз йигитҳояш бо рӯмол сахт баста **истода буд**, дар ҳамин асно тири Коваленко ба яке аз йигитҳои ӯ, ки дасти ӯро мебаст, расид *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Саид Амон аз дур ба ӯ нигоҳ карда меистод ва ба худ реҷа мекашид, ки чӣ тавр карда бо ӯ шинос мешавад *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Аз ҷумлаи деҳқононе, ки аз он ҷой ба отпуска омада **меистанд**, ақаллан як кас ҳам дар ин хусус шикоят намекунад-ку?! *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Феъли ёридиҳандаи **истодан** дар таркиби феъли ҳозираи давомдор (муайян) ва шаклҳои ҳаммаънои он омада, ҷараёни ҳозираи амалро мефаҳмонад:

Духтарат акнун калон шудааст, аз пасу пеш ба вай даҳан зада **истодаанд** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Сӯи дару девор синча карда, гурс-гурс қадам монда **омада истодани** ду кас ба назараш намудор шуд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Соҳиби тӯй илтимос кард, ҳамин ордро ба тӯйхона **бурда истодаам** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Лабҳои маҳини Заҳро монанди лабҳои одаме, ки вайро табу ларз гирифта **истода бошад**, ларзиданд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Феъли **истодан** дар таркиби феъли фармоиш омада, ба он маънои давомнокӣ ва мӯлкаратӣ медиҳад:

Ин корро ману Ислом ба ҷо меорем, шумо фақат аз берун, аз қаровулҳо хабардор **шуда истед** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Охир, тез-тез хат карда **ист** — гуфта будед-ку *(С. Улуғзода,* Ёрони боҳиммат).

Феъли **мондан**. Феъли ёридиҳандаи **мондан** дар таркиби феълҳои замони гузашта ва ҳозира-оянда омада, давомнокию нотамомии амалро мефаҳмонад. Вай барои ифодаи давомнокӣ бештар бо феълҳои ғайри кору ҳаракат кор фармуда мешавад: **андеша карда мондам, саросема шуда монда буд, одат карда мемонад** ва ғ.

Ӯ ба асп назар андохта дуру дароз **фикр карда монд** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Феъли **гаштан** (гардидан). Ин феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибӣ ба шакли замони гузаштаи наздик (гашт), гузаштаи дур (гашта буд), гузаштаи ҳикоягӣ (мегашт) ва монанди инҳо омада, давомнокӣ ва мӯлкаратии амал ва ҳолати замони гузаштаро мефаҳмонад: **кор карда гаштам, хонда мегашт, гуфта гашта буд** ва ғ.

Вай дар ҳавлии хӯҷаин чанд сол бачабардорӣ, найчакашонӣ, чойҷӯшонӣ барин корҳоро **карда мегашт** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Наим чанд рӯз дар байни шакку шубҳа ва боварию ҳайрат **азоб кашида гашт** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Мисли одамони дуппа-дуруст **кор карда мегаштам,** ҳатто ба шумо мӯсафедон ёрӣ ҳам расонда меистодам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Феъли **гаштан** дар феълҳои таркибӣ ба шакли нақлӣ омада, ҷараёни ҳозираи амалро ифода мекунад: **кофта гаштаам, пурсида гаштаем, меҳнат карда гаштааст** ва ғ. Ин шакли ифода бо маънию хусусияти давомнокии худ ба феъли ҳозираи давомдор (хонда истодааст, ронандагӣ карда истодааст) ва баъзан бо ҳозира-оянда (муаллимӣ мекунад) мутобиқат дорад. Фарқ дар тобиш ва истеъмоли услубии ин шаклҳост. **Масалан:**

...ҳатто гумон кардан мумкин буд, ки... дар ҳавзи азими торик одамон фонус дар даст чизеро **ҷустуҷӯ карда гаштаанд** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Латиф дар отряди Исматкомандир, Набӣ, Солеҳ дар дари Тӯрақул **ятимӣ мекунанд.** Шариф бошад, **даравгарӣ карда гаштааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Феъли ёридиҳандаи **гардидан** (гаштан) дар феълҳои таркибӣ **ба шакли аорист** ва ҳозира-оянда маънои давомнокӣ ва мӯлкаратии амали замони ҳозира-ояндаро ифода мекунад: **навишта мегардам, гуфта мегарданд, хизмат карда гардад** ва ғ.

Лекин, гапи худамон, сарҳадчиён назорат **карда гарданд** ҳам, алоқаи хешу таборӣ якбора канда нашудааст *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Феъли **гирифтан.** Бо ёрии феъли **гирифтан** аз шакли масдарии феъли асосӣ феъли таркибие сохта мешавад, ки ҳамаи шаклҳои замонии он ба намуди давомнокии феъл мансуб аст: **рехтан гирифт, гап задан мегирифт, омадан мегирӣ, рақсидан гир** ва м. ин.

Феъли **гирифтан** дар шаклҳои замони гузашта сар шуда давом кардани амалро мефаҳмонад. Шакли гузаштаи ҳикоягӣ маънии давоми мӯлкаратиро равшантар ифода мекунад. Чунончи:

Духтар инро гуфту гирист ва аз чашмони шаҳлояш қатраҳои ашк ба рӯи гулобиранги ӯ **шоридан гирифт** *(Р. Ҷалил,*

Шӯроб). Пас боз закг заданд ва ҳар кас ба синфи худ даромада, ҳаррӯзангӣ барин дарс **хондан гирифт** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ғулғула наздик **шудан гирифт** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ҳамин тавр рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо паи ҳам **гузаштан мегирифтанд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Чунин феъли таркибӣ бо ёрии **гирифтан** дар шакли замони ҳозира-оянда (навиштан мегирам), оянда-аорист (навиштан гирам) ва феъли фармоиш (навиштан гир) давом додани амали саршударо мефаҳмонад:

Онҳо ба мо ягон роҳашро гӯянд, дигар ҳамаи меҳнат ва корашро **кардан мегирем** *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Акнун минбаъд ҳар хел гапҳоро **гуфтан намегирад** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Шумо оҳиста-оҳиста **чидан гиред.**— Ба вай корат набошад, ба роҳат **рафтан гир!**

Феъли **омадан.** Ин феъли ёридиҳанда ҳам бо феъли асосӣ омада, таркибе месозад, ки он дар ҳамаи шаклҳои замонӣ давомнокии амалро мефаҳмонад. Дар шакли замони гузаштаи феъл давом, анҷом ва натиҷаи амал, аммо дар шакли ҳозира-оянда ҳанӯз давом доштани амали пеш саршуда ифода меёбад. Масалан:

Ӯ дар хонаи бой бисту панҷ сол кор карда **омада бошад** ҳам, аз музди хизмат чизе пасандоз карда натавониста буд *(С. Айнӣ,* Ятим). Муборизае, ки ман дар давоми се сол **бурда омадам,** натиҷааш фақат ҳамин рӯз маълум шуд *(С. Улуғзода,* Навобод). Ҳамаи коммунистон дар маҷлисҳои партиявӣ ва корҳои ҷамъиятӣ фаъолона **иштирок карда меоянд** (Маориф ва маданият).

Феъли **нишастан** (шиштан). Маънии аслии ин феъл дар шаклҳои замонии феъли таркибӣ хеле суст шуда, чун феъли ёридиҳанда давомнокии амалро мефаҳмонад ва моҳиятан ба феъли ёридиҳандаи **истодан** наздик мебошад. Бо ёрии ин феъл бештар ҳолату вазъияти фоил ифода меёбад:

Деҳқонон чуруққӣ накарда, ба даҳони вай нигоҳ карда **нишаста буданд.**— Модараш ҳам ҳайрон шуда ба гапҳои Юсуфҷон гӯш андохта **шишт** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Тағо дар лаби кат як пояшро овезон карда **менишаст** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Дар як канор, дар дасташ думбра як мӯйсафед думбранавозӣ ва ғазалхонӣ карда **мешинад** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Феъли **хобидан** (хоб кардан, хоб рафтан). Ин феъли ёридиҳанда низ давомнокии амалро ифода менамояд. Истеъмоли он, монанди феъли ёридиҳандаи **нишастан** (шиштан), ба нутқи гуфтугӯӣ хос буда, ба забони адабиёти бадеӣ ҳам таъсир кардааст. Масалан:

Имрӯз рӯзи панҷум буд, Остонақул-қӯрбошӣ дар яке аз ғорҳои кӯҳи Сарсарак бо йигитҳои худ «дам» гирифта **мехобид** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Феълҳои шуҳудӣ ва нақлӣ

Ҳамаи феълҳо аз рӯи муносибати фоил ба маънои иҷрои амал ва ҳолату вазъият боз ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: 1) **феълҳои шуҳудӣ**, 2) **феълҳои нақлӣ**. Ин тақсимот дар забони ҳозираи тоҷик фақат ба шаклҳои тасрифии феълҳо дахл дорад.

Феълҳои шуҳудӣ. Феълҳое, ки дар иҷрои амал ва оғозу анҷоми он ҳамчун шоҳиди кору ҳол муносибат доштани фоил (гӯянда)-ро мефаҳмонанд, феълҳои шуҳудӣ номида мешаванд.

Аксарияти шаклҳои замони гузашта, инчунин шаклҳои замони ҳозира ва оянда, ки маънои чун шоҳиди амал сухан кардани фоилро ифода мекунанд, ба гурӯҳи феълҳои шуҳудӣ дохил мешаванд. Чунончи: **афтид, баргаштам, наомадӣ, фаро гирифтанд, мехонондем, ҷеғ зада бурданд, идора мекард, рафта истода буд, хандида истодааст, меравем, хоҳанд гуфт** ва м. инҳо.

Ба рӯи дастурхон ду-се нон, косаи ҷурғот ва дар табақчае намак гузошт, ба ошхонаи худ **баргашт** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Ҳайдарқулро соати чори саҳар омада ҷеғ зада **бурданд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Командир ҳайрон шуда истода буд, ки аз паси одамон Заҳро **баромад** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Одамон ба қишлоқи якдигар арӯс **медоданд**, арӯс **мегирифтанд** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Шаҳрчаи Навобод акнун ба ҳаракат **даромада истодааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Аз он дам ҳоло зиёда аз ду сол **мегузарад** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Феълҳои нақлӣ. Феъли нақлӣ амалеро мефаҳмонад, ки фоилаш дар бораи вуқӯи он на ҳамчун шоҳиди бевосита, балки аз рӯи шунида ва сарчашмаҳои дигар сухан мекунад. Масалан: **дидааст, шикастаанд, сохта будааст, медодааст, менависондаанд, гуфта мегаштаӣ** ва ғайра.

Азбаски шаклҳои нақлии феъл дар нутқ бо тобишҳои гуногуни маъноӣ истеъмол меёбанд, маънии нақлии феъл дар матн муайян мешавад. Ҳамаи феълҳои нақлӣ ба шакли замони гузашта сохта шуда бошанд ҳам, маънии замонии онҳо маҳдуд нест.

Маънии нақлии замони гузашта, ҳозира ва ояндаи феъл дар ҷумла бо худи шакли феълӣ ифода шуда метавонад. Масалан:

Ҳеҷ чиз нашудааст, танҳо аз ҳамон ясавули шумқадам андак **тарс хӯрдааст** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Тухмҳои таърифӣ якта намонда **шикастаанд** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Занаш ҳам худаш барин дар кадом идорае **кор мекардааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Бузкашӣ ҳам **мешудааст** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Агар одамро газад, накушта **намемондааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Маънии шаклҳои нақлии феъл дар нутқ бо қайд кардани сарчашмаи ифодаи он саҳеҳ ва таъкид мешавад. Таъкиду таъини маънои нақлии амал ба ҳар шакл воқеъ мегардад:

Мардум мегуфтанд, ки ҳамон рӯз ӯро дар пеши идораи сарҳадчиён **дидаанд.— Бача** ҳамин қадар **хабар додааст**, дар шаби тӯй сангчархро Манзарбек **сохта будааст** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).— ...дар Бухоро дӯкони таппончафурӯшӣ **кушода шудааст** мегӯянд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). **Шунидам**, ки шумо маро ба мудири магазини маҳалламон **медодаед** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Маънии нақлии феъл ба таври хулосаи мантиқӣ ва тахмини гӯянда низ таъкид меёбад. Воситаҳои ёрирасон ҳам гуногунанд. Чунончи:

Маълум шуд, ки вай дар армияи савора чор сол хизмат карда, аз панҷ ҷояш ярадор шуда ва як бор **кантузия шуда будааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). ... аз ҳолати кӯфтаю хаста ва бемадорона по дароз карда ба рӯ ба рӯи падари писар нишаста монданаш **маълум буд**, ки ин мард хеле пиёда **роҳ гаштааст** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Гӯё раис дар куҷое **ғуфта бошад**, ки китобхонаро аз он ҷо кӯчонидан даркор *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

СИҒАҲОИ ФЕЪЛ

Сиға яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи феъл аст. Гӯянда вуқӯъ, ҷараён ва анҷоми амалро баён карда, муносибати нисбат ба воқеият доштаи онро муайян менамояд. Муносибати амал ба воқеият **сиға** номида мешавад.

Сиғаҳо бо шаклу таркибҳои тасрифии замонҳои феъл ва баъзан бо ёрии воситаҳои синтаксисӣ ифода меёбанд. Масдар худ ба худ сиға надорад ва агар вай дар таркиби феълҳо ҳамчун ҷузъи асосӣ омада бошад, он таркибҳо ба туфайли шаклҳои тасрифии феълҳои ёридиҳанда майлу тобиши сиғавӣ пайдо мекунанд: **хоҳам рафт, омадан гирифт, гуфтан гир** ва ғ.

Дар забони тоҷикӣ чор сиға ҳаст ва ҳамаи шаклҳои замонии феълҳо аз рӯи маънӣ ва хусусияти воқеияташон ба ин сиғаҳо мансуб мегарданд: **сиғаи хабарӣ, сиғаи шартию хоҳишмандӣ, сиғаи амр, сиғаи эҳтимолӣ.**

Сиғаи хабарӣ

Сиғаи хабарӣ воқеъ шудан ё нашудан, тасдиқ ё инкор ва ё қайд карда шудани факти амалро мефаҳмонад. Ба ин сиға чунин шаклҳои шуҳудӣ ва нақлии феълҳои замони гузашта, инчунин баъзе шаклҳои замони ҳозира ва ояндаи феълҳо мансубанд:

Замони гузаштаи наздик (гуфтам, сӯҳбат кардам, ба даст овардам, хондан гирифтам); гузаштаи дур (омада будам, кор карда будам, нависонда будам); гузаштаи давомдор (дошта истодам, гуфта истод); гузаштаи дури давомдор (омада истода будам, рафта истода буд); гузаштаи ҳикоягӣ (медидам, мебастам, гӯш меандохтам); гузаштаи давомдори ҳикоягӣ (рафта меистодам, омада меистод); гузаштаи нақлӣ (кандаам, кандай, кандааст); гузаштаи нақлии дур (рафта будааст, зиндагӣ карда будааст); гузаштаи нақлии ҳикоягӣ (мебардоштааст, мефуровардааст). Чанд мисол:

Рӯзи истироҳат соатҳои нӯҳ аз хоб барҳостам.— Саид Амон ба назди Мунавваршоҳ рафта истоданашро фаромӯш карда буд.— Мунавваршоҳ ба ин сӯ кема **меронд** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Ба назари Ёдгор ин мулло шинос барин менамояд, аммо ба ёдаш намерасид, ки ӯро дар куҷо ва кай **дидааст** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Контролёр дарҳол фаҳмид, ки ин одам тариқи ба касса пулмониро ва аз он пулгириро дуруст **намедонистааст** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Замони ҳозираи давомдор (рафта истодаам, хонда истодааст); ҳозираю оянда (мечинам, тасдиқ мешавад); ояндаи дур (хоҳам рафт, хоҳӣ дид):

Гулнор чанд гоҳ боз Ёдгорро дӯст медошт ва хаёл мекард, ки дар оянда бо ӯ як зиндагонии дӯстдорона барпо карда, умри худро бо саодат ва шодкомӣ **хоҳад гузаронд** *(С. Айнӣ,* Дохунда). Асад Махсум аз ҳад **гузаронида истодааст** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дар рӯи дуньё чӣ қадар паҳлавон, ки бошад, ҳамааш машқ **мекунад** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Сиғаи шартию хоҳишмандӣ

Феълҳои сиғаи шартию хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунанд, ки гӯянда воқеъ гардидани онро раво, имконпазир ва ё вобаста ба шарте медонад. Яке аз шаклҳои асосӣ ва аломати сиғавии феълҳои шартию хоҳишмандӣ **аорист** буда, вобаста ба он ва сохти ҷузъи асосии феълҳои таркибӣ тобишҳои замонӣ ва маъноӣ ифода меёбанд. Дар феълҳои таркибии сиғаи шартию хоҳишмандӣ феъли ёридиҳандаи **будан** ҳамеша ба шакли аорист меояд.

Ёдоварӣ: 1. Шакли аористи **бошад (аз будан)** дар ҷумла ба вазифаи пайвандаки хилофӣ низ кор фармуда мешавад: Баққол **бошад,** ба ин суханҳо гӯш намедод *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

2. Дар забони ҳозира аз феъли **будан** шакли кӯҳнаи хоҳишмандӣ — шахси сеюми танҳо **бод** ва бо садонокии **о бодо** боқӣ мондааст, ки дар шиорҳо, зарбулмасал, таҳрик ва таҳ-

қир кор фармуда мешавад: Зинда бод! Ҳар чӣ бодо бод! Муборак бод! Мужда бодо! Забони бадгӯён бурида бод! Нест бодо хасми инсонҳо — фашизм! *(М. Раҳимӣ).*

Инак, сиғаи шартию хоҳишмандӣ бо шакли аористи феъл (равам, кор кунам), шакли замони гузашта бо аористи **будан** (хонда бошам, маслиҳат карда бошам), шакли гузаштаи ҳикоягӣ (мешунидам ва бо аористи **будан** — мерафта бошам), шакли замони ҳозираи давомдор (хонда истода бошам, зиндагӣ карда истода бошам) ва шаклу таркибҳои дигари феълӣ ифода мешавад.

Замон ва тобишҳои маъноии феълҳои сигаи шартию хоҳишмандӣ вобаста ба сохту робитаҳои синтаксисӣ ва оҳанги гуфтор низ равшан мегардад. Ҳамаи тобишҳои маъноии ин сиға, ки бештаринашон аҳамияти услубӣ доранд, ба ду маънии умумӣ ва асосӣ, яъне шарт ва майлу хоҳиш марбутанд. Дар забони ҳозираи тоҷик ду тарзи баёни маъниҳои сигаи шартию хоҳишмандӣ маъмул аст:

1. Тобишҳои маъноии сиға бо худи шаклҳои феълӣ алоқамандона бо сохти ҷумла, робитаҳои синтаксисӣ ва оҳанг ифода меёбанд. Калимаҳои махсуси ёридиҳанда кор фармуда намешаванд. Масалан:

– Тӯйро ба чор кас маъқул карда **гузаронем** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Акнун роҳи шумо ҳам он қадар танг ва бадвоҳима нест, акнун ба боло **нигоҳ кунед**, осмони паҳновари кушодаро мебинед *(С. Айнӣ,* Дохунда). Бо вуҷуди он, олими ҷавон то ҳоло навозандаеро надидааст, ки як оҳанги оддиро бо изтироб ва ҳарорати дили худ ба ин дараҷа гарм ва **рангин карда бошад** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Имрӯз шумо **намеомадед**, пагоҳ худам ҷеғ заданӣ будам.— Дари бахти ту ҳам як **кушода мешуд**, ман ба муроду мақсадам **мерасидам** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Дар нутқ **фаҳмидан мехостам, чӯр кардан мехостам, пӯшидан мехоҳад** барин таркибҳо худ ба худ маънои майлу хоҳишро ифода мекунанд. Аммо дар ҷумлаҳои мураккаб маҳз дорои чунин маъниҳо будани аорист бо феълҳои дар сарҷумла омадаи **хостан, тавонистан** ва ҳаммаънои онҳо таъкид меёбад. Чунончи:

Дар баҳор ҳар кас **мехоҳад**, ки озодонатар нафас кашад, аз хонаи тангу тор, аз байни чор девор ба**ромад** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Усто Оқил **мехост**, ки ҳунари худро ба писараш мерос гузорад *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Аммо ҷаноби шумо, охир **метавонед**, ки инро ба тарзи дигар нависед, ба ман ҳамчун якс аз мухлисҳои худ назар кунед *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

2. Тобишҳои маъноии шаклҳои сиғаи шартию хоҳишмандӣ, ғайр аз сохти ҷумла ва оҳанг, бо калимаҳои ёридиҳанда, пайвандак ва ҳиссачаҳо равшантар таъкид мешавад. Ҳар як унсури грамматикӣ ва ё калимаи ёридиҳанда бо тобиши мах-

суси маъноӣ омада, маънои сиғавӣ ва ҷилои услубии феълҳоро, хусусан шаклҳои аористро, ошкор месозад ва қувват медиҳад. Масалан, дар сурате ки маънои шарт дар нутқ (ҷумла) ба воситаи оҳанг низ ифода мегардад, пайвандаки **агар** (дар назм гар, ар) ин маъниро равшантар ва оҳанги суханро равонтар мекунад. Монанди ҳамин, бо пайвандаки **то** (ба шакли инкории феъл) маънои замонӣ ва бо ҳам маънои хилоф возеҳтар таъкид мешавад:

Фотима имсол институти тиббиро тамом мекард ва ӯ, бешубҳа, хуб медонист, ки агар одам ба автомобиль монанд шавад, агар аз ваҷоҳаташ ҳамаи афкору эҳсосоти ӯро донистан мумкин гардад, ҳусн ва латофати ҳаёт хело мекоҳад *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Агар дӯғ зада метавониста бошӣ, рафта ба шарикҳои худат, ба ҳамкосаҳоят дӯғ зан, ки онҳо мебардоранд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). То модар аз сари девор гаштаву баргашта фарьёд накунад, аз пеши усто амакаш дур намешуд *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Калимаҳои модалӣ ва ҳиссачаҳои **мон//монед, биё//биёед, бигзор//бигузор, бояд//бояд ки, мебоист, ақаллан, майлаш, кошки//кош, наход//наход ки, канӣ, даркор** (фақат дар нутқи гуфтугӯӣ),— **чӣ** ва монанди инҳо барои ифодаи ҷилоҳои маъноии хоҳишу орзу, таъкиду супориш, зарурат ва лозимот, қатъият ва розигӣ, ҷиддият ва мулоиматӣ хизмат мекунанд. Масалан:

Мон, ки бидонанд: аспбози асил як пояш ба лаби гӯр расад ҳам, аз қатор намебарояд *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Биёед, ки ана дар ҳамин харак шинаму аз рӯшноии офтоб, аз ҳур-ҳури шамол, аз бӯи ана ин гулҳо баҳравар шавам, ҷигарам *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Кошки кудурат аз миён бардошта мешуд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ақаллан боратро ба замин мемондӣ *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ҳам бояд корҳои зиёде анҷом дода шаванд (Тоҷикистони Советӣ). Ман аз аҳволи онҳо як хабар гирам-чӣ?

Феълҳое, ки асосашон аз сифати феълии замони оянда гирифта шудааст, бо маънои грамматикии худ низ ба сиғаи шартию хоҳишмандӣ мансубанд. Ҷузъи асосии чунин феълҳо сифати феълии замони оянда буда, он аз **масдар** бо иловаи суффикси-ӣ сохта мешавад. Чунончи: **рафтанӣ, дидани, тафтиш кардани,** аз **назар гузарондани, дида баромадани** ва ғайра.

Шахсу шумораи чунин феълҳо дар шакли ғайритасрифӣ бевосита ва бо ҷонишинҳои шахсӣ (ман, ту, вай... хондани), дар шаклҳои тасрифӣ бо бандакҳои хабарӣ (хонданиам//ям, хонданӣ, хонданӣ аст//хонданист) ва бандакҳои феълӣ бо аористи **будан** (хонданӣ бошам, хонданӣ бошӣ, хонданӣ бошад) ифода меёбад. Феълҳо бо чунин шаклу воситаҳо замо-

ни ояндаро далолат мекунанд. Ба ҳамин маънӣ феълӣ ёридиҳандаи **ҳаст** ва шакли ҳозираю ояндаи **будан** низ ба вазифаи бандаки хабарӣ омада тасриф меёбад: **хонданӣ ҳастам, хонданӣ ҳастӣ, хонданӣ аст//хонданист; хонданӣ мебошам, хонданӣ мебошад.**

Пӯлодбой, Шумо чӣ кор карданӣ? Пагоҳ бо солдатҳо ҷанг-панг ҳам карданӣ-мӣ? — Ба вай ҷойҳои тиллоро гуфтаниам *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ман гуфтанӣ ҳастам, ки дар ин кирдори ӯ чӣ сирре ҳаст? *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Чунин феълҳое, ки бо шакли ҳозираю ояндаи ёридиҳандаи **шудан** таркиб ёфтаанд, замони ҳозираю ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро мефаҳмонанд: **хонданӣ мешавам, хонданӣ мешавӣ, хонданӣ мешавад** ва ғ.

Имрӯз ту ҳукуматро фиреб доданӣ мешавӣ.— Мардак ба Рубин ҳуҷум карданӣ мешавад *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Замони гузаштаи чунин шаклҳои хоҳишмандӣ бо шакли замони гузаштаи наздики феълҳои ёридиҳандаи **будан** ва **шудан** таркиб меёбад, ки ин таркибҳо шаклҳои нақлӣ ва ҳикоягӣ низ доранд. Масалан: **донистанӣ будам, гуфтанӣ будааст; диданӣ шудам, бӯсиданӣ шудаанд, баромаданӣ мешуд** ва ғ.

Ҳа, писарам, ман донистанӣ будам, ки ба пункти даъват кай меравӣ? — Вай бо зану бачагонаш ба кадом гӯр кӯчида рафтанӣ будааст.— Онро ба ягон дугонааш хононданӣ шуд, аммо изо кашид *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Қарзҳои майдаро ҳам ӯ доданӣ шуд *(С. Айнӣ,* Куллиёт ҷ. I.). Дар майнааш ба ин далеле меҷуст ва бо як хоҳиши ба худаш номафҳуме Олимҷонро сафед карданӣ мешуд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Агар ин гуна таркибҳои феълӣ дар ҷумла паи ҳам, бо таври чида оянд, феълҳои ёридиҳандаи **будан** ва **шудан** ҳар дафъа такроран омада метавонанд ва мумкин аст, ки танҳо дар феъли охирин оянд. Чунончи:

Дар ҳамин асно, вақте ки Фузайл бо хуни Алӣ-батракҳо ба худ роҳ кушоданӣ буд, дар ҳамин лаҳзае, ки чанголи ситам синаи Қаротегин — Ғармро тамоман пахш карданӣ буд, дар ҳамин фурсате, ки ӯрдуи разил гилемҳои сабзи айёми баҳорони кӯҳистонро бо хуни Назари панҷьяккор, Сафармардикорҳо сурхранг гардониданӣ буд, умедгоҳи охирин — чанд нафаре аз ҷонбозони дастаи худмудофиа дар пости чорум ҷон медоданду ҷон мегирифтанд.— Рост баргашта ба пеши ҳамон кассири бадҳазм рафтанӣ ва типу ғози онро баровардани шуд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Дар таркиби ин хел шаклҳои сиғаи шартию хоҳишмандӣ, ғайр аз **будан** ва **шудан**, феълҳои дигар низ бо тобишҳои маъноӣ омада метавонанд. Масалан:

Ҳангоме ки аспи Одилов ҷавлонзанон рақси марги душманонро бозида, ба даруни ҳалқае, ки дар он пешҷангон уф нагуфта теғи шамшерро истисмор менамуданд, даромаданӣ

шуда омад,... он ҳалқа мисли занҷир пора-пора гардид.— Маро ба Алии шилпуқ доданӣ шуда истодаанд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Сиғаи амр

Сиғаи амр изҳорӣ хоҳишу супориш, фармону таъкид ва водор кардан ба амалеро, ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст, мефаҳмонад.

Ҳарчанд ки аз руи маъно ва оҳанги сухан баъзан аорист ва дигар шаклҳои феълӣ ба сиғаи амр наздик мешаванд, дар забони тоҷикӣ шакли асосии сиғаи амр **феъли фармоиш** мебошад, ки бо майли замони оянда ба гурӯҳи феълҳои замони ҳозираю оянда дохил мешавад.

Феъли фармоиш фақат як шахс, яъне шахси дуюми танҳо ва ҷамъ дорад. Шахси дуюми танҳои он бо асоси феълии замони ҳозира баробар аст. Чунончи: **рав, бин, биёр, дам гир.** Шахси дуюми ҷамъ бо роҳи ба асос ҳамроҳ кардани бандаки феълии — **ед,** гоҳо — **етон** ифода меёбад, ки он бо аористи шахси дуюми ҷамъ баробар меояд. Масалан: **равед — равето**н, **бинед — бинетон, биёред — биёретон, гиред — гиретон** ва ғ.

Ту худдорӣ карда аз роҳҳои ниҳонӣ поёнтар фуро, агар дидӣ, ки ясавул духтаратро дастгир карда бурданӣ аст, бо ғелонидани санге ба мо хабар деҳ *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ту рафта аз пода хабар гиру ба ин тараф ронда биёр *(Р. Ҷалил,* Шуроб). Акнун камтар арзи моро шунавед *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). То дарвозаи Имом мардумро аз роҳ дур кунед, шамъҳоро кушед ва роҳро қатағон кунед,— гуфта фармон дод *(С. Айнӣ,* Дохунда). Иваницкий... дар вақти ба мардикорӣ гуселонидан... мегиристу «Далеру нотарс бошетон, писарам!» — мегуфт *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Шакли тасрифии сиғаи амри феълҳои таркибии номӣ, таркибии масдарӣ ва таркибии ҳолӣ бо феълҳои ёридиҳандаи онҳо сурат мегирад. Масалан: **роҳат кун — роҳат кунед — роҳат кунетон; дам гир — дам гиред — дам гиретон; тайёр шав — тайёр шавед — тайёр шаветон; омадан гир — омадан гиред — омадан гиретон; навишта мон — навишта монед — навишта монетон** ва м. ин.

Шакли сиғаи амр ҳам, монанди аорист, чи дар назму чи дар наср префикси **би-** (бу-) қабул мекунад. Дар ин сурат маънои хоҳишу илтимос бо оҳанги нарму навозиш ифода меёбад. Масалан:

Ҳамшираи меҳрубон, биё, одамон, биёед, дар паҳлуи ӯ бишинед, вай нақл кунад, шумо бишнавед! *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ма, меҳмон, чой бинӯш.— Марҳамат, бишин.— Ана бирав, аз мӯсафеди садсола бипурс, бигӯ, оё шунидаед, ки ягон

марди бадахшонӣ ба хотири мол ё мулк, барои чизи дигар касеро аз ҳаёташ маҳрум карда бошад *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Ёдоварӣ: Асоси замони ҳозираи феъли **омадан-о** ва асоси феъли **овардан-ор** буда, инҳо дар айни ҳол шакли шахси дуюми танҳои сиғаи амр мебошанд. Ин шаклҳо ҳангоми қабул кардани префикси **би-** низ ҳамчун асос ба ҳисоб гирифта мешаванд. Шахси дуюми ҷамъ, мисли ҳамаи феълҳои сиғаи амр, бо бандаки феълии **-ед** (-етон) ифода меёбад: **о — оед, биё — биёед; ор — ored; бяёр — биёред — биёретон.**

Ин ҷо фуруд о! *(С. Айнӣ,* Дохунда). Ҳа, меҳмон-бародар, биё *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Қалонаш ҳамин будааст, даст гиред, пеши ман биёред, гуфт *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Шакли инкории сиғаи амр ба воситаи ба асоси замони ҳозира ҳамроҳ кардани префикси **на-** (баъзан **ма-**) сохта мешавад. Префикси **ма-** асосан хоси назм ва зарбулмасалу мақол мебошад. Шакли инкории сиғаи амр низ вобаста ба матн хоҳишу таъкиди нарму навозишкорона ва ё, баръакс, ҷиддият, сарзанишу эътироз ва манъи кору ҳолеро ифода мекунад. Чунончи:

Боз маъзарат мехоҳам, хафа нашавед *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ту ғам нахӯр, додарҷон *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Зебӣ, Зебиҷон, гирья накун. Ба болои сӯхта намакоб мапош *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ором бош, дод мазан, Даша, ман ба Исфара меравам *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Шумо, Махсумҷон, аз ман шубҳа накунед, ман ҳеҷ кори ганда накардаам... беҳтар, ки аз худатон шубҳа кунед! *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Худашро дӯсти ману ту вонамуд карда, ҳазор қасам хӯрад ҳам, бовар накун *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Шакли сиғаи амрии феъл баъзан бо ҷонишинҳои шахсӣ (ту, шумо — шумоҳо, шумоён) ва аксар бе ҷонишин истеъмол мешавад. Тобишҳои маъноӣ ва услубии вай, монанди аорист, алоқамандона бо шаклу тарзи ифода, мазмуни матн ва оҳанги гуфтор зоҳир мегарданд. Масалан, бо префикси **ме-** омадани шахси дуюми танҳо (мебош, мерав, мегӯй) фақат ба услуби назм хос аст (*ниг.* **Префиксҳои шаклсози феъл**). Бо ёрии калимаҳои модалии **мабодо, ҳаргиз, албатта** маънии лозима махсус таъкид мешавад. Шакли амрии феъли **омадан** (биё — биёед — биёетон) низ ба маънии модалӣ омада, ҳамин гуна тобиш ба зуҷуд меоварад. Ҳиссачаи **-чӣ** ҳам ҷилои услубии гуфтугӯӣ пайдо мекунонад. Чунончи:

Мабодо ин гапҳоро аз даҳонатон набароред! — Биёед, суруди модари озод, таронаи модари хушбахти моро бишнавед! *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ин гапҳои пандомезро ҳаргиз фаромӯш накун, додарам! — Ҳамин вақт ба кӯча баромада як давр зада оед-чӣ? *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Шакли амрии феъли **омадан** (биё, биёед), **мондан** (мон,

монед), **гузоштан** (бигузор//бигзор), **хестан** (хез, хезед) ҳамчун калимаи модалӣ омада, дар ҷумла ба шаклҳои аорист ва ҳозира-оянда тобиши ҳукму фармоиш мебахшад: Монед, равад! Бигзор, хонад! Хезед, хонаро гундорем! Биёед, давр мезанем.

Сиғаи амр шакли бавосита ҳам дорад, ки он монанди ҳамаи феълҳои бавосита ба воситаи фоили дигар шудан ё нашудани амалро мефаҳмонад: **хон — хонон**; **хонед — хононед**; **навис — нависон**; **нависед — нависонед** ва ғ.

Аммо шаклҳои **кашон — кашонед, пӯшон — пӯшонед, гирон — гиронед//даргирон — даргиронед** ва ғ. аслан бавосита бошанд ҳам, дар мавридаш аз сабаби суст шудани чунин маъно ҳамчун феъли бевосита истеъмол мешаванд.

Сиғаи эҳтимолӣ

Сиғаи эҳтимолии феъл дар бораи воқеъ шудан ё нашудани амалу ҳолат аз рӯи тахмин, эҳтимол, гумон ва шубҳа сухан кардани гӯяндаро мефаҳмонад.

Шаклу воситаҳои ифодаи сиғаи эҳтимолӣ низ гуногун буда, замони гузашта, ҳозира ва оянда доранд. Маънии замонии ин гуна шаклҳои феълӣ ҳам вобаста ба сохту таркиби онҳо, сохти ҷумла ва оҳанги сухан ифода меёбад.

Шакли маъмулу серистеъмоли сиғаи эҳтимолӣ аз сифати феълӣ гирифта мешавад, ки он ду тарзи ифода дорад: шакли пурра ва шакли мухтасар.

Таркиби шакли пурраи феъли эҳтимолӣ аз сифати феълии замони гузашта бо суффикси **-гӣ**, ба шакли ихтисори **ст** ба он васл ёфтани **ҳаст** ва иловаи бандакҳои хабарӣ иборат мебошад.

Шахси сеюми танҳо ҳамчун асос бе бандак меояд. Чунончи, тасрифи феъли **хондан** ба тарзи пурраи сиғаи эҳтимолӣ чунин аст:

Танҳо	**Ҷамъ**
1. хондагистам	хондагистем
2. хондагистӣ	хондагистед
3. хондагист	хондагистанд

Шакли мухтасари чунин феълҳои эҳтимолӣ низ аз рӯи қоидаи баёншуда сохта шавад ҳам, аз он як андоза фарқ дорад: шакли ихтисори калимаи **ҳаст** (ст) фақат дар шахси

сеюми танҳо дида мешавад; зада одатан дар ҳиҷои аввал меояд:

Танҳо	Ҷамъ
1. хондагиям	хондагием
2. хондагӣ	хондагиед
3. хондагист	хондагиянд

Дар айни ҳол ин ду тарзи ифодаи сиғаи эҳтимолӣ шаклҳои замони гузашта буда, барои шаклҳои дигари замони сиғаи эҳтимолӣ низ ҳамчун асос хизмат мекунад. Дар забони гуфтугӯӣ ва лаҳҷаҳо истеъмоли шаклҳои дигари ин сиға низ дида мешавад:

Бечора, балки ин модар доштагист, ки вай ҳам ман барин муштипар ва барҷомонда будагист *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ягон моҳ шудагист *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Сипас «дастурӯ мешустагистед» гуфта... камераи кӯҳнаи резинии пуробро бардошта омад *(Ф Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Агар ман ба гапи шумо дарояму ӯро ба худ ёр гирам, ба ӯ дил бандам, балки дар оянда ҳамроҳи ӯ монанди инсон зиндагӣ ба сар мебурдагем.

Шакли эҳтимолии феъли будан аксар замони ҳозира, гоҳо замони ояндаро мефаҳмонад. Масалан:

Агар ҳамон фаранҷидор Пӯлод набошад, миёнаравак будагист.— Ягонта тақдир кардагиаш будагист-дия,— мегуфт *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Шодӣ ба идораи ҷамоа рафта буд,— гуфт мӯйсафед,— дар ҳамон ҷо будагист *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Замони ҳозира-ояндаи сиғаи эҳтимолӣ бо ҳамроҳ кардани префикси **ме-** ба сифати феъли замони гузашта бо суффикси **-гӣ** ва иловаи бандакҳои хабарӣ ифода меёбад: **меомадагистам//меомадагиям, меомадагистем//меомадагием, меомадагистӣ//меомадагиӣ, меомадагистед//меомадагиед, меомадагист-меомадагистанд//меомадагиянд.**

То баҳор сохта тамом мекардагистем-а, рафиқ Баротов? *(С. Улуғзода,* Навобод). Не, ҳанӯз нафурӯхтаам,— гуфт каллапӯшфурӯш дар ҷавоб.— Бояд фурӯхта бошед-куя, лекин пулашро чанд рӯз кор мефармудагед! — гӯён Қорӣ-ишкамба нобоварӣ изҳор кард *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Надонам, ба ягон ҷой сарф мешудагист-дия,— гуфт *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Акнун дигар одам намеомадагист *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Сиғаи эҳтимолӣ шакли замони ҳозираи давомдор (муайян) низ дорад, ки таркибаш чунин аст: феъли асосӣ ба шакли феъли ҳол (сифати феълии замони гузашта) ва феъли ёридиҳандаи **истодан** ба шакли эҳтимолии замони гузашта омада, бо шакли пурра ё мухтасари бандакҳои хабарӣ тасриф меёбад.

Танҳо	Ҷамъ
1. хонда истодагистам	хонда истодагистем
2. хонда истодагистӣ	хонда истодагистед
3. хонда истодагист	хонда истодагистанд

Майнаашро хаёлҳои гуногуни пур аз даҳшат: «балки вай бо ягон тири ногаҳонии босмачиён, дар ягон ҷарие ба хуну хокаш оғӯшта шуда, ҷон канда истодагист» фаро гирифтанд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Дар адабиёти бадеӣ ва забони гуфтугӯӣ шаклу воситаҳои дигари ифодаи сиғаи эҳтимолӣ ҳам мавҷуданд. Баъзан калимаи **эҳтимол** бо шакли эҳтимолии феъл дар як ҷумла омада, маънии сигавиро таъкид мекунад:

«Эҳтимол боз ягон чиз даркор будагист» гуфтанду ба кори худ машғул шуданд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Шаклҳои аористи феъл, аз ҷумла онҳое, ки бо аористи **будан** таркиб меёбанд, дар мавриди худ бо ёрии калимаҳои модалии **эҳтимол, бояд, шояд, мабодо,** инчунин бо калимаи **мумкин** ва таъбири **мумкин аст** маънии сиғаи эҳтимолиро мефаҳмонанд ва муродифи (синоними) шаклҳои эҳтимолии феъл мебошанд. Масалан: эҳтимол биёяд//меомадагист; бояд омада бошад//омадагист; шояд омада монад//омада мемондагист ва ғайра.

Эҳтимол аз вай ба инҳо хабар оварда бошад! *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Саид Амон нақлҳои одамонро ба ёд оварда, аз дил гузаронид, ки як қисми дарахтони Мунавваршоҳ шинонида эҳтимол ҳаминҳо бошанд *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Фардо бояд ҳуҷҷатҳояшро диҳанд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Шояд чашми пиразани берӯзӣ дар роҳи фарзанди азизаш чор бошад.— Мабодо ягон андешаи бад ба майнаи инҳо наёмада бошад? *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Алоқамандона бо сохти ҷумла, оҳанги сухан ва муносибати маъноии феълҳо ё ҷузъҳои дигари ҷумла аорист ё шакли ҳозира-оянда бо тобиши маъноии гумону тахмин омада, моҳиятан ба сиғаи эҳтимолӣ мансуб мегардад. Чунончи:

Лекин ман гумон мекунам, ки амаки Ёдгор имшаб осиё рафта наметавонад *(С. Айнӣ,* Дохунда). Чӣ андешае дошта бошад *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

Чунон ки дида шуд, феъл ҳамчун мураккабтарин ҳиссаи нутқ дорои доираи васеи маъноӣ ва муносибати грамматикӣ мебошад, ки он дар шаклҳои феълӣ, тарзҳо, намудҳо, сиғаҳо ва замонҳои феъл ифода меёбад.

Замони феъл муносибати амалро ба ҳангоми нутқ ва ё ба

лаҳзаи дигари дар нутқ зоҳиршуда нишон медиҳад. Феъл се замон дорад ва бо шаклҳои гуногуни замонӣ тасриф меёбад: замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.

Замони гузаштаи феъл, сарфи назар аз ҳамаи шаклу тобишҳои грамматикиаш, амали пеш аз лаҳзаи нутқ воқеъшударо мефаҳмонад; яъне гӯянда дар бораи замони қатъшудаи амал ва процессҳои дигар сухан меронад: **навиштам, навиштаам, менавиштам, навишта будам, навишта истода будам,** ва ғ. Ҳамаи феълҳои замони гузашта шакли нақлӣ доранд.

Замони ҳозираи феъл амали дар ҳангоми нутқ давомдоштаро ифода мекунад, масалан: Додарӣ ман дар мактаби тиббӣ **мехонад.** Вай барои бо муваффақият тамом кардани мактаб **кӯшиш карда истодааст.**

Замони ояндаи феъл амалеро мефаҳмонад, ки он баъд аз лаҳзаи сухани гӯянда содир мешавад, чунончи: Аз гунҷишк **тарсӣ** — арзан **накор** *(Зарбулмасал).* Расул ба Норак **меравад,** ман низ **хоҳам рафт.**

Замонҳои феъл дорои лаҳзаҳо ва тобишҳои зиёди грамматикие мебошанд, ки ба воситаи шаклҳо ва таркибҳои муайяни феълӣ дар нутқ (матн) ифода меёбанд. Аз ин рӯ аксарияти шаклҳои замонии феълҳо сермаъно ва сервазифа буда, ғайр аз вазифаи асосии худ маънои вазифаҳои иловагиро низ дар бар мегиранд. Шаклҳои асосии замонҳои феъл инҳоянд:

I. Замони гузаштаи феъл

Замони гузаштаи наздик (гузаштаи оддӣ)

Феъли замони гузаштаи наздик (гузаштаи оддӣ) аз асоси замони гузашта ва бандакҳои феълӣ сохта мешавад. Шахси сеюми танҳои ин феъл бо асоси замони гузашта баробар аст.

Ҳамаи феълҳои гузаштаи наздик ба тарзи зер тасриф меёбанд:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман хондам	1. мо хондем
2. ту хондӣ	2. шумо хондед
3. вай (ӯ) хонд	3. онҳо хонданд

Шакли гузаштаи наздик (оддӣ) ба чунин маъниҳо меояд:

1. Феъли гузаштаи наздик амали яккаратаи анҷомьёфтаро мефаҳмонад, ки қатъи назар аз фосилаи замони амал натиҷаи он маълум аст. Масалан:

Пиракӣ ба ман аз оби ширчой як пиёла нӯшонд.— Хоб пахш кард, хобидам.— Хуб кардетон, ки ин бачаро ба хондан

овардетон,— гуфт *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. I). Маро ҳайрон кардед, дӯстам *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Фаҳмидам! — гуфт Наими Талх ва хомӯш монд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Соҳибаи хона косаи пур дар даст ба назди айвон пайдо шуд ва меҳмонро бо имою ишора ба поён даъват намуд *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Баъзан дар нутқ барои таъкиди лаҳзаи замони амал калимаю ибораҳои замонӣ кор фармуда шаванд ҳам, фосилаи замонии феълро комилан не, балки нисбатан муайян мекунанд. Чунончи:

Баъд аз **чанд дақиқа** Махдуми ҳазорагӣ маро аз пеши мардикорон имо карда **хезонд** ва ба роҳрави ҳавлӣ бурда, ба болохонае **бароварда** *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Ман **ҳозир** аз банд **гурехта омадам** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Аммо дар болои кори ҷуворӣ меистам, ки ҳосили вай **он сол** моро аз ҳалокат **раҳонид** *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. I).

Пасу пеш воқеъ шудани амал моҳияти нисбии фосилаи амал ва категорияи феълро тағйир намедиҳад, чунончи:

Рокиа рӯяшро **пӯшиду** ба хона **даромада рафт** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Хушбахтона, он сол ҳаво ҳам ба Бозор ёрӣ дод, дар вақтҳои муносиб боришҳои хуб шуд, дар вақташ офтоб заминро тафсонд; дар натиҷа ҳосил аз чашмдошти Бозор ва бой барзиёд омад *(С. Айнӣ,* Дохунда).

2. Феъли гузаштаи наздик ҳам вобаста ба маънии луғавии худ, ҳам алоқамандона бо матн амали бардавоми анҷомьёфтаро мефаҳмонад:

Назарҷон моро ба ин ҷо **кӯчонида овард.**— Мария Григорьевна бо ҳаяҷони пурзӯре мазмуни онро ба Шарофат **ҳикоя карда дод** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Вай дар пеши чашми онҳо **калон шуд, хонд, кор кард** ва то ба дараҷаи раиси ҷамоа **боло бардошта шуд** *(Ҷ. Икромӣ).* Пас аз ин маслиҳати табиби оқил ва роздон Карим хеле **фикр кард,** дуру дароз **андешид** ва қарори қатъӣ дод, ки дар ҳақиқат пеш аз ҳама сиҳат шудан лозим *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Анҷоми амали замони гузашта дар баъзе ҷумлаҳои саволӣ ва феълҳои аз сифати феълии замони оянда бо феъли ёридиҳандаи **шудан** таркибьёфта (масалан: рафтанӣ шуд) на бевосита, балки вобаста ба рафти сухан ва алоқаи байни ҷумлаҳо муайян мегардад. Чунончи:

Аҳволатон чӣ тавр? Доруҳои духтур додагиро **хӯрдед-мӣ?** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Шокирҷон ягон тӯҳфаи нағз харида, рафта ҳамшираашро **диданӣ шуд** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

3. Шакли замони гузаштаи наздик дар нутқи гуфтугӯӣ ва дар адабиёти бадеӣ бо тобиши маъноии майлу хоҳиш, таъкиду қатъият ва шарту замон омада, амали ояндаро низ ифода мекунад. Масалан:

Хуб! Ман **рафтам** (меравад).— Канӣ, **рафтем** *(Ҳ. Карим,*

Оқшуда). Канӣ, ба кор **сар кардем** — ҳама ба гуфти сардор итоат карда аз дунболи вай рафтанд *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Акнун ман **рафтам**, шаб ҳам бевақт шуд *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Маҳмудҷон парешонхотирона ҷавоб дод: Колхозамон бад не, албатта **рафтед**, боз худатон мебинед.— Пагоҳ ба маҷлис ҳамин масъаларо ҳам мемонем. Чӣ **гуфтед?** — Вақте ки комиссия **омад**, ана баъд ба кори амалӣ сар мекунем *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Замони гузаштаи нақлӣ

Замони гузаштаи нақлӣ аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ бо иловаи бандакҳои хабарӣ сохта шуда, ба таври зер тасриф меёбад:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман навиштаам	1. мо навиштаем
2. ту навиштай	2. шумо навиштаед
3. вай (ӯ) навиштааст	3. онҳо навиштаанд

Феъли гузаштаи нақлӣ мефаҳмонад, ки гӯянда воқеъ шудани амалро аз рӯи шунид ва баёни сарчашмаҳои дигар нақл мекунад. Ғайр аз ин, гузаштаи нақлӣ натиҷаи амал ва бо хулосабарории мантиқӣ огоҳ шудан аз амалро мефаҳмонад.

Замони гузаштаи нақлӣ дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:

1. Феъли нақлӣ аз рӯи шунид ва баёноти шахси дигар маълум шудани воқеаро ифода мекунад:

Ассалом, духтараки нағз,— **гуфтаанд** ва хам шуда аз пешонаи духтар **бӯсидаанд**.— Инак, дар вақти вафоти падарам ман ба дасти модарам ёздаҳмоҳа **мондаам** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Аҳмадбек ҷавоб **додааст**, ки рафта наметавонад, чунки ба сардорон то пагоҳ тамом кардани шудгори он заминро **ваъда кардааст** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Баъд чӣ **навиштааст**, гӯед, хӯш, хӯш? — **Гуфтааст**, ки ба вай **ҷавоб додаанду** худаш **дар тараддуди роҳ будааст** *(П. Толис,* Ҳикояҳо).

Агар дар нутқ (матн) манбаи ахбор ба ягон шакл зикр ёбад, маънои нақлии феъл равшантару возеҳтар зоҳир мешавад:

Мегӯянд, ки вай, яъне Неъматҷон, аскари сурх будааст *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Лекин пеш аз тӯй миш-мише паҳн шуд, ки гӯё Мунавварбегим дар он сӯи дарьё Манзарбек ном гаҳворабахш **доштааст** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Хӯш, Муқим! Чӣ хабарҳо дорӣ? Туро трактортчӣ **шудааст** гуфтаанд *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Ёдоварӣ: Феъли ёридиҳандаи **будан** ва феълҳои дигар дар афсонаҳо ва ривоятҳои халқӣ аксар ба шакли нақлӣ истеъмол мешаванд. Чунончи: **Будаст, набудаст,** як кампир **будаст.** Вай як писар **доштааст.** Як рӯз писараш ба саҳро баромадааст...

Дар ҳамин гуна мавридҳо кор фармуда шудани таъбири феълии **буд-набуд** низ маънои нақлӣ дорад. Масалан:

Буд-набуд, будгор буд,
Замин набуд, шудгор буд...

(Фольклор).

2. Феъли замони гузаштаи нақлӣ амали воқеъшудаеро мефаҳмонад, ки натиҷааш маълум аст. Истеъмоли ин шакли феълӣ ба ин маъно аксар бо шаклҳои феълӣ, баъзан бо ёрии ибораҳои тавзеҳӣ воқеъ мешавад. Ин гуна ибораҳо аз «маълум аст», «маълум шуд», «маълум мешавад» иборатанд. Феълҳои нақлие, ки бидуни ин гуна тавзеҳот ифода меёбанд, мантиқан натиҷаи чунин тавзеҳот мебошанд. Чунончи, мисолҳои зеринро муқоиса кунед:

Маълум шуд, ки роҳи оҳанро одамони амир **вайрон кардаанд** (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Пас маълум мешавад, ки аз ақибамон **афтодаанд** (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Номат Рустам бошад ҳам, аз занат ҳам **буздилтар будай** (*С. Айнӣ,* Дохунда). Аз дақ дақ дақиқа **гузаштааст,**—ҷавоб дод Ҷамила ба соати тиллоии худ нигоҳ карда (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ана, фаҳмидед, амир **гурехтааст,** аскарбачаҳо **зӯр баромадаанд** (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Чизе, ки доштам, **тала кардаанд,** ба хонаам алав **сар додаанд,**— гуфт Давлат (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

3. Феъли замони гузаштаи нақлӣ натиҷаи амалро мефаҳмонад, ки он пеш аз ин ба гӯянда номаълум буда, бо хулосабарории мантиқӣ ва ё пас аз воқеаи дигаре маълум мешавад. Аксаран тарзи ифодаи **натиҷа** ва **хулосаи мантиқӣ** ба ҳам монанд аст ва ин ду маъно ба осонӣ аз ҳам фарқ намекунад. Бо вуҷуди он, дар ин миён фарқи нозуке ҳис карда мешавад:

Ба шумо фақат ҳаминашро мегӯям, ки он чиз ба модарам аз модаркалонам **мерос мондааст.**— Ҳамин тавр, даст ба даст гузашта, вай се авлодро дидааст (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Агар наояд, маълум мешавад, ки риштаи ошноиро **баркандааст.**— Вай ба назараш аз ҳама бачаҳо **хушрӯйтар намудаасту** нонро ба вай дода **омадан гирифтааст** (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ту ҳоло бо собуни ман **ҷомашӯй накардай.— Баҳор шуда мондааст,** ман бехабар! (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Агар феъли нақлӣ ҳамчун натиҷаи муҳокима воқеъ шуда бошад, маънои хулосаи мантиқиро дорад. Ғайр аз ин, дар

ҷумла ба шакли нақлӣ омадани феъли **будан** низ далели хулосаи мантиқист. Масалан:

Наим фаҳмид, ки суханаш ду маъно дода, **талх шуда рафтааст**, бинобар он узр хоста, дарҳол ба пиёлаҳо май рехт (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ягон паҳлавони асил аз пушти муғамбирӣ обрӯй **наёфтааст**.— Ана, он миш-мишу пичир-пичирҳои Муҳаммадмурод чӣ **маъное доштаанд**. Аз ваҷоҳати ронанда маълум буд, ки ӯ дигар қонеъ шудааст. (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). ...лекин сонитар фаҳмидам, ки тӯтӣ як **мурғи** бисьёр зебои **зирак будааст** (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). Ман надонистам, ки ту дил надоштӣ ва агар бошад ҳам, дар дасти худат набудааст (*Ҷ. Икромӣ,* Ситора).

Ёдоварӣ: 1. Дар забони гуфтугӯй ва дар лаҳҷаҳои шимоли ғарбии забони тоҷикӣ тарзи махсуси сухани мазмунан нақлшудае ҳаст, ки бо шакли нақлии феъли **будан** сурат меёбад. Ин тарзи ифода дар адабиёти бадеӣ ҳам кор фармуда мешавад. Масалан: Рафиқ Николай, муовини раис телефон карданд, гуфтанд, ки то омадани он кас дар ҳамин ҷо сабр карда шинетон **будааст** (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

2. Дар ҷумлаҳои саволӣ ба шакли нақлӣ омадани феълҳо бештар барои ифодаи натиҷа ва хулосаи мантиқӣ воқеъ мешавад. Чунончи: **Кӣ дидааст кӣ шунидааст**, ки дар ягон ҷой касе ҳушу ёди аҳли як деҳаро, бигузор он деҳаи бузург набошад, бо таронаҳои сози худ тасхир карда бошад? (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Шаклҳои ифодаи феъли нақлӣ

Маъниҳои нақли замони гузашта бо чор шакли зерини феъл ифода меёбанд:

1. Чунон ки аз мисолҳои боло дида мешавад, шакли тасрифии феъли нақлӣ шакли пурра ва асосӣ мебошад, ки дар забони гуфтугӯй, забони адабӣ — дар назму наср сериствеъмол аст. Тасрифаш: омадаам, омадай, омадааст (-ем, -ед, -анд).

2. Аз гузаштаи нақлии шахси сеюми танҳо бо иловаи бандакҳои хабарӣ тарзи дуюми феъли нақлӣ ҳосил мешавад, ки тасрифаш чунин аст:

Танҳо	**Ҷамъ**
1. шунидастам	1. шунидастем
2. шунидастӣ	2. шунидастед
3. шунидаст	3. шунидастанд

Чунин шакли нақлии феъл асосан дар назм (бештар дар назми классикӣ, гоҳо дар назми ҳозира) кор фармуда мешавад. Чунончи:

Нигорино, ба нақди ҷон-т надҳам.
Гаронӣ дар баҳо, арзон-т надҳам.
Гирифтастам ба ҷон домони васлат,
Диҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам.

(Маҳмуди Варроқ).

Кунун разми Сӯҳробу Рустам шунав,
Дигарҳо **шунидастӣ**, ин ҳам шунав.

(Фирдавсӣ).

Ҳар чиро дидаю **шунидастӣ**.
Нақл кун, эй писар, барои мо.

(*М. Миршакар,* Калиди бахт).

Симҳоро аз канори он **танидастем** мо,
Нурбахшанда чароғонро **кашидастем** мо.

(М. Турсунзода).

3. Феъли нақлӣ ба шакли феъли ҳол, сифати феълии замони гузашта бо суффикси **-а** омада, маънои замони гузаштаи нақлиро ифода мекунад. Ин шакли ифодаи феъли нақлӣ дар назму насри классикӣ қоидаи маъмулӣ буд, аммо дар забони ҳозира танҳо дар назм ба кор бурда мешавад. Ин шакл ғайритасрифист ва аз рӯи мазмуни матн одатан шахси сеюми танҳоро мефаҳмонад. Масалан:

Писар мутааммил шуд, ки оё чӣ ҳодиса шуд, ки об бад-ин чоҳ намеояд *(Анвори Суҳайлӣ).* Шаҳре дидаем, ки подшоҳе дар вай чоҳе канда ва умқи онро ба сатри муҳит расонида ва аз он обе мунфаҷир гашта, ки як маноравор баланд мерезад (*Восифӣ,* Бадоеъ-ул-вақоеъ).

Дар ин нақли хурд мазмуни калон—
Офтобест дар қатра ҷуста макон.

(*А. Лоҳутӣ,* Офтоб дар қатра).

Ба як сӯ барфу як сӯ пухта гелос,
Аҷаб фаслест тобистони Дарвоз.

(*А. Деҳотӣ,* Дар шаъни Дарвоз).

4. Сифати феълии замони гузашта бо суффикси **-гӣ** маънои замони гузаштаи нақлиро ифода карда метавонад. Ин

шакл ба ҳамин маънӣ дар нутқи гуфтугӯӣ ва насри бадеӣ серистеъмол буда, ҳамчун шакли ғайритасрифӣ дар ҳамаи шахсу шумораҳо ба як шакл истеъмол мешавад: ман, ту, вай, мо, шумо, онҳо — хондагӣ, дидагӣ...

Имрӯз 20 кубометр баровардан амон аниқ! — гуфт Ҳодибой.— Шарикҳо акнун рафти корро гирифта мондагӣ.— ...акнун ман ҳам чала-чулпа саводнок шудагӣ, ман ҳам камтар доно шудагӣ,— гуфт боз бо кибру дабдаба хола (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Чунки шахтёрҳо ба торикӣ одат кардагӣ (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ҳоло бисьёрии меваҳо пухтагӣ, айни фасли боғ аст (*Ҷ. Икромӣ,* Ситора). Ана дар шаҳрҳо қатор-қатор мактабҳои ҳунармандӣ кушода мондагӣ (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Замони гузаштаи ҳикоягӣ

Феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузашта бо иловаи префикси **ме-** ва бандакҳои феълӣ сохта мешавад. Тасрифи ин шакли феъл ба тарзи зерин аст:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман механдидам	1. мо механдидем
2. ту механдидӣ	2. шумо механдидед
3. вай механдид	3. онҳо механдиданд

Феъли гузаштаи ҳикоягӣ ҳам дорои тобиши зиёди маъноӣ ва грамматикӣ мебошад, ки ҳар яке аз онҳо дар матн вобаста ба равиши сухан равшантар зоҳир мешавад. Гузаштаи ҳикоягӣ ҳаминро мефаҳмонад, ки амал дар замони гузашта бардавом воқеъ шудааст, вале натиҷаи он, яъне анҷом ёфтан ё наёфтанаш маълум нест.

Тобишҳои маъноии шакли гузаштаи ҳикоягӣ аз инҳо иборатанд:

1. Феъли гузаштаи ҳикоягӣ амал ё ҳолату вазъияти давомноки муттасил воқеъшударо мефаҳмонад. Чунончи:

Дар он зиёфат ошро ман **мепухтам** ва дигар хизматҳоро ҳам ман **мекардам** (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Дар ҳамин асно чанд нафар ҷанговарон бо сардории фармондеҳе бо ду пулемёт ва чанд дона милтиқ душманро даравида, майдонро тоза намуда, пеш **меомаданд** (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Соати деворӣ **тиқ-тиқ мезад,** ду нафар одамони ҳарбӣ таппончаҳояшонро **равған мекарданд,** комендант... ба дафтари калон чизе **менавишт** (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Давлатшоҳи меҳнатдӯст то метавонист, **мекӯшид,** ки ба пирамард ва зани ӯ зиёдтар мадад расонад.— Давлат дасти Пётрро ҳаргиз **сар намедод** (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Одамони мо ба меҳмони асабонӣ бо

мулоимат **гап мезаданд**, аммо ӯ торафт баландтар **аланга мегирифт** ва тозиёнаи худро гоҳ ба камарбанди паҳнаш **мехалонду** гоҳ дар болои сараш таҳдидкорона афшонида, **фарьёд мекашид** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Дар забони тоҷикӣ феълҳои содда ва таркибие ҳастанд, ки маънои луғавиашон тобиши давомнокӣ дорад. Онҳо ба шакли гузаштаи ҳикоягӣ омада, маънои давомнокии грамматикӣ пайдо мекунанд. Масалан: боридан — меборид, навохтан — менавохт, рақсидан — мерақсид, тарошидан — метарошид, хизмат кардан — хизмат мекард, нақл кардан — нақл мекард, тамошо кардан — тамошо мекард, бозӣ карда гаштан — бозӣ карда мегашт ва м. ин.

Он рӯз ҳаво абрнок буд, аз осмон чанг меборид *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ронандааш дар саҳни кема ба рӯи хараке нишаста бо сари хам аз чӯб чизе метарошид.— Мили вай девонавор мерақсид *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Акнун суханҳои расмию дароз гуфта нашуданд ва аксари меҳмонон ду-дую се-се нишаста гирифта, аз ҳар хусус гапзанон мекарданд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Мутриб сози худро ҳанӯз ҷӯр мекард.— Мазмуни ин савт чӣ бошад? — фикр мекард ӯ (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Ду бачаи калонаш дар рӯи ҳавлӣ бозӣ карда мегаштанд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

2. Феъли гузаштаи ҳикоягӣ давоми мӯлкаратии амали гузаштаро мефаҳмонад, ки чунин тобиши маъноӣ гоҳо аз мазмуни умумии нутқ (матн) маълум мешавад, баъзан бо ёрии калимаву ибораҳои алоҳида таъкид меёбад. Масалан:

Ман шеърҳои дӯстдоштаамро дар коғазпораҳо навишта мегирифтам (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Ҳар чӣ хоҳад, пайдо мекардаму ҳар чӣ гӯяд, бо ҷону дил мешунидам (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар дами дарвозаи шаҳр посбонҳо истода буданду оянда, равандагонро тафтиш карда медиданд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ҳар шеъри навиштаамро борҳо хонда медидам (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Дам ба дам аз ҷояш хеста, аз хона зада баромаданӣ мешуд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҳар ду гаштаю баргашта механдиданду завқ мекарданд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Гоҳо дугонаҳоятон аз кор фориғ шуда, дойираро тасфонда меоварданд ва шумо онро ба забони вақд медаровардед, дигарон мерақсиданд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

3. Шакли гузаштаи ҳикоягӣ бо чунин маънои давомнокӣ истеъмол мешавад, ки ин маънӣ дар мавридаш бо шакли замони гузаштаи дур ва гузаштаи дури давомдор низ ифода меёбад. Ин ҳолат бештар бо феълҳои **нишастан, истодан** ва баъзан бо феълҳои дигар рӯй медиҳад:

Командир дар шипанге, ки дар канори ҳавз воқеъ буд, чой нӯшида менишаст (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Бегоҳи ҳамон рӯз ману Ҳайдарҷон аз кор омада, дар лаби ҳавзчаи ҳавлиамон ме-

нишастем.— Мошин дар канори роҳ, байни ду теппаи пасте меистод (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Рӯзи серкор ва пур аз ташвиш ба охир мерасид (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

4. Шакли гузаштаи ҳикоягӣ барои ифодаи тобишҳои маъноии амали воқеъшуда (шарт, хоҳиш, умеду орзу, имконпазирӣ, нобоварӣ) кор фармуда мешавад. Ин гуна тобишҳои маъноӣ вобаста ба мазмуни сухан, оҳанги гуфтор ва калимаҳои ёридиҳанда равшан мешаванд ва аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Баъзан дар шакли гузаштаи ҳикоягӣ тобиши маъноии замони ҳозира-оянда ё оянда ҳис карда мешавад ва маълум аст, ки барои ифодаи чунин маъниҳо шаклҳои дигари феъл низ хизмат карда метавонанд. Чунончи:

Агар рафиқони мо ҳама аз як гиребон сар мебаровардand, ҳалли ин муаммо осон мешуд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Агар дар ин кӯчаи беодам ҳоло касе пайдо мешуду ин пурсу посу дастфишориро медид, гумон мекард, ки паҳлавони ҷавон ба паҳлавони машҳур арзи эҳтироми шогирдона мекунад (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Дер монанд, майлаш-куя, лекин говро барвақттар меоварданд, ки дар вақташ дӯшида мешуд,— гуфта боз ҳасрат кард (*С. Айнӣ,* Дохунда). Кам монда буд, ки аскарҳои амир моро зер мекарданд, ҳамаи моро нобуд мекарданд, лекин хайрият, ки аз тарафи Тошканд ба мо ёрӣ расиду мо халос шудем. (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Як дари даромад дошт, ки дар айни замон рӯшноӣ ҳам бояд аз ҳамон дар медаромад (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Кош моҳ мебаромад (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Ёдоварӣ: Феъли доштан ба маънии шартӣ ва ё барои ифодаи хоҳишу орзу ба шакли гузаштаи ҳикоягӣ омада метавонад; дар мавридҳои дигар вай одатан ба шакли замони гузаштаи наздик (оддӣ) омада, давомнокии амалро ифода мекунад. Чунончи, муқоиса кунед:

Ҳуқуқи намояндагӣ медоштам, таклифҳои амалӣ пешниҳод мекардам.— Кошки ҳозир пулемёт панҷсад дона тир медошт,— гуфт ҷавон.— Ин мунозира ба ҷамъомади калони ихтироъчиён, навоварон, рационализаторҳо монандӣ дошт (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Чакидан дошт чак-чак шираи ток,
Тапидан дошт аз гармӣ дили хок.

(М. Турсунзода, Чароғи абадӣ)

5. Шакли гузаштаи ҳикоягӣ дар нутқи гуфтугӯ ва адабиёти бадеӣ замони ояндаро низ ифода мекунад, ки он бо оҳанги нутқ ва бо ёрии калимаҳои ҷудогона ифода меёбад. Ин гуна тобишҳои маъноӣ дар мавриди худ бо шаклҳои за-

мони ҳозираю оянда ва ояндаи феъл ифода шуда метавонад. Масалан:

Аз шумо мепурсидем, ки соати панҷи пагоҳӣ ба клуби қишлоқ ҳозир мешудед (*С. Айнӣ,* Дохунда). Чӣ гап буду аз кӣ шунидед, фаҳмидан мехостам (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Шумоён ба куҷо? — пурсид марди рус.— Ба Сталинобод.— Бисьёр нағз, ҳамроҳ мерафтем-дия (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Гузаштаи ҳикоягии нақлӣ

Шакли замони гузаштаи ҳикоягии нақлӣ аз гузаштаи нақлӣ бо иловаи префикси ме- сохта мешавад. Тасрифаш чунин аст:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман мехондаам	1. мо мехондаем
2. ту мехондаӣ	2. шумо мехондаед
3. вай мехондааст	3. онҳо мехондаанд

Гузаштаи ҳикоягии нақлӣ низ тобишҳои гуногуни маъноӣ ва замонӣ дорад, ки онҳо аз омезиши тобишҳои маъноии нақлӣ ва ҳикоягӣ иборатанд. Ин шакл давомнокӣ ва такрори мӯлкаратии амал, натиҷа ва хулосабарории мантиқиро бо тобиши давомнокӣ ва шоҳиди воқеа набудани гӯяндаро ифода мекунад. Ғайр аз ин, шакли гузаштаи ҳикоягии нақлӣ вобаста ба матн замони гузашта, ҳозира ва ояндаро ифода карда метавонад.

Тобишҳои асосии маъноӣ ва замонии ин шакли феъл дар мисолҳои зер равшан мушоҳида мешавад:

1. Шакли ҳикоягии нақлӣ замони гузаштаи давомнок ва мӯлкаратиро мефаҳмонад. Масалан:

Сонитар фаҳмидам, ки тӯтӣ як мурғи бисьёр зебои зирак будааст. Ҳар чизро ба вай талқин кунанд, ёд мегирифтааст ва такрор карда мегуфтааст. Аммо, азбаски вай одам нест, маъниашро намедонистааст. Бинобар ин касонеро, ки маънии чизеро надониста онро ёд кардаанд, ба тӯтӣ монанд мекардаанд (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). Дар он ҷо дар заводҳои пахта ё ки дар ҷойҳои дигар кор мекардааст ва ҳар сол тобистон ба қишлоқамон баргаштааст.— Пас аз ин падараш ба ҳар куҷое, ки мерафтааст, аввал ҳасрати мӯзаи писарашро баён мекардааст (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Нақл мекунанд, ки боре Аҳмадбек дар як пуштаи нишеби мисли ёнаҳои Сафедкӯҳ душворгарде ҷуфт меронда аст (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

2. Гузаштаи ҳикоягии нақлӣ замони ҳозираи умумиро

ифода мекунад, ки он одатан натиҷа ва хулосаи мантиқиро мефаҳмонад.

Хуллас, ки хислати одам ба дилаш мувофиқ мешудааст (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Шавҳарашро аз дилу ҷон дӯст медоштааст (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Маълум мешавад, ки маро намешинохтаед.— Ин корҳоро коммунистон ва комсомолон нағз медонистаанд.— Худатон фикр кунед, умри одамизод мисли оби ҷӯй гузашта рафтан мегирифтаасту аммо худи одам бехабар мемондааст (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

3. Шакли ҳикоягии нақлӣ замони ояндаро бо мазмуни нақлӣ ифода мекунад. Чунончи:

Одамон мегӯянд, ки оқподшоҳ бачаҳои моро ба ҷанг мефиристодааст! (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Аҳоиботаш боз дар ин, ки байрақро сардори бригадаи бойдода бо фаъолонаш якҷоя дар ҳузури яке аз роҳбарони колхоз ба бригадаи ғолиб шахсан бурда месупурдааст (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

4. Гузаштаи ҳикоягии нақлӣ маънии замони гузашта ва ояндаи шартиро бо тобиши маъноии натиҷа ва хулосабарории мантиқӣ ифода мекунад.

Замони гузаштаи дур

Феъли замони гузаштаи дур аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ бо иловаи шакли замони гузаштаи феъли ёридиҳандаи **будан** сохта шуда, ба таври зер тасриф меёбад:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман дида будам	1. мо дида будем
2. ту дида будӣ	2. шумо дида будед
3. вай дида буд	3. онҳо дида буданд

Шакли гузаштаи дур низ дар мавридҳои гуногун бо тобишҳои гуногуни замонию маъной истеъмол мешавад, ки онҳоро вобаста ба мазмуни матн муайян кардан мумкин аст. Мавриди истеъмол ва маъниҳои асосии ин шакли феъл инҳоянд:

1. Феъли гузаштаи дур амали гузаштаро ифода мекунад, ки фосилаи замониаш мутлақо ё нисбатан дур аст. Ин маънӣ гоҳо аз мазмуни умумии сухан (матн), баъзан аз калимаю ибораҳои алоҳида фаҳмида мешавад. Масалан:

а) Модарам як ҷуволча тутмавиз хушконда монда буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Он вақт муборизаи синфии зидди кулакҳо дар қишлоқ ба авҷаш расида буд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Мирак дар умраш аз касе шатта нахӯрда буд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

б) Дар ин хона меҳмонҳо ҳастанд, кайҳо омада буданд.— Перорсол аз ҳар гектар 35-центнерӣ пахтаи мисрӣ дода будам (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Қариб се моҳ аз рӯи тахта ҳарфхонӣ карда будам, лекин баъд ба мактаб нарафта будам (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Саид Амон ҳунарнамоии мутрибони мумтозро борҳо дида ва шунида буд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

2. Шакли гузаштаи дур амалеро мефаҳмонад, ки пеш аз амали дигар воқеъ шуда анҷом ёфтааст. Амали дуюм дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ бештар ба шаклҳои замони гузашта (гузаштаи наздик, гузаштаи дур, гузаштаи ҳикоягӣ) ва гоҳо ба шаклҳои замони ҳозираю оянда оварда мешавад. Феъли гузаштаи дур ҳам пеш аз амали дуюм ва ҳам пас аз он омада метавонад. Мавқеи он вобаста ба сохти ҷумла мебошад. Дар баъзе мавридҳо гӯё амали якум ва дуюм ҳамчун феъли гуногуншакли ҳамзамон содир мешавад. Мисолҳо:

а) Гулнор, ки аз нармгуфториҳои аввалии ясавул ба халосии маҳбубаш умедвор шуда буд, бо суханҳои охиринаш якбора ба навмедӣ афтод (*С. Айнӣ,* Дохунда). Тугмачагуле, ки хола бо дастони ларзонаш лаби ҷӯи ҳавлиашро канда корида буд, аз гармии ҳаво пажмурда шуда буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Поезд ба Каттақӯрғон расида буд, ки фуромадам (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Кабинет ба андозае дим шуда буд, ки нафасгириро душвор мекард.— Ба бозор рафта буданд, ҳозир меоянд, амак, ба хона дароед (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

б) Фирӯза баргашта ба рӯи Карим нигоҳ кард, аммо Карим малӯлона сарашро хам карда буд.— Дар ин ҷо сӯҳбати онҳо ба охир расид, зеро ки ба дами дарвозаи ҳавлиашон расида буданд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Биё, меҳмон,— гуфт соҳибаи хона..., ки тӯппии мудаввари зардӯзиашро то ба сари абрувонаш фароварда пӯшида буд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

в) Вақте ки маҷлис сар шуд, офтоб рост ба болои сар омада буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Дар берун рӯз ба охир мерасид, якто-дуто дӯконҳои кушода ҳам баста шуда буданд ва дар кӯчаҳо равандагон кам монда буданд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

3. Шакли гузаштаи дур дар мавридҳое кор фармуда мешавад, ки амали дигар пас аз он зикр намеёбад, вале ба ягон шаклу маънӣ воқеъ шуданаш тасаввур карда мешавад. Ин мавриди истеъмол асосан ба ҷумлаҳои содда дахл дорад. Чунончӣ:

Аммо набудани хӯрок барои йигитҳо, ему хошок барои аспҳо вайро аз ҳар чӣ ҳам зиёдтар ба танг оварда буд.—

Сардори гарнизон ҳамроҳи аксарияти аскарон ба операция рафта буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Дар роҳ равандаҳои дигар низ пайдо шуда буданд.— Магар Насимҷон барин мардҳоро пеш аз ин вай надида буд? (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ронанда сару рӯяшро шуста буд.— Чанги роҳ пароканда шуда буд (*Ф. Муҳаммадиев, С*озии Мунаввар).

4. Шакли гузаштаи дури феълҳои **истодан, нишастан** (шиштан), **хобидан** (хоб кардан) ва баъзе феълҳои дигар, ки одатан ё дар мавридаш, ҳолату вазъиятро мефаҳмонад, маънии давомнокиро ифода мекунад. Дар шакли гузаштаи дури ин гуна феълҳо маънии амали гузаштаи дур ва ё пеш аз амале содиршуда қариб ҳис карда намешавад. Аз ин рӯ шаклҳои гузаштаи дури ин гуна феълҳо моҳиятан муродифи шаклҳои гузаштаи ҳикоягии онҳо мебошанд. Масалан, муқоиса кунед: нишаста буд — менишаст, хобида буд — мехобид, истода буд — меистод, гӯш дода буд — гӯш медод ва м. ин.:

а) Яроқҳо дар ҷояшон, дар гӯшаи хона истода буданд.— Колашников дар миёнҷои қалъа танҳо, чун ҳайкали пуршукӯҳ рост истода буд (*Ҳ. Ксрим,* Оқшуда). Дар паси руль Қаҳҳор нишаста буду дар паҳлӯяш Ҳасан (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар қабулгоҳи сафир (Куйбышев) Фирӯза бефаранҷӣ ва Карим ба рӯи курсиҳо нишаста буданд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Коваленко дар нишебии баланде рӯ ба замин истода хобида буд.— Ман дар хона хоб карда будам (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Дар берун дар болохона ҳама ба сӯҳбати Карим гӯш дода буданд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

б) Анбархола, ки то ин дам хомӯш гӯш карда меистод, тоқат карда натавонисту сухани ӯро аз миён бурид (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дар кабинаи автомобили боркаш ду кас менишаст (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

5. Ибораҳои хабарӣ, ки аз сифати феълӣ (бо суффикси -гӣ) ва феъли **будан** таркиб ёфтаанд, маънои гузаштаи дурро бо тобиши услуби гуфтугӯӣ ифода мекунанд. Муродифи адабии онҳо одатан ба шакли гузаштаи дур воқеъ мешавад. Чунончи: пухтагӣ буд — пухта буд, даридагӣ буд — дарида буд, баста шудагӣ буд — баста шуда буд ва ғ.

Ман, ки ҳисоби абҷадро ёд гирифтагӣ будам, ин гапҳои падарамро ба зудӣ ва осонӣ фаҳмидам...— Ҳоло ҳам бемасҳӣ будам, кафши булғорам тамоман даридагӣ буд ва бо ин кафш дар даруни лою барфи ҳавлӣ ва кӯча мегаштам (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Одилов аз дастаи ҷанговаронаш ҷудо, гирду атрофашро даҳ-понздаҳ нафар аз йигитҳои қӯрбошӣ печонида гирифтагӣ буданд.— Зан бисьёр монда шудагӣ буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Ёдоварӣ: Ибораи хабарии сифати феълии замони гузашта бо суффикси -гӣ ва шакли ҳикоягии феъли ёридиҳандаи

будан сиғаи шартиро ифода мекунад. Чунончи: Бо шунидани ин сухан рангу рӯи Гулнор аз хиҷолат суп-сурх шуд, агар чашми Ёдгорро андешаи ояндаи сиёҳ торик накардагӣ мебуд, ин ҳолати Гулнорро дида, аз аввал ҳам зиёдтар волаву шайдои вай мегардид (*С. Айнӣ,* Дохунда).

6. Ибораҳои хабарии аз сифати феълии замони оянда ва феъли **будан** сохташуда гузаштаи дурро бо тобиши сиғаи хоҳишмандӣ ифода мекунанд. Дар ин гуна таркибҳои феълӣ анҷоми замон маълум бошад ҳам, анҷоми амал ва натиҷаи он номаълум аст (гуфтанӣ будам, гуфтанӣ будӣ, гуфтанӣ буд...). Муродифи онҳо бо таркибҳои гуногуни феълӣ омада метавонад. Агар чунин таркиби феълӣ ба таври чида омада бошад, феъли будан одатан бо таркиби охирин оварда мешавад. Масалан:

Дар умри худ аввалин маротиба саргузашти худро ба рафиқонаш нақл карданӣ буд, ки чӣ тавр баъд аз революция ба гвардияи сурх даромадааст (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҳа, қиссаи рӯзи истироҳатро гуфтанӣ будам (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Олим дудила шуда, қариб таклифи саркорро қабул карданӣ буд, ки аз дур аспе шеҳа кашид (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Он шаб бо чӯра ва дугонаҳояшон аз рақсҳои тоҷикӣ сар карда, то ҳар гуна рақсҳои европагиро адо карданӣ, аз музыкаи классикӣ ва халқии тоҷикӣ то ария ва симфонияҳои бастакорони номдори рус ва Европаро шуниданӣ, ниҳоят, шабро бо сӯҳбатҳои самимона ва ҳар гуна бозиҳои дилкушои замонашон гузаронидан буданд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Гузаштаи дури нақлӣ

Замони гузаштаи дури нақлӣ аз феъли ҳол (сифати феълии замони гузашта бо суффикси -а) ва шакли феъли **будан** сохта мешавад. Тасрифаш:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман рафта будаам	1. мо рафта будаем
2. ту рафта будай	2. шумо рафта будаед
3. вай рафта будааст	3. онҳо рафта будаанд

Шакли гузаштаи дури нақлӣ ҳам, монанди гузаштаи дур, амалеро мефаҳмонад, ки пеш аз рӯй додани амали дигар воқеъ шуда анҷом ёфтааст ва натиҷааш низ аён аст. Ин шакл ҳам дар нақли мазмуни сухани дигарон ва ҳам дар хулосабарории мантиқӣ кор фармуда мешавад. Ба кадом маънӣ омадани он дар матн муайян мегардад. Масалан:

Падарам хату савод дошта, дар вақтҳои ҷавониаш чанд сол дар мадрасаҳои Бухоро истиқомат карда будааст.— Мад-

расаи Олимҷон дар аввал барои мадраса бино карда нашуда будааст (*С. Айнӣ*, Куллиёт, ҷ. 1). Ҳамон шаб бо мақсади гарнизонро пахш кардан чандсадто босмачиён омада будаанд (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Хайрият, ки дадем хобида будаанд (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Раиси физкультурачиҳо марди деҳқонро аз калонҳои колхозаш махсусан талабида оварда будааст, ки кори Аҳмадбекро имрӯз то бегоҳ давом диҳад (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар).

Замони гузаштаи дури давомдор (муайян)

Замони гузаштаи дури давомдор (муайян) аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ ва шакли гузаштаи дури феъли ёридиҳандаи **истодан** таркиб меёбад. Дар ин гуна таркиб феъли ёридиҳандаи **истодан** маънии давомнокии амал, ёридиҳандаи **будан** гузаштаи дурро мефаҳмонад. Тасрифаш чунин аст:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман дида истода будам	1. мо дида истода будем
2. ту дида истода будӣ	2. шумо дида истода будед
3. ӯ дида истода буд	3. онҳо дида истода буданд

Шакли гузаштаи дурк давомдор (муайян) одатан амали гузаштаеро мефаҳмонад, ки то вуқӯи амали дигари замони гузашта ҷараён дошта, дар айни давоми он амали дигар содир мешавад. Ба ин маънӣ ду амали замони гузашта дар як вақт воқеъ мегардад. Баъзан ҷараёни амали давомдор бо содир шудани амали дигар қатъ мешавад. Ин маъниҳо вобаста ба сохту мазмуни сухан бо тобишҳои ҷудогонаи зерин ифода меёбанд:

1. Дар ҷумлаҳои мураккаб, махсусан мураккаби тобеъ, ду амали дар як вақт воқеъшудае мушоҳида мешавад, ки гоҳо вуқӯи яке боиси қатъи дигаре шудааст. Дар ин маврид якбора бурида шудани ҷараёни амали аввала бевосита маълум аст:

Бесабрӣ карда аз хонаи мо рафтӣ, ман барои ту либос тайёр кунонда истода будам (*С. Айнӣ*, Куллиёт, ҷ. 1). Командир ҳайрон шуда истода буд, ки аз паси одамон Заҳро баромад (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Хола Анбар худ ба худ ҳандида истода буд, ки аз берун Ойими Шоҳ омада даромад (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

2. Барои ифодаи қатъи амали дури давомнок амали дигари замони гузашта зикр наёфта бошад ҳам, ин маънӣ умуман тасаввур карда мешавад:

Дуруст аст, ки ман ин ҷо бисьёр чиз ёд гирифта истода бу-

дам (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. I). Коваленко бо як пояш лангида, ба ақибаш, сӯи босмачиён тирхоликунон ба тарафи баландӣ баромада истода буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Омадани шуморо маътал шуда истода будам (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

3. Ин шакли феъл дар ҳолати муайяне давом доштани амалро мефаҳмонад, ки дар ин ҳолат зикр ё тасаввур кардани амали дигари замони гузашта шарт нест. Чунончи:

Ман аввалин бор буд, ки дар Бухоро ин гуна одамони зиндадил ва адабиётчиро дида истода будам (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. I). Як қабза мӯйҳои сафедаш аз таги рӯймолчаи сурх, ки ба сараш баста буд ва онро ба муносибати кадом иде дастаи пионерони қишлоқ ба вай тӯҳфа карда буданд, баромада истода буд.— Маълум шуд, ки «КИМ»-чиён дар зарфи 52 рӯз плани худро аз 100 фоиз зиёда иҷро намуда, ...каналро тайёр карда, дирӯз инҷониб ба колхозҳои ҳамсояашон ёрӣ дода истода буданд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

4. Баъзан дар ифодаи маънии грамматикӣ шакли гузаштаи дури давомдор (муайян) ва гузаштаи ҳикоягӣ муродифи ҳамдигар шуда метавонанд. Чунончи, муқоиса шавад:

Ошпаз палавро дам карда истода буд.— Котиби ячейка бо ду нафар колхозчиён гап зада истода буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Рӯзи серкор ва пур аз ташвиш ба охир мерасид (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).— Рӯзи серкор ва пур аз ташвиш ба охир расида истода буд.

Гузаштаи дури давомдори (муайяни) нақлӣ

Замони гузаштаи дури давомдори (муайяни) нақлӣ аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ ва феъли ёридиҳандаи истодан дар шакли гузаштаи дури нақлӣ ташкил меёбад. Тасрифаш чунин аст:

Танҳо	Ҷамъ
1. рафта истода будаам	1. рафта истода будаем
2. рафта истода будай	2. рафта истода будаед
3. рафта истода будааст	3. рафта истода будаанд

Ин шакли феъл тобишҳои маъноии гузаштаи дури давомдор (муайян)-ро ба маънои нақлӣ ифода мекунад ва аз ин рӯ дорои тобишҳои маъноии шакли нақлии феъл мебошад. Масалан:

Шоқул як гургро дидааст, ки як гӯсфандро кафонида хӯрда истода будааст (*С. Айнӣ,* Ятим). Шумо як асари нав навишта истода будаед. Коргарон ба намоиш тайёрӣ дида истода будаанд.

Замони гузаштаи эҳтимолӣ

Феъли гузаштаи эҳтимолӣ амали воқеъшудаеро мефаҳмонад, ки гӯянда дар бораи он бо шубҳаю тахмин, гумону эҳтимол сухан меронад (*ниг.* **сиғаи эҳтимолӣ**).

Гузаштаи эҳтимолӣ аз сифати феълии замони гузашта бо суффикси **-гӣ** ва иловаи бандакҳо сохта мешавад. Вай ду тарзи ифода дорад: тарзи якум: ман хондагиям, ту хондагӣ, вай хондагист; мо хондагием, шумо хондагиед, онҳо хондагиянд; тарзи дуюм (аз шахси сеюми танҳо бо иловаи бандакҳо): ман хондагистам, ту хондагистӣ, вай хондагист (ем, ед, анд).

II. Замони ҳозираи феъл

Феъли замони ҳозира амалеро мефаҳмонад, ки ҳангоми сухан кардан дар бораи он давом дорад. Масалан: Ман баъдтар шарҳ хоҳам дод, ки чаро маҳз 18 сентябрь гуфта истодаам, чаро таърихи воқеаҳои ҳаёти шуморо ин қадар боэътимод таъкид мекунам (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Дар ин ҷумла феъли **шарҳ хоҳам дод** замони ояндаро мефаҳмонад. Аммо феълҳои **гуфта истодаам** ва **таъкид мекунам** замони ҳозира буда, амали дар вақти сухани фоил (субъект) содиршуда ва давомдоштаро ифода мекунанд. Дар забони ҳозираи тоҷик маънии грамматикии замони ҳозира асосан бо ду шакли маъмулу серистеъмоли феъл ифода меёбад, ки яке **ҳозираи давомдор** (ҳозираи муайян), дигаре ҳозираю оянда мебошад. Маънии замонӣ дар шакли ҳозираи давомдор муайяну возеҳ, аммо дар шакли ҳозираю оянда сертобиш аст ва тобишҳои маъноии он танҳо вобаста ба мазмуни матн муайян мегардад.

Баъзан ба кадом маънии замонӣ омадани феъли ҳозираю оянда аз худи ҷумла не, балки алоқамандона бо ҷумлаҳои дигар равшан мешавад. Чунончи:

Онҳо ба давлати нав, ба Ҳукумати инқилобии нави худ хизмат мекунанд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Гапро дигар мекунанд, аз пичир-пичир ба пиқир-пиқир мегузаранд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Замони ҳозираи давомдор (муайян)

Феъли ҳозираи давомдор (муайян) аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ ва шакли гузаштаи нақлии феъли ёридиҳандаи **истодан** таркиб меёбад. Тасрифаш чунин аст:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман шунида истодаам	1. мо шунида истодаем
2. ту шунида истодаӣ	2. шумо шунида истодаед
3. вай шунида истодааст	3. онҳо шунида истодаанд

Шакли ҳозираи давомдори феъл барои ифодаи маъниҳои зерин истеъмол мешавад:

1. Ҳозираи давомдор (муайян), ки амали дар айни ҳол ҷараёндоштаро мефаҳмонад:

Мо номи Партияи Коммунистиро вирди забон намуда, дар тамоми соҳаҳо ғалаба кардем ва бо номи Партия дар ин фронт ҳам ғалаба карда истодаем ва ғолиб хоҳем шуд!

— Вахш рафта истодаӣ? — Ситораҳо дар осмони баланд ҷим-ҷимак зада истодаанд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Писараш подаро ба чарогоҳ ронда истодааст (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Бахти ту акнун гул карда истодааст, аз хазон ёд макун! (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

2. Ҳозираи давомдор, ки ҷараёни доимии амалро ифода мекунад:

Аз рӯи хабарҳои пухтае, ки ҳаррӯза ба ман расида истодааст, кори мо он қадар хуб нест (*С. Айнӣ,* Дохунда). Шаш моҳ боз вай дар ҳамон мактабе, ки номашро ҳозир ҳам намедонам, хонда истодааст.— Ин мардумони софдил, пурзӯр ва бағайрати кӯҳӣ дар ҳар қадам намунаҳои қаҳрамонӣ нишон дода истодаанд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

3. Шакли ҳозираи давомдор, ки маънии замони гузаштаро низ ифода карда метавонад. Ин маънӣ дар ҷумлаҳои муракkаби тобеъ, ки бо пайрави муайянкунанда ва пуркунанда омадаанд, мушоҳида мешавад. Феъли ҷумлаи пайрав пас аз феълҳои ба шакли замони гузашта омадаи сарҷумла (**дидан, шунидан, донистан, пиндоштан, ниғоҳ доштан, нигоҳ кардан, пай бурдан, ҳис кардан** ва м. инҳо) амали бардавоми гузаштаеро мефаҳмонад, ки ба шакли замони ҳозира воқеъ шудааст. Масалан:

Ӯ ин гуна ҳикояҳоро бо камоли ҷиддият ва бо боварии тамом нақл мекард ва **мепиндошт,** ки ман ҳам тамоман **бовар карда истодаам** (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Ҳамин ки сарашро бардошт, дид, ки ҳамшира дар паҳлӯяш **хандида истодааст** (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Дар он гӯрхона ман на ин ки аз дуньё хабар надоштам ва **намедонистам,** ки **инқилоб шуда истодааст,** балки аз худам бехабар будам.— Саидпаҳлавон **ҳис мекард,** ки вай оҳиста-оҳиста чӣ будани инқилобро фаҳмида, худаш ҳам аз ҳавои инқилоб **нафас кашида истодааст** (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дар кӯча касеро **диданд,** ки як бузро ба тарафе кашолакунон **бурда истодааст.**

Замони ҳозираю оянда

Феъли замони ҳозираю оянда аз асоси замони ҳозира бо иловаи префикси **ме-** сохта шуда, бо бандакҳои феълӣ тасриф меёбад. Масалан:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман меравам	1. мо меравем
2. ту меравӣ	2. шумо меравед
3. ӯ меравад	3. онҳо мераванд

Ёдоварӣ: 1. Феъли **доштан** (ба маънои доро будан, соҳиб будан) аз ҷиҳати сохт ғайри қоидаи умумии шакли ҳозираоянда, вале айнан ба ҳамон маъно, ба шакли аорист (бе префикси **ме-**) тасриф мешавад: дорам, дорӣ, дорад (дорем, доред, доранд).

Дигар намедонам, дар гирду атроф боз киҳо аз ин доранд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Паҳлавонон зотан пайкари салобатнок доранд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

2. Феъли **доштан** ба маъниҳои дигар, дар феълҳои таркибии номӣ (дӯст доштан, нигоҳ доштан, пинҳон доштан) ва феъли бордоштан дар шакли ҳозираю оянда префикси **ме-**қабул мекунад. Аз одамоне, ки чашм аз ҳамсӯҳбат пинҳон медоранд, эҳтиёт шудан даркор, мегӯянд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Ман инро аз куҷояш медорам?

3. Феъли **дӯст доштан** ба ду шакли баробармаъно — ҳам ба шакли ҳозираю оянда ва ҳам ба шакли аорист (бештар дар назм) омада метавонад: Ба назарам, пиразан ҳам туро дӯст медорад (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дӯст дорам рӯи некӯи туро.

Феъли замони ҳозираю оянда шакли муштаракест, ки бо моҳияти грамматикии худ тобиши маъноии ҳар се замонро ифода карда метавонад. Чунин тобишҳои маънӣ дар матн муайян мешаванд:

1. Шакли ҳозираю оянда амали доимии бо замони ҳозира алоқамандро мефаҳмонад, ки он ба таври умумӣ, анъанавӣ, аз рӯи одат воқеъ мешавад, яъне маънои замонии амал ҳозир ва умуман мебошад. Масалан:

Духтарҳои мо забони туркиро намедонанд, аммо ӯзбекиро мефаҳманд (*Ҷ. Икромӣ.* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Аз қади хӯроку аз бари пӯшок мезанаду пул меғундорад.— Боз ин тавр ҳам мегӯянд, ки роҳбарон дер наемонанд, балки банд шуда мемонанд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Кемаи Мунаввар-шоҳ одаму мошинҳоро аз ҳамон наҳр мегузаронад.— Сал меронад... Ниҳол мешинонад... Танбӯр менавозад,— ҳамаи ҳунарҳои навозандаи ношиносро якбора қатор кард соҳибаи хона (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

2. Шакли ҳозираю оянда амали доимии хоси шахсу предметро ифода мекунад:

Ман ба мобайни одамон даромада, ба ҳар ош қатиқ шуданро бад мебинам.— Мегӯянд, ки ситораҳо низ заминро ба андозае равшан мекунанд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Бобӣ-мӣ? — гуфт ва ҳамчун паррандаи гуруснае, ки ба сайди худ ҳамла мекунад, рост аз ҷояш хест (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Пахта дар ҷойҳои гарму сероб мерӯяд. Амударьё ба баҳри Арал мерезад. Боғи бахил сабз намешавад.

3. Шакли ҳозираю оянда амали замони ҳозираро мефаҳмонад, ки он ё дар айни ҳол давом дорад ва ё бо лаҳзаи муайян маҳдуд аст. Давомнокии амал бо маънии феъли ҳозираи давомдор (муайян) мувофиқат дорад. Чунончи:

Мебинам, ки шумо аз гуфтаҳои ман ҳайрон мешавед.— Ҳоло пушаймон мешаваму суд намекунад (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ман, Фирӯза, аз клуби занҳо гап мезанам (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Дада, биёед, шуморо фарьёд мекунанд.— Мо боз ҳар ду дар як хона, дар маҳаллаи МТС истиқомат мекунем.— Ин кист? Кӣ менавозад? (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

4. Шакли замони ҳозира-оянда амали замони ояндаро мефаҳмонад, ки дар он тобиши ҳозира нест. Масалан:

Он шаб қарор доданд, ки пас аз як ҳафтаи дигар падару писар ба Бухоро мераванд ва аз аҳволи наздиконашон хабар гирифта бармегарданд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ман ба ҳамроҳонам даромада мегӯям, ки ба Конибодом рафта, дар ҳавлии ошноям мехобаму пагоҳӣ баргашта меравам.— Рӯзҳои сахт гузашта мераванд, калон мешавӣ, фаромӯш мекунӣ (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Шакли ҳозира-оянда амали замони ояндаро бо тобиши маънои шарт, хоҳишу амр ифода карда метавонад, ки чунин тобишҳои маъноӣ одатан бо шакли аорист ё фармоиш ифода меёбанд. Дар ин маврид префикси ме- тобиши префикси би-ро дорад. Чунончи:

Ошьён гар мегузорӣ, дар дили инсон гузор (*М. Турсунзода).* Шумо, ҷаноб, маро мебахшед, манфиати давлат, ватан инро талаб менамояд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Илоҷи ту ҳамин, ки ё аз ҷон мегузарӣ, ё ба дилдорат мерасӣ! —Агар ба ман аз Москва ва ё Тошкент телефон шавад, ҷеғ мезанед (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

5. Шакли замони ҳозираю оянда барои ҷоннок кардани тасвир дар нақли воқеаи гузашта кор фармуда мешавад, ки маънои замони гузаштаро дорад. Масалан:

Чун агент мебинад, ки ҷанг мешавад, маҷбур мешавад, ки озод кардани маҳбусонро аз амир талаб кунад. Амир ваъда медиҳад. Аммо аскарон ин ваъдаро бовар намекунанд ва мегӯянд, ки «мо рафта ба дасти худ маҳбусонро халос мекунем» (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. I). Николай Тихонов ҳикоя

мекунад, ки боре бо сардории ӯ чанд нафар нависандагони советӣ... ба Қарочӣ мераванд. Вақте ки ба сарҳад наздик меояд, сардори посбонон... ба назди онҳо меояд ва бо тамоми дастуру қоидаҳои ҳарбӣ ҳуҷҷатҳои онҳоро талаб мекунад. Онҳо ҳуҷҷатҳоро ба дасти ӯ медиҳанд. Сардор тасодуфан аввал ҳуҷҷати Мирзо Турсунзодаро мекушояд, якбора бар рухи чиддии ӯ табассум гул мекунад (*М. Миршакар,* Садои Шарқ, 1971, № 9).

III. Замони ояндаи феъл

Феъли замони оянда амалеро мефаҳмонад, ки он пас аз лаҳзаи нутқ, яъне баъд аз сухан рондан дар бораи вай воқеъ мешавад. Ба эътибори чунин маънии грамматикӣ чанд шакли феълӣ мавҷуд аст, ки бевосита ё вобаста ба матн замони ояндаро ифода мекунад. Шаклҳои зерини феъл ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд.

Феъли фармоиш

Феъли фармоиш замони ояндаро ифода мекунад ва фақат шахси дуюми танҳову ҷамъ дорад, ки шахси танҳои он асоси замони ҳозира ҳисоб меёбад: **паз — пазед (пазетон),** **хӯр — хӯред (хӯретон)** ва ғ.

Ин шакли феъл бо префикси **би-** омада метавонад (бирав— биравед) ва шакли танҳои он гоҳо дар назм бо префикси ме- меояд (мерав, мехон, мебошад). Тобишҳои маъноии феъли фармоиш дар матн зоҳир мешаванд (*ниг.* **Сиғаи амр**).

Аорист

Шакли аористи феъл аз асоси замони ҳозира бо иловаи бандакҳои шахсии феъл сохта шуда, ба таври зер тасриф меёбад:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман хонам	1. мо хонем
2. ту хонӣ	2. шумо хонед
3. вай (ӯ) хонад	3. онҳо хонанд

Чунон ки дида мешавад, шахси дуюми ҷамъи аорист аз ҷиҳати сохт айнан монанди шахси дуюми ҷамъи феъли фармоиш мебошад (хонед — хонетон ва ғ). Шакли аорист ҳам бо префикси **би-** омада метавонад. Чунончи:

Биё, додарам, ҳар ду як гуштин бигирем.— Саид Амон мехост бигӯяд, ки ин манзараро надида ҳам медонист, ки ҳама мунтазиранд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Шакли аорист дар забони адабии пешинаи тоҷик (забони адабиёти классикӣ), монанди шакли ҳозираю ояндаи феъл, ҳам маънии замони ҳозира ва ҳам маънии замони ояндаро ифода мекард. Аммо дар забони адабии ҳозира вай асосан замони ояндаро далолат мекунад, ки ин ба мафҳуми истилоҳи «аорист» мувофиқат дорад.

Аорист аз шаклҳои сермаънии феъл аст. Вай бо чунин хусусияти худ дар матн тобишҳои гуногун пайдо мекунад (*ниг.* **Сиғаи шартию хоҳишмандӣ**). Аорист дар ҷумла тобишҳои сиғавии шарту хилоф, хоҳишу таъкид, тахмину эҳтимол ва монанди инҳоро гоҳо бевосита, баъзан бо ёрии калимаю ибораҳои махсус ифода мекунад. Масалан:

Агар натарсӣ, ҳо ана, ба он ҷо, ба сари роҳ рафта ист.— Албатта равад, ба мактаб хонад, мулло шавад (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Ҳамин ки Бухоро ба даст дарояду ҷанг тамом шавад, вай моро ҷеғ зада, ба ҳар кадом як мансабу як вазифа месупорад.— Қанду гулоб харида диҳам? (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Вазифаи мо иборат аз он аст, ки муваффақиятҳои ба даст омадаро на танҳо мустаҳкам кунем, балки онҳоро афзунтар гардонем.— Имсол бинокорон бояд корҳои зиёдеро анҷом диҳанд *(Тоҷикистони Советӣ).*

Феъли ҳозира-оянда

Чунон ки пеш аз ин дида шуд, феъли ҳозира-оянда аз асоси замони ҳозира бо префикси **ме-** ва иловаи бандакҳои шахсии феъл сохта мешавад. Тасрифаш:

Танҳо	**Ҷамъ**
1. ман мебароям	1. мо мебароем
2. ту мебарой	2. шумо мебароед
3. вай мебарояд	3. онҳо мебароянд

Шакли ҳозира-ояндаи феъл, ғайр аз ифодаи амали доимию давомноки замони ҳозира ва нақли амали гузашта, вобаста ба маънии номаш амали замони ояндаро ҳам мефаҳмонад. Чунончи, дар мисолҳои зерин замони оянда ифода меёбад:

Ана ҳамин когазро як илоҷ карда ба Пушин мебарӣ ва ба дасти начайлики гарнизон, яъне ба калони аскарони сурх месупорӣ (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Хайр акнун ман ба ҳавлӣ медароям,— гуфт ниҳоят Дилбар (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Охир, вай мункир шуда метавонад (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Пас аз масофае

мебинӣ, ки наҳре аз даре баромада, ба Панҷ мерезад (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Вақто ки муқарраб шудӣ, аввало худат. пеши ӯро гирифта меистӣ, баъд ба ман, ба Чека хабар дода меистӣ, мо чораи кори ӯро мебинем (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Замони ояндаи дур

Ин шакли феъл аз асоси замони ҳозираи феъли ёридиҳандаи **хостан** (хоҳ) ва шакли масдари мухтасари феъли асосӣ, ки ба асоси замони гузашта баробар аст, таркиб меёбад. Ҷузъи якум (феъли ёридиҳанда) доимист, бандакҳои феълӣ қабул карда, шахсу шумораро мефаҳмонад. Префикси инкорӣ низ бо ҳамин ҷузъ меояд (хоҳам рафт — нахоҳам рафт). Ҷузъи дуюм (феъли асосӣ) вобаста ба ифодаи маънии луғавӣ иваз шуда меистад ва тасриф намеёбад. Масалан:

Танҳо	Ҷамъ
1. ман хоҳам гуфт	1. мо хоҳем гуфт
2. ту хоҳӣ гуфт	2. шумо хоҳед гуфт
3. вай (ӯ) хоҳад гуфт	3. онҳо хоҳанд гуфт

Замони ояндаи дур шакли адабӣ-китобӣ буда, дар забони ҳозираи тоҷик ҳам ба ҳамин услуб мувофиқ кор фармуда мешавад. Ин шакли феъл амали дар оянда воқеъшавандаро мефаҳмонад, ки фосилааш баъзан дур, гоҳе наздику умумӣ тасаввур мешавад. Замони ояндаи дур таъкид, қатъият ва вуқӯи муқаррарии амали ояндаро ифода мекунад. Чунончи:

Худи ҳамин қайд нишон медод, ки ҳеҷ кор нахоҳад шуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1). Рафиқ командир, аввал босмачиёнро нест кунем, баъд истироҳат хоҳем кард.— Дигар занон, соҳибони тӯю маъракаҳо рӯймол, сӯзанӣ ва рӯҷоҳои худро барои нақшкашонӣ бардошта нахоҳанд омад (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). То зиндаем, аз шумо миннатдор хоҳем буд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Саид Амон... медонист, ки (мутриб) имрӯз ҳам, фардо ҳам дар «боми деҳа» нишаста, он асбоби сеҳрноки худро хоҳад навохт (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Дар панҷсолаи нӯҳум дар республикаамон пахтакорӣ, ҳамчун соҳаи асосӣ ва пешбарандаи хоҷагии қишлоқ, тараққӣ хоҳад кард *(Тоҷикистони Советӣ).*

Замони ояндаи эҳтимолӣ

Сиғаи эҳтимолӣ шакли ҳозира-оянда ҳам дорад, ки бештар замони ояндаро далолат мекунад. Ин шакли феъл аз сифати феълии замони ҳозираю оянда бо суффикси **-гӣ**

ва шакли пурра ё кутоҳи бандакҳои хабарӣ сохта мешавад (*ниг.* **Сиғаи эҳтимолӣ**).

Замони ҳозира-ояндаи эҳтимолӣ ду тарзи ифода дорад: тарзи якум: мерафтагиям, мерафтагӣ, мерафтагист ва ғ; тарзи дуюм: мерафтагистам, мерафтагистӣ, мерафтагист (ем, ед, анд):

Албатта Фирӯза хун мехӯрдагист, метапидагист, ба идораҳо сар мезадагист, ба чека мерафтагист.— Ягон гап мепурсидагиянд, ягон кор мефармудагиянд, ба ҳар ҳол ягон масъалаи муҳим будагист (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). То баҳор сохта тамом мекардагистем-а, рафиқ Баротов? (*С. Улуғзода,* Навобод).

Сохти феълҳо

Чунон ки дар ҳиссаҳои дигари нутқ дида мешавад, ифодаи маънӣ, тобишҳои маъноӣ ва грамматикии феъл ҳам вобаста ба сохту таркибҳои феълӣ ифода меёбанд. Ин гуна тобишҳои маъноӣ, грамматикӣ ва ҳатто услубиро дар категорияҳои феъли монда ва гузаранда, бевосита ва бавосита, шуҳудӣ ва нақлӣ, мутлақ ва давомдор, инчунин дар сиғаҳо ва шаклҳои замонии феълҳо мушоҳида кардем.

Пас, мурод аз сохти феълҳо муайян кардани шаклҳои феъл, тарзу воситаҳои калимасозӣ ва таркибсозии феълҳо мебошад, ки ифодаи маъниҳои феълӣ ба онҳо вобаста аст. Шакл — қолиби ифодаи маъност. Дар ҳақиқат маънои феъли **гирифтан** дигар асту **даргирифтан** дигар. Монанди ҳамин, феълҳои зерин, ки аз ҷиҳати шаклу таркиб фарқ мекунанд, аз ҷиҳати маъно ва тобишҳои маъноӣ ҳам фарқ доранд: **гаштан — баргаштан — бозгаштан, истодан — бозистодан, хӯрдан — вохӯрдан, намудан — вонамудан, тезонидан — тез кардан**; ҳамчунин таркибҳои феълии **устувор кардан — устувор шудан — устувор гардидан, омада мондан, монда рафтан, гуфта додан** ва ғайра.

Ғайр аз ин, дар тарзу мавриди истеъмоли услубии ин гуна шаклу таркибҳои феълӣ ҳам каму беш фарқ дида мешавад. Яке дар ҳамаи услубҳои забони адабӣ серистеъмол, дигаре камистеъмол ё хоси яке аз услубҳо мебошад; яке тобиши адабӣ-китобӣ, дигаре хусусияти гуфтугӯӣ дорад; як тарзу воситаи феълсозӣ сермаҳсул, дигаре каммаҳсул аст ва ҳоказо.

Ҳамин тариқа, вобаста ба сохти феълҳо маъноҳои лозимаи луғавӣ, грамматикӣ ва тобишҳои услубии онҳо ифода меёбанд. Феълҳо аз ҷиҳати сохт гуногунанд, вале аз рӯи қоидаҳои муайян таркиб ёфта, ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: **феълҳои содда, феълҳои сохта, феълҳои таркибӣ.**

Феълҳои содда

Феълҳое, ки аз ҷиҳати сохти морфологӣ ба шакли холис (бе суффиксу префикси калимасоз) воқеъ шудаанд, **феъли содда** номида мешаванд. Масалан: **афтидан, боридан, бурдан, гаштан, гузаштан, гуфтан, давидан, дидан, додан, доштан, дӯхтан, ёфтан, задан, истодан, кофтан, кушодан, ларзидан, мондан.**

Феълҳои **омадан, овардан, андохтан, пазируфтан** ва **пайвастан** таърихан бо аффиксҳои **о-, ан-, паз-, пай-** сохта шудаанд. Вале бо мурури замон аз сабаби гум шудани тобиши маъной ва ҳамчун калимаи рехта ба ҳам омехтани ҷузъҳо ба гурӯҳи феълҳои содда дохил шудаанд.

Феълҳои сохта

Феълҳое, ки ба воситаи префикс ва суффиксҳои калимасози феъл сохта шудаанд, **феъли сохта** ном доранд. Чунончи: **бардоштан, даромадан, бозгаштан, вохӯрдан, талабидан, коллективонидан, хондан, шӯёндан** ва ғайра.

Аффиксҳои калимасоз на танҳо маънии луғавии феълҳоро тағьир медиҳанд, балки баъзе аз онҳо тобишҳои грамматикӣ низ ба вуҷуд меоваранд. Воситаҳои калимасози феъл инҳоянд:

Префиксҳои феълсоз

Дар забони ҳозираи тоҷик бо префиксҳо сохта шудани феълҳо чандон сермаҳсул набошад ҳам, аҳамияти калимасозии онҳо зиёд аст. Префиксҳои маъмули забони ҳозира инҳоянд:

1. Префикси **бар-**. Ин префикс дар феъл маънои ба боло, бар рӯй ва сатҳ ҳаракат доштанро ба вуҷуд меоварад. Масалан: гаштан — **баргаштан**, дамидан — **бардамидан**, доштан — **бардоштан**, ниҳодан — **барниҳодан**, овардан — **баровардан**, омадан — **баромадан**, хостан — **бархостан**, ҷастан — **барҷастан** ва ғ.

Префикси **бар-** дар баъзе феълҳо тобише ба вуҷуд оварда, маънои луғавии феълро тағьир диҳад ҳам, маънои аввалаи худи он префикс нигоҳ дошта намешавад: задан — **барзадан**, кашидан — **баркашидан**, хӯрдан — **бархӯрдан**, гузидан — **баргузидан** (интихоб кардан) ва м. ин.

Ҳар се аз ҷо бархоста, берун баромаданд.— Инро пай бурда, вай боз зӯр зад, боз тамошобинон ғулғула бардоштанд (Ҷ. *Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Котиб аз болои ко-

газ сар бардошт (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Баъди як моҳ Аҳмадбек аз саф баргашт.— Мард ба тарафи духтарак хам шуда, аз қуттие, ки дар поёни кабина, дар муқобили ӯ воқеъ буд, сачоқеро бароварД (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

2. Префикси **дар-** бо феъл омада, маънои равон шудан ба дарун, дар ҳолате буданро мефаҳмонад. Чунончи: омадан — даромадан, овардан — даровардан, афтодан — дарафтодан, гирифтан — даргирифтан, мондан — дармондан, гузаштан —даргузаштан, расидан — даррасидан, ёфтан — дарьёфтан ва ғайра.

Кампир баромада рафту пас аз дақиқае Насимҷон ба хона даромад.— Насимҷон давида рафта, холаашро бардошта гирифт ва садқаю балогардон шуда, ба хона дароварду ба замин гузошт (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ва ба хаёлаш дарҳол зарбулмасали машҳури халқ «аввал пурсиш, баъд кушиш» даррасид (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Худат дарьёб. Қаҳрат наояд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

3. Префикси **боз-** маънои феълро қувват медиҳад ва тобиши нави маъноӣ пайдо мекунонад: доштан — **боздоштан,** гаштан — **бозгаштан,** истодан — **бозистодан,** мондан — **бозмондан,** хостан — **бозхостан.**

Бо шунидани ин сухани ман Қорӣ-ишкамба аз роҳ рафтан бозистод (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Синааш, ки чун дами оҳангарӣ пасту баланд мешуд, оҳиста-оҳиста гӯё аз ҳаракат бозмонд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Милиционерҳо сагҳоро ронда, онҳоро боздоштанд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

4. Префикси **во-** маънои ҳаракат ба сӯи предмет ва тобишҳои дигари маъноиро ифода мекунад: хӯрдан — **вохӯрдан** (рӯ ба рӯ шудан), намудан — **вонамудан** (нишон додан), растан — **ворастан** ва ғайра:

Гоҳо аспакие ё аробае вомехӯраду бас (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Он марди ношинос худро сайёҳ вонамуд.

5. Префикси **фур-** (аз **фурӯ** ва **фуруд**) ба феъл илова шуда, ба он маънои ба поён равона шуданро медиҳад ва монанди префикси **во-** каммаҳсул аст. Чунончи: **омадан — фуромадан, овардан — фуровардан:**

Дар ҳар ҷанге инҳо шамшерро луч карда, тӯғрӣ ба атака фуромадан мегиранд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Қодирову соҳибхона пасу пеш фуромада, ба ҳавлӣ даромаданд.— Ҳар ду ба қишлоқ фуромаданд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Мо борҳоро фуровардем.

6. Префикси **фар-** ҳамчун вариант айнан тобиши маъноии префикси **фур-**ро дорад: фаромадан//фуромадан, фаровардан //фуровардан.

Фузайл суханашро ҳанӯз тамом накарда буд, ки аз тарафи Ҳоит дар аспи калони ҷирани кафккарда як савора тозон рост ба пеши ӯ омад ва дарҳол аз аспаш фаромад (*Ҳ. Карим,*

Оқшуда). Ҳайдарқул пеш-пеш, Саидпаҳлавон, Мирак ва Асо аз қафои вай ба пеши дарвоза, ба роҳи калон фаромаданд (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Ёдоварӣ: Маънои мустақили калимаҳои **фурӯ**, **фуруд**, **фаро** хеле суст шуда бошад ҳам, онҳо ҳанӯз пурра ба гурӯҳи префиксҳои калимасози феъл нагузаштаанд. Бинобар ин бо феъл омадани онҳо зоҳиран ҳамчун феъли таркибии номӣ воқеъ мегардад: *фурӯ рафтан, фурӯ нишастан,* фурӯ овардан, фурӯ бурдан, фуруд омадан, фуруд овардан.

Дар ин мисолҳо калимаи **фурӯ** ва **фуруд** бо феъл тобиши маъноии префиксҳои **фур- ва фар**-ро доранд. Аммо калимаи **фаро** ҳаракати атрофи чизеро ифода мекунад: *фаро гирифтан, фаро расидан...*

Офтоб фурӯ рафт, торикӣ ҳам кам-кам дунъёро фаро гирифт, ҳанӯз аз Бозор ва Сафар хабар нест (*С. Айнӣ*, Дохунда). Кадом Аҳмадбекро? — пурсид ҷавон дар ҳолате ки банохост вуҷудашро ҳаяҷоне фаро гирифту нафас дар гулӯяш печида буд (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар).

Мавқеи префиксҳои калимасози феъл нисбат ба префиксҳои шаклсози ме- ва на-

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳангоми бо префиксҳои шаклсози феъл **ме-** ва **на-** омадани феълҳо мавқеи баъзе аз префиксҳои калимасози феъл устувор, баъзеаш ноустувор аст.

Чунончи, мавқеи префиксҳои **бар-, дар-** дар аксарияти феълҳо устувор аст, бинобар ин префикси **ме-** ва **на-** пеш аз онҳо меояд: **баромад — набаромад — мебаромад — намебаромад; даромад — надаромад — медаромад — намедаромад** ва м. ин.

Дар баъзе феълҳо мавқеи **бар-, дар-** ноустувор буда, префиксҳои ме- ва на- пас аз онҳо меоянд: **даргирифт — дарнагирифт — дармегирифт — дарнамегирад; баргашт — барнагашт — бармегардад — барнамегардад...**

Префиксҳои **фур//-фар** дар ҷои худ муқиманд, аз ин ҷиҳат префиксҳои ме- ва на- пеш аз онҳо меоянд: *фуромад — нафуромад* — мефуромад — намефуромад...

Дар феълҳои бо префикси **боз-** ва **во-** сохташуда ме- ва на- пас аз ин префиксҳо меояд: *бозгашт — бознагашт* — бозмегашт — бознамегардад; воҳӯрд — вонахӯрд — вомехӯрд — вонамехӯрад.

Акнун шилдирас зада садо мебарорад ва сангрезаҳоро ғелонда ба чуқуриҳои гузаргоҳи худ хобонда, роҳи худро ҳамвор мекунад.— Боз агар як миқдор роҳ равед, ниҳоят ба миёнаҷои дара мерасед, ки дар он ҷо аз як чашмаи равони шаршарадоре, ки аз камари кӯҳ шаррос зада мефурояд, ҷӯи пур-

обе дар ҷавлон аст (*С. Айнӣ*, Дохунда). Барои кор ба шаҳр меравем, баъд аз се моҳ бармегардам.— Рӯзе Бобӣ ба чӣ хаёле ба канори наҳр мефуромад (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Ин хабар бояд аз остонаи ин хона берун набарояд (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ҳар ҷо-ҳар ҷо сутунчаҳои сарҳадди давлатӣ вомехӯранд (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар).

Суффиксҳои феълсоз

Суффиксҳои калимасози феъл назар ба префиксҳои ин ҳиссаи нутқ аз ҷиҳати адад зиёд набошанд ҳам, хеле серистеъмолу сермаҳсуланд. Дар ин бобат асосан суффиксҳои **-ид** ва **-он** ба назар мерасанд, ки калимасозӣ бо онҳо бо тобишҳои грамматикӣ ба таври зер воқеъ мешавад:

1. **Феълҳои сохтаи номӣ.** Як гурӯҳ феълҳо аз исм ва сифат бо иловаи суффиксҳои **-ид** ва **-он** (онид) ҳосил мешавад, ки ин гуна феълҳо **феълҳои сохтаи номӣ** мебошанд. Дар тарзи калимасозӣ бо ин суффиксҳо, бо вуҷуди умумияти асосҳои номӣ, фарқе дида мешавад:

а) Аз исм ва сифатҳое, ки маънои луғавиашон андаке тобиши феълӣ ҳам дорад, бо иловаи суффикси **-ид** асоси замони гузаштаи феъл сохта шуда, бо суффикси **-ан** шакли масдарӣ мегирад. Чунин феълсозӣ бо исм сермаҳсултар, бо сифат каммаҳсул мебошад. Масалан: завқ — завқид — завқидан; ном — номид — номидан; талаб — талабид — талабидан; хоб — хобид — хобидан; фиреб — фиребид — фиребидан; ҷанг — ҷангид — ҷангидан; сабз — сабзид — сабзидан; хушк — хушкид — хушкидан...

Инро партия металабид, инро ҳукумат металабид.— Ситораи субҳ ба ҳоли инҳо мезавқид.— Ба таги кӯрпа даст андохту палмосид (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Он шаб ҳар яке аз аҳли оила бо як фикре ва бо як хаёле хобиданд (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Аз дасти паҳлавони навбаромад Муҳаммадмуроди ҳанготалаб чанд бор шуд, ки маъракаҳои хурсандӣ барои ӯ бо парешонӣ ва нохушӣ анҷомида аст (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар). Ин ҷавон дар пеши назари худамон сабзид.

Аксарияти феълҳои сохтаи номӣ бо суффикси **-ид** вобаста ба тобиши маъноии асосиашон дорои хусусияти дубаҳра мебошанд, ки он аз калимасозӣ ва таркибсозии ҳаммаъно иборат аст. Ҳар як феъли сохтаи номӣ бо суффикси **-ид** шакли таркибӣ ҳам дорад, ки ин ҳар ду баробармаъност. Шаклҳои таркибии ин гуна феълҳои сохта бо феълҳои ёридиҳандаи **кардан, шудан, додан, ёфтан, задан, рафтан, гардидан...** сурат мегиранд. Чунончӣ: хобидан — хоб кардан (хоб рафтан), талабидан — талаб кардан, сабзидан — сабз шудан, оромидан — ором шудан (ором гардидан), чархидан — чарх за-

дан, фиребидан — фиреб додан, фиреб хӯрдан, анҷомидан — анҷом ёфтан ва ғ. Масалан, муқоиса кунед:

Пирамарди посбон дар пеши мошини ғаллакӯбӣ ба рӯи нимкати симинаш ором **мехобид** (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Намедонад, ки вай чӣ вақт **хоб кард**, ҷӯраҳо чӣ шуданд, ба куҷо рафтанд (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Бисьёртари онҳо дар нисфҳои шаб, вақте ки мардуми деҳа ором **ба хоб мераванд**, меоянд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

б) Аз исму сифат бо суффикси **-он** асоси замони ҳозираи феъл сохта мешавад, пас бо иловаи суффикси **-ид** (ё **-д**) асоси замони гузашта ба вуҷуд меояд ва бо суффикси **-ан** шакли масдарӣ мегирад.

Ҳамин тариқа, суффикси мураккаби **-онид** ё **-онд** аз исму сифатҳои ҷудогона асоси замони гузашта месозад, ки вай нисбат ба шакли асоси замони ҳозира серистеъмолтар аст. Масалан: **таҷҳиз — таҷҳизон — таҷҳизонид — таҷҳизонидан; рақс — рақсон — рақсонд — рақсондан; тез — тезон — тезонид** (тезонд) **— тезонидан; хушк — хушкон—хушконид—хушконидан** ва ғ.

Аз рӯи ҳамин қолиби калимасозӣ баъдтар феълҳои нав ба нав пайдо шудан гирифтанд, ки мафҳумҳои сиёсию иҷтимоӣ ва илмию техникиро ифода мекунанд. Чунончи: мукофотонидан, коллективонидан, колхозонидан, механиконидан, электриконидан ва м. ин.

Ин гуна феълҳои сохтаи номӣ, ки бештар дар забони матбуот ва адабиёти сиёсию иҷтимоӣ истеъмол мешаванд, тобиши маъноии феъли бавоситаро низ доранд, ки бо суффикси **-он** ифода меёбанд. Чунончи:

Боди маҳини субҳи баҳор мӯйҳои ҷингилаи ӯро мерақсонд, шуоъҳои хуршед дар қабатҳои вай тана мемонданд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Партия ва ҳукумат фаъолияти меҳнатии коргарону колхозчиёнро тақдир карда, бисьёре аз онҳоро бо ордену медалҳо мукофотониданд.

2. Бо иловаи суффикси **-он** аз асоси замони ҳозираи феъли **бевосита** шакли дигари асоси замони ҳозира сохта мешавад, ки он феъли **бевосита** мебошад. Асоси замони гузаштаи чунин феълҳо бо суффикси **-ид** (**-д**) сохта мешавад. Агар чунин асос аз феъли монда сохта шуда бошад, феъли гузарандае ҳосил мешавад, ки вай дар айни ҳол бавосита аст: **рав— равон — равонд — равондан; дав — давон — давонд — давондан; сайр кун — сайр кунон — сайр кунонд — сайр кунонидан** ва м. ин.

Заҳроро дар он канори ҳавз, зери дарахти бед шинонд.— Ин гапи Гулбону шавҳарашро тамоман дар ҳайрат мононд. (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Кеманд Мунавваршоҳ одаму мошинаҳоро аз ҳамон наҳр мегузаронад.— Шаббода қувват гирифта, ба хирманҷой бӯи пудина ва шувваси мавҷҳои Ванҷобро мерасонид (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Агар феъл аз асоси феъли гузаранда сохта шавад, вай дар баробари феъли бавосита шудан маънои гузарандаи дукаратаро мефаҳмонад: **хон — хонон — хононид** (хононд) —**хононидан**; **хӯр — хӯрон — хӯронд — хӯрондан**; **каш—кашон—кашонид — кашонидан.**

Вай чӣ тавр кард, накард, ки куртаашро аз китфаш фуроваронд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Симои Озодаи имрӯзаро, андак ҳам бошад, ба ман шиносонд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Баъд аз мурдани падари Одина, ки хонааш дар деҳае аз музофоти Қаротегин буд, қозии он ҷо мулозим ва муфтӣ фиристода, моли ӯро тарака кунонид (*С. Айнӣ,* Куллиёт, ҷ. 1).

ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБӢ

Феълҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва феълҳои ёридиҳанда таркиб ёфта, ҳамчун воҳидҳои ҷудогонаи лексикаи феълӣ маъниҳои алоҳида ва баъзе тобишҳои грамматикиро услубиро ифода мекунанд, **феълҳои таркибӣ** номида мешаванд.

Қариб ҳамаи феълҳои таркибӣ, қатъи назар аз таркиби морфологиашон, шакли масдарӣ доранд ва ҳамчун воҳидҳои луғавӣ воқеъ мешаванд. Масалан: **кор кардан, тайёр шудан, ба ҳисоб гирифтан, зӯр омадан, гуфта додан, навишта гирифтан, чашида дидан** ва ғайра.

Аз ин ҷиҳат ҳам феълҳои таркибӣ аз шаклҳои таркибии **намуд, сиға** ва **замонҳои феъл** фарқ мекунанд. Азбаски шаклҳои таркибии категорияҳои номбурда маънию мафҳумҳои грамматикӣ доранд, масдари онҳо одатан на аз шакли пурраи таркиби феълӣ, балки аз ҷузъи асосии он ташкил меёбад. Чунончи, масдари феъли **хоҳам рафт — рафтан**; — хонда истодаам, хонда истода будам — **хондан**; гирифта истода бошам — **гирифтан**; **тайёр шудан** ва ғайра.

Шакли масдарӣ гирифтани як қисми чунин таркибҳои феълии намуд, сиға ва замон низ мумкин аст, лекин дар онҳо на маънои луғавӣ, балки маънои грамматикии категорияҳои феъл, бештар давомнокӣ, ғолиб мебошад. Феъли **будан** умуман ба таркиби масдарии феълҳо дохил намешавад. Масалан: навишта истодаам — **навишта истодан** (давомноки амал); фикр карда гашта будам — **фикр карда гаштан** (давомноки амал) ва ҳоказо.

Дар забони ҳозираи тоҷик феълҳои таркибӣ торафт инкишоф меёбанд. Ин тарзи феълсозӣ хеле сермаҳсул ва серистеъмол аст.

Феълҳои таркибӣ ба эътибори таркиби морфологиашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: **феълҳои таркибии номӣ** ва **феълҳои таркибии феълӣ** (феълиҳолӣ).

Феълҳои таркибии номӣ

Феъле, ки таркибаш аз ҳиссаҳои номии нутқ ва феъли ёридиҳанда иборат аст, **феъли таркибии номӣ** мебошад.

Ҳар як феъли таркибии номӣ як воҳиди луғавӣ, ҳиссаи нутқ ва як аъзои ҷумла ҳисоб меёбад. Аз ин ҷиҳат байни ҷузъҳои феъли таркибии номӣ на алоқаи синтаксисӣ, балки таносуби маъноӣ ва мувофиқати морфологӣ мавҷуд аст. Ба ин маънӣ байни таркибҳои **тоза чидам** ва **тоза кардам** фарқи куллӣ дида мешавад: дар байни ҷузъҳои таркибии аввал алоқаи синтаксисии ду ҳиссаи нутқ (зарф ва феъл) ё ду аъзои ҷумла (ҳол ва хабар) мавҷуд асту байни ҷузъҳои таркибии сонӣ мувофиқати шаклию маъноии ифодакунандаи маънии як воҳиди луғавӣ дида мешавад. Муносибати ҷузъҳои таркибии **ёрӣ талабидам** ва **ёрӣ додам** низ монанди ду таркиби аввала мебошад.

Ҳамин тариқа, аз сабаби мавҷудияти алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳо ибораҳои **тоза чидам, ёрӣ талабидам, даст расондам** ва амсоли инҳо таркибҳои синтаксисӣ, аммо ба сабаби мавҷудияти танҳо мувофиқати шаклию маъноӣ таркибҳои **тоза кардам, ёрӣ додам, мадад расондам** ва монанди инҳо таркибҳои морфологӣ мебошанд. Ҳар яке аз ин таркибҳои морфологӣ ҳамчун воҳиди луғавӣ, як ҳиссаи нутқ, яъне ҳамчун феъли таркибии номӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Таркиби морфологии феълҳои таркибии номӣ

Таркиби феълҳои таркибии номӣ аз ду ҷузъ иборат аст: **ҷузъи номӣ** ва **ҷузъи феълӣ.**

Ҷузъи номӣ

Ҷузъи номӣ ҷузъи асосӣ ва соҳибмаънои феъли таркибии номӣ буда, маънои феълро муқаррар ва муайян мекунад. Дар феълсозӣ ҳиссаи сермаҳсул исм ва сифат мебошанд. Масалан:

1. **Исм** — ҷузъи феъли таркибии номӣ мешавад ва хеле сермаҳсул аст: кор кардан, хизмат кардан, ҷустуҷӯ кардан, бовар кардан, муаллимӣ кардан, ишорат намудан, сарф шудан, ҳаво додан, анҷом ёфтан, воқеъ гаштан, чашм андохтан, қадам гузоштан, ҷавоб гардондан, чарх задан, қасос гирифтан ва м. ин.

Мо барои бахт, барои саодати худамон ва насли оянда-амон кор мекунем (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Раву бахти худро ҷустуҷӯ кун (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар баъзе ҷойҳо ҳанӯз ҳам дуд фаввора мезад (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

2. **Сифат** — ҷузъи номии феъли таркибӣ мешавад: озод кардан, босавод кардан, сафед кардан, тоза кардан, паро-

канда намудан, сер шудан, сиҳат шудан, хунук шудан, сокит гардидан, намоён гаштан ва амсоли инҳо.

Ин пешбиниҳои онон рост баромад (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Зани Шоҳмуродбек ба духтараш таълим дода, дар андак муддат ӯро босавод кард.— Дар симои оқилонаи ӯ аломати ҳузн намоён гашт (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Радиоприёмникҳо, приёмникҳо хомӯш шуданд.— Садои тор баланд шуд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

3. **Таъбирҳое,** ки аз **такрори бевоситаи исм** иборатанд (даст-даст кардан, пора-пора кардан, порча-порча шудан), таркибҳои исм бо пешоянд (дар бар кардан, дар газаб шудан, ба нофаҳмӣ задан, аз назар гузарондан, ба ҷо овардан, аз худ намудан, ба ҳисоб гирифтан ва ғ.) ҷузъи асосии феълӣ таркибии номӣ мешаванд. Мисолҳо:

Маъмурияти корхона ҳурмати коргарони содиқи худро ба ҷо оварда (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Саид-паҳлавон яке аз ҳамин хел деҳқонҳои ҳунарманд ва пурдон ба шумор мерафт (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Онҳо аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна қариб 37,5 центнер пахта ба даст оварданд (Тоҷикистони Советӣ). Дар ин маҷмӯа шеърҳои шоири ҷавон ба табъ расидаанд (Маориф ва маданият). На танҳо худи ту, балки ҳамаи касоне, ки аз давлати ҷаноби олӣ дар ин ҷо бо осудагӣ умр ба сар мебаранд, дузданд (*С. Айнӣ,* Дохунда).

4. **Ибораҳои номӣ** ба шакли такрори исм бо пешоянд (рӯ ба рӯ шудан, ҷо ба ҷо кардан, дар ба дар шудан), **ибораҳои синонимӣ ва антонимӣ** (оҳу фиғон кардан, фикру хаёл кардан, дӯғу пӯписа кардан, зеру забар кардан, сурху сафед шудан...) ва **таркибҳои изофии устувор** (касби камол кардан, зери по кардан, дуои бад кардан, таги бинӣ кардан) ҷузъи номии феълии таркибӣ шуда меоянд. Мисолҳо:

Он дуи дигар як ҷавону як духтар буданд, ки ҳамин ҳоло савор шуда, чизу чораҳояшонро ҷо ба ҷо мекарданд.— Дар кӯчаи қишлоқ ба вай раиси ҷамоа рӯ ба рӯ шуд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Деворҳояш бо нақшҳои кандакорӣ ва гулҳои гуногун зебу зинат дода шуда буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Арбоб тамоми овози чирроси худро сар дода, дӯғу пӯписаҳо кард (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар кӯчаву тангкӯчаҳои деҳа бачаҳо давутоз ва шавқуну сурон мекарданд (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Акаю ука сурху сафед шуданд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

5. **Ҳиссаҳои дигари нутқ,** масалан, **шумора, зарф ва баъзе шаклҳои феълии ҳолу сифати феълӣ,** ки як андоза тобиши исмӣ ё сифатӣ пайдо кардаанд, низ ҷузъи номии феълии таркибӣ мешаванд, вале каммаҳсуланд: як кардан, як шудан; бас кардан, бадар рафтан, пеш гирифтан, пайдо шудан; омӯхта кардан, омӯхта шудан, равон шудан, пурсон шудан ва ғайра.

Ба пеши чашми аппарат як заминкане пайдо мешавад (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Баъдтар рафта-рафта сарҳадро бастан лозим омад, чунки мо дар зиндагонӣ роҳи нав пеш гирифтем.— Дигар чизе нагуфта бадар рафт (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Амалдор Маҳрам ҳам Ёдгорро пеш андохта, аз дунболи ин бандӣ ба арк нигоҳ карда равон шуд (*С. Айнӣ,* Дохунда).

6. **Калимаҳои тақлиди овозӣ** ҳам ҷузъи номии феълӣ таркибӣ шуда метавонанд. Дар ин маврид ин гуна калимаҳо маънии исмӣ пайдо мекунанд: ғуввос задан, шуввос задан, ғур-ғур кардан, тақ-тақ кардан ва ғ.

Пайдо шудани одами ношиносро ба хотир оварда, аъзои баданаш вичиррос зада рафт (*Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя). Дар зери чархҳо гоҳе муми нарми часпак, гоҳе сангрезаҳои хушк фишор хӯрда, шуввос мезаданд.— Аҳмадбек ба қадаммонии шахси оянда зеҳн монда, дилаш чиғӣ карда рафт (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Ҷузъи феълӣ

Ҷузъи дуюми феълҳои таркибии номӣ аз феъл иборат аст. Ғайр аз феълҳои ёридиҳандаи **кардан, шудан, намудан, гардидан,** ки маънои луғавиашон кайҳо гум ё суст шудааст, дар феълсозӣ ва таркибсозии феълӣ боз як гурӯҳ феълҳои соддаи аслан мустақил ҳамчун феъли ёридиҳанда меоянд. Дар ин маврид маънии луғавии онҳо суст шуда, вазифаи нави грамматикӣ пайдо мекунанд, ҳиссаҳои номиро ҳамчун феъл сурат медиҳанд.

Ҳамин тариқа, ҷузъи феълии феълҳои таркибии номӣ ҷузъи тасрифшаванда буда, категорияҳои шахсу шумора, замон, тарз ва намуд ба туфайли он, яъне ба воситаи феълҳои ёридиҳанда ифода меёбанд.

Феълҳои ёридиҳандаи **кардан** (намудан) ва **шудан** (гардидан, гаштан) хеле серистеъмоланд. Бо ёрии феъли **кардан** аз ҳиссаҳои номӣ бештар тарзи фоилии феъл, аммо бо ёрии **шудан** тарзи мафъулӣ, феъли монда сохта мешавад. Чунончи: **озод кардан — озод шудан, тайёр кардан — тайёр шудан, бедор кардан — бедор шудан; тамошо кардан, хоб кардан, хам шудан, зард шудан, ҳозир шудан...**

Адади феълҳои ёридиҳанда дар феълсозӣ ва таркибсозии феълӣ аз ҳисоби феълҳои аслан мустақили **гирифтан, додан, доштан, ёфтан, задан, хӯрдан, сохтан** ва ғ. меафзояд. Феълҳои мазкур чун ёридиҳанда омада, феъли таркибии номӣ месозанд: ёд гирифтан, дам гирифтан, авҷ гирифтан; ёд додан, ҳаво додан, ривоҷ додан; дӯст доштан, нигоҳ доштан, масхара доштан; зафар ёфтан, сиҳат ёфтан, табдил ёфтан,

анҷом ёфтан, гап задан, чарх задан, хунук задан; хунук хӯрдан, тоб хӯрдан, ғам хӯрдан, фиреб хӯрдан ва ҳоказо.

Гурӯҳи дигари феълҳо аз қабили **рафтан, андохтан, дӯхтан, бастан, кашидан, бурдан** ва ғ. бо миқдори ками исмҳо феъли таркибии номӣ месозанд. Ин гуна феълҳо дар таркиби феълҳои номӣ чун ёридиҳанда омада, вазифаи грамматикиро адо мекунанд ва азбаски маънои аслии луғавии онҳо як андоза нигоҳ дошта шудааст, ба феъли таркибии номӣ тобиши луғавии иловагӣ мебахшанд. Чунончи: рафтан — роҳ рафтан, андохтан — назар андохтан, тир андохтан, дӯхтан — чашм дӯхтан, бастан — умед бастан, нақш бастан, кашидан — расм кашидан, азоб кашидан, бурдан — пай бурдан ва ғайра.

Чунин ибораҳои феълии устувор низ ба гурӯҳи феълҳои таркибии номӣ дохил мешаванд: **қаҳрам омад, хобам омад, хобам бурд, димоғам сӯхт, ба дилам зад** ва монанди ин.

Дар таркиби феъли таркибии номӣ омадани унсурҳои грамматикӣ

Азбаски ҷузъи асосии феъли таркибии номӣ аз ҳиссаи номии нутқ иборат аст, дар ҷумла ҳолатҳое рӯй медиҳад, ки дар натиҷаи он зоҳиран шакли муқаррарии феъли таркибӣ вайрон мешавад; ҷузъи номӣ аломате қабул мекунад; калима ё иборае дар байни феъли таркибӣ омада, ҷузъи номӣ ва феълиро аз ҳамдигар дур мекунад: лекин аз чунин ҳолатҳо муносибати байни ҷузъҳои феъли таркибии номӣ тағьир намеёбад. Яке аз хусусиятҳои феъли таркибии номӣ маҳз ҳамин аст, ки дар лаҳзаҳои зер мушоҳида мешавад:

1. Ҷузъи номии феъли таркибии номӣ аломатҳои ҷудогонаи грамматикӣ қабул мекунад. Масалан, ҷузъи номӣ **исм** бошад, суффикси ҷамъбандии **-ҳо** ва суффикси номуайянии **-е, сифат** бошад, суффикси қиёсии **-тар** қабул мекунад. Исму сифат бо бандакҷонишини соҳибӣ низ омада метавонанд. Мисолҳо:

Арбоб тамоми овози чирроси худро сар дода, дӯғу **пӯписаҳо** кард (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Мунавваршоҳ ба Саид Амон «марҳамат кунед» гуфтагӣ барин **ишорате** кард (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Ин хандаи болохонадор Солеҳро боз **оташинтар** кард (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Еошандагони дарае, ки шумо дар фасли аввал **тамошояш** кардед, ҳамагӣ ба кору кочоли худ сокӯл буданд (*С. Айнӣ* Дохунда). Чунон ки худаш мегӯяд, ӯро даврони советӣ **ҷавон** ва **пурзӯраш** кардааст (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

2. Дар байни ҷузъи феъли таркибии номӣ пайвандакҳои **ҳам, ки** ва калимаи (феъли) модалии **бояд** омада метавонанд. Чунончи:

На танҳо кор надоранд, ҳатто онҳоро ҳурмат **ҳам** мекунанд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ҳоло то ба қишлоқ рафтанамон ду-се бор омада хоб **ҳам** мекунам (*Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя). Фаромӯш **набояд** кард, ки директор дар мактаб муаллим **ҳам** мебошад (Маориф ва маданият, 18.XII-71). Духтарам мактабашро тамом **ки** кард, баъд ба ин масъала бармегардем.

3. Дар байни ҷузъҳои феъли таркибии номӣ калимаю ибораҳо ҳамчун **муайянкунанда** меоянд. Масалан:

Ҳардуямон ҳам ҳадафи **чашмон** гардидем.— Ва Одилов ҳам аз ҷояш хеста мунтазири **амр** шуда истод (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Аз ман шубҳаи **бечо** накунед,— гуфт... марди ношинос (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Хайр, ҳусни зоҳирӣ насиби **бисьёр занон** мешавад (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Як силсила тарҷумаҳои нав низ пешкаши **хонандагони тоҷик** шуданд (Маориф ва маданият, 18.XII-71).

4. Дар байни ҷузъҳои феъли таркибии номӣ калима ва ибораҳо ба **вазифаи пуркунанда** меоянд ва ҷузъҳои феъл, чунон ки дар мисолҳои боло дида шуд, аз ҳамдигар дур мешаванд. Масалан, ҷумлаи якум бо ҷумлаҳои дигари зерин муқоиса карда шавад:

Мунавваршоҳ ба навохтан **шурӯъ кард** (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Насими субҳидам шурӯъ **ба вазидан** менамуд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Наим худи ҳамон рӯз ба қишлоқаш баргашту дигар ёди Бухороро накард (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Зан... чанд қадам дуртар аз Саид Амон, дар лаби ҷӯйчаи беоб нишаст ва гӯш ба садои **тор** дод (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

5. Дар байни ҷузъҳои феъли таркибии номӣ калимаву ибораҳо ба вазифаи **ҳолшарҳкунанда** низ омада метавонанд. Чунончи: Вақте ки мо аз он ҷо дур мешудем, офтоб рӯ **ба ғуруб** ниҳода буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

6. Ҳангоми чида шуда омадани феълҳои таркибии номӣ феъли ёридиҳанда бо ҷузъи охирин омада, ҷузъҳои дигар дар шакли номӣ (ноқис) меоянд: Масалан:

Дар ин колхоз одамони нуздаҳ миллат якҷоя тифоқ **зиндагӣ** ва **кор мекунанд** (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Баъдтар рафтарафта **вазнин** ва **ҳалим шуда монд** (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Мисолҳои осори насри бадеӣ нишон медиҳанд, ки ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ на танҳо аз як ё ду, балки аз се ё чор калима иборат буда, ба воситаи як феъли ёридиҳанда ташаккул меёбанд:

Ин рӯшноӣ кам-кам **паҳнтар, баландтар** ва **камрангтар** шудан гирифт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо)... баъзеҳо **мушоира,** баъзеҳо **тахтабозӣ,** баъзеҳо **музыканавозӣ** ва **мусиқашунавӣ** мекарданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

7. Ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ на танҳо пай ҳам,

балки дар ҷумла аз ҳам дур воқеъ мешаванд: **Қабул** он ҳадъяро чун ёдгори пурбаҳо **кардам** (*М. Турсунзода*, Ду рӯмолча). Шабона дарсҳои гузаштаро **такрор** ва дарсҳои хондашударо **тайёр** мекардам (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Ҷои худро тағйир додани ҷузъҳои феъли таркибии номӣ дар назм вобаста ба қонунияти каломи мавзун воқеъ мешавад. Чунончи:

Чу мебинам, туро, эй рӯди Помир,
Замони хурдсолӣ **мекунам ёд**.

(*М. Миршакар*)

Феълҳои таркибии феълӣ

Феълҳое, ки ҷузъҳои таркибиашон аз шаклҳои гуногуни феълӣ иборат буда, ҳамчун як воҳиди луғавӣ ё грамматикӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, **феълҳои таркибии феълӣ** номида мешаванд.

Агар шаклҳои таркибии тарз, намуд, сиға ва замонҳои феъл ба эътибор гирифта шаванд, феълҳои таркибии феълӣ сершаклтарин ва сермаҳсултарин категорияи феълҳои таркибӣ ба шумор мераванд. Гурӯҳи феълҳои таркибии феълӣ, ки ба шакли **хондан гирифт, хоҳад хонд, хондан мехоҳад, нигаронида шуда буд, гуфта мегашт, хӯрда нишаста будааст** ва амсоли инҳо бо феълҳои ёридиҳанда кор фармуда мешаванд, вазифа ва аҳамияти грамматикӣ доранд.

Пас, ин ҷо сухан дар бораи чунин феълҳои таркибии феълӣ меравад, ки ҷузъи якуми онҳо ҳамчун қисми асосӣ ва соҳибмаънои феъл одатан аз шакли феълии ҳол (сифати феълии замони гузашта бо суффикси -а) ва ҷузъи дуюмашон аз шаклҳои тасрифии феълҳои ёридиҳанда иборат буда, маъниҳои луғавӣ, тобишҳои услубӣ ва қисман грамматикиро ифода мекунанд. Ин гуна феълҳои таркибӣ **феълҳои таркибии феълии ҳолӣ** низ номида мешаванд. Масалан: **гуфта додан, навишта гирифтан, ларзида мондан, сар дода фиристодан** ва ғайра.

Ҷузъҳои феълии таркибии феълӣ (феълиҳолӣ) аз ҷиҳати маънои луғавӣ ё таносуби маъно ҳамеша як хел нестанд: аксар ҷузъи якум ҳамчун феълии асосӣ, аммо ҷузъи дуюм ҳамчун ёридиҳанда меояд: **омада мондан, гуфта додан, хонда баромадан** ва ғ., баъзан ҳар ду ҷузъ баробармаъно мешавад: **омада рафтан, харида додан, пухта овардан** ва амсоли инҳо; гоҳо маънои асосиро ҷузъи дуюм ифода мекунад: **зада гирифтан, монда рафтан** ва ҳоказо.

Ба ин маънӣ дар таркиби феълҳои таркибии феълӣ (феълиҳолӣ) бисьёр феълҳо, ки аксарашон аслан феълии мустақи-

ланд, ҳамчун феъли ёридиҳанда меоянд. Феълсозӣ бо ёрии ин гуна феълҳо дар забони гуфтугӯӣ ва адабии ҳозираи тоҷик хеле серистеъмол аст. Дар феълҳои таркибии феълӣ (феълиҳолӣ) чунин феълҳо ба сифати ёридиҳанда (одатан ҷузъи дуюм) меоянд:

1. **баромадан**: Ду бор садтагӣ шумурда баромад, ин ҳам мадад накард (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Яке аз ҷавонҳои мо аз кифташ сахт лат хӯрда, маъюб шуд, чанд моҳ дар табобатхона хоб карда баромад (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар).

2. **бурдан**: гирифта бурдан, харида бурдан, рӯфта бурдан ва ғ.

3. **гаштан**: Дар баъзе мамлакатҳо қабристон чароғон аст ва мардум он ҷо чун дар бӯстоне саёҳат карда мегарданд (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар).

4. **гирифтан**: Фақат дарсҳои навро гӯш мекард, навишта мегирифт ва дар синф аълохон буд (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Муҳаббат ба пакет синча карда, мактубро бароварда гирифт ва коғазро яла кард (*Ҳ. Карим*, Оқшуда).

5. **гузаштан**: Луқмаҳои нон гулӯяшро харошида гузаштанд (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар). Дар ин ҷо маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботии ташкилоти ибтидоии партиявии беморхонаҳои район шуда гузашт (*Маориф ва маданият*, 17-XII-71).

6. **дидан**: Шафеъ гуфт, ки ҳамон коғазро хонда бинед (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар). Мо натиҷаи кори ҳар касро санҷида мебинем.

7. **додан**: Дар охир арӯсу домод ҳам барои хурсандии меҳмонон навбат ба навбат таронаҳо хонда доданд (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Кори партияро пурқувват кун, газетаю журналҳо хонда деҳ, ба лекцияҳо гирифта бар (*Р. Ҷалил*, Шӯроб).

8. **истодан**: Номи мо ҳам як бор-ним бор ба газета баромада истад-дия (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Мо... ин ҳангомаро аз дур тамошо карда меистодем (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар).

9. **мондан**: Дирӯз дар кӯчаи Ленин ошнои деринаам Ҷӯра Холдоровро дида мондам (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Шукуров сари калони сермӯяшро ҷунбонда монд (*Р. Ҷалил*, Шӯроб). Хайрият, ки як одами баинсоф ӯро ба клуб оварда мондааст (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

10. **нишастан** (шиштан): хонда нишастан, сӯҳбат карда нишастан, гап зада шиштан ва ғ.: Бо ин духтарак ҳар гуна воқеаҳои ғалатӣ рӯй дода буд, ки ман ҳамаи онҳоро ба шумо нақл карда намешинам (*Ҳ. Карим*, Оқшуда).

11. **овардан**: Дугонаҳоятон махсус барои ҳамин маросим фатирҳои равғанин пухта оварданд (*Ф. Муҳаммадиев*, Сози Мунаввар). Барои бачаҳо аз бозор мева харида биёред!

12. **омадан**: Аз бозе, ки вақоеъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳр ва Туркистон, чунон ки як қавми муаззам ба номи тоҷик ё ки тозик истиқомат до-

рад, ҳамчунон забон ва адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст (*С. Айнӣ,* Намунаи адабиёти тоҷик). Мирак ҳам ба майдони назди Сарои Чой расида омад (*Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Онҳо супоришҳои худро 130—140 ва 160-фоизӣ иҷро карда меоянд (Тоҷикистони Советӣ, 17.XII-71).

13. **партофтан**: хонда партофтан, бурида партофтан, рӯфта партофтан ва ғайра.

14. **рафтан**: Осуда бошед, баъд аз ду ҳафта тамоман саҳат шуда меравад (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Давлат кам-кам сергап шуда мерафт, ки ин ба худаш маълум набуд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Аҳмадбек то буни гӯшҳояш сурх шуда рафт (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

15. **сар додан**: Ойиша тоқат карда натавониста, якбора гирья карда сар дод (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

16. **тамом кардан**: хонда тамом кардан, навишта тамом кардан, рӯфта тамом кардан.

17. **фиристодан**: Зебинисо қоҳ-қоҳ зада хандида фиристод (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҷаҳлаш ганда, қаҳраш ки омад, шарти карда парронда мефиристонад (*Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

18. **шудан**: Чор километр ҷоро дар бадали ҳашт рӯз колхозчиёни мо канда шуданд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Мо то он вақт хӯрокамонро хӯрда шуда будем.

19. Феълҳое, ки дар боло оварда шуданд, бо ҳамаи аломатҳои грамматикӣ тасриф меёбанд ва ҷузъи якум (асосӣ) одатан ба шакли феъли ҳол (сифати феълӣ) омада, бо феъли ёридиҳанда сурат меёбад. Илова ба ин, қайд кардан лозим аст, ки дар мавриди худ ҳар ду ҷузъи чунин феълҳо ба шакли тасрифӣ меояд, вале ба муносибати ҷузъҳои таркибии ин гуна феълҳо халал намерасад. Ба ин маънӣ шаклҳои **хандида монд** ва **об шуда рафт** аз шаклҳои **хандиду** ва **об шуду рафт** аз ҷиҳати сохти морфологӣ фарқ дошта бошанд ҳам, аз ҷиҳати маънӣ фарқ надоранд. Фарқи грамматикӣ аз воситаи алоқаи байни ин ду ҷузъ иборат мебошад. Масалан:

Писар дар ҷавоби ин суханҳои модараш фақат **хандиду монд** (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Нисбат ба ман шакку шубҳаи ӯ барфи мавсими баҳор барин **об шуда рафт** (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ҳамаи ин гузашту **фаромӯш шуду рафт** (*Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

МАСДАР

Масдар шакли ибтидоии феъл буда, номи амал (давидан, гуфтан, дидан, навиштан, шунидан, кор кардан, пешвоз гирифтан) ва ҳолатро ҳамчун процесс (гаштан, хобидан, сабзи-

дан, дӯст доштан, сафед кардан) мефаҳмонад. Масдар шакли тасрифнашавандаи феъл ба шумор меравад.

Масдар замон, шахс, шумора ва сиғаро ифода намекунад.

Масдар бо аломатҳои грамматикӣ ва лексикии худ дорои аломатҳои ҳам феъл ва ҳам исм мебошад. Маълум аст, ки баъзе аз исмҳо низ маънои амалро мефаҳмонад (кӯшиш, омӯзиш, гуфтор, гуфтугӯ, азназаргузаронӣ), бо вуҷуди ин байни исм ва феъл фарқи ҷиддӣ мавҷуд аст: агар дар феъл амал ҳамчун процесс ифода шавад, дар исм амал маънои предметӣ мегирад.

Масдар (инфинитив) шакли номии феъл аст, онро исми феълӣ ҳам мегӯянд. Ба хусусиятҳои асосии феъл соҳиб будани масдарро ба эътибор гирифта, онро ба категорияи феъл дохил мекунанд, гарчи мавқеи махсусро ишғол мекунад ва характери дубаҳра дорад.

Дар луғат феълҳо одатан дар шакли масдар дода мешаванд.

СОХТИ МАСДАРҲО

Масдар аз асоси замони гузаштаи феъл ва суффикси **-ан** сохта мешавад: хондан, дидан, гирифтан ва ғайра.

Масдар аз ҷиҳати сохт се хел мешавад:

1. Масдари аслӣ ё содда: хондан, гуфтан, чидан ва монанди инҳо.

2. Масдари сохта. Масдарҳои сохта ду хеланд: а) масдари сохтаи феълӣ ё префикснок, ки бо префиксҳо аз масдарҳои аслии дигар сохта мешавад: даромадан, даргирифтан, вохӯрдан, фуромадан; б) масдари сохтаи номӣ, ки ба воситаи суффикси **-идан** ва ё **-онидан** аз исму сифат сурат мегирад: номидан, ҷангидан, тезонидан, хушкидан, коллективонидан, механиконидан, мукофотонидан, техниконидан.

3. Масдарҳои таркибӣ низ ду хеланд: а) масдари таркибии номӣ: кор кардан, кишт кардан, як шудан, ханда кардан, истифода бурдан, ба даст овардан, аз худ кардан, аз бар кардан, дам гирифтан, ёд додан, гап задан, хунук хӯрдан, нигоҳ доштан, хест шудан; б) масдарҳои таркибии феълӣ низ ҳастанд: хонда баромадан, расида омадан, хӯрда дидан, даромада мондан, баромада рафтан.

Масдарҳои сохти дигар низ мавҷуданд, ки одатан аз асосҳои замони ҳозираи баъзе феълҳои содда аз нав пайдо шудаанд: коридан (киштан), гардидан (гаштан), хобидан (хуфтан), чиндан (чидан).

Шакли манфии масдар бо префикси феълии **на**-сохта мешавад. Ҷои ин префикс ба сохти масдарҳо вобаста аст: 1)

ба аввали феълҳои содда мечаспад: нарафтан, нарасидан, натавонистан; 2) ба аввал ё пас аз префикси феъли сохта меояд: набаромадан, надаромадан, нахушкидан, вонахӯрдан, барнахӯрдан; 3) ба аввали феълҳои ёридиҳандаи феълҳои таркибӣ ҳамроҳ мешавад: тамом нашудан, хонда набаромадан, ёд нагирифтан, ёд надодан.

Масдар дорои хусусиятҳои феъл аст. Вай гузаранда (навиштан, гирифтан, шунидан, донистан, овардан, омӯхтан, дидан, пешвоз гирифтан, такрор кардан, муайян намудан) ва монда (нишастан, давидан, хоб кардан, хомӯш шудан, хиҷолат кашидан, омадан, раҳсипор гардидан) мешавад. Масдари гузаранда амалеро мефаҳмонад, ки ба предмет бевосита равона шудааст: китобро хондан, ниҳол овардан. Чунин амалҳо бе объект воқеъ намешаванд, зеро объект вазифаи феълро конкрет мегардонад. Масдарҳои монда амали субъектро ифода мекунанд: хобидани модар, шукуфтани гулҳо, омадани бародар, паридани кабӯтарон.

Вобаста ба маъно як масдар ҳам гузаранда ва ҳам монда шуда метавонад: дар мактаб хондан (монда), китобро хондан (гузаранда).

Дар натиҷаи қувват гирифтан ё суст шудани алоқаи худ бо объект масдарҳо ё аз монда ба гузаранда мубаддал мешаванд, ё ин ки аз гузаранда ба монда мегузаранд. Феъли «кардан» дар алоҳидагӣ ва дар ҳайати феълҳои таркибии номӣ ва феълӣ асосан гузаранда аст: Барои ин корро кардан ба мо маблағ лозим аст (Икромӣ). Ман ин корро ҳар шаб кардан гирифтам (Айнӣ). Вале масдарҳои «хоб кардан» ва «ханда кардан» мондаанд. Аз феълҳои гузарандаи «гирифтан» ва «хӯрдан» бо ёрии префиксҳои **дар-** ва **во-** феълҳои монда низ сохта шудаанд: даргирифтан, вохӯрдан.

Баъзан феълҳои гузаранда ва монда ба калимасозӣ алоқаманд мешаванд. Суффикси **-он** фақат бо сохти масдарҳои гузаранда вобаста аст. Ба воситаи ин суффикс аз асосҳои замони ҳозираи масдарҳои монда масдарҳои гузаранда месозанд: нишастан — шинондан, ғалтидан — ғалтондан, хандидан — хандондан, чаридан — чаронда: Ман Мирзодиккакро оҳиста ба зонуяш шинонда мондам (Улуғзода). Ҳоло ту танҳо дар майдони гӯштингирӣ баромада, чӣ гуна ғалтондани як чавони монанди худатро медонӣ (Айнӣ). Бо шӯхиҳо ҳамаро механдонд (Толис).

Агар суффикси **-он** ба асоси замони ҳозираи масдарҳои гузаранда ҳамроҳ шавад, шакли масдарҳои гузарандаи бевосита ба амал меояд: навиштан — нависондан, доштан — дорондан, дӯхтан — дӯзондан, хондан — хонондан: Аз ин ҷумла чанд шеъри Ҷомиро ба Мирсолеҳ, ки шарикдарси бародарам ва ҳомии ман дар мадрасаи Олимҷон буд, нависонда гирифтам *(Айнӣ)*. Вай чаққон буд, худашро ба онҳо намедоронд (*Улуғзода*). Ман чармҳои бачагонабобро ба шогир-

дон дода дӯзондам *(Айнӣ)*. Барои бе гуфтугӯ ва бе ҷангу хунрезӣ таслим кунонидани душманҳои ҳукумати шӯроӣ як муваффақиятнома аз номи модари амир тартиб додем *(Икромӣ)*.

Хусусияти гузаранда ва монда будани масдарҳо ба ифодаи категорияи тарзҳои феъл бевосита алоқаманд аст.

Масдар дорои категорияи тарз аст. Тарзҳо муносибатҳои гуногуни ба субъект ва объект доштаи амалро ифода мекунанд. Масдар тарзҳои фоил, мафъул ва миёна дорад.

Масдарҳои тарзи фоил амали гузарандаеро ифода мекунанд, ки бевосита ба объект равона шудааст. Дар ин сурат объект бо пасоянди -ро ва бе он ифода мешавад: Шеър хондан ва онро фаҳмидан осон нест, духтарам *(Икромӣ)*. Ҳар рӯз як ош пухта, як касро зиёфат кардан кори душвор нест *(Айнӣ)*. Баъзан онҳоро ёфта гирифтан ҳам мушкил аст *(Икромӣ)*. Дар ҳангоми аспҳояшонро баста истодани онҳо аз даруни яке аз хонаҳои сиёҳ як зани пирсол баромада омада онҳоро пешвоз гирифт *(Айнӣ)*.

Масдарҳои тарзи мафъул таркибӣ буда, аз масдарҳои тарзи фоил ё гузаранда бо ёрии феъли ёридиҳандаи «шудан» сохта мешаванд: феъл дар ин ҳол хусусияти гузарандаи худро гум мекунад. Феъли ёридиҳандаи «шудан» нишонаи грамматикии тарзи мафъули масдар аст. Дар тарзи мафъул объект соҳиби амал мебошад: Дарвоза кушода шудан замон як нафар савор ба сарой даромад (*Айнӣ*). Пас аз ғундошта гирифта шудани пӯчоқҳои харбуза ноиб ба рӯи суфа баровардани Ҳамроҳрафиқро амр фармуд *(Айнӣ)*. Аз штаби армия ба телефон даъват карда шудани онро хабар дод *(Ниёзӣ)*. Аз дур, аз ким-кадом гӯша, овози данг-данг зада шудани лаълӣ барин як чиз ба гӯшҳо расид *(Деҳотӣ)*.

Ҳатто худи феълҳои таркибии номие, ки бо феъли ёридиҳандаи «шудан», «гаштан», «гардидан», «ёфтан» сохта шудаанд, тарзи мафъуланд: ифода шудан, ифода гардидан, ифода ёфтан. Ман ба воситаи узангу ба асп андармон шуда, аз ғарқ шудан раҳоӣ меёфтам *(Айнӣ)*. Салимбой аз пайдо шудан ва гурехта халос гардидани вай хеле дар ташвиш монд *(Р. Ҷалил)*. Мулло ва попҳояшон бо талқиноти дин иғво карда аз як шудан ва ба ҳам пайвастан боз медоштанд *(Айнӣ)*.

Хулоса, дар феълҳои гузаранда ду тарз — тарзи фоил ва мафъул фарқ карда мешаванд.

Феълҳои монда амалу ҳолат ва ҳаракати субъектро ифода мекунанд, аммо пуркунандаи бевоситаро гирифта наметавонанд, бинобар ин онҳоро тарзи миёнаи масдар меномем: давидан, омадан, хандидан, хобидан, сабзидан: Дар вақти ба хонаи бой омадани мулозими қозӣ ва миршаби туман амлокдор Абдусаттор ҳам дар ҳамон ҷо будааст *(Айнӣ)*. Баъд аз 5 дақиқа ба замин хобидан сар бардошта чорзону нишаст *(Айнӣ)*. Аз кор гашта ба ҳавлӣ даромадан замон чашмам ба

Муллофозил афтид *(Р. Ҷалил)*. Баробари ба охир расидани сухани Юнусбобо аз мобайни мардум якчанд кас пасу пеш «офарин»-гўён овоз бароварданд *(Улуғзода)*. Пагоҳӣ, вақти ба кор рафта истоданам, пеши роҳамро гирифт *(Р. Ҷалил)*.

Ба ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки баъзе феълҳо ду тарз доштаанд: хондан (китоб хондан, дар мактаб хондан), рехтан (чой рехт, чойро рехтан), шикастан (шох шикаст, шохро шикастан). Чунин феълҳо ҳам тарзи фоил ва ҳам тарзи миёна доранд.

Масдар ба хусусияти феълии вобастакунии калимаҳо молик аст. Масдар монанди феълҳо калимаҳоро одатан бо пешоянду пасояндҳо ба худ вобаста мекунад ва ибораҳои масдарӣ месозад. Онҳо ба шароити дар Москва хондан мароқ доштанд *(Р. Ҷалил)*. Барои ба разведка рафтан бояд ҳозир бошанд *(Ф. Ниёзӣ)*. Барои бо деҳқонон алоқа бастан ба Қорӣ Ишкамба роҳи қишлоқ кушода шуд *(Айнӣ)*. Бе ишқу муҳаббат зиндагӣ кардан мисли ҳайвон зистан аст *(Икромӣ)*. Пас аз ба роҳи пурмашаққати зиндагии мустақилона қадам гузоштан Ҳайдарқул фаҳмида буд *(Икромӣ)*.

Масдари гузаранда объекти бевоситаро ба худ вобаста карда, якеро аз ҷиҳатҳои барҷастаи феълро зоҳир менамояд: Аломати охири рўзҳои зиндагиро гузаронда истодани ў ба ҳар кадомамон маълум буд *(Айнӣ)*. Саргузашти Зебиро нақл кардани аммаам маро ғарқи фикру хаёлот кард *(Улуғзода)*. Дараки писарашро наёфтани Саидпаҳлавон ўро хавотир карда буд *(Икромӣ)*. Рўзимуродро ҳам таъна кардан дуруст нест *(Айнӣ)*.

Ибораҳои масдарии дигар бо ҳамроҳ шудани ҳолҳои гуногун ба амал меоянд: Пас аз қадре хомўш шудан ба тарафи Чаманбоғ нигоҳ карда илова намуд *(Айнӣ)*. Пас аз се рўз давидан хати кафолот дода бандиёнро аз банд ва қин халос карданд *(Айнӣ)*. Ниҳоят, садои гурсӣ карда ба замин афтидани як чизи вазнин шунида шуд *(Айнӣ)*. Барои озодона чариданашон соҳибонашон сар додаанд *(Айнӣ)*. Сабаби қаҳқосанон хандидани онон мегардид *(Айнӣ)*. Босмачиён жолавор боридани тирҳои пулемётро дида роҳи гурезро пеш гирифтанд *(Шарқи сурх)*. Ҳозир ба роҳ баромадан барои ту хатарнок аст *(Айнӣ)*.

Масдар дорои ду намуди феъл аст: намуди мутлақ ва давомнок.

Масдарҳои намуди мутлақ одатан ифодаи ҳудуди амал, ба анҷом расидан ва натиҷанокии онро нишон медиҳад. Амали масдарҳои намуди мутлақ ба охир расидааст ё дар лаҳзаи муайян ба анҷом мерасад: Аммо пас аз гурехтани ҷадидон ба Когон кор ранги дигар гирифт *(Айнӣ)*. Аз шунидани ин аҳвол шубҳаи сардор зиёд шуд *(Айнӣ)*. Ўро дидан ҳамоно як қадам қафо гашт *(Ниёзӣ)*. Ҷавоб додан замоно ба

кӯча рӯй оварда, аз пештара ҳам баландтар дод гуфт *(Ф. Муҳаммадиев)*. Баъд аз мурдани падараш замини ба мерос мондаро фурӯхта хӯрдааст *(Айнӣ)*.

Дар ин мисолҳо гӯё пасиҳамии амалҳо ба вуҷуд меояд. Амале, ки масдар ифода мекунад, ба анҷом мерасад ва баъд амали хабар рӯй медиҳад.

Махсусан намуди мутлақ ба воситаи як гурӯҳ феълҳои ёридиҳанда равшантар ифода мешавад: Омада мондани писари Қодир хавфро боз зиёд мекунад *(Р. Ҷалил)*. Ясавул ба ҳамин мулоҳизаҳо ҳозир аз гирифта бурдани Гулнор даст кашид *(Айнӣ)*. Пас аз китобро хонда шудан ба гуфтугӯй сар кард *(Толис)*. Баъд аз ба шаҳр кӯчида баромаданамон дадем бурда монданд *(Икромӣ)*. Ҷаллодҳо баъд аз ба аробаҳо бор карда додани мурдаҳо боз омада, ёзида, нос кашида барои шунидани охири ҳикояти Ҳайдарча тайёр шуданд *(Айнӣ)*. Ман баъд аз сариштa карда гирифтани худ ҳикояти ба Зарафшон ғалтиданамро ба самоворчӣ нақл кардам *(Айнӣ)*.

Масдарҳои намуди давомнок одатан амали давомнок, нотамом ва такроршавандаро мефаҳмонад. Дар ин намуд ҳудуди амал қайд намешавад. Намуди давомнок бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи «истодан», «гаштан», «нишастан» ифода мешавад: Ӯ дар вақти аз саҳро ба шаҳр омада истоданаш ғарқ шуда талаф гардид *(Айнӣ)*. Дар аснои баргашта истодани рота вохӯрдани худро нақл карда механдид *(Ф. Ниёзӣ)*. Ғайр аз шабу рӯз ба ҳокимони золим хушомадгӯй карда гаштан дигар корро намедонӣ *(Айнӣ)*. Ин воқеа дар вақти гӯронида истодани Мирзо Назрулло рӯй дод *(Айнӣ)*. Бинобар ин ба он ҳарина инод карда нишастанро номуносиб дониста, ӯро тамоман аз шубҳа баровардан шудам *(Айнӣ)*.

Масдар, чунон ки ишора шуд, бо хусусиятҳои номии худ ба исм наздик аст, бинобар ин ҳамчун исми феълӣ дорои хусусиятҳои зерин аст:

а) Шакли ҷамъ мегирад: Гулбибӣ як ғунчаи ношукуфтае буд, ки умеди як олам шукуфтанҳо дар дил дошт... *(Айнӣ)*. Боло хазидану поин хамиданҳо вакилони ба кӯчагардӣ одатнакардаи моро хеле монда карданд *(Улуғзода)*. Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил — Бо тапиданҳои беороми рӯзафзуни дил *(Турсунзода)*. Таърихи ҷангҳои инқилобии мо аз ин гуна пас гашта пеш рафтанҳо бисьёр мисолҳо дорад *(Айнӣ)*.

Аз шукуфтанҳои гулҳои баҳор,
Аз давиданҳои оби чашмасор.
Аз вазишҳои насими маргзор,
Аз фурӯзонии меҳри рӯзгор.
Мо ба дил меҳри Ватан мепарварем,
Дар тараннум сози нав меоварем

(Фарҳат)

б) Бо пешоянду пасояндҳо омада метавонад: Ман бо дидани ин ҳол аз ошхӯрӣ даст кашидам *(Айнӣ)*. Худамро базӯр аз гиристан нигоҳ дошта, ӯро навозиш мекардам *(Улуғзода)*. Баъд аз ин аз тарафи арбоб ва ӯ ҳеҷ зулм ва осибе нарасиданро ваъда доданд *(Айнӣ)*. Салимбой ва Славик бархоста ба ӯ барои ба зал фуромадан ёрӣ доданд *(Р. Ҷалил)*. Гӯши ӯро ҳам дар бобати нигоҳ доштани сир сахт тофт *(Айнӣ)*.

в) Бо бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ низ меояд: Зайнаб, омаданат нағзу рафтанат бад-дия *(Улуғзода)*. Гумон мекард, ки вай имрӯз дар вақти ба хонаи онҳо даромаданаш рӯи хандонро надида буд *(Улуғзода)*. Акнун чораи аз ин рӯёнидани ҳаққи худамонро андешиданамон даркор аст *(Айнӣ)*. Ман ба Раҳими Қанд нияти аз Қорӣ-ишкамба ҳуҷра талаб кардан доштанамро, барои бо ӯ мулоқот кардан чанд рӯз аз дунболи ӯ гаштанамро ва то ҳамин вақт фурсати бо вай гуфтугузор кардан наёфтанамро мухтасаран ҳикоя кардам *(Айнӣ)*.

г) Монанди исм бо шумораҳои миқдорӣ ва ҷонишинҳои сифатӣ низ меояд: Сад задани сӯзангару як задани оҳангар *(зарбулмасал)*. Зеро либоси зарини ӯ дар ҳар ҷунбидан ва ҷунбондан бо як қабат пӯст аз баданаш канда ӯро азоби тоқатнопазир медод *(Айнӣ)*.

Хусусиятҳои феълӣ ва номии масдар бо ҳамдигар зич вобастаанд. Гоҳо дар як ҷумла зоҳир гардидани ҳам ҷиҳати феълӣ ва ҳам номии он дида мешавад: То як бурда нонро хоида хӯрда, чои дар пеши худ кашида мондаро нӯшида шудани чинифурӯш ӯ қариб буд нонпорчаҳоро ба поён расонад *(Айнӣ)*. Дар ин мисол масдари гузаранда (нӯшида шудан) пуркунандаи бевосита (чой) гирифтааст, ки ба хусусияти феълии он вобаста аст. Ҳамин масдар дар ибора ба воситаи бандаки изофӣ муайянкунанда ҳам гирифтааст (нӯшида шудани чинифурӯш), ки аломати исмии онро нишон медиҳад. Боз як мисоли дигар: Ӯ фаҳмид, ки Пӯлод аз як пиёла май нӯшидани ӯ бохабар будааст *(Р. Ҷалил)*.

Масдар монанди исмҳо ба вазифаи сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла меояд.

Ба вазифаи мубтадо. Хобидан ҳоло барвақт буд (*Улуғзода*). Шунидан кай бувад монанди дидан *(зарб.)*. Ба ҷадидҳо алоқа доштани Асад Махсум ба таърихнависони амир маълум буд *(Икромӣ)*.

Ба вазифаи хабар. Вазифаи наздиктарини мо ҳамаи колхозчиёнро осудаҳол кардан аст *(газета)*. Орзуи деринаи ман хондан буд *(Р. Ҷалил)*. Вазифаи Қорӣ дар ин кор... роҳбарӣ кардан ва... ба ӯ нишон додан буд *(Айнӣ)*. Чӯпонбачагон дар давидан, оҳубаррагон дар рамидан *(Айнӣ)*.

Ба вазифаи пуркунандаҳои бавосита ва бевосита. Ақлу ҳушам ба хондан банд буд *(Улуғзода)*. Аммо аз гуфтан то кардан бисьёр фарқ ҳаст *(Айнӣ)*. Ин бор аз ҳаяҷон ва кунҷ-

ковӣ ба Когон расидани худро надониста монд *(Икромӣ)*. Ин шайтон ба ҳавлиаш рафтанамро аз куҷо фаҳмида бошад? *(Айнӣ)*.

Масдар дар ибораҳои изофӣ муайянкунанда ва ё муайяншаванда шуда меояд: Сабаби ғирҷ-ғирҷ кардани кафши Муллотуробро аз ӯ пурсиданд *(Айнӣ)*. Як порча нони хӯрдан надошт *(Ч. Икромӣ)*. Харбуза меканданду шоҳиди ба қишлоқ омадани Асадмахсум шуда буданд *(Икромӣ)*. Дар Бухоро... аз шаби ба ҳавлии Қорӣ-Ишкамба рафтанамон бов монугир барф меборид *(Айнӣ)*.

Ниҳоят, масдарҳо ба вазифаи ҳолҳои мухталиф меоянд. Гулшан аз дер кардани Соро дилтанг шуда буд *(Икромӣ)*. Пӯлод аз он ки Салимбой барои дидани модарон ба хонааш омадааст, хурсанд шуд *(Р. Ҷалил)*. Дар вақти мурданам ба тарзи васият хоҳам гуфт *(Айнӣ)*. То аз сайлгоҳ баромадани вай ба пурсиш ва суолҳо, ба ишора ва нидоҳои Анбархола ҷавобе надод *(Икромӣ)*. Дар натиҷаи беаҳамият нигоҳ кардани мо рӯй додааст *(Икромӣ)*. Бо вуҷуди панҷ паҳлавонро ғалтонданаш дар маърака чунон меистод... *(Айнӣ)*. Китобҳои адабиашро ба шарти дар хонаи худаш нишаста мутолиа кардан медод *(Айнӣ)*. Бо шунида шудани овози пои касе... сухани бойбача бурида шуд *(Айнӣ)*. Инҳо ба сабаби дар мадраса ҳуҷраи зархарид надоштанашон алоқаашонро аз онҳо намеканданд *(Айнӣ)*.

Масдар шакли кӯтоҳ дорад, ки бо асоси замони гузаштаи феъл шаклан як аст. Масдарҳои кӯтоҳ дар яке аз шаклҳои феъл ва баъзе таркибҳои феълии дигар пас аз калимаҳои модалӣ меоянд:

а) дар шакли таркибии замони ояндаи сиғаи хабарӣ: хоҳам рафт, хоҳад хонд, хоҳӣ шунид, хоҳем дид...

б) дар таркибҳои феълие, ки бо калимаҳои модалии бояд, шояд, мебояд, боист, мебоист, тавон, метавон сохта шудаанд. Таркибҳои мазкур бештар дар назм вомехӯранд: Лайлиро бо чашми Маҷнун бояд дид *(зарб.)*.— Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт *(Айнӣ)*. Камбағалони ҷаҳонро муттаҳид бояд намуд — Ҷанг бо урдуи истисмор мебоист кард *(Лоҳутӣ)*. Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард *(зарб.)*. Гуфт рассом: аз ту чун тасвир мебояд кашид? — Гуфтамаш: Дар шӯъла як шамшер мебояд кашид *(Лоҳутӣ)*.

Дар таркибҳои феълие, ки бо калимаҳои модалии «даркор», «зарур», «лозим», «мумкин» сохта шудаанд, шакли пурраи масдар кор фармуда мешавад: Ин одамро аз мадраса пеш кардан лозим *(Айнӣ)*. Баҳрро дар пиёла ҷой додан мумкин нест *(зарб.)*.

Шакли кӯтоҳи масдар дар забон чун исми амал кор фармуда мешавад: даромади колхоз, баромади офтоб, рафти кор, гашти рӯз.

Масдар шакли кӯтоҳи дигаре низ дорад, ки бо сифати

феълии замони гузаштаи якум ҳамшакл аст. Ин шакли масдар одатан бо феълҳои ёридиҳандаи модалии «тавонистан» ва «шудан» меояд ва пеш аз феълҳои ёридиҳанда ҷой мегирад: Ин мард аз он одамоне набуд, ки пиёда ё савора ба сари ин кӯҳ баромада тавонад *(Айнӣ)*. Офтобро бо доман пӯшида намешавад *(зарб)*. Нохунро аз гӯшт ҷудо карда намешавад *(зарб)*. Шеър хонда натавонистани ӯро Оймуллои танбӯр мефаҳмид *(Икромӣ)*.

Гоҳо бо ин феълҳои модалӣ шакли пурраи масдар ҳам таркиб месозад: Лекин ин майли охирини туро — Ҳеҷ кардан наметавонам адо *(М. Турсунзода)*. Ин бачагони бо ҳам унс гирифтаро тамоман аз якдигарашон ҷудо карда нишон додан намешавад *(Икромӣ)*. Албатта, ту ноҳаққонии онҳоро бо ду шоҳиди одили мусулмон исбот кардан наметавонӣ *(Айнӣ)*.

Феъли ёридиҳандаи «гирифтан» бо шакли пурраи масдар таркиб сохта, ибтидо ва давоми амалро ифода мекунад: Мирнизом ҳам ба косааш нон пора кардан гирифт *(Айнӣ)*. Қорӣ-Ишкамба ин суханро гуфта, ба баргаштан муҳайё шудан гирифт *(Айнӣ)*. Баъд аз он ки кишт аз гармии офтоб пажмурда шудан гирифт, як бор об дод *(Айнӣ)*.

Агар дар чунин таркибҳо феъли модалии хостан ояд, масдар дар шакли пурра кор фармуда мешавад: Ӯ хестан мехост, аммо наметавонист *(Р. Ҷалил)*. Рашидов, ки ҳақиқатан кор кардан мехост, ҳамин районро интихоб кард *(Ҷ. Икромӣ)*.

СИФАТИ ФЕЪЛӢ ВА ФЕЪЛИ ҲОЛ

Сифати феълӣ ва феъли ҳол шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мебошанд.

Сифати феълӣ дорои аломатҳои морфологӣ ва синтаксисии ҳам феъл ва ҳам сифат аст. Бинобар ин сифати феълӣ ном дорад. Аммо ба категорияи асосии феъл соҳиб будани сифати феълиро ба назар гирифта, онро ба гурӯҳи феъл дохил мекунанд ва яке аз шаклҳои номии феъл ба шумор меравад: Ман аз колхозчиён шунида будам, ки заминҳои бо трактор **рондашуда** дучанд ҳосил додаанд *(Айнӣ)*. Дар ин ҷо сифати феълии **рондашуда** замони гузашта, намуди мутлақ ва тарзи мафъули феълро ифода карда, хусусияти феълӣ зоҳир намуда бошад ҳам, муайянкунандаи исм (заминҳо) шуда, монанди сифатҳо дар қолиби ибораи изофӣ воқеъ шудааст.

Дар процесси инкишофи таърихии забони адабии тоҷик ҷиҳатҳои феълии баъзе сифатҳои феълӣ суст гардида, хусусияти нави грамматикӣ пайдо кардаанд.

Шакли таърихии сифати феълии замони ҳозира (бо суффикси **-он**) ду хусусият дорад.

Сифатҳои феълии ин шакл, ки аз феълҳои содда сохта шудаанд, ба сифати аслӣ гузашта, монанди сифатҳо ба вазифаи муайянкунанда ва ҳол меоянд: оби **дурахшон** ва бачаи **хандон**. Ӯ **хандон** меомад. Ин шакл дар айни замон танҳо семантикаи феълии худро нигоҳ дошта меояд: Бачаҳо тӯрбаи алафи худро пуштора карда, **гирьёну нолон** ҷониби деҳа раҳсипор шуданд (*Улуғзода*). Махсусан дар ҳолати такрор (**давон-давон, тозон-тозон**) маънои феълии он равшантар ифода мегардад: **Давон-давон** омадани Солеҳ моро дар ҳайрат гузошт (*Чароғи ирфон*). Агар сифати феълӣ (бо суффикси **-он**) аз феълҳои таркибии номӣ ва феълӣ сохта шавад, хусусияти феълиашро дар вазифаи ҳол нигоҳ дошта, шакли махсуси феъли ҳол мегардад: Ҷавонро **кашолакунон** бурданд (*Р. Ҷалил*). Пирак зери лаб **хандакунон** гуфт (*Айнӣ*). Пагоҳирӯзӣ буд, ӯ аз пеши дари Наимшоҳ **гузаштаравон** як байти таронаеро тараннум кард (*С. Улуғзода*).

Шаклҳои сифати феълии замони гузашта ва ҳозираи муайян (бо суф. **-а**) дар ҷумла ҳам ба вазифаи муайянкунанда ва ҳам ҳол истифода мешаванд: Бачаи **хандида**. Вай **хандида** гуфт. Рӯзҳои **гузашта истода**. Аз болои теппа **гузашта истода** дид.

Аммо онҳо пеш аз ҳама сифати феълианд. Ба вазифаи муайянкунанда ва ҳол ифода шудани сифати феълӣ ва айнан ҳамин хел хусусияти сифати забони тоҷикӣ ҳодисаи хоси забон аст. Муқоиса кунед: Бачаи хуб. Духтарак хуб мехонад. Бачаи хандида. Саодат хандида гуфт.

Пас аз Революцияи Октябрь ба муносибати бо забони гуфтугӯӣ хеле наздик шудани забони адабии миллии тоҷик сифатҳои феълии бо суффикси **-гӣ** (хондагӣ, мехондагӣ, хонда истодагӣ) дар забони адабии ҳозираи тоҷик васеъ истифода шуданд. Ин ҳодиса имкон дод, ки шаклҳои дигари сифатҳои феълӣ (бо суффикси **-а**) бештар, хусусан дар нутқи гуфтугӯӣ, ба вазифаи ҳол ҳам кор фармуда шуда, аломати феъли асосиро шарҳ диҳанд. Сифати феълии замони ҳозираи муайян амали бо хабар дар як замон воқеъгардидаро ифода мекунад: Гулрӯ гӯсоларо аз дари кӯча **бароварда истода**, пеш аз ҳама, ба бошишгоҳи аскарони сурх назар андохт (*Р. Ҷалил*). Вале сифати феълии замони гузашта амалеро ифода мекунад, ки пеш аз амали асосӣ (хабар) воқеъ аст: Аз қуллаҳои барфини кӯҳҳои Помиру Алай обҳои мусаффои нилгун кафкҳои сарди худро ба рӯи сангҳо **пош дода** сарозер мешаванд (*Улуғзода*).

Ҳамин вазифаи сифатҳои феълии замони гузашта ва ҳозираи муайянро ба назар гирифта, забоншиносон онҳоро сифати феълӣ-феълии ҳол ҳам номидаанд.

Феъли ҳол бо хусусияти морфологиаш ба феъл, аз рӯи

вазифаи синтаксисӣ ба зарф монанд аст. Феъли ҳол шакли тағьирнашавандаи феъл мебошад. Мисол: Носири Хисрав созашро озмоишкунон аз он тараф овозҳои нав ба нав мебарорад *(С. Улуғзода)*. Дар ин ҷумла феъли ҳоли **озмоишкунон** тарзи фоил ва намуди давомнокро фаҳмонда, аломатҳои феълиро ифода кунад ҳам, ба вазифаи ҳол омада ба зарф наздик мешавад. Феъли ҳоли мазкур пуркунандаи бевоситаро (созашро) низ вобаста карда, хусусияти барҷастаи вобастагии феълиро низ нигоҳ медорад.

Феъли ҳол дар забони тоҷикӣ танҳо як шакл дорад.

СИФАТИ ФЕЪЛӢ

Сифати феълӣ амал ё ҳолатеро мефаҳмонад, ки ҳамчун аломати предмет дар яке аз замонҳо воқеъ мешавад.

Сифати феълӣ чун феъл баъзе хусусияти хоси грамматикӣ дорад.

Сифатҳои феълӣ **гузаранда** (кашонанда, тамомкунанда, навишташудагӣ, ичро мекардагӣ, баровардаистода, шуниданӣ) ва **монда** (раванда, дурахшанда, баромада, шукуфтагӣ, меомадагӣ, тулӯъ кардаистода, гузашта истодагӣ, рафтанӣ) мешаванд. Хусусияти гузаранда ва монда доштани сифатҳои феълӣ ба ифодаи категорияи тарзҳои феъл зич вобаста аст.

Сифати феълии гузаранда амалеро ифода мекунад, ки он бевосита ба объект равона шудааст: китоб хондагӣ, мактубро навиштагӣ. Мисолҳо: Ғурриши гӯшро **каркунандае** карду аз шикамаш сиёҳ-сиёҳ ду бомбаро партофт *(Ниёзӣ)*. Ҷавони дегро **овардагӣ** аз як гӯшаи он дошта меистод *(Ф. Муҳаммадиев)*. Одами ариза **навишта медодагӣ** наёфта, ба пеши шумо омадам,— гуфт Пӯлод *(Р. Ҷалил)*.

Сифати феълии монда амал, ҳолат ва ҳаракатро ҳамчун аломати субъект мефаҳмонад: Каси аз дар **бароянда** як каси қадпаст буд *(С. Айнӣ)*. Қурбоналӣ коргарони **дар зери** дасти худаш **коркунандаро** як нахӯдшӯрбои бегӯшт зиёфат карда ба онҳо гуфт *(С. Айнӣ)*. Аз тарафи пайраҳа аввал садои ханда баланд шуд, баъд худи шахси **хандидагӣ** ҳам намоён гардид *(П. Толис)*.

Як сифати феълӣ ҳам гузаранда ва ҳам монда шуда метавонад. Маънои конкрети он одатан дар ҷумла муайян мешавад: Китобро **хонда истодагӣ** (гузаранда), дар университет **хонда истодагӣ** (монда).

Баъзе сифатҳои феълии гузаранда ҳамчун ёридиҳанда омада феълҳои таркибии номии гузаранда ва монда месозанд. Ин ҳодиса ба маънои луғавии ҷузъи номии феълҳои таркибӣ низ алоқаманд аст: такрор кардагӣ (гузаранда) — хоб кардагӣ (монда), пешвоз гирифтагӣ (гузаранда) — дам

гирифтагӣ (монда), ҷеғ задагӣ (гузаранда) — гулдуррос задагӣ (монда).

Сифати феълии монда бо ёрии суффикси **-он** ба гузаранда табдил меёбад: хандида — хандонда, нишаста — шинонда, гузашта — гузаронида ва ғайра. Мисол: Кампири 80-солаи умрашро дар сахтӣ **гузаронида** ба гуфтани як-ду ҳикоя ё афсона монда нашуд *(С. Айнӣ)*. Ӯ ба се фӯтаи лах-лахаи ба миён **печонидааш** чизҳои бисьёре овехта буд *(Р. Ҷалил)*.

Агар суффикси **-он** ба сифати феълии гузаранда ҳамроҳ шавад, сифати феълии гузарандаи бавосита ҳосил мешавад: пӯшида — пӯшонда, навиштагӣ — нависондагӣ...

Мазмуни мактубҳои **нависондагиатонро** ба ӯ нақл кардам *(Ҷ. Икромӣ)*. Либосҳои ба Шарифа **дӯзондаатон** хеле зебидааст *(Р. Ҷалил)*.

Сифатҳои феълии забони тоҷикӣ се тарз доранд: тарзи **фоил**, тарзи **мафъул** ва тарзи **миёна.**

Сифатҳои феълии тарзи фоил аломати субъектро бо амали гузарандае ифода мекунанд, ки ба объект бевосита равона мешавад: Дар тоқу деворҳои даруни бино ҳайкалҳои модарони дар кафи худ кабӯтари сафеди сулҳ **доранда** сохта шудаанд *(М. Турсунзода)*. Вақте ки ҳаво тамоман торик гашту на аз домод ва на аз Арслоналии подаро **ронда рафтагӣ** дараке нашуд, пиразан ҳам беқарор гардид *(Р. Ҷалил)*.

Сифатҳои феълии тарзи мафъул аз сифатҳои феълии тарзи фоил бо ёрии феъли «шудан» сохта шуда, аломати предметро ифода мекунанд, ки дар ҳақиқат объекти амал аст. Дар ин маврид субъект фақат ҳамчун пуркунандаи бавосита омада метавонад:

Деҳқон чакмани ба тагаш паҳн **кардашударо** мебарорад *(Р. Ҷалил)*. Рӯшноиро аз як даричаи ба рӯи саҳни беруни мадраса **кушода мешудагӣ** мегирифт *(С. Айнӣ)*.

Дар ҷумлаи зерин субъект ҳамчун пуркунандаи бавосита ифода шудааст. Сиддиқхон маоши **аз подшоҳӣ** ба худаш додашавандаро ба китобхарӣ сарф кард *(С. Айнӣ)*.

Хулоса, тарзҳои фоил ва мафъул бо феълҳои гузаранда ифода мешаванд.

Худи сифатҳои феълии таркибии номӣ бо феълҳои ёридиҳандаи «шудан», «гаштан», «ёфтан», «дидан» тарзи мафъулро ҳам ифода мекунанд: Инҳо аввал лафзбозиҳо, муаммоҳо, қасидаи аз ҳарфи бенуқта **тамомшаванда** барин корҳоро ба даст даровардаанд *(С. Айнӣ)*. Чашмони аз мастӣ **хирашудаи** ман ӯро намешинохт *(С. Айнӣ)*. Унвони маълум ва машҳури аз тарафи уламо ва сипоҳиён **қабулёфтаи** ӯ буд *(С. Айнӣ)*. Монанди гули **хазондида** хеле пажмурда ба назар меояд *(С. Айнӣ)*.

Агар дар ибораи изофӣ сифатҳои феълии гузарандаи замони гузашта, ҳозира-оянда ва ҳозираи муайян ба вазифаи муайянкунанда оянд ва муайяншаванда чун объекти он-

ҳо хизмат кунад, тарзи мафъул низ ифода меёбад. Дар ин сурат сифатҳои феълӣ асосан бо бандакҷонишинҳои шахсию соҳибӣ ифода мешаванд: Мо маҷбур шудем, ки оби аз ҳавз **овардаамонро** зуд кор фармуда бақияашро резонем *(С. Айнӣ)*. Ту боз як бори дигар байти навакак **хондаатро** хон ва аз ман ҷавоб шунав *(С. Айнӣ)*. Кори **мекардагиатро** ман ҳеҷ нафаҳмидам-ку! *(С. Улуғзода)*. Одина ҳар рӯз пагоҳӣ аз оғил молҳоро гирифта ба чаро мебурд ва бегоҳӣ ҳезумҳои он рӯз аз дара ва кӯҳ шикаста **гундоштагиашро** ба хар бор карда, рамаро пеш андохта ба хонаи хӯҷаини **худ** меовард *(С. Айнӣ)*.

Тарзи мафъул махсусан дар ибораҳое, ки субъекти мантиқӣ доранд, боз ҳам равшантар ифода мешавад: Чарҳҳои падарам **тарошидаро** ҳам касе нахарид *(С. Айнӣ)*. Ман ягон усули нави шумо **намедонистагиро** кор намефармоям *(С. Улуғзода)*. Заминҳои сел **шуста бурдаро** вайрон кардан гирифтанд *(Ҷ. Икромӣ)*. Агар чизи вай ёд **дода истодаро** дуруст гуфта натавонад, бо остини васеу дарози куртааш ба рӯи ӯ мезад *(С. Айнӣ)*.

Агар муайяншавандаи ин шаклҳои сифати феълӣ ҳамчун субъект омада бошад, тарзи фоилро мефаҳмонад: **одами мактуб навиштагӣ, бачаи китоб овардагӣ, духтараки суруд хондагӣ, зани хӯрок пухтагӣ...**

Сифатҳои феълии тарзи миёна бо феълҳои монда омада амалу ҳолатро ҳамчун аломати субъект ифода мекунанд. Сифатҳои феълии тарзи миёна бо объекти бевосита ҳеҷ ифода намешаванд: Ба деҳқонони аз саҳро **омада** «чой» гуфта мефурӯшад *(С. Айнӣ)*. Дарахтони бед, гуҷум ва тут ҳам монанди зардолуҳои дар баҳорон **шукуфта** шукуфазореро ба назаратон ҷилва мекунониданд *(С. Айнӣ)*. Ҳамаи ин аҳли аз шодӣ ва хурсандӣ ба пӯсти **худ намегунҷидагиро** ба шаҳр фуровард *(Ҳ. Карим)*.

Сифатҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ се замон доранд: замони ҳозира, гузашта ва оянда. Категорияи замон ҳамчун хусусияти барҷаста сифати феълиро ҳамеша дар доираи феъл нигоҳ медорад.

Замони ҳозира: Тирҳои жолавор **борандаи** пулемёт босмачиёни дар як ҷо **ғун истодаро** тут барин мерехт *(С. Айнӣ)*. Сухани паст-паст **гуфта истодан** ҳамон профессор ба гӯши ҳама равшану гӯё мерасид *(Р. Ҷалил)*.

Замони гузашта: Мо порчаҳои дар дасти додари шоир **мондаро** навишта гирифтем *(С. Айнӣ)*. Куртаи крепдешини гулобиранг ва хеле санъаткорона **дӯхташударо** дар бар кард *(Ҷ. Икромӣ)*.

Замони оянда: Маърӯзаи ҳисоботии дар бюрои райком **мекардагиашро** бароварда хонда нишаст *(С. Улуғзода)*. Шабона дарсҳои гузаштаро такрор ва дарсҳои **хонда шуданишт** тайёр мекардам *(С. Айнӣ)*.

Сифатҳои феълӣ монанди феъл хусусияти **вобастакунӣ**

дошта калимаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунанд: Ғурриши ғор ва нолаи **аз ҷангал бароямдаро** худам бо гӯши худ шунида будам *(С. Айнӣ)*. Ӯ фармони **ба воситаи қушбегӣ аз амир гирифтаашро** аз баҳал бароварда... *(С. Айнӣ)*. Ин ҷанг мудофиаи боғу бӯстони **бо мубориза ва меҳнати қаҳрамонона парваришъёфтаи** мо мебошад *(А. Деҳотӣ)*.

Хусусан сифатҳои феълии гузаранда пуркунандаи бевоситаро вобаста намуда, яке аз хусусиятҳои барҷастаи феълии худро зоҳир менамоянд: Киштибон ки ин ҳолро дид, ба одами **гипсарро** дар об **фароранда...** гуфт *(С. Айнӣ)*. Барфи **рӯи пайраҳаро пӯшида** дар зери пои Рустамов ғиҷиррос мезад *(Ф. Ниёзӣ)*. Холаи **ҷома дӯхта истодагӣ** аз паси айнак ба писарчааш нигарист *(П. Толис)*. Мо ҳам **колхоз ташкил додаӣ** *(Ҷ. Икромӣ)*. Мон ки урфу одатҳои **занро каниз, мардро ғулом мекардагӣ** аз миён бардошта шаванд *(Ҳ. Карим)*.

Сифатҳои феълии замони гузашта, замони ҳозираю оянда ва ҳозираи муайян ғайр аз пуркунанда калимаҳоеро ба ибораи худ дохил менамоянд, ки субъекти амал шуда омадаанд: Чӯбҳои **ман ба ҳавз фиристодагӣ** чӯбҳои тут буданд *(С. Айнӣ)*. Бо бригадаи дар он **шавҳараш кор мекардагӣ** мусобиқа баста буд *(Ҳ. Карим)*. Агар чизи **вай ёд дода истодаро** дуруст гуфта натавонад... *(С. Айнӣ)*.— Ака бой... ғуломон-ку бо мошиёбаи **Қалмоқоим гарм карда медодагӣ** шикамашонро сер мекардаанд, аммо мо ба тӯй омада, бо чӣ чиз шикамамонро сер мекунем? *(С. Айнӣ)*.

Сифати феълӣ намуди мутлақ ва давомнокро ҳам ифода менамояд. Сифатҳои феълии намуди мутлақ анҷом ва натиҷанокии амалро нишон медиҳад: Нақшаи ҷангии Павел **тартибдода** ба Пӯлод ниҳоят маъқул шуд *(Р. Ҷалил)*. Ҳамон чизҳои ба чашми худ **дидаатро** гуфта деҳ *(С. Айнӣ)*. Занаш Аноргул дар таги новаи чашма як тағора либоси **шустаашро** ба об чайқонда истода буд *(С. Улуғзода)*. Мӯйлабҳои тамоман **тарошидашуда** аз сифатҳои муштараки ин ду кас буданд *(С. Айнӣ)*. Аз оши палави ман **бурда додагӣ** ба ту ҳам доданд? *(С. Айнӣ)*.

Намуди мутлақ махсусан ба воситаи баъзе феълҳои ёридиҳанда равшантар ифода мегардад: Хосият дастархони барои тӯйравӣ **тахт карда мондагиашро** оварда, дар рӯи сандалӣ гузошт *(С. Улуғзода)*. Суханҳои **чида гирифтаашро** ба хӯҷаин ва баъд ба волостной бурда расонад *(Р. Ҷалил)*. Ҳамсӯҳбати ман аз чойники бо рӯймолча **печонда мондагиаш** як пиёла чой кашида нӯшид *(С. Айнӣ)*. Лабҳои ба ханда кушода **шуда рафтаашро** ба ҳам кашида натавониста чанд сония нигоҳ карда истод *(С. Айнӣ)*. Нонҳои дар вақти гурез **пухта овардаашонро** шамол медоданд *(С. Айнӣ)*. Ба гумонам, дар майнааш гапҳои талху тунди ба мағзи устухон **рафта мерасидагиро** ҷамъ мекард *(Р. Ҷалил)*.

Сифатҳои феълии намуди давомнок аҳамияти нотамом да-

вомнокро ифода мекунанд: Бой як бурда нони қоқи ҳаррӯза ба Ятим **медодагиашро** харҷи барзиёд донист *(С. Айнӣ)*. Аз ғур-ғуру ак-аки сагҳои ба атрофи онҳо **ҷамъ мешудагӣ** ҳама безор мешуд (*А. Деҳотӣ*). Аз зарраҳои ба рӯяш **задаистодаи** об лаззат мебурд *(Р. Ҷалил)*. Бо фармони Рӯзимурод аз дунболи босмачиёни **гурехта рафта истодагӣ** тир андохтанд. *(С. Айнӣ)*.

Сифати феълӣ ҳамчун сифат шакли ҷамъ намегирад ва чун муайянкунанда ба ибораи изофии аломат дохил шуда, асосан пас аз муайяншаванда ҷой мегирад: одамони **омадагӣ**, офтоби **тулӯъ карда истода**, образи **фаромӯшнашаванда**, тутҳои **хӯрданӣ**.

Мисол: Ин тамға он тамғаи буд, ки ба молҳои ба Россия **фиристодашавандаи** бой, ба ғӯсфандҳои **дар рама будаи** он, ба аспҳо ва молҳои сиёҳи дар **гала будааш** ва ба шутурҳои дар **қатор гаштааш** зада мешуд *(С. Айнӣ)*.

Гоҳо монанди сифатҳо пеш аз муайяншаванда омадани сифати феълӣ низ дида мешавад ва бештар хусусияти гуфтугӯӣ дорад: Дар хона нигоҳубин **мекардагӣ** одам ҳам надорад *(Ҷ. Икромӣ)*. Дар он ҷо шуморо **мешинохтагӣ** одамҳо бисьёр буданд *(С. Улуғзода)*. Ба пул **мерафтагӣ** чизаш ҳам намонд (*С. Айнӣ*).

Ин ҳодиса дар назм, махсусан дар назми классикӣ бештар мушоҳида мешавад:

Хон навоҳои баҳори даврӯ даврони Ватан!
Хон ғазалҳои **шукуфта шаҳру қишлоқи** чаман.

(А. Деҳотӣ)

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.

(А. Фирдавсӣ)

Бигашт андар ин низ як шаб сипеҳр,
Чу барзад сар аз кӯҳ **тобанда меҳр**.

(А. Фирдавсӣ)

Сифатҳои феълӣ ба вазифаи ҳол фаровон истеъмол мешаванд:

Аз гӯшаи дури зиндон **ҳунгос зада гиристани** марде **шунида** шуд *(С. Улуғзода)*. Суханро **наандешида, насанҷида** магӯ *(зарб.)*. Сартароши солхӯрда деҳқони ҷавонеро рӯи санг **шинонда** мӯи сарашро метарошид *(С. Улуғзода)*. Дӯст **гирьёнда** гап мезанад, душман **хандонда** (*зарб.*). Азимшоҳ гум шудани ду гӯсфанди худро **шунида** ҳеҷ изҳори андӯҳ накард *(С. Айнӣ)*. Нуралӣ аз пеши тамошобинон **гузашта истода** ба тарафи онҳо як назар андохт *(С. Улуғзода)*.

Сифатҳои феълӣ хабари ҷумла ҳам шуда меоянд: Рангҳо **парида**, чашмҳо **дарун рафта**, биниҳо **теғ кашида**, дастҳо **кубла зада**, **кафида** ва **хуншор шуда**, пойҳо **обила карда** ва ҷароҳат **пайдо карда** ва либосҳо **дарида**... (*С. Айнӣ*). Саломатхола бо шавҳараш гашта обдориро нағз **омӯхтагӣ**... (*Ҷ. Икромӣ*). Барф рӯи заминро кӯрпа барин **пӯшонда гирифтагӣ** (*Толис*).

Сифати феълӣ аз рӯи маъно ва вазифаи синтаксисӣ ба сифат наздик аст, бинобар ин он дар ҷумла ба категорияи сифат мегузарад. Агар дар сифати феълӣ хусусияти грамматикии замон, тарз, намуд ва вобастакунии феълӣ суст гардад ё гум шавад, албатта, он аввал ба сифат, баъд ба исм мегузарад. Дар мисолҳои зерин сифатҳои феълӣ ба сифати аслӣ гузаштаанд ва ҳатто дараҷаҳои қиёсӣ гирифтаанд: Ба фикри ман ҳам таклифи Саидмуҳаммад — таклифи пухта (*Ҷ. Икромӣ*). Ӯ аз забони зани **шӯридаву бекарораш** тафсили воқеаро шунида буд (*С. Улуғзода*). Теғе аз ман **бурандатар** набувад — Барқе аз ман **ҷаҳандатар** набувад (*А. Лоҳутӣ*). Имконият дод, ки шарикаш **осудатар** хоб кунад (*Ҷ. Икромӣ*). Ба ӯ раҳбарии бригадаи аз ҳама **ақибмондаро** супориданд (*газета*). Инро мо рӯзи **гузашта** харида будем, Пётр (*Р. Ҷалил*).

Сифати феълӣ дар ҷумла ҳамчун исм ҳам кор фармуда мешавад. Маълум аст, ки сифати феълӣ аломати предметҳои мухталифро ифода карда метавонад ва доираи истеъмоли он ниҳоят васеъ аст, аммо сифати феълии исмгардида фақат предмети муайяни ба ҳамин аломат молик бударо эзоҳ медиҳад. Сифатҳои феълии исмгардида дорои хусусияти асосии исм мегарданд:

а) категорияи шумораро ифода мекунанд ва суффиксҳои ҷамъбандӣ мегиранд: кор мекардагиҳо, омада истодагиҳо, ҳуҷумоварандагон, нишастагиҳо.

б) бо пешояндҳо ва пасояндҳо меоянд: аз рафта истодагон, бо равандагон... Ёдгор шунидаҳояшро ягон-ягон ба Гулнор нақл кард (*С. Айнӣ*).

Сифати феълии исмгардида дар ҷумла вазифаи синтаксисии исмро адо карда метавонад: Ҷӯянда (мубтадо) ёбанда аст (*зарбулмасал*).

Раис **бо кор карда истодагиҳо** (пуркунанда) саволу ҷавоб карда гузашта мерафт (*С. Улуғзода*). Номашро соли гузашта дар рӯйхати **орден гирифтагиҳо** (муайянкунанда) дидам (*Толис*). **Донистагии** (мубтадо) худам ба худам маъқул буд (*Ҳ. Карим*).

Сифатҳои феълии замони ҳозира ва гузаштаи шакли якум бештар ҳамчун исм кор фармуда мешаванд.

Сифатҳои феълии исмгардида ду хел мешаванд:

1. Сифатҳои феълии исмгардидае, ки бе калимаҳои эзоҳдиҳанда меоянд: Ҳоло ҳам роҳи калони аз пеши ин майдонча гузаранда бо **равандагон** пур, ҳоло ҳам оромии шабро са-

дои **равандагон** вайрон мекард *(С. Айнӣ)*. Бо хондани **навиштаҳои** матбуот ва бо шунидани **гуфтаҳои** радио оташи шавқи тамошои пойтахти Ватан дар дили ман торафт баландтар мешуд (*А. Деҳотӣ*). **Хӯрданӣ** ва ширинихо дар лаълӣ оварда мешуданд *(С. Улуғзода)*. Вай кам-кам ба забон даромад, баъзе **дидагиҳояшро** ҳикоя мекард *(«Шарқи Сурх»)*. **Аз дидаву шунидаҳояш** гап сар кард *(С. Айнӣ)*.

2. Сифатҳои феълии исмгардидае, ки бо калимаҳои эзоҳдиҳандаашон омадаанд: **Мол надоштагиҳо** чӣ мекунанд? *(Ҷ. Икромӣ)*. **Ва саҳна гузоранда** ва ё нависандагони либретто метавонистанд... *(Қаҳҳорӣ)*. Вай **аз берун омадагонро** ба дарун роҳ намедиҳад *(С. Айнӣ)*. Вазифаи мо, **роҳнишинон, барои дар роҳ афтодамондагон** ва **сармоягирифтагон** хизмат кардан аст *(С. Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии исмгардидаи гурӯҳи дуюм нисбат ба якум хусусияти феълии худро бештар нигоҳ медоранд.

СОХТИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик сифатҳои феълӣ аз ду асоси феъл ва масдар сохта мешаванд.

Сифати феълӣ панҷ шакл дорад:

1. Сифати феълии замони ҳозира: раванда, ҷӯянда, ҳалкунанда.

2. Сифати феълии замони гузашта дар ду шакл:

а) шакли якум: омада, шунида, ичро шуда, хонда баромада.

б) шакли дуюм: хондагӣ, дода шудагӣ, дам гирифтагӣ.

3. Сифати феълии замони ҳозира-оянда: мехондагӣ, ичро мекардагӣ.

4. Сифати феълии замони ҳозираи муайян дар ду шакл:

а) шакли якум: хонда истода, давида истода.

б) шакли дуюм: навишта истодагӣ, шунида истодагӣ.

5. Сифати феълии замони оянда: хонданӣ, сарф шуданӣ.

Агар сифатҳои феълии мураккаб ва таркибӣ дар шакли инкор омада бошанд, ҷузъи ёридиҳандаи чунин сифатҳои феълӣ ҳиссачаи **на-** мегирад: фаромӯшнашаванда, дӯхтанашуда, тамомнакарда, хонда набаромадагӣ, ҳал намешудагӣ, тамом нашуданӣ, гӯш накарда истодагӣ, тамом намекардагӣ ва монанди инҳо.

Сифати феълии замони ҳозира

Шакли сифати феълии замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феълҳои гузаранда ва монда бо ҳамроҳ кардани суффикси **-анда** сохта мешавад:

а) аз феълҳои содда ва сохта: рафтан — раванда, шуни-

дан — шунаванда, хондан — хонанда, пӯшидан — пӯшанда, баромадан — бароянда ва монанди инҳо. Ин шакли сифати феълӣ аз баъзе феълҳо сохта намешавад: истодан, хандидан ва монанди инҳо.

б) аз феълҳои таркибӣ: нутқ кардан — нутқкунанда, зинат додан — зинатдиҳанда, ҳал кардан — ҳалкунанда ва монанди инҳо.

Шакли сифати феълии замони ҳозира дар замони ҳозира воқеъ гардидани амалу ҳолатро мефаҳмонад. Категорияи замон яке аз хусусиятҳои барҷастаи феълии он мебошад. Ин шакл бештар хусусият ва ё амали доимии предметро дар замони ҳозира нишон медиҳад: Онҳо дар доираи дидбонии худ на танҳо одамонро, ҳатто шапалакҳои шабпари дар ҳаво **парвозкунандаро**, моҳиҳои дар об **гардандаро**, кирмҳои дар мағзи хок **ҳаракаткунандаро**, хулоса ҳар ҷой ва ҳар чизи **ҷунбандаро** бо пухтагӣ ва ҳушьёрӣ аз назар мегузаронидand *(С. Айнӣ)*. Ин тирҳо кам хато мехӯрданд ва босмачиёни ғулӣ шуда **ҳуҷумоварандаро** монанди галаи зоғҳои бо сочма зада шудагӣ ба замин мерезонданд *(Айнӣ)*. Дар мисоли дуюм маъноии замонии сифатҳои феълӣ боз ҳам равшантар ифода гардидааст, зеро онҳо ба ҳамдигар аз ҷиҳати замон муқобил гузошта шудаанд.

Сифатҳои феълии замони ҳозира **гузаранда** (донанда, фаҳманда, кашонанда, **каркунанда**, зинатдиҳанда) ва **монда** (ҷаҳанда, расанда, коркунанда, бозанда, ҳаракаткунанда) мешаванд.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи гузаранда амалеро ифода мекунанд, ки он бевосита ба объект равона мешавад: Хайбар саги бисьёр хуб буда, дар андак вақт ҳамаи ғуфтаҳои моро **фаҳманда** ва вазифаи асосии худро **донанда** шуда монд *(С. Айнӣ)*. Ман то Москва поездҳои ба сохтмонҳо... машинаҳои бинокорӣ **кашонандаро** дидаам *(М. Турсунзода)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи монда одатан амалу ҳолат ва ҳаракати фоилро ифода мекунанд ва пуркунандаи бевосита намегиранд: Ту ба обҳои бозикунон боло **ҷаҳандаи** фонтан нигоҳ мекунӣ *(Ҷ. Икромӣ)*. Ба ин ғурриши бод гулдурраси пай дар пай аз дуру наздик ба гӯш расандаи тӯпу туфангҳо низ ҷӯр мешуд *(Ф. Ниёзӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира се тарз доранд: тарзи фоил, тарзи мафъул ва тарзи миёна.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи тарзи фоил фақат бо амали гузаранда ифода мешаванд ва одатан ба объекти бевосита равона мегарданд: Ғурриши гӯшро **каркунандае** карду аз шикамаш сиёҳ-сиёҳ ду бомбаро партофт *(Ф. Ниёзӣ)*. Зан аз погонҳо, аз ордену медальҳои сандуқи дили Усмонро **зинатдиҳанда** чашм намеканд *(Р. Ҷалил)*. Як бемори ба духтуршоҳ худро **муолиҷакунанда** ҳамин Ҷӯра-корвон буд *(С. Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи тарзи мафъул аз феълҳои гузаранда ба воситаи феъли ёридиҳандаи «шудан» сохта мешаванд: Сиддиқхон ба илму адабиёт шуғл намуд ва маоши аз подшоҳӣ ба худаш додашавандаро ба китобхарӣ сарф карда, вақти худро тамоман ба мутолиа дод *(Айнӣ)*. Ин тағма ба молҳои ба Россия **фиристодашаванда** зада мешуд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи таркибии номӣ бо феълҳои ёридиҳандаи «шудан» тарзи мафъулро низ ифода мекунанд: Барои рухсат гирифтан далели ба хӯҷаин **маъқулшавандае** надоштам (*Айнӣ*). Бояд маблағи **сарфшаванда** ба воситаи мову шумо ба даст дарояд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи содда одатан шакли инкорӣ намегиранд. Фақат дар шакли мураккаби тарзи мафъул ҷузъи ёридиҳандаи он, ки феъл аст, префикси **на-** қабул мекунад: фаромӯшнашаванда, маъқулнашаванда ва ғайра. Мисол: Бо ҳамин амалиёт Некқадам ҳам ба қатори молҳои **ҳеҷ гумнашаванда** ва **барҳамнахӯрандаи** тағмадори бой даромаданд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи тарзи миёна бо феълҳои монда ифода мешаванд. Онҳо фақат амалу ҳолат ва ё ҳаракатеро чун аломати субъект фаҳмонда, пуркунандаи бевосита намегиранд: Тирҳои **жолавор борандаи** пулемёт босмачиёни дар як ҷо ғунистодаро тут барин мерехт *(Айнӣ)*. Ба ин ғурриши бод гулдурраси пай дар пай аз дуру наздик **ба гӯш расандаи** тӯпу туфангҳо низ ҷӯр мешуд *(Ниёзӣ)*. Каси аз дар **бароянда** як каси қадпаст буд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира хосияти вобастакунии феълӣ доранд. Ин шакл монанди феълҳо калимаҳои дигарро ба худ вобаста мекунад ва ибораҳои сифати феълии замони ҳозира месозад: Ӯро бо ҳамроҳии ҷанговари дигар ба як пайраҳаи **ба бешазор раванда** гусел кард *(Ниёзӣ)*. Гӯё аз ҳуҷуми аспони **аз пас оянда** худро мудофиа менамуд *(Айнӣ)*. Аробакаш чору ночор розӣ шудааст, ки бо вуҷуди дар пеши ароба нишастанашон аз онҳо баробари равандагони **дар паси ароба нишинанда** пул гирад *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи гузаранда пуркунандаҳои бевоситаро вобаста намуда, яке аз хусусиятҳои барҷастаи феълии худро нигоҳ медоранд. Бояд қайд намуд, ки ин шакл дар забони адабии имрӯзаи тоҷик ҳамчун сифати феълӣ серистеъмолтар гардидааст:

Шаҳру деҳот, кӯҳу саҳроҳои бепоёну беҳисоби рӯз аз рӯз аз сабзаю чаманҳо рангоранг либос **пӯшандаи** худро аз назар гузаронем *(Ниёзӣ)*. Чи ранги он ва чи бӯи ногувори дилу гулӯи касро **хафакунанда** ба мо ошност *(«Тоҷикистони Сурх»)*. То ки харидор ба дами ягон судхӯри пули нақд **қарздиҳанда** наафтад *(Айнӣ)*.

Ибораҳои сифати феълии замони ҳозираи дигар бо эзоҳи

ҳолҳо сохта мешаванд: Даҳони хурди худро кушода, дандонҳои биринҷшаклу **садафвор тобандаи** худро нишон медод *(Р. Ҷалил)*. Ту ба обҳои **бозикунон болоҷаҳандаи** фонтан нигоҳ мекунӣ *(Икромӣ)*. Ин шарбати аз ҷувол **софӣ шуда гузаранда** чакидан гирифт *(Айнӣ)*. Ҳеҷ чиз монанди тамошои поездҳои **дам ба дам гузаранда** диққати маро ба худ намекашид *(Деҳотӣ)*. Бинобар ин пешаварони **бебунак коркунанда** аз як ҳафта зиёд кор намекарданд *(Айнӣ)*. Шабонгоҳ ин пайраҳа лашкари бо шитоб равандаи Восеъро дар се соат ба Сурхобдара бароварда *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира фақат намуди давомнокро ифода мекунанд: Одами дартоз **оянда** ба лаби дарьё расид *(Айнӣ)*. Шаҳр ва атрофи наздики он дар тобистонҳо ҳеҷ гоҳ аз бемориҳои бисьёр **рӯйдиҳанда** ва аз муромуриҳои барзиёд холӣ набуданд *(Айнӣ)*. Ӯ байтҳои хуби ба одам **таъсиркунанда** мехонд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира, пеш аз ҳама, ба вазифаи муайянкунанда меоянд: Ҳоло шаби бешаббода, торик ва **нафастангкунандаи** шаби Бухоро сар шуда буд *(Икромӣ)*. Аспоне, ки ин гуна сафарҳоро бисьёр дидаанд, аз ин тадбир гӯё хабардор буда, дар куҷо гӯронида шудани чизи **аз марг халоскунандаи** худашонро бо диққати тамом ба назар гирифта мемондаанд *(Айнӣ)*. Ҳоло ҳар коре ки шуда бошад, ба гардани Ортиқ бор мекунанд, ман бошам, як одами ҳалолу рости **аз ҳаққи мардум парҳезкунанда** шуда мемонам *(Айнӣ)*. Заркафил вақте даркор мешавад, ки қарздор **чизи ба гаравдиҳанда** надошта бошад, ё чизе ба гарав надиҳад *(Айнӣ)*.

Чунин муайянкунандаҳо пеш аз муайяншавандаҳо ҳам омада метавонад. Ин ҳодиса бештар хоси назм аст:

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст,
Гарданда фалак низ ба коре будаст.

(Хайём)

Ҷаҳон мар туро дод яздони пок,
Зи тобанда хуршед то тира хок.

(Фирдавсӣ)

Сифатҳои феълии замони ҳозира хабар шуда меоянд: Ҷӯянда **ёбанда аст** *(зарб.)*. Ин ангуштарин аз ханҷари дудамаи шумо **буррандатару қотилтар аст** *(Улуғзода)*. Доруға бояд ки мисли саг **газанда бошад** *(Улуғзода)*.

Дар забони ҳозираи тоҷик процесси фаъоли ба категорияҳои сифат ва исм гузаштани сифати феълии замони ҳозира мушоҳида мешавад. Агар ин сифатҳои феълӣ як ё якчанд

хусусиятҳои феълии худро гум кунанд, онҳо ҳатман ба категорияи сифат мегузаранд ва хосияти доимии предметҳоро ифода менамоянд. Сифатҳои феълии монда ва гузаранда ба сифат мегузаранд: гӯсфанди **раманда**, духтари **пазанда**, гови **зананда**, аспи **даванда** ва монанди инҳо.

Дар ин маврид сифатҳои феълии замони ҳозира дорои хусусиятҳои асосии сифати аслӣ мешаванд:

а) Дараҷаҳои қиёсӣ мегиранд: Аспатон аз ин ҳам **давандатар** ва милтиқатон аз ин ҳам **нишонгиртар шавад** *(Айнӣ)*. Фарқ дар ин аст, ки рама ба чарогоҳ меравад ва ин бенавоён ба кори ройгони ноҳақтар аз зулми золим ва **гудозандатар** аз оташи ҷаҳаннам *(Улуғзода)*.

Вақти он аст, эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи теғ,
Вақти он аст, эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ.

(Юсуфӣ)

Ман ин харро беҳтарин харҳо ва **давандатарини** онҳо гумон карда то Вобканд киро кардам *(Айнӣ)*.

б) Бо зарфҳои миқдору дараҷа меоянд: Рӯзҳои ниҳоят **ҳалкунандаи** ҷамъоварии пахта сар шуда буд *(газета)*.

в) Бо сифатҳои аслӣ ба тарзи чида воқеъ мегарданд:

Буд яке рӯз ба фасли баҳор
Софу **дурахшанда** ҳаво беғубор.

(Суҳайлӣ)

Чашмонашро аз чашмони сиёҳ ва **дурахшандаи** Нарзӣ наканд *(Ҳ. Карим)*.

Сифати феълии замони ҳозира дар матн ба вазифаи исм меояд: Ба дарвозаи хурд посбонон гузоштанд, ки **дароянда** ва **барояндаро** тафтиш мекард *(Айнӣ)*. Ин вақт **оянда** аз дари пойгаҳ ба хона даромада буд *(Айнӣ)*. Таъсири як олам нолаи ҷонсӯз ва фарьёди ҷонгудозро ба **бинанда** зоҳир месозад *(Айнӣ)*. Шунаванда онро садои ба ҳам пайваста бо рез навохта шудаистодаи тори рубоб гумон мекард *(Айнӣ)*. **Бинанда** ӯро гадо ё дарвеш гумон мекард *(Улуғзода)*. **Раванда** дар панҷ дақиқа ба пеши аспи худ расид *(Айнӣ)*.

Як гурӯҳ сифатҳои феълии замони ҳозира бештар ҳамчун исм кор фармуда мешаванд: нависанда, дарранда, парранда, бофанда, иштироккунанда, тамомкунанда, зараркунанда, муайянкунанда, пуркунанда, хонанда, намоянда, интихобкунанда, ташкилкунанда, илҳомдиҳанда, давомдиҳанда ва ғайра.

Сифатҳои феълии замони ҳозира монанди исмҳо шакли ҷамъ мегиранд: **Оянда** ва **равандагон** ҳанӯз пӯшоки зимистонии худро тайёр накарда буданд *(Айнӣ)*. **Даррандагон** ва **паррандагон** гӯшти онҳоро хӯрдаанд *(Айнӣ)*. **Калоншавандагон** аз думболи Бибиоиша рафта ба ӯ рӯй андохтанд *(Айнӣ)*.

Сифати феълии замони гузашта

Сифати феълии замони гузашта аз асоси замони гузаштаи феълҳо сохта мешавад.

Ин сифати феълӣ ду шакл дорад:

Шакли якуми сифати феълии замони гузашта бо ҳамроҳ кардани суффикси **-а** сохта мешавад: **омада, навишта, баромада, тамом карда, тобеъ шуда, хонда баромада** ва монанди инҳо.

Шакли дуюми сифати феълии замони гузашта аз шакли якуми он бо ҳамроҳ кардани суффикси **-гӣ** сохта мешавад: омада — **омадагӣ**, навишта — **навиштагӣ**, тобеъ шуда — **тобеъ шудагӣ**, хонда баромада — **хонда баромадагӣ** ва монанди инҳо.

Маънои замонӣ дар сифати феълии замони гузашта нисбат ба сифати феълии замони ҳозира равшантар зоҳир мегардад. Сифати феълии замони гузашта одатан амал ва ҳолати пеш аз замони хабари ҷумла воқеъгардидаро нишон медиҳад: Нақшаи ҷангии Павел **тартибдода** ба Пӯлод ниҳоят маъқул шуд *(Р. Ҷалил)*. Дар ҳар қадаматон сабзазор, гулзор ва навдарахтони сабзи паи ҳам **пайваста шуда рафтагиро** мебинед *(газета)*.

Сифати феълии замони гузашта одатан натиҷаи муайяни амалро нишон дода, намуди мутлақро ифода мекунад: Гулбибии ба замин **афтодаро** лагадкорӣ кардан гирифт *(Айнӣ)*. Ҳамон чизҳои ба чашми худ **дидаатро** гуфта деҳ *(Айнӣ)*. Он хунҳои ба ноҳақ **рехта** ҳадар нахоҳад рафт *(Айнӣ)*. Кампири соли гузашта **вафот кардагӣ** ба ёд омад *(Ниёзӣ)*.

Гоҳо барои таъкиди амалу ҳолати мутлақ ба аввали баъзе сифатҳои феълии замони гузашта префикси феълии **би-** ҳамроҳ мешавад. Ин ҳодисаро бештар дар назм мебинем: Гули **бишкуфтаи** рӯи ту баҳори дили ман *(Ҳ. Юсуфӣ)*. **Бишкуфта** гулед ба боғу бӯстон — Кишвар зи рухи шумост шодон *(«Шарқи Сурх»)*.

Сифати феълии замони гузаштаи намуди мутлақ ба воситаи феълҳои ёридиҳанда низ ифода мешавад, ки дар ин мавриди мутлақии амал боз ҳам равшантар мегардад: Заминҳои сел **шуста бурдаро** вайрон кардан гирифтанд *(Икромӣ)*. Ҳамаи бачагони **чеғ зада овардаашро** занонда шуд *(Айнӣ)*. Ҳаргоҳ ки шумо бо одамони аз районҳои кӯҳии Тоҷикистон **кӯчида омада** ҳамсӯҳбат шавед... *(Турсунзода)*. Ба тарафи парандаи **парвоз карда рафта** нигоҳ мекард *(Айнӣ)*. Сангалӣ

ва шарикони бисьёраш пахтаҳои аз серборӣ **хоб карда мондагиро** боло мебардоштанд *(Икромӣ)*.

Сифатҳои феълии замони гузашта **гузаранда** (партофта, навишта, дидагӣ, вобаста кардагӣ, пешвоз гирифтагӣ) ва **монда** (хандида, омада, баромадагӣ, хобида, боридагӣ, нишастагӣ, рӯй додагӣ) мешаванд.

Сифатҳои феълии замони гузаштаи гузаранда одатан амалеро ифода мекунанд, ки ба пуркунандаи бевосита равона мешавад: Барои одами чи ботинан ва чи зоҳиран тақдири худ, ҳаёт ва фаъолияти худро ба партия **вобаста кардагӣ** дари партия ҳамеша кушода аст *(Ниёзӣ)*. Баъзе кампирони ҳанӯз фаранҷиашонро **напартофтагӣ** дар хонаи дигар ҷой гирифтанд *(Ҳ. Карим)*. Ман ба Шодӣ панҷ-шаш бор ҳалво **пухта фиристодагӣ** *(Икромӣ)*.

Сифатҳои феълии замони гузаштаи монда фақат амалу ҳолатро ҳамчун аломати субъект мефаҳмонанд: Қатраҳои оби ба даруни гӯшаш **даромада** ва ба ёлу думаш **часпидаро** аз худ дур карда сокиту ором истод *(Айнӣ)*. Аз чор каси дар ин ҷо **нишастагӣ** фақат як нафар либоси маҳаллӣ дошт *(Р. Ҷалил)*. Дар зери дарахти зардолуи сар то сар **шукуфтае** кампал паҳн карда.... *(Айнӣ)*. Аверченкои **гурехтаро** дар Конибодом дастгир карда буданд *(Р. Ҷалил)*.

Сифатҳои феълии замони гузаштаи монда ба воситаи суффикси **-он** ба гузаранда бадал мешаванд: Аз чойники бо рӯмол **печондагӣ** як пиёла чои ширгарм кашида ба ӯ дароз кардам *(Айнӣ)*. Шарбати аз ҷувол соф карда **гузаронда** ба даруни ёмча чакидан гирифт *(Айнӣ)*. Сангҳои ҷаллодони амир **парронданро** аз замин чида гирифта ба тарафи аробакаш ҳаво медоданд *(Айнӣ)*.

Агар сифатҳои феълии замони гузаштаи гузаранда суффикси **-он** гиранд, сифатҳои феълии гузарандаи бавосита ба амал меоянд: **шунавонда, фаҳмондагӣ, пӯшондагӣ, нависондагӣ...**

Сифатҳои феълии замони гузашта се тарзи феълӣ доранд: тарзи фоил, тарзи мафъул ва тарзи миёна.

Тарзи фоил фақат бо сифатҳои феълии замони гузаштаи гузаранда ифода мешавад: Барфи рӯи пайраҳаро **пӯшида** дар зери пои Рустамов ғиҷиррос мезад *(Ниёзӣ)*. Сорохон мактаби санъатро дар Сталинобод **тамом кардагӣ** *(Икромӣ)*.

Барои ифодаи тарзи мафъул одатан ба сифати феълии замони гузаштаи гузаранда феъли «шудан» ҳамроҳ мекунанд: Куртаи крепдешини гулобиранг ва хеле санъаткорона **дӯхташударо** дар бар кард *(Икромӣ)*. Нӯги тасмаи **кандашуда** ба миёни коргаре, ки ба гардана равған мерехт, бархӯрда ӯро ҳам ба коми чарх фиристод *(Айнӣ)*. Байти як бор **хондашударо** дубора хондан дуруст нест *(Айнӣ)*. Командирон ҳар кадом мавқеи аз рӯи план **таъин кардашударо** ишғол карда бу-

данд *(Р. Ҷалил)*. Чароғи ба миёнҷои стол **гузошташуда** кабинети партиявиро хира равшан мекард *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии замони гузаштаи таркибии номӣ бо феълҳои ёридиҳандаи «шудан» ва «ёфтан» тарзи мафъулро низ ифода мекунанд: Завод пахтаҳои **ғуншударо** тоза намуда наметавонист *(Айнӣ)*. Бо гарм шудани ҳаво пахтаҳои **таршуда ҳам** гарм шудан гирифтанд *(Айнӣ)*. Унвони маълум ва машҳури аз тарафи уламо ва сипоҳиён **қабульёфтаи** ӯ буд *(Айнӣ)*. Духтарони дар таги дастшӯяк **ҷамъшуда** қий-чувкунон ба якдигарашон об мепошиданд *(Улуғзода)*.

Тарзи миёнаи сифатҳои феълии замони гузашта бо феълҳои монда ифода шуда, амалу ҳолатро ҳамчун аломати субъект нишон медиҳад: Бинобар ин хандаи аз шунидани ин суханон **омадаашро** ба зӯрӣ нигоҳ дошта... *(Айнӣ)*. Ходимони тӯйхона ошҳои аз пеши меҳмонон **баргаштаро** мувофиқи одат ба хизматгорони онҳо додаанд *(Айнӣ)*. Зоғони дар шохи садаҳо **нишаста** аз гудоки автобус **тарсида** ба ҳаво париданд *(Улуғзода)*. Усто Мухтор як табақи калони сафолини нав аз хумдон **баромадаро** ба дасташ гирифта санҷида истода буд (*Ниёзӣ*). То ки вай Давлати ҳанӯз дар замин **хуфтаро** боз назанад *(Р. Ҷалил)*.

Сифати феълии замони гузашта хусусияти вобастакунии феълии худро нигоҳ медорад ва ибораҳои сифати феълӣ месозад. Ин хусусият махсусан дар ҳангоми объекти бевоситаро вобаста намудани он зоҳир мешавад: Ба ҷои ҷавоб Заҳро ангушти ба кадом санге зада **хуншоршудаашро** нишон дод *(Ҳ. Карим)*. Дар як лаҳза падари дар замони босмачиён **кушташуда** ва додари солҳои 1921-22 дар гуруснагӣ **ҷондодаи** вай аз хаёлаш ғузаштанд *(Ниёзӣ)*.

Сифатҳои феълии замони гузашта, пеш аз ҳама, ба вазифаи муайянкунандаҳои изофии аломати предмет меоянд: Ҳикояҳои аз Тӯтапошшо **шунидаам** бисьёранд *(Айнӣ)*. Беихтиёр яке аз шохчаҳои хушкидаи дар боришҳои зимистонӣ **намгирифтаи** алафро шикаста ба даҳонаш андохт *(Айнӣ)*. Ин саволи ба оҳанги гилагузорӣ **гуфташуда** Қодирро ба худаш овард *(Р. Ҷалил)*.

Муайянкунандаҳои сифатҳои феълии замони гузашта дар назм монанди сифатҳо пеш аз муайяншаванда ҳам меоянд:

Менависад аз **шукуфта** деҳаҳою шаҳрҳо,
Менависад аз диёри некбахти тоҷикон.

(Турсунзода)

Биёмад ба назди Сиёвуш чу гард,
Шунида суханҳо ҳама ёд кард.

(Фирдавсӣ)

Шакли дуюми сифати феълии замони гузашта **гоҳо пеш** аз муайяншаванда низ меояд. Ин ҳодиса асосан **хоси нутқи** гуфтугӯист:

Аскари сурхро **надидагӣ** одам ҳам **будааст-дия** *(Ҳ. Карим)*. Шумо **гуфтагӣ** пазанда чӣ кор мекунад, ки нони вай нағз ва ширин мешавад *(Ҷ. Икромӣ)*.

Сифати феълии замони гузашта ба вазифаи хабар ҳам меояд ва дар ин ҳолат намуди мутлақи амал махсусан равшан ифода мешавад: Дар кӯҳу дар дашт лола **расида** — Дар боғу дар кишт сабза **дамида** *(Айнӣ)*. Заминҳо **шудгор кардагӣ**, поруҳои маъданӣ ва маҳаллӣ **андохтагӣ**, пунбадона **кашондагӣ** ва **тоза кардагӣ**, молаю сихмолаҳо дар сари замин ба кор ҳозир, формалин дар зарфҳо **андохта мондагӣ**, сеялкаҳо ҳама тахт *(Улуғзода)*. Охир ман ӯро бо дастонам **калон кардагӣ** *(Миршакар)*.

Сифатҳои феълии замони гузашта (бо суф. **-а**) дар забони тоҷикӣ ба вазифаи ҳол фаровон кор фармуда мешаванд. Дар ҷумла онҳо амалу ҳолатро ҳамчун аломати феълӣ асосӣ ифода мекунанд. Сифатҳои феълии замони гузашта амали пеш аз хабар воқеъгардидаро мефаҳмонанд: Абрҳо рӯи осмони баланд — Болу пар **боз карда** мегаштанд (*Турсунзода*). Аз қуллаҳои барфини кӯҳҳои Помиру Зарафшону Алай обҳои мусаффои нилгун кафкҳои сарди худро ба рӯи сангҳо **пош дода** сарозер мешаванд *(Улуғзода)*. Духтар кокулҳои то хами зонуяш **фуромадаро** даста намуда ба тахтапушташ мепартофт *(Р. Ҷалил)*. Хадича ин **суханҳои Шамсияро шунида** хандид *(Ҷ. Икромӣ)*. Ҳоҷиумар рангу рӯи канда ва кабудии таги чашмони ӯро **дида** дилаш як тоб хӯрд *(Улуғзода)*.

Такрори ин шакл ҷиҳати феълии онро қувват медиҳад: Ӯ бағоят суханвар буд, аммо дар вақти гап задан забонашро **макида-макида** гап мезад *(Айнӣ)*. Зубайда Абдурасулро **кофта-кофта** анча дур рафта монд *(Ҷ. Икромӣ)*. **Рамаи гӯсфандон** сабзаҳои сарироҳиро **хӯрда-хӯрда** ба қишлоқ наздик мешуданд *(Икромӣ)*. Амонбоқӣ миёни ба шикастан наздикрасидаи худро **молида-молида** аз ҷой хеста берун баромад *(Айнӣ)*. Дудҳо... **тоб хӯрда-тоб хӯрда** дар фазои осмони лоҷувардӣ пинҳон мешуданд *(Р. Ҷалил)*. Ӯ бо шунидани ин таъриф обҳои аз даҳонаш рафтаро бо лаби худ **лесида-лесида** гуфт *(Айнӣ)*. Вай зардолуро гирифта, **хӯрда-хӯрда** боз ба кӯча медавид *(Улуғзода)*.

Сифати феълии замони гузаштаи шакли дуюм одатан бо пасоянди **«барин»** ба вазифаи ҳол меояд: Рухсори пур аз чини ӯ таб **баровардагӣ барин** сурх шуда буд *(Ҳ. Карим)*. Гап занед, чаро мум **газидагӣ барин** дам мешинед (*Р. Ҷалил*). Вай бардурӯғ худро **монда шудагӣ барин** нишон додааст *(Улуғзода)*. Таърифи сарпанҷаи маро **нашунидагӣ барин** гап мезанед *(Р. Ҷалил)*.

Дар забони тоҷикӣ процесси муҳимми ба категорияи си-

фат гузаштани сифатҳои феълии замони гузашта низ мушоҳида мешавад, ки яке аз хусусиятҳои характерноки инкишофи сохти забони адабии тоҷик мебошад. Дар натиҷаи суст гардидани ҷиҳати феълии худ сифатҳои феълии замони гузаштаи шакли якум ба категорияи сифати аслӣ мегузаранд. Агар сифати феълӣ бе калимаҳои эзоҳкунанда омада бошад, ба сифат тезтар мегузарад: бачаи тез китобро хондагӣ — бачаи **тез хондагӣ** — бачаи **хондагӣ**. Дар мисоли сеюм «хондагӣ» ба сифат наздик буда, ба маънои саводнок кор фармуда шудааст. Шакли якуми сифатҳои феълии замони гузашта (хусусан сифатҳои феълии монда) бисьёртар ба сифат гузаштаанд. Дари **кушода**, гули **пажмурда**, одами **пухта**, замони **гузашта**... Гапи **пухта**, амак,— гуфт табассумкунон Пӯлод *(Р. Ҷалил)*. Тамоми вуҷуди ин одами **осударо** оташи ғазаб фаро гирифтааст *(Ҳ. Карим)*. Ин ёддошти **сохтаи** падарам ба ман чунон таъсир карда буд, ки... *(Айнӣ)*. Кам механдид ва суханҳои **пухтаи** ҷиддӣ мегуфт *(Айнӣ)*. Рухсораҳои як зебову тару тозааш гули **пажмурдаро** ба хотир меоварданд *(Ҳ. Карим)*. Сифатҳои феълии замони гузаштаи сифатгашта хусусиятҳои асосии сифатҳои аслиро мегиранд. Онҳо дараҷаҳои қиёсӣ мегиранд: Шумо одами аз мо **пухтатару** дурандештар ҳастед (*Ниёзӣ*). Албатта ин хобгоҳаш назар ба хобгоҳи пештарааш беҳтар ва **осудатар** аст *(Айнӣ)*. Дар самти шарқ, ки нисбатан ба шимол ва ғарб домани осмон васеътар ва **кушодатар** буд, уфуқ месӯхт *(Икромӣ)*. Дили моро, ки дар асл шикастагӣ, боз ҳам **шикастатар** накунед *(Айнӣ)*. Ӯ маро ба як писари **дӯстдоштатаринаш**, ки Александр ном дошт, монанд карда буд *(Р. Ҷалил)*. Ин дар замони ҳозира яке аз **паҳншудатарин** ҷараён ба шумор меравад *(«Садои Шарқ»)*.

Бо зарфҳои миқдору дараҷа меоянд: Инро гуфту хола бо овози **хеле хаста** хонд *(Икромӣ)*. Дадобой ба андоми **хеле лоғаршуда** ва **рангпаридаи** вай бо диққат нигоҳ карда... *(Ниёзӣ)*. Устo Саъдӣ дафтари кӯҳнаи **бисьёр фарсударо** гирифта ба дасти Ҳайдарқул дод (*Ирфон*). Ту он шамъӣ, ки дар дил дида дорӣ — Ҳунарҳои **басе арзида** дорӣ *(А. Лоҳутӣ)*.

Бо сифатҳои аслӣ баробар чида шуда меоянд: Шумо бояд шогирдони ҳаматарафа **доно, пухта** тайёр кунед *(Улуғзода)*. Ӯ пушоки **чиркин** ва **даридаи** худ ва чӯпонбачагонро нишон дода боз давом намуд *(Айнӣ)*. Ман бурьёҳои **кӯҳна** ва **даридаро** барои сӯхтан ба таҳоратхона мефиристонам *(Айнӣ)*. Фамилияаш Савельев, одами **пухта, ҳушьёр** ва **босавод** буд *(Икромӣ)*.

Баъзе сифатҳои феълии замони гузашта ҳамчун ҳол дар шакли такрор хусусияти феълии худро суст намуда, ба зарф наздик мешаванд: **Рафта-рафта** қувваи ҷонноки Рӯзимурод ҳам кам шуд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони гузашта дар ҷумла ба исм гузашта хусусиятҳои онро гирифтаанд: Гулшан бо роҳбарии

агрономи участка пундонаҳои тозашударо ба **омехтаи формалин тар мекард** *(Икромӣ)*. Вай ба **шунида** бовар намекард *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии замони гузаштаи исмгардида шакли ҷамъ гирифтаанд: **Гузаштагони** мо дар банди ғуломӣ ва гуруснагӣ ҷон доданд *(Айнӣ)*. Фарзанди одам дар ду рӯз дӯстон ва **дилбастагони** худро зиёдтар ёд мекунад *(Айнӣ)*. Бо хондани **навиштаҳои** матбуот ва бо шунидани **гуфтаҳои** радио оташи шавқи тамошои пойтахти Ватан дар дили ман торафт баландтар мешуд *(Деҳотӣ)*. **Мол надоштагиҳо** чӣ мекунанд? *(Икромӣ)*.

Сифати феълии «гуфта» дар ҷумла ба вазифаи пайвандаки тобеъкунанда низ меояд: Бахташ баланд ва пешомадаш нек шавад **гуфта**, ба меҳмони нав Иқбол ном монданд (*Деҳотӣ*). Чапаев бачаҳо натарсанд **гуфта**, аввал писараш Аркадийро ба пеши онҳо фиристод *(Ҳикояҳо дар бораи Чапаев)*.

Сифати феълии замони ҳозира-оянда

Сифати феълии замони ҳозира-оянда аз шакли дуюми сифати феълии замони гузашта бо ҳамроҳ кардани префикси **ме-** сохта мешавад: **меомадагӣ, мерафтагӣ, мехондагӣ, ҳал мешудагӣ, хонда мебаромадагӣ** ва монанди инҳо. Баъзан шакли кӯтоҳи он ҳам вомехӯрад: Дараҷаи кори бисьёр ташкилотҳо ҳанӯз ҳам аз талабҳои ҳаёт, аз вазифаҳои ба миён **мегузоштаи** партия ақиб мемонад («Тоҷикистони Сурх»).

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда, пеш аз ҳама, дар замони оянда воқеъ гардидани амалу ҳолатро ифода мекунанд:

Шумо хуб маслиҳат карда, плани корҳои баъд аз ин **мекардагиатонро** созед *(Икромӣ)*. Пагоҳӣ вай ин рақамҳоро ба аъзоёни бюрои партиявӣ маълум хоҳад кард, то дар сӯҳбатҳои бо колхозчиён **мекардагиашон** истифода намоянд *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда амалу ҳолати доимии предметҳоро ҳам нишон медиҳанд:

Бой як бурда нони қоқи ҳаррӯза ба Ятим **медодагиашро** харҷи барзиёд донист *(Айнӣ)*. Ӯ ба тоҷикони дар Москва **мехондагию кор мекардагӣ** мақолаҳо нависонда, таҳриру тайёр карда мефиристад *(Р. Ҷалил)*. Акнун аз роҳи калони ба сӯи Кӯктош **мерафтагӣ** омада, пули оҳанинро ки гузаштед... *(«Тоҷикистони Сурх»)*. Ӯ ришваҳои **мегирифтагиашро** доимо бо ҳоким ва бо девонбегии амир бо ҳам медид *(Улуғзода)*. Ту одами бисьёр роҳ **мегаштагӣ**, дағал-мағал нагуфта харидан намегирӣ *(Р. Ҷалил)*.

Сифати феълии замони ҳозира-оянда дар замони оянда тобишҳои азму заруриятро низ мефаҳмонад:

... Суханҳои **мегуфтагии** худро фаромӯш мекунам (*Икромӣ*). Лои хишти имрӯз **рехта мешудагиро** як рӯз пеш хобондан даркор (*Р. Ҷалил*).

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда фақат дорои намуди давомнок буда, амали бо хабари ҷумла дар як замон воқеъгардидаро мефаҳмонанд:

Сохти ғул-ишкел аз сохти ишкелҳои оддӣ он қадар фарқ надошт, фақат ҳалқаҳои **ба пои одам** андохта мешудагии он монанди ишкелҳои муқаррарӣ танг набуда, ба дараҷае ки рони одамро гунҷонад, васеъ буд (*Айнӣ*).

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда **гузаранда** (медонистагӣ, медодагӣ, мешинохтагӣ, мегуфтагӣ, мегирифтагӣ) ва **монда** (мерафтагӣ, меомадагӣ, намеғунҷидагӣ, мерасидагӣ, ақиб мемондагӣ) мешаванд.

Шаклҳои гузаранда амали бевосита ба объект равонашавандаро мефаҳмонанд: Мон ки он урфу одатҳои занро каниз, мардро ғулом **мекардагӣ** аз миён бардошта шавад (*Ҳ. Карим*). Ман мехоҳам, ки як агрономи ҳамин корро **медонистагӣ** ёфта фиристонанд, ки ба ман омӯзад (*Икромӣ*).

Шаклҳои монда амалу ҳолатро ҳамчун аломати субъект ифода мекунанд ва пуркунандаи бевосита намегиранд: Роҳҳои оҳани аз қаламраваш **мегузаштагиро** вайрон карда, ба сурати ваҳшиёна ва хоинона коргарони роҳи оҳанро бо зану бачаҳошон кушт (*Айнӣ*). Расамаи аз ин ба ман **мерасидагӣ** ба харочоти аҳлу аёлам намерасад (*Айнӣ*). Кафшҳои ба ту хуш **меомадагӣ** ба ҳавлиат нарафта бепошна мемонад (*Р. Ҷалил*).

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда ҳамчун феъл се тарз доранд: тарзи фоил, тарзи мафъул ва тарзи миёна.

Сифатҳои феълии замони ҳозира-ояндаи тарзи фоил бо амали гузаранда ифода мешаванд ва одатан бо пуркунандаи бевосита меоянд: Артистҳои Шокиру зани профессорро **бозӣ мекардагӣ** артистҳои бепарво ё камқобилият... (*Толис*). Ӯ мехост, ки ба ҷои Муроди каму беш музд **мегирифтагӣ** як каниз ва як ғуломбачаи бемузд ба даст дарорад (*Айнӣ*).

Сифатҳои феълии замони ҳозира-ояндаи тарзи мафъул аз феълҳои гузаранда бо ёрии феъли «шудан» сохта мешаванд: Дар ин бутта кӯраки албатта **кушода мешудагӣ** 80 дона (*Икромӣ*). Рӯшноиро аз як даричаи ба рӯи саҳни беруни мадраса **кушода мешудагӣ** мегирифт (*Айнӣ*). Лои хишти имрӯз **рехта мешудагиро** як рӯз пеш хобондан даркор (*Р. Ҷалил*).

Сифатҳои феълии замони ҳозира-ояндаи тарзи миёна бо феълҳои монда ифода шуда, амалу ҳолатро ҳамчун аломати субъект мефаҳмонанд: Автомобильҳои бо кор ба идора **меомадагӣ** ҳамин гулзорчаро аз тарафи рост ба чап давр зада, дар пеши дари калони шишакории идораи колхоз меистоданд (*Икромӣ*). Ҳамаи ин аҳли аз шодӣ ва хурсандӣ ба пӯс-

ти худ **намегунҷидагиро** ба шаҳр фуровард *(Ҳ. Карим)*. Ӯ ба гумонам дар майнааш гапҳои талху тунди ба мағзи устухон рафта **мерасидагиро** ҷамъ мекард *(Р. Ҷалил)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда хосияти вобастакунии феълии худро нигоҳ медоранд ва ибораҳои сифати феълии замони ҳозира-оянда месозанд: Мударрис баъди дошта додани Восеъ ҳадьяву инъоми фаровони аз ҳоким **мегирифтагиашро** тасаввур карда дарунакӣ шод гардид *(Улуғзода)*. Дар пеши дари ба боғ **кушода мешудагии** он нишаста як кӯдаки ширмакконро мемакконид *(Айнӣ)*. Қисмҳои Армияи Сурх, ки дар рӯзи таърихии ҳеҷ вақт аз ёди кас **намебаромадагӣ** — 7 ноябри соли 1941 аз Майдони Сурх мегузаштанд... *(Р. Ҷалил)*. Ин сифатҳои феълӣ объекти бевоситаро ҳам гирифтаанд, ки дар ин ҳол хусусияти вобастакунии феълии онҳо барҷаста зоҳир мешавад.

Ибораҳои дигари сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда бо ҳолҳое, ки дар алоқаи ҳамроҳӣ омадаанд, низ сохта мешаванд: Ана, имрӯз дидам, ки одамҳои нағз **кор намекардагӣ** ҳам будаанд *(Р. Ҷалил)*. Барои мактаббачагони **аъло мехондагӣ** концерти калон дода буданд *(газета)*.

Вазифаи синтаксисии сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда ҳам, пеш аз ҳама, муайянкунанда шудан аст: Мехоҳам чизҳои **намедонистагиамро** ёд гирам *(Улуғзода)*. Ҳуҷраи ба 15 ҳазор танга **меарзидагиашро** ба 12 ҳазор танга фурӯхтааст *(Айнӣ)*. Камбағалони он қишлоқ, ки аз хурӯҷи ба наздикӣ **мешудагии** босмачиён хабар ёфтаанд, ба қишлоқҳои атроф кас фиристода ин аҳволро фаҳмидаанд *(Айнӣ)*. Баъд ба ҷои **мехостагиатон** меравед *(Р. Ҷалил)*. Ман ягон усули нави шумо **намедонистагиро** кор намефармоям *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда ба вазифаи муайянкунанда пеш аз муайяншаванда ҳам вомехӯранд. Ин ҳодиса бештар хосияти гуфтугӯӣ дорад: Дар он ҷо шуморо **мешинохтагӣ** одамҳо бисьёр будаанд *(Улуғзода)*. Ба пул **мерафтагӣ** чизаш ҳам намонда буд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда ба вазифаи хабар меоянд: Садои мотор канда-канда **мебаромадагӣ шуд** *(Толис)*. Сангин дид, ки кори Одина **бад мешудагӣ барин** *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда ба вазифаи ҳол низ меоянд: Сир бой надода, худи физикаро нағз **медонистагӣ** барин хулоса баровардам *(Баҳорӣ)*.

Азбаски дар сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда ҷиҳатҳои замонӣ ва хусусан намудии феъл бештар нигоҳ дошта мешаванд, онҳо ба категорияи сифат қариб намегузаранд. Фақат ҳамон сифатҳои феълии замони ҳозира-ояндае, ки хусусияти доимии предметҳоро ифода мекунанд, дар натиҷаи суст гардидани баъзе ҷиҳатҳои замонӣ ва намудии худ ба сифатҳо наздик мешаванд, чунончи, чизҳои мехӯрдагӣ ва монанди инҳо: Чизи **меарзидагӣ** буд-мӣ? *(Улуғзода)*.

Баъзе сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда монанди дигар шаклҳои сифати феълӣ ба исм мегузаранд ва бештар ба нутқи гуфтугӯӣ хосанд. Онҳо ҳамчун исм шакли ҷамъ гирифтаанд: Байроқ бардошта, доира зада баромадани занҳои клубро **тамошо мекардагон** сону адад надоштанд *(Икромӣ)*. Ӯ бояд дар ду фронт — ҳам ба муқобили **ақиб мемондагиҳо** ва ҳам ба муқобили пеш **давида мегузаштагиҳо** мубориза барад *(газета)*.

Сифати феълии замони ҳозираи муайян

Сифати феълии замони ҳозираи муайян аз шакли якуми сифати феълии замони гузаштаи феъли асосӣ ва сифати феълии замони гузаштаи феъли ёридиҳандаи «истодан» сохта мешавад: **омада истода, хонда истодагӣ, рафта истодагӣ, тулӯъ карда истода** ва монанди инҳо.

Сифати феълии замони ҳозираи муайян низ ду шакл дорад:

а) шакли якуми сифати феълии замони ҳозираи муайян: машинаи **омада истода,** бачагони **гӯш карда истода** ва монанди инҳо.

б) шакли дуюми сифати феълии замони ҳозираи муайян: машинаи **омада истодагӣ,** шогирдони **хонда истодагӣ** ва монанди онҳо.

Сифати феълии замони ҳозираи муайян дар ҳамин ҳангом воқеъ шуда истодани амалу ҳолатро ифода менамояд ва бо феъл-хабари ҷумла дар як замон воқеъ мешавад:

Гардани дарози асп синаи **ҳарсидаистодаи** ин ҷанговари пуркорро панаҳ кард *(Ҳ. Карим)*. Бо фармони Рӯзимурод аз дунболи босмачиёни гурехта **рафта истодагӣ** тир андохтанд *(Айнӣ)*. Халқи тоҷик дар бораи Ленин, дар бораи муборизаҳои бузурги барои коммунизм **бурда шуда истодагӣ** намунаҳои нави дурахшони достонҳои эпикии худро меофарад *(Намунаҳои адабиёти тоҷик)*. Ҷобири савор ҳамчин дар даст як тӯда писарбача ва духтарбачагони аз алафчинӣ **омадаистодаро** сур мекунад *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии ёридиҳандаи **«гаштан», «нишастан», «хобидан»** бо сифатҳои феълии асосӣ амали дар айни замон воқеъшавандаро низ ифода карда метавонанд ва бештар хусусияти гуфтугӯӣ доранд: **хонда гаштагӣ, кор карда нишастагӣ** ва монанди инҳо:

Ҳо-о ҳамон мардаки дар миёнаи замин **каланд зада гаштагӣ** Қосимбои мо (*Толис*). Аз кӯча овози бачаҳои **бозӣ карда гаштагӣ,** хониши радио ва ғурроси зада гузаштани автомобилҳо ба гӯш мерасид *(Икромӣ)*. Пахтаҳои ба рӯи суфа **пароканда шуда хобидаро** ба он ҷо ҷой кардан гирифтанд *(Айнӣ)*.

Аммо нисбат ба сифатҳои феълии ёридиҳандаи феълҳои «гаштан», «нишастан», «хобидан» сифати феълии ёридиҳандаи «истодан» бештар хусусияти грамматикӣ пайдо кардааст.

Ҳатто худи шаклҳои сифатҳои феълии замони гузаштаи феълҳои «истодан», «гаштан», «нишастан», «хобидан» ва «доштан» зоҳиран гузашта бошанд ҳам, замони ҳозираро мефаҳмонанд ва амали бо хабар дар як замон воқеъгардидаро ифода мекунанд: Ҳов, ҳамон ҷавони дар гӯшаи хона **нишастагӣ** набераи ман аст *(Р. Ҷалил)*. Рафиқони маълумоти олӣ **доштагӣ** дар гурӯҳи алоҳида таҳсил мекунанд *(«Тоҷикистони Сурх»)*. Барои чӣ шумо гӯсолаи **ором истодагиро** мезанед *(Латифаҳо)*. Одамони дар болои бом **истода** сатилу машкҳоро аз дасти обкашҳо ба бом кашида бароварда ба тарафи оташ мепошиданд *(Айнӣ)*. Ҷавони дар поён **нишаста** чойро дам кард *(Айнӣ)*. Зоғони дар шохи садаҳо **нишаста** аз гудоки автобус тарсида ба ҳаво париданд *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян гузаранда (бароварда истода, дӯхта истодагӣ, навохта истода, гуфта истода) ва монда (гиристаистода, ларзидаистода, тайёр шудаистода, баромадаистода, шоридаистода, гурехтаистодагӣ) мешаванд.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайяни гузаранда амалеро мефаҳмонанд, ки ба объект бевосита равона мешавад: Холаи ҷома **дӯхта истодагӣ** аз паси айнак ба писарчааш нигарист *(Толис)*. Аз дур суруди духтарони ангур **чидаистода** ба гӯш мерасид *(газета)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайяни монда фақат амалу ҳолат ё ҳаракати субъектро ифода мекунанд ва пуркунандаи бевоситаро гирифта наметавонанд: Танҳо чашмони навакак бо андӯҳи бепоён **гиристаистодаи** худро бо остин пок карда, ба он одам табассумкунон менигаристам *(Айнӣ)*. Дар шӯълаи сӯхтору таркишҳои тир ман хуни аз сари ӯ **шоридаистодаро** дидам *(Р. Ҷалил)*. Қанд ба бадани аз сардӣ **ларзидаистодаи** ӯ гармӣ дод *(Айнӣ)*. Аз тарқиши дар аҳволи дар берун **рӯй додаистодаро** мушоҳида намуд *(Ҳ. Карим)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян ҳамчун феъл се тарз доранд: тарзи фоил, тарзи мафъул ва тарзи миёна.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайяни тарзи фоил бо феъли гузаранда ифода мешаванд ва одатан объекти бевосита мегиранд: Шамоли сахт вазида, пулакҳои сафедори акнун барг **баровардаистодаро** мерезонд *(Р. Ҷалил)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайяни тарзи мафъул бо феълҳои гузаранда ва феъли ёридиҳандаи «шудан» ифода мешаванд: Шунаванда садои ба ҳам пайвасти бо рез **навохта шудаистодаи** тори рубоб гумон мекард *(Айнӣ)*. Чашмони гӯсфандии нармнигоҳи ӯ монанди чашми шери ба ҷанг **тайёр шудаистода** бо оташи ғазаб шӯълавар гардиданд *(Айнӣ)*. Ин гапи Назир мерган ҳусни таваҷҷӯҳи ҷамоати дудила

шуда истодаро якбора ба тарафи Аноргул ва Восеъ гардонд *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайяни тарзи миёна бо феълҳои монда ифода мешаванд. Объекти бевосита гирифта наметавонанд. Онҳо фақат амалу ҳолат ва ҳаракати субъектро мефаҳмонанд: Аз ҷои ба шифт **часпидаистодаи** девор як сӯрохи равзанворе кушода, дар он ҷо як ғарғараи оҳанинро шинонданд *(Айнӣ)*. Соро аз ҷояш хеста, ба ояндаи аз дар **баромада истодагӣ** рӯ ба рӯ шуда дид *(Айнӣ, Ятим)*. Обҳои бар рӯи оташ пошхӯрда монанди обе, ки дар деги равғани доги **даргирифтаистода** рехта шуда бошад, оташро боз ҳам шӯълавартар мекарданд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян хосияти вобастакунии феълии худро нигоҳ медоранд ва ибораҳои сифати феълии замони ҳозираи муайян месозанд: Бача аз берун омада, рост истода ба акси аз даруни оина **намудаистодаи** Ятим диққат карда нигоҳ карда монд *(Айнӣ)*. Дар Покистон, дар шаҳри Қарочӣ, як ходими тараққипарвар ба ман гуфт: «Мо худро солдати сулҳ эълон кардем, зеро намехоҳем, ки халқи аз офатҳои табиӣ **мурдаистодаи** мо дар натиҷаи ҷанг ҳалок гардад» *(Турсунзода)*. Ин вақт одами бо диққат **нигоҳ карда истодагӣ** бараъло дида метавонист *(Р. Ҷалил)*. Тамоми воқеаҳои ҳозир дар рӯи олам **шуда истодагиро** як ба як гуфта додан гирифт *(Ҳ. Карим)*.

Ибораҳои дигари сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ ба амал меоянд: Моҳи акнун **баромадаистодаро** тамошо карда хобида буд *(Айнӣ)*. Сухани паст-паст **гуфтаистодаи** ҳамон профессор ба гӯши ҳама равшану гӯё мерасид *(Р. Ҷалил)*. Баъд онро пора-пора намуда, ба печкаи гуррос зада **сӯхта истодагӣ** партофт *(Р. Ҷалил)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян, пеш аз ҳама, ба вазифаи муайянкунанда низ меоянд: Ҳар рӯз чанд соат барзиёд кор карда ҳамин пахтаҳои **сӯхтаистодаро** кафонда паҳн карда партоем *(Айнӣ)*. Қозҳо пойҳои ба таҳти шикам **кашидаистодаашонро** ҳам ба кор дароварда дупоя гурехтанд *(Латифаҳо)*. Дар сари фаввора меистод ва аз зарраҳои ба рӯяш **задаистодаи** об лаззат мебурд *(Р. Ҷалил)*. Як дастаи калони сарбозони аз қалъа **баромадаистода** низ намудор гардиданд *(Улуғзода)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайяни шакли якум ба вазифаи ҳол меоянд: Оқил амак... як оҳи пурдард **кашида истода** ба гапаш давом намуд (*Икромӣ*). Нуралӣ аз пеши тамошобинон **гузашта истода** ба тарафи онҳо як назар андохт *(Улуғзода)*. Гулрӯ гӯсоларо аз дари кӯча **бароварда истода**, пеш аз ҳама, ба бошишгоҳи аскарони сурх назар андохт *(Р. Ҷалил)*.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян, хусусан шакли дуюм, хеле устуворанд. Онҳо категорияи замон ва намуд-

ди худро мустаҳкам нигоҳ медоранд. Ин хусусияти онҳо имконият намедиҳад, ки сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян ба категорияи сифат гузаранд.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян баъзан ба вазифаҳои исм меоянд ва ҳамчун исм шакли ҷамъ мегиранд, бо пешоянду пасояндҳо ифода мешаванд: Раис **бо кор карда истодагиҳо** саволу ҷавоб карда гузашта мерафт *(Улуғзода)*. Анвар, хусусан Сурайё, хостанд, ки **бо омадаистодагон** гапе назада гузашта раванд (*Икромӣ*).

Сифати феълии замони оянда

Сифати феълии замони оянда бо ҳамроҳ кардани суффикси **-ӣ** ба шакли масдар сохта мешавад: хонданӣ, хӯрданӣ, сарф шуданӣ, гуфтанӣ ва монанди инҳо.

Сифатҳои феълии замони оянда, пеш аз ҳама, дар замони оянда воқеъ гардидани амал ва ҳолатро мефаҳмонанд:

Дарсҳои ҳафтаи оянда **хонда шуданиро** ба ӯ ба хубӣ мефаҳмондам *(Айнӣ)*. Планро як моҳ пештар барзиёд **иҷро кардани**, ба мусобиқа **даъват кардани** *(Ф. Ниёзӣ)*.

Дар мисоли зерин маънои замонии сифати феълии замони оянда боз ҳам равшантар ифода мегардад, зеро замони оянда ва замони гузашта дар як ҷумла ба ҳамдигар муқобил гузошта шудаанд: Шабона дарсҳои гузаштаро такрор ва дарсҳои **хонда шуданиро тайёр** мекардам *(Айнӣ)*.

Сифати феълии замони оянда амалу ҳолат ва хусусияти доимии предметро низ мефаҳмонад:

Даромади аз ин роҳ **шуданӣ** ба ҳамин асп намерасад *(Айнӣ)*. Моли хоми дар ин корхона **сарф шуданӣ**: мис, биринҷӣ... буд *(Айнӣ)*. Ин ҳолати бой ба зоғе монандӣ дошт, ки як чашмашро ба устухон ё ба дигар чизҳои **хӯрдании** худаш дӯзад, чашми дигарашро аз сайёд намеканад *(Айнӣ)*.

Сифати феълии замони оянда дар замони оянда тобишҳои майлу зарурат ва мақсадро мефаҳмонад:

Ҳамаи корҳоро бо машина, **бо электрик карданӣ аст** *(Ҷ. Икромӣ)*. Ҳақиқатан як чизи **омӯхтанӣ аст** *(Айнӣ)*. Вай гапҳои **гуфтанӣ** дошт, вай лоақал сабаби дар рӯзи ваъда нарафтанашро ба ӯ **фаҳмонданӣ** ва аз вай **узр хостанӣ буд** (*Улуғзода*). Ман имрӯз шуморо **диданӣ** ва **дарди дил карданӣ будам** *(Ҷ. Икромӣ)*. Падарам бештарин ранги чизҳои **бофтаниашро** ҳам худ тайёр мекард *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони оянда ҳам гузаранда (сохтанӣ, ташкил доданӣ, иҷро карданӣ, омӯхтанӣ, диданӣ) ва монда (омаданӣ, сӯҳбат карданӣ, хоб рафтанӣ, дам гирифтанӣ, рухсат доданӣ) мешаванд.

Сифати феълии замони ояндаи гузаранда амали ба объекти бевосита равонашавандаро ифода мекунад: Ана ин ро-

ҳи сангфарше, ки онро ҳам аз нав **сохтанием**... *(«Тоҷ. Совет»)*. Ман бӯхчаро аз дасти ӯ гирифта **монданӣ будам** *(Айнӣ)*. Ибод ҳамон соат фармоиши падарашро бачо **овардани шуд** *(Айнӣ)*.

Сифати феълии замони ояндаи монда одатан амалу ҳаракати субъектро мефаҳмонад. Объекти бевосита намегирад: Гурӯҳе, ки на пул доштанд ва на фарзанд, на ҷавонӣ ва на зӯр, ризо ба қазо дода, Бухоро **рафтанӣ шуданд** *(Айнӣ)*.

Сифати феълии замони оянда се тарз дорад: тарзи фоил, тарзи мафъул ва тарзи миёна.

Сифати феълии замони ояндаи тарзи фоил бо амали гузаранда ифода мешавад ва бо пуркунандаи бевосита меояд: Ҳамин шабу рӯз дар вақти будани фурсат ин маъракаро аз пеш **гузарондани** *(Икромӣ)*. Коргарон аз мобайни худашон чанд сӯм идона ҷамъ намуда, ӯро ба Тошканд **равона карданӣ шуданд** *(Айнӣ)*.

Сифати феълии замони ояндаи тарзи мафъул аз феълҳои гузаранда ба воситаи феъли ёридиҳандаи «шудан» ба амал меояд: Аз ман хоҳиш кард, ки ҳар пагоҳ ба хонаи ӯ равам ва пеш аз дарс бо ӯ дарси ҳамон рӯз **хонда шудани**ро «муколама» кунам (*Айнӣ*). Гапҳои ҳеҷ **тамомнашудани** соҳиби дӯконро мешунид *(Айнӣ)*.

Сифати феълии замони ояндаи тарзи миёна одатан бо феълҳои монда ифода мешавад. Пуркунандаи бевосита намегирад, фақат амалу ҳолат ва ҳаракати субъектро мефаҳмонад: Фалокатҳои пас аз ин ба сарашон **омаданиро** ба ёдаш оварда ҳой-ҳой мегиристанд *(Айнӣ)*. Вақте ки Норбой Каркӣ **рафтанӣ шуд**, инро таъин кард (*Айнӣ*). Ин шавқуни нахустин барои **тамошоҳои** имрӯз **шуданӣ** фоли «хайр» буд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони оянда намуди давомнокро мефаҳмонанд: сохтанӣ, омаданӣ, сӯҳбат карданӣ...

Сифатҳои феълии замони оянда хусусияти феълии вобастакунӣ доранд ва калимаҳоро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои сифати феълии замони оянда месозанд: Дарси дар се ҷой **хонда шуданӣ** дарси хонагӣ буда,... *(Айнӣ)*. Амир бо муллоҳои калон маслиҳат карда, мардумро **шӯронидани шуд** *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони оянда, пеш аз ҳама, ба вазифаи муайянкунанда меоянд: Агар ягон қарздораш қарзашро дода натавонад ва чизи **фурӯхта доданӣ** ҳам надошта бошад, ӯ ин одамро бурда ба ягон бои серзамин ятим монда пули худро меруёнад *(Айнӣ)*. Ӯ ба ҷои ҳаргиз **наёфтанӣ** пинҳон мекунад *(Айнӣ)*. Бар рӯи чизҳои **хӯрданӣ** ҳамеша тӯрҳои симини сиёҳ мепӯшонд *(Айнӣ)*.

Сифатҳои феълии замони оянда аксар хабар шуда меоянд:

Дар ҳамин асно, вақте ки Фузайл бо хуни Али-батракҳо ба худ роҳ **кушодани буд**, дар ҳамин лаҳзае, ки чанголи си-

там синаи Қаротегин — Ғармро тамоман пахш карданӣ буд, дар ҳамин фурсате, ки ӯрдуи разил гилемҳои сабзи айёми баҳорони кӯҳистонро бо хуни Назари панҷьяккор, сафармардикорҳо **сурхранг гардонданӣ буд**, умедгоҳи охирин-чанд нафаре аз ҷонбозони дастаи худмудофиа дар пости чорум ҷон медоданду ҷон мегирифтанд *(Ҳ. Карим)*. Мо ҳам колхоз ташкил доданӣ *(Икромӣ)*. Ин ҷавон кӯзаро аз дасташ гирифта **бурда доданист** *(Р. Ҷалил)*.

Агар дар сифати феълии замони оянда хусусиятҳои грамматикии замон, тарз ва намуд, махсусан хосияти вобастакунии калимаҳо суст шаванд ва аломати доимии предмет ифода гардад, албатта ба категорияи сифат мегузарад: Ӯ дар таомхӯрӣ ва нигоҳ доштани чизҳои **хӯрданӣ** озода буд (*Айнӣ*). Ғоиб-амак як чойник оби **нӯшиданӣ** оварда *(Улуғзода)*.

Ин сифатҳои феълӣ ба сифатҳо махсусан он гоҳ наздик мешаванд, ки дар ҷумла бо он чида шуда оянд: Мавсими баҳор солҳои ҷавонии умри одамӣ барин азиз, латиф, зебо, **фаромӯш ношуданӣ** *(Р. Ҷалил)*. Ҳа, вай худаш духтари **шуданӣ** ва қадбаланд аст *(Икромӣ)*.

Сифатҳои феълии замони оянда дар ҷумла ба вазифаи исм низ меоянд: Зебӣ дар хонааш аз **хӯрданӣ** чизе надошт *(Улуғзода)*. **Хӯрданӣ** ва ширинихо дар лаълӣ оварда мешуданд *(Улуғзода)*.

ФЕЪЛИ ҲОЛ

Феъли ҳол одатан амалу ҳолатеро, ки ҳамчун аломати феъли асосӣ воқеъ мешавад, ифода менамояд.

Феъли ҳол амали иловагии ба феъли асосӣ пайравбударо мефаҳмонад. Вай барои эзоҳи ҳам феълҳои тасрифӣ ва ҳам тасрифнашаванда меояд: Ҳар сол, ки ту **ҷилвакунон меомадӣ, додгӯён** то ба гӯри падарам **рафтанам** ба ёдам мерасид *(Ҳ. Карим)*. Зевар аз он сӯ **табассумкунон меомад** *(Мухаммадиев)*. Ту ба обҳои бозикунон боло **ҷаҳандаи** фонтан нигоҳ мекунӣ *(Икромӣ)*. Гурӯҳе гапҳои обдори ӯро шунида, **қаҳқосанон** хандида пароканда шуданд *(Айнӣ)*.

Феъли ҳол монанди зарфҳо дар алоқамандии калимаҳо тағьир намеёбад. Вай дорои хусусиятҳои феъл ва зарф мебошад. Барои ҳамин онро зарфи феълӣ ҳам меноманд. Дар забони тоҷикӣ феъли ҳол фақат як шакли махсус дорад, ки онро феъли ҳоли замони ҳозира меноманд.

Чи тавре ки дар боло гуфта будем, баъзе забоншиносон шаклҳои якуми сифатҳои феълии замони гузашта ва замони ҳозираи муайянро сифатҳои феълӣ-феълҳои ҳол номидаанд. Дар ҳақиқат, ин шаклҳо ҳамчун ҳол фаровон кор фармуда мешаванд ва хусусиятҳои феълии худро дар ҳамин вазифа

ҳам зоҳир мекунанд, ки дар боби сифатҳои феълӣ муфассал қайд шудаанд.

Агар ин сифатҳои феълӣ-феъли ҳоли замони гузашта амали пеш аз хабари ҷумла иҷрошударо ҳамчун аломати он ифода кунанд, сифати феълии замони ҳозираи муайян монанди шакли асосии феъли ҳол бо амали хабари ҷумла ҳамзамон аст.

Феъли ҳоли замони ҳозира бо суффикси **-он** чунин сохта мешавад:

а) аз асоси замони ҳозираи феълҳои таркибии номӣ: гапзанон (гап задан), завқкунон (завқ кардан), такроркунон (такрор кардан), шақарросзанон (шақаррос задан)...

б) аз асоси замони ҳозираи феълҳои таркибии феълӣ: гузаштаравон (гузашта рафтан), баромадаравон (баромада рафтан).

Дар таркиби феълҳои ҳоли замони ҳозира махсусан феълҳои ёридиҳандаи **«кардан»**, **«рафтан»** ва **«задан»** серистеъмолтар аст. Феълҳои ҳоли замони ҳозира **гузаранда** (такроркунон, кашолакунон, шудгоркунон, тозакунон, навиштаравон, пӯшидаравон, ғиҷирросзанон, тасдиқкунон, туфкунон, ҳурматкунон, таъкидкунон, бӯсакунон) ва **монда** (табассумкунон, нолакунон, ҳуҷумкунон, тохтаравон, гузаштаравон, баромадаравон, тақлидкунон, таъзимкунон, муроҷиаткунон, завқкунон, хайрухушкунон, гапзанон, такьякунон) мешаванд. Ин хусусияти феъли ҳол бевосита ба категорияи тарзи феъл алоқаманд аст.

Феъли ҳол категорияи феълии тарз дорад. Феъли ҳоли замони ҳозира ду тарз дорад: тарзи фоил ва тарзи миёна.

Феъли ҳоли тарзи фоил амали гузарандаест, ки бевосита ба объект равона мешавад. Объекти бевосита бо пасоянди -ро ва бе он меояд: Асирӣ баъзе **сатрҳоро такроркунон** мехонду чеҳраи Юсуфхон эшон тиратар мегардид *(Р. Ҷалил)*. Фурӯшанда **машкобро нафринкунон** бо дасти росташ аз домани харидор маҳкам медошт *(Айнӣ)*. Ҳеҷ гап не,— тасаллӣ дод Иваницкий **дасту рӯй шустаравон**,— худи ман ба шумоён забони русиро ёд медиҳам (*Р. Ҷалил*). Мирбадал **гуфтаҳои Шодмоновро тасдиқкунон** аз қафои Мамараҷаб берун баромада... *(Ниёзӣ)*. Вай аз фурсат истифода бурда, **шаҳрҳоро хароб, деҳаҳоро вайронкунон** пеш меомад *(Икромӣ)*.

Феъли ҳоли тарзи миёна бо феълҳои монда ифода шуда, амали иловагиро ҳамчун аломати амал нишон медиҳад. Феълҳои ҳоли замони ҳозираи тарзи миёна объекти бевосита намегиранд: Ман ҳам **аз қафои ӯ тохтаравон** ногоҳ падарамро дида мондам *(Р. Ҷалил)*. Ин ду одами машҳури завод **бо мо сӯҳбаткунон** дар завод гашта хеле ҳикояҳо карданд *(Икромӣ)*. Сафар **бо Норзода хайрухушкунон** оҳиста оринҷи Зебиро дошта, «рафтем» гуфт *(Ниёзӣ)*. Вале Носир Аббос **аз назди онҳо гузаштаравон** дар хусуси гули хонагие гап мезад *(Му-*

ҳаммадиев). Пирак **зери лаб хандакунон** гуфт *(Айнӣ).* Аммо **аз пайраҳаи асфальтпӯш оҳиста роҳравон** аз фикр мегузаронад *(Муҳаммадиев).*

Феъли ҳоли замони ҳозира фақат намуди давомнокро ифода карда метавонад:

Дар он ҷо якчанд ҷанговарон **гапзанон менишастанд** *(Ф. Ниёзӣ).* Сухани ӯро **табассумкунон шунида нишаст** *(Айнӣ).* Ҳама гапи ӯро **тасдиққунон** Умри холаро **тасаллӣ медоданд** *(Ниёзӣ).* Юнус бобо даромада омад ва **ба сӯи суфа роҳравон гуфт** *(Ниёзӣ).* Ман дарвозаро кушода монанди соҳиби вай **дарро тараққосзанон** ба кӯча баромадам *(Айнӣ).*

Феъли ҳоли замони ҳозира маънои мустақили замонӣ надорад. Онҳо ҳамчун шакли намуди давомнок амалу ҳолати ба феъли асосӣ дар як замон воқеъгардидаро ифода менамоянд. Барои ҳамин хабари ҷумла дар замонҳои гузашта, ҳозира ва оянда омада бошад, феъли ҳоли замони ҳозира бо он ҳамеша ҳамзамон мегардад:

Дам ба дам поездҳои дуру дароз **ҳуштаккашон, гумбурросзанон мегузаштанд** *(Деҳотӣ).* Гоҳе доманаи кӯҳҳои дуродурро **тамошокунон** худ ба худ **табассум мекунад** *(Муҳаммадиев).* Доманатонро бурида гурезед ҳам, **кашолакунон ба хона мебарам** *(Р. Ҷалил).* Ҳарорати хуршед устухони сарди ӯро **навозишкунон гарм мекунад** *(Икромӣ).* Ҳам аз шиддати зӯрзаниҳои беҳуда, ҳам аз ҷӯши ғазаб **фишпосзанон нафас мегирифт** ва дандонҳои худро **ғичирросзанон ба ҳам мехоид** *(Муҳаммадиев).* Гӯсфандон... сахт рамида, аз ҷояшон хеста, **тапарросзанон** ба тарафи дигар **гурехтанд** *(Айнӣ).*

Ниҳоят феъли ҳол хусусияти вобастакунии феълӣ дорад, калимаҳои дигарро ҳамчун феъл вобаста намуда, ибораҳои феъли ҳол месозад: Яке аз дарбориён **ба сӯи ҳамьён ишоракунон** пичиррос зад *(Улуғзода).* **Мӯзаҳои ялтосиашро ғарҷғарҷкунон** пасу пеш рафта меомад *(Р. Ҷалил).* Комиссар **ба ҷанговарон бо чашми пурмеҳр ва ифтихори падарона нигоҳкунон** ба полковник ҷавоб мегардонд *(Ниёзӣ).* Баррагони дар вақти чаро аз модар дур монда **аз қафои рама баъосзанон** медавиданд *(Айнӣ).*

Хусусан феъли ҳоли гузаранда объекти бевоситаро вобаста намуда, яке аз аломатҳои барҷастаи феълро зоҳир менамояд: Ангушташро боло бардошта, **суханҳои ҷудогонаро таъкидкунон** мисраъро такроран мехонад *(Улуғзода).* Гулрӯ гӯсоларо **аз дари кӯча баровардаравон** ба бошишгоҳи аскарони сурх назар андохт *(Р. Ҷалил).* Мочалов **пулемётро аз дасташ кашолакунон** ба сӯи қишлоқ роҳ гирифт *(Ниёзӣ).*

Феъли ҳол дар ҷумла одатан ба вазифаи ҳоли тарзи амал меояд ва аз ҷиҳати вазифаи синтаксисиаш ба зарф наздик мешавад: Кулолҳо Абӯалиро **кашолакунон** мебаранд *(Улуғзода).* Бо шунидани ин ҷавоб аҳли дарбор қаҳ-қаҳзанон хандиданд *(Айнӣ).* Давлат баъди рафтани Петр ба моҳи тобон

наззоракунон суруди ғарибиро зери лаб тараннум менамуд *(Р. Ҷалил)*. Духтар аз шиддати дард **нолишкунон** фарьёд мекашид *(Муҳаммадиев)*. Ҳеҷ кадоми онҳо ба тарафи аробакаш санг ҳаво надоданд ва **афсӯсхӯрон** нигоҳ карда меистоданд *(Айнӣ)*.

Ибораҳои феълиҳолӣ, махсусан феъли ҳоли таркибии феълӣ ҳоли замонро ҳам ифода карда метавонанд: **Аз пеши боғи шаҳри Шӯроб гузаштаравон** ба Шодмонов дучор омаданд *(Р. Ҷалил)*. **Аз назди онҳо гузаштаравон** дар хусуси гули хонагие гап мезад (*Муҳаммадиев*). Пагоҳирӯзӣ буд, ӯ аз пеши дари Наимшоҳ **гузаштаравон** як байти таронаеро тараннум кард *(Улуғзода)*.

Феъли ҳоли замони ҳозира ҷиҳатҳои феълии худро хуб нигоҳ медорад. Бо вуҷуди он, вай дар ҷумла аломатҳои тарз, намуд, замон, инчунин вобастакунии феълии худро суст намояд, ба зарф наздик мешавад ва дар як гурӯҳ бо зарфҳо ё сифатҳо ҳамчун ҳол якҷоя воқеъ гашта, аъзоҳои чидаро ифода мекунанд: Дӯкондорон ба ин хандаи бемаҳали мо **ҳайрон-ҳайрон ва тааҷҷубкунон** нигоҳ мекарданд *(Айнӣ)*. Сафар **тозон ва хандакунон** ба назди модараш давида омад *(Ниёзӣ)*.

Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ исмҳои маросимии зоҳиран ба ҳамин шакл монанд **вомехӯранд**, ки ҷузъи номии онҳо объекти бевositаро ифода карданд: бӯрьёкӯбон, домодталабон, домодбаророн, сафедпӯшон, ноншиканон. Баъзе аз ин калимаҳо номҳои предметҳоро низ мефаҳмонанд: гаҳворачунбон, каҳкашон. Вале дар забони тоҷикӣ калимаҳои амсоли рӯйканону мӯйканон низ ифода мешавад, ки онҳо гурӯҳи махсуси феъли ҳолро ташкил медиҳанд: Нюра ҳам **рӯйканону мӯйканон** меомад *(Р. Ҷалил)*. Ота-а-а! — **рӯйканону мӯйканон** дод мезад Гулъизор (*Улуғзода*).

ЗАРФ

— Зарф ҳиссаи мустақили нутқест, ки аломати амал ва аломати аломатро мефаҳмонад ва шароити воқеъ гардидани амалу аломатро нишон медиҳад.

Зарф ба феъл, сифат ва зарф тобеъ мешавад, зарф ба ин ҳиссаҳои нутқ ба тарзи ҳамроҳӣ алоқаманд мешавад. Вазифаи синтаксисии зарф дар ҷумла ҳол мебошад:

Пас аз он бо садои бисьёр паст ба саломи вай ҷавоб гардонд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Саҳни ҳавлӣ **хеле** васеъ, аз ҷониби боғ бо шохи дарахтон ва бо чиғҳо гирифта шуда буд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Нурҳои офтоб ба гирду атроф **барқвор** паҳн мешуданд (*П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо). Командир бо мо **нохост** дар забони ӯзбекӣ ба сухан даромад (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Раиса дар аввал чизе нагуфта, **хоксорона** чашмашро

ба замин дӯхт ва каме фикр карда истода гуфт *(Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя). Аробакаш... **зудтар** ба манзил расонда, аз дасташон раҳоӣ ёфта, **ночор** ба роҳ даромада, аспашро **чолокона** рондааст *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).— **Имрӯз** дар ин ҷо кӣ ҷомашӯӣ карда буд? — гӯён фарьёд кард *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Қорӣ-ишкамба ба хонааш рафта ба кӯфтагии рӯҳӣ **зуд** дар ҷойхобаш ёзид *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Аломатҳои морфологии зарф он қадар зиёд нестанд. Хусусияти асосии зарф ин аст, ки вай тағьир намеёбад (хусусияти тағьирпазирии зарф танҳо дар ифодаи дараҷаи қиёсӣ мушоҳида мешавад, ки он ҳам на ба ҳамаи зарфҳо мансуб аст).

Зарф мисли сифат аломатро мефаҳмонад ва дорои категорияи дараҷа мебошад, вале зарф аз сифат бо чанд хусусияти худ фарқ мекунад: зарф аломати амал ва аломати аломатро мефаҳмонад ва танҳо дараҷаи муқоисавӣ дорад, вазифаи синтаксисӣ ва тарзи алоқаи зарфу сифат низ аз ҳам фарқ мекунад: Вай **зудтар** ҳаракат кард, ки ба лаби ҷӯй расад *(П. Толис,* Тобистон). Савор **наздиктар** рафта қарор гирифт *(С. Улуғзода,* Қисмати шоир). Офтоби гарм **поёнтар** хамида, рӯи платформаро сояи бинои вокзал гирифта буд *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Ҳозир вай ба профессор имтиҳон дода истодааст, **камтар** сабр кунед *(Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя). **Дертар** гидротехники ҷавон ҳис кард, ки майли бо Зайнаб **бисьёртар** вохӯрдан, гуфтугӯй кардан, овози ӯро шунидан дорад *(С. Улуғзода,* Ёрони боҳиммат). Шомурод пас аз хӯрда шудани палав боз **поёнтар** нишаст *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Зарф аффиксҳои махсуси калимасоз дорад. Суффиксҳои **-нокӣ, -акӣ, -она, -вор, -бар** ва ғайра махсуси зарф мебошад:

Набӣ-полвон Некқадамро **пуштнокӣ** ба замин хобонид *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Банда **кӯдаквор** шодӣ мекардам *(Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). Абдусаттор **вазнинона** бел зада, гоҳ-гоҳ ба канори муқобил нигоҳ партофта мемонд *(П. Толис,* Повесть ва ҳикояҳо). Мақсади моро **пешакӣ** дониста монданӣ барин, Нӯъмонова моро звено ба звено ба сари чинакчиёни бригадаи якум бурд *(Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

Аломати морфологии дараҷаи қиёсии зарф суффикси **-тар** мебошад. Ин суффикс бо суффикси дараҷасози сифат шаклан мувофиқ меояд. Ин шаклҳои омонимӣ аз якдигар танҳо аз ҷиҳати вазифаи синтаксисӣ фарқ мекунанд. Зарф дар шакли дараҷаи қиёсӣ ба феъл тобеъ шуда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад ва дар ҷумла ҳамеша ба вазифаи ҳол меояд. Сифат бошад, дар ин шакл чигунагии предметро мефаҳмонад ва дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда ва хабар меояд:

Зӯр мезадам, ки **зудтар** аз таги фаввора дур шавам *(Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). Ман ҳаракат мекардам, ки сухани **мувофиқтаре** ёфта, ӯро тасаллӣ диҳам *(С. Улуғзода,*

Субҳи ҷавонии мо). Бародари ман аз ӯ донишмандтар буд *(С. Айнӣ*, Куллиёт).

Тафовути дигари зарф аз сифат ин аст, ки сифат шакли дараҷаи олӣ низ дорад, ки он бо суффикси **-тарин** ифода мешавад (беҳтарин нависанда), вале зарф шакли дараҷаи олӣ надорад. Аз ҳамин сабаб калимаҳое, ки бо роҳи морфологӣ-синтаксисии калимасозӣ аз сифати аслӣ ба зарф гузаштаанд, танҳо суффикси **-тар** қабул карда метавонанд:

Падарам **«тезтар** биё» гуфта таъкид карданд (*Р. Ҷалил*, Маъвои дил).

Зарфҳо мувофиқи маънои умумиашон ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: зарфҳои аломат ва зарфҳои ҳолат. **Зарфҳои аломат** аломату хосияти амалу аломатро мефаҳмонанд, баъзе аз онҳо дараҷаи воқеъ шудани амалу аломатро нишон медиҳанд; зарфҳои ҳолат муносибатҳои гуногуни ҳолӣ: замону макон, сабабу мақсадро ифода менамоянд.

Аломати барҷастаи зарфҳои аломат ин аст, ки онҳо дорои дараҷаи қиёсӣ мебошанд. Аз ин сабаб дар байни зарфҳои тарзи амал, миқдору дараҷа ва замону макон баъзе умумиятҳо ба назар мерасад, чунки зарфи тарзи амал асосан аломатро ифода кунад ҳам, дар байни онҳо мисли **пуштнокӣ, паснокӣ, дарунокӣ, даҳанакӣ, ёдакӣ, рӯякӣ, дартоз, беист, ноист, беихтиёр, тасодуфан, фавран, ногаҳон, якбора, дузону** калимаҳои зиёдеро ном бурдан мумкин аст, ки шакли қиёсӣ надоранд:

Наздики бегоҳӣ вай **аспакӣ** ба «Ситораи Сурх» расид *(С. Улуғзода*, Диёри Навобод). Миршаб бо шунидани ин хабар «вой мурдам» гӯён **пуштнокӣ** меафтад (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Гоҳо дар ягон тангкӯча танбаи аробаю машинаҳоро дида пас мегардад ва мо **паснокӣ** хеле масофаро тай карда, ба роҳи дигар мебароем *(Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дунъё). Баъд ҳамон дақиқа ба токчаи тиреза рафта нишаста, мактубро ғурунг-ғурунг карда, **дарунокӣ** хондан гирифт (*Ф. Ниёзӣ*, Духтари ҳамсоя). Коркунони ЗАГС **дарунокӣ** завқ мекарданд (*Ҳ. Карим*, Оқшуда). Мазмуни он фармон **даҳонакӣ** ба кӯчаҳо паҳн мешуд *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Абӯали каме фикр карда, ёдакӣ мехонд (*С. Улуғзода*, Абӯалӣ ибни Сино). Планҳои конкретӣ аксар **рӯякӣ** сохта шуда, мавзӯи нав номбар карда мешуду халос («Чароғи Ирфон»). Модар **дартоз** ба ҳавлиаш омада истода, роҳ то роҳ дар бораи тилисмоти дар чуқурӣ будагӣ ва девҳои чанбаршох хаёл карда, ба ваҳм афтод (*Р. Ҷалил*, Шикасти тилисмот). Вай модарамро, ки **беист** гирья мекард, тасаллӣ дода мегуфт, ки беҳуда замини вокзалро об назанад, вай дере нагузашта меояд *(П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо). Танкҳо бошанд **ноист** пеш меомаданд (*Ҷ. Икромӣ*, Достони марди танкшикан). Мирқодир баъзе шумораҳои он газетаро аз Саидаҳмад гирифта **пинҳонӣ** ба мадраса меовард (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Ҳотам **беихтиёр** лаҷоми

аспро раҳо намуда, ба сағрии он қамчин зад *(Р. Ҷалил,* Баҳор). Ин мисраъро **беихтиёр** замзамакунон такрор мекардам, ки ба сурудхонӣ гузашта рафтанамро нафаҳмида мондам *(Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). Аммо як рӯз яке аз шарикдарсонаш **тасодуфан** китоби ӯро дида «Шамсия» будани ӯро фаҳмида, ба ӯ хабар додааст *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Нохост** аз торикӣ шиҳаи асп баланд шуд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дар саҳни мадраса Рӯдакӣ чашмаш ба ӯ ғалтид ва **фавран** ба пешвозаш омад *(С. Улуғзода,* Қисмати шоир). **Ногаҳон** ба нармии гӯши ростам як чизи тез халида ҷаззӣ карда монд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Якбора худро ду қадам ба ақиб партофт *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Юлдошев ҳам ба замин **дузону** нишаста, ба ҳар тараф нигоҳ карда, сухани раиси шӯрои ҳосилотро тасдиқ намуда эзоҳ дод *(С. Айнӣ,* Ғуломон).

Ва, баръакс, зарфҳои макону замон ва сабабу мақсад ҳолатро фаҳмонанд ҳам, мисли **сонӣ, дер, қафо, пеш, боло, поин** баъзе зарфҳои замону маконро ном бурдан мумкин аст, ки дар шакли қиёсӣ меоянд:

Дар ин бобатҳо **сонитар** гап мезанем, таъкид намуд домулло,— ба ман ҳаминро гӯед, ки ҳавлии ман дар куҷост *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). **Дертар** фаҳмидам, ки падару модарам боз чаҳор фарзанд ёфта бошанд ҳам, аммо ҳамаи онҳо дар хурдсолӣ вафот карда буданд *(С. Улуғзода,* Саргузашти Собир). **Поёнтар** аз остонаи баланди ин дар сӯрохе сохта ҳоҷаруласвод, яъне санги сиёҳи муқаддасро он ҷо гузоштаанд *(Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). Аз даҳанаи рахна **дарунтар** меравед *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Маҳбус **болотар** нигоҳ карда дид *(П. Толис,* Повесть ва ҳикояҳо).

Аз зарфҳои миқдору дараҷа танҳо онҳое дар шакли қиёсӣ меоянд, ки аз сифат ба ин категория гузаштаанд:

Он вақтҳо амир Абдулаҳад ба Бухоро надаромада, бисьёртар вақташро дар Кармина ва атрофи он мегузаронид *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҳамин тавр, дар байни зарфҳои миқдору дараҷа ва замону макон зарфҳои ифодакунандаи аломат мавҷуд бошанд ҳам, зарфҳои аломат асосан хоси зарфи тарзи амал мебошад.

Зарфи тарзи амал

Зарфҳои тарзи амал тарзу ҳолати воқеъ гардидани амалу аломатро мефаҳмонанд ва ба саволҳои чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ тарз?, чӣ тавр? ҷавоб мешаванд: **зуд** омадан, **бад-бад** нигоҳ кардан, **дудаста** пахта чидан, **оромона** нишастан, **беист** гап задан, **сарнагун** афтодан, **пуштнокӣ** роҳ рафтан.

Як қисми зарфҳои тарзи амалро калимаҳои содда ташкил менамоянд:

Ман либосҳоямро пӯшида, **зуд** аз ҳуҷра фуромада, ба рӯи мадраса рафтам (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунъё). Баъди аз дарвоза даромадан шумо **даррав** ҳавлии даруни моро намебинед (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Он шахс пас аз ба ӯ сухан додани полковник ба пештари минбар омада, **оҳиста** ба гап сар кард (*Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

Зарфҳои тарзи амал дар шакли сохтаву мураккаб фаровон истифода мешаванд. Зарфҳое, ки бо суффикси **-она, -акӣ** сохта шудаанд, аломати амалро равшан нишон медиҳанд: хоксорона, қашшоқона, хомӯшона, вазнинона, махфиёна, мағрурона, дилпурона, озодона, оромона, бепарвоёна, бошуурона, бесаброна, шӯхона, эҳтиёткорона, далерона, фақирона, ҷиддиёна, чолокона, танбалона, бодиққатона, бетоқатона, бераҳмона, беҳавасона ва ғайра:

Аскари сурх моро дар кат нишонду **хушҳолона** ба рафиқонаш воқеаи аз дарьёи Оҳангарон гузаштани моро ҳикоя кардан гирифт (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ӯ ҳунари дигаре ҳам надошт, асосан бо бадали иҷораи ҳавличааш **қашшоқона** зиндагонӣ мекард (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ҳа, ин орзӯи деринаи ман буд, ҷавоб медиҳад Очилхон, **хоксорона** рӯяшро оҳиста бо сарбанди чоркунҷаи парчагулдораш панаҳ карда (*Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя). Дар давродаври меҳмонхона бойҳо ва бойбачаҳо бо либосҳои пурқиммат ба худ зинат дода, **мағрурона** менишастанд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Бибианзурат аз ду рафиқаш намонда, **дилпурона** кор кардан гирифт (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ман дар он гуна шабҳо ҳамеша дар даруни меҳмонхона буда, аз он гуна сӯҳбатҳои адабӣ **озодона** истифода мекардам (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Абдусаттор **оромона** эътироз намуд (*П. Толис,* Повесть ва ҳикояҳо). Зайнаб **оромона** ва **бепарвоёна** гуфт (*С. Улуғзода,* Ёрони боҳиммат). Забони дигар иштироккунандагони он маҷлис ҳам, бе он ки худашон **бошуурона** мақсад карда гирифта бошанд, рӯз то рӯз бойтару пурратар мешуд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Бешуурона** ба девори ҳамсоя наздик шуд ва ба он тараф чашм андохт (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Зарфҳои тарзи амали **ногоҳ, нохост, якбора, тифоқо** ва ғайра ногаҳон, якбора, ғайричашмдошт воқеъ шудани амалро ва гурӯҳи дигари зарфҳои тарзи амал инчунин бардавомӣ ва такрори амалро мефаҳмонанд:

Ногаҳон аз дар даромад киштии бегонагон,
Гашт вайрон оби боғи сабз аз ин бори гарон.

(*М. Турсунзода,* Боғи муаллақ)

Вале модарам дар ҷои нишастагиаш карахт шуда монда, **якзайл** ба берун чашм меандохт (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷаво-

нии мо). Ду рӯз боз **беором** борон меборид *(Ҳ. Карим,* Ҳикояҳо).

Зарфҳои тарзи амали **батафсил, бекаму кост, кам-кам** ва амсоли инҳо тобиши дараҷа, **пеш-пеш** (рафтан), **пуштнокӣ** (гурехтан) ва ғайра тобиши сӯй, **дукаса, секаса, коллективона** тобиши ҳамроҳӣ доранд:

Ман **кам-кам** аз тарҷимаи ҳоли Қорӣ-ишкамба хабардор шудам *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Падарам он ҳикояро **батафсил** нақл карданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар дақиқаи дигар дарбориён **оқибнокӣ** аз хона мебароянд ва Рӯдакӣ бо рӯймолчаи хунолуд чашмонашро пинҳон карда, калавида-калавида меояд *(С. Улуғзода,* Қисмати шоир). Онҳо **дукаса** харро бор карда омаданд (Сорбон, Ҷӯгӣ). Кайвониҳо ҷуволро **дукасаю секаса** шуда бардошта баровардаид *(Ҷ. Икромӣ,* Духтари ҳамсоя).

Зарфи монандӣ

Зарфҳое, ки амалро ба таври қиёс эзоҳ медиҳанд, зарфи монандӣ ном доранд:

Ман гумон мекардам: ӯ ин суханҳоро дар бораи чизҳои навбаромад ва кор фармудани онҳо аз ягон донишманди навигаридӯст шунидааст ва **тӯтивор** ёд гирифтааст *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Фароштурук **тирвор** поён мефаромад *(П. Толис,* Повесть ва ҳикояҳо).

Мичуринвор ояд ҳар ҷавоне
Намояд кашф сирри богбонӣ.

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

Гурӯҳи анбӯҳи тамошобинон атрофи ҷанговаронро **ҳалқавор** фаро гирифта буданд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар дуродур нуқтаҳои бисьёре **алмосвор** медурахшиданд *(Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

Дари ҳикмат кушода **саъдиёна,**
Сухан мегуфт ҳар кас **шоирона.**

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

Махдуми Гав **мурдамонанд** беҳаракат мехобид (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Ҳеҷ шунидӣ, ки рухи осмон
Ҷилва кунад **лаълсифат** дар ҷаҳон?

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

Зарфи миқдору дараҷа

Зарфҳои миқдору дараҷа миқдор ва дараҷаи воқеъ гардидани амалу аломатро мефаҳмонанд ва ба саволҳои чӣ қадар?, чӣ андоза?, чӣ миқдор? ҷавоб мешаванд: **андак, қадре, хеле, басо, барзиёд, як дараҷа, кам андар кам** ва ғ.

Шумо **хеле** меҳрубон ва илтифоткоред (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). Модарам бо бачаи ширхораш дар хонаи бегона **бисьёр** азият мекашид *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Рӯяш **андак** дароз фаромадааст (*П. Толис,* Повесть ва ҳикояҳо). Ман **беҳад** шод будам *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Вафо бар аҳд кардан хислати хос аст бар мо,
Супоришро ту бешак менамоӣ **барзиёд** иҷро.

(Р. Ҷалил, Баҳор)

Дар матонат ва суботкорӣ ба худ **кам андар кам** ҳамто доштанд *(Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). То расидан ба миёнаҷои дарьё гупсарҳо **як дараҷа** бо осудагӣ мерафтанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Зарфҳои миқдору дараҷа, ки аз такрори шумораҳо ташкил меёбанд, тобиши тарз доранд:

Сарбозони дигар ҳам **як-як, ду-ду** омадан гирифтанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Мардум ҳам **ду-ду, чор-чор** аз пасу пеш мерафтанд *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Чӯпонон ва подабонон гала ва рамаҳои худро, ки аз аввали пагоҳ то нимаи рӯз чаронда сер карда буданд, худҳошон **ду-ду, чор-чор** ба ҳар гуна бозиҳо машгул шуданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Аввал **ягон-ягон,** пас аз он **панҷ-панҷ, даҳ-даҳ** харидор омада, рафта-рафта сарой бо харидорон пур шуд *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Зарфи замон

Зарфи замон вақту замони воқеъ шудани **амалро** мефаҳмонад ва ба саволи **кай?** ҷавоб мешавад: **дина, парер, порсол, ҳанӯз, ҳоло, ҳозир, пагоҳ, фардо, шабона, мудом** ва ғ.

Дирӯз баъди борон тиру камон баромад *(М. Турсунзода).* Амон даҳ-понздаҳ сол боз дар маъракаҳои гӯштингирӣ иштирок карда, **ҳоло** аз ҳеҷ кас мағлуб нашуда будааст *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Баҳсу ҷавоби инҳо **ҳанӯз** тамом нашуда буд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Парерсол ба латереяи кадом касе машинаи «Москвич» баромад *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). **Сонӣ** ҳамроҳи зани чодири сиёҳпӯше баромад *(Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). **Ҳозир** бо ин мошпиёбаи тайёршуда баробари худаш об ҳамроҳ карда, аз сари нав ҷӯшон (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ҷанги ӯро ба аъламии Бухоро

навакак гуфтам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Акнун** хайрухуш кунем ҳам, мешавад *(Р. Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Бобоям чун ин фикрашро ба аҳли деҳаи Маҳаллаи Боло маълум мекунад, онҳо **дарҳол** арӯс меёбанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Зарфҳои замон аз ҷиҳати ифодаи маънои замонӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: 1) зарфҳое, ки замонро ба таври умумӣ ифода мекунанд, замони конкретро далолат намекунанд, 2) зарфҳое, ки ба яке аз замонҳо мансуб мебошад, яъне ё замони гузашта, ё замони ҳозира ва ё замони ояндаро мефаҳмонад.

Зарфҳое, ки замони амалро ба таври умумӣ ифода мекунанд, ба замони муайяне маҳдуд намешаванд, дар ҳар се замони феъл баробар истифода мешаванд. Ин гурӯҳи зарфҳо аз ҷиҳати маъно гуногун буда, бардавомии амал, такрор шудани амал, ногаҳон ва ё зуд воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд. Зарфҳои **доимо, доим, мудом, ҳамеша** ва ғайра бардавомии амалро ифода мекунанд:

Соро **ҳамеша** дар охири ин гуна базмҳои бачагонаи худ ин шеъри бачагонаи серҳаракатро дар ҳавои сози уфар мехонд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Доимо овар ба ёдат рӯи мо,
Чашми уммедат макан аз сӯи мо.

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

Баъзе зарфҳо бардавомии амалро конкрет нафаҳмонанд ҳам, маънии ғайриконкретии онҳо ба ифодаи он имконият медиҳад. Масалан, зарфҳои **шабона** ва **рӯзона** ба яке аз замонҳо мансуб нестанд, бинобар ин ба кадоме аз замонҳо мансуб будан ва бардавомии амалро ифода кардани онҳо маҳз ба воситаи феъл муайян карда мешавад:

Агар дар он давру пеш базме воқеъ шавад, **шабона** мерафт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ҳамин шаб **шабона** ё саҳарӣ барвақт баромада меравем (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Корхона **шабона** ҳам, **рӯзона** ҳам торик (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Зарфҳои **гоҳо, гоҳ-гоҳ, гоҳ... гоҳе, баъзан** такрори амалро мефаҳмонанд. Феълҳои ҷумлаҳое, ки дар онҳо ин гуна зарфҳо омадаанд, ғолибан дар шакли ҳикоягӣ воқеъ мегардад:

Ӯ ба хона **гоҳо** меомад, **гоҳо** намеомад (*Ю. Акобиров,* Водии муҳаббат).

Зарфҳое, ки замонро конкреттар ифода мекунанд, ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

а) зарфҳое, ки дар замони гузашта воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд ва феъл бо ин гуна зарфҳо дар шакли замони гузашта воқеъ мешавад: **дина, дирӯз, парерӯз, парешаб, порсол, перорсол:**

Зариф **дина** аз шаҳр телефон кард (*Р. Ҷалил,* Шикасти

тилисмот). Боз як ариза фиристода буд, ки **дирӯз** ҷавобаш омад *(Ҳ. Карим*, Оқшуда). Падарам инро **порсол** харида буд *(Ҳ. Карим*, Оқшуда). **Парерӯз** худам рафта фаҳмидам, тамоман дурӯғ будааст *(Р. Ҷалил*, Шикасти тилисмот);

б) зарфҳое, ки дар айни замон воқеъ шудани амал ва ё дар замони ҳозира ҷараён доштани амалу ҳолатро мефаҳмонанд: **ҳоло, ҳанӯз, акнун, алҳол, ҳозир:**

Ӯ **ҳоло** бо модараш гапзанон карда истодааст (*Р. Ҷалил*, Шикасти тилисмот). Аз асрори ин воқеа **ҳанӯз** касе хабар надорад *(С. Айнӣ*, Куллиёт);

в) зарфҳое, ки дар оянда воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд: **пагоҳ, фардо, пасфардо, бегоҳ:**

Пагоҳ мардум фаҳмад, чӣ мегӯяд *(Ю. Акобиров*, Водии муҳаббат). Ҳоҷиҳо **пасфардо** ба ин ҷо омада, се шабу се рӯз бо тоату ибодат машғул хоҳанд шуд *(Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дуньё).

Зарфи макон

Зарфҳои макон ҷой ва сӯи воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд ва ба саволи куҷо?, дар куҷо?, ба куҷо?, аз куҷо? ҷавоб мешаванд. Миқдори зарфҳои макон хеле кам буда, аз ҳисоби исм афзуда истодааст:

Мавҷҳои сабзашро танҳо харсангҳое, ки **ҷо-ҷо** аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд, халал мерасониданд *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Ман ватани модариамро намедонам, **дар куҷо** будани онро ҳам намедонам *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Файзуллохон акнун намедонист, ки сари савдоии худро **ба куҷо** занад *(Р. Ҷалил*, Шикасти тилисмот). Ҳамин вақт **аз куҷо** дар рӯ ба рӯи вай Дадабои чангу хоколуди рӯяш сип-сиёҳ арақин пайдо шуд *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Соҳиби хона Асоро **аз болотар** шинонда, худаш **аз поёнтар** нишаст *(Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

Зарфи сабаб

Зарфи сабаб сабаби ин хел ва ё он хел воқеъ шудани амалу ҳолатро мефаҳмонад ва ба саволҳои чаро?, барои чӣ?, аз чӣ сабаб? ҷавоб мешавад. Миқдори зарфҳои сабаб хеле маҳдуд буда, онҳо асосан аз калимаҳои **ночор, ноилоҷ, саҳван, тасодуфан** иборат мебошанд, ки тобиши маъноии тарз низ доранд:

Ночор то манзили навамон, ки дар доманаи кӯҳ воқеъ гашта буд, хомӯш омадем *(Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дуньё). Усто-ака, сӯҳбататон ҳар қадар ширину дилкаш бошад ҳам,

ноилоҷ ман **бояд** вазифаи бар зиммаам бударо адо намоям *(Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон). Онҳо **саҳван** ба хонаи ҳамсоя даромадаанд *(Р. Ҷалил*, Маъвои дил). Мо ба ҳамдигар **тасодуфан** рӯ ба рӯ шудем *(С. Айнӣ*, Куллиёт).

Зарфи мақсад

Зарфи мақсад мақсади воқеъ гардидани амалро мефаҳмонад ва ба саволҳои барои чӣ?, бо кадом мақсад? ҷавоб мешавад. Зарфҳои мақсад низ аз ду-се калима иборат мебошанд: **қасдан, баркасд:**

Медонӣ, лекин **қасдан** худро ба нодонӣ мезанӣ *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Ӯ **қасдан** ё ки саҳван он корро вайрон карда мефиристонад *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Бародараш **баркасд** корро кашол дода истодааст *(Р. Ҷалил*, Шикасти тилисмот).

КАЛИМАСОЗИИ ЗАРФ

Дар сохтани зарф қариб ҳамаи усулҳои калимасозӣ истифода шудааст. Усули сермаҳсули калимасозии зарф тарзи морфологӣ ва морфологию синтаксисӣ мебошад.

Суффиксҳои зарфсоз

Бо суффикс сохтани зарф яке аз роҳҳои сермаҳсули калимасозии ин ҳиссаи нутқ мебошад. Дар зарфсозӣ суффиксҳои **-она, -ан, -нокӣ, -акӣ, -о, -вор, -й** иштирок менамоянд.

Суффикси -она. Суффикси **она** сермаҳсул мебошад.

а) Ин суффикс аз сифатҳои аслӣ зарфи тарзи амал месозад, ки аломатро ифода мекунад:

Ҳамон рӯз Қорӣ аз дарс омада, **хашмгинона** аз Махдум пурсид *(С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Дар осмони бепоёни нилгун порча-порча абрҳои сафед, ки ба хирмани пахта монандӣ доштанд, киштиҳои бодбонӣ барин **оромона** шино мекарданд *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Баъзе исмҳо ҳамчун сифат низ истифода мешаванд. Ҳангоми ба маънои дуюмашон омадан аз онҳо бо суффикси **-она** зарф сохта мешавад: мард-мардона, гург-гургона ва ғ.

Фиреби ошноёнро чӣ гӯям?
Ғироми дӯстдоронро чӣ гӯям?
Занон **мардона** гоҳо ишқ варзанд,
Заифиҳои мардонро чӣ гӯям?

(Лоиқ, Марди роҳ)

б) Суффикси **-она** аз исмҳои замон зарфи замон месозад: **рӯзона, шабона:**

Бинобар ин ӯ **рӯзона** ва **шабона** ҳам то соатҳои 10-11 дар мадраса буда, вақти хобашро дар ҳавлӣ дар пеши модараш мегузаронд *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Падарам **шабона** саёҳат карданро дӯст медошт ва маро бисьёр вақт бо худ мегирифт *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

в) Суффикси **-она** аз исмҳои хос ва ҷинс зарфи монандӣ месозад: **саъдиёна, фирдавсиёна, шоирона, большевикона:**

Дари ҳикмат кушода **саъдиёна,**
Сухан мегуфт ҳар кас **шоирона.**

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

Фирдавсиёна васфи далерон баён кунам,
То номашон чу Рустами Достон аён кунам.

(А. Деҳотӣ, Куллиёт)

Лекин ман умедворам, ки ту ҳар ғамро **большевикона** аз худ дур карда, бабардошт шавӣ *(С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

г) Суффикси **-она** аз зарфҳои монандӣ зарфи тарзи амал месозад, ё ки ба зарфҳои монандӣ тобиши тарз мебахшад. Ин тарзи калимасозӣ хоси услуби бадеӣ мебошад:

Ин одам бо ҳамин шаклу шамоил **калонворона** оҳиста-оҳиста қадам монда, ба рӯи суфа баромада, ба Миризом салом дод *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

Рӯдворона зиндагонӣ кун,
Ҷӯш зан, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун.

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

Суффикси -ан. Суффикси **-ан** сермаҳсул мебошад. Ин суффикс дар калимасозии қариб ҳамаи хелҳои зарф иштирок менамояд. Суффикси **-ан** аз сифатҳои аслӣ ва иемҳо зарфҳои гуногун месозад:

а) зарфи тарзи амал:

Ӯро зӯран ва **маҷбуран** аз хона баровардand *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид);

б) зарфи миқдору дараҷа: **тамоман, қисман, комилан:**

Модарам ба таклифи падарам **тамоман** розӣ нашуд ва ба назди меҳмонон набаромад *(Р. Ҷалил,* Маъвои дил);

в) зарфи замон: **баъзан, фавран, бадеҳатан:**

Ҳофиз **бадеҳатан** ҷавоб дод (Афсонаҳои халқи тоҷик). Ба мо раиси ҷамоа омадани босмачиёнро **фавран** хабар дод *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид);

г) зарфи сабаб ва мақсад: **қасдан, саҳван:**

Коркунони матбаа, намедонам, **қасдан** ё **саҳван** ин имзо-

ро бо тағьири як ҳарф ба шакли «А. Қадимӣ» чоп кардаанд *(А. Деҳотӣ*, Асарҳои мунтахаб);

д) суффикси **-ан** дар таркиби калимаҳои модалӣ бештар дида мешавад, ки, зоҳиран, бо усули морфологӣ-синтаксисӣ ба ин категория гузаштаанд: **масалан, воқеан, зотан, тахминан, зоҳиран** ва ғайра.

Суффикси **-нокӣ**. Суффикси **-нокӣ** сермаҳсул мебошад. Ба воситаи он аз исмҳо зарфи тарзи амал сохта мешавад, ки тобиши сӯй доранд: **рӯйнокӣ, паснокӣ, болонокӣ:**

Набӣ-полвон Некқадамро **пуштнокӣ** ба замин хобонид *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Ба шакли оби зимистони дарьёи Зарафшон паси ҳамдигар гӯё ях баста, танба зада, торафт **пастнокӣ** дамида мерафтанд *(С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Суффикси **-акӣ**. Суффикси **-акӣ** каммаҳсул мебошад, вай аз исмҳо зарфи тарзи амал месозад: **дастакӣ, даҳанакӣ, рӯякӣ, ёдакӣ:**

Мазмуни он фармон **даҳонакӣ** ба кӯчаҳо паҳн мешуд *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Абӯалӣ каме фикр карда, **ёдакӣ** мехонд *(С. Улуғзода*, Абӯалӣ ибни Сино).

Суффикси **-акӣ** аз калимаи **пеш** зарфи замон сохтааст:

Барои он ки бо дасти чап хат навиштанро ёд гирад, ҳамаи лекция ва сӯҳбатҳояшро **пешакӣ** навишта мебаромадааст *(С. Улуғзода*, Навобод).

Суффикси -о. Суффикси -о каммаҳсул мебошад.

Ин суффикс аз исмҳо зарфи замон месозад: **ҳоло, гоҳо, асло:**

Ту **ҳоло** ба хона баргард *(Р. Ҷалил*, Шӯроб). **Гоҳо** аз роҳ бозистода, ба қафо нигоҳ мекард *(С. Улуғзода*, Навобод). Ӯ **асло** хафа намешуд *(Р. Ҷалил*, Маъвои дил). Суффикси **-о** инчунин зарфи тарзи амал (**ошкоро, иттифоқо**) ва миқдору дараҷа (**басо**) месозад:

Паҳлавон **ошкоро** талабгор шуда баромад *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Занак **басо** сергап буд *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Суффикси -вор. Суффикси **-вор** сермаҳсул мебошад. Вай аз исм зарфи монандӣ месозад:

Ӯ бо ин ҳама бузургӣ ва муҳобот ва салобат ба ҳар кас, ҳарчанд хурд бошад ҳам, **бародарвор** муомила мекард *(С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Аммо рафтор ва кирдори шахсии Зӯфунун **девонавор** менамуд *(С. Айнӣ*, Куллиёт).

Пӯлодвор пухта шуду обутоб ёфт,
Дар ҳарбу зарб панҷаи ҳар душманаш битофт.

(А. Деҳотӣ, Асарҳои мунтахаб)

Суффикси -ӣ. Суффикси **-ӣ** дар зарфсозӣ каммаҳсул аст.

Ин суффикс аз исм зарфи замон ва аз шумораву нумератив зарфи тарзи амал ва миқдору дараҷа месозад: Одина баъд аз ин муҳокима **чоштгоҳӣ** ба кӯча баромад (*С. Айнӣ*,

Куллиёт). **Чоштгоҳонӣ** як савор аз тарафи ғарби деҳа асп давонда омада, ба пеши ҳавлии Абдураҳимбой фуромад (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Мирзо ҳар рӯз **пагоҳонӣ** ҳамроҳи бой ба тиҷоратхонаи ӯ мерафт (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). **Бегоҳонӣ** ба ҳуҷраи Маҳмудараб рафтам (*С. Айнӣ*, Куллиёт). ... мо аз байни чанги бисьёре ба худ **яктой** интихоб карда гирифтем (*П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо). Аскарон **дутой** саф кашида буданд (*Ф. Ниёзӣ*, Ҳар беша ғумон мабар, ки холист).

Суффикси **-ӣ** аз калимаҳои тақлидӣ зарфи тарзи амал месозад:

Аз болои бом **гурсӣ** ба поён фаромад (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Чароғ **лаппӣ** даргирифт (*П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо).

Префиксҳои зарфсоз

Дар зарфсозӣ префиксҳои **бе-, но-, ба-, бар-, бо-, дар-, то-** иштирок менамоянд. Префиксҳои **бе-, ба-, бар-, бо-, дар-, то-** ба ин категория аз пешояндҳо гузаштаанд.

Префикси бе-. Префикси **бе-** сермаҳсул мебошад.

а) Ин префикс аз исм зарфи тарзи амал месозад: **беибо, беамон, бемалол, беихтиёр:**

Маро **беихтиёр** ханда омад (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ман аз онҳо **бемалол** фоида мебурдам (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Калимаи **беист** бо ҳамин қолаб сохта шудааст, вай аз асоси замони ҳозираи феъли ист, ки субстантивация шудааст, ва префикси калимасози **бе-** иборат мебошад: Он рӯз **беист** борон меборид (*П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо). Лекин ҳавои сӯзоне аз боми каюта ба тан мезад ва аз бадан **беист** обу арақ мешорид (*Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дунье).

б) Префикси **бе-** аз исм зарфи миқдору дараҷа месозад: **беҳад, беандоза, бениҳоят, беадад.**

Ман **беҳад** шод будам (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Модар **бениҳоят** хурсанд буд (*П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо). Шаб **беандоза** торик буд (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

в) Префикси **бе-** аз исм зарфҳои сабабу мақсад месозад: **бесабаб, бечо, бедарак, беҳуда:**

Ӯро бесабаб аз ин ҷо ронданд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Маро **бечо** ба пулковӣ маҷбур кард. **Бечо** кӯчида рафтетон,— илова кард тӯта Люба (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Префикси но-. Префикси **но-** дар зарфсозӣ сермаҳсул нест.

а) Ба воситаи ин префикс аз исмҳо зарфҳои тарзи амал сохта мешавад:

Ногоҳ аз дар даромада омад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

б) Ба воситаи префикси **но-** аз асоси замони гузаштаи феъл зарфи тарзи амал сохта мешавад: **нохост, ноист, ногуфт.**

Дар ҳамин вақт **нохост** падари бадқаҳри Маҳмуд — Шокир-амак пайдо шуда монд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

в) Префикси **но-** аз исм зарфи сабаб месозад: **ноҳақ, ночор, ноилоҷ:**

Ноилоҷ ба усто Боқӣ ном ҳамсояам муроҷиат карда, тадбир пурсидам *(А. Лоҳутӣ*, Асарҳои мунтахаб). Ман **ночор** розӣ шудам *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ба пушти ӯ **ноҳақ** чанд дара заданд *(С. Айнӣ*, Куллиёт).

Префикси ба-. Префикси **ба-** каммаҳсул мебошад. Ба воситаи ин префикс аз исмҳо зарфи тарзи амал ва миқдору дараҷа сохта мешавад: **базӯр, баҳузур, бароҳат, батафсил, бағоят:**

Ҳоло ки аз санҷиши аввалин ба ҷӯйбори обу арақ ғӯтида **базӯр** баромадам, бинои эътимоди худ ба худ сохтаам рахнаи намоёнаке пайдо карда буд *(Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дунъё). Ӯ он латифаро **батафсил** нақл кард *(Ҷ. Икромӣ*, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Хизмати он корхона **бағоят** вазнин буд *(Ҳ. Ирфон*, Дар кулбаи косибон).

Префикси бар-. Префикси **бар-** каммаҳсул аст. Ба воситаи ин префикс аз исм зарфҳои замон, миқдору дараҷа сохта мешавад:

Духтарон ин пагоҳ **барвақттар** ба саҳро баромаданд *(Ю. Акобиров*, Водии муҳаббат). Хуб шуд, ки **бармаҳалтар** баромад *(Ф. Муҳаммадиев*, Палатаи кунҷакӣ). Колхоз плани пахтасупориро **барзиёд** иҷро кард (*Ю. Акобиров*, Замини падарон).

Префикси бо-. Префикси **бо-** сермаҳсул мебошад. Ба воситаи ин префикс аз исмҳо зарфи тарзи амал сохта мешавад: **бомуваффақият, босуръат, бодиққат, бошитоб, боизтироб, боэҳтиёт, бошаст.**

Шодигул суханони котибро **бодиққат** гӯш мекард (*С. Улуғзода*, Навобод). Ҳамдам-фӯрма аз он ҷо **бошитоб** гузашта рафт *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Автобуси мо **бошаст** медавид *(Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дунъё).

Префикси дар-. Префикси **дар-** каммаҳсул мебошад. Ба воситаи он аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл зарфи тарзи амал сохта мешавад: **дарҳол, дартоз, даррав:**

Ту **дарҳол** хеста, милтиқатро гирифта берун баро *(С. Айнӣ*, Куллиёт). Гулрӯ **дартоз** омада, ба мо хабар дод *(Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Префикси то-. Префикси **то-** бемаҳсул мебошад. Вай танҳо дар таркиби калимаи **торафт** мушоҳида мешавад, ки аз асоси замони гузаштаи феъл зарфи тарзи амал сохтааст:

Шамол **торафт** шиддат мекард *(С. Айнӣ*, Куллиёт).

ЗАРФҲОИ МУРАККАБ

Зарфҳои мураккаб ба ду гурӯҳи калон: пайваст ва тобеъ ҷудо мешаванд. Зарфҳои мураккаби пайваст аз ҷузъҳои баробарҳуқуқ иборат буда, бо тарзҳои гуногун сохта шудаанд.

Яке аз ҷузъҳои зарфҳои мураккаби тобеъ ба дигаре тобеъ буда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад.

Зарфҳои мураккаби пайваст

Зарфҳои мураккаби пайваст ба воситаи садоноки пайвасткунандаи **-о-**, бо усули такрор сохта мешаванд.

1. Зарфҳои мураккаби пайваст ба воситаи садоноки пайвасткунандаи **-о-** аз ҳиссаҳои зерини нутқ таркиб меёбанд:

а) исмҳои такрор: **саросар, лаболаб, паёпай, шабошаб, дамодам, пешопеш, раҳораҳ:**

...ман дар мобайни чанд рӯз ҳамаи ҳарфҳоро шинохта ва бо ҳам «ҷанг андохта», китоби алифборо **саросар** бе ёрии муаллим мехондагӣ шудам *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Рӯди Шофирком **лаболаб** пуроб буд *(С. Айнӣ*, Куллиёт).

Хулоса, мардумони ҷабрдида,
Паёпай заҳри нодонӣ чашида,
Ҳама аз айшу роҳат дур буданд,
Ғулому бандаву муздур буданд.

(М. Турсунзода, Хазон ва баҳор)

Саросар аз ғазаб лабҳо газиданд,
Ба сӯи душмани малъун хазиданд

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

б) аз сифатҳои такрор: **гармогарм, хомохом**

Ба сад ҷон дар танӯри ишқ **хомохом** месӯзем
Лаби дарьёи дил оташнишониро намедонем.

(Лоиқ, Резаборон)

в) аз исмҳои гуногун: **саропо, сарозер:**

Ҷӯйро аз фароз ба нишеб **сарозер** канда буданд *(С. Айнӣ*, Куллиёт). ... мо **саропо** тар шуда будем *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Диле дорам, ки лабрези суруд аст,
Саропо ларзаи амвоҷи руд аст.

(Лоиқ, Резаборон)

Бидидам дар паси кӯҳи Ҳимолой,
Замини сабзу зархезе **саропой.**

(М. Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

2. Зарфҳои мураккаби пайваст, ки дар онҳо калимаҳо бевосита такрор шуда омадаанд:

а) исмҳои такрор: **гурӯҳ-гурӯҳ, тӯда-тӯда, ҷо-ҷо, гоҳ-гоҳ, сим-сим** ва ғ.

Мардум **гурӯҳ-гурӯҳ** меомаданд (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Кӯҳсори Тоиф **ҷо-ҷо** қуллаҳои паст дошту дара надошт (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё);

б) сифатҳои такрор: **вазнин-вазнин, сабук-сабук, сахт-сахт, тез-тез, осон-осон, бад-бад, кам-кам, гарм-гарм** ва ғ.

Муҳаррами Ғарч бо келинча ва дигарон **гарм-гарм** пурсупос кард (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Бемор **вазнин-вазиин** нафас мекашид (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо);

в) шумораҳои такрор: **як-як, ду-ду, се-се, чор-чор, якто-якто:**

Онҳо **ду-ду, се-се** ба ҳар тараф гузашта рафтанд (*А. Воситзода,* Дилоро). Мо чизҳои шахсан ба худашон тааллуқдоштаро **як-як** шумурдем (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо);

г) ҷонишинҳои такрор: **ягон-ягон, чанд-чанд:**

... Он ғазалҳоро **ягон-ягон** ба ман хонда дод... (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Агар як асои хушшакли моргардан ёфта гирам, азамат ва бузургвории ман боз **чанд-чанд** меафзояд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо);

д) феъли ҳоли такрор: **кашон-кашон, давон-давон, рафта-рафта, зада-зада, кӯфта-кӯфта, молида-молида:**

... аз гиребонам сахт дошта, **кашон-кашон** ба кадом як ҷое гирифта бурд (*П. Толис,* Повесть ва ҳикояҳо). Аз кӯпрук гузашта, **давон-давон** меомад (*Сорбон,* Буд, набуд). Ӯро **зада-зада** бурданд (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо);

е) зарфҳои такрор: **зуд-зуд, оҳиста-оҳиста, пеш-пеш:**

Ситора **зуд-зуд** пеши ман омада, аз офтобам салом мерасонд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Босмачиён **оҳиста-оҳиста** ба деҳа наздик мешуданд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). ... як ҷуфт кафш ва масҳиро **пеш-пеш** харида, дар хӯрҷин ҷой карда монда буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Зарфҳои мураккаби тобеъ

Зарфҳои мураккаби тобеъ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта мешаванд.

1. **Аз ду исм: дарьёсифат, лайлисон, париамсол:**

Эй Ганг, аз чӣ хомӯшӣ,
Аз чӣ **дарьёсифат** намеҷӯшӣ?

(*М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

2. **Аз исму шумора: якзайл, дузону, чорзону, якпаҳлу:**

Асп **якпаҳлӯ** шуда дар даруни заҳкаш хобида, бо поҳои пешу қафои худ канори заҳкашро лагадкорӣ мекард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар атрофи он, аз матраҷҳои бекорхобида ҷойгоҳи нарме сохтем ва **дузону** нишастем (*Ф. Муҳаммадиев,*

Дар он дуньё). Мо талабагон дар шабҳои барф ҳам такрори рӯйсаҳнии ҳудро тарк намекардем ва барфи рӯи сангро бо остин, ё бари ҷома рӯфта, бар рӯи санги яхмонанд **чорзону** ё **дузону** нишаста, такрор кардан мегирифтем (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Вале модарам дар ҷои нишастагиаш карахт шуда монда, **якзайл** ба берун чашм меандохт (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Оҳиста-оҳиста **якзайл** кор кун (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

3. **Аз исму асоси замони ҳозираи феъл: умрбод, илтиҷоомез, иддаомез:**

Падарам аз ӯ **умрбод** хафа шуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).— Даша-хола,— **илтиҷоомез** ӯро ном гирифт Сафар (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо).— Ман ин суханҳои шуморо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам,— гуфт **киноямез** (*С. Улуғзода,* Навобод).

Калимасозии омехтаи зарф

Зарфҳо бо усули омехтаи калимасозӣ низ сохта мешаванд. Ин усули калимасозӣ аз усули морфологӣ бо он фарқ мекунад, ки аффиксҳо на аз калимаҳои мураккаб, балки аз ибораҳо калима месозанд. Дар ин усули калимасозӣ суффиксҳои **-а, -ӣ (-гӣ)** иштирок менамоянд:

Суффикси **-а** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ зарф месозад:

а) **аз шумораву исм: дудаста, дулунҷа, яккаса, чоркаса, дуюмбора:**

Духтарон **дудаста** хеле чобукона пахта мечиданд (*Ҷ. Одина,* Ҳикояҳо). Ҷавон аспҳоро ягон-ягон кушода, ба ҳар кадоми онҳо бандиёнро **дукаса** ва **секаса** бор кардан гирифт (*С. Айнӣ,* Куллиёт);

б) **аз ҷонишину исм: ҳарҷониба, ҳартарафа, чандбора, ҳаматарафа:**

Раис ин маълумотро **ҳартарафа** санҷида баромад (*Ю. Акобиров,* Замини падарон).

Суффикси **-ӣ (-гӣ)** аз шумораву исм зарф месозад: **дуборӣ, себорӣ, дунафарӣ, якпиёлагӣ:**

Баъд **аз якпиёлагӣ** чой нӯшидан ғазалхонӣ сар шуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Суффикси **-ак** аз таркиби **зӯр ба зӯр** зарфи **зӯрбазӯракӣ** сохтааст:

Бо ҳамон шиками **зӯрбазӯракӣ** пур кардашуда мехобиданд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Суффикси **-вор.** Ба воситаи суффикси **-вор** аз ибораҳои изофӣ ва таркибҳо зарфи монандӣ сохта мешавад: **аскарисурхвор, баргибедвор, пуштимоҳивор, мӯрумалахвор, падару модарвор:**

Асп, чунон ки варачаи сахт гирифта бошад, **баргибедвор** меларзид (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Оби Муғьёи **новаиосиёвор** шо-

рида ба Зарафшон мерехт (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Лекин дар баробари тайёр шудани дон онҳо **мӯрумалахвор** пайдо мешуданд (*А. Деҳотӣ*, Ҷанги одам бо кӯҳсор).

Суффикси -она аз таркибҳои пайвандакдори ҳолӣ зарфи тарзи амал месозад: **беҳолубемадорона, бемайлуҳавасона, чустучолокона, хушхурсандона:**

...**беҳолубемадорона** ба девор такья менамуд (*Р. Ҷалил*, Шӯроб). ...**бемайлуҳавасона** ҷавоб дод (*П. Толис*, Ҳикояҳои даҳ сол).

Ҳама **хушхурсандона** баромада рафтанд (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Ба зарф гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ

Ба зарф гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ дар забоншиносӣ **адвербализация** ном дорад. Ба гурӯҳи зарфҳо исм, сифат, феъли ҳол ва таркибҳои исмӣ хеле зиёд гузаштаанд. Ба зарф гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ ду хел воқеъ мегардад: як гурӯҳ калимаҳо комилан ба зарф гузашта, асосан ҳамчун зарф истифода мешаванд, процесси гузаштани гурӯҳи дигарашон анҷом наёфтааст, ба зарф мансубият доштани онҳо маҳз дар матн равшан зоҳир мегардад.

Ба зарф гузаштани исм. Ба зарф исмҳое гузаштаанд, ки хусусияти рельетивӣ доранд, асосан маконро ифода мекунанд. Исмҳо ба зарф комилан нагузашта бошанд ҳам, дар матн ба ин гурӯҳ мансуб будани онҳо равшан мешавад. Дар ин мавриД онҳо категорияи дараҷаи зарфро қабул мекунанд: **пештар, қафотар, болотар, поёнтар, дарунтар, берунтар:**

Поёнтар аз остонаи баланди ин дар сӯрохе сохта ҳоҷаруласвод, яъне санги сиёҳи муқаддасро он ҷо гузоштаанд (*Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дунъё). Аз даҳанаи рахна **дарунтар** меравед (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Маҳбус **болотар** нигоҳ карда дид (*П. Толис*, Повесть ва ҳикояҳо).

Ба зарф гузаштани сифат. Ба зарф гузаштани сифат ба мавқеъ ва вазифаи синтаксисии он дар ҷумла вобаста мебошад. Дар забони тоҷикӣ мисли **тез, тунд, сахт, нав, хуб** бисьёр калимаҳое ҳастанд, ки ҳангоми ба предмет мансуб буданашон сифат ва ҳангоми бар эзоҳи амал омадан зарф ба шумор мераванд. Онҳо ҳамчун сифат дараҷаи қиёсию олӣ (-тар, -тарин) ва ҳамчун зарф танҳо дараҷаи қиёсӣ (-тар) доранд. Ин тарзи истифода боиси он шудааст, ки қисме аз ин калимаҳо маънои нави луғавӣ касб кардаанд. Масалан, калимаи **нав** ҳамчун зарф маънои **ҳозир** (нав омад, ҳозир омад), калимаи **сахт** ба маънои хеле, бисьёр, ниҳоят (сахт ранҷид, сахт тарсид), калимаи **тез** ба маънои **зуд, барвақт** (тез омад, тезтар), калимаи **рост** ба маънои рӯ ба рӯ истифода мешавад ва ин калимаҳо бо сифатҳои **нав** (либоси нав),

сахт (чӯби сахт) ва **тез** (корди тез) омонимияи лексикию грамматикиро ташкил медиҳанд.

Калимаҳои **нав, сахт, тез** ва **рост** бо маъноҳои навашон, ки хоси зарф мебошад, ба предмет тобеъ намешаванд, танҳо бар эзоҳи амал ва аломат меоянд.

Сифатҳои аслии дигаре низ ҳастанд, ки бар эзоҳи амалу аломат меоянд ва дар чунин маврид ба категорияи зарф гузашта, танҳо суффикси қиёсии **-тар** қабул мекунанд: **баландтар** парид, **дуртар** рафт, **наздиктар** омад, **бурротар** гап зад, **нағзтар** хонд, **хубтар** давид, **беҳтар** навишт, **зеботар** хонд, **нафистар** тарошид, **бориктар** бурид, **бисьёртар** хон ва ғайра.

Калимасозии лексикӣ-синтаксисӣ

Дар забони адабии тоҷик ҳамчун зарф бо ҳеҷ гуна тағьирот истифода шудани таркибу ибораҳо мушоҳида мешавад. Онҳо дар натиҷаи истифодаи дуру дароз ба тағьироти маънӣ дучор шуда, ҳамчун як калима истифода мешаванд. Чунончи, маънои ҷузъҳои **рӯз ба рӯз** (торафт), **пай дар пай** (тадриҷан), **сар то сар, сар ба сар** (комилан), **худ аз худ** (ногаҳон, номаълум аст), **як ба як** (пурра) дар ин маврид маънои аслии худро гум карда, маънои навашон дар натиҷаи таҷассуми онҳо ба амал омадааст:

Даштҳои хорзору мудҳиши пурғору ҷар
Сар ба сар гаштанд богу бӯстони пурсамар.

(*М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

Духтари тоҷик, мо хонанда дар тӯи туем,
Шодмон **сар то ба по** чашме, ки бар сӯи туем.

(*М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

Ман **сар то по** чашм гашта, ба сӯи онҳо дӯхта ва ҳама тан гӯш гардида, ба тарафи онҳо дода шудам (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). **Рӯз ба рӯз** ҳолаш беҳтар мешуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Аҳволаш **рӯз аз рӯз** беҳтар мешавад (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунье). Давлати хӯҷаин **рӯз то рӯз** зиёд мешуд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Туро **соат ба соат** қад кашонад,
Ба ҳадди авҷи сарбозӣ расонад.

(*М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

Вай **худ ба худ** сурх мешуд, таб мебароварад (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Соро аз вай пеш аз муомилаҳои бой ба худаш ба

Мурод гап назада буд, баъд аз он ки имрӯз мақсади бой равшан шуд, аз аввал то охир **як ба як** ба шавҳараш гуфта дод (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

ПЕШОЯНДУ ПАСОЯНД

Пешоянд ва пасоянд калимаҳои ёридиҳанда мебошанд, онҳо бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳо нишон медиҳанд. Пешоянд ва пасоянд дар ҷумла ва ибора муносибати масоҳат, замон, объект, сабаб, мақсад, восита, тарзи амал, монандӣ ва ғайраро ифода менамоянд. Пешоянду пасоянд барои робитаи аъзоҳои ҷумла, инчунин барои аниқ намудани вазифаҳои синтаксисии феъл ва ҳиссаҳои номии нутқ хизмат мекунанд.

Дар ҷумлаи «Чанд сол пеш бо коре ба колхози «Субҳи Октябрь» омада будам» (*А. Сидқӣ,* Фарзанди замон) дар ибораи феълии «бо коре... омада будам» феъли (хабари) **омада будам** ба туфайли пешоянди **бо** исми... **коре**-ро ва дар ибораи феълии «ба колхози «Субҳи Октябрь омада будам» ба воситаи пешоянди **ба** ибораи **«колхози «Субҳи Октябрь»**-ро тобеъ кардааст. Дар ибораи **бо коре...** (бо чӣ мақсад?) **омада будам** пешоянди **бо** алоқаи байни хабару ҳоли мақсадро ба вуҷуд овардааст. Дар ибораи **ба колхози «Субҳи Октябрь»** (ба куҷо?) **омада будам** пешоянди **ба** муносибати масоҳат — сӯй ва ҳаракатро ифода намуда, хабару ҳоли маконро ба ҳам алоқаманд кардааст.

Дар ҷумлаи «Яке аз рафиқон аз ман пурсид» (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр) пешоянди **аз** ду карат зикр гардида бошад ҳам, дар ду ҳолат муносибатҳои гуногунро ифода менамояд. Аз ҷумла, он дар ибораи **яке аз рафиқон... пурсид** — якҷоя бо ҳиссаҳои номии нутқ — калимаҳои **яке** ва **рафиқон** муносибати ҷудокунӣ (қисме аз бутунро) нишон додааст. Дар ибораи... **аз ман пурсид** бошад, пешоянди **аз** ба сарчашмаи амал ишора менамояд: **аз кӣ пурсид? — аз ман** ва муносибати объектро ифода намуда, алоқаи байни хабару объекти (пуркунандаи) бавоситаро ба амал овардааст.

Дар ҷумлаи «Сӯҳбатро дар ин ҷо қатъ мекунем» (*А. Сидқӣ,* Фарзанди замон) пасоянди **-ро** ба объекти бевоситаи амал далолат намуда, пуркунандаи бевоситаро бо хабар алоқаманд кардааст.

Пешоянд ва пасоянд на фақат муносибати байни феълу ҳиссаҳои номии нутқ, балки байни исмҳоро ҳам нишон медиҳанд. Чунончи: сандуқи оҳанин **барои** ҳуҷҷатҳо, конституцияи **дар** ҷаҳон демократитарин, шаби **пеш аз** марг.

Моҳияти грамматикӣ ва мафҳуми пешоянду пасоянд ба семантикаи ҳиссаҳои номии феъл ва ба мундариҷаи уму-

мии ҷумла ё ибораҳое, ки дар таркиби онҳо пешоянду пасоянд ҳаст, зич вобаста аст. Ин алоқамандӣ дар таркибе, ки ин ё он пешоянд дар дохили он муносибати гуногун ифода менамояд, осон тасаввур карда мешавад. Дар ҷумлаи «Ин саноч аз солҳои ҷавониам сар карда хизмати халтаи сафарии маро адо мекард» (*Р. Ҷалил,* Шӯроб) пешоянди **аз** бо пасоянди *саркарда* омада муносибати замониро ифода намуда, ибтидои амалро аз давраи муайяне равшан нишон дода истодааст. Дар ҷумлаи «Корвонҳо дар тобистон **аз бими гармии ҷонгудози рӯз** бештар шабона ба роҳ медаромаданд (*А. Деҳотӣ,* Оби ҳаёт ба биёбони Қароқум) пешоянди **аз** муносибати сабабро ифода намудааст.

Пешоянд ва пасоянд, ки маънои гуногуни грамматикиро ифода менамоянд, аз мафҳумҳои лексикӣ тамоман маҳрум нестанд. Аммо дараҷаи ба маънои лексикӣ соҳиб будани онҳо як хел нест: баъзе пешояндҳо аз мафҳумҳои мустақили лексикӣ умуман маҳрум буда, фақат вазифаҳои ёвариро адо менамоянд: баъзеи онҳо баробари вазифаҳои ёварӣ қисман моҳияти лексикӣ, бештар моҳияти номӣ ва зарфии худро нигоҳ медоранд. Пешоянду пасоянд дар ҳолати мазкур ба таркибу ибора тобиши иловагӣ мебахшанд, ки ба моҳияти асосии лексикии онҳо алоқамандand ва ин тобиши маъно, махсусан дар ҳолате ки пешоянду пасоянд муносибати грамматикии масоҳат, замон ва ғайраро ифода менамояд, бештар зоҳир мегарданд:

Ҳама **ба сӯи хонаи Шарифино** роҳӣ шуданд (*П. Толис,* Бародарон). Аз пушти колоннаҳои ҳарбии пиёда аскарони сурхи аспакӣ, **аз ақиби онҳо** танкҳо тезутунд мегузаранд (*А. Деҳотӣ,* Дар маркази социализм). Моро ҳамроҳи худ баред, амакҷон, партофта наравед,— ба таваллою зорӣ даромад (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

ПАЙДОИШИ ПЕШОЯНД

Пешоянд дар забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари пайдоиш ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: ба гурӯҳи аввал пешояндҳои аслӣ дохил мешаванд, ки пайдоиши онҳо ба давраи қадими инкишофи забонамон тааллуқ дорад; ба гурӯҳи дуюм пешояндҳои номӣ тааллуқ доранд, ки дертар ба вуҷуд омада, дар марҳилаи миёнаи тараққиёти забон такомул ёфтаанд ва дар айни ҳол васеъ паҳн шудаанд. Пешоянду пасоянд, чунон ки забоншиносии ҳозира тасдиқ менамояд, дар ибтидо аз калимаҳои мустақил ба вуҷуд омадаанд, ки бо мурури замон ба гурӯҳи калимаҳои ёрирасон дохил шудаанд. Қисме аз онҳо моҳияти луғавияшонро тадриҷан гум карда истода, ҳамчун калимаи ёвар танҳо барои алоқамандии калима истифода мешаванд. Қисми дигар маънои луғавиашро қисман

нигоҳ дошта, дар айни замон ҳамчун калимаи ёрирасон дар истеъмоланд.

Пайдоиши пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ таърихан ба пешояндҳои марҳилаи қадимаи забонамон (забони қадимаи форсию тоҷикӣ) мерасад. Чунончи, баромади пешоянди забони ҳозираи тоҷик **аз** бо **ҳачаи** (haca) забони форсию тоҷикии қадим, пешоянди **ба** бо **патий** (patiy), пешоянди **бар** бо **упарий** (upariy), пешоянди **дар** бо **антар** (antar), пешоянди **бо** бо **абаҕ** (abay) ва пешоянди **то** бо **йата** (yâtâ) алоқа дорад.

Аз рӯи сохти грамматикӣ забони форсии қадим (ё тоҷикии қадим) забони флективӣ ҳисоб мешуд, яъне системаи ҳиссаҳои номии он дорои шаклҳои гуногун буда, ҳамаи онҳо ба категорияҳои ҷинсият, шумора, падеж ва сохти асосҳои феълӣ алоқамандӣ дошт. Пешоянд дар марҳилаи қадимии забони форсию тоҷикии қадим якҷоя бо шакли падежии ҳиссаҳои номии нутқ истифода мешуд ва, зоҳиран, калимаи мустақилмаънои ба зарф монандро хотиррасон мекард, моҳияту вазифаи онҳо дар он вақт баъзан бо мафҳуми моҳияти падеж мувофиқат менамояд, вале дар мавриди дигар танҳо ҳамин моҳияти шаклҳои падежиро аниқ мекарду бас. Ин ё он пешоянд бо ҳамаи шаклҳои падежии ҳиссаҳои номӣ баробар истифода мешуд. Минбаъд инкишофи тадриҷии забон ба гурӯҳи пешоянду пасоянд гузаштани як силсила зарфҳо, ки дар гузашта бо шаклҳои мухталифи падежҳо кор фармуда мешуданд, ба васеъ шудани маъноҳои пешояндӯ пасояндҳо ва афзудани моҳияти грамматикии қисме аз онҳо шароити мусоид ба амал овард.

Хусусияти давраи миёнаи инкишофи забони тоҷикиро бо он маънидод кардан мумкин аст, ки дар ин марҳила системаи падежию флективӣ ва категорияи ҷинсият, ки барои давраи қадим хос буданд, аз байн меравад. Шакли флективӣ тадриҷан бо шаклу тарзи аналитикӣ иваз мешавад. Чунин равиш зимнан ба пурқувват гардидани функцияи грамматикии пешоянд оварда мерасонад. Маҳз дар ҳамон давраи миёнаи тараққиёти забон, яъне аз асри III эраи мо сар карда, то асри IX, системаи пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ барқарор мешавад, ки он дар забони давраи адабиёти классикӣ (забони форсию тоҷикии нав) боз ҳам инкишоф ёфта, дар забони имрӯзаи тоҷик ҳам боқӣ мондааст. Пешояндҳои забони имрӯзаи тоҷик аз рӯи моҳияту функция ва таркиби овозӣ аз пешояндҳои забони қадим хеле фарқ кунанд ҳам, бо системаи пешояндҳои забони давраи миёнаи тоҷик ҳам миқдоран ва ҳам шаклан бисьёр наздиканд. Дар асарҳои давраи миёна пешояндҳои **бе** (дар забони форсии миёна **абе**) ва **ҷуз** дучор омадаанд, ки онҳо ба ҳамин шакл дар асарҳои қадим акс нашудаанд, вале дар забони имрӯзаи тоҷик пешояндҳои мазкур айнан бо ҳамон маънои ибтидоӣ кор фармуда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ дар ҷараёни тараққиёти дурударози таърихӣ — аз даврaҳои қадим то замони мо — маънои асосии худро маҳфуз доштаанд. Чунончи, пешоянди **аз** ҳанӯз ҳам асосан ба сарчашмаи амал далолат менамояд, пешоянди **ба** сӯйро нишон медиҳад ва ғайра. Аммо дар давраи ҳозира доираи ифодаи маънои пешоянд боз ҳам васеъ гардида, муносибати синонимиаш афзудааст. Маҳдуд шудани маънои грамматикии пешояндҳо, баръакс, кам мушоҳида мешавад. Аз ҷумла пешоянди **дар (андар)** дар забони адабии ҳозираи тоҷик аз маънои худ — нишон додани амали ба дохили предмет равона қариб маҳрум шудааст. Ба мисли ҳамин маънои пешоянди **бо** ҳам ҳоло маҳдуд гардидааст.

Дар забони ҳозираи тоҷик ҳар кадом аз пешояндҳои аслӣ як системаи мураккаби синтаксисию семантикиро ташкил менамояд, ки сабаби ин ба хусусияти сохти грамматикии забон алоқаманд мебошад, зеро маҳз ба туфайли тақозои он вазифа ва роли пешоянд дар нутқи мо афзудааст.

Пешояндҳои изофӣ ва ё номӣ ҳамчун хели нави пешоянд тадриҷан аз ҳиссаҳои номии нутқе, ки дар вазифаҳои ёварию илова истифода мешудаанд, сурат ёфтаанд. Пешояндҳои номӣ вобаста ба вазифаҳои нави забон, ки яке аз онҳо аниқ ва конкрет ифода кардани ҳодисаҳои гуногуни ҳақиқати объективӣ мебошад, ба вуҷуд меоянд. Ин хели пешоянд ҳанӯз дар давраи миёнаи забонамон ва минбаъд дар асарҳои аввали адабиёти классикӣ қайд шудаанд. Масалан, дар осори хаттии асри X («Таърихи Сиистон») дар вазифаи пешояндҳои изофӣ бештар ҳиссаҳои номии зерин бо мафҳуми масоҳат кор фармуда шудаанд: **пеш, пас, миёна, сӯй, гирд** ва ғайра. Бо мурури замон ба қатори пешояндҳои изофӣ миқдори зиёди калимаҳои маънодор ворид гаштанд. Дар забони ҳозираи тоҷик пешояндҳои изофие, ки аз исмҳои ифодакунандаи узви инсон (сар, гардан, лаб ва ғайра) ва ё аз исмҳои абстрактмаъно — васф (дар васфи...), восита (ба воситаи...), сабаб (ба сабаби...), шарофат (ба шарофати...) ва ғайра пайдо шудаанд, серистеъмоланд.

ТАРКИБИ МОРФОЛОГИИ ПЕШОЯНДҲО

Пешояндҳои забони ҳозираи тоҷик аз рӯи таркиби морфологӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: 1) пешояндҳои аслии содда: **аз, ба, бар, бо, дар, то, бе, ҷуз**; 2) пешояндҳои аслии таркибӣ: **то ба, ҷуз аз, ба ҷуз.** Ба ҷумлаи пешояндҳои аслии соддаи забони ҳозираи тоҷик пешоянди **барои** низ дохил мешавад, ки он таърихан ба назар ҳамчун ихтисоршудаи таркиби пешоянди **ба** ва пасоянди **-ро** (аз пасоянди забони давраи қадим **-радий**, ки мафҳуми сабаб ва мақсадро ифо-

да мекардааст) мерасад. Ин пешоянд ба мисли пешояндҳои изофӣ ба худ бандакҷонишинҳо ва баъзе суффиксҳоро қабул карда метавонад, чунончи: **бароят, бароякат** (муқ. кунед: **пешат; пешаки ту**). Вале бар хилофи пешояндҳои номӣ **барои** ҳамчун пешояндҳои аслии содда аз мафҳуми лексикӣ тамоман озод буда, мустақилона кор фармуда намешавад; 3) пешояндҳои соддаи номӣ ва ё изофӣ **(пеши..., назди..., рӯи..., паси..., баъди..., ғайри...)**; 4) пешояндҳои номии изофии таркибӣ (ба **пеши..., дар назди..., аз рӯи..., аз паси..., дар бораи..., дар ҳаққи...**): 5) пешояндҳои номии изофии такрор: **(пеш-пеши.., таг-таги...)**; 6) пешояндҳои таркибии ғайриизофӣ, ки аз ҷузъҳои номӣ ва пешояндҳои аслӣ сурат ёфтаанд: **пеш аз, баъд аз, пас аз, ғайр аз, назар ба, нисбат ба, доир ба, оид ба.**

Пешояндҳои аслии содда ба ғайр аз пешоянди **барои** ҳама якҳиҷоӣ ва дар байни пешояндҳои дигари забони тоҷикӣ сермаънотаранд. Пешояндҳои мазкур фақат дар аввали калимаву ибора ва таркибҳо омада, ба калимаи минбаъд бе ягон форманти морфологӣ (бандак ва ё ҳиссача) пайваст мегарданд. Пешояндҳои номии содда, таркибӣ ва пешояндҳои такрор бошанд, бо калимаҳои минбаъда ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд мешаванд.

Таркибе, ки дар дохилаш пешоянди изофӣ дорад, зоҳиран, аз назари хусусияти морфологӣ аз ибораҳои номии изофӣ тафовут намекунад. Лекин аз рӯи семантика ва вазифаи синтаксисӣ байни онҳо фарқи калон ба назар мерасад. Дар ибораи номии изофӣ, ки бандаки изофӣ муайяншавандаро бо муайянкунанда мепайвандад, ду аъзои ҷумла мавҷуд аст, ки бо калимаи мустақилмаъно ифода мешавад. Вале дар таркибҳои пешояндор яке аз ҷузъи он аъзои ҷумла набуда, балки калимаи ёрирасон аст, ки ҳатман савол қабул намекунад.

ВАЗИФА ВА МАЪНОИ АСОСИИ ПЕШОЯНДҲО

Пешояндҳои аслии содда

Ба ин гурӯҳ пешояндҳои қадимтарин дохил мешаванд, ки онҳо бо баромади худ дар забони ҳозира бо ягон ҳиссаи дигари нутқ алоқамандӣ надоранд. Пешояндҳои аслӣ миқдоран каманд: баъзеи онҳо, бештар дар назм, ба тағьироти фонетикӣ дучор мегарданд. Пешоянди **аз** дар назм мувофиқи талаби вазн садоноки аввали худро гум мекунад ва дар ду шакл — **зи, з** кор фармуда мешавад: **Зи** ҳар меҳре ба мо меҳри Ватан зӯр *(М. Раҳимӣ)*. Уфуқ **з**-оташ либоси сурх пӯшад — Фалак оташ барорад, баҳр ҷӯшад (*М. Турсунзода*, Ҳалқи далер).

Дар назм пешоянди **ба** пеш аз ҷонишини бо садонок оғоз-

шаванда омада бошад, гоҳо дар шакли қадимтарини худ (бад) кор фармуда мешавад: **бад-эшон, бад-ӯ.**

Пешояндҳои **аз, ба, дар** хеле сермаъноянд. Пешоянди **андар** ва пешоянди **ҷуз** нисбатан кам истифода шуда, бештар дар назм вомехӯранд.

Пешояндҳои **бе** ва **то** аз ҷиҳати маъно ва вазифа нисбатан маҳдуд мебошанд.

Дар ҳар пешоянди аслӣ маънои асосӣ дида мешавад, ки дигар тобишҳои маъно аз он инкишоф ёфтаанд. Тобишҳои дигар ба калимаи бо пешояндомада ва феъл (ё ҷузъи ибора) вобастаанд.

Пешоянди аз

Пешоянди **аз** дар маъно ва вазифаи асосӣ барои ифодаи муносибати масоҳат ва замон меояд: мавқеи баромад ва сарчашмаи амалро нишон дода, ҷудошавӣ, дуршавиро мефаҳмонад. Пешоянди **аз** дар мавриди зерин истифода мешавад:

1. Барои нишон додани мавқеи баромади амал аз предмет, аз дохили предмет ва ё аз сатҳи он равона шудани амал: **Аз Деҳнав** ва ё ки **Юртчӣ, аз Ҳисори Шодмон** ё ки Қаротоғ биёяд, чопоре ва ё ки шогирдпешаи мир ояд, албатта, ба хонаи Муҳаммад Аминбой мерафт ва меҳмони ӯ мешуд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Қорӣ Исматро **аз хона** баровардand (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). **Аз ароба** мебароем,— маслиҳат дод аробакаш (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).— Хӯрҷинро чаппа кун. **Аз куҷо** меоӣ, ба куҷо меравӣ? — **Аз Ворух** ба Самарқанд меравам (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

2. Барои нишон додани гузаргоҳи чизе мебошад ва ё гузаштан аз ҳудуди чизе, дар ин ҳолат тобиши махсус мегирад, дараҷа ва миқдорро ҳам нишон медиҳад. Акнун барфи кӯчаҳ **аз буҷулаки по** мегузашт (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). **Вақт аз ними шаб** гузашта буд (*С. Айнӣ,* Аҳмади девбанд).

3. Замони сар шудани амал ё ҳодиса.

Устухонам гашта сахт **аз кӯдакӣ** бо шири ту (*А. Деҳотӣ,* Ба модар — ба Ватан). Дарсамон **аз соати нӯҳ** сар мешавад. **Аз рӯзи зоида шуданатон** аъзои колхоз ҳастед (*С. Улуғзода,* Навобод).

4. Предмети бутун ё маҷмӯи предметҳо ва ё тоифаи муайяни одамҳое, ки аз онҳо қисме ҷудо мешаванд, инчунин ба маҷмӯъ мансубияти ҷузъро мефаҳмонад: **Яке аз дӯстонам** ба ман бо роҳи маслиҳат гуфт (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Шабе аз шабҳои зимистон, ки дару боми деҳқононро барф фурӯ гирифта буд, қариб бист нафар **аз ҷавонони** деҳаи Соктаре дар меҳмонхонае маҷлиси дангона барпо карданд (*С. Айнӣ,* Аҳмади девбанд).

Варианти ин маънои пешоянди **аз** нишон додани мансубияти одам ба ҷое ва ё ба маконе мебошад: Маҳмудараб дар асл **аз тумани мо**: тумани Тошкӯҳ буд (*С. Айнӣ,* Ҷаллодони Бухоро).

5. Ба материале, ки предмет аз он сохта шудааст, ишора мекунад: Он чилим монанди чилимҳои оддии тамокукашӣ чӯбкадугӣ ё мисин набуда, **аз чӯби чормағз...** сохта шуда буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Лолаву себарга ба вақти саҳар — Ҳалқабагӯшанд **зи лӯлӯи** тар (*М. Турсунзода,* Меҳмони мағрибӣ).

Вобаста ба маънои феъл ва ё сифат, ки серӣ, пурӣ, холигӣ ва ғайраро ифода мекунанд, аз чӣ пур будани предмет ва ё ҷоеро мефаҳмонад: Сандалиҳошон, ки **аз оташи пагоҳӣ пур карда шудаанд,** аз рутубати замин то чоштгоҳ **пур аз хокистари оболуд мегарданд** (*С. Айнӣ,* Аҳмади девбанд). Кӯчаҳо **аз машина пур шудаанд.** Чашмонаш **аз ашки шодӣ пур** буд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

6. Пешоянди **аз** барои ифода кардани соҳибият ба кор бурда мешавад: Ин китоб **аз мо,** инаш **аз шумо.** Навбати ояндаи тӯй **аз вай аст** — Шодии ҳар як дару кӯй **аз вай аст** (*М. Турсунзода*).

7. Баъзе маъноҳои пешоянди **аз** аз семантикаи аввалинаш дур рафта, барои нишон додани объекте, ки амал ба он равона шудааст, кор фармуда мешавад: Акрам **аз гиребони ҷомаи Рустам-амак** қапида ба хона даромад (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ҳар бача бачаи дигареро **аз рӯй, бинӣ, пешонӣ ва чашм** нишон гирифта бо тири камони худ мезад (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна).

Дар ифодаи муносибатҳои ғайримасоҳагӣ ва ғайризамонӣ пешоянди **аз** муносибатҳои зеринро нишон медиҳад:

1. Сарчашмаи амал ва ҳолат.— **Аз дӯст** як ишорат, **аз мо** ба сар давидан *(Зарбулмасал).* Акнун, ки **аз ман** ҳисобӣ, рухсат металабад, бояд шумо қарзи маро рӯёнида диҳед..., вагарна ман ҳаққи худро **аз шумо** талаб мекунам (*С. Айнӣ,* Одина). Дар ин сурат пешоянди **аз** вобаста бо семантикаи феъл тобиши ҳархелаи маъноӣ пайдо мекунад. Чунончи:

а) Бо феълҳои типи: **харидан, ёфтан, гирифтан, талаб кардан, пурсидан, хабардор шудан, хабар гирифтан** ва ғайра сарчашмаи ба даст даровардани предмет ё маълумотеро нишон медиҳад. Ман **аз шаҳри Душанбе дина,** эй ҷон, Гирифтам номаат шодону рақсон (*А. Деҳотӣ,* Дар ҷавоби мактуб). Инро одамони ман дар деҳи Оқтерак **аз хонаи як қунғурот** ёфта овардаанд (*С. Улуғзода,* Восеъ). Маълум мешуд, ки онҳо **аз хатари марговар** огоҳ нестанд (*П. Толис,* Дар оғуши кӯҳсор).

б) Бо феълҳо ва исмҳое, ки ҳазар кардан, дуршавӣ, эҳтиёт ва ё ягон ҳиссиётро ифода мекунанд, ҳамчу **тарсидан, бим доштан, пушаймон шудан, мулоҳиза кардан, маҳрум**

шудан, хафа шудан, ранҷидан, хандидан, хурсанд будан ва ғайра сарчашмаи ҳиссиёт ва ё ки тарс ва ҳоказоро нишон медиҳад. **Аз бало** ҳазар *(Зарбулмасал);* **Аз душмани дӯстрӯ** бупарҳез *(Зарбулмасал).* **Аз касе** наметарсид, хушомад намезад ва ҳариси молу чиз набуд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Ҳазорон сол боз ин турфа мардум — **Зи ҳаққи зиндагонӣ** гашта маҳрум (*М. Турсунзода,* Қиссаи Ҳиндустон).

Бо шакли мафъули феълҳо (алоҳида ва ё бо калимаи **тараф**) субъектро нишон медиҳад: Оқибат булбулон **аз мо** мағлуб гардида хомӯш монданд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Зеро он рӯз бо орзуи ба завқ хӯрдани оше, ки бо харҷи худам, дар ҳуҷраи худам ва **аз тарафи худам** дастӣ пухта шудагӣ буд, ҳатто як бурда нон ҳам нахӯрда будам (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Ободии марди олам **аз ранҷбар** аст —Осоиши навъи одам **аз ранҷбар** аст (*С. Айнӣ,* Лоҳутӣ).

2. Сабаб: **Аз гирья** монда шуда, бо сари хам аз ҷояш бархост (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Бачек тарсид, бадани ӯ дар асл **аз сармо** сӯзиш мекард (*С. Айнӣ,* Ятим). Гарчи сари халқ шуд **аз ғам** сафед—Пур бувад аммо дили ӯ аз умед (*М. Турсунзода,* Меҳмони магрибӣ).

3. Объекти муҳокима ва фикр: Чӣ гап занам ва **аз чӣ** гап занам, ки дарди ман бисьёр аст (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Сӯҳбат **аз ҳикмати забон** мерафт — **Аз фазои ситорагон** мерафт (*М. Турсунзода,* Кулоҳи Ахвледиани).

4. Муқоисаи предмете бо предмет ва ё касе: Вагарна паҳнобе буд, қадаш **аз қомати сабза ва себаргаҳои навхезе,** ки дар роҳи ҳаракати ӯ рӯида буданд, баландӣ надошт ва садои ҳаракаташ **аз овози ҷунбиши зангӯлаи симини сари зулфи симбарони нозукхироми тоҷик** тафовут намекард (*С. Айнӣ,* Одина). **Аз марворид** донаи гандум қиматтар аст *(Зарбулмасал).* Гирифтам дастрӯмоле, ки **аз гул** буд нозуктар (*М. Турсунзода,* Ду дастрӯмол). Кошкӣ ӯ ақаллан дар синну сол **аз ман** калонтар мешуд... (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунъё). Арзандатар **аз ишқ** ба олам гуҳаре нест —Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин (*А. Лоҳутӣ).*

Пешоянди ба

Пешоянди **ба** аслан муносибатҳои масоҳатиро ифода намуда, барои нишон додани предмет, шахс ва ё ҷой, ки амал ба сӯи он равона шудааст, кор фармуда мешавад. Ин пешоянд асосан самти амал ва ё ҳаракатро нишон медиҳад, аммо вобаста ба семантикаи феъл ва исм ва инчунин бо мазмуни умумии ҷумла пешоянди **ба** тобишҳои маъноии гуногун: ҳам масоҳатӣ, ҳам объектӣ ва ҳам замонӣ ба худ мегирад.

Муносибатҳои масоҳатӣ, ки ба воситаи пешоянди **ба** ифода мегарданд:

1. Ба сӯи предмет ва ё ба ҷое равона шудани амал: Асп-

ҳошонро **ба Бухоро** расонда медиҳаму худам **ба Шаҳрисабз** бармегардам (*С. Улуғзода,* Восеъ). Дар охирҳои зимистон падарам **ба Маҳаллаи Боло** рафтан хост (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

2. Самт ва сӯи амали равона шударо нишон дода, ба предмет расидани предмети дигарро мефаҳмонад: Теғро **ба санг** зада, оҳир покуро тез карда тамом намуд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Дасташро **ба маҳсиаш** пок кард (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Шуоъҳои тез ва кунҷкови офтоб рост **ба чашмони** ӯ бармехӯрданд (*П. Толис*).

3. Нигарондани амал ба дохили предмет ва ё ҷой: ...як рӯз пеш аз **ин ба ҳавз** об сар дода, онро лаб ба лаб карда буданд... (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). Мо **ба ҳавлӣ** даромадем (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

4. Равона шудани амал ва ё ҷой гирифтани предмет ба сатҳ ва ё ба болои ҷое ё чизе: **Ба лаби дарьёи Сир,**— ба ин ҷо самоворчиҳо хаймаҳои муваққатӣ зада, тайёр мешуданд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). **Занак ба канорае** пӯстакчаеро паҳн карда, ӯро дар он ҷо хобонид (*С. Айнӣ,* Ятим).

Муносибатҳои ғайримасоҳагӣ, ки ба воситаи пешоянди ба ифода мегарданд:

1. Сӯй ва майли амал ба шахс (адресат):

Ман надонам, чӣ сон ба **он дилбар.**—Бинамоям муҳаббатам изҳор (*М. Миршакар,* Панҷи ноором). Бо чашмони пуроб чилимро **ба соҳибаш** баргардонидам (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунъё).

2. Хоҳиш, орзу, майл ва инчунин муносибати ин мақсад ва таъинотро ифода мекунад: Рӯзу шаб тӯда-тӯда меояд.— Халқи мазлум **ба дидани Ленин** (*М. Миршакар,* Панҷи ноором). Вай **ба тулӯи офтоб** мунтазир шуд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Аммо **ба ин бозӣ** бачагон бисьёр рағбат накарданд (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна).

3. Мувофиқат ва монандӣ доштан, инчунин ҳамроҳ будан:

Тарафи дигари рӯяш **ба ким-кадом ҳайкали қадим** наздикӣ дошт (*П. Толис*). Он коғаз **ба рӯи пурчини мактабдор** ҳамрангӣ дошт (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна).

Тобиши дигари ин маъно нарх, андозаро фаҳмондан аст: Онҳо **ба нархи донафурӯшӣ** фурӯхта медиҳанд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

4. Предмети сабабгори амал ва ҳолатро нишон медиҳад: Кӣ медонад, онҳо **ба афту башараи хандаовари домулло** хандиданд ё ки **ба ғаҳҳои** ӯ. Ман **ба ин ҳол** тааҷҷуб кардам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Нодон **ба кори** худ ҳайрон *(мақол).* Умеди мо бештар **ба онҳо** буд (*С. Айнӣ,* Дохунда). Ҷавонон **ба аҳволи ин шахс** хандиданд ва масхара доштанд (*С. Айнӣ,* Аҳмади девбанд). Ман **ба ҷасорати халифа** ҳайрон шудам (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна).

5. Пешоянди **ба** барои нишон додани воситаи ичро ва тар-

зи амал кор фармуда мешавад: Аз кисаи як-дуи онҳо намаки кӯфтаи **ба латта баста** баромад (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). **Ба оҳистагӣ** аз ҷояш хеста, лангон-лангон ба таги дар омада, дарро кушод (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна).

Дар ифодаи воситаи иҷро ё амал ҷои пешоянди **ба**-ро гирифтани пешоянди **бо**, ки маънои нахустинаш ҳамроҳиро ифода кардан буд, таърихан ҳодисаи дигар буда, ба даврaҳои нисбатан наздики тараққии забони тоҷикӣ характернок аст.

Пешоянди дар

Пешоянди **дар** ба маънои асосии масоҳагии худ кор фармуда мешавад:

1. Барои нишон додани макони предмет ва ё ҷои вазъияте, ки дар он амал мегузарад. **Дар ин диёр** ҳаво зуд торик мешудааст (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунъё). Он сой **дар баъзе ҷойҳо** бисьёр чуқур аст (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Вай соатҳои даҳ-даҳуним **дар маркази район** аз машина фаромада буд (*Ф. Муҳаммадиев,* Муҳоҷирон).

2. Пешоянди **дар** барои нишон додани замони воқеъ гардидани амал хизмат мекунад: **Дар тобистон** дар сари кишту зироат козае сохта, бо зану фарзанди хурдсоли худ — Ҳамида кӯчида мебаромад (*А. Деҳотӣ,* Ҳамидаи сиёҳбахт). **Дар нимаҳои соли 1914** хат омад, ки писараш дар ҷанг нобуд шудааст (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

3. Бо амале машғул ва ё дар ягон ҳолате будан: Маълум мешуд, ки ӯ чизеро дар паси чӯт ва назарҳои оянда — равандагон пинҳон гузошта **дар хӯрдан аст** (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Дар работи Қилич Халифа занон **дар қолинбофӣ** машғул буданд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Дар осмони республикаи мо самолётҳои боркашон ва одамдор **дар парвозанд** (*М. Турсунзода*). **Дар талоши об** ҷаҳду ҷадалҳои халқи туркман махсусан шоёни диққат аст (*А. Деҳотӣ,* Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд).

Пешоянди бар

Пешоянди **бар** муносибатҳои масоҳагиро ифода намуда, дар вазифаҳои грамматикии худ аксар вақт бо пешоянди **ба** муродиф мебошад ва монанди он маъно ва вазифаҳои зерин дорад:

1. Равона шудани амал ба сӯи предмет ё ба ҷое, бештарин ба сатҳ ё ба болои предмет. Қайд кардан лозим меояд, ки пешоянди **бар** бештар дар забони адабии китобӣ кор фармуда мешавад ва нисбат ба пешоянди **ба** тобиши услубии нутқи тантанавӣ дорад. Ин пешоянд дар назм ба таври васеъ дида мешавад. Гар ниҳад по **бар заминат**, зери по гардад

сараш (*А. Деҳотӣ,* Ба модар — ба Ватан). Дасти ларзони ошиқи шайдо — Ҳалқа беинтизом **бар дар** зад (*М. Турсунзода).* Мана, **бар лаби рӯди Омӯ** расидам,—Садоҳои мавҷаш ба гӯшам шунидам (*М. Турсунзода,* Чароғҳои Ватан). Акнун **бар шоҳҳои ҳамаи дарахтони сарҳавз** лампаҳои чилуми овезаро овехта буданд (*С. Айнӣ,* Колхози «Коммунизм»). Ин пирмард... **бар сараш** ҳам саллаи сафед печонда, фашашро монанди муллоён ба печи саллааш халонда монда буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

2. Барои нишон додани сӯи амал ба предмет (адресат): Модари хушнудшуда назди мо омада менишасту чашм **бар писаронаш** медӯхт (*П. Толис,* Вародарон). Модари мушфиқ туӣ **бар насли заҳмат,** эй Батан (*А. Деҳотӣ,* Ба модар — ба Ватан).

3. Макони предмет ва ё воқеъ гардидани амал: Дар вақти гармо **бар он суфа** нишастан ва ба оби равони рӯд назар андохтан ба кас рӯҳат мебахшид (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Аммо дастонамро болои ҳам **бар синаам** мондам (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна).

Пешоянди то

Пешоянди **то** барои нишон додани ибтидо ва интиҳои амал дар масоҳа ва замон кор фармуда мешавад: Як рӯзи баҳор Қурбонниёз-тағоиам моро **то Ғиждувон** бурда монд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Яъқуббой... бо пиёдагардони эшон пеш даромада **то дари ҳавлиаш** омад... (*С. Айнӣ,* Дохунда). Баъд аз он поҳои худро **то зону** шуст (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Эҳтимол, **то рафтани шумо** онҳо гӯсфандонашонро ба чаро гирифта бароранд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Модар дар ҷамъомади коргарони завод, ки писараш **то ҷанг** дар он ҷо кор мекард, аз ин зиёд сухан гуфта натавонист (*Р. Ҷалил,* Модар). ...аз ин орде, ки мо мебарем, бояд **то пагоҳ** барои кӯҳканҳо нон пазанд (*П. Толис,* Чароғҳо).

Пешоянди **то** мафҳумоти фарқиятро низ ифода менамояд. Масалан: Одам **то одам** фарқ мекунад. Аммо ман он вақтҳо фарқи суф **то шоҳиро** намедонистам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Пешоянди бо

Пешоянди **бо** дар маъноҳои асосии худ барои нишон додани ҳамроҳӣ ва воситаи иҷро кор фармуда мешавад. Ғайр аз ин вобаста бо семантикаи исм ва феъл тобишҳои маъноии иловагии гуногуни он зоҳир мегарданд.

1. Дар иҷрои амал муштарак будан ва ё ҳамроҳ шудан ба чизе ё шахсе: Дар вақтҳои барфборӣ бомҳои ин ҳавлии калонро **бо саис** ман меруфтам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Во шу-**

мо барои оянда як шартномаи даҳонакӣ бандем (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ниёз гуфт, ки ӯ **бо тағоияш** пагоҳ ба Бухоро равон мешавад (*С. Улуғзода,* Восеъ). Баргҳои хазон **бо чанги** роҳ якҷоя дар ҳаво чарх мезаданд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Дар ин маъно пешоянди **бо** феълҳое, ки амали муштаракро мефаҳмонанд, кор фармуда мешавад: шиносо шудан, муомила кардан, сӯҳбат кардан ва ғайра. Ва **бо онҳо** хайру хуш карда ба кӯча қадам монд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). **Бо вай** камтар сӯҳбат карданӣ шудем (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

2. Воситаи иҷрои амал: Мақсудҷон ва Тоҳирҷон **бо панҷ-шохаҳо** дастаҳои хори тарро оварда, дар даруни охур андохта, ҳамвор карданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ин тантанаро **бо чашми худ** дида ҳамроҳи мо шодӣ мекардед (*Р. Ҷалил,* Ҳикояи Бобо Барот). Аммо Темурмалик **бо зарби шамшери** бурро, тири паррон ва гурзи гарон он занҷирҳоро аз ҳам гусехт (*С. Айнӣ,* Тирози ҷаҳон). **Бо ин автобус** бояд духтари вай аз шаҳр бозгардад (*С. Улуғзода,* Навобод). Мо даст ва рӯямонро **бо оби хунук,** ки дар наздикӣ ҷорӣ буд, шуста ба канори дастурхон нишастем (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Маънои воситаи иҷро бо баъзе исмҳо ба воситаи пешоянди **бо** ба таври бисьёр абстрактдор ифода мешавад: Баъд **бо гуфтаи муаллим** дари идораи мактаб кушода шуд. Додоҷон **бо қарори правления ва маҷлиси умумии колхоз** ҳамон меҳмонхонаро ба ҳисоби колхоз гирифта, идораро ба он ҷо кӯчонид (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

3. Тарзи амал: **Бо даҳшати аз одат берун** ҳаво гулдуррос зад (*С. Айнӣ,* Ғуломон). **Бо қаҳр** аз наздам хеста рафт (*А. Сидқӣ,* Фарзанди замон).

Ғайр аз ин пешоянди **бо** дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:

а) барои нишон додани замони амале, ки дар як вақт ва ё паси ҳам воқеъ мегардад; дар ин сурат пешоянди **бо** бештар бо шакли масдари феъл кор фармуда мешавад: **Бо расидани чархи ароба** ба лаби заҳкаш бо ҳавли ҷон худро ба он тарафи заҳкаш ҳаво додам (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). **Бо дидани ин ҳол** либосҳои низомиашро аз тан бароварда, дар канори роҳ гузошт (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

б) барои нишон додани сабаби амал: Шокир **бо тафсиши офтоби нимрӯзи тобистонӣ** ғарқи арақ шуда аз хоб бедор шуд (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Қисми болоии ин ғор бо мурури замон, **бо таъсири барфу борон** афтода то нимаи тал фуромада будааст (*С. Айнӣ,* Аҳмади девбанд).

Пешоянди бе

Пешоянди **бе** набудани касе, ҳодисае ва ё предметеро нишон медиҳад ва аз ин рӯ муқобили пешоянди **бо** мебошад: Мегузарад ӯ нанамуда назар —**Бе ҳаяҷони дилу шавқе** ба сар

(*М. Турсунзода,* Меҳмони мағрибӣ). Ин дафъа аввалин буд, ки кас Мирюсуфро дар кӯчаву роҳ **бе портфель** медид (*А. Деҳотӣ,* Портфель). **Бе рафиқи ростгӯе** кор кардан мушкил аст, Рост гӯем — зиндагӣ **бе ёр** кардан мушкил аст (*А. Лоҳутӣ*).

Пешоянди ҷуз

Пешоянди **ҷуз** мисли пешоянди **бе** муносибатҳои масоҳагиро ҳаргиз ифода нанамуда, ба маънои истисно меояд: Аз илм мурод **ҷуз** амал нест (*Камоли Хуҷандӣ*). **Ҷуз машина,** азизи ман, худ гӯй — Кор осонкунанда дигар чист (*М. Турсунзода,* Ҳасани аробакаш).

Дар назм пешоянди аз забони арабӣ гирифташудаи **бидуни,** ки ҳаммаънои пешояндҳои **бе** ва **ҷуз** мебошад, кор фармуда мешавад: В-ин замон мо ба вай намуда зафар —Бо дили хуш, **бидуни биму хатар** (*А. Лоҳутӣ,* Суханҳои вирди забон).

Пешоянди барои

1) Пешоянди **барои** дар нишон додани мақсад ва таъинoти амал ба кор бурда мешавад: Аҳмад-махдум ба ин ҷо **барои дамгирӣ** меомад (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Агар дар вақти ҷавониаш ҳунарҳои зӯрозмоии худро **барои бозӣ ва дилхушӣ** кор мефармуда бошад, акнун **барои интиқомгирӣ** аз душманҳои пурзӯр кор фармудан хост (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Барои оташдон** ҳезум шикаста медодам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Аз вай **барои шустушӯи аспон ва об задани рӯи ҳавлӣ** фоида мебурданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

2) Пешоянди **барои** ба фоидаи касе ва ё барои чизе равона гардидани амалро мефаҳмонад: Шунидани ин саргузашт **барои шумо** фоида дорад, бачагонам (*Р. Ҷалил,* Ҳикояи Бобо Барот). Падарам **барои шумо** як ҷомаи рӯпӯшии нав... тайёр карда мондаанд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Мо **барои сулҳ** мубориза мебарем.

Пешоянди **барои** бо пешоянди аслии **аз** омада (**аз барои**), тобиши таъкидиеро ба худ мегирад: **Аз бароят** ҷон диҳад инсон агар, арзандаӣ (*М. Турсунзода*).

Пешояндҳои аслии таркибӣ

Пешояндҳои аслии таркибӣ **то ба, ба ҷуз, ҷуз аз** — аз ду ҷузъ иборат буда, яке аз онҳо соҳиби маънои асосӣ мебошад, дигараш маънои иловагие дорад, ки тобиши таъкидӣ ба худ мегирад.

Пешоянди **то ба** муносибатҳои масоҳагӣ ва замониро ифода намуда, интиҳои равона кардани амал ба ягон сӯй ва замонро нишон медиҳад: Халқ бурдааст роҳи оҳанро **то ба шаҳри ман** (*М. Турсунзода*). Баъд беморро ба он ҷо кӯчонида болояшро **то ба кифташ** бо кӯрпа пӯшонид (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Хайрият омада мондед, тағоича, биёед, мана **то ба ҳавлии оймулло** бурда монед (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

Пешоянди **то ба** барои нишон додани интиҳо ва ё ҳадди охирини ҳодиса ва ё ҳолат истеъмол карда мешавад: Наход ки кас **то ба ҳамин дараҷа** монад?! (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Пешояндҳои **ба ҷуз//ҷуз аз** истисноро мефаҳмонанд: Вай **ба ҷуз** як ҷуфт барзагов ва як таноб замин чизи дигаре надошт (*А. Деҳотӣ*, Ҳамидаи сиёҳбахт). Давлат **ба ҷуз** Даша **ва Пётр** аз сангғелонӣ ва ба подоши амал гирифтани таппонча ба касе даҳон накушод (*Р. Ҷалил*, Шӯроб). **Ба ҷуз** кӯят ба ҳар шаҳре, ки рафтам,— Маро ронданд нодода ҷавобам (*А. Лоҳутӣ*).

Муносибати синонимии пешояндҳои аслӣ[1]

Пешояндҳои аслии забони адабии тоҷик системаи комили воситаҳои грамматикии ёридиҳандагиро ташкил намуда, барои робитаҳои маънии ҳам синонимӣ ва ҳам антонимӣ дар байни якдигар мебошанд. Пешояндҳои гуногуне, ки дар ибораҳои ҳаммаъно муносибатҳои грамматикии якхеларо ифода мекунанд, пешояндҳои синонимӣ мебошанд. Дар забони тоҷикӣ ду намуди пешояндҳои синонимӣ дида мешавад:

а) синонимҳое, ки яке аз онҳо ба ҷои якдигар қариб бе ҳеҷ тобиши иловагӣ кор фармуда мешаванд ва б) синонимҳое, ки дар истеъмоли онҳо вобаста бо маънои асосии пешоянд тобиши маъноии иловагӣ мушоҳида карда мешавад. Чунончи, пешояндҳои **ба** ва **дар** ҳар дуяшон барои ифодаи равона кардани амал ба сӯи ягон ҷой ва ё предмет ба тарзи синонимҳои гурӯҳи «а» кор фармуда мешаванд. Масалан, ...аммо аз амир ба номи қозии мазкур муборакнома (фармон) омадааст, ки вай **дар тумани Шофирком** рафта ба кори рӯдинавбарорӣ роҳбарӣ намояд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Падарам розӣ шуд, мо ҳар се **ба Маҳаллаи Боло** рафта рост ба ҳавлии бобоям фуромадем (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Яке аз харҳоро тӯқум карда, **дар як хӯрҷин** нон, обдон ва косаро андохта ба хар бор карданд (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Сабадро **ба** як чуққии дарахт овехта монда, олуҳоро чида **ба вай** андохтан гирифт (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

---

[1] Шарҳи муносибатҳои синонимии пешояндҳои номие, ки чун қоида бо маънои луғавии ин пешояндҳо вобастаанд, дар боби «Пешояндҳои номии изофӣ» бо рафти баёнот дода шудааст.

Ва ё кор фармудани пешояндҳои **ба** ва **бо** ба ҷои якдигар барои нишон додани воситаи иҷро ё тарзи амал: — Ба ҳар ҳол мову шумо бояд шукр кунем, ки **ба пои худ** мегардем... Соли гузашта маро ҳам аз худи Қӯргонтеппа ба **занбар** хобонда ба ин тараф оварда буданд, баъди табобати якмоҳа ба даст асо гирифта **ба пои худ** даромада рафтам (*А. Деҳотӣ*, Чашмасори давоҳои мӯъҷизавӣ). Саг **ба оҳистагӣ** аз ҷояш хест (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Туркман гӯё ки табассум мекарда бошад, аз байни лабҳои сиёҳтобаш дандонҳои сафеди худро намоён карда **бо ҷиддияти тамом, бо овозе**, ки аз аввалиаш ҳам ҳайбатноктар буд, гуфт (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Пешояндҳои **ба** ва **барои** низ барои нишон додани мақсад чун синонимҳо истифода бурда мешаванд. Чунончи: **Ба об** омадам (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Аҳмад-махдум ба ин ҷо **барои дамгирӣ** меомад (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). **Аз бароят** ҷон диҳад инсон агар, арзандаӣ—Синаро созад **ба ҳифзат** гар сипар, арзандаӣ (*М. Турсунзода*).

Синоними якдигар будани пешоянди **ба//дар, ба//бо, ба//барои** ҳодисаи таърихӣ мебошад. Ин боқимондаҳои процесси дуру дарози инкишофи забонӣ, ки то замони ҳозира маҳфуз шуда меоянд. Кор фармудани пешоянд — пасояндҳои қадим **андар**//дар — барои нишон додани сӯи амал дар баробари пешояндҳои **ба** дар асарҳои адабиёти классикӣ ва инчунин дар адабиёти асри XIX ҳам ба таври васеъ дида мешуд.

Инчунин ба ҷои якдигар кор фармудани пешояндҳои **ба** ва **дар** ба шеваҳои маҳаллии ҳозира ва ба адабиёти даҳанакии халқ низ хос аст.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик чун норма муайян карда шудааст, ки барои ифода кардани маконӣ воқеъ гардидани амал пешояндҳои **дар** кор фармуда мешавад, барои ифодаи сӯи амал бошад пешояндҳои **ба**. Инчунин барои нишон додани тарзи амал ва ё воситаи иҷрои амал, чун қоида, пешояндҳои **бо**-ро ба кор мебаранд.

Маънои асосии пешояндҳои синонимии гурӯҳи «б» як мебошад, вале дар вақти кор фармудан тобиши гуногуни маънӣ ва услубӣ пайдо мекунанд. Масалан, пешояндҳои **аз** ва **бо** дар ифодаи сабаби ба вуҷуд омадани амал, ҳолат ё ягон ҳиссиёт. Мисолҳои зеринро муқоиса кунем: **Бо дидани нони гарм** оби даҳани Шокир, ки хеле гурусна буд, чакида омада бошад ҳам, ба нон даст дароз намекард (*С. Айнӣ*, Ғуломон). Сару рӯй ва дасту поҳошон **аз зарби чӯбу қамчин** сиёҳ, хунпор буд (*С. Айнӣ*, Ғуломон).

Пешоянди **бо** сабаберо нишон медиҳад, ки он гӯё ба ҳамроҳии худ оқибатеро ба вуҷуд меорад, пешоянди **аз** бошад, сабабро чун сарчашмае нисбат ба оқибати минбаъда ифода мекунад. Пешояндҳои **аз** ва **ба** дар ифода намудани сабабгори амал ва ҳолат (ҳиссиёт) инчунин синоним мебошанд. Аҳмад **аз ҳикояи** ин кас беихтиёр хандид (*С. Айнӣ*, Аҳма-

ди девбанд). Домулло **ба ман** ханда кард (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна).

Пешоянди **аз** ба предмете, ки сабаби ҳолат мебошад, чун ба манбаъ ё сарчашмаи ҳолат муносибат дорад, пешоянди **ба** бошад, равона шудани амал ё ҳолатро ба предмете, ки сабабгори ин ҳолат мебошад, нишон медиҳад, яъне ҳар як аз ин синонимҳо тобиши ба худ хосро ифода мекунад.

Пешояндҳои сермаъно баъзан чун синоним, аммо дар баъзе маврид чун антоним намоён мешаванд. Масалан, пешоянди **аз** дар маънои масоҳагиаш дар ифода кардани сарчашма ва ё нуқтаи саршавии амал ва ё ҳаракат антоними пешояндҳои **ба** ва **то** мебошад, ки ба нуқта ё пункте расидани амал ва ё интиҳои амалро ҳам дар масоҳа ва ҳам дар замон нишон медиҳанд. Масалан: **Аз шаҳр то Розмоз аз ҳуҷраи ман то ҳавлии шумо** нест, ки одам як сари қадам рафта ояд (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). **Аз Урганҷ то Тахиятош** дар масофаи бештар аз дусад километр роҳи оҳан кашида шудааст (*А. Деҳотӣ,* Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд!). **Аз куҷо** меоӣ, **ба куҷо** меравӣ? — **Аз Ворух ба Самарқанд** меравам (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). ... Ман **аз дасти Азимшоҳ** гурехта **ба доми амир** афтодам, гӯё **«аз борон** гурехта **ба новдон** дучор гардидам»... (*С. Айнӣ,* Дохунда).

Истифодаи пешояндҳои муқобилмаъно (антонимҳо) бо исмҳое, ки дар ибора такрор мешаванд, тасаввуроти пай дар пай ва бефосила будани амалро ба вуҷуд меорад. Чунончи: Мусофирони мо бо пайраҳаи байни ин ду қаторкӯҳ аввал қад-қади дарьёи пурталотуми Бартанг, кӯҳу кӯталҳо, роҳҳои пурхатарро тай намуда, **аз манзиле ба манзиле, аз деҳае ба деҳае** мерасиданд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Пешояндҳои номии изофӣ

Пешояндҳои номӣ дар системаи пешояндҳо дорои вазифаҳои махсусанд. Онҳо, ки аслан калимаҳои мустақилмаъноянд, ба воситаи маънои луғавиашон муносибати синтаксисии байни аъзоҳои ҷумларо аниқ ва пурратар менамоянд. Пешояндҳои номӣ ба мисоли калимаҳои мустақилмаъно, чун қоида, ҳамаи хусусиятҳое, ки ба исм хосанд, нигоҳ медоранд. Чунончи, онҳо суффиксҳои номӣ, бандакҷонишин, баъзе ҳиссаҳои грамматикиро қабул мекунанд. Пешояндҳои номӣ бо калимаи тобеъшаванда ба воситаи изофат пайваст шуда, бо ин калима якҷоя як воҳиди ва ё таркиби яклухти ҷудонашавандаи лексикию морфологиро ташкил мекунанд. Ибораҳо бо пешояндҳои номии изофӣ ду хел намуд доранд: а) ҷузъи номӣ+изофат+исм: **пеши** мактаб; ва б) пешоянди аслӣ+ҷузъи номӣ+изофат+исм: **дар пеши** мактаб.

Пешояндҳои номии изофӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) пешояндҳои номии изофӣ; б) пешояндҳои номии таркибии изофӣ. Азбаски дар забони ҳозираи тоҷик ин ду гурӯҳ пешоянд баробар истеъмол мешавад, ҳар ду гурӯҳро якҷоя дида баромадан мумкин аст. Дар пешояндҳои таркибӣ маънои грамматикии пешоянди аслӣ бо маънои луғавии пешоянди номӣ зич вобаста мебошад, пешоянди номӣ маънои пешоянди аслиро аниқтар ва пурратар менамояд. Чунончи, пешоянди аслии **ба** мафҳуми умумӣ ва абстрактии равона кардани амалеро ба сӯе ифода менамояд, агар ин пешоянд бо пешоянди номӣ пайваст шавад, баъд маълум мегардад, ки амал ба кадом самт ва ё нуқтаи предмет равона карда шуд, яъне пешоянди номӣ мафҳуми умумии пешоянди аслиро конкрет мегардонад. Масалан, таркибҳои зеринро муқоиса кунед: **ба рӯи об, ба зери об, ба даруни об, ба пеши об.** Аз тарафи дигар, дар дохили таркиб пешояндҳои аслӣ маънои пешояндҳои таркибиро равшан мекунанд. Масалан, нисбат ба таркиби **зеризамин** таркибҳои бо пешояндҳои аслӣ **ба зери замин, аз зери замин, дар зери замин** равшантар ва аниқтар мебошанд. Бинобар ин дар забони адабии ҳозира бештар пешояндҳои номии таркибӣ истеъмол мешаванд ва умуман доираи истифодаи пешояндҳои таркибӣ васеътар шуда истодааст. Ба қатори пешояндҳои номӣ бештар исмҳо ва зарфҳои дорои мафҳуми масоҳатӣ ва замонӣ дохил мешаванд, масалан, **ақиб, боло, баъд, байн, берун, дарун, пеш, тараф, сӯй, таг, гирд, назд, қариб, зер, миён** ва ғайра, инчунин исмҳои типи: **паҳлу, бар, рӯ, даст, пушт, сар, лаб** ва ғайра; як қатор исмҳое, ки мафҳуми масоҳатӣ ё замонӣ надоранд, вале бо маънои луғавии худ муносибатҳои гуногуни ғайримасоҳатӣ: **ҳамроҳӣ, монандӣ, сабаб, мақсад, мувофиқат, мухолифат** ва ғайраҳо ифода мекунанд, ҳамчун пешояндҳои номӣ низ кор фармуда мешаванд: **восита, роҳ, муносибат, бора, сабаб, боис, баробар, иваз, бадал, ҳамроҳ** ва ҳоказо.

Ба ғайр аз исмҳо ва зарфҳои содда ба пешояндҳо низ исмҳои мураккабу таркибӣ дохил мешаванд: Масалан, **гирду пеш: дар гирду пеши; рӯ ба рӯ: дар рӯ ба рӯи; гирду канор: дар гирду канори.** Ин пешояндҳо як қисми гурӯҳи пешояндҳои номии таркибӣ мебошанд.

Пешояндҳои номие, ки дорои маънои масоҳа мебошанд, дар натиҷаи инкишофи пай дар паи забон маъноҳои нави ғайримасоҳа пайдо мекунанд. Чунончи, пешоянди номии таркибии **аз болои**... якчанд маъноро мефаҳмонад:

а) воқеъ гардидани предмете ва ё амале болои предмете ва ё ҷое; б) равона шудани амале аз болои предмет ба поён; в) воқеъ гардидани амале ба боло ва ё ба дарозии предмете ва ё ҷое, ки ҳамаашон маъноҳои масоҳатианд.

Мисолҳо: **аз болои асп** афтода монд; малаҳҳо дам ба дам **аз зери по** ва **аз болои сар** шуввосанон парида мегузаранд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Роҳи оҳан **аз болои кӯпрук** мегузарад.

б) сабаби воқеъ гардидани ягон амал ва ё ҳолате: Лоиҳаи станция ҳам сохта шуда буд, аммо **аз болои ҷанг** ин корро хобонда буданд (*С. Улуғзода,* Навобод).

Маъно ва кор фармудани пешояндҳои номӣ бо семантикаи феъл, исме, ки ҳамроҳи пешоянд омадааст ва инчунин бо маънои луғавии пешоянд вобаста аст. Чунончи, пешояндҳои **рӯи...**, **дар рӯи...**, **ба рӯи...** муносибатҳои масоҳатиро ифода намуда, одатан бо исмҳое, ки мафҳуми сатҳро ифода мекунанд, меоянд, масалан, **рӯи об..**, **дар рӯи замин** ва ё пешояндҳои **даруни...**, **ба даруни...**, **дар даруни...** бо исмҳое, ки ҷой ва ё предмети аз ҳар тараф маҳдудбударо нишон медиҳанд, кор фармуда мешавад. Масалан, **даруни қалъа**, **ба даруни сандуқ**. Пешояндҳои **сӯи...**, **ба сӯи...**, ва ё **тарафи...**, **ба тарафи...** одатан бо феълҳое кор фармуда мешаванд, ки ҳаракат ва ё равона шудани ягон амалеро ба чизе ё ба касе ифода мекунанд.

Қисми бештарини калимаҳои мустақилмаъное, ки ба вазифаи пешоянд истеъмол мешаванд, дорои маънои масоҳатӣ буда, муносибатҳои масоҳатӣ ва замониро, ки ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд, ифода мекунанд. Ба тарзи инкишофи минбаъда пешояндҳои номие, ки сӯй, сатҳу канор, макону замон, ибтидо ва интиҳои амалро мефаҳмонанд, маъноҳои дигари ғайримасоҳатӣ, яъне сабаб, мақсад, шабоҳат, ҳамроҳӣ, воситаи иҷро, тарзи амал ва ғайраро пайдо мекунанд:

а) Пешояндҳои номие, ки асосан муносибатҳои масоҳатиро ифода мекунанд:

Пеши... ҳам бо пешояндҳои **ба**, **дар**, **аз** кор фармуда мешавад ва ба сӯи касе ва ё предмете равона будани амалро мефаҳмонад: Агарчи ҷарроҳро **пеши бемор** баровардан мумкин нашуд, **беморро пеши ҷарроҳ** фуровардand (*С. Айнӣ,* Дохунда);

нисбат доштани ягон амал ва ё вазъияте ба предмете ва ҳодисае: Ҳама шоҳаншоҳони оламгир,— **Пеши хашмаш** буданд зору фақир (*А. Деҳотӣ*).

Пешоянди **ба пеши...** равона шудани амалро ба сӯи, ба наздики предмет мефаҳмонад:

— Ҳеҷ касро **ба пеши ман** нагузор,— гуфтанд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Бозор... ин роҳафтодаро бардошта **ба пеши даре**, ки вай нишон дода буд, расонида дуо гирифт ва боз аз дунболи рама расида ба роҳи худ давом кард (*С. Айнӣ,* Дохунда). Бозор бо ин гуна муҳокимаҳои хирадмандона ором гирифт ва дасту рӯи худро бо оби сарди Дарғам шуста **ба пеши рафиқони худ** боз омад (*С. Айнӣ,* Дохунда).

Пешоянди **дар пеши...** ба воқеъ гардидани предмет ва ё амал дар наздикии касе ва ё предмете ва ё қисми пешу ҷое ишора мекунад: **Дар пеши ин хона...** суфаи баланде ҳам буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Дар пеши ин тӯдаҳои одамони бехонумонгардида** порчапалосҳо, кӯрпа-болиштҳо ва дегу табақҳо

ҳам менамуданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Агар **дар пеши Ҷамила** ягон кас мебуд, ман ҳам мерафтам (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). **Дар пеши дарвоза** амакаш моро пешвоз гирифт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Пешоянди **аз пеши...** гузаштани амале ва ё предметеро аз наздикии ягон ҷое ва ё предмете нишон медиҳад: Роҳе, ки **аз пеши ҳавлиҳои мо мегузарад,** он аст (*Латифаҳо*). Мо **аз пеши бинои зебои Банки давлатӣ** гузашта, ба Академияи фанҳои республика рафтем (*А. Деҳотӣ,* Як қитъа замини пойтахти мо).

Ҳузури... муродифи пешоянди **пеши..., ба ҳузури...— ба пеши..., дар ҳузури..., дар пеши...** мебошад, лекин ин пешояндҳо тобиши услубии ба худ хос доранд, онҳо одатан бо исмҳои мансуб ба шахс ва ҷонишинҳо омада, эҳтиромро ифода мекунанд: Ва Фирдавсиро вай **ба ҳузури** султон бурд ва ба назми «Шоҳнома» маъмур кунонид (*С. Айнӣ,* Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ). Аммо расму одат **дар ҳузури каси бегона** ба ин иҷозат намедод... (*С. Улуғзода,* Восеъ).

Назди... синоними пешоянди **пеши... (ба назди — ба пеши..., дар назди — дар пеши; аз назди — аз пеши...)** мебошад.

Ин пешояндҳо бештар ба нутқи китобатӣ хосанд.

Вай ҷаҳида хесту **назди машина** омада истод (*П. Толис,* Дар лаби дарьё). **Дар назди бобо** дастурхони пур аз нозу неъмат кушоданд (*Р. Ҷалил,* Ҳикояи Бобо Барот). Баъд ба **наздат** меоям (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Раҳимҷон **ба назди чархи калон** гузашт (*П. Толис,* Дар лаби дарьё). **Аз назди хатти роҳи оҳан** то доманаи кӯҳҳо баҳри васеи алаф бо тамоми зебоии худ паҳн гашта буд (*П. Толис,* Бародарон). Зану шӯи ҷавон аз саҳро, яке **аз назди сеялка** ва дигарӣ **аз назди трактор** ба хона «ҷангӣ» шуда омаданд (*Р. Ҷалил,* Номус).

Наздики...//аз наздики ҳам мустақилона ва ҳам бо пешояндҳои **ба наздикӣ.... дар наздикӣ...** истеъмол карда мешавад. Ин пешояндҳо мувофиқи маънои лугавиашон ба пешояндҳои **пеши...** ва **назди...** монандӣ дошта, равон шудан ва ё воқеъ гардидани предмете ё амале назди предмете ва ё ҷое, инчунин иҷро шудани амали қариби вақти муайянро мефаҳмонанд. Ҳавлии Юсуф-амак **дар наздикии дарьё** воқеъ шудааст (*П. Толис,* Барг). Аммо ду касе, ки моро пешвоз гирифта ба хона дароварда буданд, дар **наздикии мо** нишастанд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Наздики офтобшинам** ба Душанбе расиданд (*С. Улуғзода,* Восеъ).

Ба маънои равона шудани амал ба касе ин пешоянди номӣ аз қадим боз кор фармуда мешудааст: Чу наздики Нӯширвон омаданд — Ҳама якдилу якзабон омаданд *(Фирдавсӣ).* Фиристодаро гуфт: «Бархезу рав — **Ба наздики он марди бемоя шав»** (*Фирдавсӣ*).

Синоними пешоянди **наздики... наздикии** пешоянди **қариби... қарибии** мебошад. **Дар қарибиҳои Шӯрча** мо бо поезди почта... расида гирифтем (*Ҷ. Икромӣ,* Сафар кардан, ҷаҳон дидан).

Пушти... Ин пешоянд ҳам мустақилона ва ҳам бо пешояндҳои аслии **дар, ба, аз** кор фармуда мешавад. Вобаста бо семантикаи феъл ва ё маънои умумии ҷумла пешоянди **пушти** ва намудҳои он воқеъ гардидани предмете ва ё касе, ки дар паси ягон предмети дигар мебошад ва ё нигаронидани амалеро ба паси предмете ё ҷое ифода менамояд.

Дар пушти меҳмонхона як рӯи ҳавлии васеи соботнок буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар ин ҷо — **дар пушти оғил** ва **собот** ду хонаи чӯбкории ба ҳам рӯ ба рӯ бино ёфта буданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Баъд аз ба хона даромада нишастани шумо ман **ба пушти дари боло** омада, аз таркиши дар нигоҳ кардам ва дар равшании чароғ шуморо шинохта хотирҷамъ шуда ба хона даромадам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Қорӣ-ишкамба **аз пушти чӯт** чизеро гирифта, ба даҳонаш андохт (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). **Аз пушти ман** шумо медароед.

Синонимҳои пешоянди **пушти** пешояндҳои **ақиби, паси, қафои, паи, дунболи** ҳам мустақилона ва ҳам бо пешояндҳои аслии **дар, ба, аз** кор фармуда мешаванд: Моҳ рухсори хеш пинҳон кард — **Дар паси абрҳои дудолуд** (*А. Қаҳҳорӣ,* Шаби пеш аз марг). Қишлоқи Гулистон **дар паси теппаҳои баланду паст** ҷо гирифта буд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Офтоб **аз паси кӯҳҳои баланд,** ки дар уфуқи дури водии Ҳисор девор шуда буданд, бо шукӯҳ ва тантанаи зиёде баромад (*Ҷ. Икромӣ,* Интизорӣ). Вагонҳои бисьёре **аз паси паровоз** қатор шуда буданд (*Ҷ. Икромӣ,* Сафар кардан, ҷаҳон дидан). Ман ғарқи тамошои ҷанҷоли бозори ғӯза будам, ки касе **аз паси сарам** оҳистекак дошт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Гулрӯ... **ба қафои чархи ароба** аввал модарашро пинҳон карда, баъд аз паҳлӯи ӯ ҷой гирифт (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Асп, рамидаву ваҳмида, аввал ба ин сӯву он сӯ, сонӣ **аз қафои гурезагони дигар** тохт (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Афандӣ ҳар чанд **аз паи** онҳо давида таваллову зорӣ кард, онҳо гӯш надода, гурехта рафтанд (*Латифаҳо*). Худаш ҳам **аз дунболи бачагон...** давид (*Латифаҳо*). Хезед, бародар, **аз дунболи ман** равон шавед (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Дар пеши дари ҳамсоя **ба ақибаш,** ба тарафи ялангии қишлоқ назар андохт (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Хола «вай, ман мурам!» — гӯён **аз ақиби хоҳарзодааш** давид (*Ҳ. Карим,* Дар ЗАГС).

Пешояндҳои **паси, паи,** ки маънои луғавиашон бо пайдарҳамӣ ва мунтазамӣ вобаста мебошад, муносибатҳои замониро ифода мекунанд: Дақиқа **аз паси дақиқа,** соат **аз паи соат,** рӯз **аз паси рӯз** мегузарад (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунъё).

Болои... Ин пешоянд ҳам бо пешояндҳои аслии **ба, дар, бар, аз** ҳам бе онҳо кор фармуда мешавад:

Пешоянди **болои...** предмете, касе ва ё ҷоеро нишон медиҳад, ки дар болои он ягон предмете, касе ва ё чизе вуқӯъ дорад, инчунин равона кардани амалеро ба болои предмете ва ё ҷое мефаҳмонад: Растаи толор рафта ба як айвончаи зебои гачкорӣ мепайваст, ки **болои ин айвонча** як болохонаи айвончадор буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Пешояндҳои **дар болои, ба болои, бар болои, аз болои** маънои аслии луғавии худро нигоҳ дошта, тобишҳои ҳархелаи масоҳагии вобаста ба маъноҳои пешояндҳои аслие, ки бо ҳамроҳии онҳо меоянд, ба худ мегиранд:

Дар болои ду чорпоячаи гардишӣ кураҳои муҷассамаи замину осмон меистоданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ба замини кулба як бӯрьё ва **дар болои вай** пӯстаки мӯйҳояш рехташуда буд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ҳашарчиён **ба болои хоктӯдае** баромаданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Ба болои абрӯи** чапаш як холи сиёҳи калон дошт (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Болохона ва айвончаи болоӣ **дар болои айвончаи зерин** ва хонаи роҳравмонанд бино ёфта буданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Аз болои ҷомаҳои серпахтаи қабат ба қабат...** як чакмани моҳути осмониранг пӯшида менишаст (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Отряд **аз болои деҳа** ба тарафи болои рӯд нигоҳ карда асп давонид (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Мо **аз болои теппаҳо, аз болои шаҳристони қадимаи тоҷикон** ба шаҳри имрӯзаи Панҷакент назар кардем (*Ҷ. Икромӣ,* Сафар кардан, ҷаҳон дидан...).

Ин пешояндҳо низ маънои маҷозӣ дошта, объекти гуфтугӯ ва ё фикр ва ё амал ва инчунин сабаби амалро мефаҳмонанд: Гап **дар болои ба гардани онҳо бор кардани ин пул** ва қарздор кардани онҳо меравад (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Рафта ба оқсаққоли қишлоқ **аз болои онҳо** шикоят кунем, моро балвогар намуда пеш мекард (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ин шӯру ғавғо **бар болои нонрезаҳо** буд, ки мактабдор аз ҳалвои ман ба бачагон бахшиш карда буд (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). Сухан **ба болои радду бадали мансабдорон ва ҳокимони вилоят** омад (*С. Улуғзода,* Восеъ).

Пешоянди **ба болои** ба маънои **илова ба ин, ба туфайли ин** низ кор фармуда мешавад: Дӯконам танг, молам кам, **ба болои ин,** ҳамаи молҳоям «касмахару касмаёб» (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). **Ба болокории ин,** ҳаммом ягон сӯрохи ҳавобаро надошт ва ҳар чӣ ҳавое, ки аз дари пасти берун медаромад, то ба гармхона мерасид (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Рӯи... Ин пешоянд ҳам алоҳида ва ҳам бо пешояндҳои аслии **дар, ба, бар, аз** кор фармуда мешавад.

Ин пешоянд предмете ва ё касеро, ки дар сатҳи предмете ва ё ҷое воқеъ гардидааст, нишон медиҳад, инчунин амалеро, ки ба сатҳи предмет ва ё ҷое нигаронда мешавад, нишон медиҳад.

Пешояндҳои **дар рӯи, ба рӯи, бар рӯи, аз рӯи** вобаста ба маънои грамматикӣ ва лугавии ҷузъҳои онҳо худ тобишҳои ҳархелаи масоҳагиро ифода менамоянд: Хизматгор чой, дастурхон ва як табақ қазии яхниро бо корд оварда, **ба рӯи сандалӣ** ниҳод (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Хамири қиёмӣ **бар рӯи лаълии тахтагӣ** кашонда шуд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ман ӯро ба даруни меҳмонхона дароварда хобондам ва худам **ба рӯи суфа** баромадам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар **рӯи карнайчаҳо** гулпартоӣ кард (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Инҳо **дар рӯи рег** оромтар ва осонтар медавиданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Иқбол-хола **дар рӯи кат** ду-се кӯрпачаро болои ҳам партофта... ба чокдӯзӣ машғул шуд (*Ф. Муҳаммадиев,* Одамони кӯҳна). Он ҷо як ҷавони чӯпоннамо **бар рӯи харсанге** нишаста буду худ таронаеро замзама мекард (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). **Дар рӯи косаҳо** рангани маска об шуда, парча-парча лаппида ялаққос мезад (*Ф. Муҳаммадиев,* Одамони кӯҳна).

Пешоянди **аз рӯи...** Мувофиқ будани амале ва ё ҳолатеро ба чизе, вазъияти муқарраршударо нишон медиҳад, инчунин сабаби воқеъ шудани амал ва ҳолатро мефаҳмонад.

Тамоми файзу барака ва иқтидори обҳои мо **аз рӯи як нақшаи муайяни давлатӣ** ба манфиати халқ ба хизмати дигарон кардани табиат тобеъ карда шудаанд (*А. Деҳотӣ,* Чӯли лабташна, шунав оби равон меояд). **Аз рӯи одат** соҳиби хона дар пеши меҳмонҳо бояд дар пешгоҳ нанишинад (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Онҳо **аз рӯи эҳтиёт** нӯгҳои ресмонро ба яккамехҳо кӯртугун карда бастанд (*С. Айнӣ,* Ғуломон).— Ман, азизам, гапи ҳақро гуфтам, ки ҳар чизро **аз рӯи андозаи муқаррарӣ** чен карда намешавад (*Ф. Муҳаммадиев,* Одамони кӯҳна).

Зери... Ин пешоянд бо пешояндҳои аслии **ба, дар, аз** ва инчунин бе онҳо ҳам ба кор бурда мешавад. Ин пешоянд предмете ва ё ҷоеро нишон медиҳад, ки амал ва ё предмети дигар дар таги он воқеъ мегардад:

Сабза ва майсаҳо бошанд, **дар зери рег** тамоман нопадид гардида буданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Баъзеҳо дар рӯи реги нарм дароз кашида ва баданашонро **дар зери офтоби баҳорӣ** тофта ёзиданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Вай **ба зери девор** лӯнда шуда афтод (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Об **аз зери ҷӯй** бо дулчаҳои чархи парраҳояш чор-панҷ метрӣ бароварда мешуд (*А. Деҳотӣ,* Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд).

Пешоянди **дар зери** ба маънои маҷозӣ омада, ҳолат ва ё вазъиятеро нишон медиҳад, ки касе ва ё чизе бо он вобаста бошад: Рафта кори ҳашарро **дар зери роҳбарияти қозии Ғиждувон** тамошо кунад (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Гуфтугузори ин дӯсти наздикро **дар зери назорат** гирифтам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Пешояндҳои **зери, дар зери, аз зери** бештар дар нутқи

китобатӣ кор фармуда мешаванд. Муродифи ин пешояндҳо **таги, дар таги, ба таги, аз таги, таки//дар таки, ба таки...** ва инчунин **таҳи, таҳти** ҳам дар забони гуфтугӯ ва ҳам дар нутқи китобатӣ ба таври васеъ дар истеъмоланд: Бо нӯги чӯбдаста он ҷоро мекофт ва **аз таги пардаи тунуки рег** занбӯруғҳо намудор мешуданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Эшон аз кӯчо ва аз чӣ роҳ омадани барзаговро напурсида нимхез шуда, **ба таги собот** нигоҳ кард (*С. Айнӣ,* Дохунда). Ду аспакӣ... ба тарафи аробае, ки Гулрӯ ва модараш **дар таҳти он** пинҳон буданд, меомаданд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). **Дар таҳти таъсири мактуби бародари муаллим** бо ҳаяҷон ба ҳамдигар гап мезаданд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Пешояндҳои **таги, таҳти** ва инчунин ба шакли таркибиашон **дар таҳти, аз таги, аз таҳти** ба предмете ва ё ҷое ишора мекунанд, ки дар қарибиашон предмете ва ё амале вуқӯъ мегардад:

Гузари Абдуллохӯҷа дар худи назди дарвозаи Қаровул, **аз таҳти девори қалъаи Бухоро** сар мешавад (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Сари... Ин пешоянд ҳам алоҳида ва ҳам бо пешояндҳои аслии **аз, дар, ба, бар** кор фармуда мешавад. Пешояндҳои номии таркибии **дар сари, ба сари, аз сари, бар сари** вобаста ба маъноҳои пешояндҳои аслӣ ва маънои луғавии ҷузъи номиашон предмете, касе ва ё чизеро нишон медиҳанд, ки дар наздикии он ягон амале воқеъ мегардад ва ё нигаронида мешавад: Модарам сухани маро тасдиқ кард ва барои тоза карда, дар равған бирьён кардан **ба сари оташдон** бурд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Мо **ба сари таом** нишастем. Худ **ба сари деги шӯрбопазиаш** рафт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Пӯлод беихтиёр **ба сари ҷасади Рустам-амак** нишаста монд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Коргарон **дар сари дастгоҳ** хӯрок мехӯранд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). **Дар сари роҳ** оиначаеро дида, аз замин бардошта гирифт (*Латифаҳо*). **Аз сари дастархон** ҷаста хест (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Сонитар тӯраро ба мулоимат, бо ягон ваҷҳи шаръӣ, оҳистакак **аз сари кор** дур мекунанд (*С. Улуғзода,* Восеъ).

Бар сари баҳр гирд гашта қатор чайкаҳо мепаранд, болзанон шуда бар теғаҳои мавҷ савор (*Ҳ. Юсуфӣ,* Киштии мо).

Байни... Ин пешоянд алоҳида ва бо пешояндҳои аслӣ вуқӯъ гардидани предмете, вазъияте ва ё амалеро дар мобайни ҷое ё предметҳо ва ё касон мефаҳмонад:

Бинои мактаби даҳсолаи колхоз... аз роҳ дуртар **дар байни боғи** мевадори калоне бино карда шуда буд (*С. Улуғзода,* Навобод). Акнун барои район рафтан **аз байни теппа ва баландиҳо** давра зада гаштан лозим набуд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Онҳо рӯи сабзаву **байни лолаҳо** рӯймол кушоданд, нону панирро ба иштиҳо хӯрданд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Сӯҳбат

асосан **байни Қорӣ-ака ва мизбон** мегузашт (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунёӣ).

Миёни... Ин пешоянд аз рӯи маъноияш ва кор фармуданаш ба пешоянди **байни** наздикӣ дорад. Ин пешоянд бештар бо пешояндҳои аслии **дар, аз** истеъмол карда мешавад. Ин чӯйча монанди он чӯйчаҳое, ки **дар миёни заминҳои корам** кандаанд, аз лой ва гил бино ёфтааст (*С. Айнӣ,* Дохунда). **Дар миёни ҳамин ҳаракатҳо...** ба тарафи марде, ки машғули таомхӯрӣ буд, нигоҳ мекард (*С. Айнӣ,* Дохунда). Гоҳе дар **миёнаи ҳамин корҳо** барои додари бой чилим ҳам андохта медод (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). **...аз миёни мардум** баланд шуд (*С. Айнӣ,* Дохунда).

Миёни шоҳҳо нури ҷамолат — Ба софӣ нури маҳро хира кардаст (*А. Деҳотӣ,* Ба лампаи электрик).

Даруни... Ин пешоянд мувофиқи маънои луғавиаш равона шудан ва ё вуқӯъ гардидани амалро дар ҳудуди муайяни ягон чизе ва ё предмете нишон медиҳад; бо пешояндҳои аслии **дар, ба, аз** истеъмол мешавад:

Қорӣ-ишкамба **ба даруни хона** даромад — «марҳамат кунетон»,— гуфт (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Дар ин саёҳатҳо Аҳмад-махдум рӯзи худро бо сайругашт **дар даруни полез ва богҳо мегузаронд** (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Намуди як девори боазамати баланд, ба партави ҷаҳонтоб **аз даруни як чӯйчаи танг,** шуморо дар ҳайрат меандозад (*С. Айнӣ,* Дохунда).

Синоними **даруни** пешоянди **дохили** мебошад, ки бештар дар нутқи хаттӣ кор фармуда мешавад: **Аз ин ҷост, ки ҳатто дар дохили ин асар** ҳам фикрҳои танқидии замони муаллиф бевосита ифода карда шуда, бо масъалаҳои дигар вобаста гардида, баён карда мешаванд (*А. Мирзоев,* Биной ва масъалаи танқиди замони феодалӣ).

Беруни... Ин пешоянд вуқӯъ гардидани амали берун аз ҳудуди ҷое ва предметеро мефаҳмонад. Чун пешоянди таркибӣ бештар бо пешояндҳои аслии **дар, аз** кор фармуда мешавад:

Дар беруни дар, ба рӯи суфа, дар зери айвон як бӯрьё паҳн буд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). **Дар беруни ҳаммом** ба рӯи кӯрпача ва ҷандозҳо ҳамаи омадагон давра нишастанд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Паҳлуи... Ин пешоянд предмете ва ё касеро нишон медиҳад, ки предмет дар паҳлуяш воқеъ гардидааст. Чун пешоянди таркибӣ бо пешояндҳои **дар, ба, аз** кор фармуда мешавад: **Дар паҳлӯи дарвозахона** як айвони оддӣ буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Салом дода **дар паҳлуяшон** муддате рост истодаам (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунёӣ). Халифа **ба паҳлуи мактабдор** гузашта, як чӯберо, ки дар болои сари мактабдор ба девор овезон буд, гирифт (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). Қариби пешин **аз паҳлуи вай** заврақчаи моторноке

ҷудо шуда ба мобайни дарьё роҳ гирифт (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё).

Муродифи ин пешоянд пешояндҳои **бари** ва **шафати** мебошанд: Он хоначаи сафеде, ки **дар бари қишлоқ** танҳо истодааст, мактаби аввалини ман аст (*Ғ. Мирзо,* Ҳазор раҳмат). Мегузарад **аз бари вайронаҳо — Мадрасаю ободию хонаҳо** (*М. Турсунзода,* Меҳмони мағрибӣ). **Дар шафати мактабамон** бинои дигари калоне сохта шудааст (Маориф ва маданият).

Гирди... Ин пешоянд мувофиқи маънои луғавиаш ба предмет ва ё ба ҷой ва ба касе ишора мекунад, ки амал дар гирди он воқеъ мегардад, бо пешояндҳои **дар, ба** кор фармуда мешавад.

Мо **дар гирди гулхан** нишастаем (*П. Толис,* Дар оғӯши кӯҳсор). Зи боғи санъати халқат **ба гирди хеш** гул резӣ (*М. Турсунзода,* Қиссаи Ҳиндустон). Ёр дар хонаву мо **гирди ҷаҳон** мегардем.— Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем (*Фольклор*).

Тарафи... Ин пешоянд самти равиши амалро нишон дода, ҷое, предмете ва ё касеро, ки ба сӯи он амал нигаронда шудааст, ишора мекунад. Чун пешоянди таркибӣ бо пешояндҳои **ба, дар, аз** кор фармуда мешавад.

Коргарон **ба тарафи вокзал** нигоҳ карда, ба роҳ афтоданд (*С. Айнӣ,* Дохунда). Дар ҳақиқат ҳам бисьёр дер накашид, ки **аз тарафи зина** овози пое шунида шуд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Он **ба тарафи Тахиятоши кӯҳна** омада, ба аэродром рост нафаромаду **ба тарафи шимол** тоб хӯрда, бар болои шаҳр ба шакли нимдоира давр зада, аз тарафи чап фаромад (*А. Деҳотӣ,* Як қитъа замини пойтахти мо). Гоҳгоҳе шамол **аз тарафи кӯҳҳо** вазида... бӯи форами гиёҳҳоро ҳар тараф мепошад (*П. Толис,* Чарогҳо). Ҳуҷраи ман монанди дигар ҳуҷраҳои ин мадраса тиреза надошт, бинобар ин дари даромадро ҳамеша кушода мондан даркор буд ва **дар тарафи кӯча** коғазгир дошт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Сӯи... Ин пешоянд муродифи пешоянди **тарафи...** буда, чун пешоянди таркибӣ бештар бо пешояндҳои аслӣ меояд:

Ҳама **ба сӯи хонаи Шарифино** роҳӣ шуданд (*П. Толис,* Бародарон). **Ба сӯи майдонҳои кишт** ҷӯйборҳои оби фаровон равон шуданд (*А. Деҳотӣ,* Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд). Мевазад бод кӯр-кӯрона — Ҳам **сӯи дӯст** ҳам бегона (*М. Турсунзода,* Тоҷмаҳал).

Рӯ ба рӯи ... Ин пешоянд низ бо пешояндҳои аслии **аз, дар** кор фармуда мешавад. Ин пешоянди таркибӣ нишон медиҳад, ки амал дар тарафи муқобили предмет воқеъ мегардад ва ё ба тарафи муқобил равона карда шудааст: Пирак маро ба рӯи ҳуҷра гузаронда **дар рӯ ба рӯи худаш** — бар кодоки сандалӣ нишонд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Гулрӯ **дар рӯ ба рӯи** худ боз кушандаи падарашро дид (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Ҷониби... Ин пешоянд муродифи пешояндҳои **тараф** ва **сӯи** буда, бо пешояндҳои аслии **ба, дар, аз** низ кор фармуда мешавад: **Ман ҷониби ту** равам зафарманд — Ман шод шавам зи ту, ту аз ман (*Ҳ. Юсуфӣ*, Сурат).

б) Пешояндҳои номие, ки муносибатҳои замониро ифода мекунанд.

Пешояндҳои номие, ки замони ба вуҷуд омадани амалро нишон медиҳанд, аз исмҳо ва зарфҳои абстрактмаъно, ки вақтро мефаҳмонанд, ташкил меёбанд: **баъд, пеш, айн, қариб, қабл, зарф, муддат, давом, вақт** ва ғайра: **Баъди оши балаззат** чои кабуд айни муддаост *(А. Сидқӣ,* Фарзанди замон). **Қариби намози аср** Фирӯза ба сараш фаранҷӣ, ба рӯяш чашмбанд гирифта аз дарвоза баромад (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Аз байни пешояндҳои номии замонӣ як гурӯҳ пешояндҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо одатан мафҳумоти бефосила ва пай дар пайро ифода менамоянд, чунончи: **дар давоми, ба давоми, дар зарфи, дар муддати, бо мурури** ва ғайра. **Дар зарфи сафари бистуякрӯза дар Кобул** аз байни аҳли санъат, адабиёт ва матбуоти Афғонистон бисьёр дӯстони нав пайдо кардем (*А. Деҳотӣ,* Сафари Кобул). **Дар давоми ҳаёти худ** дар муддати як рӯз (Маориф ва маданият). **Дар айни сафарҳои** дур расидани хабари хуше аз Ватан ба кас рӯҳ ва қуввати наве мебахшад (*А. Деҳотӣ,* Овози қаҳрамон). Имрӯзҳо, **дар айни колхозсозии мо,** аз Тӯрабек дида Муҳаммадҷон ҳавфноктар шуда монд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик майли ба доираи пешояндҳои номии замонӣ дохил шудани як қатор исмҳои маънои замондошта то рафт зиёд шуда истодааст: **дар айёми, дар ҳангоми, дар фасли, дар давраи, дар аснои, дар арафаи** ва ғайра.

Ба гурӯҳи пешояндҳои номӣ калимаҳои дар зер номбаршудаи мустақилмаъно дохил мешаванд: баробар, хилоф, муқобил, зидд, бадал, иваз, мувофиқ, муносиб, муносибат, шарофат, шаън, васф, монанд, мисл, ғайр, баҳр, натиҷа, сабаб, ваҷҳ, боис, ҳамроҳ, қатор, ҷой, бора, бобат, ҳақ, хусус, зимма, замм ва ғайра. Қисми зиёди ин пешояндҳо чун қоида бо пешояндҳои аслӣ кор фармуда шуда, пешояндҳои таркибӣ мебошанд. Фақат қисми камашон бе пешояндҳои аслӣ ҳам истеъмол мешаванд. Пешояндҳои **ҳамроҳи, монанди, мувофиқи, муносиби, ғайри** аз ин ҷумла мебошанд.

Баробари... Ин пешоянд баъзан бо пешоянди аслии дар кор фармуда мешавад. Ин пешоянд бо ҳодиса ва ё амали дигар дар як вақт баробар воқеъ гардидани амалро мефаҳмонад: **Баробари дохили зол шудани мо** марди солхӯрдаи каддарозе аз кадом дар пайдо шуда омад (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунъё). **Баробари дамидани субҳ** гулхан хомӯш мешуд... (*П. Толис,* Дар оғӯши кӯҳсор).

Муқобили, зидди, хилофи. Ин пешояндҳо ба сифати пешояндҳои таркибӣ бештар бо пешояндҳои аслии **ба, бар** кор фармуда мешаванд ва вобаста ба маънои луғавиашон муносибатҳои хилофӣ ва муқобилро нишон медиҳанд: Фақат ин гарданшахони якраҳаи хунхор, ки **ба муқобили халқи тамоми ҷаҳон** ҷиноятҳо тайёр карда истодаанд, барои худ нафрат, лаънат, рӯсиёҳӣ ва бадномии абадиро тайёр мекунанд ва барои худ гӯр мекованд (*С. Айнӣ*). Гӯё ин гапҳояш на танҳо **ба муқобили падару модараш,** балки ба тамоми дунъёи кӯҳна эътирози халқи... озоди ӯ буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ташвиқоти муллоён асосан **бар зидди ислоҳоти замин** буд ва ба мардум таъсири калон мебахшид (*А. Сидқӣ,* Фарзанди замон). Ҳар як китоби ӯ дар дасти халқи ҳинду машъали дурахшонест, ки ба мубориза **бар зидди истисморкунандагон** даъват мекунад (*М. Турсунзода*). **Бар хилофи куҳансолон** қисми зиёди ҷавонон... заминро бо шодмонӣ қабул мекарданд (*А. Сидқӣ,* Фарзанди замон). **Ба хилофи интизори ҳозирон** қозӣ ба шайх чандон илтифоте ҳам намекард (*С. Улуғзода,* Восеъ).

Бадали... чун пешоянди таркибӣ бо пешояндҳои аслии **ба, дар** кор фармуда мешавад. Ин пешоянд муносибати иваззшавии як предмете ба предмети дигарро ифода менамояд. Ӯ **ба бадали ин пул** ҳеҷ хизмате накарда бемор шуда рафт (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Дар моҳи савр (апрель) Ҳоҷӣ Қурбон омада, вақфи мазкурро **ба бадали биступанҷ ҳазор танга** ба иҷора гирифт (*С. Айнӣ,* Ғуломон).

Ин пешоянд барои ифодаи замон, вақти муайян низ кор фармуда мешавад:

Ёдгор ҳақиқатан хурсанд буд, вай ба замми ин ки **дар бадали як моҳ** барои понздаҳ танга аз панҷ танга фоида додан халос шудааст, аз дидани халтаи хатчӯбдор роҳ ёфтааст (*С. Айнӣ,* Дохунда). Супориш аз ҷаноби қушбегӣ шуд, ин хел духтарчае, ки ман гуфтам, бояд **дар бадали ҳамин моҳ** ба даст дарояд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

Ивази... Ин пешоянд муродифи пешоянди **бадали...** мебошад: Ба ҳамин тариқ, халқ барои об **ба ивази хун ва ҷони худ мубориза** мебурд, талош мекард (*А. Деҳотӣ,* Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд).

Мувофиқи... Ин пешоянд маънои луғавиашро нигоҳ дошта, ба як ҳодиса мувофиқ будани дигарро мефаҳмонад. **Мувофиқи ривояти дуюм,** ин деҳа як замонҳо анорзор будааст (*А. Сидқӣ,* Фарзанди замон). Планҳояш буд шуда истодааст. Лекин тамоман **мувофиқи табъи ман** не (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Муносиби... Муродифи пешоянди **мувофиқи** буда, баъзан тобиши услубӣ дорад: Баданашон **мувофиқи рӯяшон** борик ва либосашон **муносиби танашон** химча ва танг буд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Акнун ки **ба муносибати воқеаи Қорӣ-ишкамба** дар бо-

раи ошнои деринаам — бойбача қадре сухан ба миён омад... (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр).

Ба шарофати... Ин муродифи пешоянди **ба муносибати** буда, инчунин вобаста будани ягон чизе ва ё амалеро ба ҳолате ва ё воқеаи муайяне мефаҳмонад: **Ба шарофати донистани забони шуғнонӣ** Пётри мо бе ёрии тарҷимон бо ҳама озодона гуфтугӯ намуд... (*Р. Ҷалил*, Шӯроб).

Ба шарофати иқтидори ту ӯ аз ин бало халос шуд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Дар шаъни... Ин пешоянд аз рӯи маънои луғавиаш ба пешоянди **ба муносибати** наздик мебошад, лекин тобиши эҳтиром дорад: Ман латифаҳоеро, ки **дар шаъни рӯмониҳо** бофта мешаванд, хеле дӯст медорам (*А. Сидқӣ*, Фарзанди замон).

Васфи, дар васфи. Ин пешоянд муродифи пешоянди **дар шаъни** буда, одатан дар таркибҳои дорои услуби тантанавӣ кор фармуда мешавад: **Ӯ дар васфи шоири бузурги миллии халқи рус, дар васфи Пушкин** ҳам шеър навиштааст (*М. Турсунзода*). Ғазал мегуфту дур месуфт Ҳофиз—шоири Шероз— Суханро дода **дар васфи шумо ҷодугарон пардоз** (*М. Турсунзода*, Тара-Чандри). Сар то қадами ту дилрабоянда бувад — **Дар васфи ту** дил нағмасароянда бувад (*Ҳабиб Юсуфӣ*).

Монанди, ба монанди, мисли, ба мисли, мисоли, ба мисоли... Ин пешояндҳо шабоҳат ва монандиро ифода намуда, ҳаммаъно мебошанд: **Ин кӯҳсоре, ки ин дарараро печонда гирифтааст, аз дур ба назаратон монанди як кӯҳпорае** менамояд (*С. Айнӣ*, Дохунда). **Монанди сайёде**, ки шикори ба дом афтодаи худро гурезонда бошад, ё **мисли шағоле**, ки мурғи ба чангол даровардаашро аз даст дода бошад, аз ғазаб дандон мехоид (*С. Айнӣ*, Дохунда). **Ба мисли Комде** дар ҳусну дар санъат ҷаҳонгирӣ — Ту, эй раққосаи даврон, Тара-Чандри, Тара-Чандри (*М. Турсунзода*, Тара-Чандри).

Ба сабаби, аз сабаби... Ин пешоянд доимо ба шакли таркибӣ омада, сабаби воқеъ гардидани амале ва ё вазъиятеро нишон медиҳад.

Аз сабаби бадии ҳаво самолёт имрӯз намепарид (*А. Деҳотӣ*, Сафари Кобул). **Ба сабаби беворис буданаш...** бист танга дод (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Аз боиси... Ин пешоянд муродифи пешоянди **аз сабаби** мебошад: Ҳоло ту **аз боиси** ман шатта хӯрдӣ, Ниёзҷон? (*С. Улуғзода*, Восеъ).

Бо мақсади. Ин пешоянд мувофиқи маънои луғавии ҷузъи номиаш мақсади ба вуҷуд омадани амале ва вазъиятеро ифода менамояд. Лутфулло Каримовро ҳам **бо мақсади ташкил кардани мактаб** ва **ба таълим ҷалб намудани фарзандони меҳнаткашон** ба мактабҳои деҳаҳои Мортеппа, Хонақои Кӯҳӣ, Ҳофизқишлоқ, Лолагӣ ва Қипчоқи райони Ҳисор мефиристоданд (*Маориф ва маданият*); **Бо мақсади расонидани хизмати маданӣ** ба колхозчиён дар давраи ғунучини пахта

шўъбаи маданияти район бо ёрии ташкилоти партиявию комсомолӣ бригадаи агитационӣ ташкил намуд (*Маориф ва маданият*).

Аз ҷиҳати... Ин пешоянд баробари нишон додани сабаби амал дахлдор будани як ҳодиса ба ҳодисаи дигар ва ё предмет ба предмети дигарро низ ифода мекунад: **Аз ҷиҳати пирӣ** ба бардоштани он сандуқ қувваташ нарасидааст (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Россияи тоинқилобӣ **аз ҷиҳати маблағи ба соҳаи маорифи халқ ҷудошуда ва шумораи хонандагон** дар Европа ҷои охиринро мегирифт *(Маориф ва маданият).*

Аз ваҷҳи... Ин пешоянд муродифи пешоянди **аз ҷиҳати** мебошад.

Дар байни гапаш гуфт, ки ҷаридаҳои фарангистон **аз ваҷҳи Бухоро ва Хева** ба Руссия айб мемонданд (*С. Улуғзода,* Восеъ).

Ҳамроҳи, бо ҳамроҳии... Ин пешоянд муштарак будани амалеро мефаҳмонад: — Хуб,— гуфтам, ва **бо ҳамроҳии** ӯ ба роҳ даромадам (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Дар райони Панҷакент **бо ҳамроҳии устод Айнӣ** як ҷӯйбори қадими обьёрӣ — Туқсонкорезро дида будем (*А. Деҳотӣ,* Масъалаи ҳаёту мамот).

Қатори, дар қатори... Ин пешоянд муродифи пешоянди **ҳамроҳи** мебошад.

Ман, ки **дар қатори Мирзоабдувоҳид** вазифаи пешхизматиро адо мекардам... (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Дар қатори онҳо** ба фарзандам Пӯлод ҳам мадад деҳ (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Дар натиҷаи... Мувофиқи маънои ҷузъи номиаш ин пешоянд амале ва ҳодисаеро нишон медиҳад, ки дар натиҷаи он ягон амал ва ё вазъияте ба вуҷуд меояд: **Дар натиҷаи фишори пурзӯри ҳаво** то 60—70 метр ва аз ин ҳам баландтар фаввора зада баромадани оби фонтанҳоро бисьёр касон дидаанд (*А. Деҳотӣ,* Ҳаёт қадам мезанад). **Дар натиҷаи чунин тараққиёти беназири иқтисодиёт ва маданият** мамлакати қафомондаи аграрӣ ба давлати пурзӯри тавонои индустриалӣ-колхозӣ табдил ёфт.

Баҳри, аз баҳри... Ин пешоянд амалеро, ки ба манфиати касе ва ё коре вуқӯъ мегардад, ифода менамояд. Маълум мешуд, ки вай на **аз баҳри тамошо** ин баромади хатарнокро пеш гирифтааст (*П. Толис,* Дар оғуши кӯҳсор).

Ба воситаи... Ин пешоянд он амалеро нишон медиҳад, ки бо ёрии касе, чизе ва ё коре ва ё бо ягон роҳе ба вуҷуд меояд: Ман ин муамморо танҳо **ба воситаи** ӯ ҳал кардан метавонистам (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Роҳи калони сангфарши навро **ба воситаи қишлоқи Қаторбед** кашида буданд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Бад не,— гӯён Ҳомид **ба воситаи зинанояча** бар болои машина баромад (*П. Толис,* Дар лаби дарьё).

Дар роҳи — ба роҳи — бо роҳи... Ин пешоянд мафҳумоти тарзи амал ва ё воситаи ба вуҷуд овардани ҳодиса ва ё амалеро ифода менамояд, аз баҳри касе ва ё чизе воқеъ шудани амалро нишон медиҳад. Рӯзҳои пурфараҳи ид торафт наздик шуда истодаанд, ки ин коркунони муассисаҳои республикаро водор мекунад, ки **дар роҳи амалӣ гардидани нақшаҳои идораи худ** ҷиддӣ машғул шаванд, то ки баъд ба шитобкорӣ роҳ надиҳанд (*Маориф ва маданият*). **Дар роҳи ватан** мурдан — зиндагист — Мурдан — зиндагонӣ дар бандагист (*А. Лоҳутӣ*).

Ҷои, ба ҷои... Ин пешоянд ба ҷои предмете ва ё ҳодисае омадани предмет ва ё ҳодисаи дигареро мефаҳмонад: **Ҷои он реги равон** оби равон хоҳад шуд — **Ҷои он шӯразамин** богу макон хоҳад шуд (*А. Деҳотӣ*, Чӯли лабташна, шунав...).

Вале **ба ҷои табассуми ширин ва нозу карашма** дучори дашномҳои беандоза шуд (*Ҳ. Карим*, Оқшуда).

Ғайри, ба ғайри, аз ғайри... Ин пешояндҳо истисноро ифода менамоянд: Он рӯз як рӯзи наве буд ба ман, ки **аз ғайри чашмдошти ман,** бахти нав оварда буд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Ба туфайли, аз туфайли... Ин пешоянд сабаби ба вуҷуд омадани ҳодисае ва ё амалеро мефаҳмонад. **Ба туфайли инҳо** ба ин қадар моҷаро дучор шудему боз... (*Р. Ҷалил*, Шӯроб).

Ба замми... Ин пешоянд маънои иловагиро ифода мекунад: Рафиқи фаррош **ба замми маишати нокис** чилимкашӣ карда, роҳи нафасашро қариб бастааст (*Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дунъё). **...Ба замми ин** аз тазкира ва тарҷумаи ҳолҳо ҷоҳоеро, ки ба Фирдавсӣ муносибат доранд, боз як бор аз назар гузарондем (*С. Айнӣ*, Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ).

Дар бораи, хусуси... дар хусуси, аз хусуси, дар бобати... Ин пешояндҳо ҳаммаъно буда, бо исм омада мавзӯъ ва объекти нутқ ва ё фикреро мефаҳмонанд. Шояд вай **дар бораи он колхоз** чизе донад (*П. Толис*, Чароғҳо). Вақте ки **сухан дар бораи алмос** мерафт, ӯ аз пушти дар гӯш медод (*Латифаҳо*). **Аз хусуси аризаи худаш** лаб накушод (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). **Дар бобати рӯёндани ҳосили фаровони пахта** хизмати Иброҳим-ота калон аст (Тоҷикистони Советӣ).

Дар ҳаққи... Ин пешоянд муродифи пешояндҳои **дар бораи, дар бобати** буда, тобиши нисбатдиҳӣ дорад. Аз рӯи чӯб **дар ҳаққи ман** ҳукм мекунед (*Латифаҳо*). Падарам **дар ҳаққи Абдунабӣ,** ки хизматгори деринаамон буд, бисьёр ноинсофӣ карда истодааст (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр). **Дар ҳаққи он ғор** ва бошандагонаш бисьёр ҳикояҳои аҷиб бастаанд (*С. Айнӣ*, Аҳмади девбанд). Аксари онҳо **дар ҳаққи одамони донишманд, кордон ва ё шоирони дар байни халқ машҳур** гуфта шудаанд (*А. Сидқӣ*, Фарзанди замон).

Пешояндҳои изофии такрор

Пешояндҳои изофии такрор бо роҳи такрор шудани як гурӯҳи муайяни исмҳо ба вуҷуд меоянд. Пешояндҳои изофии такрор бештар аз чунин исмҳо: **қад, лаб, рӯй, сар, пеш, таг, дарун, гирд** ташкил ёфта, ба калимаи пешомада бо бандаки изофӣ пайваст мешаванд ва шакли зеринро мегиранд: **қад-қади, лаб-лаби, рӯй-рӯи, таг-таги, дарун-даруни.** Пешояндҳои такрории алоҳида ба воситаи садоноки пайвасткунандаи «о» ҳам ташкил меёбанд. Масалан: **гирдогирди.., пешопеши...** Ба гурӯҳи пешояндҳои изофии такрор аз рӯи вазифаҳои грамматикиашон таркибҳои типи: **сар то сари, гирду пеши, гирду атрофи, гирду канори** низ дохил мешаванд. Масалан: **Сар то сари соҳил,** дар доманаи кӯҳи Муғул шаҳри нав, шаҳри зебои социалистӣ бино шудааст (*А. Сидқӣ,* Фарзанди замон). Ба ин тараф гузар, **гирду пеши** ӯ аз одам пур буд (*П. Толис,* Бародарон). **Дар гирду канори Ленинобод** ҳафт-ҳашт колхозҳои майда-майда барқарор шудаанд (*А. Сидқӣ,* Фарзанди замон).

Пешояндҳои мазкур мисли пешояндҳои номии изофӣ маънои луғавии худро нигоҳ дошта, бо калимаҳои дигар ба воситаи бандаки изофӣ алоқаи синтаксисӣ пайдо мекунанд. Вобаста бо маънои луғавиашон ин пешояндҳо муносибатҳои масоҳагиро ифода мекунанд. Аз ҷиҳати функцияи грамматикиашон пешояндҳои изофии такрор бо пешояндҳои мувофиқмаънои изофии номӣ умумият доранд, лекин фарқаш дар он аст, ки пешояндҳои такрор аксар ҷараён ва давомнокии амалро нишон медиҳанд. Дар ҷумла ибораҳое, ки бо ёрии пешояндҳои такрор ташаккул меёбанд, ба феълҳои ифодакунандаи ҳаракат (рафтан, гаштан, омадан, тохтан ва ҳоказо) тобеъ мегарданд ва ин феълҳо аксар дар шакли замони давомдор меоянд. Пешояндҳои такрор дар ибораҳо ҳам мустақил ва ҳам бо пешояндҳои аслӣ: **дар, ба, бо** якҷоя кор фармуда мешаванд, масалан, **ба лаб-лаби кӯл, дар лаб-лаби ҷӯй, лаб-лаби рӯд.**

Пешояндҳои **қад-қади, лаб-лаби** сӯи амалеро мефаҳмонанд, ки бо дарозии предмет ва ё макон равона шудааст: Автобуси хурди чобукрафтор **қад-қади рӯди беқарори Варзоб** аз тарафи муқобили ҷараёни он мешитофт (*А. Деҳотӣ,* Чашмасори давоҳои мӯъҷизавӣ). Мо **қад-қади қубурҳои оҳанини сиёҳранг** аз нишеб ба фароз баромадан гирифтем (*А. Деҳотӣ,* Ҳаёт қадам мезанад). Мирзораҳим **қад-қади роҳи сангфарш** ба сӯи маркази район мерафту ба дил меандешид... (*М. Шарқӣ,* Салламно ба онҳо). Вале ҳангоме онҳо ба роҳчае даромаданд, ки танги касногузар буд ва **лаб-лаби нишебии калон** боло мерафт, падар ӯро аз роҳ боздошт (*Р. Ҷалил,* Шӯроб). Эҳтимол худат ҳозир шиматро то зону барзада, **лаб-лаби ягон**

наҳр шасту қалмоқ бардошта гаштӣ (*Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дуньё).

Пешоянди **рӯ-рӯи** амалеро нишон медиҳад, ки дар сатҳи макон воқеъ гардидааст: Кӯҳистонибача Давлат, ки бо ҳамсолони худ бозикунон чанд бор то ба ин ҷо омада буд, оҳубаравор **рӯй-рӯи сабзаҳои навхез** тохта мерафт (*Р. Ҷалил*, Шӯроб). Аз паси заврақча судони духтари хушпайкари зебое дар либоси шиноварӣ ресмонеро дошта савораи лижаи обӣ **рӯй-рӯи дарьё** медавид (*Ф. Муҳаммадиев*, Дар он дуньё).

Пешоянди **таг-таги** маконеро нишон медиҳад, ки амал аз таги вай равон шудааст: Ва дар он **таг-таги қалъа** рафта, аз пеши Майдони Машқи Сарбоз гузашта, ба паҳлуи дарвозаи Самарқанд расидам... (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр). Об равад таг-таги яхҳои пир — Мисли ҷавоҳир зи дили ҳар адир (*М. Турсунзода*, Меҳмони мағрибӣ). Вайҳо тангкӯча ба тангкӯча гашта, **таг-таги майдон** рафта, баъди аз чойхона дур шудан ба роҳи калон баромада мегирифтанд (*А. Сидқӣ*, Фарзанди замон).

Пешоянди **сар-сари** амалеро мефаҳмонад, ки он ба дарозии ягон ҷой ва ё предмет аз сар то сараш равона мегардад: Раис ба фикру хаёл ғӯта зада, **сар-сари вот** мерафт, ки ман ба вай саволе дода, хомӯшии ӯро бартараф кардам (*А. Сидқӣ*, Фарзанди замон).

Пешоянди **дарун-даруни...** Амалеро нишон медиҳад, ки аз даруни ва ба дарозии маконе мегузарад: Давлати харсавор **дарун-даруни дараи пурхамупеч** меомаду манзараи роҳ ба хотираш кӯҳсори ватани ӯ — Бадахшонро меовард (*Р. Ҷалил*, Шӯроб).

Пешоянди **пеш-пеши, пешопеши** маконе ва ё предметеро мефаҳмонад, ки амал дар пеши он макон ва ё предмет воқеъ гардидааст: **Пешопеши ҳама** Скворцов мерафт (*П. Толис*, Дар бӯрон).

Пешоянди **гирд-гирди, гирдогирди...** сӯи амалеро, ки ба гирди предмет ва ё ба ҷое равона шудааст, мефаҳмонад: Шаддаҳои чароғони электрик **гирдогирди моро** печонида гирифта буданд (*А. Сидқӣ*, Фарзанди замон). Пагоҳ аз хоб мехезад, ки **гирдогирди лабонаш** пур-пури табхол (*Р. Ҷалил*, Афсонаи сеҳрнок). Ин пешоянд бо пешоянди аслии **дар** ҳам меояд: **Дар гирдогирди ин лаълӣ** пустакчаҳое ба замин паҳн карда буданд (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

Пешояндҳои номии таркибӣ (ғайриизофӣ)

Пешояндҳои номии таркибӣ аз исм ва ё зарф ва пешояндҳои аслӣ сохта мешаванд: **пеш аз, баъд аз, пас аз, ғайр аз, нисбат ба, оид ба, назар ба, берун аз, бахшида ба.** Сохти ин пешояндҳо он қадар устувор нест, махсусан пешояндҳои

баъд аз, пеш аз, пас аз метавонанд ба шакли **«аз дарс пеш»**, **«аз кор пас»**, **«аз ҷанг пеш»** оянд.

Пешоянди таркибии **ғайр аз** ба шакли **ба ғайр аз** низ истифода мешавад: Мо шоиронем ва **ба ғайр аз шоир** касеро дар маҷлиси худ роҳ надиҳем (*С. Айнӣ,* Дар бораи Фирдавсӣ).

Пешояндҳои **пеш аз, пас аз** ва **баъд аз** вобаста ба калимаи тобеъшаванда ва феъли тобеъкунанда дар ҷумла ва ё ибора муносибатҳои замониро ифода мекунанд. Пешояндҳои **пас аз** ва **баъд аз** ба ҳам муродиф мебошанд. Ин пешояндҳо воқеъ гардидани ҳолате ва ҳодисаеро пеш аз ягон ҳодисаи дигар ва ё пас аз он мефаҳмонанд: Шӯробиҳои дастгиршударо **пеш аз ба вагон зада фиристодан** ба як хона дароварда буданд (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Ҷузъи номии ин пешояндҳо баъзан ба худ суффиксҳоро қабул мекунад, масалан, **пештар аз: Пештар аз ид** ҳаводорони санъат ба тамошои асари Берестанский «Наташа» даъват мешаванд (Маориф ва маданият).

Пешоянди **нисбат ба** муносибати шахсеро ба шахси дигар ва ё ба ҳодисае нишон медиҳад: Нафрати ин ҷавонҳо **нисбат ба душман** зиёдтар гардид (*П. Толис,* Бародарон).

Пешоянди **оид ба** дахлдор будан ё нисбат доштани предметро ба предмети дигар мефаҳмонад: Ӯ бо мухбир **оид ба масъалаҳои сар дода шудани якумин радифи маснӯи Замин** сӯҳбат дошт (Маориф ва маданият). Мулоҳизаҳо **оид ба имтиҳоноти қабул** (Маориф ва маданият).

Пешоянди **доир ба...** муродифи пешоянди **оид ба...** мебошад: Як силсила асарҳои илмии идона ба табъ расиданд ва **доир ба масъалаҳои муҳимми замон** сессия ва конференцияҳои илмӣ барпо мегарданд (Маориф ва маданият).

Пешоянди таркибии **бахшида ба** аз сифати феълӣ ва пешоянди аслӣ иборат буда, бештар дар нутқи публицистӣ кор фармуда мешавад: Чоруми октябрь, дар рӯзи сар шудани замони кайҳонӣ, дар қасри Кремлии съездҳо бахшида ба даҳсолагии дар Иттифоқи Советӣ сар дода шудани радифи дар ҷаҳон аввалин маснӯи Замин маҷлиси аҳли ҷамъияти Москва шуда гузашт (Маориф ва маданият).

Муродифи пешоянди **бахшида ба...** пешоянди **роҷеъ ба...** мешавад:

Ҳозирон нақли ачибу завқовари ӯро **роҷеъ ба лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти шоир** бо мароқи том шуниданд (Маориф ва маданият).

Пешоянди **назар ба** муродифи пешояндҳои номии изофии **аз рӯи** ва **мувофиқи** буда, тобиши услубии ба худ хос дорад ва аз пешояндҳои мазкур дида абстракттар менамояд:

Назар ба ривоятҳо хосияти чашмаҳои шифои Хоҷа Оби

Гарм ҳанӯз садҳо сол пеш аз ин ба одамон маълум шуда буд (*А. Деҳотӣ*, Чашмасори давоҳои мӯъҷизавӣ). **Назар ба қавли Тӯтапошшо**, будааст набудааст як муллои қашшоқ будааст (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо).

ПАСОЯНДҲО

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик пасояндҳое, ки аз маънои мустақили луғавӣ озод буда, танҳо ба вазифаи калимаи ёвар истифода мешаванд, фақат дуто аст: **-ро** ва **барин**. Пасояндҳои дигар маънои мустақили луғавӣ доранд ва на фақат ба сифати калимаи ёвар, балки ҳамчун калимаи мустақил низ истифода мешаванд.

Пасояндҳо ба 2 гурӯҳ: аслӣ ва ғайриаслӣ тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи пасоянди аслӣ пасоянди **-ро** дохил мешавад, ки якчанд маънои грамматикӣ дорад. Пасоянди **барин** байни пасояндҳои аслӣ ва ғайриаслӣ мавқеи мобайнро ишғол мекунад. Онро шартан ба гурӯҳи пасояндҳои аслӣ дохил кардан мумкин аст, зеро унсури комилан ёридиҳанда аст ва ба сифати калимаи мустақил тамоман истифода намешавад. Аммо ин пасоянд метавонад суффикс қабул кунад: Ман **баринҳо** зан ба куҷо! (*С. Улуғзода*, Восеъ). Агар хоҳӣ, ман **баринак** не, аз ман зиёдтар бағайрат, коркун ва кордон шуда метавонӣ... (С. Айнӣ, Ёддоштҳо).

Ба гурӯҳи пасояндҳои ғайриаслӣ пасояндҳои номӣ ва зарфии зерин дохил мешаванд: **боз, қатӣ, пас, баъд, пеш, муқаддам, замон, ҳамон, баробар, берун, эътиборан, инчониб, интараф.**

Пасояндҳои аслӣ

Пасоянди **-ро**. Ин пасоянд дар системаи пасояндҳо мавқеи махсусро ишғол мекунад. Вай унсури комилан грамматиконидашуда буда, маънои мустақили луғавӣ надорад ва амалан ҳамчун формант бо аъзоҳои пайрави ҷумла истифода мешавад.

Яке аз хусусиятҳои пасоянди **-ро** ба тарзи туфайлӣ (факультативӣ) истифода шудани он аст. Пасоянди **-ро** шахс, предмет ва ҳодисаи муайян, ягонаро нишон медиҳад. Агар сухан дар бораи мафҳуми абстракт, ё чизҳои дорои мафҳуми умумӣ равад, исми ифодакунандаи объект, одатан бе пасоянди **-ро** воқеъ мешавад. Дар ин сурат муайянкунандаҳое, ки бо ҳиссаҳои нутқ ё бандакҷонишинҳои шахсию соҳибӣ ифода ёфта ба пуркунанда вобаста шуда омадаанд, дар навбати худ онро конкрет мекунанд.

Фирӯзаро хор шудан наметонад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Ягона **фарзанди худро** ба ҳамон кампир мондаанд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). **Офтобро** бо доман пӯшида намешавад (Мақол).

Пасоянди **-ро** аломати асосии пуркунандаи бевосита аст, ки ба воситаи ҳиссаҳои номии нутқ ифода меёбад:

Аз ҳамои сафар **ба** мо як ҳикмат ба фоида монд, ки **ҳарифро** нашинохта қувваозмой кардан аз сабукфикрист (*Ф. Муҳаммадиев*, Шоҳмот). Гулрӯ **кӯзаро** гирифта ба ҳавлӣ даромад (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Пасоянди **-ро** бо пуркунандаи бавосита низ меояд. Пасоянди **-ро** дар ин вазифа дар забони адабии имрӯза нисбатан камистеъмол аст, ҳол он ки дар забони адабиёти классикии то асри XIX бисьёр истифода мегардид. Дар назми имрӯза пасоянди **-ро** бо пуркунандаҳои бавосита озодона ва фаровон истифода мешавад:

Ин **одамро** ошу нон надиҳеду аз воқеоти ҷанг нақл кунед (*Ф. Муҳаммадиев*, Палатаи кунҷакӣ). **Савсанро** гуфт, ки берун, ба ҳавлии миёна, барояд (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). **Суханро** вазну тамкини замин бояд — Суханро қудрати ҷонофарин бояд (*М. Қаноат*, Сурӯши Сталинград). Вазифаи асосии пасоянди **барин** ташкили таркибҳост, ки муносибати қиёсиро ифода мекунанд. Дар ин вазифа вай одатан пас аз исмҳое истифода мешавад, ки предметҳои дигар аз бобати хусусияти гуногунҳаҷм, ранг, таъм, миқдор ва ғайра бо он монанд карда мешаванд: Акнун ҳавлиатон **боғи пионерҳо барин** калону боз ҳамон гап (*Ф. Муҳаммадиев*, Чага).

Пасояндҳои ғайриаслӣ

1. **Пасояндҳои номӣ ва зарфӣ**

Ба ин гурӯҳ калимаҳои зерин дохил мешаванд: **қатӣ, пеш, пас, қабл, муқаддам, баъд, замон, ҳамон, эътиборан, боз.**

Пасоянди **қатӣ** аз ҷиҳати пайдоиш бо зарф алоқаманд мебошад. Ба вазифаи ёварӣ калимаи **қатӣ** (кати) маънои луғавиашро қариб пурра нигоҳ медорад. Дар забони адабӣ пасоянди **қатӣ** бо таъсири забони зинда ва шеваҳо ба амал омадааст. Ин пасоянд асосан дар услуби бадеӣ, дар навбати аввал дар нутқи персонажҳо мушоҳида мегардад.

Таркибҳое, ки **қатӣ** бо онҳо меояд, чунин муносибати грамматикиро ифода мекунанд:

а) ҳамроҳӣ, якҷоягӣ: Бале, ман барин ҷавонҳои зебо **қатӣ** ана дар ҳамин хел ҳавоҳо сайр накунанд, дигар дар ҳавои кушод намешавад (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Холаҷон, ду хона, як болохона шабгаҳаш **қатӣ** ва болои суфаро ба меҳмонҳо тахт кардем, мерасида бошад? (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ).

в) восита, тарз ва усули иҷрои амал: Гоҳо як дасташ

қатӣ чашмони хок пуршудаашро молида пок мекард (*А. Деҳотӣ,* Куллиёт). Духтар бахти худашро оби чашмаш **қатӣ** мешӯяд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ).

в) Хати ҳаракати амал: Роҳи лаби сой **қатӣ** меравем (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ин роҳ **қатӣ** рафтан хавфнок аст (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Пасояндҳои **пеш, қабл, муқаддам** барои ифодаи муносибати замонӣ хизмат мекунанд. Онҳо вақти муайян ё давраи алоҳидаи замони гузаштаро, ки амал ё ҳодисае дар он рӯй додааст, нишон медиҳанд. **Панҷ сол қабл** барои шаҳидони ҷанг, ки аз ҳамин деҳа ба фронт рафтаанд, ҳайкали ёдгорӣ сохтаанд (*Ф. Муҳаммадиев,* Хиёбони Нодир). **Якчанд сол муқаддам** ба ман тамошои он муяссар шуда буд (*А. Шукӯҳӣ,* Чанд варақа аз дафтари хотира).

Пасояндҳои **баъд** ва **пас** низ дар ифодаи муносибати замонӣ истифода мешаванд: таркибҳои онҳо замонеро мефаҳмонанд, ки пас аз воқеъ гардидани он амале, воқеае зуҳур мекунад: Омадан **пас** чӣ кор кардед? (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Бешкент як-ду сол **пас** қариб сӣ ҳазор тонна пахта медиҳад (*А. Сайфуллоев,* Хешовандон). Як қатор пасояндҳое, ки аз ҳисоби калимаҳои мустақил ба вазифаи калимаҳои ёридиҳанда истеъмол мешаванд, муносибати замониро ифода мекунанд: **замон** (замоно), **ҳамон, инҷониб, интараф.** Масалан, муносибати пайдарҳамии якчанд амал: Вай **ба хона даромадан замон** модаркалонам аз Наима гап сар кард. ...мураббиро **дидан замон** сӯҳбатро қатъ карда ба хоб рафтанд (*газ. Комсомоли Тоҷикистон*).

Пасоянди **боз** дар забони адабии тоҷик серистеъмол буда, давомияти амалро дар давраи муайян ифода мекунад: ...агар аз даҳсолагӣ гирем, **панҷоҳ сол боз** меҳнат мекунам (*Р. Ҷалил,* Маъвои дил).

Пасояндҳои **интараф, инҷониб** ба забони адабӣ аз гуфтугӯ дохил шудаанд ва одатан давомияти амале ва ё вазъиятеро, ки пас аз ягон амале ва ё воқеае рӯй медиҳад, ифода мекунанд: Мо ҳам як чиз пурсидан**ӣ** омадем, лекин **аз саҳар инҷониб** ба навбат нишастаем (*Ф. Муҳаммадиев,* Мактуби беимзо).

2. **Пасояндҳои феълӣ.** Ҳодисаи ба забони адабии ҳозираи тоҷик дохил шудани шаклҳои феълӣ ба вазифаи пасоянд нав буда, ҳоло давом дорад. Ба гурӯҳи пасояндҳои феълие, ки ҳамроҳи пешояндҳои аслӣ маънои релятивии ба худ хос гирифтаанд, пасояндҳои зеринро дохил кардан мумкин аст:

— **дида: аз... дида.** Ин пасоянд муносибати қиёсиро ифода намуда, аз маънои асосии луғавии худ қариб маҳрум шудааст: Имрӯзҳо, дар айни колхозсозии мо, **аз Тӯрабек дида,** Муҳаммадҷон хавфноктар шуда монд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ);

— **шуда: барои ...шуда.** Ин пасоянд муносибати сабабро нишон дода, ҳамроҳи пешоянди **барои** нигаронидани амал

ва ё предметеро ба хотири касе ё чизе ифода мекунад: **барои Шумо шуда**, ман ин чо омадам;

— **сар карда**: аз... **сар карда**. Ин пасоянд ибтидои амалеро дар фазо ва замон ифода мекунад: **...аз солҳои чавониам сар карда** ... (*Р. Ҷалил*, Шуроб).

ПАЙВАНДАКҲО

Пайвандакҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои чумлаи содда ва ё чумлаҳоро ба якдигар мепайванданд.

Дар морфология оид ба сохт ва хели пайвандакҳо маълумоти умумӣ дода мешавад. Ба тафсил омӯхтани маъноҳои гуногун ва мавқеи кор фармуда шудани пайвандакҳо вазифаи синтаксис аст.

Пайвандакҳои соддаи якҳиҷогӣ зада надоранд. Дар пайвандакҳои соддаи дуҳиҷогӣ зада, одатан, ба ҳиҷои аввал меояд: аммо, зеро, лекин.

Пайвандакҳо нисбат ба ҳиссаҳои мустақили нутқ дертар пайдо шуда, бештар аз калимаҳои мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд. Бо инкишофи забон доираи кор фармуда шудани пайвандакҳо ҳам тадриҷан вусъат ёфта, муносибатҳои байни калимаҳои мустақилмаъно ва чумлаҳоро ифода мекунанд.

Ҳиссаҳои мустақили нутқ аъзои чумла ва ё баъзан чумлаи алоҳида шуда метавонанд. Пайвандакҳо бошанд, танҳо барои пайвастани калимаҳои мустақил ва ё пайвасту тобеъ намудани чумлаҳо хизмат мекунанд.

Пайвандакҳо: а) калимаҳои чидаро, б) дар чумлаи мураккаби пайваст чумлаҳои соддаро, в) дар чумлаи мураккаби тобеъ чумлаи пайравро ба сарчумла ва г) чумлаҳои пайрави чидаро бо якдигар мепайванданд.

СОХТИ ПАЙВАНДАКҲО

а) Пайвандакҳои содда: **ва, ҳам, ё, ки, чун, то, аммо, лекин, вале, зеро, агар** ва ғ.

Пайвандаки **-у (-ю, -ву)** бо калимаи пеш омадагӣ ҳамеша якҷоя навишта мешавад.

б) Пайвандакҳои мураккаб: **чунки, азбаски, агарчи (гарчи), вагарна, набошад** ва ғ.

Мисолҳо:

Мӯзадӯз сари худро хам карда он ҳамларо рад намуд, **вагарна** албатта сараш мекафид (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Инҳо барои ошу нони туро хӯрдан ғун мешаванд, **вагарна** ба хонаи ман чаро намераванд, **чунки** дар он чо ошу нони барзиёд нест (*С. Айнӣ*, Куллиёт). **Агарчи** ин таъбир ҳам дар асл луғати дуруст аст, аммо дар урфи Бухоро ва Шарқи он ун-

вони расмӣ аст (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Азбаски** ӯро дӯст медоштам, ҳукман мурданашро намехостам (*Ҷ. Икромӣ,* Ҳикоя ва очеркҳо). **Азбаски** ишораҳои дасташ садо надоштанд, баъзан дилаш тангӣ карда, дар мавриди фаҳмондани аломати нуқта ба пояш полро «тӯққи» зада ҳам мемонд (*А. Деҳотӣ,* Асарҳои мунтахаб). **Азбаски** дина аз сайри шаҳр бевақт омада будем, дар ресторани меҳмонхона ба ҷуз мо каси дигар набуд (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дунъё). Давидани Ноиб аз давидани сангпушт ҳеҷ фарқ надошт, **чунки** ӯ ҳам монанди Қорӣ-ишкамба шикамкалон ва фарбеҳ буда, гӯшти зери зақан ва пушти сари ӯ дамида баромада, гарданашро бо шикам ва тахтапушташ ҳамрӯй карда буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Арбоб Рӯзӣ бо қувваи ҳукумати маҳаллӣ ё бо сӯиқасд ҳам Қорӣ-ишкамбаро аз саҳро дур кардан наметавонист, **чунки** ноиби қозикалон дӯсти наздики Қорӣ буд (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

в) Пайвандакҳои таркибӣ: **ё ки, ё ин ки, модом ки, то ки, то ин ки, барои он ки, вақте ки** (вақто ки), **баъд аз он ки, баъди он ки, ҳамин ки, ҳар вақт ки, ҳангоме ки, пеш аз он ки, пас аз он ки, аз бозе ки, ҳоло ки, акнун ки, агарчанде ки, гарчанде ки, зеро ки, ба сабаби он ки, ба ҷои он ки, ба қадре ки, ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки, монанди он ки, мисли он ки, чунон ки, ҳол он ки** ва ғ.

Пайвандакҳои таркибӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ташкил ёфтаанд. Чунончи, пайвандаки **то ки** аз пайвандакҳои **то** ва **ки** сохта шудааст:

Шукурбек дар он ҷо ба ду кӯча ду санг ғурронд, **то ки** одамони раванда ва оянда кӯчаро холӣ кунанд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ман рупияҳоро ҷудо карда ба раис додам, **то ки** ба банки давлатӣ супорад (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

То ин ки... Инро бо оҳистагӣ ва ҳушьёрӣ кардан даркор, **то ин ки** касе пай набарад (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Дар рӯзи сеюми сар шудани ҷанг ба корхонаи худам баргашта омадам, ба сари машинаи чокдӯзӣ нишаста, ба чашм айнак гузоштам, **то ин ки** ба Ватанамон, каме бошад ҳам, фоидаи ман расад (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Онҳоро ёфтан, ба ҷанобашон тақдим кардан даркор буд, **то ин ки** фош кунанд (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Барои он ки, барои ин ки аз пешоянди **барои,** ҷонишини **он ё ин** ва пайвандаки **ки** ташкил ёфтаанд:

Онҳо, **барои он ки** дили пиразанро ёбанд, як ҷанговар ҷорӯбро аз дасти Фазилат-хола гирифта, ба рӯфтурӯб ёрмандӣ карданӣ шуд (*Ф. Ниёзӣ,* Ҳикояҳо). Дар он ҷо аҳволам бад буд, **барои он ки** бисьёрии хизмат хусусан хизматҳои вазнин аз фурсат ва тоқати ман зиёд буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Барои он ки** сарсухан, дурусттараш сафсаттаи Мулло хотири хонандагонро наранҷонад, шаф-шафҳои ӯро як сӯ таҳ карда монда, рост ба болои шафтолу меоем (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Дар ҳолате ки аз пешоянди **дар**, исми **ҳолат** ва пайвандаки **ки**:

Лоҳутӣ, **дар ҳолате ки** дар чашмонаш ашки шодӣ чарх мезад, кӯдакро ба даст гирифта бӯсид (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Чинифурӯш **дар ҳолате ки** табассум мекард, як пиёла чой кашида ба пеши Қорӣ-ишкамба гузошт (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Ногоҳ як хизматгори меҳмонхона бо шаст ворид шуда, **дар ҳолате ки** аз воҳимаю изтироб қариб нафасаш мегашт, пурсид (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). Вай **дар ҳолате ки** аз дидори дӯстон ашки шодӣ дар чашмонаш чарх мезад, ин мисраъҳоро ба забон меронд (*С. Улуғзода,* Қисмати шоир). Тақсирҷон, гапатон рост баромад! — гуфт, **дар ҳолате ки** ҳалмаш пухта, нафасаш қариб буд гардад (*А. Деҳотӣ,* Асарҳои мунтахаб). Ӯ, **дар ҳолате ки** мехобид, ба болои эҷодиёти худ фикр мекард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Кулоли пир бародарзодаашро дар беруни дар пешвоз гирифта, **дар ҳолате ки** аз чашмонаш ашки шодӣ мешорид, вайро ба боғал кашид (*С. Улуғзода,* Қисмати шоир).

Бе он ки, бе ин ки аз пешоянди **бе**, ҷонишини **он//ин** ва пайвандаки **ки**: Ғуломҳайдар, **бе он ки** гап занад, ғалбери пури ҷавро бардошта ба Назарбой нигоҳ кард (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Агар хато накунам, Сафозода Шумоед? — гуфт ӯ бе ҳеҷ такаллуф **ва бе он ки** қалбан саломуалек кунад (*Ф. Муҳаммадиев,* Одамони кӯҳна). Зебо, **бе он ки** чашмашро кушода тавонад, дастони худро ёзонда ҳозир гӯён ба вай хушомад мегуфт (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ба модарам дилбаста ва меҳрубон буд, дар кору бори хона худаш, **бе он ки** модарам гӯяд, ба ӯ ёрӣ медод (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дарбон бачагонро, **бе он ки** худаш дарояд, ба ҳузури амир даровард (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Пайвандакҳои таркибии **ба дараҷае ки, ба тарзе ки, ба андозае ки** аз пешоянди **ба**, исмҳои **дараҷа, тарз, андоза** ва пайвандаки **ки** ташкил ёфтаанд:

Шунидани саргузашти Шариф ба Одина хеле таъсир гузошта буд, **ба андозае ки** қариб буд, фоҷеаҳои худро аз хотираш бароварда (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Бояд душманонро **ба андозае ки** дигар сар бардошта натавонанд, мезаданд ва маҳв мекарданд (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Баъд аз ба ҳуш омадан ба рӯйканӣ ва мӯйканӣ оғоз кард, **ба андозае ки** мӯи сафедаш аз хуни рухсораш лолагун гардид (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Инчунин ҷадидҳоро ҳам танҳо аз забони уламо ва амалдорони онвақта, **ба тарзе ки** онҳо ҳамон вақтҳо ҳамон тарз дастур медоданд, тасвир намуда, тафсили моҳияти синфи ҷадидизм ва ҷадидҳоро ба романҳои «Дохунда» ва «Ғуломон»-и худ ҳавола намудам (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Миршаб ба тарафи дарвозаи арк нигоҳ карда, **ба дараҷае ки** қариб буд сараш ба замин бирасад, хам шуда се-чор бор таъзим кард (*С. Айнӣ,* Куллиёт).

Пайвандаки таркибии **вақте ки, дар вақте ки.**

Пайвандаки **якум** аз исми **вақт** ва пайвандаки **ки,** пайвандаки **дуюм** аз пешоянди **дар,** исми **вақт** ва пайвандаки **ки** сохта шудааст:

Вақте ки резаворфурӯш хӯрҷинро ба китфаш партофта ба бозор равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Вақте ки** мо аз деҳа баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Дар вақте ки** ман мехоҳам акнун ба сари худ кор карда, ба сари худ зиндагонӣ кунам, шумоён ҳамин чор таноб заминро ҳам аз дасти ман гирифтанӣ шавед, ман розӣ шуда наметавонам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Вақте ки** як пайт бозӣ тамом шуд, доира ва сурудхонӣ хомӯш гашт (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). **Вақте ки** маҷлис сар шуд, офтоб рост ба болои сар омада буд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). **Вақте ки** ба хона баргаштам, ҳамсафаронам машғули ношто буданд (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё).

Пайвандакҳои **пас аз он ки, пеш аз он ки, баъд аз он ки** аз зарфҳои **пас, пеш, баъд,** пешоянди **аз,** ҷонишини **он** ва пайвандаки **ки** таркиб ёфтаанд:

Пас аз он ки Сӯфӣ ҳам расида омада дилтангона овоз баровард, аз дарун Фирӯза лаббай гуфта баромад ва дарвозаро кушод (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). **Пас аз он ки** пурсиши пирамард ба поён расид, сардор ҳам аз пирамард ба тадбири дар боло навишташуда аҳволпурсӣ карда ҷавоб гирифт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). **Пас аз он ки** дар меҳмонхона ҷо гирифтем, барои чойнӯшӣ ба чойхона — ошхонаи тобистонаи шаҳр рафта даромадем (*Ҷ. Икромӣ,* Ҳикоя ва очеркҳо). Ҷонишин **пеш аз он ки** ба ӯ ҷавоб диҳад, ба Нуралӣ мулоимона, аммо ба оҳанги танбеҳ гуфт (*С. Улуғзода,* Диёри Навобод). Шукур **баъд аз он ки** чанд рӯз давида аз амлокдор духтари худро гирифта натавонистааст, ба ӯ сахттар муомила карда, бошиддаттар духтарро талаб кардааст (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Баъд аз он ки** ман ба ӯ даҳ сол хизмат карда «Шашмақом»-ро об карда хӯрдам, ба меҳмониҳо маро ҳамроҳи худаш мебурдагӣ шуд (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Асп, **баъд аз он ки** ду пои пешаш ба хушкӣ банд шуд, бо як ҷавлони дигар худро аз заҳкан баровард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). **Баъди он ки** маро аз кунҷи сартарошхона пайдо кард, ба ростқавлии ӯ дигар шубҳа надорам (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). **Баъди он ки** гулӯи беморро ба пахтаи спиртолуд баста берун баромадам, ҳамшаҳриаш қиссаи оилаи ӯро гуфта дод (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё).

Ҳамин ки... Ин пайвандак аз ҷонишини **ҳамин** ва пайвандаки **ки** ташкил ёфтааст:

Ҳамин ки большевикҳо ба шаҳр даромаданд, ман туро меёбам ва ба ҳавлии худамон бармегардем (*Ҷ. Икромӣ,* Тори анкабут). **Ҳамин ки** машкоб ба по меистодагӣ шавад, зуд

ба пеши ман биёяд (*Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). **Ҳамин ки** ба роҳи калони аэропорт шоссеи бандари баҳрии ҷадда ҳамроҳ шуд, ҳаракати сайёраҳо афзуд (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). **Ҳамин ки** асо ба он ҷо зада оварда шуд, Ойҷон нӯги онро бӯида, якбора бо валвала ҳавлиро ба сараш бардошт (*А. Деҳотӣ,* Асарҳои мунтахаб).

Ҳангоме ки аз исми **ҳангом** ва пайвандаки **ки** сохта шудааст: **Ҳангоме ки** Малик онҳоро бо ҳаракати даст ақиб мепартофт, чашмони хиҷолатманди ӯ ба назар меафтоданд (*Толис*). **Ҳангоме ки** шӯълаи офтоби субҳ ба рӯи баргҳои чинор афтод, аз тарафи шарқ, аз роҳи калон машинаи боркаше ба қишлоқ даромада, дар рӯ ба рӯи бинои мактаб омада истод (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Одами нағз будааст,— гуфт Исрофил баъд, **ҳангоме ки** ба назди ҳамсафаронамон бармегаштем (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). **Ҳангоме ки** дар аэропорт будем, мӯйсафеде пурсид, ки кай ба манзил мерасем (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). **Ҳангоме ки** ҳар ду аз ҳавлӣ баромада, ба сӯи идораи ЗАГС равона мешуданд, командир Бобиро ҷеғ зад (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). **Ҳангоме ки** мо хатхониро тамом карда, ба берун баромадем, аксарияти калтакдорони сурх пиёда ва савора ғун шуда буданд (*Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Пайвандаки **ва ҳол он ки.** Ин пайвандак аз пайвандаки **ва,** исми **ҳол,** ҷонишини **он** ва пайвандаки **ки** таркиб ёфтааст:

Шумо ин касро «Одами бисьёр калон ва олими гузаро» гуфтед **ва ҳол он ки** қади ин кас он қадар баланд не ва саллаашон ҳам аз саллаи имоми мо хурд аст-ку? (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Хусусан аз ман, ки либосҳои саҳроии дар зери хизмат чиркин шуда ва дарида доштам, ҳеҷ нафрат намекард. **Ва ҳол он ки** ӯ дар зиндагӣ ва хусусан дар таомхӯрӣ ва нигоҳ доштани чизҳои хӯрданӣ бисьёр озода буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ман ин харро беҳтарини харҳо гумон карда, ба як тангаю ҳашт пул то Вобканд киро кардам. **Ва ҳол он ки** кирои харҳои дигар аз шаҳр то Вобканд як танга буд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Пайвандакҳои **бо вуҷуди он ки** ва **гарчанде ки.** Пайвандакҳои **бо вуҷуди он ки, гарчанде ки** чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар китобӣ ба кор бурда мешаванд. Пайвандаки **бо вуҷуди он ки** аз пешоянди **бо,** исми **вуҷуд,** ҷонишини **он** ва пайвандаки **ки;** пайвандаки **гарчанде ки** аз пайвандаки **гар,** зарфи **чанд** ва пайвандаки **ки** таркиб ёфтаанд:

Ӯ ҳам, **бо вуҷуди ин ки** ҳозир аз мактабдор он ҳама чӯб хӯрда буд, ба ҳеҷ тарсу бим ба пеши ин золим омад (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Рафиқ командир, **агарчанде ки** шумо бо нишони сурх мукофотбахш гардидани маро лоиқ донед ҳам, аммо ман розӣ нестам, зеро ки ман вазифаамро адо кардам (*Ҳ. Карим,* Оқшуда). Шамоли шӯришҳои мардуми мазлум

дар Шӯроб ҳам, **агарчанде ки** сахт набуд, мевазид (*Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Пайвандакҳои такрор ва ё ҷуфт барои пайвастани калимаҳо ва ҷумлаҳо ба кор бурда мешаванд:

Пайвандаки ё... ё: Дар ин бозӣ ӯ ё мебурд, ё бой медод (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Вай ё досу каландашро суҳон мезад, ё арғамчин тоб медод, ё ҷуволи даридаашро медӯхт (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ё дар шумор хато кардаанд, ё будану набудани камина дар назари уламо якранг аст (*Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё).

Пайвандакҳои ё... ё **ки**, ё **ин ки**: Ё хаёл мекунад, ки каналсозӣ кори бозӣ аст, ё **ки** онро бо даҳан сохтан мумкин аст? (*С. Улуғзода,* Диёри Навобод). Ё зудтар вексель диҳед, ё **ин ки** пуламро гардонда диҳед (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Ё бачагонро саришта кун, ё **ин ки** бозиҳоятонро ба падарам мегӯям (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Қадом писар ва ё кадом духтар ба падараш гуфтааст, ки ба ман зан гир, ё **ки** маро ба шавҳар деҳ? (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Магас ё тори маҳини анкабутро намебинад, ё **ки** назараш намегираду парида мегузарам гуфта якбора банд шуда мемонад (*Ҷ. Икромӣ,* Тори анкабут).

Ҳаминро низ қайд кардан лозим аст, ки дар натиҷаи инкишофи сохти синтаксисии забони адабии ҳозираи тоҷик пайвандакҳои таркибии монанди **ба дараҷае ки, ба андозае ки, ба тавре ки, ба сабаби он ки** ва ғ. нисбатан дертар ба вуҷуд омадаанд ва аз ҳисоби ҳиссаҳои гуногуни нутқ зиёд шуда истодаанд.

ХЕЛИ ПАЙВАНДАКҲО

Пайвандакҳо мувофиқи маъно ва вазифаашон ба пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда ҷудо мешаванд.

Пайвандакҳои пайвасткунанда (**ва, -у, ҳам, низ, вале, аммо, лекин,** ё ва ғайра) муносибати баробарҳуқуқии аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳоро ифода мекунанд.

Пайвандакҳои тобеъкунанда (**ки, чунки, вақте ки, зеро, барои он ки** ва ғайра) ҷумлаи пайравро ба сарҷумла мепайванданд.

Пайвандакҳои пайвасткунанда

Пайвандакҳои пайвасткунанда ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Пайвандакҳои паиҳам. 2. Пайвандакҳои хилофӣ. 3. Пайвандакҳои ҷудоӣ.

1. **Пайвандакҳои паиҳам** (ва, -у, ҳам... ҳам, чи... чи...). Ин пайвандакҳо танҳо барои ифодаи муносибати байни калимаҳо ва ҷумлаҳои паи ҳам омадагӣ хизмат мекунанд:

Ҷӯра **ва** Пӯлод аз мактаб омаданд (*Р. Ҷалил*). Падару писар аз дар даромаданд (*Р. Ҷалил,* Маъвои дил). Ҷавон буд, солим буд, каланд **ҳам** мезад, пахта **ҳам** мечид (*С. Улуғзода,* Навобод). Ҳеҷ набошад, маънии ҳамин суханони сарбастаро ба ман кушода деҳ! Дар он вақт **ҳам** туро мебахшам, **ҳам** ӯро (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Аслан одами нармдил ва хушфеъл бошад ҳам, лекин ба андак гап ҷаҳлаш хеста, ба одам дармеафтод (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳамесозем хизмат содиқона — **Чи** дар лафзу **чи** дар фикру **чи** дар кор (*А. Шукӯҳӣ,* Чашмасор). Мо ҷумла чу кӯҳем **чи** дар зӯр, **чи** дар сур — Истода бубинем ба тамкин раҳи дур (*М. Раҳимӣ,* Роҳи равшан).

2. **Пайвандакҳои хилофӣ** (аммо, вале, лекин, балки). Ин пайвандакҳо барои алоқа ва ифодаи муносибати хилофии калимаҳо ва ҷумлаҳо хизмат мекунанд:

Дар роҳ шитоб кардан даркор буд, **аммо** аспи ман ҳеҷ шитоб намекард (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Саодатбибӣ ҳоло пир набуд, **лекин** ӯ дар солҳои охир худро бедармон ҳис мекард (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ҷавон ду чашми худро аз дар наканда меомад, **вале** аз об баромада ба тарафи дигар рафтанӣ аст, хотири вайро парешон кард (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ҳазор-ҳазор муҳоҷирони **навро** ба Вахш на аробаҳои чорчарха, **балки** машинаҳо, поездҳо ва киштиҳо мекашонданд (*С. Улуғзода,* Навобод). Нуралӣ боз чизе гуфтанӣ шуд, **аммо** Боровиков ба ишораи даст ӯро нигоҳ дошт (*С. Улуғзода,* Навобод). Дар ҳамин вақт асп аз дастам ҷудо шуд, **лекин** дастам сӯзиш мекард (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Ӯ не, **балки** ман гунаҳкорам (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷавид).

Пайвандаки **-у** гоҳо ба вазифаи пайвандаки хилофӣ низ омада метавонад: Дер ояду шер ояд (*Зарбулмасал*). Ман омадаму вай наёмад.

3. **Пайвандакҳои ҷудоӣ** (ё, ё... ё, ё... ё ин ки). Ин пайвандакҳо калимаҳо ва ҷумлаҳоеро ба ҳам алоқаманд мекунанд, ки танҳо яке аз фактҳо ва ҳодисаҳои дар калима ва ҷумлаҳо зикр шудагӣ имконпазир аст ва ё онҳо якдигарро иваз мекунанд:

Агар пуле ба даст орад, камтар орди ҷуворимакка **ё** ҷав, лаблабу **ё** сабзӣ, гоҳо ду-сета нони **ҷав харида меомад** (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳамроҳрафиқ ба ин саволҳо ҷавоб надод **ё** ҷавобе надошт, **ё** ҷавоб дошта бошад ҳам, баъд аз паст шудани оташиниаш дар ҷавоб додан ҷасорат накард (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Пайвандакҳои тобеъкунанда

Пайвандакҳои тобеъкунанда ду ҷумларо (ҷумлаи пайравро ба сарҷумла) мепайванданд.

Пайвандакҳои тобеъкунанда одатан бо ҷумлаҳои пайрав

меоянд. Гоҳо яке аз ҷузъҳои пайвандаки таркибӣ бо сарҷумла ва ҷузъи дигари он бо ҷумлаи пайрав омада метавонад (Ман барои он омадам, ки бо шароити кор ошно шавам). Вале чунин пайвандакҳо бо ҳамаи ҷузъҳои худ дар таркиби ҷумлаи пайрав низ омадан мегиранд: Ман омадам, барои он ки бо шароити кор ошно шавам.

Пайвандакҳои тобеъкунанда ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) пайвандакҳои сабаб, 2) пайвандакҳои мақсад, 3) пайвандакҳои замон, 4) пайвандакҳои тарзи амал, 5) пайвандакҳои монандӣ, 6) пайвандакҳои шартӣ, 7) пайвандакҳои хилофӣ, 8) пайвандакҳои дараҷаю миқдор.

Пайвандакҳои сабаб: ки, зеро, зеро ки, чунки, азбаски, модом ки, чаро ки, ба сабаби он ки, аз сабаби он ки ва ғ.

Ҳар яке аз ин пайвандакҳо дар нутқ тобишҳои услубӣ ва хусусиятҳои алоҳида дорад. Пайвандакҳои **ки, чунки, азбаски, аз сабаби он ки** чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар нутқи китобӣ кор фармуда мешаванд. Пайвандакҳои **чаро ки, зеро, зеро ки** бештар ба нутқи китоб хос мебошанд:

Ҳаваси Боровиков бештар ба шикори моҳӣ буд, на ба худи моҳӣ, чунки вай моҳиёни бешасташ одадаро дар худи ҳамон ҷо ба бачагони колхозӣ тақсим карда медод (*С. Улуғзода,* Навобод). Ман ба рӯи суфачаи дигар нишаста, бо қандфуруши мазкур сӯҳбат мекардам, чунки вай як одами бисьёр аҷиб буда, суханҳояш бағоят завқовар буданд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Азбаски дар байни шарикон хушовозон бисьёр буданд ва онҳо бо навбат мувофиқи нағмае, ки Раҳими Қанд менавохт, ғазалхонӣ мекарданд, онҳо он қадар монда намешуданд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Вай бефоида будани ин кор, ба тадбири он оҷиз будани худро ҳис кард, зеро ки дар саҳни завод кор торафт зиёдтар ва адади коргарон афзунтар мегардид (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Одина дар ин гумони худ ҳақ дошт, зеро он ҳама намоишҳо, шодиёнаҳо, пойкӯбиҳо ва кафзаниҳо, ки дар рӯзҳои революцияи февраль аз оммаи мардум сар зада буд, ҳар касро ба ҳамин гумон меандохт (*С. Айнӣ,* Одина). Модом ки ӯ ин гуна одами бадгумон будааст, дигар на рӯи ӯро мебинам ва на аз вай ҳуҷра мепурсам (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Шабе Одина бо модаркалони худ аз ҳар дарак сӯҳбат мекард ва мехост, ки гапро ба болои сафари худ оварад, чаро ки ин матлабро яке якбора ба кушода гуфтан далерӣ наменамуд (*С. Айнӣ,* Одина).

Пайвандакҳои ки, то, то ки, то ин ки, барои он ки пайвандакҳои тобеъкунандаи мақсад мебошанд. Аз ин гурӯҳ пайвандакҳо пайвандакҳои **то, то ки, то ин ки** бештар ба нутқи китобӣ хос мебошанд. Пайвандаки **барои он ки** чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар нутқи китобӣ кор фармуда мешавад:

Ӯро оварда ба хизмати ин кас супурдааст, то ки дар кӯчаҳо сарсарӣ гашта нобуд шуда наравад (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Селитраро давлат ба колхозҳо медиҳад, то ин ки ба заминҳои пахтакориашон андозанд (*С. Улуғзода,* Навобод). Деҳқон бо гуфтани ин суханон ба тарафи саисхона рафта худро аз дари он дарун кард, то бинад, ки даруни он чӣ қадар зинат дорад (*С. Айнӣ,* Ғуломон). Юнусбой барои он ки колхозчиёнро аз равғани худӣ ва барзаговони колхозро аз кунҷолаи арзон таъмин кунад, ба фикри ҷувозхонаандозӣ афтод (*С. Улуғзода,* Навобод). Командир разведкачиёнро фиристод, ки мавқеи душманро маълум кунанд.

Пайвандакҳои ки, вақте ки, баъд аз он ки, пеш аз он ки, ҳамин ки, ҳангоме ки, аз бозе ки, чун пайвандакҳои тобеъкунандаи замон мебошанд.

Пайвандакҳои ки, вақте ки, баъд аз он ки, пеш аз он ки, ҳамин ки чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар нутқи китобӣ кор фармуда мешаванд. Пайвандакҳои **ҳамин ки, ҳангоме ки** ва **чун** бештар ба нутқи китобӣ хос мебошанд:

Вақте ки Гулрӯ яктаки дарида ва сердарбеҳи Рустам-амакро ба сараш гирифта гӯсолаи зардалоро аз огил мебароварда, Саодатбибӣ сухани аввалаашро боз як бори дигар такрор кард (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Вақте ки мо аз деҳа баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт (*С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Вақте ки мо ба Галаосиё расидем, офтоб ба фурӯ рафтан наздик шуда буд (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Баъд аз он ки ҳар дуи онҳо дар берун қадре гӯшакӣ карда, бо ҳам паст-паст гап заданд, Қорӣ аз зина фуромада рафт (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Пеш аз он ки ба назди пулемёт равад, вай чор нафар босмачии ба тарафи пулемёт асп давонда омада истодаро зада афтонд (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Чун навбати зӯр кардан ба Маҳмуд расид, Рӯзиро бо ду даст озод ба сараш бардошт (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Чун аз ҷоҳои серодами пеши мадраса гузашта ба тарафи шимол ба ҷои камодами кӯча расидем, ман аз ӯ пурсидам (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Чун он нури равон боз ҳам наздиктар расид, дар ман ҳеҷ шак намонд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ғазалхонӣ ба поён нарасида буд, ки як гурӯҳ ҷавонон даромада омаданд (*С. Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Пайвандакҳои дар ҳолате ки, бе он ки пайвандакҳои тарзи амал буда, ҷумлаҳои пайрави тарзи амалро бо сарҷумлаҳо мепайванданд:

Даллол дубора дасти Абдураҳимбойро гирифт ва **дар ҳолате ки** ӯро сахт мефушурд, гуфт (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Дар болои ҳамаи рег, **дар ҳолате ки** дар дасташ як наи чӯпонӣ буд, Неқадам менишаст ва месуруд (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Кулоли пир бародарзодаашро дар беруни дар пешвоз гирифта, **дар ҳолате ки** аз чашмонаш ашки шодӣ меҷорид, вайро ба бағал кашид (*С. Улуғзода,* Қисмати шоир). Кампир, **дар**

ҳолате ки ба болои пойҳояш кӯрпаи навро монда лаганда мекард, ҷавонро дида ҳайрон шуд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Ӯ сар ҳам карда, **бе он ки** чизе гӯяд ва ба касе нигоҳ кунад, нарм-нарм қадам менеҳод (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ҳомидхоҷа, **бе он ки** овоз барорад, аз дасти ман гирифта ишорат кард (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Алӣ ҳамчунон беҳаракат менишаст, вале рафиқаш, **бе он ки** ба рӯи Аҳрор-амак нигарад, ба аломати тасдиқ сар ҷунбонид (*Ф. Муҳаммадиев*, Одамони кӯҳна). Шоири дарбор мутакаббирона сар ҷунбонда, фақат як дасташро дароз кард, ва он гоҳ Рӯдакӣ ҳам, **бе он ки** таъзиме ба ҷо орад, якдаста вохӯрӣ намуд (*С. Улуғзода*, Қисмати шоир).

Пайвандакҳои монандӣ: **монанди он ки**, **монанди ин ки**, **мисли он ки**, **чунон ки**, **гӯё ки** ҷумлаҳои пайрави монандиро ба сарҷумлаҳо мепайванданд:

Халифа **монанди ин ки** гавак кунад, ба сари оринҷ ва зонуҳояш хобида буд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ӯ бо чашмони ҳаросон ва кунҷковона ба кас менигарад **монанди он ки** оҳу аз теға ба теғаи кӯҳ меҷаҳад, аз як дарахт ба дарахти дигар хез мезанад (*Р. Ҷалил*, Ҳамида).

Ниҳолҳои пахта аз серҳосилӣ ҳатто қомати худро рост дошта натавониста, **мисли он ки** ба парваришкунандагони худ қоил шуда таъзим медода бошанд, ба замин сар ҳам карда меистоданд (*Ф. Ниёзӣ*, Духтари ҳамсоя). Ман ҳар чиро ки аз талабагони дигар мешунидам, **мисли ин ки** исфанҷ обро мекашад, ба худ мекашидам (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Хайринисо, **гӯё ки** дар байнашон ҳеҷ гапе нагузашта бошад, ба вай ҳам дӯстона даст дод (*С. Улуғзода*, Навобод). Вай **гӯё ки** аз будани касе хабар надораду мақсадаш фақат об гирифтан аст, ба лаби дарьё равона мешавад (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Мӯйсафед бо қаҳр рӯяшро аз Дилбар ба сӯи дигар тофт, **гӯё ки** ба ҳамаи ин Дилбар гунаҳкор бошад (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Ман, **чунон ки** бародарам Қоришариф изҳор кард, Мирзо Иброҳим ҳастам (*Ҷ. Икромӣ*, Духтари оташ). Фақат **чунон ки** гоҳо худи шумо шӯхӣ мекунед, ӯ ҳам як шӯхӣ карда монд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ин сатрҳо, **чунон ки** дар худи ҳамин мактуб қайд ёфта буд, аз рӯи гуфти Ҳамдам бо дасти ҳамшираи шафқати қисми санитарии полки гвардиягии артиллерӣ навишта шуда буд (*Ф. Ниёзӣ*, Духтари ҳамсоя).

Пайвандаки агар шартӣ мебошад. Дар назм пайвандаки шартии **агар** дар шакли **гар** ва **ар** низ меояд:

Агар ҳамон ниҳолҳо ҳамин хел кӯрак андозанд, аз як гектар чӣ қадар ҳосил гирифтан мумкин (*С. Улуғзода*, Навобод). Гар ба нафъи ин диёри дилрабо — Лозим ояд, ҷони ширин медиҳем (*А. Шукӯҳӣ*, Чашмасор). Агар ҳозир Гулрӯ дар берун мебуд ва аз болои бом бароҷада ба маҳал-

лаи лаби сой нигоҳ мекард, медид, ки дар он ҷо ҷанги шиддатнок сар шудааст (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ба тарафи дасти чап қадам партофтани асп дар он ҷоҳо осон нест, агар дар миёна баъзе ҷӯйҳо, заҳкашҳо ва кӯлмакҳо бошанд ҳам, зарар надорад (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Пайвандакҳои **бо вуҷуди он ки, агарчи, гарчанде ки** ва **ҳол он ки** пайвандакҳои тобеъкунандаи хилофӣ мебошанд. Пайвандакҳои **бо вуҷуди он ки, агарчи, гарчанде ки** чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар китобӣ ба кор бурда мешаванд. Пайвандаки **ҳол он ки** бештар дар нутқи китобӣ кор фармуда мешавад:

Ман узрҳо гуфта боварии худро ба ҳикояи ӯ исбот карда, шубҳаи ӯро нисбат ба худам тамом аз дилаш баровардам, бо вуҷуди ин ки ӯ чанд гоҳ ин гуна ҳикояҳоро ба ман нақл накард (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Агарчи барфҳои камарҳои кӯҳ аз таъсири офтоби баҳор кайҳо об шуда, ба ҷои барфи сафед, гиёҳҳои кабуд рӯида буданд, қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз кулоҳҳои сафеди худро аз сар бадар накарда буданд (*С. Айнӣ,* Одина). Гарчи дар ном худ ситорай ту — Дар латофат ситорапорай ту (*М. Турсунзода*). Нуралӣ ба осиёву обҷувозсозӣ муқобил баромаданро лозим намедонист, гарчанде ки ин сохтмонро зарур ҳисоб намекард (*С. Улуғзода,* Навобод). Қорӣ-ишкамба ба хонааш рафта, бо кӯфтагии рӯҳӣ зуд дар ҷойхобаш ёзид... ва ҳар чанде ки орзу кунад ҳам, рӯи осудагиашро намедид (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Бими он буд, ки ошноии худро аз ман бурида, дигар бо ман ин гуна ҳикояҳоро нақл накунад, ҳол он ки шунидани ин гуна ҳикояҳои ӯ ба ман бисьёр завқ дорад (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Банк мувофиқи дороии онҳо пул додааст, дигар барзиёд қарз намедиҳад, ҳол он ки дар мавсимҳои хариди пӯсти қарокӯлӣ аз пахта барин мол тиҷорати қиматбаҳо қарзи банк ба онҳо кифоя намекунад (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Пайвандакҳои миқдору дараҷа ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷаро ба сарҷумлаҳо мепайванданд. Пайвандакҳои миқдору дараҷа аз инҳо иборатанд: **ба андозае ки, ба қадре ки, ба дараҷае ки, ба тарзе ки, ба ҳадде ки, ба тавре ки** ва ғ.

Мисолҳо:

Одина аз воқеаи Арбоб ва мулло-Хокироҳ ба зиддияти синфҳо пай намебурд, лекин сесола хизмати завод ва ташкилоти коргарон, ки дар он ҷо буд, фикри ӯро, **ба андозае ки** аз саргузашти худ ибрат гирифта тавонад, яла карда буд (*С. Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Лиза аз таҳи дил шодӣ мекард, бо ҳаяҷон, бо овози баланд гап мезад, **ба тавре ки** диққати мусофирони дигарро ҷалб менамуд (*С. Улуғзода,* Ёрони боҳиммат). Дар ҷавоб маъшуқаи хаёлии худро **ба тарзе ки** дар хаёлаш сурат баста буд, тасвир мекард (*С. Айнӣ,* Куллиёт). Ҳамеша риши худро канда мегашт, **ба ҳадде ки** ҳеҷ гоҳ нӯгҳои ангуштони дасти ӯ аз торҳои ришаш дур на-

мешуданд (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Ман танҳо монам, бисьёр дилтанг мешавам, **ба ҳадде ки** коре ва фикре карда наметавонам (*С. Айнӣ*, Куллиёт). Миршаб ба тарафи дарвозаи арк нигоҳ карда, ба **дарачае ки** ҷариб буд, сараш ба замин бирасад, хам шуда, се-чор бор таъзим кард (*С. Айнӣ*, Куллиёт).

Пайвандаки **ки** пайвандаки тобеъкунандаи натиҷа мебошад: Колхози мо имсол бисьёр ҳосили баланд гирифт, **ки** дар анборҳо ҷои холие намонд.

ҲИССАЧАҲО

Калимаҳои ёридиҳанда, ки ба фикри гуфташуда муносибати субъективии гӯяндаро мефаҳмонанд, ҳиссача номида мешаванд.

Ҳиссачаҳо барои таъкиду ифодаи тобишҳои гуногуни маъноии калима, ибора ва ҷумла хизмат мекунанд. Онҳо маъноӣ луғавӣ надоранд, вале ҳамчун воситаи лексикии ифодаи муносибатҳои субъективӣ бо ҳамроҳии воситаҳои грамматикӣ ва интонация кор фармуда мешаванд.

Ҳиссачаҳо аъзои мустақили ҷумла шуда наметавонанд. Онҳо фақат ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда ба ҷумла ва қисмҳои алоҳидаи он тобишҳои гуногуни модалӣ-маъноӣ дода, барои пурқувват шудани таъсири нутқ ёрӣ мерасонанд. Маъноҳои модалӣ ва тобишҳои гуногуни маъноие, ки ҳар як ҳиссача ифода менамояд, асосан дар матн ифода мегардад ва бо он зич алоқаманд мебошад. Ҳиссачаҳо дар нутқ, дар диалог ба вазифаи ҷумла омада метавонанд, ки дар ин ҳол низ маъноии онҳо бо матн, бо гуфтаҳои пеш зикршуда зич вобаста буда, бе он номафҳум мебошанд.

Масалан: Инженери об шудӣ? — **Бале** (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Ҳама коратро тахт карда мондӣ-мӣ? — **Ҳа.** (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Агар шумо ҳақиқатан ба ин кӯҳ баромаданӣ бошед, ман ёри шумо.— **Наход?** Шарифҷон бо ҳаяҷони хурсандӣ ба ӯ чашм дӯхт (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Ту худат хӯрок хӯрдӣ? — **Не.** (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати ба калима, ибора ва ё ҷумла алоқаманд шуда омаданашон ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

Ҳиссачаҳои **ана, мана, ҳу (хӯ, ҳо), фақат, ҳатто, ҳам, боз,** ҳиссачаҳои саволии **-чӣ, -мӣ** ва ҳиссачаи инкории **не** дар нутқ ба калима ва ба ибораву ҷумла алоқаманд шуда омада метавонанд.

Масалан: **Ана**, ин ниҳолҳоро албатта сел хобондааст (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Ана**, ҳоло ҳафт-ҳашт рӯз аст, ки дар хонаи Шарофатхола ҳам печ дармегирад (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Чи хеле ки мебинем, дар ҷумлаи якум ҳиссачаи **ана** фақат ба калимаи **ин**, ки вай ба калимаи **ниҳолҳо** ишора мекунад, вобаста шуда омадааст. Дар ҷумлаи дуюм бошад, ҳиссачаи **ана** ба тамоми фикри гуфташуда (ба ҷумла), яъне ҳафт-ҳашт рӯз боз дар хонаи Шарофатхола ҳам даргирифтани печь алоқаманд шуда омадааст. Мисолҳои зерин ба ҳамин гурӯҳ медароянд: Аз ҳама ҳам душвортараш **мана** ин аст (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). **Мана**, худат ба чашмат дидӣ (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо). **Ҳо** ана дар байни он хона душман се тӯп мондааст (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). **Ҳу**, дар ёд дорӣ, мо ба хонаи онҳо рафта будем, ман рақс кардам, хондам, вай чӣ қадар таъриф кард (*Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). **Фақат**, ту каллаварам бо ақли норасои занонаи худат фикр карда метавонӣ, ки ҳабс шудани Анвар ва бозъёфти худododи мо бо ҳам алоқае надоранд (*Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Рашидов бошад, тамом ором ва осуда менишаст, **ҳатто** дар лабони вай андак табассум менамуд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Ҳиссачаҳои **магар, наход, оё, на ин ки, мабодо, рафту, кошки, гӯё ки, илоҳӣ, канӣ, биё, мон, бигзор** ва монанди инҳо бошанд, фақат ба ҷумла алоқаманд шуда меоянд: **Магар** ҳанӯз дилатон хунук нашудааст? (*С. Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). **Наход** шӯи Моҳрӯ — Одина ҳамин хел бачаи бад бошад-а, Майрамбибӣ? (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Хӯш, исто, ки **оё** ба хизмати аскарӣ рафтанатро ҳама медонад? (*Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Ҳа, Аминҷон, имрӯз ба ту чӣ шуд? **Мабодо** нотоб-ку нестӣ? (*П. Толис,* Ҳикояҳо). Ба ҳар ҳол ба пешвозгирии Шодӣ тайёрӣ дидан лозим. **Рафту** бо ҳамроҳии Рашидов омада монад, кор боз ҳам бисьёртар мешавад (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). **Кошкӣ** хоб кунӣ! — гуфт модараш ба ӯ (*Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Дар ин кӯча Шодӣ якчанд иморати навро дид, ки пеш аз ба фронт рафтанаш **гӯё ки** набуданд (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Илоҳӣ ҳамаатон мударрис шавед, муфтӣ шавед, раис шавед, қозӣ ва қозикалон шавед (*С. Айнӣ,* Марги судхӯр). **Канӣ**, бародарон, биёед, аз баҳри гӯр кардани устухони хоҷаи харон мегузарему ҷӯйканиро сар мекунем, об беҳуда исроф нашавад (*Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). ...як-ду рӯз пеш дуппа-дуруст будку. Хайр, одамӣ-дия, мешавад. Набошад, **биё**, ман ҳам рафта пурсида биёям (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

СОХТИ ҲИССАЧАҲО

Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохт содда, сохта ва таркибӣ мешаванд.

Ҳиссачаҳои **содда** аз як калима иборат мебошанд: **ана, мана, ҳа, канӣ, фақат, танҳо.**

Ҳиссачаҳои **сохта** ба калима бо ҳамроҳ кардани суффиксу префиксҳо сохта мешаванд: **мабодо, рафту, бигзор** ва ғайра.

Ҳиссачаҳои **таркибӣ** аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб меёбанд: **гӯё ки, на ин ки, ҳо ана** ва ғайра.

Аз ҷиҳати таърих ҳиссачаҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: ҳиссачаҳои аслӣ ва ғайриаслӣ.

Ҳиссачаҳои аслӣ ҳамон калимаҳое мебошанд, ки аслан ҳамчун ҳиссача вуҷуд доштанд: **ҳу, ҳа, -ку, канӣ** ва ғайра.

Ба гурӯҳи дуюм ҳиссачаҳое дохил мешаванд, ки онҳо аз ҳиссаҳои дигари нутқ гузаштаанд: **рафту, охир, хуб, гӯё** ва ғайра.

Маълум, ки калимаи **рафту** феъл, аз асоси замони гузаштаи феъли **рафтан, охир** — исм, **хуб** — сифат ва **гӯё** пайвандак мебошанд. Бояд қайд кард, ки ин гурӯҳ калимаҳо бо мурури замон маънои лексикиашонро гум карда, оҳиста-оҳиста ба ҳиссача табдил ёфтаанд. Масалан, калимаи **рафту** агар ҳамчун феъл (аз **рафтан**) ҳаракатро фаҳмонад, пас ҳамчун ҳиссача ин маъноро тамоман гум мекунад. Яъне акнун ҳаракатро не, балки муносибати гӯяндаро нисбат ба иҷрои амал ифода мекунад: ...**рафту** бо ҳамроҳии Рашидов омада монад *(Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Ба ҳамин тариқ, гурӯҳи калони ҳиссачаҳо аз ҳиссаҳои зерини нутқ ба вуҷуд омадаанд:

Аз исм: илоҳӣ (илоҳим).

Аз сифат: хуб (хуб, хӯш).

Аз ҷонишин: чӣ.

Аз феъл: мон (монед), биё (биёед), мабодо, рафту (равад), бигузор (бигзор, бигзоред), **оре, гӯё** ва монанди инҳо.

Аз зарф: фақат, ҳатто, боз, бешубҳа, ҳатман.

Аз пайвандак: ҳам, гӯё, гӯё ки, балки.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки процесси аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба ҳиссача гузаштани калимаҳо ба охир нарасида, балки дар айни замон низ давом дорад. Масалан, калимаи як-ро гирем. Вай асосан шумора буда, фақат дар вақтҳои охир хусусияти ҳиссачагӣ пайдо намудааст. Бо вуҷуди он ҳам бо шумораи як вобастагӣ дошта, маънои лексикии худро пурра гум накардааст: **Як** фақат Зайнаб ҳавобаландии худро напартофта, қисман бебокӣ мекард *(Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).

Инчунин, агар ба асарҳои бадеии имрӯза назар андозем, мебинем, ки гурӯҳи калони калимаҳо монанди **зоро, тоза, барин, аслан** ва ғайра ҳамчун ҳиссача кор фармуда шудаанд: Як ба ин тарафу он тараф нигоҳ кунед, **зоро** дида монем *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Ҳо, соли гузашта, вақте ки шумо ба мактаб омада дар хусуси ахлоқи бачагони советӣ лекция хондед, **тоза** ҳам саволборон карда буд *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Дуруст аст, ки баъзеи ин калимаҳо ба забони гуфтугӯӣ хос буда, дар асар аз забони персонаж оварда мешаванд. Бо вуҷуди он онҳо оҳиста-оҳиста характери умумӣ пайдо карда, ба забони адабӣ дохил шуда метавонанд.

Дар айни замон гурӯҳи дигари калимаҳои ёридиҳанда ҳам ҳастанд, ки онҳо нисбат ба ҳиссачаҳо мустақилмаънотаранд: **албатта, эҳтимол, даркор.** Ин гурӯҳи калимаҳои ёридиҳандаро калимаҳои модалӣ меноманд. Дар байни ин ду гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда (ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалӣ) фарқияте мушоҳида карда мешавад. Аввал ин ки калимаҳои модалӣ нисбат ба ҳиссачаҳо маънои лексикиашонро то андозае нигоҳ доштаанд. Дигар ин ки калимаҳои модалӣ муносибати объективии дар ҷумла зикршударо ифода менамоянд: Гап, **албатта**, аз хусуси шумо буд *(Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Фароед, бобо, ана ҳамин ҷо маҳаллаи шумо,— гуфт аробакаш,— ба он тарафаш ароба намеравад, хонаатон ҳам он қадар дур набошад **даркор** *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Бо вуҷуди ин калимаҳои модалӣ аз ҷиҳати ифодаи тобишҳои маъноӣ ва вазифаи синтаксисиашон ба ҳиссачаҳо, махсусан ба ҳиссачаҳои модалӣ шабоҳат доранд. Бинобар ин онҳоро бо ҳиссачаҳо дар якҷоягӣ меомӯзем.

Ҷои ҳиссачаҳо дар ҷумла

Чанде аз ҳиссачаҳо ба таркиби ҷумла дохил намешаванд: **оре, бале.** Ин ҳиссачаҳо ҳамеша ё пеш аз фикри гуфташуда, яъне пеш аз саршавии ҷумла ва ё пас аз гуфтор меоянд: **Оре**, ин бемуболиға гапи рост аст *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Шодӣ фикр карда истода, якбора бо нимсадо **бале**, мешавад,— гуфта монд *(Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Ҳиссачаҳои ба таркиби ҷумла дохил мешудагӣ аз ҷиҳати ҷои худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҳиссачаҳое, ки дар ҷумла ҷои доимӣ надоранд ва ҳиссачаҳое, ки дар ҷумла ҷои нисбатан доимӣ доранд.

Ба гурӯҳи якум ҳиссачаҳои **магар, охир, канӣ, чӣ** ва мононди инҳо дохил мешаванд, ки аз ҷиҳати ҷои худ дар ҷумла озод мебошанд. Онҳо пеш ва ё пас аз калимаи алоқаманд дар аввал, мобайн ва охири ҷумла омада метавонанд.

Масалан: **Магар** хислати бадами нек ҳамин хел мешавад? *(Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам). Қорӣ-амак, аз дасти шумо магар халосӣ нест? *(С. Айнӣ*, Марги судхӯр). Ту ҳам ӯро дида будӣ **магар?** *(Газ.* Маориф ва маданият). **Охир** вай падару модар надорад *(Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам). Хез, чашм кушо **охир!** *(Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). **Канӣ**, шунавем, кӣ ба бало монанд? *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Он тарафашро ҳам хон **канӣ** *(Газ.* Маориф ва маданият). **Чӣ**, ба ҷои домулло Мирҳалим шайх шуданӣ будед-мӣ? (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Канӣ, шумо **гӯед-чӣ**, киҳо ба большевикон ёрӣ доданд? (*Р. Ҷалил*, **Одамони ҷовид**).

Ба гурӯҳи дуюм ҳиссачаҳои **ана, мана, ҳу, ҳатто, ҳам, -ку, -мӣ, -дия** ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Ин ҳиссачаҳо дар навбати худ боз ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) Ҳиссачаҳое, ки ҳамеша пеш аз калимаи алоқаманд меоянд: **ана, мана, ҳу, ҳатто, фақат, танҳо, боз, наход, на ин ки, биё, мон, оё, бигзор, кошкӣ, мабодо** ва монанди инҳо.

Масалан: **Ана** Назира, аз паси он Самадов ҳам фаромад *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). **Мана**, худи ҳозир хабар омад, ки қӯшунҳои мо дар Сталинград армияи сесадҳазорнафараи гитлерчиёнро ба ҳалқаи оҳанин гирифтаанд *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Ҳу хар ба даруни пахта даромадааст, ҳай карда фиристон *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). **Ҳатто** пас аз ҳабс шудани ман ҳам, касе дар ҳаққи ман сухани баде нагуфтааст *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). **Фақат** дар қишлоқ расида будам, ки дидам, дар дастам портфель нест *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Аз ин беҳтар Тулфори маро савор шаведе, **боз** шон Юнусбобои ордендор будаанд *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Наход шуи Моҳрӯ—Одина ҳамин хел бачаи бад бошад-а, Майрам-бибӣ? *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). **Оё** аз пагоҳ сар карда ба кор даромада метавонем? *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). **Кошкӣ** ман ҳам ягон бор дар қаноти вай парвоз мекардам!.. *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дили ман аз таре меларзид, ки **мабодо** даргирифта ба замин нағалтад *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҳиссачаҳои **ҳам, -ку, -мӣ, -дия, -да, -а, -е** ва монанди инҳо бошанд, одатан пас аз калимаи алоқаманд меоянд. Масалан: Не, Моҳрӯ ба ин чизҳо ҳатто аҳамият **ҳам** намедиҳад *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Дар он дам ман дар бораи вай фикре **ҳам** намекардам *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Кокула намехоҳам, бурида партоед! Бачаҳои дигар кокул надоранд-**ку**? *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Акнун ба хонаатон печка шинондан гирем ҳам мешавад-**мӣ**? *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Охир, ту ин кордро аз куҷо ёфтӣ? — Ёфтам-**дия**!.. *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Раммол шудааст гӯед-**а**! *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Намурад-**е**! — дар дилам мегуфтам ман дар ҳаққи лётчик.— Чӣ хел баланд парида рафт-**а**! *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Гурӯҳҳои ҳиссачаҳо

Ҳиссачаҳо аз рӯи маъно ва вазифаашон ба чунин гурӯҳҳои асосӣ ҷудо мешаванд:

1. Ҳиссачаҳое, ки тобишҳои гуногуни маъноии дар нутқ доштаи калимаҳоро ифода мекунанд.

2. Ҳиссачаҳое, ки нисбат ба фактҳо муносибатро ифода мекунанд.

3. Ҳиссачаҳое, ки ба гуфтор тобишҳои модалӣ ва модалӣ-иродавӣ медиҳанд.

4. Ҳиссачаҳое, ки ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид ва ё ифоданокии онро пурқувват мегардонанд.

Ҳар яке аз ин гурӯҳҳо хелҳои гуногуни ҳиссачаҳоро дар бар мегирад, ки онҳо дар нутқ ин ё он вазифаи муайяни грамматикӣ доранд:

1. Ҳиссачаҳои ифодакунандаи тобишҳои гуногуни маъной

Ба ин гурӯҳ чунин хелҳои ҳиссачаҳо дохил мешаванд: **ҳиссачаҳои ишорӣ, ҳиссачаҳои маҳдудӣ** ва **ҳиссачаҳои таъкидӣ.**

а) **Ҳиссачаҳои ишорӣ.** Ин ҳиссачаҳо миқдоран кам буда, аз калимаҳои **ана, мана, ҳу (ҳӯ, ҳо)** иборат мебошанд. Ҳиссачаҳои **ана, мана** барои ишора кардан ба чизи наздик ва ҳиссачаи **ҳу (ҳӯ, ҳо)** барои ишора кардан ба чизи дур кор фармуда мешаванд: **Ана** ин гул, бачаам, «Анбаргул» ном дорад *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Соҳиби пештараи **ана** ҳамин заводи моро ҳам рондаанд, ҳоло завод аз они мо... *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Аз ҳама ҳам душвортараш **мана** ин аст *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Додо, савғотии ба ман овардагиатон канӣ? — **Мана!** — Падарам хандида «тешукнон» ва қандро нишон дод *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Ҳу,** дар ёд дорӣ, мо ба хонаи онҳо рафта будем... *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). **Ҳо,** аз он тараф — ҷониби ҷанубу ғарбии кӯҳпораро нишон дод Ҳасан *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Баъзан ҳиссачаҳои **ана** ва **ҳу (ҳӯ, ҳо)** ҳамчун як ҳиссачаи таркибӣ кор фармуда мешаванд, ки дар ин мавриҳ маънои ишорат боз ҳам пурқувват мегардад: **Ҳо ана,** дар байни он ду хона душман се тӯп мондааст *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Хонаат куҷо? — **Ҳо ана,**— гӯён занак бо сараш як хонаи бомаш хаспӯши дар он тарафи кӯча бударо нишон дод *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). **Ҳо ана** — ҷониби ҷанубу ғарбии кӯҳпораро нишон дод Ҳасан *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо).

б) **Ҳиссачаҳои маҳдудӣ.** Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои **фақат** ва **танҳо** дохил мешаванд, ки онҳо ба калима, ибора ва ё ҷумла тобиши маҳдудӣ мебахшанд: **Фақат** модаркалонам дар канор нишаста буд ва ба ҳеҷ кадоми он чизҳо даст намерасонд *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Аммо ӯ **фақат** аз машинаҳо домангир буду ҳалос *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). **Фақат** ба сӯи Зайнаб нигоҳе карда монд, ки шеър, албатта ба вай бахшида шуда буд *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). **Танҳо** ба модарат гӯй, аммо ба дигар кас нафаҳмон *(П. Толис,* Ҳикояҳо).

в) **Ҳиссачаҳои таъкидӣ.** Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои **ҳатто, ҳам, боз** дохил мешаванд. Ин ҳиссачаҳо барои таъкид намудани маънои калима, ибора ё ҷумла ва пурқувват гардонидани таъсири нутқ хизмат мекунанд: Шариф ба вай **ҳатто**

нигоҳ ҳам накарда, қавоқашро андохта менишаст *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). **Ҳатто** чӣ гуфтану чӣ монданро ҳам фикр карда мондам *(Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам). Дар он дам ман дар бораи вай фикре **ҳам** намекардам... *(Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам). Ман аз бисьёрии фикру хаёлам ба он соя аҳамият надода, ба тарафи ӯ нигоҳе **ҳам** накардам *(С. Айнӣ*, Марги судхӯр). Дигар ба ҳамон хел харҳои муғамбир савор **ҳам** намешаваму... *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). ...Шариф ба вай ҳатто нигоҳ **ҳам** накарда, қавоқашро андохта менишаст *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). ...**боз** шон Юнусбобои ордендор будаанд? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

2. Ҳиссачаҳое, ки нисбат ба фактҳо муносибатро ифода мекунанд

Ин гурӯҳи ҳиссачаҳо муносибати гӯяндаро нисбат ба фактҳо нишон медиҳанд, яъне нишон медиҳанд, ки гӯянда фактҳоеро, ки гап дар хусуси онҳо меравад, метавонад тасдиқ кунад, рад намояд ва ё дар бораашон пурсад. Ҳамин гуна ҳиссачаҳо ба се хел ҷудо мешаванд: **ҳиссачаҳои тасдиқӣ, ҳиссачаҳои инкорӣ ва ҳиссачаҳои саволӣ.**

а) **Ҳиссачаҳои тасдиқӣ.** Ҳиссачаҳои **ҳа (ҳо), бале, оре** ва **хуб (хӯб, хӯш), хайр** ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд, ки онҳо асосан маънои тасдиқ ва розигиро ифода менамоянд. Ҳиссачаи **ҳа (ҳо)** нисбат ба ҳиссачаҳои **бале** ва **оре** серистеъмол буда, вай чӣ дар забони адабӣ ва чӣ дар забони гуфтугӯи ниҳоят зиёд кор фармуда мешавад. Вай ҳамчун ифодакунандаи маънои тасдиқ дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:

1) Барои тасдиқи фикри гуфташуда: Худо ба ту аҷаб зӯру қувват дода будааст, Умархон! — **Ҳо**, лекин мулк надод, обу замин надод, ки ман ин зӯру қувватамро дар онҳо кор фармоям... *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Мақсад ҳамин, ки мардум хонанду босавод шаванд.— Ҳо, раҳмат ба шумо, падар. Муддаои ман ҳамин (*А. Деҳотӣ*, Нур дар кӯҳистон).

2) Дар мавриди ба савол ҷавоб гардонидан: Ҳаво бисьёр хунук-мӣ, Баҳром? — **Ҳа**, ҳаво хунук, шамоли изғирин... *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Бибӣ, аз дилатон ғазал бароварда истодаед-мӣ? — мепурсидам ман.— **Ҳа**... ана ҳозир ҳамааш мебарояд, баъд хонда медиҳам *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

3) Ҳиссачаи **ҳа (ҳо)** ба гуфтаҳои пеш розӣ будани гӯяндаро мефаҳмонад. Дар ифодаи ин маъно вай бештар бо ҳиссачаи хуб ё ба калимаҳои модалии **майлаш, дуруст, рост** якҷоя омада, ифодаи маъниро пурқувват мегардонад: Ба ҳавлии мо ҳам омада истед, падар! — гуфт.— **Ҳа, хуб!** — гуфта монд мӯйсафед *(Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Аз кадом колхоз? — пурсид касе аз ӯ.— Аз колхози Будённый,— ҷавоб дод Қосим ака.— **Ҳа, дуруст,**— гуфт хандида Норзода,— беҳуда чавандоз набудаед *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

4) Ҳиссачаи **ҳа (ҳо)** хулосабарории мантиқиро таъкид карда метавонад: Магар аз ин пеш Москваро надида будӣ?— Не, надида будам.— **Ҳа**, барои ҳамин ҳам қишлоқиҳо барин ҳушат рафта монда будааст-дия *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Баъд аз маҷлис Рашидов Шодиро ба канор ҷеғ зада, камтар мусоҳиба кард.— **Ҳо**, маълум мешавад, ки тайёрии кам дидаед,— гуфт вай *(Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Дар ифодаи маъноҳои болоӣ ҳиссачаи **ҳа (ҳо)** такрор шуда низ меояд ё ин кӣ бо ҳиссачаи **бале** якҷоя кор фармуда мешавад, ки он гоҳ ифодаи маъно боз ҳам пурқувват мегардад: Ҳар сеи моро якҷоя бардошта, чарх занонед канӣ! — гуфта монд Муҳаббатҷон.— **Ҳа, ҳа**, ҳар сеи моро якҷоя!..— гуфт Ғаниҷон (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам). Ярашев не, Ершов! Ер-шов! **Ҳо-ҳо**, бале, Ершов,— қабул кард падарам *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Се-чор каси ба нутқ мебаромадагиро ҳам ёфта тайёр карда мондетон-мӣ, охир? — **Ҳа, ҳа**, албатта рафиқ Собиров,— гуфт дилпурона раис... (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). **Ҳа, бале**, мутлақо дуруст гуфтед, рафиқ Собиров... *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаи **ҳа (ҳо)** ба ғайр аз маънои тасдиқ дар ифодаи маъноҳои зерин низ кор фармуда мешавад:

а) Дар ифодаи якбора ба хотир овардани чизи фаромӯшшуда: **Ҳа**, бибетон садқа, якбора дуредгари колхозро пурсида, зудтар чораи ин дару тирезаҳои шалақро ҳам бинед... *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). **Ҳа**, дарвоқеъ духтарам, «будильник»-атро туғрӣ карда мон, худаш бедор мекунад *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Ҳа**, воқеан, раис, масъалаи ему хошокро ҳам бо як кас пазонда мондам, ҷояш камтар дуртару лекин нақд *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

б) Барои таъкиди ифодаи пурсиш: **Ҳа**, мӯйсафед, ба хайр? — зуд аз аспаш фуромада пурсид Одил *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). **Ҳа**, Бобоҷонако, аз осмон ягон чизи ғалатӣ ёфтед-мӣ, чашм намеканед? *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Ҳа**, ба чӣ механдӣ?— пурсид акои Олим ҷиддӣ ба саркор нигоҳ карда *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаҳои **бале** ва **оре** нисбат ба ҳиссачаи **ҳа (ҳо)** камистеъмолтар буда, бештар ба нутқи китобатӣ хос мебошанд. Ин ҳиссачаҳо низ асосан барои ифодаи тасдиқи фикр кор фармуда мешаванд: Инженери об шудӣ? — **Бале**. *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Чашм нарасад, кӯчаҳоро пур карда гаштани одамҳо чӣ хел хуб аст, Муллоҳодӣ,— гуфт Юнусбобо.— **Бале**, одам бошад, ободонӣ ҳаст шарик,— илова намуд Ҳодӣ-кӯса *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). **Оре**, ин бе муболиға гапи рост аст, рафиқ Рустамов *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). ... гапи Юнусбоборо тасдиқ карда гуфт: **Оре**, ин хел касон кам нестанд *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Магар аз шумоён некӣ умед кардан мумкин аст? — пурсид Дима.— **Оре**, аз мо умед кардан мумкин... (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаи **хуб** (хӯб, хӯш, хайр) розигиро ифода мекунад:

Ин корро ба ту месупорам, ба иҷро шурӯъ кун.— Хуб, рафиқ командир *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Тамошо кардед, акнун равед! — **Хуб,** ана ҳозир меравем,— ҷавоб дод Маша *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Пагоҳ ҳар ду ба он ҷо меравем, хуб-мӣ? — **Хайр,**— розӣ шуд ӯ *(Газ.* Комсомоли Тоҷикистон).

Барои ифода намудани маънои тасдиқ ва розигӣ бо ҳамаи тобишҳояш ба ғайр аз ҳиссачаҳои дар боло зикрёфта як қатор калимаҳои модалӣ низ кор фармуда мешаванд:

Калимаҳои модалии **рост, дуруст, ҳамин тавр (ҳамту), албатта, майлаш** дар ифодаи тасдиқ кор фармуда мешаванд: ...гуфтаҳои Ҳодӣ-кӯсаро тасдиқ карда илова намуд: **Рост,** худи ман се бузкаши човандозро медонам, ки дар умрашон як бор ҳам аз тӯда бо дасти хушк набаромадаанд *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). **Дуруст,**— ҷавоб дод старшина саросиро ҷунбонда *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). **Ҳамин тавр,** Юнус-бобо, ҳаққи гапро гуфтед *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Ҳамин кор ба ту мефорад-мӣ? — пурсид Қосим ханда карда.— **Албатта!** — гуфт Зубайда *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Аз шумо муаллимҳо умеди мо ҳамин, ки фарзандонамонро падару модарона тарбия кунед.— **Албатта,** модарҷон,— мегуфт дар ҷавоб директори мактаб *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Майлаш, ту набошад, аспаки рав, ман ҳамроҳи инҳо бо ароба меравам *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). **Майлаш,** ман бе дутор ашӯла мехонам *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ба театр барем, меравӣ? — Майлаш! — розигӣ дод Самеъ *(П. Толис,* Ҳикояҳо).

Баъзан барои пурқувваттар ифода намудани маънои тасдиқ ё розигӣ ҳиссачаҳои **ҳа** (ҳо) ва **хуб** (хӯб, хӯш, хайр) дар якҷоягӣ бо калимаҳои модалӣ ё ин ки дӯ калимаи модалӣ дар як таркиб кор фармуда мешаванд: Аз колхози Будённый,— ҷавоб дод Қосим-ака.— **Ҳа, дуруст,**— гуфт хандида Норзода... *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Се-чор каси ба нутқ мебаромадагиро ҳам ёфта тайёр карда мондетон-мӣ, Одил? — **Ҳа, ҳа, албатта,** рафиқ Собиров,— гуфт дилпурона раис *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).— Набошад, имрӯз бегоҳӣ бачаҳоро хабар кунед, маҷлис мекунем.— **Хайр, майлаш,**— гуфт муаллим аз ҷо бархоста (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

б) **Ҳиссачаҳои инкорӣ: не, на.** Ҳиссачаи **не** мазмуни ҷумлаи пеш омадагиро инкор мекунад: Ту худат хӯроқ хӯрдӣ? — **Не.** *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Сар деҳ, ту Пӯлод нестӣ! — Ман Пӯлод.— **Не!** (*Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Дигар гап надорӣ-мӣ? — Не,— гуфт Алӣ (*Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Ба гапатон, ман гӯш мекунам.— **Не,** Шумо ба гапи ман гӯш намекунед *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Ин аспатон магар хоназод аст? — гуфта ман аз соҳиби асп пурсидам.— **Не!** — гуфт ӯ,— ба наздикӣ аз як меҳмоне, ки аз Самарқанд омада буд, даҳ ҳазор танга пули нақд ва се қабат сарупӯй дода гирифтам *(С. Ай-*

нӣ, Асарҳои мунтахаб). Газетаи имрӯзаро хондӣ, Одил? — **Не**, ҳанӯз фурсати газетахонӣ ҳам нашудааст *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаи **не** бо хабари номии ҷумла омада метавонад: Набзатон бад **не**,— гуфт занак (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам). Ба модаратон ҳам осон **не** *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Асло мулло шуданатон даркор **не**... *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Ҳиссачаи **не** баъзан такрор шуда омада, ба инкори фикр таъкид мекунад: Сурайё механдиду поҳояшро дароз карда нишаста мегуфт: — **Не, не**, даркор не! (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам). Аммо мехоҳам як қадар аз дур даромад кунам, оё шумо монда намешавед? — **Не, не**, бемалол гап задан гиред *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).— Э, нағз нашуд-дия, падар! Шуморо безобита кардем.— **Не, не**,— гуфт мӯйсафед,— худи мо ҳам бедор будем *(Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Ҳиссачаи **на** одатан барои муқобили якдигар гузоштани аъзоҳои чидаи ҷумла кор фармуда мешавад: Агар ман ин хизмати шуморо адо кунам, **на** аз барои музд, балки барои ошноии чандинсолаи писаратон мекунам *(С. Айнӣ*, Марги судхӯр). ... кори гадоёни бекасукӯй аст, **на** пешаи одами сарватманди чанд ҳуҷрадор (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр).

в) **Ҳиссачаҳои саволӣ.** Ҳиссачаҳои саволӣ дар забони адабии тоҷик яке аз воситаҳои асосии ифодакунандаи пурсиш ба шумор мераванд. Ин ҳиссачаҳо миқдоран зиёд буда, аз **-мӣ, -чӣ, оё-, а, магар, наход, наход ки, на ин ки** иборат мебошанд. Ҳиссачаҳои **-мӣ, -чӣ, -а, наход, наход ки** умумӣ буда, ҳиссачаҳои **оё** ва **магар** бештар ба нутқи китобӣ хос мебошанд. Ҳиссачаҳои саволӣ на фақат танҳо пурсишро ифода менамоянд, балки ба нутқ тобишҳои маъноии ҳиссӣ-иродавӣ низ дода метавонанд.

Ҳиссачаи **-мӣ** пурсишро мефаҳмонад: — Мана!— падарам хандида тешукнон ва қандро нишон дод.— Инҳо савғотии ганда-**мӣ**? *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Акнун ба хонаатон печка нишондан гирем ҳам, мешавад-**мӣ**? *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Истамбой, як дам гирем-**мӣ**? *(Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Келиноим, дари кӯча тақ-тақ,— гуфт модар ба ӯ,— як хабар намегиред-**мӣ**? *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Ҳиссачаи саволии **-чӣ** пеш аз фикри гуфташуда омада, ифодаи маънои пурсишро таъкид мекунад: **Чӣ**, мехоҳӣ, ки акнун котиби райком ҳам дар ҳар вақт, ки ба колхоз омаданӣ шавад, бояд пешакӣ ба ту хабар диҳад? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). **Чӣ**, ба ҷои Домулло Мирҳалим шайх шуданӣ будед-мӣ? (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Чӣ**, магар вай аз касе худро пинҳон кардан мехоҳад? *(Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).

Ҳиссачаи **-чӣ** баъд аз калимаи алоқаманд омада ин маъноҳоро ифода менамояд:

а) Пурсишро мефаҳмонад: Буз тайёр-мӣ? — пурсид аз ӯраис.— Тайёр,— ҷавоб дод Улфатов.— Мукофотҳо **чӣ**? — пур-

сид раиси комиҷроия *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Ғайр аз шумо, муаллима Зебӣ, Юнус-бобо ҳанӯз ба дигар кас нагуфтаам. Ба модарат **чӣ**?— Не. *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Чанд сар барзагов доред?— «Барзагов надорам»,— гуфт Қосимҷон... Асп **чӣ**? *(Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

б) Пурсишро ба таври таклиф ё хоҳиш мефаҳмонад: Боз ягонта чой дам карда биёям-чӣ? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Як бор ман пурсидам: — Палав мепазем гӯям-чӣ? *(С. Айнӣ*, Мактаби кӯҳна).

Дар ифодаи маъноҳои таклифу хоҳиш баъзан ҷиҳати саволии ҳиссачаи **чӣ** суст гардида, вай бо ҳиссачаи **канӣ** наздик мешавад ва ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид мекунад: Мо ба қадри ҳоламо як чиз харидем, бинед-**чӣ**, харидамо дуруст аст ё не *(П. Толис*, Ҳикояҳо). Канӣ, Шумо гӯед-**чӣ**, киҳо ба большевикон ёрӣ доданд *(Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид).

Ҳиссачаи **оё** нисбатан камистеъмол буда, характери китобатӣ дорад. Ин ҳиссача асосан саволи шубҳаомезро ифода мекунад: **Оё** аз пагоҳ сар карда ба кор даромада метавонем? *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Оё** аз ин кор ҳеҷ кас бохабар нест? *(Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). **Оё** ҳамин гапҳо боиси ситеза кардан аст, духтарам? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаи **-а**, одатан дар охири ҷумла омада, барои таъкиди саволи додашуда кор фармуда мешавад, ё ин ки пурсиши дубораро мефаҳмонад: Раисро мешиносед-**а**, Қароматов? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Ба омаданамон ду ҳафта шуд-**а**, Шариф? — ба рафиқи худ мурочиат кард Ҳаит *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ту бошӣ, албатта сардори цех мешавӣ, **а** Розичка? — пурсид ӯ бо навозиш *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Ҳиссачаи **-а** низ саволро ба таври таклиф ифода карда метавонад: Пеш аз рафтан як сӯҳбати аҷоиб карда ғубори дилҳоро барорем-**а**, чӣ гуфтӣ? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаи **а** дар ифодаи пурсиш баъзан дар аввал ё охири ҷумла, дар танҳоӣ низ омада метавонад: Фиристонандааш,— Солеев ба хати рӯи конверт нигоҳ карда.— Саодатбибӣ Шарифова, коргарзани артели либосдӯзӣ. А! Ин модари ман аст,— фарьёд кард Султон... *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).— **А**, Латиф, туӣ? — Сафар бо овози баланд ӯро ном гирифта... *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Барои ифода намудани пурсиш ҳиссачаи **магар** низ кор фармуда мешавад. Вале вай аз ҷиҳати тобишҳои модалӣ доштанаш аз дигар ҳиссачаҳои саволӣ фарқ мекунад. Ин ҳиссача пурсишро ба таври тахмину эҳтимол ифода менамояд: ...номи ин қишлоқ... номи қишлоқ... ҳа, номаш аз бисьёрии ҷӯй гирифта шудааст.— Ҷӯйбор **магар**? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Додар! Шумо, **магар** ба ман кор доред? — гуфта пурсид *(С. Айнӣ*, Марги судхӯр). Чӣ, ин **магар** сабаби хафагии шумо шуд, Зебӣ? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Шумо ҳоло ҳам бедоред, **магар**? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаҳои **наход, наход ки, на ин ки** маънои саволро бо тобиши тааҷҷуб ифода менамоянд: **Наход** ҳамаи ин гапҳо рост бошанд? *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). **Наход** ҳоло ҳам очаро надида бошед? *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). **Наход** ки аз сари ваъдаамон набаромада мемонем-а? — мегуфт чинакчии тезчин Ҳанифа *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Наход ки Пулод ҳам большевик бошад? *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). **На ин ки** ҳамин ҳавои на он қадар сард ба пои одам таъсир кунад,— гуфт Қорӣ... *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

3. Ҳиссачаҳое, ки ба гуфтор тобишҳои модалӣ ва модалӣ-иродавӣ медиҳанд

Ҳиссачаҳое, ки нисбат ба гуфтаи худ муносибати хоҳишмандӣ ва имконпазирӣ доштани гӯяндаро мефаҳмонанд, ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд. Ин ҳиссачаҳо аз ҷиҳати тобишҳояшон ду хел мешаванд:

1. Ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалӣ.
2. Ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ.

Ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалӣ

Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои модалии **кошкӣ, илоҳӣ//илоҳим, мабодо, рафту//раваду, гӯё//гӯё ки** ва калимаву ибораҳои модалии **даркор, эҳтимол, бояд, шояд, аз афти кор, аз афташ, албатта, бешубҳа, ҳатман** дохил мешаванд.

Ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалии мазкур мефаҳмонанд, ки гӯянда нисбат ба гуфтаи худ муносибати имконпазирӣ дорад, яъне вай иҷрои гуфтаи худро орзу мекунад, онро зарур мешуморад ва барои иҷрои он боварӣ ё гумон дорад.

Ҳиссачаҳои **кошкӣ, илоҳӣ//илоҳим** орзуро ифода менамоянд: **Кошкӣ** ман ҳам ягон бор дар қаноти вай парвоз мекардам!.. *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Канӣ, **кошкӣ** ҳозир ҳам ҳамин хел бузкашию ҳамин хел човандозони номдор мешуданд... *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо). Аэроплан чӣ хел парранда бошад? **Кошкӣ** як бор аз наздик медидам! *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Илоҳӣ** калон шавӣ, бою бадавлат шавӣ, қӯзичаи очаш,— мегуфт модаркалонам *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Хайр, **илоҳим** саломат бошед! *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). **Илоҳӣ** ҳеҷ гоҳ аз дида дур нашавед-е, ҷони ширин *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

Ҳиссачаи **мабодо** ба иҷрои гуфтаи худ тахмин ва гумон доштани гӯяндаро мефаҳмонад: Дили ман аз тарс меларзид, ки **мабодо** вай даргирифта ба замин нағалтад *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳа, Аминҷон, имрӯз ба ту чӣ шуд? **Мабодо** нотоб-ку нестӣ? (*П. Толис,* Ҳикояҳо). Ҷӯра-батрак ба рӯи

Шодӣ ниғоҳ мекард, ки **мабодо** ӯро хез, гап зан — гуфта аз ҷо нахезонад (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). ...**мабодо** боз ба нафсашон нарасад, гуфта андеша мекунам-дия... (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаи **рафту//раваду** аз ҷиҳати маъно ба ҳиссачаи **мабодо** наздик буда, дар бораи ягон ҳодисаи тасодуфӣ гумонро мефаҳмонад: — Онаҷон, гуфта намешавад-дия, **рафту** аз падарам дер монам,— «дугонааш Дилбар ҳозиракак омада, ба хонаашон гирифта рафт» гӯ, хуб-мӣ? (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Ба ҳар ҳол ба пешвозгирии Шодӣ тайёрӣ дидан лозим. **Рафту** бо ҳамроҳии Рашидов омада монад (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Чӣ шуд ба ту, Шариф? — ...**раваду** ин одам ба мо некӣ кардӣ бошад (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Ҳиссачаҳои **гӯё** ва **гӯё ки** монандкуниро бо тобиши шубҳа мефаҳмонанд: ...доду фарьёди бачагон **гӯё** боми мактабро ба осмон мебардошт (*С. Айнӣ*, Мактаби кӯҳна). Мирзодиккак ба як паҳлу ғелида ҳамон лаҳза боз хеста нишаст, **гӯё ки** бо забони ҳол ва амал ба сӯфӣ: «Ана дар ҳамин ҷо нишастан мегирам, аз ту наметарсам» мегуфт (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Тамоми вуҷуди Пӯлод **гӯё ки** гӯш шуда буд (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Николаев сипоҳигарӣ накарда, бо ман ҳамту монанди ошно муомила кард, **гӯё ки** ман ҳам аз калонҳои завод бошам (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Калимаи модалии **даркор** баъд аз аорист омада, тахминро бо тобиши зарурият ифода менамояд: — Норинисо кай аз кор меояд? — Ҳозир омада монад **даркор** (*П. Толис*, Ҳикояҳо). Ғайр аз ин фикр мекунам, ки бухгалтер ҳам одами дуруст набошад **даркор** (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Ту ҳеҷ аз ҳамин шаҳр набаромада бошӣ **даркор** (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Шумо ҳанӯз ба ҷанг надаромада бошед **даркор** (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Калимаи модалии **эҳтимол** имкониятро бо тобиши шубҳа мефаҳмонад: **Эҳтимол** баъд аз ду-се рӯз ба қишлоқи мо комиссия биёяд (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). ...Агар «хоҷаҳофиз»-и худам мебуд, **эҳтимол** хонда метавонистам,— гуфт бо як оҳанги маъюсона (*С. Айнӣ*, Ёддоштҳо). Аммо худи мингбошӣ ҳам, **эҳтимол** ба падарам аз ҷазое, ки мироб ба ӯ дод, ҷазои сахттаре дода наметавонист (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).

Таркиби модалии **аз афти кор, аз афташ** ба имконияти хулосабарории мантиқии худ тахмин доштани гӯяндаро ифода менамояд: Ӯрунбой-ака хомӯш монд, ӯ **аз афти кор**, фаҳмиданӣ буд, ки суханҳояш чӣ гуна таъсир мегузоранд (*П. Толис*, Ҳикояҳо). **Аз афти кор** саводнокӣ ва «аз авлоди хоҷаҳо» будани модарам сабаб шуда буд, ки соҳибаи хона якбора муносибаташро ба мо дигар кард (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Чор-панҷ рӯз дар Сталинобод гашта, суруди мурғони хушовози моро ҳам пазмон шудӣ, **аз афташ?** (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Модарам рангаш канда ба мижа задан даромад. **Аз афташ** вай ҳам монанди ман Ершовро ба хотир оварда буд (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). **Гардам, аз**

афташ, шумо ҳам ба пешвозгирии ягон кас баромадед... *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Маънои имконият бо тобиши тахмин ба воситаи калимаҳои модалии **бояд, шояд** низ ифода карда мешавад: Модом ки рост истоданду намеғалтанд, **бояд** зинда бошанд,— хандида гуфт падарам (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Аз хусуси ягон Пӯлоди дигар гап мерафтагист ва шумо шояд... беҳуда гумонбар бошед (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). **Шояд** ин духтари хушсару либос заншавандаи ӯст? (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).

Калимаи модалии **бояд** дар ифодаи ин маъно бештар бо шакли аористи феъли **будан — бошад** якҷоя ҳамчун як таркиб кор фармуда мешавад: Сартарош, барои паст кардани оташи Қорӣ-ишкамба **бояд** бошад,— ман ҳазл кардам-дия, Қорӣ-амак,— гуфт... (*С. Айнӣ*, Асарҳои мунтахаб). Гулҷамол аз таъсири ҳамин хел ҳикояҳои Муҳаммадҷон **бояд бошад**, ки духтари хеле шармгин, бомулоҳиза ва боадаб шудааст (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).

Калимаи модалии **бояд, мебоист** заруриятро ифода мекунад: Акнун ба пеши интихобкунандагон **бояд** равад (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). Ба онҳо акнун мо **бояд** саробонӣ кунем (*Р. Ҷалил*, Одамони ҷовид). Акнун **мебоист** ба зудӣ ба хонаи ӯ мерафтам (*С. Айнӣ*, Марги судхӯр). Шахси институти педагогиро тамом кардагӣ **мебоист** камаш се сол дар соҳаи маориф кор кунад.

Ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ

Ҳиссачаҳои ин гурӯҳ ба гуфтор тобишҳои гуногуни модалӣ-иродавӣ медиҳанд. Онҳо ба иҷрои амал водор кардан, даъват намудан, раво будани иҷрои амал, нисбат ба иҷрои амал хоҳиш, розигӣ ва ғайраҳоро мефаҳмонанд.

Ҳиссачаҳои **канӣ, биё (биёед), мон** (монед), **бигузор** (бигзор, бигзоред) ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд.

Ин ҳиссачаҳо бевосита бо феъл алоқаманд мебошанд. Онҳо ҳамчун қоида бо феълҳои сиғаи амр ё аорист кор фармуда мешаванд: **Канӣ**, Юнусбобо, шумо сар шуда, ба ҳар ароба чор-панҷ касӣ шишта рафтан гиретон,— таклиф кард акои Олим... (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Хуш омадӣ, писар. **Канӣ** гап зан, мактабро тамом кардӣ? (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Ҳар сеи моро бардошта чарх занонед **канӣ**! — гуфта монд Муҳаббатҷон (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).— **Канӣ**, Собир, ту ҳам баро! (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо).— **Канӣ**, бобо, ковед, бинем (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Мон**, ба гапу гапча тобам нест (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Хайр, **монед**, як кофта бинанд... (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Биё**, Мирзодиккакро ба даруни ин хӯрҷин андохта монда, резаворфурӯшро метарсонем

(С. Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо). Хайр, **биёед**, ин гапҳоро ба як сӯ монем, Улфатов, **канӣ**, дуторро гирифта чорта нохун занед... *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). **Хуб, биёед**, зиёдатии қимати масолеҳро ва музди дӯхтро ба шумо гузашт кунем *(С. Айнӣ*, Марги судхӯр). **Бигузор**, худаш бо чашмонаш бинад (*П. Толис*, Ҳикояҳо). **Бигзор**, ин масъалаи ниҳоят муҳимро муҳокима кунанд (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Чӣ ҳам мегуфтам, табрик мекунам, **бигзор**, хонад *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Бигзоред**, ғундошта бурда зери хок кунанд, чӣ бадӣ дорад,— гуфт Зарифзода *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

Барои пурқувват шудани тобиши маъно ва ифоданокии нутқ ду ҳиссачаи ин гурӯҳ ҳамроҳ ва ё як ҳиссача такрор шуда омада метавонад: **Биё, мон**, ба вай мо чӣ кор дорем! *(Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам). **Бед монед**, алами кӯҳнаро тоза накунем *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Хайр, **биё мон**, дар пеши меҳмон баҳсу мунозира хуб нест, гуфт Воҳидов *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаи **канӣ** дар мавриди бе феъл омаданаш пурсишро ифода карда, аз ҷиҳати вазифа ба ҷонишинҳои саволӣ наздик мешавад: **Канӣ** асос барои ин даъво? — тарҳи рӯи Сафар боз ҷиддитар гардид (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Дадо, савғотии ба ман овардагиатон **канӣ**?... *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). **Канӣ** он байрақ? *(Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаҳое, ки ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид карда, ифоданокии онро пурқувват мегардонанд

Ҳиссачаҳои ин гурӯҳ ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид менамоянд, ба гуфтор тобишҳои эмоционалӣ-экспрессивӣ медиҳанд ва ифоданокии нутқро пурқувват мегардонанд. Дар истеъмоли ҳиссачаҳои ин гурӯҳ роли интонация калон аст. Онҳо асосан бо ҳамроҳии интонация ин ё он тобиши ҳиссии нутқро таъкид карда метавонанд.

Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои **охир, дия, -да, е (э), -ку, -куя** дохил мешаванд. Ҳиссачаҳои мазкур асосан дар нутқи гуфтугӯӣ ва дар нутқи диалогии асарҳои бадеӣ кор фармуда мешаванд.

Ҳиссачаи **охир** нисбат ба ҳиссачаҳои дигари ин гурӯҳ аз ҷиҳати маъно мустақилтар буда, вобаста ба интонация чунин тобишҳоро ифода менамояд:

а) Дар ҷумлаҳои саволӣ оҳанги саволро таъкид мекунад: **Охир**, ту ин кордро аз куҷо ёфтӣ? *(С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). **Охир**, бачаи бечора чӣ кор кунад? *(Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо).

б) Дар мавридҳои дигар ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид карда, ифоданокиро пурқувват мегардонад: Охир, медонист,

ки то омадани падараш ризқурӯзии мо ҳамин орд буд! (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). О, ба як ҷо шин **охир**! (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ). **Охир** ҳоло Зайнаб он Зайнабе нест, ки шаш сол пеш аз ин буд (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).

Ҳиссачаҳои дигари ин гурӯҳ: **-дия**, **-да**, **-е (э)**, **-ку**, **-куя** низ асосан тобишҳои гуногуни ҳиссии нутқро таъкид карда, ифоданокии онро пурқувват мегардонанд. Ин ҳиссачаҳо нисбат ба фикри гуфташуда азми боваринокӣ, хашму ғазаб, эътироз, таҳдид барин тобишҳои ҳиссии нутқро таъкид мекунанд: Моҳрӯи шӯраш хушк шудагӣ бекора доду бедод намекардааст-**дия**! (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Охир, ту ин кордро аз кучо ёфтӣ? — Ёфтам-**дия** (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Бесабаб хафа шуда шиштӣ-**да** (*П. Толис*, Ҳикояҳо).— Ӯ-ӯ бало-е, ҳоло ба мактабхониат як моҳ ҳам нашуда аллакай бо перою сиёҳӣ хат навиштан мехоҳӣ? (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Ӯббо, духтур-е! — гуфт вай (*Ҷ. Икромӣ*, Шодӣ).— Э раис, мегӯям-ку, илми камина лотинӣ бошад ҳам, майна мувофиқи замона нағз кор мекунад,— ҷавоб дод Улфатов... (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Ман номи туро гирифта ҷеғ назадаам-**ку**! (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).

Ҳиссачаи **-ку** бо ҳиссачаи **-а** якҷоя дар шакли **-куя** омада метавонад, ки дар ин вақт маънои тасдиқ ва азми боварӣ таъкид карда мешавад:... Ҳоло ин қадар бевақт не-**куя**,— гӯён Зебӣ ба соати деворӣ нигоҳ кард (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Кайфи хуб дорад-**куя** (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). Гапат ҳақ аст-**куя**, Мамараҷаб писарам,— ҷавоб дод Юнусбобо (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

Ҳиссачаи **-ку** вобаста ба интонация оҳанги саволро низ таъкид карда метавонад: Қадат ба чордаҳсола монанд нест-**ку**? (*С. Улуғзода*, Субҳи ҷавонии мо). Хӯш, ана, ту нодуруст гуфтӣ, ман, дурусташро гуфтам, чӣ шудааст, осмон омада ба замин начаспидааст-**ку**? (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо). Маҷлиси партиявӣ якуним соат пештар тамом шуда буд-**ку**? (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).

Калимаи **як** низ ҳамчун ҳиссача кор фармуда мешавад. Вай бо шумораи **як** алоқаи зич дошта, ҳамчун ҳиссача маънои лексикиашро пурра гум накардааст: Духтарат Назираро **як** бедор кун, бинад-чӣ, чӣ хел навиштаам... (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Як** ба ин тарафу он тараф нигоҳ кунед, зоро дида монем (*Р. Ҷалил*, Ҳикояҳо). **Як** фақат Зайнаб ҳавобаландии худро напартофта, қасдан бебокӣ мекард... (*Ҷ. Икромӣ*, Ман гунаҳгорам).— Ҳа, баъзе корҳои мактабро барвақттар анҷом дода, баъд **як** ба идораи колхоз рафтанӣ ҳастам,— ҷавоб дод Зебӣ... (*Ф. Ниёзӣ*, Вафо).

НИДО

НИДО ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ

Нидо ба имою ишора ва интонация алоқаманд аст. Маънои нидо на фақат ба воситаи овоз, балки бо оҳанги нутқ низ ифода меёбад. Оҳанги муассир нисбат ба миқдори калимаҳои мантиқии нутқ муносибати баръакс дорад: тааҷҷубу ҳайратро бо ҷумлаи мураккаб (Ман ҳайронам, ки ту дар ин ҷо чӣ тавр пайдо шудӣ) ва бо як нидо (Оҳҳо!), ки бо лаҳни махсус (-о -и мадиду пастшаванда) ва имою ишора (бикшодани чашм, боло кашидани абру, бардоштани китф, ба рости чап ҷунбонидани сар ва ғ.) сурат мегирад, ифода намудан мумкин аст.

Нидо аз зумраи калимаҳоест, ки маънои лугавӣ надоранд, эҳсоси ботиниву зоҳирии гӯяндаро нисбат ба нутқи ҳамсӯҳбат ва ашьёю ҳодисаи дуньёи воқеъ бо аломатҳои махсус ифода менамоянд. Нидо дар забони ҳозираи тоҷик ҳиссаи муҳими нутқи соф фардиро ташкил карда, таассуроту ҳиссиёт, хашму ғазаб ва ҳаяҷони бевоситаро ифода менамояд ва таъсири забони интеллектуалиро равшан акс менамояд ва аз ин ваҷҳ ба ҳиссаи нутқ наздик аст.

Ҳамин тавр, ҳиссаи нутқе, ки ҳаяҷону ҳиссиёти гуногун ва изҳори иродаро ифода мекунад, нидо номида мешавад:

Э, ҳамин вақт омадани онҳо!... **Тавба**, ман дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл! *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»).* **О**, Улфатов, сабр кунед, худоро шунидан баъд бердиашро ҳам шунавед-дия (*Ф. Ниёзӣ*). «**Ааа**, Раҳим, ин ту ҳастӣ?—мад кашида бо табассум ба ман нигариста пурсид ӯ *(Р. Ҷалил).* Ҳамин тавр, айнан ҳамин тавр!... **Эҳ!** Одамон чӣ қадар тез аз худ мераванд *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»).* **Эҳа**, шумо ҳам дар ҳамин ҷо-ку! *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»).* Дарьё... Ба ҷӯш омадаву мавҷ мезанад, **аҷабо**!... Чӣ гуна барқ?! Чӣ сон мавҷ?! Оҳ!... Аҷаб!... **Даҳшат**!... (*П. Сулаймонӣ*).

ХЕЛҲОИ НИДО

Интонация аз аломати хеле муҳими тобиши маънои нидост. Нидоҳо аз рӯи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷон ва ифодакунандаи ирода.

Нидоҳои ҳиссиёту ҳаяҷон

Нидоҳои ҳиссиёту ҳаяҷон маънои луғавӣ ва шакли муқаррарии калимасозӣ надоранд. Маънои онҳо дар матн ба воситаи оҳангу талаффузи бой ва гуногун ифода мегардад. Интонацияи нидоро ҳамеша имою ишораи мувофиқ ҳамроҳӣ мекунад.

Он чӣ, ки ба воситаи калима (ғам хӯрдан, хурсанд шудан, тантана кардан, шубҳа кардан, сарзаниш кардан, ба ваҷд омадан, нафрат кардан, афсӯс хӯрдан ва ғ.) ошкор намешавад, ба воситаи фонема (овоз) -и муайян ва имою ишораи махсус ифода меёбад. Нидо низ алоқаи одамро бо воқеаю ҳодисаи атроф бо мақсади муайян ба таври мӯъҷаз, мухтасар ва рехтаю бадеъ нишон медиҳад. Дар байни забон ва имою ишора алоқа ҳаст. Интонация ва имою ишора маънои калимаро тағьир медиҳанд ва ягон тобиши маънӣ илова менамоянд.

Нидо ҳамчун таассуроти бевоситаи муҳит бо ҳаракати бадан ва имою ишораи рӯй алоқа дорад. Агар ба воситаи нидо муносибати одам ба воқеият ифода шавад, тавассути имою ишора ин муносибат таъкиду мустаҳкам мешавад. Гоҳо бе сухан ҳам метавон фаҳмид, ки муносибати байни ду шахси вохӯрда чӣ гуна аст. Масалан, танҳо як ҳаракати чашм басанда аст, ки боварӣ ва эътиқод решакан шавад. Бо оҳанги ҳалиму ҳиллагарона ва имои таскинбахш ба ҳамсӯҳбатамон «Ман қадри шуморо медонам» мегӯем, аммо ба шахси сеюм нигоҳ мекунем ва чашмак мезанем, ки зимнан дурӯғ будани суханонамон ошкор мегардад.

Бе интонация ва имою ишораи рӯй, даст, сар, чашм, даҳон, лаб, китф ва ғайра нутқи ҳаяҷонбахшро тасаввур кардан душвор аст. Мавқеи интонация ва имою ишора барои нидоҳое, ки маънои луғавӣ надоранд, махсусан калон аст. Умуман, нидо аз бобати интонация ва имою ишора нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ бойтар аст. Дар нутқи хаттӣ махсусан дар адабиёти бадеъ аксар интонацияи нидо ташреҳ мешавад, масалан:

Дар ҳамин вақт дари ҳуҷра тиқ-тиқ шуда, сухани махдумро бурид ва Ҳайит **«Хӯш!»** гуфт, ки ба тиқ-тиққунанда «дароед» гуфтан аст *(С. Айнӣ)*. Ҳанӯз шумо бо собуни ман ҷома нашустаед. **Ҳа!** — гуфта аз ғазаб рағҳои гарданаш дам карда, рӯю гӯшҳояш суп-сурх шуданд *(Р. Ҷалил)*.

Сарфи назар аз хусусияти умумиашон нидоҳои ҳиссиёту ҳаяҷон аз рӯи сохт ва маъно, аз вазифаи синтаксисӣ ва аз таърихи пайдоишу этимология фарқ мекунанд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама нидоҳои якҳиҷоию дуҳиҷоии э, о, а, е, и, эҳ, оҳ, уҳ, у, ай, ҳу, ҳе, уф, во, туф (туфу), воҳ, ваҳ, вой, баҳ, аҳа, оҳо, оббо, эҳе, бай-бай, хуше, ура ва ғайраҳо дохил меша-

ванд. Маънои ин нидоҳо бештар ба воситаи интонация муайян мешавад. Вобаста ба мазмуни матну ҷумла, вазъият, ҳолати рӯҳӣ ва таассуроти гӯянда барои ифодаи тобиши маънои гуногун оҳанги нидо низ тағьир меёбад. Масалан, нидои **Э!** маънои хурсандӣ, шодӣ, вақд, тааҷҷуб, ҳайрат, маломат, сарзаниш, таъна, тахмин, фарз, тарсу ваҳм, ҳарос, даҳшат, хавф, дард, озор, алам, ранҷ, норизоият, ҳасрат, андӯҳ, афсӯс, дареғ, истеҳзо, тамасхур, ришханд, ҳаҷв, таҳдид, дӯғу пӯписа, хатар, ноомади кор аз бадбахтии дигарон, ҷасорат, ҷуръат, бебокӣ, хашм, ғазаб, қаҳр ва амсоли онро ифода карда метавонад: Ҳамин ки чашми Исомиддин-махдум ба вай афтод: «Э... Мулло Азимшоҳ-ку» гуфта аз ҷояш ҷаста хест *(С. Айнӣ)*. **Э**, охир зуд бош! Ин қадар ту сусткорӣ, бобо? Ака-Салим ба мо нигарон аст дар он лаби дарьё *(С. Улуғзода)*. **Э**, Дохунда! Ҳанӯз ту содда будай. Магар ту надонистӣ, ки «об аз боло лой аст» *(С. Айнӣ)*. «**Э**, бечора! — гӯён Сафар он кӯрпачаро аз рӯи суфаи меҳмонхона гирифта, ба он камбағал дароз карда: «Ма, инро гир, имшаб ба болои ҳамин бихоб!» *(С. Айнӣ)*. **Э**, отунҷоне, гап бисьёру мову шумо хабар надорем (*Ф. Ниёзӣ*). **Э**, ҷоғам дар гӯр, ман чӣ гуфта истодаам. Илоҳӣ, ба тухматон барака диҳад *(С. Улуғзода)*. **Э, доде!** Охир маро Ҷалили Ҷовандоз-писари Сулаймони Говзӯр мегӯянд. Дар байни ҷӯраҳоям масхара шудам... *(С. Улуғзода)*. **Э**, қанд занед, ҷони акаш, ана ин гапи дигар: ҳар рӯз ҳамин тавр кор кунед (*«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*). Ба ту, э сарви ноз, мунтазирам-Шод кун, шод кун, биё ба сарам *(А. Лоҳутӣ)*. **Э** рафиқ лейтенант, барои ҳамин гапҳо ғам хӯрда худро коҳондан намеарзад, парво накунед-э *(Ф. Ниёзӣ)*.

Нидоҳои якҳиҷоӣ, дуҳиҷоӣ ва сеҳиҷоии зерин низ дар ҷумла ва дар матн вобаста ба шароиту вазъияти ифодаи фикр тобиши гуногуни сершумори маъноро ифода менамоянд: **ҳа, о, а, е, буу, ий, и, эҳ, эҳе, эҳа, оҳ, оҳо, ӯҳу, ҳо, ҳе, ай, ай-ай, вой, воҳ (ваҳ), паҳ-паҳ, баҳ-баҳ, оббо (ӯббо)** ва ғайра:

Ҳа! Фиребгар, ту дар ҳамин ҷоӣ? Калимаатро хон, ман ҳозир туро ба ҷаҳаннам мефиристам! *(С. Улуғзода)*. **А**... ҳам пул медиҳам, ҳам одам? Ин чӣ гуна ҷодугарист, ки кардӣ? *(С. Айнӣ)*. **Буу**... Худо паноҳ диҳад! «Буз агар хирман мекӯфт, ҳоҷати барзагов набуд» гуфтаанд одамҳои қадим *(Р. Ҷалил)*. **Ий**, чиба фалокат бошад? Ба ту зебид, духтарам, ҷудо ҳам зебо-олиҷаноб шудӣ. Айни духтарии худам, келинчакии худам барин! *(С. Улуғзода)*. **Эҳ**, тирмизак, акнун ту ҳам маро фиреб додан мехоҳӣ (*Ф. Ниёзӣ*). **Эҳе**, соат ҳам қариб даҳ шудааст-ку *(Ф. Ниёзӣ)*.

Ҳо!... ба хотирам расид. Дирӯз аз шаҳр чанд нафар муаллимаҳо омада буданд, маро ташвиқ карданд, ки ба марказ рафта бихонам (*П. Сулаймонӣ*). **Вой, Ёдгор!** Туро чаро мезанад, ба куҷо бурдан мехоҳад? *(С. Айнӣ)*. **Баҳ-баҳ!** Орифӣ,

шеърбофиро мону ин аҷоиботро тамошо кун. Ин паланг ҳамин дам аз сафҳаи китоб ҷаста ману туро медаррад (*С. Улуғзода*). **Ваҳ-ваҳ!** Чӣ шабе, ки аз дидани рӯят — Шуд бахти ман он гуна чу хуршед! *(А. Лоҳутӣ)*. **Оббо**, писараме, гӯр пирӣ шавад, қариб, ки нашиносам-а! — гуфт охир Юнусбобо, ҳаяҷони худро зер карда *(Ф. Ниёзӣ)*.

Нидоҳое, ки аз ҳиссаҳои дигари нутқ бо роҳи гузариш ба вуҷуд омадаанд, низ сермаъноянд. Онҳо ҳанӯз пурра ба нидо нагузаштаанд. Дар мавриди гузариш тағйири талаффуз, ки маънои нидоро дигар мекунад, низ муҳим аст. Агар аз ҷумла берун бошанд, ин гурӯҳи нидоҳо ба сари худ ҳиссиёту ҳаяҷонеро ифода намекунанд. Тобиши маънои ҳаяҷону ҳиссиётеро ифода кардани нидоҳое, ки аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба вуҷуд омадаанд, ба сохт ва мазмуни тамоми ҷумла ва, махсусан, ба интонация вобаста аст:

Охир, ман зинда-ку! Сабр карда ист, ман шоҳидҳо дорам! *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*. **Ана**, олам гулистон! Гуфти худам шуд, духтарам *(Ф. Ниёзӣ)*. **Аҳсант!** Шакар ба даҳонат! Доди суханварӣ додӣ! (*С. Улуғзода*). Дасти нозук, латиф, соф, булӯр... Дур шуд, дур шуд зи ман... **ҳайҳот!** (*П. Сулаймонӣ*). **Салом!** Омадам, ки аҳволпурсӣ кунам. **Ташаккур!** Хайрият, ту восита шудию ин кас омаданд. **Лаббай**, дадеш мана ҷеғ задед-мӣ? *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*. Биё, писарам! Аз рӯи пояндоз қадам мон! **Муборак бошад!** *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*.

Гоҳо барои ифодаи таассурот, ҳаяҷон ва ҳиссиёти баланд баъзе нидоҳое, ки аз дигар ҳиссаҳои нутқ гузаштаанд, бо шумораҳои миқдории **сад** ва **ҳазор**, бо калимаҳои **хеле**, **бисьёр** ва ё бо нидоҳои аслӣ истеъмол мешаванд:

Ба раҳнамунии ҳизби Ленин **ҳазор аҳсан,**— Ки ҳар хароба бигаштааст рашки сад гулшан *(Ҳ. Юсуфӣ)*. **Хеле афсӯс**, профессор, ба гумонам, падари маро намешиносед *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*. **Ҳай дареғ, сад дареғ!** Рӯзи озодиро, ки ба пеши чашмам омадааст, надида хоҳам сӯхт, васиятҳои Абдуллохӯҷаро ба ҷо оварда нахоҳам тавонист *(С. Айнӣ)*.

Барои ифодаи ҳаяҷони баланд гоҳо суффикси ҷамъи **-ҳо** низ бо нидо истифода мешавад, масалан: **Афсӯсҳо**, ки умр бароят вафо накарда,— Сози ту нағмаи зафарашро адо накарда... (*Ҳ. Юсуфӣ*).

Нидоҳое, ки дар асл аз исм баромадаанд, дар шароити муайяни нутқ бо пайвандаки **ки** истифода мешаванд. Дар чунин мавриди пайвандаки **ки** аҳамияти ҷумлабандӣ надорад, вай фақат барои нигоҳ доштани хушоҳангиву мавзунии ҷумла меояд:

Афсӯс ки ҳақиқати ин воқеаро нафаҳмидам *(С. Айнӣ)*.

Ҳайфо, ки аз тарси хароб шудани чашм ин «шукуфазор»-ро бо серӣ тамошо кардан мумкин набуд *(С. Айнӣ)*.

Одатан, маънои нидоҳое, ки аз дигар ҳиссаи нутқ омадааст, бештар ба воситаи интонация ифода меёбад. Дар мавриди аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба категорияи нидо гузаштани калима тағьири оҳанг, ки маънои нидоро дигар мекунад, зиёда аҳамият дорад. Масалан, калимаи «салом» («салому алайкум», «ассалому алайкум», «ассалом») одатан ҳангоми вохӯрӣ ифодаи табрику таҳсин аст:

Салом, модарҷон! Аҳволатон, саломатиатон нағз аст? Кору боратон чӣ тавр аст? *(Ф. Ниёзӣ)*. **Ассалому алайкум**, Моҳрӯнисо, канӣ, гап занед, аҳволатон чӣ тавр? *(Р. Ҷалил)*.

Аммо калимаи «салом» (хусусан дар забони гуфтугӯ) тобиши гуногуни маъно (тааҷҷуб, ҳайрат, ҳасрату андӯҳ, сарзаниш, тамасхур ва ғ.) зоҳир менамояд:

Салом, Рашидҷон! Аз болои ман шикоят карданӣ омадед? .(*«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*). **Ассалому алайкум**! Ман ба шумо пешакӣ гуфта будам, ки ин нақшаатон кор намеояд. Акнун ба сари гапи ман омадед? *(«Маориф ва маданият»)*. **Салом**, Шокирҷон! Ин қадар тумшуқат баланд шудааст! Магар дар ягон ҷои равғандор афтодаед *(«Тоҷикистони Советӣ»)*.

Нидоҳои **ҳм, мм** (**ҳм** сериствъмол аст) низ тобиши маъноии тахмин, истеҳзо, таҳайюр, шубҳа, дудилагию нобоварӣ, киноя, хомӯшии сермаъно ва ғайраро нишон дода метавонанд:

«Аз куҷо донистед, ки ман чорчинорӣ ҳастам»? «**Ҳм**... аз тӯпиат: танҳо тӯпии чорчинориҳо ин хел гул дорад» *(П. Толис)*. «**Ҳм**»,— лаб газид муҳаррир бо тамасхур,— «рассом бояд фикри мустақил дошта бошад» *(«Хорпуштак»)*. Объекти ҳарбӣ... **ҳм**... фикри олиҷаноб! ... (*«Хорпуштак»*). «Қасида ҳаст ё на»? **Мм**... Бале, ҳаст... Ҳамин соат... *(С. Улуғзода)*.

Гурӯҳи нидоҳое ҷудо мешавад, ки нисбатан маънои устувор доранд. Нидоҳои **туф** (туфу, тфу, туфе) **ҳа-ҳа-ҳа** (ҳо-ҳо-ҳо), **ҳи-ҳи-ҳӣ**, **ҳу-ҳу-ҳу**, ки дар натиҷаи амалиёти муайян ва ё таассурот маъно пайдо мекунанд, ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд. Ҷиҳати овозии ин нидоҳо махсус буда, аз доираи системаи овозии забон берунанд. Дар хат онҳо тахминан ва шартан акс меёбанд.

Нидои **туф (туфу, тфу, туфе)** ҳамчун овози **туф кардан** маънои нафрат, беэътиноӣ, беҳурматӣ, хашм, оташинӣ, ҳасрат, алам ва ғайраро ифода мекунад:

Туф ба ин кисабурон, ки калонашон ҷаноби олист! *(С. Айнӣ)*. Зи хуни башар хӯрдан, эй нобакор,— Туро то ба он ҷо расидаст кор,— Ки мулки Советро кунӣ орзу? — **Туфу** бар ту, эй гурги малъун, **туфу**! *(Ҳ. Юсуфӣ)*.

Ба воситаи нидои **ҳа-ҳа-ҳа** ва вариантҳои он **(ҳо-ҳо-ҳо, ҳи-ҳи-ҳӣ, ҳу-ҳу-ҳу, ҳе-ҳе-ҳе)** маънои масхараву мазоҳ, пис-

ханду пичинг, тамаллуққориву чоплусӣ, истеҳзову ханда ифода меёбад.

Ҳа-ҳа-ҳа! Э, намурӣ ту масхарабоз! *(«Садои Шарқ»).* **Чӣ?** Гирья кардам? **Ҳо-ҳо-ҳо...** Нахобидаам? **Не,** аз хоб сер шудам *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»).* Ҳамин тавр, боз аз об хушк баромадам. **Ҳи-ҳи-ҳи!** *(«Хорпуштак»).*

Нидоҳои сулфидан, бо забону лаб садо баровардан, ҳуштак кашидан аз системаи овозии забон бисьёр фарқ мекунанд. Ин нидоҳо тобиши маънои бозӣ, ҳазлу шӯхӣ, истеҳзою ҳаҷви сабук, ифодаи бартариро нишон медиҳанд.

Ӯҳу-ӯҳу-ӯҳу, сабил монад, нон дар гулӯям дармонд, набошад ман ҷавоби ӯро дурусттар медодам *(Р. Ҷалил).* **Лалай-лалай,** аҷаб шуд, хомӯш менишастӣ, бозичаат сиҳат мемонд *(«Машъал»).* **Ҳушт-ҳушт,** тарсидаме, ака, дар лабам табхол баромад, овоз бароред намешавад? *(«Маориф ва маданият»).*

Нидоҳое, ки аз ҳиссаҳои мустақили нутқ баромадаанд ва маънои нисбатан устувор доранд, ғурӯҳи ҷудогонаро ташкил мекунанд. Ин нидоҳо одатан маънои хитоби таҳнияту муборакбодӣ ва фараҳмандӣ, сипосу миннатдориро ифода менамоянд. Нидоҳои **раҳмат, ташаккур, офарин, аҳсан (аҳсант), боракалло, табрик, саломат бошед** ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Маънои нидоҳое, ки ғаму ғусса, андӯҳу ҳузн, ҳасрат, дилгирӣ, мусибат, фалокат, дарду алам, норизоият ва ғайраро ифода мекунанд, низ устувор аст. Нидоҳои **вой (э вой, эй вой, вое, вой-вой), воҳ (э воҳ, эй воҳ), воҳ-воҳ, во, оббо (ӯббо)** аз ҳамин гурӯҳанд:

Вой, мани сиёҳбахт акнун чӣ кор мекунам? *(С. Айнӣ).* **Э вой,** мани бефаҳм! Ҷоғам дар гӯр, ман чӣ кор кардам-а! *(С. Улуғзода).* **Вое,** шавҳар накарда мур! *(Р. Ҷалил).* **Оббо,** гове! Ман чанд бор ба ту фаҳмонам! *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»).*

Дилшикастагӣ, ғаму андӯҳ ва ё таассуф, дилсӯзӣ ва тараҳҳум ба воситаи нидоҳое, ки аз исм ба вуҷуд омадаанд (афсӯс, дареғ, ҳайф, ҳайҳот ва ғ.), ифода мешаванд:

Афсӯс, ки гӯш накард, ана оқибат ба худаш ҷабр шуд *(Ф. Ниёзӣ).* Мевазад аз канори дарьё бод,— Дода овоз медавад чолок...— Не ин овози бод не, **ҳайҳот!** *(Ҳ. Юсуфӣ).* Ҳайфо, ки ба дам задан маҷол надошт *(С. Айнӣ).*

Дараҷаи зиёд ва олии изҳори ғаму андӯҳ ва раҳму дилсӯзӣ бо нидоҳои таркибии типи **сад афсӯс, сад ҳайф, ҳазор афсӯс, бисьёр афсӯс, хеле афсӯс, ҳай дареғ, во дареғ, эй афсӯс** ва ғайра ифода мешавад:

Ҳай дареғ, сад дареғ, чаро ин одами навомади ноозмудро барои ин кор фиристодам *(С. Айнӣ).* Ку ҳамон? Ку таноби имрӯзӣ? — Ку, куҷо шуд? Чаро ба гардан нест? — **Оҳ афсӯс, сад ҳазор афсӯс!** *(Пайрав).*

Нидоҳое, ки далелу даъво ва таъкиди ягон чизро ифода

мекунанд ва ё тақдир кардану баҳо додани эмоционалиро нишон медиҳанд, гурӯҳи алоҳидаро ташкил мекунанд ва чун ҷумлаи хитобии эмоционалӣ ба назар мерасанд:

Бемазагӣ! Ман ҳозир телефон мекунам *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»).* **«Дурӯғ, тӯҳмат!»** гӯён деҳқонони дигар ҳам овоз баланд карданд *(С. Айнӣ).* **Даҳшат, даҳшат!** Ба арвоҳи ҷамъи бузургони Бухоро қасам, шумо сипаҳсолор, марди худобехабаред! *(С. Улуғзода).*

Нидоҳои эмоционалие, ки маънои устувор доранд ва аз таркибҳои идиомавӣ омадаанд, гурӯҳи махсусро ташкил мекунанд.

1. Фразеологизмҳое, ки маънои тасдиқ ва ё инкори ҳаяҷонбахш (гоҳо бо тобиши маънои таҳдид, дӯғу пӯписа ва ғайра), ифодаи қаноатмандӣ, хурсандӣ, хушнудӣ, миннатдорӣ доранд:

Ба чашм! Ҳар коратон бошад, ба ҷону дил, мувофиқи дилхоҳатон мекунам *(С. Айнӣ).* Э-Э, амакҷон! Охир, ман ба куҷо ҳам мерафтам? Ба хона-дия. **Сабил монад,** имрӯз ҳам дар хонаи мо об нест *(«Хорпуштак»).* «Марҳамат, **ба ҷону дил»** — дарҳол розигӣ дод акои Олим бо овози баланд *(Ф. Ниёзӣ).*

2. Фразеологизмҳое, ки ба гурӯҳи нидоҳо гузашта, ногаҳонӣ, тасодуф, тааҷҷуб, шубҳа, беэътимодӣ ва гоҳо ҳайрату таҳайюрро ифода менамоянд: **Кори калон!** Ана ин ба ҳама маъқул мешавад *(С. Улуғзода).* Шумоён раветон, раветон. Ин кори шумо. Аммо ман дигар ба остонааш қадам наемонам. Магар ҳамин ҳам одамгарию одоб аст? **Ана гапу!** *(Р. Ҷалил).*

3. Ибораю таркибҳои фразеологие, ки маънои ҷасорат, ҷуръат, бебокӣ ва гоҳо пушаймонӣ, ноумедӣ ва маъюсиро нишон медиҳанд:

Ё бахт! Бригадиратон дар ҷонам занад! *(С. Улуғзода).* **Вой ба ҳоли ман!** Кораш ба прокурор афтодааст. Ҳоли гирифта қава кунанд, чӣ мегӯед? *(С. Улуғзода).*

4. Ибораю таркиби фразеологие, ки маънои масхара, тамасхур, истеҳзо, мазоҳ, норизоят, ханда, ришханд, таҳқир, ҳақорат, беэътиноӣ, нафрат ва ғайраро ифода мекунад:

Дод аз дасти фиребгар! Илоҳӣ дастат шиканад баргдузд *(С. Улуғзода).* **Сабилу зор монад!** Охир ин ҳавлӣ на болохона дораду на таҳхона, на телефону на ванна *(Р. Ҷалил).*

5. Ибораю таркиби фразеологие, ки ифодаи таҳқир ва дӯғу пӯписа дорад:

Хуб, **манаҳ ях!** Равед, кампирбегим, мо худамон гапзанон мекунем *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»).* Аввал дусад сӯми роҷеъулнақдро ба ман меқаппонед, ман рафта талоқномаатонро оварда ба дастатон медиҳам, баъд марҳамат, **чор тарафатон қибла!** *(С. Улуғзода).*

Нидои амр

Нидоҳои амр аз нидоҳои эмоционалӣ аз ҷиҳати маъно, аз рӯи вазифаи худ ва гоҳо аз бобати сохт фарқ мекунанд. Нидоҳои амр воситаи изҳори ирода (фармон, амр, манъ кардан ва ғайра) мебошанд.

Нидоҳои амр унсури эмоционалӣ низ доранд ва дар баробари ифодаи изҳори ирода муносибат ба муҳитро низ нишон медиҳанд. Шаклҳои гуногуни ин муносибат (хоҳиш, дархост, тавалло, илтиҷо, зорӣ, манъ кардан, фармон, таҳқир ва ғайра) ба воситаи нидоҳои амр ифода меёбанд.

Нидоҳое ҳастанд, ки онҳоро ҳам эмоционалӣ ва ҳам амрӣ номидан мумкин аст. Чунин аст нидои **аллае-аллае**, ки ҳангоми хобонидану таскини кӯдак истифода мешавад. Ин нидо дар асл даъвати хоб аст, вале баробари ин навозиш, меҳрубонӣ, дӯстдорӣ, лутфу шафқатро низ нишон медиҳад.

Нидоҳои амр аз рӯи маъно ва вазифа ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) нидоҳои даъват ва ҷеғ задан: **эй, ҳой, ҳон, ҳо, ӯй-уй, ув, уув, у, аё, ой, ё, о, ало, аллае (аллае-алла), лаббай, доде, чавре** ва ғ. Мисолҳо:

Эй, азизам магар дар Ленинград ба ғайр аз Стеблев дигар чизи хуб нест? *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*. **Ҳой, ҳой** мардак! Даҳонатро пӯш, ношукрӣ накун! *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*. **Ало!... Ало!... Ало!...** Мавҷ... Барқ... Радио... **Ало!... Ало!... Ало!...** Ҳар сӯ нигар ба мавҷи ҳаво.— Зи барқи радио, дар синаи ҳаво... *(П. Сулаймонӣ)*. Гӯяд: тезтар калон шав — Дар Ватан паҳлавон шав...— Акнун чашмонатро пӯш — Осуда хоб рав! **Алла, ҷон алла!** *(А. Лоҳутӣ)*. «Бозорбой?». **«Лаббай!»**. «Даҳ таноб замини худатро ба Яъқуббой ба бадали ҳазор танга ба байъи шаръӣ фурӯхтӣ?». «Фурӯхтам» *(С. Айнӣ)*.

Ин нидоҳо дар баробари нишон додани маънои умумии даъват ва ҷеғ задан боз вобаста ба хусусияти шароиту муҳити нутқ тобишҳои гуногуни маъно зоҳир мекунанд. Аз ин нуқтаи назар онҳо ба нидоҳои эмоционалӣ наздик мешаванд. Масалан, нидои **эй** тобиши маъноҳои зеринро ифода карда метавонад:

а) ҳасрат, андӯҳ, дареғ, хафагӣ, алам:

Эй нури чашм, оҳ Мунира, куҷо шудӣ? — Ногаҳ чӣ шуд, ки аз мани мискин ҷудо шудӣ? *(П. Сулаймонӣ)*;

б) нобоварӣ, шакку шубҳа:

Э-эй, Рӯзиев одами хурд аст. Зӯраш намерасад. Мумкин аст, ки ин кори Карпович бошад? *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*;

в) хоксорӣ, рад кардан, норозигӣ:

Эй, ҷой чӣ даркор! *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*.

г) даъват, ҷор, муроҷиат: Вақти он аст, **эй** қалам! Буррандатар гардӣ зи теғ! — Вақти он аст, эй сухан! Ғуррандатар гардӣ зи барқ *(Ҳ. Юсуфӣ)*.

д) таҳайюр, тааҷҷуб, ҳайронӣ:

Эй ... дар ин ҷо як авул пайдо шудааст-ку *(С. Айнӣ)*;

ж) хиҷолат, ташвиш, таассуроти хафагӣ:

Эй, рӯз қариб пешин шудааст-ку. Ман рафта норман худамро кор кунам *(С. Айнӣ)*;

з) таҳният, муборакбодӣ, табрик:

Эй, саломуалайкум, Зарифзода, хуб сиҳат-саломатакак ҳастӣ? Кай омадӣ? *(Р. Ҷалил)*;

и) пешакӣ огоҳонидан: **Эй** холача, шумо ба миён надароед *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*.

2) нидоҳое, ки талаби риояи хомӯшӣ ва итоатро ифода менамоянд:

Хомӯш! Кирдори ту, аҳволи оилаи ту мардумро нотинҷ кард, ҳамаро аз кор мононд *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*. **Ором!** Аз роҳи кура баромада намешавад, ин ҷо дар рӯ ба рӯ хонаҳои сиёҳ аст *(С. Айнӣ)*. **Ҷим!** Овозата набарор! *(С. Улуғзода)*. **Диққат! Боз диққат!** Шунавандагони мӯҳтарам! Радиои Хорпуштак шунавонидани ниммусиқии навбатии худро... сар мекунад *(«Хорпуштак»)*;

3) нидоҳое, ки аз дигар ҳиссаҳои нутқ омадаанд, ҷараёни тағьири маъноро аз сар мегузаронанд. Дар қатори онҳо як гурӯҳ калима, таркиб, ибора ва ифодаи соҳаи дин ҳаст, ки бо мурури замон маънои аслиашро тағьир дода, ба нидо гузаштаанд. Чунинанд нидоҳои **омин, илоҳо, астағфирулло, алҳазар, тавба, валлоҳ, ба худо, ба ҳурмати нон, ба арвоҳи падарат, биллоҳӣ, валлоҳу биллоҳ, иншооллоҳ** ва ғайра:

Омин! Ҳар рӯз хоҷаамон зан гиранд, тӯй кунанду мо дуогӯён тӯй хӯрда, ба ҳаққи ин кас дуо кунем... **Омин, олоҳу акбар!** *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*. **Астағфирулло!**... Ба ин нодон чӣ гӯям? *(Р. Ҷалил)*. Гарданашро даст бурдам, турраш дастам газид — **Алҳазар!** Дар шохи гул ман мор пайдо кардаам *(А. Лоҳутӣ)*. Дили ту пок аст? **Тавба!** Ту чӣ гуфтан мехоҳӣ? *(С. Улуғзода)*;

4) гурӯҳи нидоҳое ҷудо мешавад, ки аз рӯи сохт ва маъно гуногунанд. Аксари ин нидоҳо бештар дар шакли тасрифии феъл меоянд, чунончи: **мужда, хизмат, ба хайр, монда нашавед, саломат бошед, зинда бош (ед), шаҳ бош (ед), шод бош (ед), намеарзад, гардам** ва монанди инҳо. Ин нидоҳо маънои фараҳмандӣ, аҳволпурсӣ, хайрхоҳӣ, илтимос, хоҳиш, муборакбодӣ, тақдир кардан, фурӯтанӣ ва ғайраро ифода менамоянд.

Мужда! Эй сайди марғзори вафо,— Ёр баҳри шикор меояд *(П. Сулаймонӣ)*. **«Хизмат**, раис?» — дар пеши дар ҳозир шуда гуфт Улфатов *(Ф. Ниёзӣ)*. **Бахайр**, Гулнор? Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? *(С. Айнӣ)*. Ана ин, ана ин корро наку-

нед, ҳама коратон дуруст мешавад. **Раҳмат! Намеарзад, Ҳалимахон!** *(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*;

5) гурӯҳи калони калимаҳое ҳастанд, ки дар мавриди муайян ба вазифаи нидо омада, ҳиссиёти гуногуни нафрат, таҳқиру дашном ва сарзанишу маломат ва норозигиро ифода мекунанд. Нидоҳои **бераҳм, сангдил, ноинсоф, лаънатӣ, падарлаънат, чапан, беҳаё, бетавфиқ, беимон, нобакор, беномус, ҷувонимарг, сархӯр, бадбахт, падарсаг, пирсаг** ва ғайра аз ҳамин ҷумлаанд.

Бераҳм, сангдил! Магар фаромӯш кардӣ? Дар вақте ки ману ту ҳанӯз бачаи хурдсол будем, дар канори Ҷилвон ҳарду бо ҳам кор мекардем, пахта мечидем ва бозӣ мекардем *(С. Айнӣ)*. **Лаънатӣ, чапан!** Охир, ту вайро ҳақорат кардай *(С. Улуғзода)*.

6) дар соҳаи гуногуни пешаву касб ва ихтисос нидоҳои **қабул, итоат, ҳозир бош, оташ, иҷозат, рухсат** (диҳед, шавад), **ист, марш** (дар соҳаи ҳарбӣ), **бош тайёр, доимо тайёр** (дар соҳаи кори пионерӣ) ва монанди инҳо истифода мешаванд. Ин нидоҳо ифодаи дараҷаи интизоми баланд буда, итоат, фармон, муроҷиат, рухсатро мефаҳмонанд:

«Ҳозир бош!» гуфта сардор фармон дод (*С. Айнӣ*). Ҳамин ки танкҳо рӯ ба рӯи роҳрави чуқур расиданд, Одинаев бо садои пуртаъсир фармон дод: **«Оташ!»** *(Ф. Ниёзӣ)*. Эй музыка, нола соз! **Хон марш!** — Мурд Ильич, зинда бод Ленин!— Ленин ба дили пролетарҳост *(П. Сулаймонӣ)*. **Бош тайёр! Доимо тайёр!** Дар роҳи социализм аз дилу ҷон! **Бош тайёр!** Баҳри ҳифзи пролетари ҷаҳон *(П. Сулаймонӣ)*;

7) Нидоҳои соҳаи цирк ва физкультура, ки асосан аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд (ба монанди **аллеҳ**) низ машҳуранд. Нидоҳои тоҷикии **ҳӯппа, ҳа** ба соҳаи цирк ва физкультура низ мансубанд.

Нидоҳое, ки барои таъсир расонидан ба ҳайвонот истифода мешаванд, махсусан, дар забони гуфтугӯ ва лаҳҷа сеистеъмоланд.

Дар забони тоҷикӣ барои муроҷиат кардан ва фармон додан ба саг чунин калимаю ифодаҳо мавҷуданд: **маҳ-маҳ, баҳ-баҳ (боҳ-боҳ, бӯҳ-бӯҳ), куч-куч, ин ҷо биё, асаг, хиҷ, хоб кун, гурез, рав, дафъ шав, бардор, гир, киш-киш, ол-ол, тур** ва ғ.

Калимаҳое, ки муроҷиати ба ҳайвоноту паррандагони хонагиро ифода мекунанд, зиёданд. Масалан, калимаҳои **чиғ-чиғ** (диги-дигӣ, гиди-гидӣ), **чай** (чай-чай), **ай** (ай-ай), **ҳел-ҳел, ҳей-ҳей, ҳол-ҳол, геҷ-геҷ** ва ғайра нисбат ба буз; **чу** (чу-чу), **шок** (шок-шок), **ҳеш-ҳеш, уш-уш, бош** (бош-бош), **баҳш,** (баҳш-баҳш), **шук-шук, сав-сав** ва ғайра нисбат ба гов; **беҳ-беҳ, бияҳ-бияҳ, хут** (хут-хут), **хат-хат, маҳ-маҳ, иш** (иш-иш), **их** (их-их), **чаҳ** (чаҳ-чаҳ) ва ғайра нисбат ба хар; **ҳушт** (ҳушт-ҳушт), **ҳуйт** (ҳуйт-ҳуйт), **ҳейт** (ҳейт-ҳейт), **қош** (қош-

қош), **тувӣ-тувӣ** ва ғайра нисбат ба гӯсфанд; **пиш-пиш, пишт** нисбат ба гурба; **ту-ту-ту, киш** нисбат ба парранда истифода мешаванд.

Боз гурӯҳи муайяни нидоҳое ҳастанд, ки ҳангоми амалиёти гуногуни одам бо ҳайвонот кор меоянд. Масалан, ҳайвонотро бо оҳангу овози махсус об медиҳанд, бо истодану ҳаракат кардан, давидан ва хӯрок хӯрдан даъват мекунанд. Ин оҳангу овози махсусро дар хат акс намудан хеле душвор ва аксаран ғайриимкон аст. Гоҳо баъзеи онҳоро дар хат шартан ифода мекунанд, вале он ҳам аз қоидаи сарфу наҳв ва овоз барканоранд. Чунинанд нидоҳои **тувӣ-тувӣ, ӯҳ-ҳишт,** тсс.

СОХТИ НИДО

Сохти нидо хеле гуногун аст. Нидоҳое ҳастанд, ки ба идиомаю фразеологизмҳо (бало ба пасаш, чашм нарасад, илоҳӣ омин, ҷонам қатӣ, ба ҷону дил, худо нигоҳ дорад, ё тавба, таваккал ба худо, ҳушьёр бош, сабил монад, чор тараф қибла, қандашро хурад), ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ (офарин, салом, раҳмат, саломат бош (ед), хуш омадед, мебахшӣ (ед), ист, иҷозат диҳед, бош тайёр, бифармо, бигузор, лаънатӣ), ба калимаҳои забонҳои дигар (урра, марш, ол-ол, алҳазар), ба амалиёти рефлекторӣ (бррр, ҳа-ҳа-ҳа) ва ғайра муносибат доранд.

Нидоҳои **э, ҳа, а, буу, и, ий, эҳ, ӯҳ, ҳо, ҳу, ҳе, вой, воҳ** ва монанди инҳо хусусияти хос доранд. Онҳо аз ҷиҳати сохти морфологӣ ба ҷузъҳо ҷудо намешаванд, вале интонацияи махсус ва рангоранг доранд. Интонация низ шакли грамматикист ва маънои гуногуни нидоро пеш аз ҳама ҳамин интонация таъмин мекунад.

Муқаррар намудани сохти морфологии нидо (хусусан нидоҳои аслӣ) душвор аст. Онҳо чунин сохт доранд: садонок (**э, о, а**); садоноку ҳамсадо (**эҳ, аҳ**); ҳамсадою садонок (**ҳа, ҳо, ҳе**); садоноку ҳамсадо ва садонок (**эҳа, эҳе, уҳу**); ҳамсадою садонок ва ҳамсадо (**вой, ваҳ, пуф**); садоноку ду ҳамсадо ва садонок (**оббо, ӯббо**); ҳамсадою ҳамсадо (**ҳм, мм**) ва монанди ин.

Нидоҳои бо номи ҳайвонот алоқаманд аз рӯи сохту маъно аз дигар нидоҳо фарқ мекунанд. Дар гурӯҳи нидоҳои мансуби ҳайвонот фонема чандон аҳамият надорад. Ин аст, ки дар як лаҳҷаву шева якчанд варианти овозии нидо дучор мешавад.

Нидо низ морфологияи хос дорад. Чунончи, калимаҳои муроҷиат ба ҳайвонот суффикс қабул карда, навозишро ифода менамоянд: **чигӣ-чигича, шок-шокак, пиш-пишак, чу-чуҳак,** хут-хутик ва ғайра.

Воситаи муҳими грамматикии сохтани нидо тарзи такрор аст. Баъзе нидоҳо дар шакли такрори дукарата ва секарата истеъмол шуда, аммо шакли истифодаи яккарата надоранд, чунончи: **чигӣ-чигӣ**, **бияҳ-бияҳ**, **пиш-пиш**, **сав-сав**, **ҳол-ҳол**, **тувӣ-тувӣ**, **ту-ту-ту**, **ҳа-ҳа-ҳа** ва ғайра. Бисьёр нидоҳо ҳам шакли ягона ва ҳам шакли такрор доранд, масалан: **вой**, **ваҳ**, **баҳ**, **паҳ**, **чай**, **ай**, **шок**, **геча**; **вой-вой**, **ваҳ-ваҳ**, **баҳ-баҳ**, **паҳ-паҳ**, **чай-чай**, **ай-ай**, **шок-шок**, **геча-геча** ва ғ.

Нидоҳои амре, ки муроҷиат ба ҳайвонотро мефаҳмонанд, барои он такрор мешаванд, ки оҳанги итоати ҳайвонот пурқувват гардад:

Гулсум карсонро аз хонаи сиёҳ гирифта баромад ва ба атроф нигоҳ карда: «Хайбар! **Бӯҳ-бӯҳ-бӯҳ**» гӯён ҷеғ зад (*С. Айнӣ*). **Чу-чу**, ҷонвар, аз чӣ мехӯспӣ! (*Ф. Ниёзӣ*). **Их-их**! Туро мегӯяме! Зудтар роҳ гард, торик шуд (*«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*).

Бо мақсади пурқувват гардидани дараҷаи мутаассирии гӯянда аз нутқи ҳамсӯҳбат ва ё аз ягон ҳодисаву воқеаи муҳит дигар нидоҳо низ такрор мешаванд:

Ҳой-ҳой, йигитҳо! Шуморо ба хайр? Охир инҳо моли манку!... (*«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*). **Ҳо-ҳо-ҳо**! Акнун ба ёдам омадӣ: магар ту Фармон нестӣ (*С. Айнӣ*). Ту кистӣ? Ҳа... Маҳмуд! Ту ҳам ба даст афтодӣ? **Афсӯс**, **афсӯс**! (*«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*).

Баъзе нидоҳо (бай-бай, баҳ-баҳ, вай-вай, ҳай-ҳай, лай-лай, ва ё ла-ла-лай ва ғайра) асосан дар шакли такрор истифода шуда, дар мавриди муайян маънои шодиву хурсандӣ, ваҷд, тааҷҷубу ҳайрат, нафрат, ношукрӣ ва ғайраро ифода мекунанд:

Сар то по мисли ҳалвой лавз. **Бай-бай-бай**... (*«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*). Ҳой, ҳой, амаки полвон! Ин чӣ мағал? Худаш чӣ гап? **Ҳай-ҳай**! Ин ҷо яслии бачагон аст. Бачагон хоб кардаанд. Оҳиста гап зада гузаретон (*«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*).

Якҷоя истеъмол шудани ду нидо зиёд аст, ки дар чунин маврид оҳанги ҳаяҷон ва таъсири нидо пурқувват мегардад:

Вой дод!... Ман ғӯзаи худамро аз як ман зиёдатар тахмин карда оварда будам (*С. Айнӣ*). **Эй вой**!... Азизам, ту чӣ қадар тангҳавсала ва ба чӣ андоза бесабрӣ?... (*П. Сулаймонӣ*). **Э тавба**! Вай духтари худамо барин-ку (*С. Улуғзода*).

Мавриди бо нидо ҳамроҳ омадани ҳиссача кам нест, ки дар натиҷа ҷиҳати эҳтиросу муассирии оҳанги нидо пурқувват мегардад:

Ҳа, баракалло, шакар ба даҳонатон, ёфтед (*Ф. Ниёзӣ*). **Хӯш, хӯш, канӣ, муборак бошад**, духтарам (*С. Улуғзода*). **Канӣ, марҳамат**, раис, як пиёла чой гиред (*Ф. Ниёзӣ*).

КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ

Калимаҳои тақлидӣ маънои муайян, аломати махсуси морфологӣ, синтаксисӣ ва услубӣ доранд. Калимаҳои тақлидӣ на фақат тақлиди овози одамон (ғурунг-ғурунг), ҳайвонот (баа-баа), паррандагон (қар-қар), ҳашарот (чир-чир), инчунин тақлиди садои бо ҳам расидани ду предмет (ҷиринг-ҷиринг), тақлиди овоз ва ҳаракати ҳодисаҳои табиат (гулдур-гулдур), тақлиди ҳодисаҳои овоздори организми инсон (гуп-гупи дил) ва ғайраро фаро мегиранд. Калимаҳои тақлидӣ ҳамчунин ҳаракат, тасаввуроти равшанӣ, эмоция ва ҳолати рӯҳиро низ инъикос менамоянд. Аммо эмоцияю ҳолати рӯҳии калимаи тақлидӣ аз эмоцияю ҳолати рӯҳии нидо фарқ мекунад. Чунончи:

Эй Октабир — Инқилоби Октабир!
Эй моҳ! Не, офтоби Октабир!
Урра! Урра!!! Ба пеш биштоб!
Биштобу саодати башар ёб!

(С. Айнӣ)

Занбар мошин барин нарм-нарм алвонҷ мехӯрад. Э, охир, ӯро рӯи занбар ба мошин бор кардаанд. Ана шишаи ширранги чароғаки сақфи мошин *(Ф. Муҳаммадиев)*. Дигар мадор надорам. **Уффф!** *(«Хорпуштак»)*. Ман аз тарси он, ки акнун китобам аз дастам меравад, **ҳиқ-ҳиқ** гирья сар кардам *(С. Улуғзода)*. Адолат аз ҷояш хеста хомӯш меистоду чӣ гуфтанашро намедонист, гулӯгир мешуд, дилаш чунон **гуп-гуп** беқарор мезад, ки ором нафас кашида наметавонист *(Ф. Ниёзӣ)*. Оҳиста дарро кӯфт, аз поён **ғурунг-ғурунг** садо баромад *(Ф. Ниёзӣ)*.

Дар се ҷумлаи аввал нидо **(урра, э, уффф)** ва дар се ҷумлаи охир калимаи тақлидӣ истифода шудааст. Аз ин мисолҳо тафовути маънои нидо ва калимаи тақлидӣ равшан мушоҳида мешавад.

Ҷиҳатҳои мухталифи предмету ҳодисаҳои воқеият бо роҳҳои гуногун: сомиа, босира ё ломиса дарк карда мешаванд. Калимаҳои тақлидӣ ҷиҳати гуногуни предмету ҳодисаҳоро бо ёрии ин воситаҳо шартан акс менамоянд. Масалан, ба воситаи идроки сомиавӣ ҳаракати гуногун: зарбу лат, шапидану задани чизе, шалап-шалап, тарап-тарап задану кӯфтан, шикастан, хаму рост шудан, кафидан, харошидан, соидан ва ғайра тасвир мешаванд. Онҳо натиҷаву таъсири овозу садои нисбатан баланд ва ё пастро ба вуҷуд меоваранд.

Қувваи ҷамъбасти калимаҳои тақлидӣ нисбат ба нидо суст аст. Масалан, барои калимаҳои тақлидӣ, умуман, задан ҳамчун мафҳуми муқаррарӣ мавҷуд нест, балки миқдори бешумори тарзи задан дида мешавад. Барои онҳо ғалтидани

оддӣ нест, балки миқдори бешумори ҳар гуна усулҳои ғалтидан вуҷуд дорад. Барои онҳо ҳаракати муқаррарӣ нест, балки шаклҳои гуногун ва бешумори ҳаракат мавҷуд аст ва монанди инҳо.

Хусусияти дигари калимаҳои тақлидӣ дар он аст, ки онҳо қобилияти ифода намудани моҳияти чизҳоро надоранд. Масалан, барои калимаҳои тақлидӣ мафҳуми буридани муқаррарӣ мавҷуд нест, балки овоз ва садоҳое ҳастанд, ки дар ҳангоми буридан пайдо мешаванд ва ғайра. Ба таври дигар гӯем, калимаҳои тақлидӣ тарафи беруни чизҳоро, он тарафи предметҳову ҳодисаҳоро, ки дида, шунида ва ламс карда мешаванд, сабт менамоянд, аммо ботину даруни онҳоро акс карда наметавонанд. Онҳо садо, зарбу такон ва дурахшу ҷилои бешумори дунъёи воқеиятро тасвир намоянд ҳам, вале моҳияти онҳоро ҳанӯз инъикос намекунанд.

Калимаҳои тақлидӣ аз рӯи як қатор аломатҳои грамматикиашон ба ҳиссаҳои номии нутқ ва зарф наздик мешаванд, аммо аз онҳо бо хусусиятҳои равшани семантикии худ фарқ мекунанд. Ҳар як калимаи тақлидӣ то ҳадди имкон садову овоз, ҳаракати ҳодисаҳои тасвиршавандаро ба таври конкрет, равшан ва фасеҳ инъикос менамояд. Калимаҳои тақлидӣ нисбат ба калимаҳои мустақил пуробуранг ва таъсирбахшанд.

Аксари калимаҳои тақлидӣ аз як ҳиҷо зиёд мебошанд. Хусусияти дигари калимаҳои тақлидӣ дар он аст, ки шақли такрори фаровон доранд. Ҳиссаи дуюми такрор, одатан, ҷузъи якумро пурра акс менамояд. Тағйироти фонетикии ҷузъи дуюм хеле кам мушоҳида мешавад.

Аз ҷиҳати морфологӣ калимаҳои тақлидӣ бештар ба категорияи исм тамоюл доранд. Онҳо ба вазифаи ҳаман аъзоҳои ҷумла омада метавонанд.

Хусусиятҳои семантикии калимаҳои тақлидӣ

Калимаҳои тақлидӣ сермаъноанд. Аз ин ҷиҳат онҳо аз дигар калимаҳои ғайритақлидӣ кам фарқ мекунанд. Масалан, калимаҳои **гулдур-гулдур** ва **гулдуррос** чунин маъноҳоро ифода карда метавонанд: а) садои тундар; б) садои чапакзанӣ; в) ғалоғулаи одамон; г) овози чапакзанӣ; д) овози ханда. Ба ғайри ин аз калимаҳои **гулдур-гулдур** ва **гулдуррос** феълҳои таркибии номӣ (гулдур-гулдур кардан, гулдуррос задан), феъли ҳол (гулдурросзанон, гулдур-гулдуркунон), сифати феълӣ (гулдуррос зада, гулдур-гулдур карда) сохта шудаанд, ки дар ҷумла маъноҳои гуногун зоҳир менамоянд.

Миқдори калимаҳои тақлидӣ, махсусан, дар забони гуфтугӯ зиёд аст. Ба шарофати инкишофу тараққиёти соҳаҳои гуногуни зиндагӣ калимаҳои тақлидӣ низ афзуда истодаанд.

Калимаҳои тақлидӣ дар системаи лексикаи забони тоҷи-

кӣ мақоми муайян дошта, хелҳои гуногуни садою овоз, ғавғо, ғалоғула, хелҳои гуногуни ҳаракат, ҳодисаҳои равшанӣ, ҳиссиёти гуногуни физиологӣ ва ҳаяҷони гуногуни рӯҳии мавҷудоти зиндаро нишон медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар ҳамаи калимаҳои тақлидиро аз рӯи маъно ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) калимаҳои тақлидие, ки ҳолату вазъияти гуногуни физикӣ, физиологӣ, ҳолати рӯҳии предметҳои ҷондорро (бештар одамро) инъикос менамоянд. Ба ин ҷо садову овозҳое, ки аз узвҳои гуногуни бадан бармеоянд, низ шартан дохил мешаванд, масалан:

Аз даруни меҳмонхона ғайр аз садои **хур-хури** хобидагон дигар овозе шунида намешуд *(С. Айнӣ)*. Аз ин мебарояд, ки хабари расонидаамон бефоида набудааст? — гуфтам ман ба Солеҳ, дар ҳолате ки ба ҳаяҷон омада будам ва дилам **гуп-гуп** мезад *(С. Улуғзода)*. Ҳама **қоҳ-қоҳ** механдиданд *(Р. Ҷалил)*. Ҳар ду зонуи Латиф **дарағ-дарағ** меларзид *(Ф. Ниёзӣ)*. Падарам дар хонаи торик танҳо нишаста буд, аз он ҷо **ҳиқ-ҳиқ** гиристани ӯ ба гӯши мо мерасид *(С. Улуғзода)*;

2) калимаҳои тақлидие, ки садоҳои гуногуни ҳамаи навъҳои гуногуни асбобу олоту аслиҳаи фулузӣ, чӯбин, чинивор, шишагӣ, сафолӣ, садои воситаҳои гуногуни нақлиёт, техника, садои ба ҳам расидан ва бархӯрдани предметҳои сахт, мулоим ва ғайраро ифода мекунанд:

Дар ин дам аз наздик **патар-патари** аэроплан шунида шуд *(С. Улуғзода)*. Тарф монанди аждаҳое, ки дар афсонаҳо нақл мекунанд, беист **фашшоси** даҳшатангезе мезад *(С. Айнӣ)*. Лекин аз тарафи ғарбии шаҳри Бойсун — аз кӯҳи Посурх садои **тат-тат-тат** меомад *(С. Айнӣ)*. **Ғир-ғири** чархи ароба аз кӯча ҳам шунида мешуд *(С. Улуғзода)*;

3) калимаҳои тақлидие, ки инъикоси овозу садои ҳайвонот, парранда ва ҳашарот мебошанд. Доираи маънои ин гурӯҳи калимаҳои тақлидӣ маҳдуд аст, чунки онҳо ҳодисаҳои гуногунро дар бар намегиранд:

Гӯсфандони дар қӯрабуда бедор шуда, аз ҷояшон хеста, маъос зада ҳаракат мекарданд *(С. Айнӣ)*. Ҳамин ки Ёдгорро дид, худи гов **ҳуъ-ҳуъ** гуфта пеш омадан гирифт *(С. Айнӣ)*. Дар дашт хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Фақат ин хомӯширо **ваваг-ваваг, пит-пилиқ, пит-пилиқ, пит-пилиқ** гӯён сурудани бедонаҳое, ки онҳоро дар қафасҳо андохта, дар сари чӯби козаҳои боғ овехта буданд, вайрон мекарданд *(С. Айнӣ)*;

4) калимаҳои тақлидие, ки хусусияти шаклҳои гуногуни ҳаракату процесси предметҳои ҳархеларо ифода менамоянд:

Аз дунбол садои **тақар-тақари** пои асп баромад *(С. Айнӣ)*. Аз дарвозаи ҳавлии колхоз як автомобили боркашӣ **ғуррос** зада даромад *(С. Айнӣ)*. Хона хомӯш буд. Ба ғайр аз **шитир-шитире**, ки аз сӯхтани чӯби бурс (арча) мебаромад, дигар садое шунида намешуд *(С. Айнӣ)*. Зебӣ бо қадамҳои майдаи чобу-

кона аз пайраҳаи пурбарф **ғарҷ-ғарҷ** пой монда, рафт *(Ф. Ниёзӣ);*

5) калимаҳои тақлидие, ки овозу садои предметҳои моеъро нишон медиҳанд:

Ёдгор ба лаби санглох нишаста, **шар-шари** оби аз кӯҳ фуромада истодаро гӯш мекард *(С. Айнӣ).* Чоҳои кушода аз дуртари майдон монанди кӯли пуроб **лаппос мезад** *(С. Айнӣ).* Об бошад хеле аз пастӣ мегузарад, бинобар ҳамин **шаввоси** он шунида намешавад *(Р. Ҷалил);*

6) калимаҳои тақлидие, ки садою овозҳои гуногуни ҳодисаҳои гуногуни табиатро ифода мекунанд. Калимаҳои тақлидии ин гурӯҳ дар бисьёр мавридҳо овози конкретро ифода намоянд ҳам, вале барои нишон додани якчанд садоҳои гуногун низ хизмат мекунанд:

Садои шағ-шағи боридани жола, **гулдур-гулдури** ҳаво ва **ғуввоси** шамол якҷоя шуда ба дил воҳима меандохт *(С. Айнӣ).* Он ҳезумкаш ҳанӯз сухани худро тамом накарда буд, ки бо даҳшати аз одат берун ҳаво **гулдурроос** зад *(С. Айнӣ);*

7) калимаҳои тақлидие, ки ҳодисаҳои гуногуни равшаниро ифода мекунанд. Миқдори ин гурӯҳи калимаҳои тақлидӣ низ зиёд нест:

Карнайчаи он сафед ва монанди гардани қоз каҷ буда, **ялаққос** мезад *(С. Улуғзода).* Ордену медальҳое, ки дар сари синаи чапи ӯ аз болои ҷома зада шуда буданд, дар шӯълаи чароғҳои электрикӣ **ялт-ялт** ҷило медоданд *(Ф. Ниёзӣ).* Аз ҷоям ҷаҳида хеста, кӯрпаро аз болои сандалӣ бардоштанӣ шуда будам, ки вай **лаппи** даргирифта рафт *(С. Улуғзода).*

Хусусиятҳои фонетикии калимаҳои тақлидӣ

Калимаҳои тақлидии забони тоҷикӣ асосан дуҳиҷогӣ (**вағ-вағ, ғув-ғув, фаш-фаш**) мешаванд. Дар аввали калимаҳои тақлидӣ бештар ҳамсадоҳои **ғ, ш, т, ч, п** меоянд. Дар охири инҳо бештар ҳамсадоҳои **р, к, т** ва таркиби ҳамсадоҳои **рс, нг** меояд. Дар калимаҳои тақлидие, ки ҳодисаҳои равшаниро нишон медиҳанд, ҳамсадои **л** бештар дучор мешавад, масалан: **ялт-ялт, милт-милт.**

Калимаҳои тақлидие, ки бо садонок сар шудаанд, бисьёр каманд. Асосан садоноки **а** (ва гоҳо **у**) дучор мешавад, чунончи: **ав-ав, ак-ак, уҳу-уҳу (ӯҳу-ӯҳу).** Дар миёнаи калимаҳои тақлидӣ бештар садонокҳои **а, и** ва **у** меоянд, масалан: **ҷаранг-ҷаранг, вағ-вағ, шибир-шибир, пичир-пичир, гулдур-гулдур, ғув-ғув.**

Решаи калимаи тақлидӣ одатан ду бор такрор мешавад, масалан: **ғум-ғум, биҷир-биҷир, тапар-тапар.** Аммо вобаста ба вазъияту муҳити предмету ҳодисаи тасвиршаванда решаи калимаи тақлидӣ аз ду карат зиёд такрор шуда метавонад, чунончи:

Магар садои **дӯм-дӯм-дӯми** дуҳул бо овози **шарт-шарт-шарти** чӯб ҳамроҳ шуда, таъсири хубе мебахшид, ки аломати шодӣ ва хурсандӣ аз вақоҳати саркарда, юзбошӣ ва амалдорони дигари даста ҳувайдо буд *(С. Айнӣ)*. **Шабар-шабар-шабари** мавҷҳои оби Аму — Ба гӯш мерасад ҳамчун ҳавои мусиқор *(П. Сулаймонӣ)*.

Дар вақти такрор одатан садонокҳо тағьир намеёбанд: **шатар-шатар, гумбур-гумбур, хур-хур, данг-данг** ва ғайра. Вале дар баъзе мавридҳо дар ҷузъи дуввуми калима садонок тағьир меёбад. Тағьир ёфтани садонок аксар вақт ба хусусияти оҳанги садои предмет, ба пасту баланд шудани овоз вобаста аст. Аксар садоноки ҷузъи якуми калимаи тақлидӣ дар ҷузъи дуввум ба садоноки **у** иваз мешавад:

Лекин **қарс-қурси** милтиқ, **ки** аввал ягон-ягон баромада, пас аз он ба якборагӣ дусад-сесад милтиқ ба тарзи шиллик холӣ шуд, мардумро аз задухӯрди якдигар боздошт *(С. Айнӣ)*. Ӯ сари худро ба оғӯши Маъмур гузошта, мехост чизе бигӯяд, ки гирья гулӯгир шуду бино кард ба **ҳой-ҳуй** гиристан (*П. Сулаймонӣ*). Аз дур садои **шав-шуви** дарьёи шӯхоби Қаротоғ, аз боғу саҳроҳои гирду пеш овози чир-чиракҳо, ки мисли садои ҳуштаки посбонон буд, ва ҳар замон хониши мурғи ку-ку ба гӯш мерасид *(Ф. Ниёзӣ)*.

Дар мавриди муайян вобаста ба хусусияти воқеаи тасвиршаванда ҳамсадои аввали ҷузъи такроршуда тағьир меёбад. Ҳамсадои аввали ҷузъи якуми калимаи тақлидӣ дар аввали ҷузъи дуюм асосан ба ҳамсадои **п** мубаддал мешавад, чунончи: **чалақ-палақ, ғурунг-пурунг, ҷаранг-паранг**.

Ҳамсадои охирини аксари калимаҳои тақлидӣ ташдид меёбанд, ки ин дар хат бо ду ҳамсадо ифода мешавад. Ин ҳодисаи фонетикиро дар калимасозии бо суффикс мебинем. Дар асл ҳамон ҳамсадое ташдид меёбад, ки пас аз садонок омада ва баъди он низ суффикс бо садонок сар мешавад, масалан: **виҷиррос, хиширрос, лаппиш, ғурриш, фиррак, фуғғак, шарра, лаппи, фарри** ва ғайра.

Гоҳо вобаста ба хусусияти садои ҳодисаи тасвиршаванда ба тариқи хеле кам ҳамсадои охири калимаи тақлидӣ, ҳарчанд пас аз он садонок ҳам наояд, такрор мешавад. Ин тариқи ташдид ёфтани ҳамсадоҳо одатан дар шакли такрори калимаҳои тақлидӣ мушоҳида мешавад, ки ин таъсирнокии ҳодисаи тасвиршавандаро пурқувват мекунад:

Даҳбошӣ чилимро ба даст гирифт, бо ду-се қулоб кашидан монанди касе, ки ҷон меканда бошад, **ҳирр-ҳирр** карда, ба ҳамон ҷои худ афтод *(С. Айнӣ)*. Имрӯз як палав пухтам, ки! Равғанаш дар таги табақ **шурр-шурр** оҳида меистад *(С. Улуғзода)*. Ҳоло ин «дев»-и сиёҳи пурҳайбат ҳам **фашш-фашш** карда ва ғулғула андохта ба болои мо меомад *(С. Улуғзода)*.

Агар дар охири калимаи тақлидӣ ду ҳамсадо пай ҳам

омада бошад (ба монанди нг, рс, лп, рт, шб, шт), ҳамсадои охири пеш аз суффикс ҳеҷ вақт ташдид намеёбад, масалан: **ҷарангос, чарсос, чалпос, шартос** ва ғайра.

Дар калимаҳои тақлидӣ мақоми зада якранг нест. Дар калимаҳое, ки суффикси **-ос (-ас), -ак, -иш, -а** ва садоноки пайвасткунандаи **-о-** доранд, зада ҳамеша бар ҳиҷои охирин, яъне бар суффикс меафтад, чунончи: **шуввос, ғуввак, ғурриш, гулғула**. Калимаҳои тақлидие, ки суффикси **-и** доранд ва аз ду ҳиҷо иборатанд, зада ҳама вақт бар ҳиҷои якуми онҳо (фарри, шарти), аммо аз ду ҳиҷо зиёд бошад, бар ҳиҷои дуввум (тараққи, шалаппи) рост меояд. Калимаҳои тақлидие, ки ба воситаи суффикси **-и** сохта шудаанд, дар охир (бар суффикс) ҳеҷ вақт зада намегиранд. Калимаҳои тақлидии такрор ба монанди калимаҳои мураккаб ду зада доранд: **асосӣ** ва **иловагӣ**. Задаи асосӣ бар ҳиҷои охирини ҷузъи дуввум ва задаи иловагӣ бар ҳиҷои охирини ҷузъи якум меафтад, масалан: **ғур-ғур, шав-шав, дарағ-дарағ, ғичир-ғичир** ва ғайра.

Дар калимаҳои тақлидӣ хусусияти хоси овозҳои садонок ва ҳамсадо шарти асосии воситаи ифодаи дарозиву кӯтоҳӣ, давомнокӣ, номуттасилӣ, қатъшавии дам ба дам, мавзунӣ, хушоҳангӣ, дағалоҳангӣ, такрор, шиддатнокӣ, ҷиддият, пуррагӣ, якбора шӯъла пайдо кардан, оҳиста дурахшидан, канда-канда ҷило додан ва дигар тобишҳои ғуногуни оҳангу садо ва акси предмету ҳодисаҳои тасвиршаванда ба шумор меравад. Масалан: таркиби ҳамсадои **нг** дар охири калимаи тақлидӣ хушоҳангӣ, хушовозӣ, форамии садои ҳодисаи тасвиршавандаро нишон медиҳад:

Тинг-тинг, данг-данг ва **ҷаранг-ҷаранги** асбобҳои мисин ва тунукагин торафт шиддат гирифта, бо акси садои дараи кӯҳистон як шуда, як навъ «аркестр»-и махсусро ташкил карда буданд *(А. Деҳотӣ)*.

Ҳамсадои лабии м дар охири калимаи тақлидӣ дам ба дам қатъ шудан, номуттасилӣ ва фосиланокии ҳодисаи тасвиршавандаро ифода менамояд:

Шогирдпешагон асп давониданд, табли қаторак ҳам **гум-гум-гум-гум-гум-гум-гум-гум-гум-гум-гум-гум-тинг, тинг-гум, -тинг- гум-гум** карда ба роҳ даромад *(С. Айнӣ)*.

Ба монанди мисолҳои боло дигар ҳамсадоҳо низ дар вазъияти муайян тобишҳои ғуногуни оҳанги садову овоз ва акси ҳодисаҳои тасвиршавандаро ифода карда метавонанд, чунончи:

Гӯё ки бо падар ё фарзанди нав аз сафар омадаи худ мулоқот мекарда бошад, сару рӯйҳои онҳоро **чалп-чалп** мебӯсид *(С. Айнӣ)*. Баъд аз панҷ дақиқа аз сӯрохе, ки бандиёни пештара аз ин обхона ба тарафи регхона кушода буданд, садои **ғижир-ғижири** ғарғара омад *(С. Айнӣ)*.

Тағьири оҳанги садонокҳо низ барои ифода намудани то-

бишҳои рангоранги садову овозҳои предмету ҳодисаҳои тасвиршаванда роли муҳим мебозанд. Масалан, оҳанги нозук ва маҳини садоноки **а** дараҷаи баланди пуррагии садо ва ё процессро инъикос менамояд, масалан:

Шаб ба рафиқ бӯса бидодӣ **шалап-шалап** — Аз қаҳр дандон газидам **ғачар-ғачар** *(П. Сулаймонӣ)*. Аз ароба **бақ-баки** доира ва овози «ёр-ёр»-хонӣ баланд шуд (*С. Улуғзода*).

Хусусияти грамматикии калимаҳои тақлидӣ

Аксари калимаҳои тақлидӣ аз рӯи хусусияти грамматикиашон ба гурӯҳи калимаҳои исм майл дошта бошанд ҳам, вале категорияи мустақили калимаҳоро ташкил мекунанд, зеро хусусиятҳои ба худ хос доранд.

1. Калимаҳои тақлидӣ ба воситаи суффикси **-ҳо** шакли ҷамъ месозанд: Ман **чақ-чақҳои** ӯро завқ карда мешунавидам *(С. Айнӣ)*.

Аммо калимаҳои тақлидӣ суффикси ҷамъро хеле кам қабул мекунанд, зеро ки худи онҳо бо роҳи такрор дорои имконияти ифода намудани **яккаратӣ ва мӯлкаратии** ҳодисаҳо мебошанд, масалан, **хишир, гулдур, ҷаранг** (яккаратӣ), **хишир-хишир, гулдур-гулдур, ҷаранг-ҷаранг, гум-гум-гум** (мӯлкаратӣ).

2. Калимаҳои тақлидӣ артикли **-е** гирифта метавонанд. Аммо ин артиклро танҳо калимаҳои тақлидии бо суффикси **-ос** (**-ас**) мегиранд.

Шағол **уллосе кашида** ба даруни ғумайзор даромада, аз назар ғоиб шуд *(«Садои Шарқ»)*. Аз дур садои **гулдурросе** ба гӯш мерасид *(Р. Ҷалил)*.

3. Калимаҳои тақлидӣ бо бандакҷонишин низ меоянд: Ба ӯ гӯй, ки **тақар-тақарашро** бас кунад, дар дилам зад *(Р. Ҷалил)*. Аз садои **хишир-хишираш** маълум мешуд, ки дар ин наздикӣ касе коре карда истодааст *(С. Айнӣ)*.

4. Калимаҳои тақлидӣ ба монанди ҳиссаҳои номии нутқ ба воситаи бандаки изофӣ ба таркиби ибора даромада, ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузъи тобеи онро ташкил карда метавонанд, чунончи: **гулдур-гулдури** ҳаво, **тиқ-тиқи** соат; овози **тинг**, садои **гумбур-гумбур** ва ғайра.

Аз шарту-шурти шатта, бонг зада дашном додани Арбоб ва аз фарьёди мазлумонаи Одина имоми деҳа — Мулло-Хокироҳ бо ду-се нафар калоншавандагони дигар як ҳодиса воқеъ шуданро фаҳмида, ба ҳавлии Арбоб даромада омаданд *(С. Айнӣ)*. Бой, ки дар ҳолати нимхобу нимбедор буд, аз даҳлези меҳмонхона садои **хисир-хисири** касеро шунида: «Кист?» гуфт *(С. Айнӣ)*.

5. Калимаҳои тақлидӣ бо пешоянду пасоянд омада метавонанд:

Ба фурӯ рафтани офтоб ним соат мондааст, гӯшҳои сарбозон **ғайр аз ғув-ғуви** худ дигар чизеро намешунавид *(С. Айнӣ)*. Додарам, **ҷиринг-ҷирингро** бас кунед *(Р. Ҷалил)*.

6. Калимаҳои тақлидӣ гоҳо аломати предмет ва процессро низ нишон медиҳанд, яъне онҳо ҳамчун сифат намоён мешаванд: ҳезуми **чарс**, кафши **ғарч**, чароғи **милт-милт**, ҷилои ялт-ялт, гирьяи фиқ-фиқ, шарфаи **чалп-чалп** ва ғайра.

Камол дирӯз аз кӯҳ ду дарза (банд) ҳезуми **чарс** бардошта овард. Чунон нағз месӯзад, ки ҳузур кардам *(«Садои Шарқ»)*. Шарофат имрӯз як кафши **ғарч** пӯшида, ба мактаб омадааст *(«Садои Шарқ»)*. Аз хонаи дарун шарфаи **чалп-чалп** ба гӯш мерасид. Маълум буд, ки касе саросема хӯрок мехӯрд *(«Садои Шарқ»)*.

7. Калимаҳои тақлидие, ки амалу ҳолатро аз ягон бобат тавсиф мекунанд, ба зарф наздик мешаванд:

Аз шарораи гӯгирди ман, ки хостам чилимамро даргиронам, пахоли дар офтоби сӯзон хобида **лаппи** даргирифт *(«Садои Шарқ»)*. Аз сӯрохии тарафи регхона аввал садои «Зинда бод инқилоб!», пас аз он **ғижир-ғижири** ғарғара, баъд аз он **хир-хири** одами гулӯгирифта, ниҳоят садои даҳшатноки **гурси** карда ба замин афтодани як чизи вазнин шунида шуд *(С. Айнӣ)*.

Калимасозии калимаҳои тақлидӣ

Калимасозии калимаҳои тақлидӣ бо роҳҳои гуногун ба амал меояд.

А. Аффиксация. Бо роҳи аффиксация дар сохтани калимаҳои тақлидӣ фақат суффикс иштирок мекунад. Миқдори ин суффиксҳо зиёд нест: **-ос** *(-ас)*, **-и**, **-ус**, **-а**, **-о**. Ин суффиксҳо хусусияти экспрессивӣ дошта, ба калимаҳои тақлидӣ тобиши махсус мебахшанд.

1. Хамаи калимаҳое, ки ба воситаи суффикси **-ос (-ас)** сохта мешаванд, аз рӯи хусусияти грамматикиву маъноиашон ба исм наздиканд. Суффикси **-ос (-ас)** аз калимаҳои тақлидӣ ҳиссаҳои номие месозад, ки ҳодисаҳои гуногуни садову равшаниро нишон медиҳанд. Вай одатан ба яке аз ҷузъи калимаи тақлидӣ ҳамроҳ шуда, гӯё ҷузъи дуюми калимаи тақлидиро иваз менамояд. Аммо қувваи экспрессивию таъсирнокии калимаи тақлидии такрор зиёдтар аст (муқоиса: ғиҷир-ғиҷир — ғиҷиррос).

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик суффикси **-ос**, ки аз забони гуфтугӯ ба забони адабӣ даромадааст, серистеъмол мебошад:

Ҳезуми явшон **ғуррос** зада месӯхт *(С. Айнӣ)*. Ин об акнун **шилдиррос** зада садо мебарорад ва сангрезаҳоро ғелонда, ба

чуқуриҳои гузаргоҳи худ хобонда, роҳи худро ҳамвор мекунад *(С. Айнӣ)*. Вақт аз ними шаб гузашта буд. Садои **аккос** ва **аввоси** понздаҳ-бист саг, ки аз тарафи деҳаи Қарахонӣ ба якборагӣ баромад, дар ин дашти бедолу дарахт паҳн шуда, ҳама ҷоро фаро гирифт *(С. Айнӣ)*.

2. Суффикси безадаи **-и** серистеъмол ва сермаҳсул нест. Калимаҳои тақлидие, ки ба воситаи ин суффикс сохта мешаванд, асосан барои шарҳу эзоҳи амалу ҳолати хабар меоянд, яъне онҳо ҳамчун зарф намоён мешаванд. Калимаҳои тақлидии бо суффикси **-и** дар ҷумла дар ду шакл ба вазифаи ҳол меоянд: дар шакли аслӣ **(тараққи** кушода шуд) ва бо калимаи «карда», ки чун пасоянд намоён мешавад ва аҳамияти таъкидиву тасвирӣ дорад **(тараққи** карда кушода шуд). Шакли дуввум серистифода аст:

Хуни Сафар якбора ба ҷӯш омада, **гурси** худро аз болои асп ба замин партофту рост ба тарафи дарвоза омад *(Ф. Ниёзӣ)*. Пас аз фурсате садои **гурси карда** аз сақфи регхона ба замин афтодани як чизи вазнин омад *(С. Айнӣ)*. Ба ногоҳ гунҷишки Маҳмуд **фарри карда** аз таги куртааш баромаду ба пилтасабади модаркалонам даромад *(С. Улуғзода)*.

3. Суффикси **-ус** низ калимаи тақлидӣ месозад, аммо миқдори онҳо дар ниҳояти камист. Аз эҳтимол дур нест, ки суффикси **-ус** варианти суффикси **-ос** бошад. Аммо суффикси **-ус** фақат ба шакли такрори калимаи тақлидӣ ҳамроҳ шудааст:

Ҳамаи мурғон бо як овоз **қуд-қудус, қуд-қудус** гуфта гурехтанд *(«Хорпуштак»)*. Ҳамсояи мо ҳар вақте ки аз назди хирман мегузашт, монанди хурӯс **қуд-қудус** гуфта садо мекард, ки хирманакиҳо аз овози ӯ бедор мешуданд *(«Тоҷикистони советӣ»)*.

4. Инфикси **-о-** низ калимаи тақлидӣ сохта метавонад, аммо нисбат ба суффикси **-ос (-ас)** каммаҳсул аст:

Дарьёи сурб ҷӯшон,— Монанди сели оташ,— Ҳам шӯълаҳо хурӯшон,— Дорад басо **фашофаш** *(«Садои Шарқ»)*. Себу анор **талапоталап** ба замин афтида, ба ҳар тараф ҷар шудан гирифтанд *(«Садои Шарқ»)*.

Ба ҳамин гурӯҳ инчунин калимаҳои тақлидие медароянд, ки ба воситаи инфикси **-а-** сохта шудаанд. Ин инфикс, ки дар асл ба забони гуфтугӯ хос аст, дар сохтани калимаҳои тақлидӣ аз инфикси **-о-** тафовуте надорад, яъне онҳо варианти якдигар мебошанд:

Дар ароба тахтаҳои дароз-дароз бор карда буданд, як нӯгашон ба замин мерасид. Ароба **тақатақ** карда роҳ мерафт *(«Садои Шарқ»)*. Поезд ҳуштаки дурударозе кашиду **тақатақ-тақатақ** карда ба роҳ даромад *(«Садои Шарқ»)*.

Б. Калимаҳои тақлидӣ инчунин бо роҳи такрор сохта мешаванд. Бо роҳи такрор сохтани калимаҳои тақлидӣ бисьёр сермаҳсул ва серистеъмол аст. Калимаҳои тақлидие, ки бо усули такрор сохта шудаанд, ҳамаи гурӯҳҳои семантикии

овозу садо ва таъсиру акси предмету ҳодисаҳоро дар бар мегиранд:

Овозҳои аз он ҷо баромада суст, паст ва як **пичир-пичири** номаълум буд *(С. Айнӣ)*. Оромии шаби торикро ғайр аз **хишир-хишири** бедаҳой ва гоҳе **гуп-гупи** пойкӯбии аспон чизе халалдор намекард *(С. Улуғзода)*. Акнун садои тирпарронии ҳои милтиқ, **та-та-таи** пулемёт, овози одамон торафт аз наздик шунида мешуд *(Р. Ҷалил)*. **Шибир-шибир-шибири** донаҳои борон бин,— Ки мужда медиҳад аз вусули кишту кор *(П. Сулаймонӣ)*.

Хусусиятҳои синтаксисии калимаи тақлидӣ аз он иборат аст, ки вай дар сохтани ибораҳои озод фаъолона иштирок карда, яке аз ҷузъҳои он (ё ҷузъи асосӣ ё ҷузъи тобеъ)-ро ташкил мекунад: **тақ-тақи** дар, **гулдур-гулдури** ҳаво, садои **ҷиринг-ҷиринг**, овози **хишир-хишир** ва ғайра.

Дигар ин, ки калимаи тақлидӣ дар ҷумла ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонад:

Вақте ки ман дарро накушодам, **тақ-тақ** боз такрор шуд *(Ҷ. Акромӣ)*. Ин гапро шунида, ҳарду гӯши Сафар **ҷарангос зад** *(Ф. Ниёзӣ)*. То кай ба ноз мегузарӣ ту **хашар-хашар**,— Ман то ба кай зи пушти ту тозам **тапар-тапар** *(П. Сулаймонӣ)*. Ҷӯйчаҳои оби соф, ки аз фарози кӯҳ ба нишеб аз санге ба санге ҷастухез карда **мефуромаданд**, аз **шилдир-шилдири** оҳангдори худ бо мурғони нағматироз ҳамовозӣ мекарданд *(С. Айнӣ)*. Як садои ғумбур-гумбури бисьёр бадҳайбате Ёдгорро аз хобаш бедор кард *(С. Айнӣ)*.

Калимаи тақлидӣ дар мисоли якум ба вазифаи мубтадо, дар мисоли дуввум ба вазифаи хабар, дар мисоли саввум ба вазифаи ҳол, дар мисоли чаҳорум ба вазифаи пуркунанда ва дар мисоли панҷум ба вазифаи муайянкунанда истифода шудааст.

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА

ЛЕКСИКА

Семасиология

Калима ҳамчун воҳиди луғавӣ 10
Мафҳум ва маънӣ дар калима 11
Сермаъноии калима 14
Тарзҳои кӯчидани маънии калима 15
Омонимҳо ва вазифаи онҳо 17
Синонимҳо ва вазифаи онҳо 18
Антонимҳо ва вазифаи онҳо 20

Таркиби луғавии забон

Унсурҳои лексикаи аслӣ ва забонҳои дигар 22
1. Калимаҳои аслӣ 23
2. Калимаҳои иқтибосшуда 25

Таркиби луғавии забони ҳозираи тоҷик

Фонди асосӣ ва таркиби луғавии забони миллии тоҷик . 42
Калимаҳои сермаҳсул ва каммаҳсули забони адабии ҳозираи тоҷик. 44
Лексикаи кӯҳнашуда 45
Неологизмҳо (калимаҳои нав) 49
Лексикаи умумихалқӣ, шевагӣ, соҳавӣ-касбӣ 51
Лексикаи шеваҳо 52
Термин ва терминология 55
Воҳидҳои фразеологӣ 57

Лексикография

Фарҳангҳо (луғатҳои тафсирӣ) 61
Фарҳангҳои фразеологӣ 67
Шарҳҳо ва ҳошияҳо 69
Лексикографияи советии тоҷик 70

ФОНЕТИКА

Олоти нутқ 78
Овозҳои нутқ ва таснифи онҳо 82
Таснифи овозҳои садонок 83
Хусусиятҳои овозии садоноки алоҳида 85
Таснифи овозҳои ҳамсадо 88
Ба вуҷуд омадани овозҳои ҳамсадои алоҳида 92
Овозҳо дар ҷараёни нутқ 97
Зада 98
Ассимиляция 99
Диссимиляция 100
Метатеза 101

МОРФОЛОГИЯ

Исм

Маълумоти умумӣ дар бораи исм 102
Категорияҳои исм 103
Исмҳои шахс ва ғайришахс 103
Исмҳои ҷинс ва хос 104
Исмҳои конкрет ва абстракт 105
Ифодаи ҷинсият дар исм 106
Категорияи муайянӣ ва номуайянии исм 108
Категорияи шумора дар исм 114
Таркиби морфологӣ ва калимасозии исм 123
1. Таркиби морфологии исм 123
2. Калимасозии исм 128
Калимасозии ихтисораҳо . . . . . .
Суффиксҳои исмсоз 130
1. Суффиксҳое, ки исми шахс месозанд. 131
2. Бо суффиксҳо сохтани исмҳое, ки предметро мефаҳмонанд 135
3. Суффиксҳое, ки исми макон месозанд 141
4. Суффиксҳое, ки исми абстракт месозанд 144
Суффиксҳои шаклсози исм 150
Префикси исмсоз 152
Исмҳои мураккаб 153
Исмҳои мураккаби пайваст 153
Исмҳои мураккаби тобеъ. 158
Исмҳое, ки аз се ҷузъ иборатанд 169
Ихтисораҳо 171
Ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ 171

Сифат

Сифат ва хусусиятҳои грамматикии он 176
Хелҳои сифат 177
Сифатҳои аслӣ 177
Сифатҳои нисбӣ 178
Ба сифати аслӣ гузаштани сифатҳои нисбӣ 179
Дараҷаҳои сифат 179
Шакли таъкидӣ дар сифат 182
Ифодаи камӣ ва хурдиву навозиш дар сифат 182
Калимасозӣ дар сифат 184
1. Бо аффиксҳо сохта шудани сифат 184
2. Бо роҳи васлшавии калимаҳо 191
3. Ба воситаи калимаҳои таркибӣ 197

Шумора

Шумора ҳамчун ҳиссаи нутқ 197
Сохти шумораҳо 199
Хелҳои шумора 199
1. Шумораи миқдорӣ 199
2. Шумораи тартибӣ. 205

Ҷонишин

Мафҳуми ҷонишин 206
Хелҳои ҷонишин аз рӯи маъно 208
1. Ҷонишинҳои шахсӣ 208
2. Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ 213
3. Ҷонишинҳои саволӣ 214

4. Ҷонишинҳои ишоратӣ 216
5. Ҷонишинҳои таъинӣ 218
6. Ҷонишинҳои манфӣ 221
7. Ҷонишинҳои номуайянӣ 221
8. Ҷонишинҳои муштарак 222

Феъл

Феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ 223
Шакли тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл 224
Асосҳои феъл 224
Тасрифи феълҳо 227
Феълҳои мустақил ва ёридиҳанда 237
Феълҳои модалӣ 239
Префиксҳои шаклсози феъл 244
Суффиксҳои шаклсози феъл 249
Тарзҳои феъл 251
Феълҳои монда ва гузаранда 251
Феълҳои бевосита ва бавосита 254
Тарзи фоилӣ ва мафъулии феъл 256
Намудҳои феъл 261
Феълҳои шуҳудӣ ва нақлӣ 270
Сиғаҳои феъл 271
Замонҳои феъл 280
1. Замони гузаштаи феъл 281
2. Замони ҳозираи феъл 297
3. Замони ояндаи феъл 301
Феъли ҳозира-оянда 302
Сохти феълҳо 304
Префиксҳои феълсоз 305
Суффиксҳои феълсоз 308
Феълҳои таркибӣ 310
Феълҳои таркибии номӣ 311
Феълҳои таркибии феълӣ 316

Масдар

Сохти масдарҳо 319

Сифати феълӣ ва феъли ҳол

Сифати феълӣ 328
Сохти сифатҳои феълӣ 334
Сифати феълии замони ҳозира 334
Сифати феълии замони гузашта 339
Сифати феълии замони ҳозира-оянда 344
Сифати феълии замони ҳозираи муайян 347
Сифати феълии замони оянда 350
Феъли ҳол 352

Зарф

Зарфи тарзи амал 358
Зарфи монандӣ 360
Зарфи миқдору дараҷа 361
Зарфи замон 361
Зарфи макон 363
Зарфи сабаб 363
Зарфи мақсад 364
Калимасозии зарф 364

Зарфҳои мураккаб 368
Калимасозиҳ омехтаи зарф 371
Ба зарф гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ 372
Калимасозии лексикӣ-синтаксисӣ 373

Пешоянду пасоянд

Пайдоиши пешоянд 375
Таркиби морфологии пешояндҳо 377
Вазифа ва маънои асосии пешояндҳо 378
Муносибати синонимии пешояндҳои аслӣ 387
Пешояндҳои номии изофӣ. 389
Пешояндҳои изофии такрор 404
Пешояндҳои номии таркибӣ (ғайриизофӣ) 405

Пасояндҳо

Пасояндҳои аслӣ 407
Пасояндҳои ғайриаслӣ 408

Пайвандакҳо

Сохти пайвандакҳо 410
Хели пайвандакҳо 415

Ҳиссачаҳо

Сохти ҳиссачаҳо 422
Гурӯҳҳои ҳиссачаҳо 425
Ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалӣ 432
Ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ 434
Ҳиссачаҳое, ки ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид карда, ифоданокии онро пурқувват мегардонанд 435

Нидо

Нидо ҳамчун ҳиссаи нутқ 437
Хелҳои нидо 437
Нидоҳои ҳиссиёту ҳаяҷон 438
Нидоҳои амр 444
Сохти нидо 447

Калимаҳои тақлидӣ

Хусусиятҳои семантикии калимаҳои тақлидӣ 450
Хусусиятҳои фонетикии калимаҳои тақлидӣ 452
Хусусиятҳои грамматикии калимаҳои тақлидӣ 455
Калимасозии калимаҳои тақлидӣ 456

СОВРЕМЕННЫЙ ТАДЖИКСКИЙ ЛИТЕРАТУРНЫЙ ЯЗЫК

Часть I

(на таджикском языке)

Муҳаррири махсус *Ш. Рустамов*
Муҳаррири нашриёт *Д. Мирфаёзова*
Муҳаррири ороиш *В. Безушко*
Муҳаррири техникӣ *Т. Любицкая*
Мусаҳҳеҳ *А. Сайфиддинов*

ИБ № 146

Ба матбаа 9.10.81 супурда шуд. Ба чопаш 24.02.82 имзо шуд. КЛ 02557. Формати 60×90 1/16. Коғази типографии № 2. Гарнитурааш адабӣ. Чопи барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 29. Ҷузъи рангаи шартӣ 29,125. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 30,42. Адади нашр 3.500. Супориши № 2253. Нархаш 1 сўму 30 тин.

Нашриёти «Маориф»-и Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.